# ШЕВАИ ҶАНУБИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

2

ДУШАНБЕ · 1979

АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ РСС ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКӢ

# ШЕВАИ ҶАНУБИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

(Морфология)

ҶИЛДИ II

Таҳти назар ва таҳрири умумии
В.С.РАСТОРГУЕВА

Муҳаррирони масъул: Р.ҒАФФОРОВ, Р.Л.НЕМЕНОВА
Масъули чоп: Ҷ.МУРВАТОВ

НАШРИЁТИ "ДОНИШ"
ДУШАНБЕ – 1979

6 6

Ин асар давоми ҷилди якуми монографияи "Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ" буда тадқиқи хусусиятҳои морфологии шеваи ҷанубии забони тоҷикиро фаро мегирад. Дар асар ҳар як ҳиссаи нутқ муфассал тадқиқ ва ҷамъбаст шуда, ҳудуди интишори ҳодисаҳои морфологӣ дар миқёси шева нишон дода шудааст.

Асари мазкур барои мутахассисон-эроншиносон муаллифони кафедраҳои забон ва адабиёти тоҷикии мактабҳои олӣ, студентони факультетҳои филология ва умуман барои ҳаводорони соҳаи лаҳҷашиносӣ пешбинӣ шудааст.

Ин ҷилд аз тарафи номзадони илми филология С.Ҳалимов (доценти УДТ ба номи В.И.Ленин) ва Х.Курбонов (ходими калони илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АФ РСС Тоҷикистон) тақриз шудааст.

Муаллифони қисматҳои алоҳидаи ин ҷилд инҳоанд:
"Исм", "Сифат", "Шумора", "Ҷонишин", ва "Зарф" – Ҷ.МУРВАТОВ
"Феъл", – А.Л.ХРОМОВ, Р.Л.НЕМЕНОВА
"Пешоянд ва пасояндҳо" – Р.Л.НЕМЕНОВА
"Пайвандакҳо" – С.АТОБУЛЛОЕВ
"Ҳиссачаҳо", "Калимаҳои модалӣ", "Калимаҳои тасвирӣ",
"Нидо" – Б.САЪДУЛЛОЕВ

ИБ 314
Ю 460201000–051 / М502 – 79 57–79

STAATS-BIBLIOTHEK PREUSSISCHER KULTURBESITZ BERLIN

© Издательство "Дониш", 1979 г.

4° 514 360
2
– 315647 –

## ИСМ ВА СИФАТ

Исм ва сифат, ҳамчун дар забони адабӣ, дар шеваи ҷа-
нубӣ ҳам аломатҳои морфологии хосе доранд.[1] Аз ҷумла, во-
ситаҳои махсуси ҷамъбандӣ ва номуайянӣ гирифтани исмҳо, до-
рои дараҷаҳо будани сифат, тарзҳои махсуси калимасозӣ ва ам-
соли инҳо. Вале агар истеъмоли чунин аломатҳои морфологӣ
дар шеваи ҷанубӣ бо забони адабӣ муқоиса шавад, баъзе тафо-
вутҳо ба назар мерасанд. Чунончи, доираи истеъмоли артикли
номуайянии – е то рафт маҳдуд шуда, чунин вазифаро бештар
шумораи й а к // й а адо менамояд: й а о д а м, й а
д а с /т/, й а к о ш н о ва ғайра.

Мисли ҳамин истеъмоли суффикси – т а р и н дар ифо-
даи дараҷаи олии сифат ниҳоят маҳдуд аст ва ҳол он ки чунин
аломатҳои морфологӣ дар забони адабӣ ба сифати умумӣ воқеъ
мешаванд.

Аломатҳои морфологӣ ҳамеша нишонаи асосии ҷудокунан-
даи исму сифатҳо шуда наметавонанд. Бинобар он, дар шева му-
айян кардани ҳудуди онҳо аз ҳиссаҳои мустақилмаънои дигар,
хусусан зарф, низ то андозае мушкил аст. Чунин ҳолатҳое ме-
шаванд, ки калимае вобаста ба матни муайян маънои лексикии
нисбатан нав пайдо менамояд. Масалан: с о ф: о б и с о ф
– с и ф а т, с о ф н а́ м е д о н а м – зарф: тез корди
т е з – сифат, т е з р а ф т – зарф; нав: кӯртаи нав
– сифат, н а в у м а – зарф: х у б: б а ч а й х у б – си-
фат: х у б з а д – зарф ва монанди инҳо.

Ҳарчанд ин гуна калимаҳо ба ҳиссаи мустақилмаънои
муайян нисбате дошта бошанд ҳам, дар таснифот вобаста ба матн
соҳиби маънои нав шудани онҳо бояд ба эътибор гирифта ша-
вад. Ин ҳолат барои ҳамаи лаҳҷаҳои ҷанубӣ хусусияти
умумӣ ба шумор меравад.

---

1. Ҳангоми навиштани "Исм", "Сифат" ва "Шумора" материали марҳум профессор О. Ҷалолов низ истифода шуд

## И С М

## ҶАМЪБАНДӢ ДАР ИСМҲО

Дар шеваи ҷанубӣ воситаи асосии ҷамъбандӣ суффикси
— ҳ о // — о мебошад.
Варианти — ҳ о ҳамчун ҳодисаи умумӣ бештар исмҳоеро
ҷамъ мебандад, ки бо садонок тамом мешаванд. Аммо дараҷаи
истифодаи он дар ин ҳол хеле маҳдуд буда, асосан, дар талаффузи
равшан воқеъ мешавад: 1 к ъ р т а ҳ о, б у з б а л а ҳ о,
с и п о ҳ о, а р а ҳ о, о с у н а ҳ о, б а ч а ҳ о, х у н а -
ҳ о, с а в з и ҳ о, к а д у ҳ о, к о л х о с ч и ҳ о ва ғайра.
Чунон ки маълум аст, суффикси — ҳ о ҳамчун аломати мор-
фологии категорияи ҷамъи исмҳо таърихан ҳам дар забони адабии хаттӣ ва
ҳам дар забони гуфтугӯ истифода шудааст. Ин суффикс дар забо-
ни адабии имрӯза мувофиқи талаботи норма мунтазам дар ҷои худ ба
кор бурда мешавад. Вале дар шеваҳо, махсусан дар шеваи ҷанубӣ,
мавқеи суффикси - ҳ о сусттар ба назар мерасад. Чунин ҳолат,
албатта, ба қонуниятҳои фонетикии лаҳҷаҳо сахт алоқаманд мебо-
шад. Инак, нисбатан кам истеъмол шудани суффикси - ҳ о дар ше-
ваи ҷанубӣ боиси серистеъмолии варианти - о шудааст, ки барои
ҷамъ бастани ҳамаи исмҳои ҷондору беҷон ба конкрету ғайриконк-
рет, ки бо ҳамсадо тамом мешаванд, бе маҳдудият истеъмол
мегардад: а с п о, з а н о, м а р д о, г у л а к о, д ъ -
р а х т о, м а р д а к о, г о в о, с ъ х а н о, о д а м о,
т о ҷ и к о, м е м о н о, б о ғ о, қ а с о б о, г а п о
ва ғайра.

---

1. Р.Л.Н е м е н о в а. Кулябские говоры таджикского языка /северная группа/, Сталинабад, Изд-во АН Таджикской ССР, 1956, стр. 23. Минбаъд: Р.Л.Н е м е н о в а. Кулябские говоры...



Фарқи асосии шевагӣ дар истеъмоли суффикси-о баъд аз садонокҳо мушоҳида мешавад:

1. Пас аз садоноки а. Дар ин маврид се ҳолат ба назар мерасад:

а) бе ҳеҷ тағьироти фонетикӣ истифода мешавад. Ин ҳодиса хеле камистеъмол буда, дар материали шеваи шимолӣ ва ғарбии Кӯлоб, ҳамчунин дар лаҳҷаҳои Қаротегин қайд шудааст: б а ч а о (ғ-к., Балҷувон); р и ш қ а о (к-ҳ., Кончӣ); ш а в к а о, т и р е з а о, п а ш а о (ш-к., Ховалинг);

б) ассимиляцияи регрессивии садоноки охири асос: х у н о о, д и г о о, б а ч о о п и й о л о о, к у р п о о, х а р б у з о о. Мисолҳо: ҳар дъ Ҳабибулло-ра ҷъвов те (ш-к., Даҳана); йа хел бачоо ҳастан, бисйор қизиқ доран (ғ-к., Сангтӯда); хоноойи калхос ай иҷа дър-ай (к-ҳ., Оқбурӣ); бачоо-ра бърдем шаҳр-на, дод гъфтан -бачаҳоро ба шаҳр бурдем, дод гуфтанд (в-қ., Куглик).

Ин ҳодиса ба ҷуз лаҳҷаҳои Роғу Бадахшон, дар материали лаҳҷаҳои гурӯҳи Қаротегин, вахиёй-қаротегинӣ, шимолӣ ва ғарбии Кӯлоб, ҳамчунин дар лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор фаровон қайд шудааст.

в) сокит шудани садоноки -а аз охири асос. Дар ин маврид суффикси -о каме кашишнок талаффуз меёбад : б а ч ō (бачао), т а л а б ō (талабао), х о н ō (хонао). Ин ҳодиса ба лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб ва кӯлобии Ҳисор хос аст.

2. Пас аз садоноки и:

а) бе тағьироти фонетикӣ (баъзан ба тарзи мувозӣ бо-ҳо): ҷ у г и о // ҷ у г и ҳ о, к а л х о с ч и о // к а л х о с ч и ҳ о, қ и ш л о қ и о // қ и ш л о қ и ҳ о, а с п а к и о // а с п а к и ҳ о ва ғайра. Мисолҳо: бъэ-а мепартойану аспакио мегиран мекашан (ш-қ., Ховалинг); ҷугио алоҳида зиндагони мекъна (к-ҳ., Ҳоҷиқатаған);

б) бо илова шудани ҳамсадои й, ки асосан пас аз фонемаи-и илова мешавад: б о с м а ч и й о (к-ҳ., Норак); г о wа к и й о (ғ-к., Чавроғи Боло); д а н ғ а р а г и й о (ғ-к., Сангтӯда); ҷ ъ г о р и й о (Роғ), з а р д о л и й о (в-қ., Оқсой); з а б и р и й о (в-қ., Куглик); т о р а к и й о (ш-к., Ғеш); х о в а л и н г и й о (ш-к., Ховалинг); ҳ о й и т и й о (қ., Дегай).

Аммо дар лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор хусусан Файзобод, аҳъёнан ҳамсадои й пас аз фонемаи а низ илова мешавад. 2 б а ч а й о, х о н а й о ва ғайра.

3. Пас аз фонемаҳои-е ва -у. Дар ин маврид, асосан, суффикси-ҳо ба кор бурда шавад ҳам (моҳо руҳо), гоҳо пас аз - у ҳамсадои лабулабии w низ истифода мегардад: п о р у wо (в-қ., Оқсой); о л м о л у wо, к а д у wо (ҷ-к., Першор); о ҳ у wо, қ о қ у wо (в-қ., Нӯшор, Оқсой); м у wо (Роғ). Ин ҳодиса танҳо дар материали лаҳҷаҳои ҷанубии Кӯлоб, Роғ ва лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ қайд шудааст.

---

2. Ҷ.М у р в а т о в. Маълумоти мухтасар дар бораи шеваи тоҷикони Файзобод, маҷ. "Масъалаҳои забони тоҷикӣ". "Ирфон", Душанбе, 1967, саҳ. 115.

Суффикси-ҳо //-о, махсусан варианти – о, вобаста ба услуби нутқи гуфтугу дар ифодаи тобишҳои маъноии дигар низ истифода мешавад. Аз ҷумла:

1) Ба исмҳои ифодакунандаи мафҳуми аъзои бадани инсон васл ёфта, якҷоя бо ҷонишинҳои энклитикӣ тамоми предметро фаро гирифтани амалро нишон медиҳад: з ъ в о н о – м (тамоми забонам) ай късалӣ ара-ара шидан (ш-к., Шаҳбача); л а в о – м (тамоми лабам) торс-торс кафидан, гаw гъфта наметонум (в-қ., Лангар).

2) Бо исмҳои замон омада, наздикии иҷрои амалро ба асное ба тарзи тахмин нишон медиҳад: бай р ӯ з о й и йакшанбе Заргарон бърем (ш-к., Ховалинг); с о а т о й и чор – да пешин бъте дар деҳ (қ.,Обигарм).

соатҳои чор (хурок)-и пешин

3) Ба исмҳои ҷомеъ омада, мафҳуми ҷомеи предметҳои ҳамҷинсро возеҳтар мегардонад: м а р д у м о, р а м а ҳ о, х а л – қ о ва ғайра.

Дар шеваи ҷанубӣ, чунон ки дидем, мавқеи суффикси-ҳо, махсусан варианти-о, хеле устувор аст.

Профессор В.С.Расторгуева дар бораи суффикси-о сухан ронда,[3] қайд мекунад, ки таърихи пайдоиши онро ду навъ шарҳ додан мумкин аст. Вай ё дар натиҷаи фуругузор шудани ҳамсадои охири суффикси о н ё дар натиҷаи афтидани фонемаи ҳ аз суффикси -ҳо ба вуҷуд омадааст. Инро, – хотирнишон кардааст ӯ, – танҳо дар натиҷаи аз назар гузаронидани мисолҳои зиёде муайян кардан мумкин аст.[4] Муаллиф дар асоси материалҳои мавҷудаи худ ба хулосае меояд, ки суффикси -о аз суффикси – ҳ о ба вуҷуд омадааст. Зеро, – менависад ӯ, – суффикси-ҳо дар забони адабӣ ва шеваҳо ба семантикаи калима алоқаманд нест. Зиёда аз он артикуляцияи фонемаи-ҳ суст буда, пас аз овозҳои ҳамсадо меафтад: дасто (дастҳо). Вале дар байни ҳамсадоҳо нигоҳ дошта мешавад.[5]

Материалҳои гирдомадаи мо аз шеваи ҷанубӣ ақидаи мазкурро асосан тасдиқ мекунад. Вале дар ин шева мисолҳое низ дучор мешаванд, ки ҳангоми барқарор намудани шакли адабии онҳо суффикси -о на ба -ҳ о, балки бештар ба суффикси – о н майл мекунад. Дар чунин ҳолат, ба назари мо, на танҳо ба ҷиҳати артикуляционии фонемаи ҳ, балки ба ҷиҳати зоҳирӣ ва оҳанги калима низ диққат додан лозим мешавад.[6] Мисолҳои зеринро муқоиса кунед: 1) майли варианти-о ба – ҳ о : т а р а ф о ∠ тарафҳо ∠ тарафон, м о ш и н о ∠ мошинҳо ∠ мошинон, р у з о ∠ рӯзҳо ∠ рузон: 2) Майли варианти – о ба -о н : о д а м о ∠ одамон ∠одамҳо, т о ҷ и к о ∠тоҷикон ∠тоҷикҳо, в ъ з и р о ∠вазирон ∠възирҳо, а с к а р о

---

3. В.С. Р а с т о р г у е в а варианти -о-ро низ суффикс номида аст. Мо дар ин ҷо ба ӯ пайравӣ кардаем. Ниг. В.С.Р а с т о р г у е в а. Опыт сравнительного изучения таджикских говоров. М., 1964, стр. 56. Минбаъд: В.С. Р а с т о р г у е в а. Опыт...

4. Ҳамон ҷо, саҳ. 56.

5. Ҳамон ҷо. саҳ. 59.

6. В.С.Р а с т о р г у е в а. Опыт... стр.57.



∠ аскарон ∠ аскарҳо, ш о г и р д о ∠шогирдон ∠ шогирдҳо.

Агар сухан дар хусуси афтидани фонемаи ҳ равад, пас чунин вазъият то андозае ба фонемаи -н низ хос мебошад. Чунончи: и ∠ ин, ҳ а м и ∠ ҳамин.

Пас, аҷаб нест, ки аз суффикси – он дар баъзе мавридҳо фонемаи-н афтида бошад. Дар ҳамин асос мо гуфта метавонем, ки суффикси-о фақат аз-ҳ о ба вуҷуд наомада, балки он ҳам шакли ихтисорьёфтаи суффиксҳои – ҳо (бештар) ва ҳам-он (камтар) мебошад.

Бо вуҷуги он ки дараҷаи истеъмоли суффикси – ҳо // – о (махсусан-о) дар шеваи ҷанубӣ фаровон аст, он ягона аломати морфологии исмҳои ҷамъ шуда наметавонад. Балки дар ин шева исмҳо бо суффиксҳои дигар, аз қабили-он,-о т, низ ҷамъ баста мешаванд. Вале доираи истеъмоли ин суффиксҳо тангтар буда, на дар ҳамаи маҳалҳо баробар дучор меояд. Ғайр аз ин баъзе аз онҳо ҳамчун аломати ҷамъи исмҳо моҳияти худро комилан гум карда, барҳам хӯрда истодаанд.

Суффикси -о н // – у н. Доираи истеъмоли суффикси мазкур, чунон ки гуфтем, – маҳдуд буда асосан дар лаҳҷаҳои Қаротегин, шимолии Кӯлоб, ҳамчунин дар лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ,кӯлобии Ҳисор ва Бадахшон дар ҳолатҳои зерин ба назар мерасад: а) дар исмҳои гуногуни ифодакунандаи инсон, ҳайвонот ва узви онҳо: о д а м о н (к-ҳ., Норак): лаwон (ш-к., Пушъёни миёна); ч а ш м о н (к., Порвоғ); к а в г у н (в-қ., Ҳиҷборак ); г ъ р г у н (к., Гулхайри Боло) Мисолҳо: Одамо нақл мекъан, ки бадҳоҳи касон ба мақсад намераса (к-ҳ.,Кончӣ); одамон ҳама револуса кардан (к-ҳ., Норак); ханда ба гирди лаwон-ъш намейойа (ш-к., Пушъёни Миёна); да бухорон ҳеҷ ҷуй бе селоб не, мардъмони хъштавозу -шу-ҳам занон (в-қ.,Ярхаб); б) бо топонимҳо (асосан дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ ва вахиёй-қаротегинӣ): замини мурғон, сафидорон, оҳангарон.

Гоҳо дар шакли – й о н (пас аз овози и) омадани суффикси мазкур низ дида мешавад. Ин ҳодиса дар мисолҳои дасти мо асосан дар топонимҳо қайд шудааст: м о ҳ и й о н, ҳ а л а н д а р и й о н, н у ш о р и й о н.

Дар шеваи ҷанубӣ баъзан бо суффикси – от (-йот) ҷамъ гаштани исмҳо низ дида мешавад: а ш к о л о т, г и й о ҳ о т (гийоҳҳо), х а л қ и й о т – халқҳо, б о ғ о т – боғҳо, ҷ у н д о р и й о т – ҷондорҳо, к а w г о т. Мисолҳо: каwгот фъридай-фъридай, дара пър шидай (к-ҳ., Мирзоӣ); да и мавзейото мекани хок-ш-а пър мекъни, пър намешава (в-қ.,Ҳиҷборак ); гушти и-ра ҷундорийот нахърд (ш-к., Қулмаҳмадӣ); пеш да иҷа боғийот набъд (ш-к., Кишт); асароти йара мундас-ку (қ.,Шуле); пъшокот дара оча-м-да омада гира кън (ғ-к.,Обиширин); нағомот, ки бисьёр бъд, оwоз-ъш дъруни нағомот-да гум шъд рафт (ш-к.,Сангдара); уқоб ай ҳамай ҷундорийот зур-ай (ш-к.,Ғеш) ва ғайра.

## Ифодаи номуайянӣ ва муайянӣ дар исмҳо

Дар шеваи ҷанубӣ номуайянӣ дар исмҳо бо воситаҳои зерин ифода меёбад.

Бо артикли е (дар лаҳҷаҳои Роғу Бадахшон-е //-и); Бо
шумораи й а // й а к;
шумораи й а // й а к ва артикли-е.
Бо шумораи й а // й а к ва артикли-е дар ифодаи номуайянии
1. Доираи истеъмоли артикли - е дар ифодаи номуайянии
исм дар шеваи ҷанубӣ назар ба забони адабӣ маҳдудтар бошад ҳам,
бар акси шеваҳои дигари забонамон устувортар аст. Дар байни ми-
солҳоямон, ки вобаста ба ифодаи номуайянии исмҳо омадаанд, тақри-
бан 60 фоизашро ҷумлаҳое ташкил медиҳанд, ки дар онҳо номуайянӣ
фақат бо - е сурат ёфтааст. 7 Азбаски мисолҳо қариб ба ҳамаи лаҳ-
ҷаҳо тааллуқ доранд, ҳар кадоми онҳоро ба таври алоҳида номбар на-
карда, бо зикри чанд мисол аз лаҳҷаҳои гуногун иктифо мекунем.
Мавридҳои хоси истеъмоли суффикси номуайянӣ дар доираи
лаҳҷаҳои тасвиршаванда аз инҳо иборатанд: ҳамиқа шуйе каай, ки
ҳисоw надора (ш-к., Ғаш); мардаки кале будаст; марди буд бисйор
зуровар (бд,Ямч); пешта да амиҷа бойе бъд, ки сат гуспан дошт
(ҷ-к., Порвор); да Дσwа ангуре бъд, ки ба сари сол-ш-а местод
(ш-к., Мӯминобод); у доруйе дора, ки чишми кур-а бино мекъна
(в-қ., Гурдхам).
2. Дар шеваи ҷанубӣ дар ифодаи номуайянии исмҳо бароба-
ри истеъмол шудани артикли - е шумораи й а к // й а // й а г
низ то андозае ҳодисаи муқаррарӣ ҳисоб меёбад. Гумон меравад, ки
ин тарзи ифода маҳз ба туфайли беш аз пеш суст тар шудани мақо-
ми артикли-е интишор ёфта истодааст.
Р.Л.Неменова қайд мекунад,ки истеъмоли мувозии артикли
-е ва шумораи й а к // й а // й а г махсусан хоси нутқи фольк-
лорӣ ба шумор рафта, дар мавридҳои дигар камтар дучор меояд.[9]
Вале мисолҳо шаҳодат медиҳанд, ки дар як таркиб омадани шу-
мораи й а к ва артикли е дар нутқи гуфтугӯӣ низ чандон бегона
нест. Чунон ки аз мисолҳо ҳоло хоҳем дид, дар вақти якҷоя кор
фармудани артикли - е ва шумораи й а к // й а маънои номуайян-
ӣ-ягонагӣ хеле барҷаста ифода мегардад: Қаландар йа оҳи сарде
кашид. (қ., Обигарм); йак рузе шидас, камбағал йак роҳ-да рафтас,
йак-дъ тило йофтас (ш-к., Ховалинг); йа шофире омадай, йахдон
(сандуқ) овардай (ҷ-к., Шаҳри баробар); йа зовуте ҳас, ки ҳисоw-ъш
-да расида намеша (қ-ҳ., Оқбурӣ); ҳамиҷо-нда йак занаке гъзаштас
(қ., Ялдамич); йак коре мешидагис, оҳи (в-қ., Ҳиҷборак).
3. Мафҳуми номуайянӣ дар исмҳо бо роҳи лексикӣ, яъне ба
воситаи шумораи й а // й а к // й а г низ ифода мешавад. Дар
ин шева ҳам, мисли шеваҳои дигари забонамон, шумораи й а к
дар ифодаи категорияи номуайянӣ рӯз то рӯз мавқеи артикли - е-ро

---

7 Истеъмоли - е дар лаҳҷаҳои Кӯлоб,аз ҷумла, дар лаҳҷаи Ро-
нисбатан маҳдуд мебошад. Ниг. Ю.И.Б о г о р а д. Рогские говоры
таджикского языка. Тр.ИЯ АН СССР, т. 4, 1956, стр. 137. Мин-
баъд: Ю.И.Б о г о р а д. Рогские говоры...

8.Артикли е дар ҷумлаи мураккаби пайраваш муайянкунанда маънои зиёде дорад. Дар ин хусус ба боби синтаксиси ҷумлаҳои мураккаби лаҳҷаҳои ҷанубии ин асар муроҷиат намоед.(ҷилди 1У).

9. Р.Л.Н е м е н о в а. Кулябские говоры. стр. 24...



танг карда истодааст. 10

Вале дар истеъмоли вариантҳои фонетикии шумораи й а к /дар вазифаи номуайянӣ/ лаҳҷаҳои ҷанубӣ аз ҳам фарқ мекунанд: варианти й а к // й а г дар лаҳҷаҳои вахиёӣ - қаротегинӣ ва қаротегинӣ серистеъмол мебошад.

Дар лаҳҷаҳои типи Кӯлоб назар ба вариантҳои мазкур й а бештар ба назар мерасад: йак мурғи калон, дидам (в-қ., Ҳоит); йак къҳи бъланд, арча бисйор бъридем, ҷар кардем (в-қ., Яхакпаст); Қаландар, бъйо-да бърем, йаг ҷо-нда йак чой-пой бъхърем (в-қ., Нӯшор); перор йаг тоҷик маɛлим бъд (қ., Яхакюст); тъ ала йаг кор ку, йа майдаҳак тоw-ъш бъте (қ., Самсолиқ); йа бачаҳак ай Балҷувон гъл кандак гулако-да (ш-к., Ховалинг); йак пири мойикаш бъд, пири мойикаш назар ба дарйо кард, ки йак чуви нағз омада истодас (ш-к., Ховалинг); йа пирак-ъ йа кампир йа бачък доштан (қ., Нимич); йа кас қəти амра шъдем (қ., Дегай); йа съзанак йофтъм (ш-к., Ховалинг).

Дар лаҳҷаҳои типи ҷанубии Ҳисор таркиби йа хел низ дар ифодаи номуайянии исм истифода мешавад: йа хел одамо фареw карда, кор-а кардестан (к-ҳ., Кончӣ); йа хел лаwзо ҳай "ота" мегун (к-ҳ., Сунбула).

Муайянии исмҳо бо ёрии пасоянди - а, -ра//-ро сурат меёбад. Дар ин маврид ин пасоянд ду вазифаро иҷро менамояд: а/ объекти бевоситаро нишон медиҳад: б/ муайяниро далолат мекунад[11]: баɛд тъ қабул кади ҳаму гап-а? (ш-к., Ховалинг); ҳавайо-ра ḣозир р си калхосо файрод мекъна/қ., Навдеҳ); бача-ра бъгир (к-ҳ., Кончӣ); и-ра мъ шънохтъм /Роғ/; бад худро мешуйи (бд., Нижгар); падаройи ино-ра мешиносам, муйсафедо бъданд; уно қати занойи порсигӣ омаданд (бд., Андароб); аму лой-а бъғаwҷ /Роғ/.

## С И Ф А Т

### ДАРАҶАҲОИ СИФАТ

Дараҷаи муқоисавии сифат. Дараҷаҳои муқоисавии сифат дар шеваи ҷанубӣ пеш аз ҳама ба воситаи суффикси-тар ифода меёбад: лъмбтар-калонтар; полнвотар //палвонтар -паҳлавонтар, бекортар, сърхтар, ғаwстар, тънъктар, саwзтар ва ғайра.

Дар шеваи ҷанубӣ баъзан бо суффикси - т а р якҷоя дар як таркиб кор фармуда шудани суффикси - ак дида мешавад. Дар ин гуна ҳолатҳо суффикси -ак камии миқдору қиёсро нишон дода бо суффикси -т о б, -н а м о хусусияти муродифӣ пайдо мекунад. Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар ин маврид суффикси - а к оҳангу тобиши навозиш ҳам дорад: майдатарако-ш-а нимкоса меген, ай и майдакако-ш-а

---

10 Дар ин хусус. ниг. В.С.Р а с т о р г у е в а. Опыт... стр. 59.

11 В.С.Р а с т о р г у е в а. Очерки по таджикской диалектологии, вып. 1, 1952, стр, 46. Минбаъд: В.С.Р а с т о р г у е в а. Очерки... вып. 1.

пийолаи чойхъри (в-қ., Саридашт); йа бачайи майдатарак дошт (ч-к., Порвор): қаwги зира-ш майдатарак-ай, қаwги калун-ъш ка-лунтарак-ай (ш-к., Мӯминобод); сърхтарак-сурхчатоб (қ., Дараи Дегдон); баҳақлтарак шидас (л-к., Ховалинг); магазин да болотарак-ай; Кули Калун лъмбатарак-ай, Хъчак хъртарак-ай (в-қ., Лангари Шоҳ); ай ини кафтар камчинтарак-ай (қ., Каҳдара).

Ҳангоми бо суффикси - тар ифода гардидани дараҷаи муқоиса-вӣ зикри предмети муқоисашаванда чандон шарт ва ҳатмӣ нест. Дараҷаи сифати предмети муқоисашаванда дар ин асно фақат аз рӯи сифати предмети муқоисакунанда муайян мешавад. Мисолҳо: тъ полвонтар-шу (в-қ., Кӯл); не, йак одами бесақолтар - гуфт (қ., Обигарм); ҳаму ака-т резатар (майдатар) б ъ д а к (к-ҳ., Оқбу-рӣ); и бача донотар-ай (ш-к., Кишт); руйи тъ ба руйи пари мему-на, wоре ки қад-ът пастар-ай (қ., Қалъанак); неки мо шалпартар шъдем (в-қ., Куглик); туй-шун-а додем, и майдатар бъд, чук-ъш-а нáбъридем (в-қ., Ҳазорчашма).

Дар вақти бо суффикси - т а р ифода ёфтани дараҷаи муқо-исавӣ на фақат ду предмети алоҳида бо ҳам қиёс карда мешавад, балки хосияти айни як предмет дар фосилаи давр низ муқоиса ме-гардад. Чунин имконият фақат ба тарзи ифодаи дараҷаи муқоисавӣ бо суффикси - т а р хос аст. Дар тарзҳои дигари дараҷаи муқои-савӣ (масалан, бо пешоянду пасояндҳо) ҳатман ду предмет ба ҳам қиёс мешавад: у вахто шъмо майдатар бъден-он вақтҳо шумо нисбат ба ҳозираатон майдатар будед (қ., Самсолиқ); неки мо шалпар-тар шъдем (в-қ., Куглик); ана бача бузбалатар шид, бъҷълбоз шид-ана, бача (нисбат ба пешинааш) калонтар шуд, бъҷулбоз шуд (к-ҳ., Қӯшбулоқ).

Дар шеваи ҷанубӣ (бештар дар маҳалҳои Кӯлоб) дар ифодаи маънои қиёсӣ суффикси - тар гоҳ такроран дар шакли -т. а-т а р ё худ т а р - т а р истифода мешавад. Ба назар чунин мерасад, ки ин ҳодиса ҳамчун хосияти нутқи гуфтугӯ маҳз барои таъкиди маънои қиёс истифода мешавад. Чунончи: ҳамуҷа рави беҳтатар-ай (қ., Ялдамич); аҳволи колхозчийо назар ба мáлимо дъръста-тар бъд (қ., Каҳдара); Кул балантатар Йол пастатар (ш-к., Кадучӣ); да у вахте бъдем, кор сахтатар бъд (ш-к., Шеҳмизон); лаwзи хъ-мун-а бъгем, биҳтатар-ай (қ., Марғазори Сир).

Такрори суффикси - т а р дар ифодаи дараҷаи қиёсӣ дар лаҳҷаи Чуст [12] низ дучор мешавад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки ду маротиба такрор шудани суф-фикси - т а р, танҳо ба шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ хос набуда, дар лаҳҷаи Кобул низ маълум мебошад. [13]

---

12 О.Д.Д ж а л о л о в. Отношение чустского диалекта к таджикскому литературному языку. Сталинабад, 1949, стр. 19. Минбаъд: О.Д.Д ж а л о л о в. Отношение чустского диалекта

13 Р а в а н Ф а р х а д и. Разговорный фарси в Афганистане, Изд-во "Наука". М., 1974, стр. 79. Минбаъд: Р а в а н Ф а р х а д и. Разговорный фарси...



Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи шеваи гурӯҳи ҷанубӣ аз он иборат аст, ки дар онҳо калимаҳои алоҳида ба сифатҳои аслӣ васл ёфта, ба аломати нисбатан камтаре доро будани предметро нишон медиҳанд. Ин гуна калимаҳо дар ин ҳол моҳиятан вазифаи суффикси -т а р-ро, ки дараҷаи қиёсии сифат месозад, адо менамоянд. Аз ҷумла, -чоп, - тоб, // -тов, - ранг, - л е м ва ғайра.

Дар истеъмоли чунин калимаҳо дар байни лаҳҷаҳои ҷанубӣ низ фарқ ба назар мерасад. Калимаҳои - чоп, - тоб // - тов ва - ранг ба ҳамаи лаҳҷаҳои ҷанубӣ умумӣ буда, калимаи - л е м танҳо ба лаҳҷаи вахиёӣ - қаротегинӣ ва қисман ба лаҳҷаҳои Қаротегин хос мебошад. Инак баъзе шарҳ ва мисолҳо бо ҳар яке аз калимаҳои маз-кур:

1. Бо - чоп: ай адир гизалачоп умадай азоw-ъш нáте -аз адир андак бадхашм шуда омадааст, ӯро азоб надеҳ (ш-к., Кӯлдара); не, акъ мо пирчоп шидем-не, акнун мо пирнамо шудем (ғ-к., Балҷувон); сийочоп-сиёҳтоб (Қаротегин), кабудчатоб-кабудтоб (в-қ., Нӯшор); мор рахшак-рахшаки ало-було-йай, баҳтър сърхчоп-ай (ш-к., Ғеш).

2. Бо - тоб // - тов. Суффикси - тоб назар ба суффикси ч о п камистеъмол буда, дар шеваи ҷанубӣ аҳьёнан ба назар мера-сад: бангитов - бангинамо, сърхтоб//сърхтов, кабутоб//кабудтов, шаҳ-тов-сахтнамо.

Суффикси -т о б // -т о в дар лаҳҷаи шимолии Кӯлоб бо суффикси - к о в: с и й а к о в - сиёҳтоб ва дар лаҳҷаи қишлоқи Қарокенҷа (гурӯҳи вахиёӣ-қаротегинӣ) бо суффикси - в а з мувофи-қат мекунад: либосъш сърхваз-ай - либосаш сурхтоб аст; либоси ка-будваз-а чи кор мекъни? - либоси кабудчатобро чи кор мекънӣ? Дар шеваи ҷанубӣ суффикси - т о б баъзан, мисли забони адабӣ, бо суффикси - ч а дар як таркиб омада, камии аломатро ифода меку-над. [14]

3) Бо - р а н г дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ дучор ме-шавад: кабъдранг, сийоранг, ҳъшорранг, қиматранг, бетоwранг. Мисолҳо: шъмо бетоwранг, бъшъне ма чъх местъм (ш-к., Ховалинг); солойи ҷанг нон қиматранг бъдай (ш-к., Кӯлдара); кудом одаме ҳъшйорранг-у бо (боз) вайронранг-ай (ш-к., Хонақо); дигар да съгераги ҳайдаwранг (оворагард) шидем (қ. Шоҳи Аслон).

4) Бо - л е м. Ин суффикс дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб, Қаротегин ва вахиёӣ - қаротегинӣ ба назар мерасад: сърхлем каме сурх: зарлем зардчатоб, кабудлем-кабудчатоб. Мисолҳо: дъмб-ъш дъроз-ай-у сар-ъш сърхлем-ай (ш-к., Ғеш).

Маънои муқоиса дар сифат бо роҳи тасвирӣ низ сурат меё-бад. Ин тарзи ифода ба шаклҳои зерин зоҳир мегардад. 1/Пешоянди а й ва суффикси - т а р. Ин ҳолат дар ҳамаи маҳалҳои гурӯҳи лаҳ-ҷаҳои шеваи ҷанубӣ фаровон ба назар мерасад.

---

14 Забони адабии ҳозираи тоҷик. қ. 1, Душанбе, 1973, саҳ. 190. Минбаъд: Забони адабии ҳозираи тоҷик, қ. 1.

мешавад, ки муқои-
Вале ин тарз бештар дар ҳолате мушоҳида мешавад, ки муқои-
са ранги конкрет дошта бошад: ҳа,,чи ох кашиди,ай ма беҳтар, хубтар
мешави, ки тъ оҳ кашиди? (аз нақл, в-қ., Сарикенҷа); ай и хъшрутар
нақъл къне-да, мо нависем (қ., Ялдамич); и сев ай и сев биҳтар-ай
(қ., Марғзори Сир) айлоқи мо ай айлоқи уно қаривтар-ай (в-қ., Са-
рикенҷа); вай ай мън хъшрутар (в-қ., Саридашт).
Дар аксарияти мисолҳоямон шахси якуми танҳо, ки бо ҷонишин-
ҳои ма // мън // ман ҷонишини шахси Ш танҳо у ва шахси якуми
ҷамъ бо ҷонишини мо ифода меёбад, муқоиса шудааст: у ай ма батар
(к-ҳ.,Ширинбулоқ); боби Раҳмун дъ сол ай мо калунтар (в-қ,. Кучук-
зӣ); ай ман бо беҳтару хубтар мейови (қ., Обигарм): ами қишлоқ
ай Шехмизон болотарак-ай (ш-к., Ховалинг).

2. Ба воситаи пешоянди – ай, пасоянди – д а (дар Қаротегин
-ъ н д а // - н д а) ва суффикси – т а р. Ин тарз моҳиятан аз тар-
зи боло фарқ мекунад. Ба назар чунин мерасад, ки дар ин ҷо дар
ташкили байни як аъзои ҷумла ду воситаи грамматикӣ-пешоянд ва
пасоянд баробар омадаанд. Мисолҳо: ай чалиш (дурага) – ънда у
майдатар-ай (в-қ., Сарикенҷа); и асп ай аспи мо-да хъшру-ай.
(ҷ-к., Учқул); мо ай у-да калонтар-ем (ш-к., Ховалинг).

Д а р а ҷ а и о л и и с и ф а т. Суффикси – т а р и н, ки
дар забони адабӣ дараҷаи олии сифат месозад, ба гурӯҳи шеваи
мазкур умуман хос намебошад.[15] Вале доир ба лаҳҷаҳои Қаро-
тегин, хусусан, лаҳҷаи Шулмак ва Бадахшон чанд мисол сабт шудааст,
ки дар онҳо дараҷаи олии сифат ба воситаи суффикси – т а р и н
ифода ёфтааст; рузи йакум мешавад, ҳама одаморо ғэв (даъват) ме-
кунад, наздиктарин қауми хеш, амсойа (бд., Шамбеде), деҳқуни
къҳнатарин ана ҳамин-ай (қ., Кӯл). Бо суффикси -т а р и н омада-
ни сифат ба лаҳҷаҳои тоҷикони Афғонистон, хусусан, Кобул, низ хос
будааст.[16] Ин факт шоҳиди он аст, ки лаҳҷаи кобулӣ бо баъзе ху-
сусиятҳояш ба шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ умумият доштааст.

Дар гуфтугӯи мардуми Марғзори Сири райони Комсомолобод
чанд мисол дучор шудааст, ки дар онҳо суффиксҳои – т а р и н
дар таркибҳои такрори изофӣ дараҷаи олии сифат сохтааст: назар
ба и Аwдъло биҳтарин -ай; и бача хубтарини хубтарин аст; бихта-
рин-ъш ҳами сеwай; и саг батарини батарин (қ., Марғзори Сир).

Дараҷаи олии сифат дар ин шева, асосан, бо роҳи тасвирӣ
ифода меёбад:

1. Бо ёрии таркиби ай ҳама // ай ама ва суффикси -т а р
(хоси лаҳҷаҳои ҷанубии Кӯлоб): мъ да ин қишлоқ ай ама (ҳама)
калунтар-ъм (Роғ).

Дар гуфтугӯи мардуми Учқул ва ҳамсояҳои онҳо (Кӯлоб),
бо таркиби ай ҳама, пасоянди – д а ва суффикси – т а р ифода
гардидани дараҷаи олии сифат ба назар мерасад: ай ҳама-да

---

15 Р.Л.Н е м е н о в а. Кулябские говоры... стр. 36; А.З.
Р о з е н ф е л ь д. Говоры Каратегина, стр 12; Л.В.У с п е н-
с к а я. Говоры таджиков Гиссарского района, Душанбе, Изд-во
АН Таджикской ССР, 1962, стр. 34.

16 Р а в а н Ф а р х а д и. Разговорный фарси..., стр.81.



хъшрутар дъхтари бригадир-ай (ш-к., Ховалинг).

2. Фақат бо ёрии таркиби ай ама // ай ҳама: къҳи Хуҷа Му-
мин ай ҳама бъланд-ай, аз Душанбе метоwа-менамояд (ҷ-к., Ёл);
дъмби тоwус ай ҳама хъшру метоwа (в-қ., Қӯшағба).

Баъзан ай ҳама бо пасоянди – да дар як таркиб меояд. Вале
доираи истеъмоли ин тарзи ифода дар шеваи ҷанубӣ тангтар буда, тан-
ҳо дар як мисол дучор шуду бас: ай ҳама-да у хъшру (ш-к., Ховалинг).

Ба ҳамин тариқ, дар шеваи ҷанубӣ воситаҳои ифодаи дараҷа-
ҳои сифат, чунон ки аз тафсилоти боло ба назар мерасад, нисбат ба
забони адабӣ бештар мебошанд. Суффиксҳои – т а р ва -т а р и н,
ки таърихан ҳамчун воситаҳои ифодаи дараҷаҳои муқоисавӣ ва олии
сифатҳо истифода шудаанд, дар забони адабии нормативии имрӯза
низ давом мекунанд. Шеваи ҷанубӣ бошад, дар ин бобат аз забо-
ни адабӣ то андозае фарқ карда, барои ифодаи дараҷаҳои сифат дорои
воситаҳои дигар низ гардидаанд.

## ШАКЛҲОИ ТАЪКИДИИ СИФАТ

Барои шеваи ҷанубӣ ғайр аз дараҷаҳо (оддӣ, муқоисавӣ ва
олӣ) боз шаклҳои таъкидӣ низ хос мебошад.

Ифодаи дараҷаҳо бо хусусиятҳои зерин фарқ мекунад: а) да-
раҷаҳои сифат дар лаҳҷаҳо дорои аломатҳои морфологӣ мебошанд.
Чунончи, дараҷаи муқоисавии сифатҳо бо ёрии суффикси – т а р ва
дараҷаи олӣ бо ёрии суффикси – т а р и н сурат меёбанд. Ифода-
ҳои таъкидӣ бошад, аз ин воситаҳо (яъне аз – т а р ва – т а р и н)
маҳрум аст: б) дараҷаҳои сифат як предметро бо предмети дигар му-
қоиса карда афзалияти якеро аз дигаре ва ё якеро аз гурӯҳи предмет-
ҳои дигар нишон медиҳанд. Ифодаи таъкидӣ бошад, аломатҳои пред-
метро аз ҷиҳати зиёдатӣ таъкид менамояд. Сифатҳои таъкидӣ тан-
ҳо ба хосияте аз ҳад зиёд доро будани предметро нишон медиҳанд.

Ифодаи зиёдатии сифат дар забони тоҷикӣ ҳодисаи нав буда,
дар забони давраи миёна ва забони давраи классикӣ прототип надо-
рад. В.С.Расторгуева таъкид мекунад, ки вай ғолибан аввал дар за-
бони гуфтугӯй пайдо шуда, пас ба забони адабӣ роҳ ёфтааст.[17]

Дар забони адабии ҳозира танҳо як шакли ифодаи таъкидии
сифатҳо мавҷуд мебошад. Яъне он дар натиҷаи такрори нопурраи
калима, ки дар навбати аввал дар охираш ҳамсадои "п" ё "б" гу-
зошта мешавад, ифода меёбад: сап-сафед, заб-зард. Вале роҳҳои
ифодаи таъкидии сифатҳо дар шеваҳои тоҷикӣ, аз ҷумла дар шеваи
ҷанубӣ хеле гуногунанд.

Сифатҳои таъкидӣ дар ин шева бо роҳҳои зерин ифода меша-
ванд:

1. Мисли забони адабӣ бо такрори сифатҳои аслӣ. Дар ин ҳо-
лат, одатан, дар охири ҳиссаи аввал ҳамсадои п ё б//в истифода
мешавад. Дар аснои гуфтор садоноки ҷузъи аввал ба тарзи махсус
бо кашиш талаффуз мешавад. Ин ҳодиса ба ҳамаи лаҳҷаҳои ҷанубӣ
хос бошад ҳам, тарзи истеъмолаш дар лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор беш-

---

17 В. С. Р а с т о р г у е в а. Опыт..., стр. 59-60

сип-сийо,
тар ба назар мерасад: кап-кавут // к а п к а б ъ т, зав-зард (дар ҳамаи ма-
съп-сърх, либ-лич//лъб-лъч, заб-зард // барг-ъш кап-кабът-ай -у
ҳалҳо): оw-ъш сап-сафед (қ.,Ҳакимӣ); сари Сърхсақоwа съп-сърх
борикак-борикак-ай (ш-к., Шехмизон); сип-сийоҳ-ан (в-қ.,
шъдай (ш-к., Наврӯҳо); камзълойи магазин, зав-зар шидай ай
Нӯшор); зардолу пухтай заб-зар (к-ҳ., Мирзоӣ); у бача лъб-лъч бъд (в-қ., Нӯшор).
ҷаври афтоw-а (к-ҳ., Гулизор); Бадахшон хос на-
Сифатҳои таъкидии типи суп-сурх дар лаҳҷаҳои
мебошанд.[18] Ин ҳодиса

2. Бо роҳи айнан такрор шудани сифатҳои аслӣ. дар ин маврид ҳам бо бан-
аслан хоси лаҳҷа буда, сифатҳои аслӣ Ҳодисаи аввал, яъне
даки изофӣ ва ҳам бе он воқеъ мегарданд. фарқҳои шеваи ҷанубист.
бо изофат омадани сифат, аз муҳимтарин бандаки изофӣ истеъ-
Дар ин шева назар ба такрори бевосита бо мешавад:
мол шудани чунин сифатҳо бештар мушоҳида

а) лъмб-лъмб-калони калон (дар лаҳҷаҳои гурӯҳи Қаротегин
ва вахиёӣ - қаротегинӣ), калон-калон (дар ҳамаи маҳалҳо); одамойи
калон-калон омадан (ҷ-к., Учқул); калхос говойи лъмб-лъмб дора
(в-қ., Нӯшор).

б) д ъ р о з и д ъ р о з-ниҳоят дароз; шури шур-ниҳоят
шӯр; хуби-хуб-ниҳоят хуб; қоқи қоқ-ниҳоят қоқ, дури дур ниҳоят
дур; калони калон-ниҳоят калон; баланди баланд-ниҳоят баланд; са-
феди сафед-ниҳоят сафед (бештар дар лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ).
Мисолҳо: бачайи лъмби лъмб-ъш ана ҳами-ай (в-қ., Сарикенҷа);
хунайи къшоди къшод доштаастак (в-қ., Оқсой); Мълойи зури зур —
- Муллои зӯр, донишманд (ш-к., Ховалинг); съфеди съфет боша (ш-к.,
Наврӯҳо); хъшруйи-хъшруй гъли садбарг-ай (қ., Ялдамич); ҳойит
мардъми хуби хуб дора (қ. Нимич); дар тамоку гаранг шъдем, кори
қинди қинде ҳаст, ки (в-қ., Ҳиҷборак ); ҳами Хирманак таєрихи
зури зур дорад (қ., Ялдамич); қади у дърози дароз шъдай (в-қ.,
Ярхоб); и оw нағз шидас, агане шури шур бъдаст (ғ-к., Данғараи
Боло); неки маєлими зури зур-ай (ш-к., Наврӯҳо).

3. Б о ё р и и к а л и м а ҳ о и г у н о г у н:

а. Бо калимаҳои б и с й о р // б и с й о // б ъ с й о
(дар ҳамаи маҳалҳо): бъсйор одами хуw бъдастай (ш-к., Кӯлоб);
и бъсйо одами вахчоқ бъд (ғ-к., Чавроғи Боло); отайи (падари)
ин кас бисйо одами мусафед (қ., Ҳакимӣ); бисйор золим одам
бъд (в-қ., Тавилдара); хъд-ат бъсйо дъхтари хуби (Рог); дъхтар
бисйор безев бъд (к-ҳ., Ёвон); совхоз бисйор хуб-ай, ҳар мо ойлик-
мун дода истодас (қ. Шархо).

Чунин воситаи ифода дар таркиби изофӣ низ меояд: ҳаво бъ-
сйори бъсйор гарм-ай (в-қ., Каҳдара).

Дар лаҳҷаҳои ҷанубии Кӯлоб (Учқул, Хирманҷо, Саричашма),
Рог, Бадахшон ва лаҳҷаҳои дигари ҷанубӣ дар ифодаи зиёдии ало-
мат ғайр аз калимаи бисйор, ки ниҳоят серистеъмол аст, гоҳ-гоҳ

---

18 Ю. И. Б о г о р а д. Горонский говор таджикского языка
"Иранский сборник". М., Изд-во Восточной литературы, 1963, с.тр.
47. Минбаъд Ю.И. Б о г о р а д. Горонский говор...



кор фармуда шудани калимаҳои ҷуго, соф, хуп, хеле, беҳад, сахт
низ ба назар мерасад. Ҳамчун: беҳад калон-хеле калон, соф тоза-
тамоман тоза, х у п калон-ниҳоят калон: из зубон соф (тамоман)
дигар (бд., Ғорон); му-ш с о ф сафед шид; ръш соф сийа (Рог); дъ-
хтари акайи Карим-а дидъм, х у б хъшруе бъдас (в-қ., Сарикенҷа);
тарафи Кулоб сахт (ниҳоят) базев шидай (ғ-к., Данғара); у зан ҳе-
ле соз бъд (ғ-к., Давлатшоён); ҳаму мулҷари ху-мон хеле хуw (қ.,
Пору); шъкойдан-ъш ҷ и д о зур-ай (в-қ., Оқсой).

б) Бо калимаҳои б а̄ д (беҳад) л ъ м б, ки одатан пас аз
сифатҳои аслӣ меоянд. Доираи ифодаи дараҷаи зиёдии аломат бо ка-
лимаҳои мазкур дар лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ хеле маҳдуд аст. Чунон-
чи оw-ът ҷуши ба̄д бъдаст, неки ва дъстойи мън соз-ан (в-қ., Қӯ-
шағба); хулигани ба̄д бъдай-дийа (ш-к., Хонақо); дас-дас каа дидум,
бадан-шън қоқи баде будай (к-ҳ., Ёвон); дарози лъмб бъдай-ӯ ода-
ми ниҳоят дарози калон будааст (в-қ., Ҳиҷборак ).

## КАЛИМАСОЗИИ ИСМУ СИФАТ

Калимасозӣ воситаи асосии такмили таркиби луғавии забон
аст. Вай барои бо воҳидҳои нави луғавӣ пурра гаштани забон им-
конияти хубе медиҳад. Бисьёр калимаҳои наве, ки дар натиҷаи ди-
гаргуниҳои иҷтимой, тараққиёти истеҳсолот, инкишофи илму мада-
ният ва ғайра пайдо шудаанд, бо роҳи калимасозӣ ба вуҷуд омада-
анд. Ин гуна калимаҳо бо сохти грамматикӣ ва қонунҳои дохилии
забон пурра мувофиқат мекунанд.

Хелҳои гуногуни калимасозӣ (морфологӣ, морфологӣ - синтак-
сисӣ ва семантикӣ) дар забон роль ва мавқеи хосе дошта, танҳо
бо сохтани калимаҳои нав маҳдуд намегарданд, балки худ низ дар
давоми солҳо инкишоф ва такмил меёбанд.

Процесси ташаккули калима бо воситаҳои калимасоз ба сох-
ти грамматикӣ сахт вобаста аст. Ба грамматика мансуб будани
калимасозӣ дар он низ зоҳир мешавад, ки ҳамаи калимаҳои сохта,
одатан, ҳамчун воҳидҳои аз рӯи қонуни морфологӣ ташаккулъёфта,
ҳамчун гурӯҳи калимаҳои мансуби ҳиссаи муайяни нутқ воқеъ ме-
гарданд, онҳо дорои категорияҳои морфологӣ ва вазифаҳои махсуси
синтаксисӣ мебошанд.[19] Аз ин рӯ, таҳқиқи калимасозии исму си-
фат дар шеваи ҷанубӣ ҷолиби диққат мебошад.

Дар шеваи мазкур, монанди забони адабӣ, ду роҳи морфологии
калимасозӣ мавҷуд мебошад: а) роҳи аффиксация; б) роҳи як шудани
решаву асосҳо.

Ин ду роҳи калимасозӣ дар забони тоҷикӣ таърихан давом
мекунад. Мушоҳида ва материалҳо шаҳодат медиҳанд, ки хатти
тараққиёт ва роҳи онҳо дар забони гуфтугӯ ва навиштаи забони то-
ҷикӣ тамоман баробар набудааст. Шеваи ҷанубӣ дар бобати
калимасозии исму сифат назар ба забони адабӣ дорои баъзе хусу-
сиятҳои хос мебошанд, ки онҳоро дар поён дар вақти ба тафсил

---

19 К. А. Л е в к о в с к а я. Словообразование. Изд-во
Московского университета, 1954, стр. 5-10. Минбаъд К.А.
Л е в к о в с к а я. Словообразование...

аз назар гузаронидани ин ду роҳи калимасозӣ қайд хоҳем кард.

## БА ВОСИТАИ СУФФИКСУ ПРЕФИКСҲО СОХТА ШУДАНИ ИСМУ СИФАТҲО

А. С у ф ф и к с ҳ о и и с м у с и ф а т с о з. Бо ёрии суффиксҳо сохта шудани исму сифат дар шеваи ҷанубӣ яке аз роҳҳои бештар инкишофьёфтаи калимасозӣ ба шумор меравад.

Ҳамаи суффиксҳои исму сифатсози шеваи ҷанубиро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст. Гурӯҳи якумро суффиксҳои умумиистеъмолӣ ташкил менамоянд, ки дар навбати худ ба ду тақсим мешаванд: а) серистеъмол: -а к, - а к а к (-й а к а к, -ъ к а к, -ҳ а к а к), -а к й, -г а р, -г а р й, -й // г й, - ч й: б) камистеъмол: -и н а, -с о р, -д о н, -л о х, -м а н д, -б о н, -з о р, -д о р, -г а // -г а ҳ, - о н а, -о, -г ъ м, - и н, -ъ н д а, -и с т о н. Гурӯҳи дуюмро суффиксҳои хоси шева дарбар мегиранд, ки муҳимтаринашон инҳоанд: - в а р а, -л е м, -ч о п, -н а м о, -р а н г, -г и н а, -к и н, -а л а, -л а н г, -ч и н, -м и ш, -л и к, -л а м а.

Мавқеи суффиксҳои мазкур дар сохтани исму сифат як хел набуда, яке танҳо исм, дигаре сифат месозад. Баъзе аз ин суффиксҳо дар байни исму сифат муштарак мебошанд. Аз ҷумла:

1. С у ф ф и к с ҳ о и и с м с о з : -г а р и, -д о н//-д у н, -и с т о н//-и с т у н, -з о р, -г о // -г а // -г а ҳ, // -г о ҳ, -с а р, -л о х, -ч и н, -б о н,// б у н.

2. С у ф ф и к с ҳ о и с и ф а т с о з: -а к а к, -а л а, -д а р, -д о л а // -л а л а, -о, -а, -г ъ н, -и н, -м а н д, -о л у, -ч о п, -т о б, -л е м, -р а н г.

3. С у ф ф и к с ҳ о е, ки байни исму сифат муштараканд: -а к, -а к и, й, // -г и, -а н г й, -г а р, -и н а, //-г и н а, - ч й, -ч а, -д о р, -в о р а, -л а н г, -ъ н д а, -л и к, -м и ш, -л а м а.

Баъзе аз ин суффиксҳо дар асарҳои тадқиқотии оид ба лаҳҷаҳои Кӯлобу Қаротегин [20] ва Бадахшон [21] номбар шуда бошад ҳам, дар онҳо хел, вариантҳои фонетикӣ, хосиятҳои ҷудогонаи калимасозӣ ва бисьёр хусусиятҳои дигари он суффиксҳо акс нагардидаанд. Бинобар ин, мо кӯшиш намудем, ки диққати асосии худро ба чунин суффиксҳо бештар равона кунем.

Суффикси - а к. Суффикси мазкур дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ хеле серистеъмол буда, чунин вариантҳои фонетикӣ дорад:

20 Р. Л. Н е м е н о в а. Кулябские говоры... стр. 35–36; А. З. Р о з е н ф е л ь д. Говоры Каратегина, стр. 19–20.

21 А. З. Р о з е н ф е л ь д. Бадахшанские говоры таджикского языка, Изд-во Ленинградского университета, 1971, стр. 26–29. Минбаъд: А. З. Р о з е н ф е л ь д. Бадахшанские говоры...



- а к, -и к, -е к, - у к, -ъ к, -й а к, -ҳ а к. [22] Вариантҳои -и к, -ъ к дар материали лаҳҷаҳои Кӯлоб, Қаротегин, вахиёй-қаротегинӣ ва Роғу Бадахшон хос буда, аммо дар лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор қайд нашудаанд.

Суффикси -а к (бо вариантҳои фонетикиаш) бо исмҳо дар вазифаҳои зерин ба кор бурда мешавад:

а) барои ифодаи хурдӣ: х о н а к (хонача), к ъ н д а к [23] - кундача (Қаротегин):, ҷувак-ҷувба (в-қ., Гурдхам), ҳ ъ ҷ р а - ҳ а к-ҳуҷрача (в-қ., Кӯл); мърғак-мурғак (в-қ., Сарикенҷа); ганҷурак (ҷ-к., Порвор); ҷ ъw о з а к - ӯғурча (в-қ., Сарикенҷа); дастак (к-ҳ., Сумбула); Мисолҳо : ҳама хоw-у нинийак (кӯдак) бедор (к-ҳ., Норак); оббо, йа бачаак доштай қазо кааст (ш-к., Шехмизон); ана, уйе-ш, ки алоw мебърора, чақмоқак меган (ш-к., Ғеш), дандун-ш-а дар нъмолак гърифтай (қ., Ялдамич).

б) барои ифодаи навозиш ва дӯстдорӣ: йа гудакак дорум ҳаш-да (к-ҳ., Сумбула); ҳолй ҳамй бачако соз-ан (в-қ., Порвоғ); чор тилоҳак-ум бъте, йа чи бъхаръм (қ., Шуле) ва ғайра. Дар ин маврид исм аз сифат муайянкунанда дошта бошад, суффикс баъзан ба он пайванд мешавад: и бачайи хъшруйак ай ки йай? (ш-к., Шаҳбача).

Дар шеваи ҷанубӣ суффикси -а к баъзан бо суффикси - ча дар як ҷо кор фармуда мешавад. Дар ин ҳолат - ч а ба предмет маънои хурдӣ, вале -а к маънои навозиш мебахшад: бача-м, йа хоҳарчаҳак доштум, касал шидай (қ., Ғофилобод); мо иқа съғерачак бъдем, ки ба ҳар бойо рафтем, ҷъф кардем, гаштем (ш-к., Ғеш); йа майдаҳак сандуқчаҳак бъдай (к-ҳ., Кончӣ).

Суффикси - а к (бо вариантҳои фонетикиаш) бо сифатҳо дар вазифаи зерин кор фармуда мешавад:

а) маънои камиро ифода мекунад. Суффикси - а к дар ифодаи ин маънӣ синоними лексикӣ низ дорад, ки дар вақти дар як ибора омадани онҳо маънои камӣ ё зиёдии аломат равшантар ифода мегардад. Масалан, дар ҷумлаи каме авқоти сабукак кънем (ғ-к., Гӯрдара), калимаи к а м ҳамчун синоними суффикси - а к миқдори хӯрокро аз рӯи қамӣ ифода мекунад.

Суффикси -а к дар ҳамаи маҳалҳо ҳангоми ифодаи миқдор аз рӯи маъно бо суффиксҳои дараҷасози - т а р ва -н а м о нисбатан ҳаммаъност. Чунончи: одами сийоҳак (одами сиёҳтар) ва мисоли инҳо. Мисолҳо: баҳаклтарак мешидас, намегърифтас (ш-к., Ховалинг); и даври ки бъд охй, йа узбак бъд, сийоҳак (ғ-к,. Давлатшоён); йа

22. Вариантҳои -ҳак//йак дар мавридҳое вомехӯранд, ки суффиксҳои - а к // -а к а к ба охири калимаҳои бо садоноки "а" тамомшуда, васл ёбад: ҳамчун бачаҳак. Дар ин ҳолатҳо пайдо шудани ҳамсадоҳои ҳ, й ба қонуни маъмули фонетикии нутқи гуфтугӯ, ки як ҷо омадани ду садонокро чандон намепарварад, алоқаманд мебошад. Дар ибораҳои номии исм+сифат+суффикси -а к ба сифатҳо ҳамроҳ шавад ҳам, моҳиятан ба исм дахл дорад.

23 Ҳангоми ба охири калимаҳои бо садонок хотимаёфта васл шудани суффиксҳои -а к ва -а к а к дар баъзе лаҳҷаҳо садоноки а-и суффиксҳо меафтад. Ҳамчун бачак-бачаак, къндак-кундаак.

STAATS-BIBLIOTHEK PREUSSISCHER KULTURBESITZ BERLIN

бъзи къwутак бъд (к–ҳ., Мирзой); вай хъд–ъш и йа одами борикаки зардинаак бъд (к–ҳ., Мингичар); биродар, аку мо падар–амо пъчи камбағалак бъд – бародар, акнун падари мо каме камбағал буд (к–ҳ., Оқбурӣ); гъло съркхак шидан– гулҳо андак сурх шудаанд (ш–к., Навруҳо) ва ғайра.

Дар боло суффикси –а к ба сифати воситаи шаклсоз аз назар гузаронида шуд. Ҳоло бубинем, ки вай дар сохтани калимаҳои нав чи гуна вазифаҳоро адо менамояд. Бо ин суффикс дар шеваи ҷанубӣ ҳам исмҳои гуногун ва ҳам сифатҳои ҳархела сохта мешаванд. Аммо дар исмсозӣ бештар ба кор бурда мешавад.

Иштироки суффикси –а к дар сохтани исм:

1. Аз исмҳо исмҳои нав месозад, ки номи асбобҳои рӯзгор, парран-
да, ҳашарот, растанӣ ва мисли инҳоро ифода менамояд. Вай дар ин
вазифа хеле фаъол ва сермаҳсул мебошад: чапарак–навъи шикор, шамше-
рак-асбоби бофандагӣ, ангъртак-дандонаҳои хурд–хурди кашав, ки дар байни дандонҳои калон мешаванд (ғ–к., Данғара); қълфак–қисми зери бағали курта ё эзор (ғ–к., Саридашт); нъқъдак-сабӯсак, чирки сар (ғ–к., Кангурт); болиштак-нахҳои байни гилем, ҷуwозак-уғурчаи ғаллакубӣ, болиштак-қисми чигина, илмизак-пистонак, даҳанак–сарпӯши чойник, қандак–харбузаи хушк, сарак–хӯша, ҷанбилак, шумак, сузанак, лолакаҳак-номҳои растанӣ; нълак-минқор, таштак–тағораи сафолин (в–қ., Саридашт); чуғунак–гӯсолаи нар (қ., Ҳакимӣ); руғанак-номи алаф, шибитак-як навъ алаф (в–қ., Хӯҷаи Тавоф); сустак-номи хӯрок (ш–к., Токак); бандик-бандина (ш–к., Зелолак); санчик–остонаи дар (ш–к., Ховалинг); калък–хурмаи калони шир нигохдорӣ (ҷ–к., Ёл); нулък-нӯл, минқор (қ., Деҳаи Охун); шуръак// шурик–номи алаф, шӯра (в–қ., Хуҷаи Тавоф); кавлезак (ш–к., Кишт); Мисолҳо: сари нулъак–ъш сурх–ай, зълайча–ра (қ., Деҳаи Охун); қълфаки кърта тайи бағал–да меша (в–қ., Саридашт).

Суффикси –а к дар шеваи ҷанубӣ ҳамчун қисми ҷудоинопазири асоси калима низ бисьёр дучор мешавад. Масалан: ҷебак, тутак, катак, бувак (буй+ак) ва ғайра.

Калимаи ҷеб (чайб) дар маънои киса дар шеваи мазкур ба таври алоҳида кор фармуда намешавад. Бинобар он, дар калимаи ҷебак суффикси-ак–ро ҳамчун қисми ҷудоинопазири калима эзоҳ додан мувофиқтар менамояд. Яъне – ак дар ин ҳолат ба калима маънои нав намебахшад. Қайд кардан ҷоиз аст, ки калимаи "ҷеб" дар забони давраи классикӣ, баракси забони адабии имрӯза ва шеваҳои он, бе суффикси –ак низ истеъмол мешудааст: [24]

Ҳамчу Мусо нур кай ёбад зи ҷеб
Сухраи устоду шогирди китеб.
(Р у м ӣ)

Калимаи мазкур дар шакли ҷеб (ба маънои киса) дар забони имрӯзаи форсӣ низ истеъмол мешавад. [25] Ин ҳодиса шаҳодат медиҳад, ки суффикси –ак бо калимаи ҷеб таърихан хусусияти калимасозӣ дошта будааст.

24 Фарҳанги забони тоҷикӣ, ҷ. 2. М., 1969, саҳ. 779.

25 Персидско–русский словарь. М, Изд–во иностранных и национальных словарей. 1953, стр 158, С. Ҳ А Л И М О В. Бо гузашти рӯзгор, газ. "Маориф ва маданият", 1972, 5 февраль.



2. Аз сифатҳои аслӣ исмҳое месозад, ки дорои аломати асоси калимаанд. Чунин ҳодиса бештар дар гурӯҳи лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор, Қаротегин ва вахиёӣ–қаротегинӣ қайд шудааст: буғузак-муғча (к–ҳ., Файзобод); мастак-модакабк (дар ҳамаи маҳалҳо); алаҳак-зоғи ало (қ., Хумдон); зардак-сабзӣ (в–қ., Қӯшағба) ва ғайра.

3. Суффикси – а к аз асоси замони ҳозираи феъл номи асбобу олотҳои рӯзгор ва ё касбу ҳунар месозад. Дар ин вазифа дар забони адабӣ ниҳоят кам бошад ҳам, дар шеваи ҷанубӣ маъмултар аст: лексак–ранда (ш–к., Ховалинг): руwак–рӯбак, ордбурак (қ., Деҳаи Охун).

4. Суффикси–а к аз ду исми гуногунмаъно ва аз сифату исм исмҳое месозад, ки номи чизҳои хӯрданӣ ё паррандаву ҳашаротро ифода мекунанд: қоқмағзак-чормағзи пуч (қ., Туғчӣ); тътпустак-тути хушк, тутмавиз (қ., Ҳакимӣ); пулпатак-навъи паррандаест, ки ба мурғобӣ монанд мебошад. (қ., Деҳаи Охун).

5. Суффикси – а к (баъзан – ъ к ) аз исму асоси замони ҳозираи феъл исмҳое месозад, ки асбобҳои рӯзгор, номҳои сару либос номи асбобҳои касбу ҳунар, номҳои паррандаву ҳайвонот ва ниҳоят номи ҳодисаҳоеро, ки ба урфу одати инсон вобастааст, мефаҳмонад. Ин тарз нисбат ба навъҳои боло сермаҳсултар мебошад. Мисолҳо нишон медиҳанд, ки суффикси – а к дар ин вазифа ба ҳамаи лаҳҷаҳои гурӯҳи ҷанубӣ оид аст:

а) исм+феъл: олучабандак олуболу; афтоw борунак–бороне, ки дар рӯзи офтоб меборад (в–қ., Ҳоит); с а р м о р е з а к – мурғак задани бадан (ҷ–к., Ёл); рубинак–тӯҳфае, ки нав арӯс меоваранд (ш–к., Ғеш); албандак–сарпеч (к–ҳ., Норак); бинишиканак-гули аҷириқ (қ., Ялдамич); бъғзолакашак-як навъи бузкашӣ (к–ҳ., Кончӣ); оw партойак – номи касалӣ (ғ–к., Рӯиоб); дъсқапак-дастаи дар (қ., Хумдон), алхуштак–суфитӯрғай (қ., Деҳаи Охун) ва ғайра.

б) исм+исм+асоси замони ҳозираи феъл: асптақакънак-болғаи наълзанӣ (в–қ., Сариқенҷа); алоw пъфкънак-киноя аз одами фитна (в–қ., Кулумбаи Боло); асйоw ҳучкънак-як қисми таркибии осиё, ки дар пеши дӯл меистад.

в) исм+сифат+асоси замони ҳозираи феъл ва суффикси – а к: дъстҳалолкънак (в–қ., Тавилдадара).

6. Суффикси – а к дар баъзе мавридҳо аз калимаҳои тақлидӣ ва такрор номи ҳар гуна предметро месозад: Чунончи: къткътак–як қисми таркибии осиёб (қ., Ялдамич); ватватак-номи растаниест, ки хор дорад (к–ҳ., Қӯшбулоқ); валвалак–як қисми таркибии осиёб (ш–к., Ховалинг); бунгак–занбӯри зарди майда (к–ҳ., Роҳатӣ).

7. Аз исмҳои гуногун ва ё аз исму асоси замони ҳозираи феъл исмҳои ифодакунандаи номи амал месозад. Ин гуна исмҳо бештар бо феълҳои ёридиҳанда ба як қолаби лексиконидашуда дохил шуда, ҷузъи номии феълҳои таркибиро ташкил медиҳанд.

Чунончи: ғалтонак кардан, сарчархак гирифтан, пуштағелак задан ва монанди инҳо: хар–а луч када да майдоно йа ғалтонак къноне-харро луч карда дар майдонҳо як ғел занонед (к–ҳ., Оқбурӣ); пундона–йа хъран, одам–а сарчархак мегира (к–ҳ., Кончӣ); ҳай, бо иқа гушак мекънан? (к–ҳ., Мирзоӣ); руйи санг–а руба ғалтонак кад

дар рӯи санг рӯбоҳ ғел зад (к-ҳ., Ёвон); ба́ (баъд) хари Афанди́ пъштағелак зад.- баъд хари Афандӣ ғел зад (к-ҳ., Шуле).

8. Суффикси-а к дар сохтани топонимҳо (номҳои маҳал) ҳам роли муайяне дорад ва ин ба ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ хос мебошад.[26]

Дар соҳаи номҳои маҳал суффикси-а к метавонад, ҳам ба исмҳо ва ҳам ба сифат илова гардад: Х у ф – Х у ф а к, К а л ъ а – н а к,[27] Н ъ м и ч ва Н ъ м и ч а к, Л а н г а р ва Л а н г а р а к (дар Қаротегин), Х а р б а к, Н а в д о н а к, Б е д а к, Л о й а к, Ғ у ҷ о в а к, К у л и С е в а к, Ҳ а с а н а к, В а х и н а к, Т у т а к, Г а р м а к, З а р д а к, Г о в к у ш а к, Б у ш о л а к, ԑА р – ԑа р а к, Ҷ у в о з а к, О б и Л у л и й а к ва ғайра (дар Кӯлоб).

Суффикси – а к дар сохтани сифатҳо чандон фаъол ва сермаҳсул нест. Ғайр аз ин, доираи интишори он дар ин бобат дар ҳамаи лаҳҷаҳои ҷанубӣ як хел намебошад. Мисолҳои ҷамъомада бештар ба лаҳҷаҳои гурӯҳи Қаротегин, вахиёӣ-қаротегинӣ ва қисман Кӯлоб дахл доранд. Суффикси – а к (баъзан – ъ к //-ҳ а к) аз ҳиссаҳои зерини нутқ метавонад сифат созад:

1. Аз исмҳо сифатҳое месозад, ки хислати предмет, навъҳои меваро ифода менамоянд: т а р с ъ а к-тарсончак (в-қ., Гирдхам); мавизак-меваи дар болои дарахт хушкшуда (ш-к., Ғеш);

2) Аз шумора сифате сохтааст, ки аломати ҳайвонотро аз ҷиҳати синну сол ва хосияти предметро таъин кардаанд, ки он дар ҳамаи маҳалҳо дучор мешавад: аштак-як навъ зардолуи хушк ва ғайра.

3) Гоҳо аз исму асоси замони ҳозираи феъл сифатҳои ҷудогона месозад: п е ш п а р ъ а к-тирмизак, маҳмадоно (Қаротегин); ш а м о л б а р а к-бодбарак (ш-к., Шехмизон) ва монанди инҳо.

Суффикси – а к бо калимаҳои дугона, сегона ва мисли инҳо низ кор фармуда мешавад: дугоник, сегоник, чоргоник. Дар забони асри XI–XII суффикси – г о н ба маънои нумеративи – т о (та) дучор мешавад: дугон-дугон-дуто-дуто, ягон-ягон-якто-якто.[28]

Ба ҳамин шакл суффикси – и к ҳамроҳ шуда дугоник, сегоник шудааст.

Суффикси – а к а к // – ъ к а к низ монанди суффикси – а к хурдӣ ва навозишро ифода мекунад. Дар байни суффиксҳои – а к а к ва – а к дар шеваи ҷанубӣ баъзе фарқҳо дида мешавад. Аввалан, суффикси – а к а к, асосан, сифатсоз буда, назар ба – а к камистеъмол мебошад. Сониян ҷиҳати таъкид ҳангоми ифодаи маънои камӣ дар суффикси – а к а к назар ба суффикси – а к бештар ҳис мешавад.

---

26. Ниг. А. З. Р о з е н ф е л ь д. Топонимика Нижнего Каратегина в связи с некоторыми вопросами его истории. Изв. АН ТаджССР, Отд. общ.наук. 10–11, 1959.

27. Дар калимаи Қалъанак азбаски як ҷо омадани ду садонок мумкин нест, ҳамсадои н илова шудааст.

28. Гоҳо пас аз садонок варианти ҳ а к и́ низ дучор мешавад.



а) ифодаи камии аломат: ԑмр-ъш ай мън калун-ай-у хъдъш йа майдакак-ай (қ., Халқарф); ай ҷундораки зардаки майдакаки дигар да ҳайлоқо меша, сағр-ъш меган (ш-к., Ғеш); ма майдакак бъдам (қ., Қалъанак).

б) ифодаи навозиш: йа гудакак дорум (к-ҳ., Кончӣ); йа севи зардакак бахши тъ-ра (Роғ); йа бачи зардакак доръм (к-ҳ., Ҷонварсӯз).

Суффикси –а к и́ (ак+и́). Ин суффикс баракси забони адабӣ дар шеваи ҷанубӣ то андозае сермаҳсул буда, дар сохтани исму сифат ва зарфҳо аз воситаҳои муштарак ҳисоб меёбад. Мо хусусияти зарфсозии онро ба фасли зарф мавқуф гузошта, ин ҷо танҳо ба ҷиҳати исму сифатсозии ин суффикс маълумот медиҳем:

1) Суффикси – а к и́ дар ҳамаи маҳалҳо аз исмҳо ва гоҳо аз сифатҳои аслӣ исмҳои ифодакунандаи номи қисматҳои асбобу анҷоми рӯзгор месозад. Чунончи: г а в о к и́ – як навъ нон (ш-к., Ховаллинг), к а ҳ а к и́ – кӯрпачаи махсуси коҳ ё арзон пуркардашуда, ки ба гаҳвораи кӯдак меандозанд. (қ., Тегирмӣ); п ъ л а к и́ – дастаи гаҳвора (в-қ., Саридашт); т а ҳ п ъ ш т а к и́ – кӯрпачаи гаҳвора (в-қ., Саридашт).

Дар мисолҳои ҷ ъ ф т а к и й о – ҷъфтакийо ай даш хамидейсан ва д ъ р а в а к и ҳ о : нон бастъм, ба дъравакиҳо-ра (ш-к., Ховалинг) суффикси-а к и́ исмҳои конкрет сохтааст. Чунин ҳодиса дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ камистеъмол мебошад.

2. Аз исму сифатҳо исмҳои абстракте месозад, ки номи амалу ҳодисаҳои ҷудогонаро ифода мекунанд. Дар ин бобат ҳам суффикси – а к и́ каммаҳсул ҳисоб меёбад. Чунончи: к а р а к и́, с а н г с о р а к и́ ва ғайра: ба саг-а сангсораки́ мефора -ба саг сангсоршавӣ мефорад (Қаротегин); и бача хъд-ш-а караки́ дохт-ин бача худашро ба карӣ андохт (в-қ., Тавилдара), дар хурдан боша у ҷаваст мекъна, дар хокистаргирӣ караки́ медоза (ш-к., Ховалинг).

3. Суффикси – а к и́ сифатҳои зеринро сохтааст.

а) Аз исм сифатҳои нисбие месозад, ки аз руи нишонае ба сифате доро будани предмет ва ё хусусиятҳои зоҳирию ботинии онро нишон медиҳанд: оши дастаки (ғ-к., Данғара); кори алғоваки́-шарики́ (қ., Деҳаи Охун); баландаки́-қоматбаланд (қ., Хумдон); гулаки́-зани кӯдакдор (ш-к., Шехмизон); ҳавои шамолаки́ (қ., Шуле); кори пълаки́ (ш-к., Қулмаҳмадӣ) одами байталаки́-одами байталсавор (ш-к., Кӯлдара); одами ҷ а н ҷ о л а к и́-одами серҷанҷол (қ., Халқарф). Намунаи мисолҳо: райис-му баландакийи қоқина-ай-раисамон одами баланқомати қоқина аст (қ., Хумдон); одами ҷиғелаки́ дид, ки – одами ҷандапӯш дид, ки... (в-қ., Ҳичборак); одами байталаки́-да ҳъҷъм мекарда бъдастан- ба як одами байталсавор ҳуҷум мекардаанд (ш-к., Қулдара); иқа одами картаки́-ай...-ин қадар одами шилқин аст, ки... (в-қ., Сасиқбулоқ).

б) Аз исмҳои макони хосу ҷинс, инчунин исмҳои гуногуни амал сифатҳое месозад, ки хосияти предметро аз ҷиҳати равона шудани он ба маконе, машғулияти вай бо амале, ки дар реша номбар шудааст, ифода менамояд.

Суффикси – а к и́ бо чунин хусусияти калимасозиаш дар ҳа-

маи маҳалҳои фарогирандаи шеваи ҷанубӣ дучор меояд: одами хованлингакӣ-одами ховалинграв; одами кулобакӣ – одами кӯлобрав; одами шикоракӣ-одами шикорчӣ; одами осийовакӣ-одами осиёбрав, одами раҳакӣ-одами раванда; одами шаракӣ-одами шаҳрӣ, одами сафаракӣ-одами сафарӣ; одами бозоракӣ-одами бозоррав; одами зийоратакӣ-одами зиёраткунанда; одами зовутакӣ-коргари завод, одами ҷъфтакӣ-одами ҷуфтрон ва ғайра.

Суффикси – ӣ // – г ӣ. Ин суффикс ҳам дар сохтани исмҳо ва ҳам дар сохтани сифатҳо дар шеваи ҷанубӣ, мисли забони адабӣ, яке аз суффиксҳои сермаъно ва серистеъмол буда, ҳамеша бо ёрии он калимаҳои нав сохта мешаванд. 29 Сермаъноии он ба имкониятҳои бо калимаҳои гуногунсохту гуногунмаъно омаданаш алоқаманд аст. 30 Бояд қайд кард, ки суффикси исмсози – ӣ ва суффикси сифатсози–ӣ таърихан ҳам аз якдигар фарқ мекунанд. 31 Суффикси исмсози–ӣ аз суффикси *ih*, вале суффикси сифатсози –ӣ аз суффикси –*ik* ба миён омадааст. Ҳар дуи ин суффиксҳо дар забони форсии миёна истифода мешуданд. 32

Суффикси –ӣ // –гӣ барои ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ умумӣ буда, вазифаҳои зеринро адо мекунад:

1. Аз исм ва баъзан исму калимаҳои дигар исмҳои конкрет месозад: таҳсангӣ, русангӣ-сангҳои таг ва рӯи осиёб, тадарӣ-тагдарӣ, тордарӣ-болодарӣ (в–қ., Нӯшор); паҳлударӣ // паҳлударӣ (в–қ., Сарикенҷа), сагобӣ-саги обӣ (ш–к., Кишт), маътакӣ-сангӣ, нахтӣ-замини ҳосилхез, каҷдеволӣ-сардевор, саркорӣ-як навъи андоз, дъстакӣ-дастпона (бд., Авҷ).

2. Аз исм ва шумора исмҳои абстракт месозад: подшоҳӣ (ш–к., Наврӯзҷ); маълимӣ (қ., Қалъанак); аскарӣ (қ., Янгоғлик); бъргатӣ (ш–к., Кишт); афтӣ–ҳафтогӣ (бд., Ямг); таҳкъндагӣ, зиндагӣ (в–қ., Яхакпаст); йазнагӣ (ш–к., Ғеш); поргӣ-момогӣ (бд., Ғорон); мардинагӣ (в–қ., Тавилдара).

3. Аз сифат ва исмҳо, ки баъзан ба онҳо асоси замони ҳозираи феъл ҳамроҳ мешавад, исмҳои абстракти ифодакунандаи маънои замон, процессу амал месозад: томусӣ-баҳори томусӣ–фасли гарми тобистон, (бд., Ғорон); дуршавӣ (ғ–к., Кангурт); боғкорӣ, говгардӣ, дъстҳалолкунӣ (в–қ., Тавилдара): ҳотакорӣ–обчакорӣ, гавгардӣ (ш–к., Наврӯзҳо); севчинӣ (в–қ., Ҳиҷборак).

4. Суффикси – ӣ гоҳо аз исмҳо ва исму асосҳои феълӣ исмҳои нав месозад, ки машғулиятро нишон медиҳанд; дуторӣ-дорбозӣ (в–қ., Қӯшағба) ва ғайра.

5. Аз исму сифатҳо сифатҳои нисбие месозад, ки аз кадом материал сохта шудан ва нисбати ба як предмет доштаи предмети ди-

---

29. Л. С. Пейсиков. Очерки по словообразованию персидского языка. Изд–во Московского университета, 1973, стр. 77.

30. Шарофиддин Рустамов. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик. "Дониш", 1972, саҳ. 48. Минбаъд: Шарофиддин Рустамов. Калимасозии исм...

31. Дар ин хусус пурратар ниг. ба Шарофиддин Рустамов. Калимасозии исм..., саҳ. 48

32 В. С. Расторгуева. Среднеперсидский язык, М., "Наука", 1966, стр. 131–132.



гарро нишон медиҳанд. Суффикси – ӣ маҳз дар ҳамин бобат барои тамоми лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ ҳодисаи умумӣ ҳисоб меёбад: хоари қийомаӣ (қ., Ғофилобод); дуғи нугулӣ (ш–к., Сангдара), йобуйи ҷувозӣ-аспи ҷувозӣ (ш–к., Ховалинг); одами борщъдӣ –одами деҳаи Боршуд (в–қ., Сарикенҷа); танги султонӣ (в–қ., Қӯшағба); аспи ҷайрони муғулӣ (ғ–к., Данғараи Боло); бузбали меҳнатӣ (қ., Шуле); сихи оҳанӣ (в–қ., Кӯл); тоқи қуканӣ (в–қ., Лахш); бъзи адирӣ (ғ–к., Сангтӯда); шири қаймоқӣ (ш–к., Шехмизон); одами тагновӣ (ҷ–к., Порвор); ливоси мардинагӣ (в–қ., Гурдхам); бузбалагӣ (к–ҳ., Сӯфиён); пегарӣ // ҷогарӣ-буқоқ (бд., Ғорон).

Суффикси-ӣ дар ташкили сифатҳои нисбӣ гоҳо якҷоя ба суффикси – ини (ини) низ кор фармуда мешавад. Масалан: тоқийӣ нахшинӣ (ш–к., Ғеш); хони боғинӣ (қ., Ғофилобод). Аммо доираи истеъмоли чунин суффикс ниҳоят маҳдуд, буда, дар ҳамаи маҳалҳо ба назар намерасад.

Суффикси – ӣ дар калимаи дугона, сегона, чоргона гоҳо бо суффикси-ӣ к дар як маврид омада, сифат месозад. Ин ҳодиса низ ниҳоят камистеъмол буда, асосан, дар материали лаҳҷаҳои вахиеӣ–қаротегинӣ қайд шудааст. Чунончи: дуғоникӣ-ду фарзанде, ки дар як вақт зоида шудааст (ғ–к., Чилча); сегоникӣ–се фарзанде, ки дар як вақт зоида мешавад. (қ., Яхакюст).

Суффикси – а н г ӣ пас аз садонок – н г ӣ. Ин суффикс дар шеваи ҷанубӣ аз қабили суффиксҳои нисбатан сермаҳсул ҳисоб меёбад. Вай дар сохтани сифат истифода шавад ҳам аз исму сифат ва ҳам аз шумораву ҷонишин сифатҳои нисбӣ месозад. Чунончи: гапи навангӣ (к–ҳ., Кончӣ); синфи панҷумангӣ (к–ҳ., Даҳана); ай у дололи пешангӣ иҷа хуш бъдай, шамол намедаройа (қ., Пору) ва ғайра.

Гуфтан ҷоиз аст, ки суффикси – ангӣ // –нгӣ на дар ҳамаи маҳалҳо интишор дорад.

Суффикси – г а р. Ин суффикс қариб ба ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ хос буда, калимаҳои нав месозад. Маълум аст, ки суффикси –г а р дар шеваи шимолии тоҷикӣ нисбатан каммаҳсул ҳисоб меёбад. Доираи калимасозии он дар забони адабӣ ҳам чандон васеъ нест. Дар шеваи ҷанубӣ суффикси мазкур хеле серистеъмол буда, нисбат ба забони адабӣ ва шеваҳои дигари тоҷикӣ бештар ба кор бурда мешавад. Шеваи ҷанубӣ дар ин бобат анъанаи забони давраи классикиро давом дода, ба хусусиятҳои хоси тараққиёти дохилӣ соҳиб гаштаанд.

Суффикси – г а р дар шеваи ҷанубӣ ба вазифаҳои зерин истифода мешавад:

а) исмҳое месозад, ки машғулияти доимӣ, касбу ҳунари шахсро нишон медиҳанд: шунигар-нигоҳбон (ш–к., Зелолак); лойгар (ҷ–к., Учқул); ойингар-оҳангар (ш–к., Шугнов ва Хонақо); дешонгар, дъравгар (дар ҳамаи маҳалҳо) ҷаҳтга // ҷаҳтгар (в–қ., Тавилдара, Ҳиҷборак); ҷуфтгар (к–ҳ., Зулмобод); кузагар-кулолӣ (қ., Тегирмӣ); навиштагар-нависанда (ш–к., Ховалинг); шикоргар-шикорчӣ (қ., Сиёҳоб); қадоқгар–қадоқчӣ (қ., Дарнайчӣ); пайвандгар (ш–к., Даштиҷум); хондагар – хонанда (ш–к., Ховалинг); савдогаро ай унҷа мегиран дар инҷа мефурушан (в–қ., Ҳиҷборак); собунгар –

собунпаз (ш-к., Мӯминобод); бодгар-шахсе, ки гандуми куфташударо бод мекунад (қ., Хумдон); тахсимгар-ходими тӯй (в-қ., Кӯл) ва ғайра.

Суффикси - г а р гоҳо дар шакли-г о р омада, аз асоси замони ҳозира ва гузаштаи феъл исм месозад, ки машғулияти шахсро мефаҳмонад: мана, ин фурушгор (ш-к., Кадучӣ); и бача лойгор ай (қ., Диалишо).

б) ба исм васл ёфта, сифатҳое месозад, ки хислату характери шахсро нишон медиҳанд: буҳнагар-баҳонаҷӯй (қ., Хумдон); пълъфагар-лахшагар-авбош, серманаҳ (қ., Пору); авсунгар-ҷодугар, майлисгар-ай-дирек-лакки (ш-к., Ховалинг); майлисгар: дириктири майлисгар-ай-директори маҷлисбоз аст (ш-к., Ховалинг).

Дар шеваи ҷанубӣ суффикси г а р и низ истифода мешавад. Бояд гуфт, ки вазифаи ин суффикси мураккаб байни қисматҳои он то андозае ҷудо мешавад: агар суффикси - г а р ба аломати предмет далолат кунад, суффикси и дар ҷараён будани он аломатро ифода менамояд. Дар натиҷа бо ин суффикс бештар исмҳои абстрак сохта мешавад:[33] лаққигари (ҷ-к., Ёл), шайтонгари (в-қ., Путҳо):, лахчагари-лаққигӣ (қ., Шуле); пошталонгари-хаткашонӣ (ғ-к., Кангурт); қъдагари-қудогӣ (ш-к., Момандиён); девонагари-девонагӣ (к-ҳ., Ҷонварсӯз); йошигари (к-ҳ., Роҳатӣ); лахшигари-лаққигӣ (қ., Тегирмӣ), пълефтагари-лаққиги (ҷ-г., Ёл); и бача й о ш и-г а р и каай (ш-к., Доробӣ); ай сънар-ай, ки вампир лахшигари мекъна (қ., Пору).

Суффикси - в а р а. Ин суффикс хоси шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ буда, сараввал ҳамчун суффикси исму сифатсоз дар лаҳҷаҳои Қаротегин аз тарафи А.З.Розенфельд сабт шудааст.[34] А.Л.Хромов дар забони яғнобиҳо ин суффиксро суффикси топонимсоз ба қалам дода, қайд мекунад, ки вай аз рӯи вазифа бо суффикси - о б о д мувофиқат мекунад.[35]

Суффикси - в а р а дар забони адабии имрӯза ва шеваҳои дигари забонамон истеъмол намеёбад. Дар бораи этимологияи он алҳол чизе гуфтан душвор аст. Ба назар чунин менамояд, ки суффикси - в а р а таърихан ба кадом як калимаи мустақил дахл дошта, маънои зиёдеро ифода мекардааст. Ҳоло вай чун воситаи калимасози исму сифат дар чунин ҳолатҳо истифода мешавад:

1. Аз исмҳо исмҳои наве месозад, ки макон ва фаровониро ифода менамояд. Дар ин вазифа муродифи суффикси адабии - з о р мебошад: тушкавара-картошказор, сангвара — санглох: ой, и зъмин тушкавара бъдай-да-о, и замини картошказор будааст-дия (ш-к., Сангдара); ширчилон -а дъхтарвара ба бачавара, бачавара дъхтар-вара -ра мебърора (ш-к., Ғеш); ва йа писон и мълки сангвара, алафвара бъдай-ба як ҳисоб ин мулки мо сангзор, алафзор будааст (в-қ., Путҳо); бе падарам сағира меган, падарвара-ам сағира меган (в-қ., Лахш).

2. Бо исм ва сифат омада сифат месозад, ки дороиро нишон медиҳад. Дар ин вазифа суффикси - в а р а хеле серистеъмол буда, бо суффиксҳои калимасози-д о р ё-н о к ҳаммаъност: аҷинавара-аҷинадор (маҷозан); бачавара-бачадор (ш-к,: Ховалинг); чувара-чӯбдор; тарвара-замин-ъш тарвара-йай (қ. Самсолиқ); да хунайи загвара зарар дора (ш-к., Шугнов); хонавара-хонадор (ш-к., Ёхсу):, да ҷойи алафвара зано баҷо шидийан (қ., Чанор); колавара-одами сермолу кола (в-қ., Кӯл), дар Ғарм Ԑилми Ԑоливара йа сад-ъ панҷоҳта (қ., Шархо) ва ғайра.

3. Суффикси-в а р а сифатҳое месозад, ки ба хислате доро будани шахсро нишон медиҳад. Дар ин ҳолат суффикси - в а р а бо суффиксҳои - ч а к ва-н а м о ҳаммаъно мешавад. Вале дар ин вазифа ниҳоят каммаҳсул аст: ахсвара-асабӣ, бадҷаҳл (қ., Туғчӣ), аксвара, арқавара, паривара-одами девонанамо (в-қ., Кулумбаи Боло); т а р с в а р а — бисьёр тарсанда (ш-к., Зиракӣ).

Суффикси-и н а // - г и н а. Ин суффикс нисбатан каммаҳсул буда, доираи он дар шеваи ҷанубӣ чандон васеъ нест.

1. Суффикси - и н а дар забони адабӣ низ каммаҳсул аст ва дар таркиби калимаҳои г а н ҷ, с а б з, қ о қ, з а р д, м у (ганҷина, сабзина, қоқина, зардина, муина) барин калимаҳо дучор мешавад. Суффикси мазкур аз исмҳои сифатҳои нисбӣ месозад, ки макон ва таъинотро мефаҳмонад. Дар сохтани сифатҳои нисбии замон, одатан бо исмҳои замон ба кор бурда мешавад: кори парергина (ш-к., Кӯлоб); одами динагина (қ., Яхч); хълепи шабина (ш-к., Мӯминобод); хатойи қадимина (к-ҳ., Шӯриён); тангайи мирина (қ., Обигарм); ливоси мардина (қ., Саримайдон); ҷомаи авратина-ҷомаи занона (ш-к., Ғеш).

2) Суффикси - и н а бо калимаи зардина омада, дар ифодаи тобиши маънои камии аломат хизмат кардааст. Ба ин маънӣ калимаи зардина дар шеваи ҷанубӣ машҳур аст: йа одами зардинайи чашмо-ш кавут будак (к-ҳ., Даҳана); вай худ-ъш йа одами борикаки зардина бъд (к-ҳ. Мингичар); то сийо-ра қар мекъна, ки зардина-ра талха-ш мекафа (в-қ., Пилдон); у йа мардаки зардаки зардина бъд (в-қ., Нӯшор).

3) Бо асоси феъли замони ҳозира омада, исме сохтааст, ки чун асбоби хоҷагӣ истифода мешавад: йа чи бъгум, ҳами гандъм бандина мешава (к-ҳ., Ҷалҷит).

4) Дар лаҳҷаҳои гурӯҳи Кӯлоб суффикси - и н а бо калимаҳои

---

33. Исми абстракт бо суффикси - г а р и дар адабиёти классикӣ низ дучор мешавад, "Аз аҳли ҳавас ҷуръати ушшоқ маҳол аст. З-ин ҳеҷгарӣ чанд нагӯй ҷигари доғ - Бедил". Ниг. Ш. Н.Ниёзӣ. Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ. Очеркҳо оид ба грамматикаи забони тоҷикӣ. Сталинобод. 1954, саҳ. 21. Минбаъд: Ш.Н.Ниёзӣ. Исм ва сифат. ..

34. А. З. Р о з е н ф е л ь д. Говоры Каратегина, стр. 20.

35. А. Л. Х р о м о в. Историко-лингвистическое исследование Ягноба и Верхнего Заравшана. Автореф. докт. дисс. Душанбе, 1970, стр. 53.

ки дар ин ҳол вай
а в р а т ва м а р д бисьёр истифода мешавад, маъной зоҳир наме- бо решаи калима муттаҳид шуда, ҳеҷ гуна хусусияти (ш-к., Учқул); қади ҳаф кунад. Мисолҳо: мо занак-а авратина мегем Лекин дар ҳолати дигар ба мардина кор мекардъм (ш-к., Лағмон). кърти мардина, мард ё зан нисбат доштани предметро мефаҳмонад: кавши авратина (дар ҳамаи маҳалҳои ҷануб).

Суффикси - ч и [36]. Ин суффикс, асосан, дар лаҳҷаҳои гурӯҳи Қаротегин ва қисман дар лаҳҷаҳои дигари шеваи ҷанубӣ дучор меша- вад. Шумораи мисолҳо нишон медиҳад, ки суффикси мазкур дар ин шева он қадар сермаҳсул намебошад. Вай дар вазифаҳои зерин ба назар мерасад: исм ва сифатҳое месозад, ки

1. Бо исмҳои хоси макон омада, ба маҳалли муайян мансуб будани шахсро нишон медиҳанд: вахийочи́: ақиқат йаг уруғи мо дар ҳаму вахийочийо қати мешава (в-қ., Қӯшағ- ба); хуҷайтофчи́: мън йа руз ҳуҷайитофчи́-ра пурсидъм (в-қ., Оқсой); пушточи́ (аз деҳаи Пушта) (в-қ., Ҳиҷборак); фарғоначи́: ота боw айи фарғоначи́ ай ҳамиҷа бъд (в-қ., Ҳоит); қамбарчи́-аз деҳаи Қамбар (ш-к., Ёхсу); пашъмгарчи́-аз деҳаи Пашумгар (в-қ., Сарикенҷа)

2. Касб ва машғулияти шахсро нишон медиҳад: трактурчи́ (қ., Обигарм), арзачи́-хаткашон (в-қ., Лангар); осийовчи́-осиёбон (в-қ., Ҳиҷборак); магазинчи (к-ҳ., Ёвон).

3. Хислати шахсро нишон медиҳад: нақълчи́-одами нақлгӯй (қ., Ҳалқарф); қарақчи́-роҳзан (к-ҳ., Норак); базмчи́-базморо (ш-к., Кишт).

Суффикси - ч а. Суффикси - ч а каммаҳсул аст. Вай ба исм ва баъзан ба сифат васл ёфта, вазифаҳои зеринро адо мекунад.

1. Аз исм исмҳои нав месозад: гърдача-навъи нон, остинча- асбоби нонпазӣ, совача-як навъи зарф ва ғайра.

2. Хурдиро ифода менамояд: суламача, мангича-кӯзача (қ.,Хум- дон): қопча-лингача, бузбалача ва мисли инҳо.

3. Дар калимаҳои толича-бӯхча (в-к., Саридашт); х.и.м ч а (к-ҳ., Калфисават) суффикси - ч а ҳамчун қисми ҷудонопазири асоси калима воқеъ гаштааст, зеро дар ҳолати тарки он маънии калима аз байн меравад.

С у ф ф и к с и -д о н // - д у н. Ин суффикс дар лаҳҷаҳои Кӯлоб, кӯлобии Ҳисор, Қаротегин ва вахиёй-қаротегинӣ нисбатан кам- истеъмол буда, асосан, исмҳои зарфият ва макон месозад: қошъқдон (ш-к., Мӯминобод); новардун//новардон-тарнов, нови гӯшаи бом (в-қ., Ярхаб); и-ра-м новардун меган (в-қ., Ярхаб); йак қавза гул -ум да лаби новардон-ай, пучала шидай да талаби борон-ай (қ., Халқ- раф).

Суффикси - д о н назар ба дигар лаҳҷаҳои ҷанубӣ, дар лаҳҷа- ҳои Бадахшон аз ҷумлаи суффиксҳои серистеъмол ба шумор меравад: [37] дегдон-оташдон, чошдон, чаҳдон//чагдон чаҳдон, чароғдон-тагмони

---

36. Суффикси - ч и́ дар калимаҳои тракторчи́ ва магазинчи́ барои ҳамаи маҳалҳо хос аст ва мо фақат яке аз онҳоро ишора кардему бас.

37. А.З.Р о з е н ф е л ь д. Бадахшанские говоры..., стр. 29.



чароғ; чироғдун-чароғдон (ш-к., Ховалинг).

Суффикси - к и н.

Ин суффикс хоси шеваи ҷанубист. Вай бо калимаҳои н а р ва м о д а омада, сифатҳои нисбӣ месозад: и-ш. н а р к и н и-ш м о т к и н - инаш нарина, инаш модина аст (в-қ., Ярхаб); н а р - к и н и лух-а ай туғай даравида меомадем. (ш-к., Момандиён) ва ғайра

Суффикси - и с т о н // -и с т у н, назар ба забони адабӣ, андак сермаҳсул буда, бештар дар услуби фольклорӣ кор фармуда ме- шавад. Ин суффикс исмҳое месозад, ки маънои фаровонӣ доранд: ч у - л и с т о н (ш-к., Ёхсу); а л о в и с т о н, к у й и с т о н, г у- л и с т у н (ш-к., Ховалинг); қ у м и с т у н (қ., Шуле). Бо ка- лимаҳои ч у л, а л о в, қ у м омадани суффикси - и с т о н // -и с т у н ба забони адабӣ бегона аст. Серистеъмолии суффикси мазкур низ дар шеваи ҷанубӣ аз ҳамин ҳисоб ба назар мерасад.

С у ф ф и к с и - з о р. Ин суффикс танҳо дар баъзе лаҳ- ҷаҳои Қаротегини Поён ва Бадахшон дучор меояд. Вай ҳам исмҳое месозад, ки фаровониро ифода менамояд: ҳ о т а з о р - дарахтзор, ш ъ л х а з о р - шулхазор, ҷ а н г а л з о р (в-қ., Лангар).

С у ф ф и к с и - а л а каммаҳсул буда, дар маҳалҳои ҷудо- гона дучор мешавад. Пайдоиши таърихии он ҳоло муайян нест. Ин суф- фикс, асосан, сифат месозад: корди к ъ н д а л а - корди кунд; м у н д а л а [38] гирд, лӯнда; к а ҷ а л а - к а ҷ, т ъ г а- л а - шахсе, ки забонаш ҳангоми гапзанӣ мегирад, к а ҷ а л а- олус, ҷ а н г а л а - қоматхамида (в-қ., Ярхаб); қ о қ а л а - хароб, лоғар (в-қ., Нӯшор); п ъ ч а л а - паҷмурда (к-ҳ., Мағ- мурӯд); г и з а л а - бадхашм, к у з а л а-кӯзпушт ва ғайра. Мисолҳо: мебинум-ъш кампири ҷ а н г а л а - ай-охи-ӯро меби- нам, кампири қоматхамида аст, охир (ш-к., Лагмон); Нозим йаг йигити сийоҳмуй-ъ қ о қ а л а бъд-Нозим як ҷавони сиёҳмӯю қо- қина буд. (в-қ., Нӯшор) атала хеле пухта вайрон шудааст (қ.,Шуле); йа одами ҷайданакӣ корди къндала да дъст-ъш озир шуд-як одами ҷан- дапӯши корди кунд дар даст, ҳозир шуд (қ., Шоҳи Аслон); у-ра ру-ш мундала-ай-рӯи ӯ гирда аст (ш-к., Навруҳс).

Суффикси-а л а дар қишлоқи Шуле (Қаротегин) бо калимаи с и х низ вохӯрд, ки вазифаи он дар ин маврид равшан нест. Чу- нончи: у одами гизала бъд-вай одами бадҷаҳл буд (к-ҳ., Норак); хар-а сихала кааст, ки дингилак кад-харро хила кардааст, ки ҷасту хез кард (в-қ., Тавилдара). Чунин тип калимаҳо асосан ҳамчун ҷузъи номии феълҳо кор фармуда мешаванд.

Суффикси - г о // - г а//-г а ҳ//-г о ҳ дар лаҳҷаҳои Кӯлоб, вахиёй-қаротегинӣ, қаротегинӣ, кӯлобии Ҳисор ва Бадахшон интишор ёфта, исмҳои макон сохтааст, ки он номи маҳалро нишон медиҳанд: а д г а//а т г а - сарҳад (бд., Гармчашма); нишун аҷога (в-қ., Қӯ-

---

38. Дар сарчашмаҳои қадимтарини забонҳои эронӣ-тоҷикӣ дар шакли м а н д а л вуҷуд доштани калимаи мазкур дар луғати "Бурҳо- ни Қотеъ" қайд гардидааст: Ниг. "Бурҳони Қотеъ", ҷ. 4. Теҳрон, 1334-1335, саҳ. 2041.

к и ш г а – майдони
шағба),[39] г у р е з г а – ҷои пинҳоншавӣ , кишт (бд., Куҳилал); Мисолҳо: пайи хърго-да мешина (к–ҳ., Ёвон); м а н з и л г а – қаб-
ҳар кас-да хърго мегийум (к–ҳ., Мирзой); г а р д а н г а ҳ – гардишгоҳ (ш–к.,
ристон (ш–к., Ховалинг); ҳаму дъруни бозоргаҳ–ъкда ҳамита чъшмаҳойи хънъке дошт
Ёхсу); алоуга – ошхона (қ., Муҷихар); алов-
ки... (в–қ., Дараи Мазор);
гаҳ (қ., Навдеҳ).

Суффикси – о н а ҳамчун ҳодисаи маъмули шеваи ҷанубӣ дар вазифаҳои зерин истифода мешавад: а) исм месозад: дарона – гӯҳфа
(қ., Хумдон); б) сифат месозад: мо йа гапи ҳолисона дорем, да пе-
ши шъмо, йала мекънем (к–ҳ., Мирзой); дар вахти и гуфтаги ишқи
ғ о и б о н а доштум (қ., Пору).

Суффикси – о, мисли забони адабӣ, дар шеваи ҷанубӣ низ камис-
теъмол буда, аз асоси замони ҳозираи феъл сифати нисбӣ месозад.
Чунончи: шунаво, ҷушо, гиро ва ғайра: гуш–аш шунаво нестай–гӯшаш
шунаво нест (қ., Самсолиқ); йа сат-та гови ҷушо доран (ш–к.: Шуғ-
нов).

С у ф ф и к с и – г ъ н, г у н. Ин суффикс , ки дар забони адабии имрӯза каммаҳсул аст, дар шеваи ҷанубӣ дар вазифаи маъму-
ли худ–сохтани сифати нисбӣ бо калимаи л о л а г ъ н дар чунин
мисол сабт ёфтааст: дънйо лолагън – ай –дуньё лолагун аст (қ.,
Нимич).

Суффикси–а дар шеваи ҷанубӣ дар сохтани исмҳо дучор меояд:
қинғола, чашма//чишма, широза, муҳра, дъста, хамба, оҷиза, офтоwа.
Мисолҳо: ду оҷиза дора, ҳар ду–ш кар–ай (к–ҳ., Ҷонварсӯз); ҷувона-
гӯсолаи ду–се сола (бд., Андароб).

С у ф ф и к с и – и н//–й и н. Суффикси мазкур дар шеваи ҷа-
нубӣ монанди забони умумихалқӣ камистеъмол буда, сифати нисбӣ ме-
созад ва материале, ки аз он предмет сохта мешавад, ишора мекунад.
Чунончи: бузмуйин-аз пашми буз (бд., Мулвоҷ); кавши ч у б и н
ва ғайра.

Ғайр аз ин, суффикси– и н дар баъзе мавридҳо барои сохтани
сифатҳои нисбии ифодакунандаи аломати предмет низ ба кор бурда
мешавад. Чунончи, калимаи тозин дар ибораи саги тозин (қ., Вой-
дара).

Ин гуна сифатҳо дар забони адабӣ, чунон ки маълум аст, бо
суффикси – и сохта мешавад.

Дар калимаи завқин ин суффикс бо суффикси "манд" – и забо-
ни адабӣ мувофиқат карда, маънои доро буданро ба аломате далолат
намудааст: ба (баъд) бача ҳамиқа завқине шид,ки... дъхтар–да–баъд
бача ба духтар чунон завқ пайдо кард, ки... (ш–к., Токак); бача ба
ин дъхтар завқин–ай, дъхтар боша ба бача гардан намета (ш–к.,
Ховалинг).

---

39. Айнан ҳамин факти грамматикӣ дар лаҳҷаҳои Вахиёи Бо-
ло низ дучор мешавад. Ниг. Р. С а и д о в. Говоры Вахио Боло.
Автореф, канд. дисс. Душанбе, 1971, стр. 12.



Суффикси – и н, чунон ки дар боло ишора рафт, асосан, дар
сохтани сифат иштирок дорад. Вале вай мисли забони адабӣ дар ин
лаҳҷаҳо гоҳо барои сохтани исмҳо низ ширкат мекунад. Чунончи, дар
калимаи пустин (бд., Ғорон).

Ин калима аслан сифат бошад, ҳам, бо мурури замон ба исм
гузаштааст. Баъзан аз як калимаи решагӣ бо ёрии суффикси ҳам – и
ва ҳам – ин сифате сохта мешавад. Чунончи: санги ва сангин. Вале,
чунон ки Т.Д.Чхеидзе қайд мекунад, дар байни ин гуна сифатҳо фар-
қи маъноӣ дида мешавад. Аз ҷумла, санги танҳо ба материал ишора
мекунад, аммо сангин ғайр аз ин ба маънои маҷозӣ низ кор фарму-
да мешавад.[40]

Суффикси – с о р каммаҳсул буда, аз исм исми нави макон
ва фаровонӣ месозад: ин поwун–ъш чишмасор–ай, унҷа мехамбе (в–қ.,
Тавилдара).

Суффикси –лох монанди суффикси – сор каммаҳсул аст. Вай дар
забони адабии имрӯза танҳо бо калимаҳои реглох ва санглох қайд шу-
дааст.[41] Раҳим Ҷалил суффикси –лох–ро ба ғайр аз калимаи санг, ки
бо ин калима вай аз қадим давом дорад, бо калимаи рег дар шакли
реглох низ ба кор бурдааст.[42] Дар шеваи ҷанубӣ ғайр аз санглох
калимаи девлох (чарогоҳи тобистона) низ фаровон истифода мешавад.
Ин калима аз калимаҳои қадими тоҷикист, ки бо суффикси мазкур
ташкил ёфтааст: ай болойи Ди боло девлохи калун–ай (в–қ., Тавилда-
ра).

Суффикси – б о н каммаҳсул аст ва чунин вариантҳои фонетикӣ
дорад: – вун//–бун. Суффикси мазкур бо исм омада, исми наве месозад,
ки машғулият, касбу корро ифода мекунад: полизбон, подавун ва ғайра.

Суффикси – о к. Ин суффикс, монанди забони адабӣ камистеъмол
буда, аз асоси замони ҳозираи феъл исм ва сифат сохтааст: хурок,
пушок, ковок.

Вале дар истеъмоли ин суффикс лаҳҷаҳои Бадахшон ва лаҳҷаҳои
дигари шеваи ҷанубӣ баъзе фарқҳо доранд. Аз ҷумла, суффикси – о к
дар ин шева ба тарзи зер воқеъ мешавад.

1. Аз исм ва асоси замони ҳозираи феъл исми нав месозад:
симок – оташков ва ғайра.

2. Аз исми д а р ва асоси замонҳои ҳозираи феъл исм месозад:
даргирок – шахсе, ки шаби тӯи никоҳ дар назди дар истода пеши роҳи
арӯс ё домодро мегирад . Калимаи даргирок аслан сифат бошад ҳам,
бо мурури замон ба исм гузаштааст.

---

40. Т.Д.Ч х е и д з е. Именное словообразование в персид-
ском языке. Тбилиси, 1959. стр 59. Минбаъд: Т. Д. Ч х е и д з е.
Именное словообразование...

41 Ш. Н. Н и ё з и. Исм ва сифат... саҳ. 23, Забони адабии
ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология қ. 1. Душан-
бе, 1973, саҳ. 150.

42. Р. Ғ а ф ф о р о в. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил. Душан-
бе, "Дониш", 1966, саҳ. 117. Минбаъд: Р. Ғ а ф ф о р о в. Забон
ва услуби Раҳим Ҷалил...

Суффикси - м а н д низ каммаҳсул буда, дар як мисол аз исм
сифат сохтааст, ки хислати шахсро мефаҳмонад. Ба ин маънӣ, суффик-
си мазкур дар лаҳҷаи форсӣ-кобулӣ низ қайд шудааст: [43] ба́ (баъд)
ҳар дъ ҷаҳманд-ш-а сар зад (ш-к., Токак).
Суффикси - м а н д ҳамчун унсури калимасоз дар "Фарҳанги
Ҷаҳонгирӣ" низ қайд шудааст. [44]
Суффикси - о л у аз исмҳо сифат месозад, ки хосият ва ҳола-
ти предметро аз ҷиҳати олоиш ёфтан бо маънои асоси калима ифода
мекунад. Ин суффикс камистеъмол буда, аҳьёнан дар ҳамаи лаҳҷа-
ҳои шеваи ҷанубӣ дучор мешавад: хунхолу - хунолуд, қаҳролу - қаҳ-
ролуд, шираолу - шираолуд, гирийаолу - гирьяолуд; хоwолу - хобо-
луд, чашмо-м-а шъкойидум (к-ҳ., Ҷавонон); ай дърни зъмин йа нола
бъромаги, қалай пъри хоколу (қ., Ҷавонӣ).
Суффикси - о л у дар шакли -л о л а//-о л а дар материали
лаҳҷаҳои мардуми Файзобод дар се мисол аз исм сифат сохтааст. Ми-
солҳо: пийолаш чойи фамилола бъдай - пиёлааш чои фамилолуд будааст
(к-ҳ., Ҷавонӣ); таваки руғанлола-ра бъшу - табақи равғанолудро бишу
(к-ҳ., Муллоён).
Суффикси - а л а н г камистеъмол буда, сифат месозад:
пашми гусфанд чуwаланг (қаракулӣ), ай Қурғон харидем (қ. Хилмонӣ).
Суффикси - ъ н д а//-анда, мисли забони адабӣ ва шеваҳои дига-
ри забонамон, каммаҳсул буда, дар як маврид аз исм сифат месозад:
шармъндаодами шарманда (ш-к., Ҳовалинг).
Суффикси - а н д а р (пас аз садонок - йандар//-йиндар). Ин
суффикс аз - antara и забони санкритики ба вуҷуд омада, маънояш
"дигар" мебошад. [45] Вай дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ, махсусан Кӯлоб, бо
калимаи падар ва модар омада, маънои падари ӯгай, модари ӯгайро
дорост: м о й и н д а р - модари ӯгай, пийандар - падари ӯгай.
Бо ҳамин маънӣ - а н д а р дар забони форсӣ-кобулӣ низ маъмул
аст. [46]

Суффикси -ман//-манд аз исм сифат месозад, ки он ба хусу-
сияте доро будани шахсро нишон медиҳад. Вале доираи истеъмолаш
маҳдуд аст: давлатман - давлатманд, касалман - касалманд, ҳънар-
ман - ҳунарманд ва ғайра.
Суффиксҳои - м и ш, -л и к // -л у к, -л а м а дар лаҳҷаҳои ше-
ваи ҷанубӣ ниҳоят маҳдуд буда, дар баъзе мавзеъҳои Қаротегин (ху-
сусан Ҷиргатол) ва кӯлобии Ҳисор, асосан райони Ленин, аҳьёнан во-
мехӯранд. Ин суффиксҳо исмҳои амал, баъзан сифат месозанд, ки беш-
тари онҳо ҳамчун ҷузъи номии феълҳои таркибӣ кор фармуда мешаванд.
Аз як забон ба забони дигар иқтибос шудани воситаҳои грамматикӣ ба

---

43. Л. Н. Д о р о ф е е в а. Язык фарси-кабули. М., 1960, стр. 26
2. Минбаъд. Л. Н. Д о р о ф е е в а. Язык фарси-кабули...
44. Х. Р а у ф о в. "Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ" ҳамчун сарчашмаи
лексикографияи тоҷику форс. Душанбе, "Дониш", 1973, саҳ. 122.
45. Л. Н. Д о р о ф е е в а. Язык фарси-кабули, стр. 26.
46. Ҳамон ҷо.



ҳамаи забонҳо хос аст. К.А.Левковская қайд мекунад, ки префикси
калимасозии а р х и -ба забони русӣ аз забони юнонӣ дар таркиби
калимаҳои сохтаи иқтибосӣ дохил гардида, сонихо калимаи нав месох-
тагӣ шудааст. [47] Аз ин рӯ, ин префикс дар ибтидо бо калимаҳое,
ки васл ёфтааст, яклухт таъсири лексикӣ ва дар давраи дуюм ҳам-
чун таъсири ҳодисаи морфологӣ фаҳмида мешавад. Суффиксҳои маз-
кур, ки ӯзбекианд, дар шеваи ҷанубӣ, асосан, ба ҳамин қоидаи уму-
мӣ мансубият доранд. Вале суффиксҳои калимасози ӯзбекӣ дар забо-
ни тоҷикӣ давраи дуюмро аз сар нагузаронидаанд. Дуруст аст, ки
ин суффиксҳо гоҳо бо калимаҳои тоҷикӣ вомехуранд. Аммо чунин
калимаҳои тоҷикӣ ба забони ӯзбекӣ гузашта, бо ёрии суффиксҳои
калимасози ӯзбекӣ тағьири шакл намуда, боз ба лаҳҷаҳои мазкур
ҳамчун материали тайёри лексикӣ баргаштаанд. [48] Пас, барои нати-
ҷаи таъсири забони ӯзбекӣ ба шеваи ҷанубӣ гуфтани онҳо заминае
нест.
а. Суффикси - м и ш. Ин суффикс дар лаҳҷаҳои ҷанубии забо-
ни тоҷикӣ ба охири феъли фармоиши ӯзбекӣ васл гардида, исмҳои
амал месозаду бо феъли ёридиҳандаи тоҷикии к а р д а н дар як тар-
киб кор фармуда мешавад: Шаҳритуз-да чунамиш карда бъдан-ба Шаҳритуз
раҳсипор шуда буданд (к-ҳ., Сумбула); бозӣ-да шошилмиш накън -
дар бозӣ саросема нашав (ғ-к., Данғараи боло); пойойи хар-ум ай
зийо ҷавхъри касал шъда, кичимиш ка-пойҳои харам аз зиёд хӯрдани
ҷав касал шуда, хориш пайдо кардааст (к-ҳ., Мирзоӣ); райис кал-
хочийо-ра кор-да бақирмиш кад - раис колхозчиёнро ба кор даъват
намуд (к-ҳ., Оқбурӣ).
б) Суффиксҳои - л и к // -л у к, - л а м а. Ин суффиксҳо гоҳо
бо калимаҳои русӣ, тоҷикӣ (хуҷалик, хънлама), аммо аксар бо калима-
ҳои ӯзбекӣ якҷоя омада, исм ё сифат месозанд. Мисолҳо: ҳаму сол
Сангинчоп-да хуҷалик шида кор кардем - ҳамон сол дар деҳаи Сангин-
чоп яккахоҷагӣ шуда кор кардем (к-ҳ., Кончӣ); ҳамаи даҳу бини-ш
хънлама-йай - ҳамаи даҳану биниаш хуншор аст. (қ., Шуле); ҳамаи
сар-ъ даҳа-ш хар лағат зада, хънлама кадай - ҳамаи сару даҳонашро
хар зада, хуншор кардааст (қ., Шуле); дъ сол зивинабошлуқ шида
кор кардум - ду сол сардори звено шуда, кор кардам (к-ҳ., Мағму-
руд); хуҷалик ҳичи нестай, ҳама-ш колхоз (қ., Навдӣ). Аз мисолҳо
дида мешавад, ки истеъмоли суффикси мазкури ӯзбекӣ асосан, ба он
калимаҳое хос аст, ки тоҷикону ӯзбекон ба тарзи ҳамсоя зиндагӣ
мекунанд. Вале мисоле, ки ба шеваи ҷанубӣ тааллуқ дорад, умумӣ
набуда, ба нутқи шахсони ҷудогона, ки бо халқҳои туркзабон рафту-
омад мекунанд, тааллуқ дорад. Аммо дар маҳалҳои асосии Кӯлобу
Қаротегин суффиксҳои мазкур мустаъмал нестанд.

---

47. К. А. Л е в к о в с к а я. Словообразование, стр. 14.
48. Барои муфассалтар ошно шудан бо ин масъала ниг. Ҷ а -
м о л х о н М у р в а т о в. Шеваҳои тоҷикони атрофи Андиҷон. Ду-
шанбе, "Дониш", 1974, саҳ. 131-143. Минбаъд: Ҷ а м о л х о н
М у р в а т о в. Шеваҳои тоҷикони атрофи Андиҷон...

сифатсоз. Дар шеваи ҷанубӣ
Б. Префиксҳои
префиксҳои калимасоз он қадар бисьёр нестанд. Ҳамаи префиксҳое, ки
дар шеваи мазкур истеъмол мешаванд, аз инҳо иборатанд: н о –, б е –,
б а-// wа–, ҳ а м–// ам–, б а р –. Аз инҳо префиксҳои н о–, б е
ва б а – серистеъмол буда, дар тамоми маҳалҳо дучор меоянд. Пре-
фиксҳои боқимонда ё нисбатан каммаҳсуланд, ё худ мутлақо бемаҳ-
сул мебошанд.

Префиксҳо, одатан, ҳамон вазифаро иҷро мекунанд, ки ба суф-
фиксҳои калимасоз хос мебошад: ба калима илова шуда, ба он маъ-
нои нав мебахшанд ва бо ҳамин дар такмили сарвати луғавии забон
роли муайяне мебозанд. Аксарияти суффиксҳо дар сохтани ҳам исм
ва ҳам сифат баробар хизмат мекунанд. Аммо префиксҳо, асосан, си-
фат месозанд.[49]

Префикси но-дар ҳамаи маҳалҳо аз исму сифат ва феъл сифат-
ҳое месозад, ки аз маънои дар реша номбурдашуда маҳрум будани
предметро ифода менамояд: носоз, нороҳат, нохуб.

Фарқи лаҳҷавии ин префикс аз забони адабӣ дар он аст, ки
баробари калимаҳои умумихалқӣ бо баъзе калимаҳои хоси шеваи ҷа-
нубӣ низ фаровон истифода мешавад. Чунончи: ношуин, ноуҳдабаро: баҳо-
найи ношуин орди ҷав (қ., Тегирмӣ).

Ғайр аз ин префикси н о- дар шеваи ҷанубӣ бо баъзе калима-
ҳои умумихалқӣ калимаҳои наве месозад, ки ба ин шакл омадани он-
ҳо дар забони адабии имрӯза чандон расм нест. Масалан: нотанҳо,
носипо, ношунаво, ва мисли инҳо: Мирали́ одами носипо бъд, баройи
ҳами нағз (к–ҳ., Кончӣ); ма дъхтар дорум, ба чашм нобино, ба гуш
ношинаво, ба даст ногиро, нораво (к–ҳ., Ёвон).

Префикси б е- дар сохтани сифат бо префикси – н о– ҳамвази-
фа мебошад. Вай бештар аз исм сифат месозад: бефара – бедармон,
бетаҳсил, бетан – хурдҷусса , бейод – беҳуш , бенур, бебарор, бели-
мсғ-маҳзун ва ғайра.

Префикси б а –//– wа сифатсоз буда, аз исм сифатҳое месо-
зад, ки маънои молик буданро мефаҳмонанд. Барои ҳамаи лаҳҷаҳои ше-
ваи ҷанубӣ умумӣ мебошад: бағалла – ғалладор (в–қ., Ёзғанд); wару-
ған – равғаннок (в–қ., Қӯшағба); wамазза-бомазза (в–қ., Фатҳобод);
wагудак – кӯдакдор (в–қ., Ёзғанд); багусола – гӯсоланок (ҷ–к., Ёл);
бамарҳабат-марҳаматнок (ш–к., Хонақо); бадавлат, бағайрат, бақуват,
(дар ҳамаи маҳалҳо) ва ғайра.

### БО ПРЕФИКСУ СУФФИКС СОХ- ТА ШУДАНИ СИФАТ

Тарзи дар як маврид: бо ду ҳиссаи калимасоз –префиксу суффикс

---

49. Бо префикс сохта шудани исм дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ҳа-
рактернок нест. Дар лаҳҷаҳои мазкур, мисли забони адабӣ, дар исм-
созӣ асосан як префикс –ҳам-дучор мешавад. Ниг. Забони адабии ҳо-
зираи тоҷик, қ. 1, саҳ. 159.



сохта шудани калимаҳо яке аз масъалаҳои муҳимми таҳқиқнашудаи
калимасозӣ ба шумор меравад. Таҳқиқи материалҳо шаҳодат медиҳад,
ки бо ин тарз сохта шудани калимаҳо танҳо ба сифат дахл дорад.
Чунончи, дар забони адабии тоҷик бо префикси бе – ва суффикси –и
сохта шудани калимаҳои намуди беобӣ, бемураббӣ – ро Шарофиддин
Рустамов қайд кардааст.[50]

Дар шеваи ҷанубӣ префиксҳои ба–, ҳам–, бе–, бо–, суффиксҳои
–аки́, –ги́, –гари́, –чоп. –о дар як таркиб омада, якҷоя аз калимаҳои
гуногун сифатҳо сохтаанд. Аз ҷумла: 1) ба– + –аки́: йата–ш одами
базе wаки́ – хубрӯ (ш–к., Хонақо); 2) ҳам–+–гари́ ҳамсойагари́ – да
нағз намеша (ш–к., Қулаҳмадӣ); 3) но–+–о: Мирали́ пеш аз чашм
нобино, аз даст ногиро, аз по нораво ғариб бъд (ш–к., Сангдара):
4) бе–+–ги: охи ҳами бача–ш гърифтам ай руйи бебачаги́ (в–қ., Кӯл).

Гуфтан ҷоиз, аст, ки суффикси – а к и дар мавриди бо префик-
си б е – дар як таркиб омаданаш дар мисолҳои навъи беҷонтараки́,
ҳамчун суффикси калимасоз, моҳияти худро гум карда, бо бандаки ха-
барии ҳ а с т, хаммаъно мегардад: ай мо–да хъдът беҷантараки́ (ш–к.,
Ёхсу).

### КАЛИМАҲОИ МУРАККАБ

Калимасозии исм ва сифат аз ҷумлаи он масъалаҳоест, ки дар
забоншиносии тоҷик кам таҳқиқ шудаанд. Дар ин хусус Ш.Ниёзӣ[51],
В.С.Расторгуева[52] ва М.Муҳаммадиев[53] бисьёр мулоҳизаҳои муҳим
баён кардаанд. Дар солҳои охир Шарофиддин Рустамов дар зимни таҳ-
қиқи исм ба ин масъала махсус диққат дода, доир ба васли калимаҳо
ва таркиби морфологии калимаҳои мураккаби исмӣ ба андозае ҷидди-
тар таваққуф кардааст.[54] Вале дар лаҳҷашиносии тоҷик масъалаи
таҳқиқи калимаҳои мураккаб то солҳои наздик аз назари олимон дур
мондааст. Фақат солҳои охир як гурӯҳ мутахассисони ин соҳа вобас-
та ба омӯзиши лаҳҷаҳои ҷудогона дар хусуси қонунияти васл ва тарки-
би морфологии калимаҳои мураккаби исму сифат баъзе маълумот до-

---

50. Шарофиддин Рустамов. Калимасозии исм..., саҳ. 22.

51. Ш. Н. Ниёзӣ. Исм ва сифат, саҳ. 13–31 ва 36–48.

52. В. С. Расторгуева. Словообразование имён существительных и прилагательных. Ниг. "Таджикско-русский словарь". М., 1954, стр. 539–548.

53. М. Муҳаммадиев. Принципҳои асосии калимасозии забони тоҷикӣ. Маҷ. "Масъалаҳои забони тоҷикӣ". Душанбе, 1967, саҳ. 37–45.

54. Шарофиддин Рустамов. Калимасозии исм... саҳ. 57–67.

даанд.. [55] Дар бораи исму сифатҳои мураккаби шеваи ҷанубӣ бошад,
то кунун ҳатто ягон қайди ҷузъӣ ба назар намерасад.

Дар калимасозии исму сифат тарзи мураккаб як ҳиссаи кало-
неро ташкил медиҳад. Чи тавре ки равшан аст, ин қабил калимаҳо
дар натиҷаи ба ҳамдигар пайваст шудани асос ва ё решаҳои ало-
ҳида ташаккул ёфта, мафҳумҳои гуногунро ифода мекунанд.

Калимаҳои мураккаби исмию сифатӣ дар шеваи ҷанубӣ дар асо-
си қолибҳои маъмул ва машҳури калимасозии анъанавӣ ба вуҷуд мео-
янд. Умуман, дар забони тоҷикӣ ин гуна қолибҳои калимасозӣ ниҳоят
қадимианд.

Пайдо шудани қолибҳои калимасозии мураккаб ба таркибҳои
синтаксисӣ вобаста мебошад. Лекин ин процесс давраи хеле дуру-
дарозеро фаро мегирад. Вай ҳамеша бо хатти рост намеравад, бал-
ки дар байн ҳолати (ё шаклҳои) мобайнӣ ҳам давом мекунад, ки
бештар дар орфография ба зуҳур меояд. [56] Чунончи: баъзе таркиб-
ҳои синтаксисӣ ҳамчун як калима мафҳуми ягонаро ифода кунад, ҳам
дар навишт гоҳ дар ҳолати ҷудо, гоҳ якҷоя вомехӯранд.

Шарти муҳимми аз таркиби синтаксисӣ ба вуҷуд омадани ка-
лимаҳои мураккаб ин аст, ки ҷузъҳои таркибҳо маънои аслии худ-
ро ба андозае суст намуда, дорои як зада мешаванд ва мафҳуми
мураккаби ягонаро ифода мекунанд. Г.Пауль менависад: Ибораҳое,
ки асоси калимаи мураккаб қарор мегиранд, заминаи асосии пайдо-
иши калима ба ҳисоб мераванд. [57] Ҷузъҳои калимаҳои мураккаб дар
ҳар забон мавқеъ ва хусусияти ба худ хос мебошанд. Дар забони
тоҷикӣ таркиби композитҳо бо ду тарз воқеъ мегардад:

1. Композитҳое, ки дар таркиби калимаи мураккаб ҷои муай-
ян ва мустаҳкам доранд, яъне ҷои худро иваз намекунанд. Ба ин гу-
рӯҳ асосан, калимаҳои мураккабе, ки дар асоси қолибҳои исм + исм
ва исм + асоси замони ҳозираи феъл ба вуҷуд меоянд, дохил меша-
ванд. Масалан, дар калимаҳои п а д а р а р ӯ с, , з а р ш и -
н о с, ч о р п о я, х у д р ӯ й ва монанди инҳо композитҳо
фақат бо тамоюли яктарафа ба ҳам пайванд шудаанд. Масалан, чу-
нин гуфтан ҷоиз нест: р ӯ й х у д, п о я ч о р, ш и н о с з а р,
а р ӯ с п а д а р ва монанди инҳо.

2. Композитҳое, ки дар дохили калимаҳои мураккаб ҷои нисба-
тан озод доранд. Ноустувории композитҳо боиси он мегардад, ки қис-
ме аз калимаҳои мураккаб бо ду тарз сурат ёбанд. Ин ҳодиса ба -

---

55. Ниг. К. С а и д о в а. Говор таджиков Шаартуза. Автореф. канд. дисс. Душанбе, 1965, стр. 8; Г. Д ж у р а е в. Говоры таджикоязычных арабов. Автореф. канд. дисс, Тбилиси, 1969, стр. 13. М. М а х м у д о в. Говоры таджиков Китобского района. Автореф. канд. дисс. Душанбе, 1971, стр. 11; Б. С а д у л л а е в. Говоры таджиков Шахрисабза. Автореф. канд. дисс. Душанбе, 1972, стр. 10-11.

56. Т. Д. Ч х е и д з е. Именное словообразование.., стр. 63.

57. Г. Ф. П а у л ь. Принципы истории языка. М., 1960, стр. 390.



ҳамон калимаҳои мураккабе дахл дорад, ки композитҳои онҳо дар
асоси қолиби сифат + исм ва ё исм + сифат сохта шудаанд. Маса-
лан, бисьёр воқеъ мегардад, ки калимаи қ а д б а л а н д - ро
ҳамчун б а л а н д қ а д истеъмол мекунанд ва аз ин маънои ка-
лима зарар намебинад.

Аз ин маълум мешавад, ки композитҳо дар рафти ба вуҷуд
омадани калимаҳои мураккаб аз ҳисоби таркибҳои синтаксисӣ ва
аз рӯи нисбати ба ҳамдигар доштаи худ ба мақоми муайян соҳиб
мешаванд. [58] Дар забони тоҷикӣ фақат исм бо сифат дар сохтани
калимаҳои мураккаб зиёдтар ҷои худро иваз карда метавонад. Ин
ҳолат водор мекунад, ки мавҷуд будани ду роҳи анъанавӣ-таърихии
сохта шудани калимаҳои мураккабро хотиррасон намоем: 1) Бевосита
ба ҳам васл шудани асосҳо (ё решаҳо); 2) Аз таркиби изофатдор
ба вуҷуд омадани калимаҳои мураккаб.

Дарвоқеъ, дар ҳолатҳое, ки калимаи мураккаб дар асоси қо-
либи исм (муайяншаванда) ва сифат (муайянкунанда) ба шакл ме-
дарояд, аз таркиби изофатдор пайдо шудани он то андозае ҳис ме-
шавад: қ а д и б а л а н д — қ а д б а л а н д. Вай дар маври-
де, ки калимаи мураккаб дар заминаи қолиби сифат (муайянкунан-
да) ба исм (муайяншаванда) сохта мешавад, дар хусуси бо роҳи
таркиби изофӣ сохта шудани калимаҳо фикр кардан мумкин нест,
балки ин ҳамон роҳест, ки аз қадимулайём дар натиҷаи бевосита
ба ҳам васл шудани калимаҳо давом карда омадааст. Ҳамчун:
б а л а н д қ а д - қ а д б а л а н д, с и ё ҳ р и ш - р и ш -
с и ё ҳ ва ҳоказо.

Ба ин муносибат дар ин ҷо хотирнишон кардани нуқтаи на-
зари проф. Л. С. Пейсиков бамаврид аст, ки ӯ ақидаи баъзе оли-
мони забоншиноси Эронро дар хусуси "изофаи чаппа" рад карда, таъ-
рихан ҷой доштани ҳамон ду қолиби калимасозиро нишон медиҳад. [59]
Пас, ба якдигар ҷой иваз кардани композити исм бо сифат ва си-
фат бо исм дар калимасозии мураккаб, ба гумони мо, аз ҷой дош-
тани ҳамон ду навъ қолиби калимасозӣ шаҳодат медиҳад. Бештари
калимаҳои ба қолиби исму сифат ё сифату исм ба вуҷуд омадагӣ
истеъмол мешаванд ва онҳо ба усули анъанавии калимасозӣ таал-
луқ доранд. Бо вуҷуди ин дар калимасозии мураккаб исм бо сифат
ва сифат бо исм ҳамеша ҷои худро иваз карда метавонанд. Маса-
лан, дар калимаҳои мураккаби навдомод (домоди нав) сардоба
(оби сард) ва монанди инҳо ҷои композити аввал (сифат) устувор
мебошад. Аз ин мебарояд, ки қисми калимаҳое, ки дар асоси қоли-

---

58. К. К. К у р д о е в. О двух принципах образования сложных слов подчинительного типа в курдском языке. Ниг. Краткие сообщения Института востоковедения АН СССР. М., Изд-во Восточной лит-ры. 1959, стр. 67.

59. А. С. П е й с и к о в. К вопросу о перевернутой изофетной конструкции. У межвузовская научная конференция по иранской филологии (Тезисы докладов), Душанбе, 1965. стр. 197.

би сифат + исм ба вуҷуд меоянд, танҳо дар заминаи мураккабша-
вии асосҳо боқӣ монда мегиранд, яъне дар асоси фақат як роҳ сурат ме-
гиранд. Барои ҳамин ҳам дар забони тоҷикӣ о б с а р д, д о -
м о д н а в барин калимаҳоро дучор кардан мумкин нест.
Шеваи ҷанубӣ ҳамчун як шохаи калони забони умумихалқӣ
дар боби калимасозӣ ҳамин ҷараёни тараққиёти умумии забони то-
ҷикиро акс мекунад. Дар ин шева ҳам ба мисли забони умумихал-
қӣ ду намуди калимаҳои мураккаб мавҷуд аст: 1) Калимаҳои му-
раккабе, ки композитҳои онҳо дар асоси муносибати баробарҳуқуқӣ
ҳамроҳ мешаванд. Ин гуна калимаҳои мураккабро дар илми забоншино-
сии умумӣ типи копулятивӣ меноманд. 2) Калимаҳои мураккабе, ки
композитҳои онҳо дар асоси муносибатҳои муайянкунӣ ва тобеъият
ба якдигар пайваст мешаванд. Ин гурӯҳ калимаҳои мураккабро дар
забоншиносии умумӣ типи детерминативӣ меноманд.

Дар забони адабии тоҷик калимаҳои мураккаби гурӯҳи дуюм
сермаҳсул бе шумор мераванд, ки ҳамин ҳолатро мо дар шеваи ҷа-
нубӣ ҳам мушоҳида мекунем. Сарфи назар аз он ки шеваи ҷанубӣ
дар бобати ташкили калимаҳои мураккаб бо забони адабӣ, чунон ки
гуфтем, умуман мувофиқат мекунад, дар баробари ин дорои баъзе
фарқҳо низ мебошад, ки муҳимтарини онҳо чунинанд:

1. А з ҷ и ҳ а т и т а р к и б и ф о н е т и к ӣ (ё х у д
о в о з ӣ). Бисьёр калимаҳои мураккаб мувофиқи қоидаҳои савти-
ёти шеваи мазкур талаффуз меёбанд: х у п - х у п ∠ хуб-хуб,
с и й а - с и й а ∠ сиёҳ-сиёҳ, п о ш о б а ч а ∠ п о д ш о ҳ
+ бача ва ғайра: п о ш о б а ч а фънг-фънг гирйа кард (ш-к.,
Токак); сагмойи сийа-сийайи ҳабата - б-зеб (ш-к., Кишт); гапойи
ҷудо х у п - х у п мезанад-дийа у (в-қ., Оқсой).

2. А з ҷ и ҳ а т и т а р к и б и л е к с и к ӣ. Дар ин
хусус ду ҳолат мушоҳида мешавад: а) мавридҳое мешавад, ки аз
ду ҷузъи калимаи мураккаб фақат якеаш бо забони адабӣ умумият дорад.
Таркиби чунин калимаҳои мураккаби исмӣ аз ду исм ва е аз исму
сифат иборат мешавад: хамирмойа - хамиртуруш (к-ҳ., Қавол),
дъстбела - дастпӯшак (к-ҳ., Шаҳртуз); дейдонкалун (Қаротегин)
ва монанди инҳо. Ин қабил калимаҳо бисьёр нестанд; б) ҳар ду
ҳиссаи калимаи мураккаб аз луғати хоси лаҳҷа иборат мебошад.
Миқдори чунин калимаҳо низ маҳдуд аст: мочък-мочък-лӯнда-
лӯнда (ш-к., Ғеш); қърът-қърът: қърът-қърът кардан (ш-к., Кадучӣ);
ғабдал-ғабдал, майда-майда (ш-к., Ғеш); сафан-сафан (қатор-қатор)
(ҷ-к., Хирманҷо) ва монанди инҳо.

3. А з ҷ и ҳ а т и м у н о с и б а т и ш е в а и ҷ а -
н у б ӣ б о з а б о н ҳ о и д и г а р. Дар шеваи ҷанубӣ як гу-
рӯҳ калимаҳое мавҷуданд, ки ҷузъҳои онҳо аз ҳисоби калимаҳои
русию тоҷикӣ ва ӯзбекию тоҷикӣ, гоҳо русӣ + тоҷикӣ + ӯзбекӣ
шакл гирифтаанд. Ин гуна калимаҳоро мо дар забони адабӣ кам-
тар мебинем. Масалан: картъшкагъл - картошкагул (к., Ялдамич);
тушкабозор (к., Сияҳоб); истарчиговбоқар - сарподабон, сарчупон
(ш-к., Доробӣ); камсамолтуй - тӯи комсомолӣ (в-қ., Сариқбулоқ);
бълғътои - лойоба (в-к., Кулумбаи Поён); кесакдевол - похсадевор,
кулухдевор (в-қ., Кӯл); Кушағба - номи кишлок (в-қ., Ҷирга-
тол); ахтахона - аспхона, оғили пешкуҳодааст мисли пешайвон, ки



аспро мебанданд. (в-қ., Сарикенҷа); г о в б о қ а р - говпой
(ш-к., Хонақо) ва ғайра. Алалхусус, калимаҳои мураккабе, ки ҷузъҳо-
яшон аз унсурҳои забони ӯзбекӣ ва русӣ иборатанд, дар ҳамаи лаҳҷа-
ҳои шеваи ҷанубӣ дучор меоянд.

## ТАРКИБИ МОРФОЛОГИИ КАЛИМАҲОИ МУРАККАБИ ИСМУ СИФАТ

а. К а л и м а ҳ о и м у р а к к а б и н а в ъ и к о -
п у л я т и в ӣ. Чи хеле ки гуфтем, дар шеваи ҷанубӣ калимаҳои
мураккаби типи копулятивӣ умуман каммаҳсул буда, ин ё он қолиб
дар ҳамаи маҳалҳо ба назар мерасад. Калимаҳои мураккаби навъи
копулятивӣ ба ду гурӯҳи асоси ҷудо мешаванд: а) калимаҳои мурак-
кабе, ки бе ёрии воситаҳои пайвандкунанда сурат гирифтаанд: б) ка-
лимаҳои мураккабе, ки бо ёрии воситаҳои пайвандкунанда сурат ги-
рифтаанд.

Таркиби морфологии калимаҳои мураккаби навъи аввал ин тавр
сурат меёбад:

1. Аз такрори ду сифати аслӣ сифати мураккабе сохта меша-
вад, ки аломати ҳодиса, хислати шахс, сифати предмет ва ғайраро
нишон медиҳанд: йакта сийойи телба-телба, калон-калон, қърни ме-
гем (ш-к., Ғеш); боруни майда-майда умадайсай (к., Шуле); мори
рахшак-рахшаки алобуло-йай - баҳтър (ш-к., Ғеш); мъло-ра дидум,
ки чъшм-ъш алас-алас-ҳаросон (ш-к., Даштиҷум); гапойи ҷудо хуп-
хуп мезана-дийа у(в-қ., Оқсой); вай дандунойи ҷағоф-ҷағоф (роғ)
дорад (қ., Қалъанак); йаке тарбъз ай дастум ғалтид-ъ лахта-пахта
пора-пора шуд (к-ҳ., Шӯриён).

2. Аз такрори як сифат, ки ҳиҷои дуюми ҳиссаи аввалаш бо
сурати па воқеъ мегардад, сифати наве сохта мешавад, ки дараҷаи
зиёдии сифати предметро нишон медиҳад: бис мунут-да йа куза-ра
тапа-тайор мекъни (ш-к., Момандиён); у сеwи тъпа-търъш-ай (ш-к.,
Доробӣ).

3. Аз такрори асоси феъли замони ҳозира ба воситаи суффик-
си -"ак" исмҳои мураккаби амал ва номи предмет сохта мешавад:
ба зарби давак-давак калхос-а пешқадам каем (ш-к., Щехмизон);
ай йагон ҷо йо шаҳ мейоран, йо мебаран ба ... д бърор-бърорак-ра
(номи суруд) мехонан (к-ҳ., Файзобод).

4. Аз такрори сифат исми маънӣ ба вуҷуд омадааст: ина амон-
амон шидай мегун, ба (баъд) бърмадай (к-ҳ., Норак).

5. Аз такрори исме, ки дар ҳиссаи дуюми он ба ҷои овозҳои
аввал ҳамсадоҳои п, м меоянд, исми мураккаби пайваст ба вуҷуд
меояд. Ин ҳодиса дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ умумӣ мебошад:
ош-мош, бъз-мъз, хърс-пърс, хона-пона, търактър-пърактър, ҳиҷра-
миҷра, барг-марг, чой-пой, қанд-панд, зиндон-миндон, ҳақ-пақ, гург-
пург, нон-пон, ангър-мангър, авқот-павқот, гандум-пандум; ҷав-пав
ва мисли инҳо.

6. Дар лаҳҷаҳои қишлоқи Қалъаи Лаби оби районы Ғарм ва
дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб як навъи калимасозии сифат вомехуранд,
ки дар натиҷаи такрори як шакли феълӣ ба вуҷуд меояд. Дар ин

ҳол дар маротибаи аввал он феъл ба шакли аорист дар маротибаи дуюм ба тариқи инкор воқеъ мешавад: бърам-нарам – равам ё наравам, бъхъръм-нахъррм – хӯрам е нахӯрам. Мисол: ай бърам-нарам бътарс; ай бъхъръм-нахъръм бътарс-аз хурам ё нахурам тарс. (ш-к., Ховалинг).

Тарзи ташкили исму сифатҳои мураккаб бо ёрии воситаҳои пайвандкунанда. Дар ин вазифа инфиксҳои б а// w а, о, у ба кор бурда мешаванд.

1) Ба воситаи б а //wа : а) аз пайвандшавии ду ё зиёда исмҳои гуногуни якхела, сифатҳои мураккаб сохта мешаванд. Хусусияти ин қабил сифатҳо махсусан дар он зоҳир мегардад, ки зиёдтарашон ҳамчун ҷузъи номии феълҳои таркибии номӣ истифода мешаванд: шар- йиқбайиқ – дастбашар, дъсбакор – чақон, чолок, сарбасар – баробар, ростбарост//раҳбабагиребон, тоқабатоқа, думи-бадум, гардабагарда, ростбарост//раҳбабагиребон. Мисолҳо: гово-ра гардабагарда (н) бастан (ғ-к., Данғараи Борост. Мисолҳо: гово-ра гардабагарда (н) бастан (ғ-к., Данғараи Борост); бобойи Шариф ҳайтас мекъна-ву гапи ростбарост-а гъфта нато-ло); бобойи Шариф ҳайтас мекъна-ву гапи ростбарост-а гъфта нато-нист (ш-к., Момандиён); йа суламии галаговбасар-а айол овардас (қ., Порвоғ); ҳарду-ш Ҷавонӣ); Маҳмуд одами хафзани дъсбакор-ай (қ., Порвоғ); ҳарду-ш йиқбайиқ шъд (к-ҳ., Ҷаманбулоқ); б) ба воситаи инфикси ә ва ба аз такрори ду калимаи якхела ҳам исм сохта мешавад. Лекин бо ин роҳ сохта шудани исмҳо назар ба сифатҳое, ки дар боло зикр кардем, ниҳоят каммаҳсул ҳисоб меёбад. Дар материали мо дар ин бобат фақат як калима воxӯрд; гирдобагирд – атроф. Мисолҳо: пас ай и кор покиза гирдобагирди вай рег мезана (ш-к., Саримайдон); ҳами гирдобагирди хуна мурча (в-қ., Ярхаб); покиза гирдобагирди чагдон-а, ки васъл кардан, рег задан, бад угам бу мекънан (ш-к., Ғеш).

2) Ба воситаи инфикси (садоноки) пайвасткунандаи "о":

а) аз такрори сифатҳои аслӣ, исмҳои ҳархела, асосҳои замони ҳозираи феъл ва ғайра сифат сохта мешавад. Қисми зиёди ин қабил калимаҳо дар калимасозии феъл (ҳамчун ҷузъи номии феъли таркиби номӣ) иштирок мекунанд: саропушта – сари пушта, гармохънък, пешодумбол-пешу думбол, сароруйа, пешору рӯ ба рӯ : чъқропасти – баландупаст, чапорост ва ғайра. Мисолҳо: аспо гармо-хънък шидан (в-қ., Лангар); пешодумкол рафтоwдум (қ., Почеи Поён); мо пешодумкол умадем (в-қ., Деҳаи Калон); иҷа чъқъропаст бъдай (қ., Обигарм); ҳамқа чапорост шъдай ки ... (қ., Чанор); йа оталайи сароруйи кардем-да (ш-к., Хонақо); и (н) кутали пешору-ра мебуром ҳоли (қ., Яхакюст);

б) аз такрори асоси замони ҳозираи феъл бо ёрии садоноки – о исм сохта мешавад; бъзанобъзан, нависонавис, ҷушоҷуш, паропар, моломол, гърезогърез, кашокаш, шапошап. Мисолҳо: болоо, ки меғърембан оw қоқ меша, бо (боз) гърезогърез меша (в-қ., Ҳиҷобарак); одамо паропар (к-ҳ., Ёвон); баъд кашокаш мешава (к-ҳ., Ҷонварсӯз); дъ-се сол кашокаш кардъм, бо (боз) нашид (ш-к., Кадучӣ); да ҳалқ-ът ҷушоҷуш мерезъм-ъш (ш-к., Ховалинг); бъзанобъзан кардан (ш-к., Ховалинг); шапошап шъд ай дасти бади-ш-а (в-қ., Қушағба); и мӯалим ай бароии маҳтав нависонавис дора (в-қ., Ҳиҷобарак); и мардъм гърезогурез бъд (қ., Халқарф);

в) дар байни калимаҳои тасвирӣ садоноки – о омада, исм месо-



зад: тарақотуруқ, ғиҷоғиҷ.

3) Ба воситаи "у" ("ъ") аз исм+исм ва сифат+сифат исму сифатҳои мураккаб сохта мешаванд, ки номҳои предметҳои гуногун: ҳашарот, хислатҳои инсон ва ғайраро мефаҳмонанд. Бештари чунин калимаҳои мураккаб аз синоним ва антонимҳо ба вуҷуд омадаанд: лунбулаванд – гарданшах, пъшокупар, повупар, каҷукилев – пастубаланд, молъамвол, балавучақа, зоғузағал, камукута, гъфтугузор, хъшкъхоли, лоқупар, олуқусолук, пахупух, лақудъқ ва ҳоказо.

Мисолҳо: зоғузағал хурда мерава и хар-а (қ., Марғзори Сир); молъамволи дъхтар-а гирифт-ъш (ш-к., Ғеш); мардумо хешутаwор мекънан (ш-к., Ховалинг); бачам, ҳар лундулаванд-а ба барзагови аламон баробар кардан нагир (к-ҳ., Норак); ҳаму лақудак-а фъридем (к-ҳ., Элок); бо калуно пахупух мекънан (ш-к., Шехмизон); шумо-йам балавучақа-ту дар Дъшанби? (в-қ., Ярхаб); ба йа кали абата//ҳабата иқа гъфтугузори зийоте куна (в-қ., Ярхаб); и сафар камукута пъл ройи-т мекънум (в-қ., Ҳиҷобарак).

4) Ба воситаи пешоянди "дар" кам бошад ҳам, дар баъзе лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ аз асосҳои феълӣ исмҳо, сифатҳои мураккаб сохта мешавад: чундаргил – чӯбандаргил (қ., Самсолиқ); шавдаршав, панҷ дарпанҷ. Мисолҳо: пъҷрайи мън панҷ дарпанҷ-ай (в-к., Сарикенҷа).

б) Калимаҳои мураккаби гурӯҳи детерминативӣ. Усули детерминативии калимасозӣ, мисли забони адабӣ, дар лаҳҷаҳо ҳам аз ҳодисаҳои асосӣ ва маъмул аст. Мо ин тарзи калимасозиро вобаста ба ҳиссаҳои алоҳидаи нутқ аз назар мегузаронем, то ки тарзи калимасозии исм ва сифат хубтар намоён шавад.

Исмҳои мураккаб. Таркибҳои морфологии исмҳои мураккаби тобеъ хеле гуногун буда, онҳо дар натиҷаи ба ҳамдигар муносибати тобеъкунӣ ва тобеъшавӣ пайдо кардани ҳиссаҳои гуногуни нутқ ҳосил мешаванд. Бо вуҷуди ин, ҳамаи ҳиссаҳои нутқ дар калимасозии исм баробар иштирок намекунанд. Инро мо аз эзоҳоти поён равшан дида метавонем.

1. Аз ду исм исмҳои мураккабе сохта мешаванд, ки дар онҳо бештар ҷузъи якум ба дуюм тобеъ аст. Чунончи: ангурбоғ – боғи ангур, дандундард – дарди дандон; камсамолтуй – тӯи комсомолӣ ва ғайра.

Исмҳои мураккаби тобеъ, ки аз ду исм ба вуҷуд меоянд, бештар номи предмет ва истилоҳоти этникиро ифода мекунанд. Ғайр аз ин, чунин исмҳои мураккаб номҳои ҳайвоноту парранда, набототу растанӣ, номҳои маҳаллу ҳодисаҳои гуногуни табиатро низ дарбар мегиранд. Инак, таснифи исмҳои мазкур:

а) исмҳои ифодакунандаи асбобҳои рӯзгор, сарулибос, пойафзол ва дигар асбобҳои зиндагӣ: пойтеша – навъи теша, дъсбеладастпӯшак (бд., Мулвоч); чағдег-чархдег (ш-к., Ғеш); алачакарбос (к-ҳ., Девонабегӣ); шаҳкоса-навъи коса (в-қ., Саридашт); дъстозосиёи дастӣ (қ., Навдӣ); чахтакпай (в-қ., Лахш), къртанустин-як навъи ҷома (в-қ., Оқсой); лагантавақ-тағора (в-қ., Сарикенҷа) сарафзал – қисми лаҷоми асп (қ., Войдара); табарзин (қ., Қаҳдара);

дар ҷои аввал ...

Сарикенҷа).

Калимаҳои мураккаби навъи боло бо суффиксҳои калимасоз ҳам
меоянд: бинишиканак - гули аҷириқ (қ., Халқарф); рупушак (в-қ., Нӯ-
шор); б) исмҳои мураккабе, ки аз ду, ҳатто се исми содда (гоҳо
як сифат) ва асоси замони ҳозираи феъл сохта мешаванд. Ин гурӯҳи
исмҳои мураккаб камтар вомехӯранд: дъстовгир - дастшӯй (ш -к.,
Мӯминобод); сънорхъшкън - шахсе, ки арӯс интихоб мекунад (ш-к.,
Даштиҷум); асйовроскън, алоwроскън (в-қ., Ёзғанд); алибочхамбун -
барфи калон-калон (қ., Хумдон); кордчасангзан - қайроқ (в-қ., Пил-
дон); хонароскън - хонасоз (қ., Ҳакимӣ); ҷъфҳайкън (ш-к., Зиракӣ);
подахоw раw - ҷои дамгирии пода, дулҳучкънчуw - чӯбе, ки бо он
дӯл мебардоранд (в-қ., Сарикенҷа); зъйродусдор (ш-к., Ховалинг);
нъхутшуракфъръш (қ., Каҳдара) ва мисоли инҳо,

в) дар ҳолате, ки калимаи мураккаби аз исму асоси замони ҳо-
зираи феъл сохташуда, суффикси - а к // - ъ к қабул мекунад, хусу-
сияти предметии исм равшантар зоҳир мешавад: аспатақакунак - бол-
ғаи асп наъл мекардаги (в-к., Сарикенҷа); нунроскънак - асбоби ха-
мирросткунӣ (в-қ., Тавилдара); кълухбаҷокънак (қ., Каҳдара); корвун-
хаваркънак - навъи паррранда (қ., Хумдон); балодъркънак - пешку-
нандаи бало (в-қ., Нӯшор); дъстпокунак, хафабандък - гулӯбанд (ш-к.,
Даштиҷум); дъшмонтийак, фохтагирак - номи ҷой (в-қ., Кӯл); раҳ-
давък - номи растанӣ (в-қ., Войдара); оw партойак - номи касалӣ (ғ-к.,
Рӯноб); бънишиканак - гули аҷирик бо шоха (қ., Ялдамич ); шамол-
барак - бодбарак (ш-к., Шехмизон); дъсқапак - дастаи дар (қ., Хум-
дон) ва ғайра.

г) агар калимаҳои мураккаби аз исму асоси замони ҳозираи феъл сохташуда суффикси - и қабул кунад, номи процесси амали предмет конкрет мегардад: дуршави (ғ-к., Кангурт); руғанҷуши - номи таом (к., Каҳдара); моҳикаши (қ., Пору); ва ғайра. Исмҳои мураккабе, ки аз исму асоси замони ҳозираи феъл сохта мешавад, ба туфайли суффикси - и асосан машғулиятро ифода мекунанд: фармонбардори (ш-к., Наврӯҳо); с а д р а н ҷ б о з и (қ., Обигарм); пътакдузи (к-ҳ., Ёвон); курпатаҳкъни (к-ҳ., Мағмуруд); пахтачини (ғ-к., Данғараи Боло) тоқидузи (к-ҳ., Ёвон); ҳотакори (ш-к., Ховалинг); қинғолбози (ш-к., Мӯминобод) ва ғайра.

5. Исмҳои мураккаб аз асоси замони ҳозира ва гузаштаи феъл, ҳамчунин исм, ки пеш аз феъл ё баъди он воқеъ мешаванд, низ сохта мешаванд. Аммо ин қолиб ниҳоят каммаҳсул мебошад: п о д а у м а д - вахти подаумад - вақти омадани пода (ҷ-к., Порвор); афтоешин - ғуруби офтоб (ш-., Даштиҷум); п а р с у з - парсӯз (ш-к., Наврӯҳо ).

6. Аз исм+сифатҳои феълӣ бо ёрии префикси - н о ҳам исмҳои мураккаб сохта мешаванд, ки он қадар серистеъмол намебошанд: руэнодида, маптавнонида, сафеднокарда (к-ҳ., Девонабегӣ) ва ғайра.

### Сифатҳои мураккаб

Сифатҳои мураккаб, асосан, дар қолибҳои калимасозии исм ба вуҷуд меоянд. Бо вуҷуди ин на ҳамаи он имкониятҳое, ки дар боби



дар калимасозии исм қолиби исм+сифат усули сермаҳсул ҳисоб мешавад. Вале дар сифат бо роҳи сифат+сифат пайдо шудани сифатҳои мураккаб мисли к ъ ҳ н а о в о т ва н а в о б о д // н а в о в о т танҳо дар чанд калима дида мешавад.

Таркибҳои морфологии сифатҳои мураккаби типи тобеъро мухтасар ба тарзи зерин нишон додан мумкин аст:

1. Аз ду исм сифати мураккаб ба вуҷуд меояд, Ин тип ниҳоят каммаҳсул бошад ҳам, дар ҳамаи маҳалҳо вомехӯрад: бачамард - ҷавонмард, къртъқдърав (ш-к., Ховалинг); шътурдандун (в-қ., Оқсой); дамбел - одами фарбеҳ (қ., Обигарм); патакреша - серреша (қ., Обигарм); мепондуст (бд., Андароб.); йасовнухта - аспи тӯранда (ш-к., Ховалинг); лабшакар, пурхумор ва ғайра.

2. Аз сифат+исм. Дар ин қабил калимаҳо ду ҳолатро дучор мекунем:

а) калимаҳои мураккаби сифатие, ки дар натиҷаи дар ҷои аввал истодани сифат сохта мешаванд. Ин навъи сифатҳои мураккаб дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ сермаҳсул мебошад: папмов - пахноб (Қаротегин); пъркуват (ш-к.. Ховалинг); шахсар - коргурез (ш-к., Кӯлдара); вазминпо (қ., Ҳакимӣ); калтадум (к-ҳ., Ёвон); тоқадаст (қ., Шулманак); наргъл (қ., Обигарм); сафедтабақ (бд., Нуд); пирмомак - маҳмадоно (в-қ., Сарикенҷа); майдабарг (ш-к., Мӯминобод); софдил (қ., Яхакюст); дърозумр - дарозумр (ҷ-к., Ел), зукаҷуwон, майдарег (ҷ-к., Порвор); сийодърун - одами бадкина (в-к., Кулумбаи Боло); сийачироғ (ш-к., Ховалинг); зиқру - гамнок (ш-к., Кулдара); лахмзмин - замини серхоки мулоим (қ., Гулхайри Боло); памриш (в-қ., Гурдхам) сапалпо - одами покалон (қ., Войдара); хънъкгап (бд., Ғорон); бадру (ш-к., Ховалинг).

б) калимаҳои мураккаби сифатие, ки дар натиҷаи дар ҷои дуюм омадани сифат сохта шуда, номҳои хӯрок, касалӣ, хусусиятҳои одам ва ғайраро ифода мекунанд, ки онҳо назар ба навъи якӯм каммаҳсултар мебошад: повазмин- ҳомила, къртасърх (қ., Пору); раҳрост, къртасэфед - дъхтари къртасэфед, пойлуч - побараҳна (ш-к., Ховалинг); пъшлич - безинуабзал (ш-к., Ховалинг); сарсъфед - одами сарсъфед ; пешониқашқа - гови пешониқашқа, даҳанхънък - ҷавони даҳанхънък, бодхъшк - дарахти бодхъшк, саркалун - бачаи саркалон;: решақоқ - дърахти решақоқ, дилсэфед, рангзард ва мисли инҳо.

3. Аз сифат+сифат: шохнам - борони кӯтоҳмуддат (қ., Хумдон); сийапир, мааки сийопир - шахсе, ки синусолаш ба пирӣ расидааст, вале мӯяш сиёҳ мебошад (к., Шуле); сийомазанг - одами сийомазанг - зангӣ (ш-к., Даштиҷум).

Ин қабил сифатҳои мураккаб камистеъмол бошанд ҳам, дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ ба назар мерасанд.

4. Аз шумораву исм: одами садпо (қ., Обигарм); дъкафонсеw (қ., Гулхайри Боло); шаҳри йакчашма (к.-ҳ. Мағмуруд); чортарк - чоргуша (ш-к., Ғеш); дънима (ш-к., Ховалинг); нимпаз - оши нимпаз (к-ҳ., Файзобод).

5. Аз исм+асоси замони ҳозираи феъл ва зарф: талхакаф - тарсончак (қ., Ғофилобод); хоркаш - одами хоркаш (ш-к., Шехмизон);

ҳавойихър – муфтхӯр (ш-к., Кӯлдара); хабарйор – одами хабарийор, хабаркаш (ш-к., Даштиҷум); барвахез – одами барвақтхез (қ., Пор-вог); саҳархез, дардаро – одами дардаро, дайду (к-ҳ., Норак); дилй-ов – ҷавони дилийоб (қ., Обигарм); нунте (ғ-к., Рӯиоб); нонбайд (в-қ., Сарикенҷа); нақшдуз (ш-к., Даҳана); қалъқшин (қ., Ғофилобод); танабаста – дарахти танабаста (қ., Обигарм); дастнигар (ш-к., Гурд-ҳам) ва монанди инҳо.

Баъзе аз ин гуна калимаҳои мураккаб, аз қабили қ а л ъ қ – ш и н, н у н т е, ба фикри мо, аз сифати феълии қ а л и қ ш и н а н д а, н о н д и ҳ а н д а ба вуҷуд омадаанд.

6. Аз сифат+асоси замони ҳозираи феъл: з у р о в а р – ҷавони боқувват (ғ-к., Данғара); пъргу – одами пъргӯ, сергап (қ., Обигарм).

Дар баъзе мавридҳо ин қабил сифатҳои мураккаб бо суффикси – а к // – ъ к низ шакл мегиранд: пешпарък – маҳмадоно (ш-к., Мӯминобод).

7. Аз исм ва сифатҳои феълӣ кам бошад ҳам, сифатҳои мураккаб сохта мешаванд: почаканда – одами эзораш даридагӣ (қ., Шуле); солхурда (қ., Обигарм), пошикаста, дармунда (ш-к., Ховалинг).

Ба ҳамин тариқ, тарзи ташкили калимаҳои мураккаб, алалхусус як типи калимаҳои мураккаби тобеъ, дар шеваи ҷанубӣ, асосан, ба қолиби ин навъи калимасозии забони адабӣ монанд аст. Фарқи асосӣ дар ин бобат бештар дар хосияти ҷузъҳо, ки гоҳ калимаҳои умумихалқӣ ва лаҳҷавӣ, гоҳ холис калимаҳои лаҳҷавиро дар бар мегирад, ба назар мерасанд.

## Ш У М О Р А

Дар бобати шумора шеваи ҷанубӣ аз забони адабӣ бо баъзе хусусиятҳои фонетикӣ фарқ мекунад. Инро мо аз ҷадвали зерин ба хубӣ дида метавонем.

### ШУМОРАҲОИ МИҚДОРӢ

а) лаҳҷаҳои типи кӯлобӣ

| лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб | лаҳҷаҳои ғарбии Кӯлоб | лаҳҷаҳои ҷанубии Кӯлоб | лаҳҷаҳои Роғ | лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор | Бадахшон |
|---|---|---|---|---|---|
| йа//йаг// йак | йа//йак йаг | йа//йаг// йак | йа//йғт// йак//ак | йа//йак | йак |
| дъ//ду | дъ//ду | дъ | дъ | ду//дъ | ду//дъ |
| панҷ пан//панҷ | панҷ | панҷ | панҷ | пан//панҷ | панҷ |
| ҳаф//афт | ҳафт | афт//ҳафт | афт//аф | ҳафт | афт |
| ҳаш//ҳашт | ҳашт//ҳаш | ашт//ҳашт | ашт | ҳашт | ашт |
| нъ//ну | ну//нъ | нъ//нъҳ | нъ//нъҳ | ну | ну (ҳ) |
| да | да | да | да | да | да (ҳ) |





| лаҳҷаҳои қаротегинӣ | лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ |
|---|---|
| йа//йак//йаг | йак//йаг//йа |
| дъ | дъ |
| панҷ//пан | панҷ |
| ҳаф//афт | ҳафт//афт |
| ҳашт | |
| нъ//нъҳ | ҳашт//ашт |
| да//даҳ | нъ |
| | да//даҳ |

Шумораи й а к дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ дар ин шакл аҳьёнан дучор меояд. Аммо дар лаҳҷаҳои шимолӣ ва инчунин лаҳҷаҳои ғарбии Кӯлоб, кӯлобии Ҳисор шаклҳои й а // й а г // й а к истифода мешаванд. Айни ҳамин хусусият ба лаҳҷаҳои гурӯҳи қаротегинӣ низ хос аст.

Аз ин нуқтаи назар, дар байни гурӯҳи лаҳҷаҳои Қаротегину Кӯлоб як дараҷа монандӣ ва умумият ба назар мерасад.

Масалан: йа лаъли ангур-а чиндъм ба ака-м-а бурдъм (ш-к., Ховалинг); и бача й а г марта наома (ш-к., Даштиҷум); бовойи мън йа бъз-ъ й а гуспан дошт (қ., Шуле); биргати мо қати й а г бача й а г дъхтар ай съни матаw ома (қ., Муҷихарф);

Шумораи д у дар лаҳҷаҳои гурӯҳи шимолӣ ва ғарбии Кӯлоб, инчунин дар гурӯҳи кӯлобии Ҳисор дар ду вариант д ъ // д у дучор мешавад. Вале дар лаҳҷаҳои кӯлобӣ шакли д ъ дар лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор ва Бадахшон шакли д у сeристеъмол мебошад. Дар лаҳҷаҳои гурӯҳи Қаротегин, вахиёй-қаротегинӣ ва Роғ танҳо шакли д ъ қайд шудааст.

Дар шумораи п а н ҷ ҳамсадои ҷарангдори охирин ҷ дар ҳамаи лаҳҷаҳо ё тамоман талаффуз намешавад ва ё ба ҳамсадои беҷаранги "ч" мубаддал мешавад. Вале аҳьёнан бе тағьир меояд. Масалан: тъда ака-т пан сум ъьте (қ., Ғофилобод); бачайи тағойи ма панҷ солай, ки Душанби-да мехона (қ., Дегдон).

Дар лаҳҷаҳои гурӯҳи Қаротегину Кӯлоб аз охири шумораҳои соддаи ҳ а ф т, ҳ а ш т, б и с т, ш а с т ҳамсадои беҷаранги-т афтида, аксар дар шаклҳои ҳ а ф, ҳ а ш, б и с, ш а с истеъмол мешаванд. Масалан: зани бургати мо шас кило орд-а ай магазин харидай (қ., Шуле); ҳотаи калхос-да бис бъз-ъ гусфанди ҷамарда гаштай (қ., Ҳакимӣ). Аммо дар шумораи ҳафтод, ҳаштод, бистӣ барқароршавии шакли аслии шумораҳои ҳ а ф, ҳ а ш: ҳ а ф т о д // ҳ а ф т о д, ҳ а ш т о д // ҳ а ш т о д ба назар мерасад. Инчунин ҳангоми дар шакли таркибӣ воқеъ гаштани калимаҳои ҳ а ф т, ҳ а ш т, б и с т ва ш а с т барқарор гаштани шаклҳои аслии онҳо мушоҳида мешавад: б и с т – у м, ш а с т – у м, ҳ а ф т – у м.

Дар лаҳҷаҳои мазкур аз шумораҳои соддаи шаклан шевагӣ

нуҳ // нъ, дувоздаҳ // дъвоздаҳ, сездаҳ, чордаҳ, понзда // понъздаҳ, ҳафтаҳ // ҳавдаҳ, ҳашда // ҳаждаҳ, пинҷо // пинҷоҳ ҳамсадои бечаранги ҳалқии чуқури "ҳ" афтида онҳо дар шаклҳои ихтисоршудаи "ну, да... пинҷо//панҷо кор фармуда мешаванд.

Лекин дар лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ шаклҳои понзда//понъзда//понздаҳ низ дучор шудаанд. Масалан: ай дукони қишлоқ понъзда келo орд харидум (в-қ., Ҳоит); и куча-да понзда одам-ай (в-қ., Ҳоит).

Дар гурӯҳи лаҳҷаҳои Қаротегину вахиёй-қаротегинӣ, ҷанубии Кӯлоб дар шумораҳои соддаи ҳаф, ҳаш, ҳафтод, ҳаштод аз аввали калима афтидани ҳамсадои бечаранги "ҳ" дида мешавад: а́фт // а́ф-дар Роғ, а́шт, а́бда, а́фтод // а́фтот, а́штот // а́штод, а́зор // ҳазор.

Чунин ҳодиса, асосан, хоси лаҳҷаҳои Дарвоз ва лаҳҷаҳои тоҷикии Помири Советӣ [60] буда, дар шеваи ҷанубӣ, бештар дар лаҳҷаҳои Қаротегин, ҷанубии Кӯлоб, Роғ ва Бадахшон маъмул аст: йа шикораки а́бда паранда-ра сайд кардай; ма и ҳота-да а́жда сол мёнат кадум (қ., Хумдон); ай замини калхос ма а́фт, а́шт харбъза гирифтум (ҷ-к., Давлатобод); Гулхотун хъд-ъш а́фта духтар дошт (бд., Кӯҳилал).

Тарзи истеъмоли ҳисоби ададҳои бистӣ дар ҳамаи шеваҳои тоҷикӣ як хел нест. Мутаассифона, на ҳамаи тадқиқотчиён дар ин хусус эътибори зарурӣ додаанд. Масалан, шарҳи ин масъала аз назари муаллифони лаҳҷаҳои Қаротегин [61] ва Роғ [62] тамоман берун мондааст. Баракси ин дар тадқиқотҳои лаҳҷаҳои Кӯлоб [63] ва Ёвон [64] вуҷуд доштани тарзи ҳисоби мазкур бо далелҳо исбот шудааст. Тарзи ифодаи ададҳои нисбӣ дар шеваи ҷанубӣ (ҳам типи лаҳҷаҳои қаротегинӣ ва ҳам кӯлобӣ) дорои ду ё дар баъзе ҳолатҳо се шакли зерин мебошад.

Дар гурӯҳи лаҳҷаҳои Қаротегин, вахиёй-қаротегинӣ, лаҳҷаҳои Кӯлоб ва кӯлобии Ҳисор, махсусан Ёвон, чунин ду шакли ба ҳам монандро мебинем, ки дар онҳо ададҳои аз бист зиёд аксар бо тарзи бистӣ (дар ифодаи чиҳил, шаст, ҳаштод) шуморида мешаванд: дъ бист -(40); дъ бист-у да (50); чор бист-ъ // бист-у (80) ва ғайра.

---

60 М. Файзов. Язык рушанцев Советского Памира. Душанбе, „Дониш", 1966, стр. 85-91.

61 А.З.Розенфельд. Говоры Каратегина. стр. 12.

62 Ю. И. Богорад. Рогские говоры .... стр. 148-149.

63 Р. Л. Неменова. Кулябские говоры ..., стр. 40.

64 О. Ҷ. Ҷалолов. Гурӯҳи шеваҳои тоҷикони райони Ёвон. Душанбе, 1967, саҳ. 31. Минбаъд: О. Ҷ. Ҷалолов. Гурӯҳи шеваҳо ..., Р. Л. Неменова. Кулябские говоры ..., стр. 40.



Дар ифодаи си́, панҷо ва навад ба адади бист зам кардани шумораи даҳӣ шуморида мешавад: йа бисти да-30; дъ бистъ//ду бисту да-50; се бис-ъ да-70; чор бистъ//чор бисту да-90.

Масалан: се бист-ъ панҷ-ънда дърумаум, ай ҳъкъмат моҳуна мегиръм (қ., Хуфак); дъ бистак-ъ да килограм гандъм харидум (в-қ., Ҳиҷобарак); ма дъ бистак-у да рафтам (қ., Сиёҳрб); ай ма бисум, ай вай се сум мегирифт (к-ҳ., Даҳана); бе и-м чор бист-ъ даҳ-да рафтай (қ., Яхакюст); мъ се бист-ъ да рафтъм (ш-к., Ховалинг (ш-к., Ховалинг) ай руи кънишка чорбисти́ мегърифтем (ш-к., Шӯробдара). [65]

Тарзи мазкури шумор дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб, махсусан, Ховалинг серистеъмол буда, аммо дар гуфтугӯи мардуми Сарихосор, махсусан, Шӯробдара бештар дар нутқи калонсолон дучор мешавад. Дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб дар нутқи калонсолон дучор мешавад. Дар лаҳҷаҳои Ховалинг бошад, танҳо барои нишон додани синну сол истифода шудани он қайд шудааст: мъ се бист-ъ йа рафтъм (ш-к., Ховалинг). Ададҳоро аз ҳудуди бист то 100 ба тариқи кам кардани 1, 2,3 чунин мешуморанд; йакам бис-19; дъ кам бис-18; се кам бис-17; йакам чил-39; дъ кам чил-38; секам чил-37. Чунин ҳодиса дар лаҳҷаҳои Қаротегин, махсусан, дар лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ бештар ба назар мерасад. Дар лаҳҷаҳои дигари шеваи ҷанубӣ истеъмоли он хеле маҳдуд мебошад: мън дъ кам шаст рафтам (в-қ., Нӯшор); дина йа кам чил кило довудум, бо (боз) и руз овардум (қ., Ҳакимӣ); вай се кам чил сум дора (ш-к., Давлатобод); дъ кам панҷота бъз-ъ гуспан дора (к-ҳ., Мирзоӣ); йа кам шаст мегуйан (в-қ., Лахш); йа кам шаст рафтай (қ., Самсолиқ).

Ҳар ду ҳодисаи дар боло зикр шудаи шумораи ададҳо дар баъзе аз лаҳҷаҳои дигари забонамон низ дида мешавад. [66]

Проф. В.С.Расторгуева дар лаҳҷаҳои Чуст дар шумораҳои аз ҳазор беш баъзан ба кор бурда шудани тарзи шумори сезда сат, чорда сат - ро қайд кардааст, [67] ки дар мисолҳои лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ ба мо дучор наомад.

Шумораҳои навъи мазкур, ки дар лаҳҷаҳои забонамон, асосан, хоси нутқи кухансолонанд, ҳоло пай дар пай камистеъмол шуда истодаанд, онҳо, хусусан, барои ҷавонон бегонаанд.

Дар ин гуна таркибҳо шумораи миқдорӣ бо калимаи ним низ меояд. Дар ин маврид ду ҳолат ба назар мерасад:

а) калимаи ним пеш аз шумора истифода шуда, бо он як таркиби мураккаб ташкил медиҳад: бова-ш мега, ки чан фурухти? нимтанггайина нуҳтанга (в-қ., Кӯл).

---

65 Дар лаҳҷаҳои Сиёб дар шакли си́ да пинҷо, шишт да чил сохта шудани шумораҳои миқдорӣ қайд шудааст. Дар ин бора ниг. М. Маҳмудов. Говоры таджиков китабского района. Автореф. канд. дис. Душанбе, 1971, стр. 11.

66 О. Д. Джалолов. Отношение чустского диалектика..., стр. 26-27;

67 В. С. Расторгуева. Очерки по таджикской диалектологии вып. 2, 1952, стр. 84. Минбаъд: В. С. Расторгуева. Очерки... вып. 2,

б) пас аз шумора меояд. Пас аз шумора омадани калимаи ним дар забони форсӣ-кобулӣ низ дучор мешавад. Вале фарқ дар он аст, ки дар забони форсӣ-кобулӣ пайвандак одатан меафтад: йак-ним, ду-ним"[68]. Аммо дар шеваи ҷанубӣ калимаи ним бо шумора ба воситаи пайвандак алоқаи грамматикӣ пайдо мекунад: қариw дъw-ним моҳ хоб кардай (ш-к., Сангдара).

Калимаи н и м бо баъзе исмҳо бидуни шумора воқеъ мегардад: ай ними шав иру и курхат мекъна (ш-к., Ховалинг). Дар шеваи ҷанубӣ, монанди шеваҳои дигари тоҷикӣ, нумеративҳои гуногун истифода мешаванд. Онҳо вазифаҳои ҷудогонаро адо мекунад, ки дар ин ҷо дар хусуси баъзе аз онҳо истода мегузарем.

1. Суффикси нумеративии - т а // - т о назар ба дигар нумеративҳо дорои доираи васеътари истифода буда, дар ин гурӯҳ лаҳҷаҳо дар таркиби шумораҳои гуногун чи бо исмҳои ҷондор ва чи беҷон ба кор бурда мешавад: ма йата бъз, чорта ҷаwона-ра ҳота-да дидум (қ., Пору); ай сари ку йата санги калун сини дайро рафт (қ., Ховалинг); пеш и ди-Дегай); йакта бай ма-ра намедузӣ? (ш-к., Ховалинг); пеш и директър, д ъ т а директър гъзашт (в-қ., Сарикенҷа); шикор-да рафта д а ҳ т а кавг овардъм (к-ҳ., Зулфӣ); аму бъз-ъш дъта бача кард (ғ-к., Кангурт).

Дар охири шумораҳо дар ҳамаи маҳалҳо пас аз нумеративи -та аксар шакли танҳои ҷонишини энклитикии - аш//ъш ҳамроҳ меояду шаклан ихтисор мешавад. Дар чунин маврид шумора субстантива шуда, бо исм синоним мегардад: йата-ш бозор намера (ш-к., Кашия шуда, дучӣ); йата-ш фақер, кори хоҷаги мекъна, дигар-ъш ойлъкхур// ойдучӣ); йата-ш фақер, кори хоҷаги мекъна, дигар-ъш ойлъкхур// ой- лъкгар (Роғ); ай бъзо й а т о в т а - ш - а бийор (ш-к., Шаҳбача).

Мавриде низ мешавад, ки пас аз шумора нумеративи - т а меафтад ва ҷонишини энклитикии - а ш бевосита ба шумора васл мешавад. Чунин ҳодиса бисьёр кам мушоҳида мешавад: дъ-ша ни ҳаст, се-ша ни ҳаст (ш-к., Корез).

2. Нумеративҳои н а ф а р, г у р ӯ ҳ, т ӯ д а, с е л а. Ин нумеративҳо мисли забони адабӣ дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ серистеъмол буда, барои ифодаи ҳисоби миқдори инсон хизмат мекунанд: ба (баъд) п а н ҷ н а ф а р и иҳо гъфтан (ш-к., Ғелот); й а б и с т - ъ п а н ҷ н а ф а р дасгир кардан (ш-к., Наврӯҳо); й а г у р у ҳ одамо ғала дъравида рафтан (в-қ., Сарикенҷа).

Монанди забони адабӣ, дар шеваҳо, аз ҷумла дар шеваи ҷанубӣ низ, истеъмоли нумератив бо шумора ҳама вақт ҳатмӣ нест: йа хуw а-ъм во дъсти додари ҳами-йай (ш-к., Шугнов).

3. Нумеративи г а л а. Дар забони адабӣ и н нумератив танҳо бо предметҳои ғайриинсон ба кор бурда мешавад. Аммо дар шеваи ҷанубӣ дар ҳар ду ҳолат ҳам бо предметҳои инсон ва ҳам ғайриинсон истифода шудани он мушоҳида мегардад: йа гала одам; д ъ г а л а о д а м ва ғайра.

4. Нумеративи с е л а. Ин нумератив, асосан, хоси шеваи ҷанубӣ буда, барои ифодаи ҳисоби миқдори парранда ба кор бурда мешавад: йа ҳами повун йа села мурғови парида ома (к-ҳ., Ҷонварсӯз).

[68] Л. Н. Д о р о ф е е в а. Язык фарси-кобули, стр. 43.



Аз ин нуқтаи назар материалҳои сершумори забони гуфтугӯиро ҳартарафа таҳлил намоем, дар қисмати шумораҳои миқдорӣ мавҷуд будани хусусиятҳои зеринро мушоҳида мекунем.

Бо мақсади як андоза равшантар таҳлил намудани ин процесс мо шумораҳои миқдории бенумеративро аз шумораҳои нумеративнок ҷудо карда, онҳоро алоҳида-алоҳида ба тариқи зерин дида мебароем.

а) таҳқиқу таҳлили материалҳо нишон медиҳанд, ки гурӯҳи лаҳҷаҳои Қаротегину Кӯлоб пас аз муайянкунандаҳои миқдории бенумератив муайяншавандаҳо (предметҳо) аҳьёнан шакли ҷамъ мегиранд.

Масалан:

Будем мо ду ҷурагон,
сохтем дар Хоруғ макон.
(А.Болдырев, Намунаи фольклори тоҷик).

Се партизанҳо рафтанд дар адир,
купрук-а дидан, оҳану занҷир.
(Б.Худойдодзода, Баҳодурони мардони Ҷанги Ватанӣ).

Чунин хусусият дар услуби асарҳои забони адабии имрӯзаамон низ дида мешавад, ки пас аз муайянкунандаҳои миқдории бенумератив муайяншавандаҳо шакли ҷамъ гирифтаанд.

Масалан: Падари Қумри-падари шаш бачаҳои ғилмаку ширмак буд (Р.Ҷалил. Шеър ва ҳикояҳо); Панҷ гектар замин ҳашт дугонаҳояш се сол боз ба ин вобаста карда шуданд (Р.Ҷалил. Шеър ва ҳикояҳо).

б) пас аз муайянкунандаҳои миқдории нумеративнок омадани муайяншавандаҳо дар шеваи ҷанубӣ аҳьёнан дучор мешаванд.

Масалан: фирмойи калхос-да ҳаф нафар мардакъ сезда нафар занаки говҷуш муло-ра хърок метан-ша (қ., Хилмонӣ); отайи Ҳалим қати чор нафар фарзанд-уш сини матав бурафтан (ш-к., Ғеш).

Ин гуна тарзи ифодаро чи дар шеваҳои дигар ва чи дар забони адабӣ дучор мекунем. Масалан: шаш нафар дугонаҳояшро ҳам ба сафи комсомол вай даровард (Р.Ҷалил. Шеър ва ҳикояҳо),... ба се нафар ярадорон маълум набуд (Ҳ.Карим. Ҳикояҳо).

Калимаҳои гиром, кило//килограмм, тон//тонна монанди забони адабӣ ва шеваҳои дигар, дар ин шева.. низ барои ифодаи андозаи вазн хизмат мекунад. Доираи истифодаи ин калимаҳо рӯз то рӯз меафзояд. Баракси ин калимаҳои нумеративии пайса, мисқол, қадоқ, пут//пуд, ман камистеъмол буда, асосан дар нутқи куҳансолон дучор мешаванд.

Масалан: ма ай дукони калхос дъ кило қанд, панҷо гиром чой харидъм (қ., Шуле); саwхоз-амун ай боғи наw порсол ай гектар ҳаш тонна мева гирифт (қ., Яхакюст) дъ кило-у ҳашсад гиром бари боло-нда картушка меша (в-қ., Қӯшағба).

Дар забони умумихалқӣ ва шеваҳои он калимаҳои нумеративии сершуморе низ мавҷуданд, ки як хелашон ҳаҷму андозаи растании тар ё хушкро ифода мекунанд: қавза, даста, банд, дарза; хели дигарашон зарфҳои гуногуни ғалладонаро ифода мекунанд: халта, ҷувол//қоп, қутӣ, сандъқ, бордон, кандък ва хели сеюмашон зарфҳои таомҳои нӯшиданию хӯрданиро ифода манамоянд: пийола//пела, коса, табақ//тавоқ, чойник// чойнак ва ғайра.



4-775

Аз нумеративҳои мазкур, калимаи ″қоп″ дар гурӯҳи лаҳҷаҳои
вахиёӣ-қаротегинӣ дучор омад: дъ қоп орд мегирӣ, ай у мондагиш-да
чойпъли полни мераса (в-қ., Оқсой). Лекин калимаҳои бордон, кандък
дар ин шева хусусияти архаистӣ пайдо намуда, онҳо фақат дар нутқи
куҳансолон боқӣ мондаанду бас.

## ШУМОРАҲОИ ТАРКИБӢ

Дар байни лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ дар тарзи сохт ва ифодаи шу-
мораҳои таркибӣ тафовуте дида намешавад. Алоқаи ададҳои аз бист
зиёд бо воҳидҳои ҷудогона аксар пайвандаки ″и″//ъ″, гоҳо ″у″ ба
амал меояд.

Яке аз хусусиятҳои ба назар намоёни гурӯҳи лаҳҷаҳои Қароте-
гин, вахиёӣ-қаротегинӣ, шимолӣ ва ҷанубии Кӯлоб, Роғу Бадахшон
дар бобати истифодаи шумораҳои тартибӣ он аст, ки бо ҳамсадо та-
мом шуда бошанд, ҷузъҳояшон ба ҳамдигар ба воситаи пайвандаки
″ъ″ пайваст мешаванд. Масалан: мън ҳафтод-ъ се-да қадам мундам
(қ.,Ҳакимӣ); йак сад-ъ бист сар ҳайвони шохдор меwарзан (в-қ., Қу- -
шағба); йа барзагоw дорем, бист-ъ панҷ ҳазор-ъш кардан (ш-к.,
Пушьёни Миёна.).

Инчунин дар гурӯҳи лаҳҷаҳои мазкур дар ин маврид пайвандаки
и низ истифода мешавад. Масалан: тавалъди бисти чор-а мебара (ҷ-к.,
Ёл); авал-ъш йаг сади ҳаштод бъна бъдаст, ҳама рафтагӣ (в-қ., Та-
вилдара); бисти пан дарза йуған дъравидем (в-қ., Қӯшағба).

Аммо дар лаҳҷаҳои гурӯҳи кӯлобии Ҳисор ва ғарбии Кӯлоб
шумораҳои таркибӣ, асосан, бо ёрии пайвандаки ″и″ ва гоҳо вариан-
ти он ъ пайваст мешавад: вай дар Камонгарони узбек-ай, йа сади
шашта ас (асп) мегардона (к-ҳ., Ҳоҷиқатағон); бисти дӯйум-да мо ай
шаҳр бърма бъдем (ғ-к., Давлатшоён).

Шумораҳои бистӣ дар талаффузи мардуми ин гурӯҳи лаҳҷаҳо бо
садонок тамом шуда бошад (чун:сӣ, панҷо//панҷоҳ), дар байни ҷузъи
тариқ шумораҳои таркибӣ пайвандак истифода намешавад. Дар ин
маврид пайвандак шаклан вуҷуд надошта бошад ҳам, лекин мавҷуди-
яти онро мантиқан тасаввур намудан мумкин аст: сӣ ҳафт қоп ғалла-
-ра мошин-да андохтум (қ., Муҷихарф); и идораи калхоз соли сӣ дъ
пайдо шид. (қ., Майдон); панҷо ҳафт гусфанд-а ҳай ка бърд (қ., Сам-
солиқ).

Дар шеваи ҷанубӣ, монанди забони адабӣ, алоқаи байни ҷузъ-
ҳои шумораҳои таркибӣ баъзан ба воситаи пайвандаки ″у″ ба вуҷуд
меояд. Ин хусусият аксар ба талаффузи зиёиён хос мебошад, ки он
таъсири забони адабӣ аст. Воқеъ шудани пайвандаки ″у″ дар байни
ҷузъҳои шумораҳои таркибӣ бештар хоси лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор, Қа-
ротегин буда, дар лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ ва Роғ аҳьёнан дучор
мешавад. Масалан: боби-мун панҷо-у ҳафт-ънда мурдай, мо йод надорем
(қ., Сийохоб); бист-у панҷ танга-ра тайи, гуно-т-а мезгърум (аз
афсона, к-ҳ., Мирзоӣ); йак сад-у панҷо-да ҳам умр хурдан хеле кам-
-ай (қ., Тегирмӣ).

## ШУМОРАҲОИ ТАХМИНӢ

Шумораҳои тахминӣ дар шеваи ҷанубӣ, мисли забони адабӣ миқ-
дори предметро ба таври тахмин нишон медиҳанд. Онҳо ба таври зайл
воқеъ мегарданд:



1) Аз ду шумораи аслӣ таркиб меёбанд. Дар ин вақт шумораҳои
миқдоран хурд дар ҷои аввал ва шумораҳои миқдоран калон дар ҷои
дуюм меоянд: даҳ-дъзда//даҳ дъвозда, се-чор, панҷ-шаш, йаг-дъ, чор-
пан, чилу дъ-чилу се. Мисолҳо: ҳоли ҳами Маҷит чилу дъ-чилу се-ай
(в-қ., Сарикенҷа); ҳозир ҳами чор-пан қишлоқе, ки ҳай, ҳама-ш
фарқ дора (қ., Самсолиқ); хъд-т-а метем йа панҷ-шаш халта танга
(ш-к., Ғелот); сари раҳ-да се-чор тухсанчии мир танга мебурдийан
(ғ-к., Балҷувон).

Ин гуна шумораҳо нумератив низ дошта метавонанд: се тира-
моҳ шид, ки чорта-панҷта буз-му гум мешава (в-қ., Ҳоит); бача
рафтай, кофтай се-чорта йофтай хурдай (ғ-к., Балҷувон); ба (боз)
йа даҳ-понздаҳта мешаван, ахири ахир ба қап каап (ш-к., Шехмизон).

2) Тахмин ба воситаи шумораи йа//йак//йаг низ ифода мегар-
дад. Ин тарз дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ серистеъмол аст:
гъфтан йа-дъ сум пъл бъте (в-қ., Хулак); йаг-дъ гуспан къштан ни-
гаҳ кардан додан-м-а (в-қ., Оқсой).

## ШУМОРАҲОИ ТАРТИБӢ

Шумораҳои тартибӣ дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ маълум
буда, бо ёрии суффикси-ъм//-ум сохта мешаванд. Вале суффикси -ъм
бештар ба гурӯҳи лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва шимолии Кӯлоб, инчунин лаҳҷа-
ҳои Роғ, Қаротегин, вахиёӣ-қаротегинӣ ва Бадахшон хос аст, дар лаҳ-
ҷаҳои гурӯҳи кӯлобии Ҳисор ва ғарбии Кӯлоб аҳьёнан дида мешавад.
Дар лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ бошад шумораҳои тартибӣ бо ёрии суф-
фикси -ум сохта мешаванд: дар вақте ки мо колхоз шидем, бигем
ТОЗ шидем, сиудувуми сол си ҳаф нафар, сиусейуми сол чил кас шидем,
ай сиусейум то сиупанҷум шаст кас шидем , ҳозир йаксад-у панҷо
шидем (в-қ., Ҳоит).

## ҶОНИШИН

Таҳқиқи материалҳо нишон медиҳад, ки ҷонишинҳо дар шеваи
ҷанубӣ яке аз ҳиссаҳои тараққикардаи нутқ мебошанд. Дар забоншино-
сии тоҷик масъалаи ҷонишинҳо ҳамчун категорияи махсуси калимаҳо
аз ҷиҳати илмӣ то андозае таҳқиқ шудааст. 69 Вале дар асарҳои
лаҳҷашиносӣ доир ба ин масъала дар монография ва мақолаҳои ҷудо-
гона маълумотҳои хеле мухтасар дода шудаасту бас. Ҳоло лаҳҷаҳое
низ ҳастанд, ки мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд, ё таҳқиқ шуда
бошанд ҳам, натиҷаи онҳо дастраси умум нагардидаанд. Табиист,
ки дар хусуси ҷонишинҳои чунин лаҳҷаҳо дар адабиёти чопӣ маълумо-
те нест. Бинобар ин, кӯшиш намудем, ки доир ба ин масъала эътибо-
ри махсус дода, интишори ҳар як факти грамматикиро ба қадри имкон
нишон диҳем.

1. Шакли ма дар лаҳҷаҳои гурӯҳи Кӯлоб (бештар дар ғарбии
Кӯлоб), кӯлобии Ҳисор ва аҳьёнан дар лаҳҷаҳои гурӯҳи Қаротегин
истеъмол меёбанд: ма ҳамиқа гъфтестам, ки шъмо шерак шавен (ш-к.,
Ховалинг); ма тори вагон-да будам қати райис (ғ-к., Сангтӯда); ма

---

69 Б е г м у р о д С и ё е в. Таърихи ҷонишинҳои забони то-
ҷикӣ. Душанбе. ″Дониш″, 1972. Минбаъд: Б е г м у р о д С и ё -
е в. Таърихи ҷонишинҳо...

майда бъдъм-ъ на́мефаҳмидъм (к-ҳ., Норак); хуб кади , агане ма на́гъръфтъм (ғ-к., Олучадара); дандон-ъм-а мекандан, ма шай мешъдъм-агар дандонамро меканданд, ман сиҳат мешудам (ғ-к., Деҳбул); ма-ра пърсидан, ма гъфтъм, у макон на́дора (к-ҳ., Ҷонварсӯз); ҳами сол хъд-ъм дъруни шаст бъдъм (к-ҳ., Кончӣ); ма оли дар пъкъмат йагон хийонат на́кардъм (қ., Шарҳо).

2. Шакли м ъ н барои ҳамаи лаҳҷаҳои Қаротегин ва вахиёй-қаротегинӣ хос буда, ҳудуди охири он қишлоқи Қалъаи Дашти райони Файзобод мебошад. Ин аз ҷумлаи фактҳое мебошад, ки лаҳҷаҳои қаротегиниро (ба ҷуз қишлоқи Тӯда) аз лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор фарқ мекунонад: да пеши мън тъ-ра ғайбат мекъна (в-қ., Хичборак); мън дар соли сипанҷ-ум дар қишлоқи хъд-ъм будам (қ., Навдеҳ); бачайи мън-а ҷавоw къна гъфтам (қ., Деҳи Муллои гирда); ай мън се сол хърд-ай (в-қ., Сасиқбулоқ); доғи и-ра мън кашидаги́-йъм (в-қ., Пилдон).

Варианти м ъ н дар лаҳҷаҳои типи кӯлобӣ ниҳоят камистеъмол буда, дар лаҳҷаҳои шимолӣ ва ғарбии Кӯлоб, лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор дар мисолҳои башумор қайд шудааст. Дар лаҳҷаҳои Роғ бошад фақат дар як маврид ҳангоми пасоянд қабул намудани ҷонишин варианти м ъ н ба назар мерасад: мън-а у-ш-э (Роғ, Хӯҷағалтон).

3. Шакли м ъ асосан хоси лаҳҷаҳои Бадахшону Роғ буда, аҳъён-аҳъён дар лаҳҷаҳои Қаротегин, лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ, дар деҳаи Ёли ҷанубии Кӯлоб ва дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб, ҳамчун дар гуфтугӯи мардуми баъзе деҳаҳои кӯлобии Ҳисор ба назар мерасад: и аз тъ пур майда, мъ катанак будъм, Назарак мърд, шуди ту-ин аз ман хеле хурд, ман калонтар будам, Назарак мурд, ту тавал-луд шудӣ (бд., Қозидеҳ); мъ иҷо местъм пеши апа-м (бд., Вағ); мъ кълча баста на́метонъм (ҷ-к., Навобод); мъ ба рафтан-ъм (бд., Қозидеҳ); бъд-ъ ба мъ, е, гъл, е гъл -ба ман эй гул, эй гул (бд., Мулвоҷ); оли мъ бестъм, дер шид (Роғ, Хӯҷағалтон).

Ҷонишинҳо аз рӯи муносибатҳои лексикӣ - морфологиашон ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1. Ҷонишинҳои предметӣ.
2. Ҷонишинҳои сифатӣ.
3. Ҷонишинҳои миқдорӣ. [70]

Ба гурӯҳи якум ҷонишинҳои шахсӣ, ҷонишинҳои ишоратие, ки ба вазифаи ҷонишини шахсӣ меоянд, ҷонишинҳои муайянӣ, нафсӣ-таъкидӣ ва саволӣ (м ъ н, т ъ // т у, м о, ш ъ м о, к и, ч й, х ъ д, ҳ а м а // ҳ а м м а ва ғайра) дохил мешаванд. Ба гурӯҳи дуюм ҷонишини муайянии ҳ а р, манфии ҳ е ҷ // ҳ е ҷ // ҳ и ҷ // ҳ и ч дохил мешаванд. Ба гурӯҳи сеюм ҷонишинҳои миқдории ч а н д, ч и қ а, ҳ а м у қ а, и қ а дохил мешаванд.

## ҶОНИШИНҲОИ ШАХСӢ

Термини "ҷонишини шахсӣ" ба ду маъно, ҳам ба маънои танг ва ҳам васеъ кор фармуда мешавад. [71] Дар маънои танг ин термин

[70] Дар ин хусус ниг. В.С.Р а с т о р г у е в а. Очерки..., вып. 1, стр.42; Забони адабии ҳозираи тоҷик, қ. 1, саҳ. 215

[71] К.Е.М а й т и н с к а я. Местоимения в языках разных систем. М., "Наука", 1969, стр. 140.



танҳо ҷонишинҳои аслӣ (монанди ман, ту) дар маънои васеъ ҷонишинҳои таркибӣ (амсоли ман худам, ту худат) - ро, ки аз рӯи шахс тағьир меёбанд, ифода мекунад.

Ҷонишини шахси якуми танҳо дар шеваи ҷанубӣ дар чор варианти зерин мушоҳида мегардад: м а н, м а, м ъ н, м ъ. Тарзи истифодаи ҳар кадоме аз ин шаклҳо дар дохили лаҳҷаҳои шеваи мазкур фарқ мекунад.

Мушоҳида ва таҳқиқи материалҳо нишон дод, ки барои лаҳҷаҳои гурӯҳи қаротегинӣ, вахиёй-қаротегинӣ варианти м ъ н, барои лаҳҷаҳои гурӯҳи кӯлобӣ ва кӯлобии Ҳисор варианти м а шакли асосӣ ба шумор меравад. Дар лаҳҷаи Роғ бошад варианти м ъ , барои лаҳҷаҳои Бадахшон варианти аслии ин ҷонишин - ман ҳамчун варианти асосӣ хизмат мекунад. Вариантҳои фонетикии ҷонишини м а н аз рӯи истеъмолашон дар маҳалҳои ҷудогона чунинанд: мъ сурати дъга надоръм, агане ба тъ-ра медодъм (қ., Шулмак); мъ имруз мактабраw , неки ба ҷои мақтаб ба сари дъраw рафтъм (Роғ, Хӯҷағалтон); мъ дъ реша-м йак реша-м ай Қаротегин, йак реша-м ай Йохсу (ш-к., Ховалинг); мъ бай шъмо иқа даркор бъдам (в-қ., Лахш);

Шакли м а н дар материали лаҳҷаҳои ғарбии Кӯлоб, кӯлобии Ҳисор, аҳьёнан Қаротегин, вахиёй-қаротегинӣ, Бадахшон, шимолӣ ва ҷанубии Кӯлоб ба назар мерасад. Вале ин вариант барои лаҳҷаҳои Бадахшон (ба ҷуз Ғорон) шакли асосӣ буда, доираи истеъмоли он дар маҳалҳои дигари районҳои ҷанубӣ то андозае маҳдуд мебошад: ман меравам (бд., Мулвоҷ); ман мехондъм, бо (баз) иҷа қаравул мешудум? (ғ-к., Сангтӯда); ино омадан, ки ман нон пухсода бъдам (к-ҳ., Кончӣ); асли ман бисйор чаро-ай (в-қ., Ёзғанд); ман тъ-ра мейовум (қ., Тегирмӣ); ман хоw кънъм (ш-к., Ховалинг); ман ҳайрати шъдъм, и овози ки́-ай? (ш-к., Ховалинг); ман-а мъхтасар маълумот-ъм ҳамин (ш-к., Ховалинг).

Ҷонишини шахси дуюм танҳо дар ду варианти фонетикӣ тъ ва ту дар чунин маҳалҳо истеъмол меёбанд:

1. т ъ дар гурӯҳи лаҳҷаҳои Қаротегин, вахиёй-қаротегинӣ, кӯлобии Ҳисор, Кӯлоб, Роғ ва Ғорон: Зарҷон, тъ-ам бемори́? (бд., Ғорон); тъ ами сифър-а ай къшо гирифти-ту ҳамин сифирро аз куҷо гирифтӣ? (Роғ, Хӯҷағалтон); мо-ра, тъ-ра пири кор гуфта додан (к-ҳ., Ҷонварсӯз); тъ ҳарчие боши́, бо (боз) калунтари́, охи (қ., Ҳилак); мън умадъм, тъ гъҷо мерай? (в-қ., Нӯшор).

2. Шакли т у дар материали лаҳҷаҳои шимолӣ ва ғарбии Кӯлоб, соҳили рости дарьёи Қаротегин, дар лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор ва Бадахшон қайд шудааст. Вале ба ҷуз лаҳҷаҳои Бадахшон дар маҳалҳои дигар доираи истеъмоли он маҳдуд мебошад: ту боло рафта буди? (қ., Камароб); ихтийори ма-йам бә ту-йай (к-ҳ., Кончӣ); ту бъгу, момойи ту медуна (бд., Шамбеде); Сулаймон, ту пахтачини́-йам на́мер-а? (ғ-к., Сангтӯда).

Ҷонишини шахси якуми ҷамъи мо дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ ҳамчун забони адабӣ бетағьири фонетикӣ истеъмол меёбад.

Ҷонишини шахси дуюми ҷамъ дар шеваи ҷанубӣ дар маҳалҳои зерин чунин вариантҳо дорад;

1) Шакли шъмо дар ҳамаи маҳалҳо: Ҷӯнгир қати шъмо бъд? (бд., Ғорон); шъмо сиwотка-ра додайен? (Роғ); ҳами шумо се мъ-

...шъмо нависоне-ку, мън чък ҳар саҳар об хуред (к-ҳ., Навобод); не аку шъмо бишинависондани шъмо-ра хърсанд-ъм (ғ-к., Чилча); ш ъ м о съпари умудайе (в-қ., не (қ., Пору); ай мъпиб шънавидъм, Оқсой).

2) Ш и м о – ин вариант ниҳоят камистеъмол буда, доир ба он дар материали лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ ду мисол, дар матeриалҳои Қаротегини Поён як мисол ва дар лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор як мисол қайд шудааст: не шимо шинен, охи (к-ҳ., Кончӣ); шимо мега нагире бала -чақао-ш-а (в-қ., Кӯл); шимо гапойи хъшруй, бъгуйен, ки мо бишнавем (қ., Хуфак); шъмо ба и та-а намейойе, бъхамбе, ки асийоб надоре (в-қ., Кӯл).

3) Шакли Ш у м о – дар Қаротегин, вахиёй-қаротегинӣ, Бадахшон қайд шудааст: ин роҳ ба шумо оқилаги-ин роҳ ба шумо душвор (бд.,Сист); зан ҷавоб медиҳад; ба руи шумо меборак! (бд.,Андарстез): шумо мебойад ба Андароб бөравед (бд., Гармчашма); ман ай шумо илтимос мебойад ба Андароб бөравед (бд., Гармчашма); ман ай шумо илтимос дорам (қ.,Навдеҳ); кадум вақте қишлоқи шъмо қади мо бой шит, ба бийое гаw зане (в-қ., Кӯл); шумо бед гуве, вай қарғоч мега (қ., Шӯл).

Ҷонишини шахси II ҷамъи ш у м о /ш ъ м о дар шеваи ҷанубӣ низ дар ифодаи ҳурмат дучор мешавад. Ин ҳодиса бештар хоси нутқи ҷавонон мебошад. Чунончи: шумо меҳмуни қимат ҳасте (в-қ., Кӯл); шумо-йам бала-ву чақату да Дъшанби? (в-қ., Ярхаб); дърак (дарак) найофтем, ки шъмо умаде (қ., Халқарф); шъмо мемоне, ҳар чъзе, ки шъмо бъге мо қабъл менем, ай ҷуни дил (в-қ., Хичборак): шъмо ай гъҷо омаде, гиҷо мера? (к-ҳ., Муллоён).

Маънои ҳурматро ифода кардани ҷонишини Шумо дар забонамон аз ҳодисаҳои қадим буда, истифодаи он дар ин маъно ҳарчанд хеле кам бошад ҳам, аз давраи нави инкишофи забони тоҷикӣ шурӯъ шудааст. [72] Ҳоло ин ҷонишин ба ин вазифа дар забони адабӣ ва шеваи шимолии забони тоҷикӣ мавқеи мустахкам пайдо кардааст.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки ҷонишини шумо маънои ҳурмат дошта, тадриҷан дар шеваи ҷанубӣ низ роҳ ёфтааст. Ба ин маънӣ, кор фармуда шудани ҷонишини мазкур аслан хоси шеваи ҷанубӣ набуда, балки дар онҳо аввал дар асоси муносибатҳои расмӣ пайдо шудааст. Бинобар ин намояндагони ин шеваи дар истифодаи он ба душворие вомехуранд. Яъне дар нутқи онҳо дар чунин маврид гоҳо мувофиқат накардани хабар бо мубтадо ба назар мерасад. Чунончи, агар дар як мавриди шъмо омади гӯянд, дар мавриди дигар шъмо омаде//шъмо омаден мегӯянд. Аз ин рӯ, алҳол ҳудуди паҳншавии ҷонишини мазкурро дар лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ муайян кардан аз имкон берун мебошад. Ногуфта намонд, ки доираи истеъмоли ҷонишини шумо дар лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ ҳоло бо таъсири забони адабӣ пай дар пай васеъ шуда истодааст.

Маълум аст, ки ҷонишини шумо ҳоло дар забони адабӣ бештар дар ифодаи шахси танҳо ба кор бурда шуда, маънои ҷамъ дар он бо роҳи илова кардани суффикси ҷамъбандӣ сурат меёбад. Ин ҳодиса низ дар шеваи ҷанубӣ нав буда, дар шаклҳои шъмоо ахъёнан дучор мешавад.

---

72 Дар ин хусус ниг. Б е г м у р о д С и ё е в. Таърихи ҷонишинҳо..., саҳ. 63.



Ҷонишинҳои шахси III танҳо у, вай ва ҳавай мебошанд. Лаҳҷаҳои ҷанубӣ аз рӯи истеъмоли ин ҷонишинҳо фарқҳои дохилӣ зоҳир менамоянд: дар яке шакли у сеpистеъмол бошад, дар дигаре у ва вай ба тарзи мувозӣ кор фармуда мешавад: дар гурӯҳи сеюм ҷонишини в а й хеле камистеъмол аст.

Ҷонишини у дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ қайд гардидааст. Шакли вай ба ҷуз Ғорон, Рог ва Ховалинг [73] дар лаҳҷаҳои дигари ҷанубӣ истеъмол мешавад: вай-а мор газидаги, йаке хъд-ъш та шиштас (ш-к., Шеҳмизон); вай задай мост (ш-к., Хонақо); вай-а лечиса мекънан, съпат намешава бад мекъшан (ғ-к., Давлатшоён); бо (боз) чи меги аку ғам доди-йа? (к-ҳ., Мағмуруд); вай кори бисйор кард (в-қ., Лангар); а вай калун, се сол калун (қ., Тегирмӣ); вайо дар назари мън хуҷайтофчи-йан (в-қ., Қӯшағба).

Як хусусияти фарқкунандаи лаҳҷаҳои кӯлобӣ, кӯлобии Ҳисор ва Қаротегин аз забони адабӣ ва шеваи шимолӣ аз он иборат аст, ки дар онҳо шахси III танҳо вай бо ҳиссачаи ҳ а дар як таркиб ба вазифаи ҷонишини вай истеъмол мешавад: ҳавай имруз ҳичи кор надора (қ., Кабудиён); гапи ҳавай гуш-ум-да мақул тоф-да (к-ҳ., Мирзоӣ); ҳаму тайлоқи порина ҳавай (қ., Обигарм). Аммо ин ҷонишин ба лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ ва Бадахшон хос нест. [74]

Дар байни ҷонишинҳои у ва вай фарқҳои семантики ба назар мерасад. Шакли у танҳо шахси III танҳоро ифода мекунад , аммо ҷонишини вай ду вазифа дорад: ҳам вазифаи ҷонишини ишоратиро адо мекунад.

В.С.Расторгуева дар хусуси таърихи баромад ва фарқи маънои ҷонишинҳои мазкур навиштааст: Дар забони давраи классикӣ мо ду ҷонишини шахси сеюми танҳоро мушоҳида мекунем: : ō ва vay Аҳли тадқиқ ҳар ду ин ҷонишинро ба ҷонишини забони миёнаи форсӣ avahya//avahe марбут мемонанд. Ин ҷонишинҳо дар забони адабии имрӯзаи тоҷик низ ба сурати й ва vay (дар хатти имрӯза ба асоси русӣ у ва вай) маҳфуз мондаанд. Аммо ин ҷо онҳо дар маънӣ аз ҳам ҷудо шудаанд: й танҳо бо ифодаи шахси сеюми танҳо вобаста шуда монд ва ҳол он ки vay вазифаи дугона дорад, ҷонишини ишорати vay хона ва ҷонишинҳои шахсӣ. [75]

Дар ин бобат шеваи шимолӣ аз забони адабӣ фарқе надорад. Аммо дар шеваи ҷанубӣ ҷонишини у низ мисли ҷонишини в а й дар иҷрои ду вазифа ифодаи шахс ва шумора кор фармуда мешавад. Ҳоло маълум нест, ки дар вазифаи ишоратҷонишин истифода шудани у

---

73 Р.Л. Н е м е н о в а қайд кардааст, ки (асари мазкур, саҳ. 36) яке аз ҷиҳатҳои фарқкунандаи лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб он аст, ки ҷонишини шахси сеюми танҳои в а й дар онҳо истифода намешавад. Аммо мисолҳои дасти мо нишон медиҳанд, ки ин ҷонишин баъзан дар нутқи одамони бесавод ва сафаркардаи ин лаҳҷаҳо низ истифода мешавад.

74 А. З. Р о з е н ф е л ь д. Бадахшанские говоры... стр. 18; Боз ӯ: Говоры Каратегина. СМ. Иранские языки. М-Л., Изд-во АН СССР., 1950, стр. 150.

75 В. С. Р а с т о р г у е в а. Опыт..., стр. 63.

ба лаҒҷиши маънои ҷонишини шахсӣ алоқаманд аст, ё вай варианти
фонетикии ҷонишини о н аст, ки дар ин лаҳҷаҳо дар шакли у (н)
у н ба кор бурда мешавад. Мулоҳиза фармоед: у хоw дора, ба хъ-
до хоw дора-шахс (ш-к., Ховалинг); у ай тъ калон бът-шахс (к-ҳ.,
Кончӣ); у пушт-а дига хок нес, камтар бърма-ишора (ғ-к., Гӯрдара);
у вахт-да а ҷо-ш наҷъмбъда бъд-ишора (ғ-к., Давлатшоён).

Ҷонишинҳои шахси III ҷамъ инҳоанд: в а й о, у в о // у w о,
у н о // ӯ н о, у н ҳ о, и ҳ о, и н о, ҳ а в а й о.

Ҷонишини в а й о дар лаҳҷаҳои Қаротегин, вахиёй-қаротеги-
нӣ, кӯлобии Ҳисор, Кӯлоб ва Бадахшон маълум аст: ма рафтъм, вайо
намерем гуфтайсойдийан (қ., Самсолиқ); вайо ащбат ва афтобус мий-
ан (в-қ., Лангар); вайо вахт-ъш-да Бухоро рафтаестан (к-ҳ., Ҳорҷи-
қатаҒон).

Ҷонишини у в о чунин вариантҳои фонетикӣ дорад: уво // уwо
Мушоҳида ва таҳлили материалҳо нишон медиҳанд, ки варианти уво
асосан хоси лаҳҷаҳои типи кӯлобӣ буда, дар материали лаҳҷаҳои Қа-
ротегин ҳоло дар даст як мисол дорему бас. Варианти у о бошад барои
ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ хос мебошад. Вале интишори он дар лаҳ-
ҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ бештар ба назар мерасад:

1. Уво дар лаҳҷаҳои ғарбӣ, шимолӣ ва ҷанубии Кӯлоб ва кӯло-
бии Ҳисор ба назар мерасад. Чунончи: а иҷа уво найомадан (в-қ., Де-
вонабегӣ); уво тарихи Норак-а медона-дийа (к-ҳ., Норак); хар чорхес
кад, уво дидан (ғ-к., Кангурт); уво чи кор кардан? (ғ-к., Балҷувон);
уво-йам ай мо-да вайронтар-ай (ш-к., Дараи Турбат); уво умадан
соат ҳам мешавад (қ., СорбоҒ).

2. У w о - дар лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ, Қаротегин, ҷану-
бии Кӯлоб ва лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор дучор мешавад: уwо чан кас-
-ан? (қ., Дараи Мазор); уwо - ра мъоҷир кардан-шу (в-қ., Лахш);
аксарийати уwо ай ҳамиҷа кор кааги (в-қ., Ҳиҷборак ); ақли у w о
намераса, ки ба ихтийори хъд бътийан (в-қ., Қалъаи Лабиоб); уwо -
- ра-м кам-кам мерай (қ., Алигалабон); уwо дига хел гап мезанан
(қ., ЯнҒолик); уwо кор каан мегиран (ш-к., Ховалинг); уwо гуфтий-
ан (ҷ-к., Ёл); ма ай уwо доръм намехъръм (қ., Ҷавонӣ).

Ҷонишинҳои и й о, и н о, и ҳ о ба ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷа-
нубӣ хос мебошанд. Вале дараҷаи истеъмоли онҳо дар ҳамаи маҳал-
ҳо як хел нест. Дар як гурӯҳи лаҳҷаҳо онҳо андак серистеъмол бошанд,
дар гурӯҳи дигар камтар ба назар мерасанд. Инро мо аз мисолҳои зе-
рин мушоҳида мекунем:

а. Ҷонишини и й о дар лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор дар мисолҳои
зери дасти мо чор маротиба, дар шимолии Кӯлоб ёздаҳ маротиба,
дар ғарбии Кӯлоб як маротиба ва дар Қаротегин чордаҳ маротиба,
дар лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ шонздаҳ маротиба қайд шудааст . Ин
ҷонишин дар лаҳҷаҳои Бадахшон дучор нашуд. Аз чунин ҳисоби статис-
тикии мисолҳои мавҷуда маълум мешавад, ки истеъмоли ҷонишин ийо
дар лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ ва шимолии Кӯлоб назар ба лаҳҷаҳои
қаротегинӣ бештар будааст. Мисолҳо аз лаҳҷаҳои типи кӯлобӣ ва қаро-
тегинӣ: ийо байдойи кампиро-ра менависона (к-ҳ., Орҷоникидзеобод);
ийо кор кардайестан, оҳи (ш-к., Мӯминобод); ийо кашокаш кардан,
у-ш ай и-ш wадрид (в-қ., ҚушаҒба); ийо чени уwо нестан уwо хуб-
-ан (в-қ., Хулак)



б. Ҷонишини и н о. Дараҷаи истифодаи ин ҷонишин низ монан-
ди ҷонишини и й о мебошад. Вале фарқ дар он аст, ки и н о дар
ҳамаи лаҳҷаҳои чанубӣ истеъмол меёбад. Ҳамчунин он дар лаҳҷаҳои
Бадахшон низ аҳьёнан дучор мешавад. Мисол: қати Диловаршо ино бъ-
дан (бд., Нуд); ино чи бумезанан? (РоҒ, ХӯҷаҒалтон); ино медонан
(РоҒ, Анҷиркон); ино кълеткор-ан-е (к-ҳ., Магмуруд ); вахт-ъш бийа
ба (баъд) гаw мезанъм, ино гап-а намефама (ғ-к., Балҷувон); пас
ай ино шаш пъшт, бад (баъд) боби мън (в-қ., Хӯҷаи Тавоф); ино
ҳазл мефаман, ки ҳами маки мусафед дъруғ мега (қ., Ялдамич); ино
саҳар барвах омада бъдастан (ш-к., Ғеш); ино аwсона медонан (РоҒ).

в. Шакли и ҳ о асосан, дар материали лаҳҷаҳои Кӯлоб ба на-
зар мерасад. Дар лаҳҷаҳои Қаротегин ва вахиёй-қаротегинӣ танҳо се
мисол дучор шуду бас: иҳо-ра ҷадид еълон кардан (ш-к., Наврӯҳо);
иҳо пъли калхос-а йофтан (ш-к., Кӯлдара).

Ҷонишини у н о, у ҳ о низ на дар вазифа ва на дар дараҷаи
интишор аз ҳамдигар фарқе надоранд;

а) уно мемонойи даде-т (бд., Яхшвол); уно аз аму бари об
шиштаги дар Ишкошим (бд., Нуд); уно дар даруни оw рафтан (РоҒ,
Анҷиркон); уно уҷо-на мехонан (РоҒ, ХӯҷаҒалтон); ба уно муаллими
тоҷики дарс додааст (бд., Ямг); у марҳабати дустийи уно (ғ-к., Дав-
латшоён); уно хъд-ъшон иҷойи не, ай шаар омадан (к-ҳ., Кончӣ);
уно ни мебофтан (в-қ., Хӯҷаи Тавоф); ҳар ду уно ака-у бародар (қ.,
Шинглич);

б) Материали гуншуда шаҳодат медиҳад, ҷонишини у ҳ о асо-
сан, дар лаҳҷаҳои типи кӯлобӣ истеъмол меёфтааст. Дар лаҳҷаҳои гу-
рӯҳи Қаротегин ва вахиёй-қаротегинӣ танҳо дар чор мисол қайд шу-
дааст. Мисол: у ҳ о -да нун бурдъм (ш-к., Ховалинг); дина шаw
уҳо мо-да мёмон ройи кадан (ғ-к., Гӯрдара); бачоо имсол хафа гаш-
тан, уҳо- ра бисйор бехтан (қ., МарҒзори Сир); уҳо се кас-чор кас
бъдан (к-ҳ., Норак).

Ҷонишини ҳ а в а й о камистеъмол буда, танҳо дар лаҳҷаҳои
гурӯҳи Қаротегин ва кӯлобии Ҳисор қайд шудааст: ҳавайо бетурба
мийа (қ., Самсолиқ); қати ҳавайо мън рафт-ъм (қ., Ялдамич); моши-
ни ҳавайо паго мебийот (к-ҳ., Кончӣ).

## ШАКЛҲОИ НАВ

Ду маротиба ҷамъ шудани ҷонишинҳои шахси якум ва дуюм хо-
си шеваи шимолист. Мушоҳидаи шахсӣ ва таҳқиқи материалҳо нишон
медиҳанд, ки ин ҳодиса дар баъзе лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ низ дучор
мешавад. Ҳоло ин шакл дар забони адабӣ ва шеваҳои забонамон то-
рафт афзун гашта, ба як шакли мунтазами грамматикӣ мубаддал шу-
да истодааст. [76] Чунин ҷонишинҳо аз рӯи тағйироти фонетикӣ дар лаҳ-
ҷаҳои ҷудогона ба таври зерин интишор ёфтаанд.

Ҷонишини шахси якуми ҷамъ чунин вариантҳои фонетикӣ дорад:
моо//моҳо//мъҳо//муҳо.

---

[76] О. Ҷ. Ҷ а л о л о в. Категорияи ҷамъ ва баъзе масъала-
ҳои забони ҳозираи тоҷик. Сталинобод, 1961, саҳ. 79. Минбаъд:
О. Ҷ. Ҷ а л о л о в. Категорияи ҷамъ...

1) Шакли м о ю. Ин шакл, асосан, хоси лаҳҷаҳои вахиёй-қаро-
тегинӣ буда, дар материали лаҳҷаҳои шимолию ғарбии Кӯлоб ва кӯ-
лобии Ҳисор ба назар мерасад. Мисолҳо: моо иқа зийод оварда на-
метанем (к-х., Ҷавонон), и руз моо ай Кулоб омадем ( Роғ, Анҷир-
кон); моо ҳар къҷо бърем, бо (боз) ба аминҷа-ра мийем (ш-к., Мӯмино-
бод); моо ай дувоздаҳуми числа магазин-да нестем (ғ-к., Қарақамиш);
Рузимат, бъра, моо ба йагон мошин мерем (ғ-к., Чилча); моо бе мо-
шин истаро мерем, рафта на́метунем (в-қ., Нӯшор); ҳами моо да ҳа-
миҷа то охири дунйо-ра местода бошем (в-қ., Қӯшағба); моо ҳар дъ
-мън бачоойи бъйор (в-қ., Оқсой); и пойавзол-а моо хъд-мън му-
зайи хъром-ъш мегем (в-қ., Сарикенҷа).

2) Шакли м о ҳ о дар материали лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор, ши-
молии Кӯлоб, Қаротегин ва вахиёй-қаротегинӣ (дар як мисол) қайд
шудааст. Мисолҳо: моҳо мардъм-да панҷ кило-шаш кило ҳичи на́меша
(қ., Самсолиқ); моҳо хъд-мон пеши тъ рафта бъдем (ш-к., Мӯмино-
бод); бари моҳо намери, ки чой хърем (ш-к., Хӯҷаи Тавоф); шъмо
бъре, моҳо мерем, ай пас-тон-пасто (ғ-к., Сангтӯда); моҳо – йам
муло, и-да охи, буродар (к-ҳ., Гачак).

3) Шакли м ъ ҳ о – дар лаҳҷаҳои гурӯҳи кӯлобии Ҳисор ва
шимолии Кӯлоб қайд шудааст: некин йагон ҷо бъбаран мъҳо залал
мекънем (к-ҳ., Файзобод); мъҳо мардъм келин мегем (ш-к., Шех-
мизон).

4) Варианти м о ҳ о н дар лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор қайд
шудааст: моҳон хап меомадем, уно задесан (к-ҳ., Тӯда); камонга-
ронийо моҳон барин гав мезана (к-ҳ., Ҳоҷиқатағон).

Ҷонишини шахси дуюми ҷамъ ш ъ м о о дар Қаротегин, дар
як мисол шъмоҳо дар шимолии Кӯлоб ва вахиёй-қаротегинӣ қайд шудааст.
Мисолҳо: шъмоо пъгойи лой бъхеле (в-қ., Нӯшор); шъмоо гъҷо бъ-
де? (в-қ., Нӯшор); шъмоо гъли бодом меген (ш-к., Ғеш); шъмоо акъ
хеле зур мегашта бъдастен-да? (ш-к., Доробӣ); шумоҳо бийойе (қ.,
Тегирмӣ).

## ҶОНИШИНҲОИ ЭНКЛИТИКӢ

Ҷонишинҳои энклитикӣ дар шеваи ҷанубӣ чунин вариантҳои фо-
нетикӣ доранд:

| Шумораи танҳо | Шумораи ҷамъ |
|---|---|
| 1, -ъм, -ам, -ум//-м | -мун, -му, -мон, -мо, -амон, -ъмон, -мън. |
| П. -ът, -ат, -ут//-т | -тон, -ту, -тун, -ъту, -ъшун, |
| Ш. -ъш, -аш, -уш, -иш//-ш | шу, -ашон, -шун, -ъшон, -шън. |

Ҳангоми ба калимаҳои дар охираш садонок дошта васл гарди-
дани ҷонишинҳои энклитикӣ фонемаи садоноки онҳо меафтад: Оча-ш
очаи ӯ, ру-м – рӯи ман. Ҷонишинҳои энклитикӣ аксар ба калимаҳои
мустақил алалхусус ҷонишинҳо (ба ҷуз ҷонишини муайянии ҳар ва ман-
фии ҳеҷ) васл мешаванд.

Дараҷа ва ҳудуди интишори онҳо аз рӯи вариантҳои фонетики-
ашон дар маҳалҳои ҷанубӣ чунин аст:



1. Шахси якум чунин вариантҳо дорад: – а м, – у м, –ъ м:
варианти – а м хеле камистеъмол буда, дар гурӯҳи лаҳҷаҳои ғарбии
Кӯлоб, кӯлобии Ҳисор, қаротегинӣ, вахиёй-қаротегинӣ, Роғ ва Бадах-
шон қайд шудааст: ма-ра нум-ам Алиқул-ай меган (ғ-к., Шулупту);
ман ҳечи́ пъшт-ам-а на́медон-ъм (в-қ., Шилбилӣ); писар-ам мън-а
ай Ленинобод зан мегира (к-ҳ., Роҳатӣ); Раҳматшо бо гъмон-ам
бърафт (ғ-к., Чавроғи Боло).

2. Варианти – у м танҳо хоси лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор (ху-
сусан Орҷоникидзеобод) аст, вай дар маҳалҳои дигар қайд нагарди-
дааст: у руз х ъ д – у м йа карсон хамир кардам, нон кардум, бастум,
йаки дил-ум гир гашт (к-ҳ., Зулфӣ);

3. Варианти – ъ м барои ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ умумӣ ва хе-
ле серистеъмол ба шумор меравад: додар-ъм ба сар-ъм омат (в-қ.,
Ярхаб); мъна йак шарик-ъм ай мъ къргъз-ай хъд-ъш (в-қ., Сарикен-
ҷа); ай ғами бача сар-ъм саф-сафед шид (ҷ-к., Севдара); у занак
дар сар-ъм бор мебанда (ш-к., Ховалинг); хъди хъд-ъм бисти чор,
ман карданийум (к-ҳ., Мағмуруд); додар-ъм ҳозир маҳовини райис
(к-ҳ., Кончӣ); бисйор масти маҳмур-ъм (ш-к., Сарихосор); дар ҷон-
-ъм задай (ғ-к., Сангтӯда).

Дар шакли м воқеъ гаштани ҷонишини энклитикии шахси 1 тан-
ҳо баъд аз садонок дар ҳамаи маҳалҳои ҷанубӣ серистеъмол мебошад:
йа шаҳ-ам хонайи тағойи-м омадан (ғ-к., Чавроғи Боло); хола-м
ба фирма-ра ба сари шир омадас (Роғ, Хӯҷағалтон); у-ра қати во-м
дидъм-ъш (в-қ., Кӯл); мън-а ака-м биргати сафхоз-ай (в-қ., Оқсой);
момо-м файро дора, биби́ (к-ҳ., Ҷонварсӯз).

1. Ҷонишинҳои энклитикии шахси II танҳо се вариант доранд: –
-ът, -ат, -ут: а) -ът дар лаҳҷаҳои Кӯлоб, кӯлобии Ҳисор, Қароте-
гин, вахиёй-қаротегинӣ, Роғ (дар Бадахшон – эт) истеъмол мешаванд:
и соат-ът дъст-ън-на? (Роғ); аз китов авсона мегад-вай аз китоб
ҳикоя мекунад, афсона мегӯяд (бд., Шамбеде); дъхтарақойи ма́рдъм
хъш-ът-а парешон кардай (к-ҳ., Зулфӣ); тъ ватан-ът-а надуни́? (в-қ.,
Оқсой); дъст-ът чи кор кард-ай? (в-қ., Нӯшор); б) – а т – дар лаҳ-
ҷаҳои шимолии Кӯлоб ва кӯлобии Ҳисор қайд шудааст: дъ мачаки ди-
га-т метъм (ш-к., Ховалинг); ҳами кърта-т йа озода, мезебат-а?
(к-ҳ., Зулфӣ); в) – у т танҳо дар лаҳҷаҳои ғарбии Кӯлоб кӯлобии
Ҳисор ва Қаротегин қайд шудааст: хъд-ут бигу, ай вахто-йи ба Фар-
ғона мерафтан-у меомадано-т (қ., Тегирмӣ); намере ватан-ут бъба-
рам-ат (ғ-к., Олучадара); бисйор духтар-ут баақл-ай гуфт (к-ҳ., Мағ-
муруд); г) – т – дар ҳамаи маҳалҳо: кърта-т-а на́мети? (ш-к., Хо-
валинг); чо-т мебаран (ш-к., Ғелон); мън хъдойи-т-а бъхърам (в-қ.,
Кӯл); чи-т бътъм? (ҷ-к., Бадринг); ҳаму мъдъри амбор-а мегум,
мета-т (ш-к., Ховалинг); кадуме-ш-а меган-т-а анаме-ш-а бор мекъ-
ни (в-қ., Ҳиҷборак) ва ғайра.

Ҷонишини энклитикии шахси III танҳо- -а ш чунин вариантҳо
дорад: -ъш, – а ш, – и ш, – у ш, – ш. Маҳалҳо аз ҳамдигар бо да-
раҷаи истеъмоли ин ё он вариант фарқ мекунанд. Чунончи:

1) – ъ ш дар аксари лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ, аз ҷумла лаҳ-
ҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ, варианти асосӣ ба шумор рафта, танҳо дар
лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор камтар ба назар мерасад: у бача-ш омада,
гирди қабр-ъш-а семент гирифт (ғ-к., Чилча); дайро он-ъш то-

за (к-х., Тӯда); йагу х е л - ъ ш сънҳор мега (в-қ., Хӯҷаи Тавоф); гушт-ъш қариб кади бича ѡори мешава (в-қ., Сарикенҷа); йа модагов-ъш таѡел-ънда ҳаром шъдас (в-қ., Ҳоит); и мардак дар шикам-ъш чи гап-ай, мън медонъм (қ., Шарҳо); дар бағал-ъш де ѡ хоѡ-ай (ш-к., Хонақо); дъхтар-ъш дъраѡ кардаст (Роғ, Хӯҷағалтон); тоқӣ бъмон да сар - ъш (бд., Ғорон);

2) - а ш. Ин шакл низ дар шеваи ҷанубӣ истеъмол меёбад, вале дараҷаи истифодаи он дар лаҳҷаҳои Қаротегин, ғарбии Кӯлоб, кӯлобии Ҳисор назар ба лаҳҷаҳои гурӯҳи дигари Кӯлоб, Роғ, Бадахшон ва вахиёй-қаротегинӣ бештар мебошад: ш ъ м о л - а ш гарм-ай иҷаҳо-да, файзоѡт салқин-ай (к-х., Норак); одам дар чил ки рафт, бад угам, ақл-аш дар ҷо мешавад (в-қ., Оқсой).

3) - у ш камистеъмол буда, доир ба истифодаи он дар Қаротегин ду мисол, дар лаҳҷаҳои ғарбии Кӯлоб се мисол ва дар лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор ҳашт мисол қайд шудааст. Ин фақат шаҳодат медиҳад, ки шакли - у ш дар лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор бештар истеъмол мешудааст; боро-м-а алаф-уш нағз-ай? (к-х., Арбобдара); ҳо, хуна-уш баланди-да (к-х., Мағмуруд); йа аспаки-ра ҳамича задум, асп-уш ру гашт (ғ-к., Сангтӯда); мол-уш-а ду ҳис мекънем (қ., Самсолиқ).

Ҷонишини энклитикии - а ш ихтисор шуда, дар се маврид аз он фақат фонемаи -ш боқӣ мемонад. Ин ҳодиса дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ, вахиёй-қаротегинӣ, ғарбии Кӯлоб ва кӯлобии Ҳисор ба назар мерасад.

а) Баъд аз садонокҳо к у ч а - н д а - ш дидъм (в-қ., Оқсой); зани м и н а г и - ш - а м мърдаги мега (в-қ., Кӯл); чо-ш шакидаст (в-қ., Пилдон); и бача ай у-нда зур-ай, неки у дигари-ш зуртар-ай (в-қ., Нӯшор); рузи нъѡаса-ш ба адир рафт (Роғ); мудири ф и р м а г и - ш - а м кардем (ғ-к., Чавроғи Боло); Аҳмад-ай хуби-ш-а оѡъру йофт (в-қ., Нӯшор); о, ҳ а й в о н и г а р и - ш тъзък (к-х., Мағмуруд); ота-ш котиби ҷамоъа (к-х., Канчӣ); кала-ш кор накарсодай (в-қ., Хичборак).

б) Агар баъд аз ҷонишини энклитикии - а ш пасоянди - а ояд: бечора с а р - ш - а каҷала мекъна (ш-к., Ховалинг); таърихи пеш ай қ и р ғ и з - ш - а нашнавидем (в-қ., Оқсой); лули-ра хар-ш-а оѡ бъте-у пул-ш-а гир (қ., Хилак); ҷ е л а к - ш - а ай беруни дар мепартойа (ш-к., Хонақо); и чи кор кард, ки йа хуша ангир-ш-а намекана (к-х., Арбобдара). Баъд аз феъл низ дар мавриди пас аз - а ш омадани пасоянди - а аз бандакҷонишини - а ш танҳо - ш боқӣ мемонад: йа сол лешид кард-ш-а (ғ-к., Сангтӯда); пирказ-ш-а гирифтай, тика-тика када дангала кадай-ш-а (к-х., Навобод); баҳор-да ҷаѡак мекънан, чанта мърғоѡи ома, хеста медоран-ш-а (к-х., Ҷонварсӯз); аку мо гаѡ нъмезанем-ш-а (ғ-к., Чилча).

Дар шеваи ҷанубӣ ҷонишини энклитикии шахси якуми ҷамъ чунин вариантҳо дорад: - м у н, - м у, -м о н, - м о, - а ш о н, ъ м о н, - ъ м у н.

1. Шакли - м у н дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ, вахиёй-қаротегинӣ ва кӯлобию кӯлобии Ҳисор серистеъмол буда, дар лаҳҷаҳои Роғ ва Бадахшон қайд нашудааст: б о б и - м у н йаг сад-ъ дахда мърд (ш-к., Сангдара); шаройит-мун хъб-ай (в-қ., Қӯшағба); ҳар



дъ-мун ай Арзънг мешем (в-қ., Сарикенҷа); ей моне, йа дам сийоҳдам - мун бурой (ш-к., Шехмизон); падар-мун-а дидаги нестем, ваҳ (барвақт) мърдаги-йай (ш-к., Мӯминобод); ба (баройи) хъд-мун-а каҳ медъравем (в-қ., Дараи Мазор); оѡ бийор, даст-мун-а бъшуѡем (қ., Шулмак); хуна-мун-а гирифт ешон (қ., Яхакпаст). Дар лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ, хусусан, Ҷиргатол гоҳо шакли - м ъ н низ истифода шудани ҷонишини энклитикии шахси якуми ҷамъ дида мешавад: моо ҳар дъ-мън бачойи бъйор (в-қ., Оқсой); ҳар дъ-мън ҳамғул-ем (в-қ., Сарикенҷа).

2. Шакли -м у дар лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ, Қаротегин, Кӯлоб, Бадахшон (ба ҷузъ лаҳҷаи Ғорон) қайд шудааст: мо-ра бобикалун-му ҳамита умада бъдас ай Арзънг (в-қ., Сарикенҷа); директур-му ҳоли дар Самарқанд рафтастас (в-қ., Ҳоит); камтар оѡ му бъти (в-қ., Нӯшор); дъхтаро йаг ҳафта ғам-му додан (қ., Самсолиқ); падар-му рафта омадестай (ш-к., Наврӯҳо); йаке ғалтид, талха-му кафид (ш-к., Даштиҷум).

3. Шакли м о н - дар материали лаҳҷаҳои гурӯҳи кӯлобии Ҳисор, Қаротегини Поён, Бадахшон, Роғ ва ғарбии Кӯлоб қайд шудааст: дига-йам гашта хаѡар-мон нагирифте (к-х., Мағмуруд); чизам къна, бо фиреб-мон медод, дъ асп-мон-а гирифт (к-х., Ҷонварсӯз); ҳаму мулҷари ху-мон хеле хуѡ (қ., Пору); ҳами лабаратори мактаѡ-мон ай лабартори мактаѡойи шар би-йай (қ., Самсолиқ); ҳоли Рустам гап-мон-а намегира (ғ-к., Гурдара).

4. Варианти - м о - камистеъмол буда, дар материали лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ ва Кӯлоб дутогӣ мисол ва Орҷоникидзеобод як мисол қайд шудааст: ҳами дъхтарча-мо ки дод мега (к-х., Зулфӣ); баъд кам-кам и хел калимаҳо дар йод-мо мезана (ш-к., Хонақо); решайи модар-мо ай ҳамиҷа къндайи падар-мо ай Къчъкзи (в-қ., Нӯшор).

5. Шакли - а м о н - танҳо дар материали лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор қайд шудааст: гуфт, тайлоқ - амон гум шидай (к-х., Ҷавонон).

6. Шакли - ъ м о н - дар лаҳҷаҳои ғарбии Кӯлоб ва кӯлобии Ҳисор қайд шуда бошад ҳам, вале хеле камистеъмол мебошад: падар-ъ мон ай съни шаҳр-ай (к-х., Кончӣ); бо (з) чатоқ кард-ъмон (ғ-к., Сангтӯда).

7. Шакли - ъ м у н - танҳо дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб ва Роғ қайд шудааст: хуб ғам - ъмун додан: уҳо бехи аѡ қот-ъмун-а ба даҳан намегиран (ш-к., Ховалинг); орд-ъмун чошти мактаб намем (Роғ, Хӯҷағалтон).

П. Ҷонишини энклитикии шахсии шахси дуюми танҳо чунин вариантҳои фонетикӣ дорад: - м у н, - т у, - т о н, - ъ т у н.

1. Шакли - т у н - дар лаҳҷаҳои Қаротегину Кӯлоб ва вахиёй-қаротегинӣ аҳьёнан дучор мешавад: г у с о л а - т у н умадай (қ., Сайдон); агар х а в а р - т у н кънем мийоен (к-х., Кончӣ); у с т о - т у н ки бът? (в-қ., Сарикенҷа).

2. Шакли - т у (дар лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ - т у // т ъ) дар Қаротегин, Кӯлоб ва Бадахшон қайд шудааст: мън нуни г а р м а к - т у метъм (қ., Каҳдара); найофтай-ту, гъшна хоб кардъм (қ., Шархо); гъндъшк хурд, бад ту чи мехри? (бд., Мулвоҷ); маълим

дайроw-ту мекъна, охи́ (в-қ., Дараи Мазор); мефорам, ки г а п – – т у зан-ъм, воре зонуо-м дар менан (в-қ., Дараи Мазор); ҳоли бе, байди гулакона-ту бъгум (ш-к., Хонақо); шъмо-ра сол-тъ гуспанд-ай (в-қ., Сарикенҷа).

3. Шакли т о н дар ғарбии Кӯлоб, лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор, Бадахшону Роғ ва аҳьёнан дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ дучор мешавад: бай м о д а р – т о н ни раҳмат (в-қ., Сарикенҷа); тоқи мондем с а р – т о н – д а (ғ-к., Шулупту); у Сойиw-а йови, йа д а ф т а р – т о н – а, пур мекъна (ғ-к., Кангурт); раве, йа мурғ-а оварда ба ҳ а в л и – т о н сар те гуфт (к-ҳ., Ҳоҷиқатаған); аку й а х д о н – т о н – а м е к ъ ш о м – т о н – а (к-ҳ., Мағмуруд).

4. Шакли-ъ т у н // ъ т о н – дар лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ, кӯлобии Ҳисор истеъмол меёбад: зан-ътун кор кънан (в-қ., Шилбилӣ); ана ҳами шавҳари д ъ х т а р – ъ т о н? (к-х., Кончӣ).

Ҷонишини энклитикии шахси Ш ҷамъ чунин вариантҳои фонетикӣ дорад: – ш у, – ш о н, -ш ъ н.

1) Шакли – ш у асосан, хоси лаҳҷаҳои Қаротегин, вахиёӣ-қаротегинӣ ва Бадахшон буда, аз лаҳҷаҳои шимолии К ӯлоб доир ба он мисол қайд шудааст: а т а – м – ш у ай шаҳр умадаст (в-қ., Хӯҷаи Тавоф); йагу-йагу г а п – ш у дигар-ай (к-ҳ., Майдонтерак); йа нола бъди-шу (в-қ., Тавилдара); ҳаму ай сеw и х ъ д -ш у пайван оw ард-у бад пайванд-шу кард (қ., Шархо); е, ҳаму купрук-ънда ҳаст х у н а – ш у (қ., Ялдамич); йа мардак а қ о р а т – ш у кард (ш-к., Ғелот).

2) Шакли-ш о н хоси лаҳҷаҳои Кӯлоб, кӯлобии Ҳисор, Бадахшон ва Роғ буда, дар гурӯҳи лаҳҷаҳои Қаротегин камистеъмол аст: дъхтъро-ра д о р у х о – ш о н нағз (ш-к., Ховалинг); ҳама г а р – ш о н дуруғай (ғ-к., Ғӯрдара); бъра, йангат-шон-да бъгу, ки чойник-у пийола бъбара (ш-к., Момандиён); позир ф а р й о д – ш о н мекънем, асп мейоран (к-ҳ., Ҷонварсӯз); аку ба зоти о т а – ҳ о – ш о н рафта дода меган (к-ҳ., Мағмуруд); омадъм ҳоw ҳама-шон, туфли нави оҳарин-шон-а саг бърд (к-ҳ., Норак ); ана, чи ки м а х с а т – ш о н боша, меран (в-қ., Ярхаб).

3) Шакли – ш ӯ н дар материали лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ қаротегинӣ, кӯлобии Ҳисор ва кӯлоби дучор мешавад: д ъ с т о – ш у н – а оw бъгире (в-қ., Қӯшағба); да д и й о р г и – ш у н йаг мард езъм мекард чақон-чақон (ш-к., Хонақо); навис-навис-шун дига-ай (ш-к., Шехмизон); гоw-у мол-шун ҳамуҷа омадод (қ., Навдонак); н о р м а – ш у н – а до, ба пъли хъд-шу (в-қ., Нӯшор); дига касойе, ки кор мекардан, хушлиwос, и ш к а м – ш у н сер (к-ҳ., Мирзоӣ); дар ватани х у – ш у н ҳамин хел (к-ҳ., Мағмуруд).

Вариантҳои – ъ ш о н дар ин лаҳҷаҳо нисбатан камистеъмол мебошанд. Аз ҷумла, -ъ ш у н // – ъ ш о н дар лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор, шимолӣ, ғарбии Кӯлоб ва Роғ қайд шудаасту бас: а́рдъ-мон ошти, мактаб на́мерем (Роғ, Хӯҷағалтон); ай хунаи уwо п а д а р – ъ ш ъ н бъромадаисай (ғ-к., Балҷувон); ай писарбачаҳо б и с й о р – ш о н калхос-да кор мекънад (к-ҳ., Кончӣ) аму-ра баран ба ва-



тан-ъшун-а (ш-к., Ховалинг); Варианти – ш ъ н бошад, танҳо дар лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ, аниқтараш дар лаҳҷаҳои Ҷиргатол ва ғарбии Кӯлоб қайд шудааст: ҷойи ғилм м е б р о w а р д а г и – ш ъ н Бъхоро бъд (в-қ., Оқсой); дигар ҷо л а w з – ш ъ н дигар-ай (в-қ., Сарикенҷа).

Ҷонишинҳои энклитикӣ дар шеваи ҷанубӣ вазифаҳои зерини грамматикиро иҷро мекунанд:

1) соҳибиятро нишон медиҳанд: д ъ с т – ъ м – дасти ман, д о – д а р – ъ т – додари ту; и соат-ът дъст-ът-на? патинко-ш-а wин да по-ш; к и т о б – а м – китоби ман, к и ш л о қ – ъ ш о н – қишлоқи онҳо (к-ҳ., Кончӣ) ва ғайра.

2) Ҷузъи предмети кулро мефаҳмонанд: ком-ъш гърифтагист-кадоме аз инҳо гирифтагист? не и́ч ком-ъш-а напоидъм-не ҳеҷ кадомашро напоидам; кадом-ъш ай ту-кадоме аз ин аз они туст? и н – ҷ а – ш – ғ а л а т о м а д – инҷояш ғадат омад (к-ҳ., Зулфӣ); зани минанги-ш-ам мърдаги́ мега (в-қ., Кӯл).

3) Ҷонишини энклитикии шахси Ш танҳо ба ҳиссаҳои номии нутқ васл гардида, алоқаи онро ба фикре, ки пеш гуфта шудааст, таъмин мекунад: на́меои́ зардолу бъчини́? гуфтъм, ҷога-ш-а на́дор-ъм-на́меоӣ зардолу чинем? – ман ҷавоб додам, барои ин ҷогаҳ надорам: алови́ на́доръм, хъдо бъгира беалови-ш-а (к-ҳ., Зулфӣ);

4) Дар ибораҳои зерин энклитикаи – а ш якҷоя бо пасоянди -а//-ра дар ташкили алоқаи байни муайяншаванда бо муайянкунанда воқеъ мегардад: и м о р а т – а а қ и б – ъ ш -оқиби иморат; д а ф т а р – а м у қ о б а – ш – муқоваи дафтар (Роғ) м ъ – р а к и т о б – ъ м г у м ш и д а й – китоби ман гум шудааст; а г р а н о м – а д ъ р о м а д – ъ ш б и с й о р – а й – даромади агроном бисьёр аст. (ш-к., Лағмон).

5) Ҷонишини энклитикии шахси Ш ҷамъи – (ъ) ш у н ҳурматро низ ифода мекунад: дъхтарои апа-м-шун мактаб-да мехунан – -духтарҳои хоҳари ман дар мактаб мехонанд; хуна-да оча-м-ъ ака-м-шун- дар хона модар ва бародарам ҳастанд (ш-к., Кӯлоб).

Ҷонишини энклитикӣ дар шеваи ҷанубӣ дар ифодаи объекти бавосита ва бевосита низ истифода мешаванд. Дар ин хусус дар фасли синтаксис маълумоти даркорӣ зикр ёфтааст.

## ҶОНИШИНҲОИ ИШОРАТӢ

Дар шеваи ҷанубӣ ҷонишинҳои ишоратӣ, асосан, инҳоанд: и (н) ун(он), у, вай. Бо ёрии ҳиссачаи таъкидии ҳ а м – аз ин ҷонишинҳо шакли мураккаби онҳо – ҳ а м и н , ҳ а м у н, ҳ а в а й сохта мешавад.

Ҷонишинҳои мазкур дар вазифаи ҷонишини шахси Ш танҳо низ кор фармуда мешаванд. Дар вазифаи ишорат онҳо одатан пеш аз исм омада, тағйир намеёбанд. Мисолҳои зеринро муқоиса кунед: а) дар вазифаи ҷонишини шахсӣ: ҳами бъйо, кърък ба сари у-ра меҷақа; и меомад, адиро-да хасйори́ (хасбиёрӣ) мерафтем, съни аму бъгу, уи исъ бъгирда; и занак ба ийо-ра ама-ш меша (ш-к., Ховалинг); б) дар вазифаи ҷонишини ишоратӣ: оли ами оғил-да асп-а йа соҳатак бъдоръм-ъш, бестад; у туто-ра гърифта бъйор (ш-к., Мӯминобод).

Шакли ҷамъи ҷонишинҳои мазкур бо ёрии суффикси ҷамъбандии -ҳо//-о сохта мешавад[77]: у н о, и ҳ о,//и й о, в а й о// ҳ а в а й о, ҳ а м и н о//ҳ а м и й о.

Ҷонишинҳои и ва у дар вазифаи ишорат ҷонишини энклитикии - а ш - ро қабул мекунанд. Дар ин ҳол энклитикаи - а ш ҷузъро аз кул ҷудо намуда онро махсус таъкид мекунад: и-ш/ин-аш/ ай бозор-ай, у ҳ о кавгбоз, мо қавкбоз нестем (ғ-к., Кангурт); ай и-ш то у-ш шаст ман (в-қ., Ёғанд); и-ш нарава, у-ш рава (ш-к., Ховалинг); и-ш и-ш-а ниго кард (в-қ., Оқсой).

Ҷонишинҳои и ва у, монанди шеваи шимолӣ, дар шеваи ҷанубӣ низ дар ифодаи ҳурмат кор фармуда мешаванд. Дар ин ҳол калимаи кас ҳатман ба ҷонишинҳо дар як таркиб меояд. Чунин ҳодиса, асосан, хоси лаҳҷаҳои гурӯҳи ғарбии Кӯлоб ва кӯлобии Ҳисор буда, аҳьёнан дар лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ низ дучор мешавад: и кас мега шишта пър къ (ғ-к., Давлатшоён); и кас кор-аш кълон бъд, мъдири ферма бъд (к-ҳ., Ҳоҷиқатағон); и кас чи меган? (в-қ., Оқсой); у кас йош-ай, йо мън (в-қ., Сарикенҷа).

Ҷонишинҳои ишоратӣ дар шеваи ҷанубӣ мисли забони адабӣ ва шеваҳои гурӯҳи дигар ду навъ предметро нишон диҳанд:

а) предмети наздикро нишон медиҳад. Ба ин гурӯҳ чунин калимаҳо дохил мешаванд: и//ин, ҳами//ҳамин. Мисолҳо: и / девор / дъ раҳ-се раҳ панҷакаш кардагӣ-ай (в-қ., Шарҳо); и бача дилийоw намешаwа (қ., Самсолиқ); ҳами бала-ра мети йордам къна (қ., Қалъанак); ҳами мактаw-а гърд-ъш-а мāкам кадем (ғ-к., Гӯрдара).

Ҷонишини ҳами н а фақат барои ишорати предмет, балки ба маънои таъкид низ кор фармуда мешавад: ҳами Гълмамад-а бъги-ш бийо, кори меҳмуно бъд шаw а (в-қ., Нӯшор); ҳами лотъни-ра нохонда мāлъм шидем (ғ-к., Олучадара); ҳами дъ зайл бъринҷ мешa (ш-к., Ховалинг).

б) Предмети дурро нишон медиҳанд: ҳаму//ҳамун, вай//ҳавай, у(н). Мисолҳо: ҳаму маҷлиси мусəфедо-да мън-ам иштирок ка метонъм (ғ-к., Балҷувон); ҳаму олболуи иқа бъги бъшу, бъги бийо (ш-к., Даштиҷум).

Интишори ҷонишинҳои ишоратӣ дар дохили гурӯҳи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ ба тарви зайл аст.

1. Ҷонишини ин. Ин ҷонишин ду варианти фонетикӣ дорад: и ва и н. Варианти и ба ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ хос мебошад. Бинобар ин, мо танҳо бо ишорати он қаноат мекунем. Аммо варианти ин назар ба и хеле камистеъмол буда, дар дохили шева фарқҳо дорад. Аз ҷумла, и н хоси лаҳҷаи каротегинӣ, ғарбии Кӯлоб ва кӯлобии Ҳисор буда, дар лаҳҷаҳои шимолӣ ва ҷанубии Кӯлоб, Роғ, ҳамчунин Бадахшон қариб истеъмол намешавад: подшо гъф, ки и н нъмоли зани мън (қ., Самсолиқ); а и н мега, ки хориҷи йаг шар-а панҷо тило намегиран (в-қ., Кӯл); бāд (баъд) ин-ам нопуғри-йай (ғ-к.,

77 Ҷонишини ишоратӣ ҳангоми гирифтани суффикси ҷамъбандӣ танҳо шахсро ишора мекунад: ҳ а м и н о аwсона медонан (Роғ) мъносибати байни ҳ а м и н о нағз не (к-ҳ., Файзобод), дъсти ҳ а м и н о кълет ши (ғ-к., Гӯрдара).



Давлатшоён); руба ай ин кор хърсан шид (қ., Чанор); и н кас-ам қишлоқо-ра боб ка нависондан (к-ҳ., Ҳоҷиқатағон); и н оw бекора (к-ҳ., Кончӣ).

2. Ҷонишини у н (он) камистеъмол буда, аҳьён-аҳьён дар лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ, ғарбӣ ва шимолии Кӯлоб, ҳамчунин дар лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор дучор мешавад: у н хуна рафтан-ку (ш-к., Ховалинг); чубойи ғавс-ғавс-а мунда, байни ун-да шох мемона (ғ-к., Чавроғи Боло); у н мардаки зер мекардаги-ра мебърдан (к-ҳ., Деҳсабур); номи ун қишлоқ Алмалъғ, йагун узбак ном-ъш мундас (в-қ., Фатҳобод); ун пара-ш-ам ағба-й, и пара-ш-ам ағба-й, баройи ҳаwай Қушағба меган (в-қ., Қӯшағба).

3. Ҷонишини у ба ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ хос мебошад: у туто-ра гърифта бийор (ш-к., Ховалинг); у кампир ай тъ-да хеле нағз медона (к-ҳ., Норак); у вахт-да халқи бечорада азоw бъд (к-ҳ., Кончӣ); у-ра ай Норак оwардагӣ-йай (ғ-к., Сангтӯда); у оwи зур-ай (Қаротегин); ай у қишлоқ йа мазор-а ръжд (хоксел) гирифт. (в-қ., Навдонак).

4. Ҷонишини ҳамин: Ин ҷонишин чунин вариантҳои фонетикӣ дорад: ҳамин//ҳами, áми, мѝ, мѝн, амин.

а) ҷонишини ҳамин дар шеваи ҷанубӣ хеле камистеъмол буда, аҳьёнан дучор мешавад. Вале теъдоди истеъмоли он дар лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор, ғарбӣ ва шимолии Кӯлоб назар ба лаҳҷаҳои Бадахшон, Қаротегин, вахиёй-қаротегинӣ бештар аст: ҳамин-аш ам- шъгир-ай (ш-к., Ховалинг); кънатарин район дар вилойати Кулоw ҳамин-ай (ғ-к., Кангурт); ҳамин таҳ-да осийов ҳастаи-ку (к-ҳ., Мағмуруд); ҳамин-ам телпаки нағз-у андак хъртар-ай (к-ҳ., Ҷонварсӯз); ҳамин пийола-ра йагон кудаке шикастай (в-қ., Ялдамич); ҳамин Холуфи райис умад (Қаротегин).

б) шакли ҳами ба ҷуз лаҳҷаҳои Роғу Бадахшон барои ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ умумӣ ва серистеъмол мебошад: ҳами инсон ақл ай гъҷо йод мегира? (в-қ., Шарҳо); ҳами қишлоқо-ра мефармойем гандъм мекътан (в-қ., Ҳиҷборак); ҳами кърта-т йа озода мезебат-а (к-ҳ., Зулфӣ); ҳами саwхози Лахш-ънда омада бъд (в-қ., Оқсой); ҳоли ҳами Кънабой-да йак одами къҳна-ҳай (к-ҳ., Сумбула); ҳами сол на тушка-м шъдас-ъ на кацу (ш-к., Ховалинг); ҳами одамойи къна-къна ра бъйорен (к-ҳ., Норак).

в) шакли áми барои лаҳҷаҳои ҷанубии Кӯлоб, Роғ, вахиёй-қаротегинӣ ва Бадахшон шакли асосӣ мебошад, зеро дар ин лаҳҷаҳо мувофиқи хосияти фонетикии онҳо ҳамсадои ҳ дар аввали калима меафтад. Ин ҳодиса дар лаҳҷаҳои дигари ҷанубӣ низ хусусан, Қаротегин аҳьёнан дучор меояд: балад нестъм дар áми қишлоқ (ғ-к., Сангтӯда); áми Ашурбой дъхтар зад? (Роғ); ами тори бонг езъм дошт (Роғ, Хӯҷағалтон); ина аку соати панҷуним áми девол-а сар карда бъдем (в-қ., Шилбилӣ); мън то wегайи́-ра да áми идора кор мекънам (в-қ., Нӯшор) ва ғайра.

г) шакли - м и хеле камистеъмол буда, асосан, дар лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ, қаротегинӣ ва ғарбии Кӯлоб ба назар мерасад. Мушоҳида нишон медиҳад, ки шакли мазкур бо пешояндҳои аслӣ дар як таркиб меояд. Ин ҳодиса шояд ба ихтисори ҷонишини ҳамин ба чунин шакл сабаб шуда бошад: да ми семент-ам и поо-ш рост наместа (ғ-к.,

Рӯиоб); у пеш да ми идора кор мекардай (қ., Самсолиқ); ай ми къдайи мо дар Марғилон ҳастан (в-қ., Ярхаб).

д) варианти амин хеле камистеъмол буда, танҳо дар лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ қайд шудааст: ала, амин-а бъгиръм? (в-қ., Нӯшор); амин кор кори нозеw-ай (в-қ., Пилдон).

Ҷонишини ҳ а м и н баъзан бо ҳиссачаҳои таъкидии ана, мана дар як таркиб омада, предметро бо таъкид ишора мекунад.

1) Бо ҳиссачаи а н а: а) ҷ о н и ш и н и х т и с о р м е ё б а д: айни анамин моҳо-нда рафта бъдъм, себ набъд, у wахто-нда (в-қ., Оқсой); анами афсонагу-ай, некин (к-ҳ., Норак); анами симиганҷийо дига хел гав мезанан (к-ҳ., Ҳоҷиқатағон). Баъзан ҳиссача низ ихтисор меёбад: нами одам дар саwхоз кор мена (в-қ., Нӯшор); нами акойи Тағa-йа намеген, охи? (в-қ., Сарикенҷа); б) ҷ о н и ш и н б е т а ғ ь и р м е о я д: вазорат ана ҳами тори боло-да бъд (ғ-к., Олучадара); ана ҳами памълдори ай хъд-мо-ай (қ., Халқарф); ана ҳами шавҳари дъхтар-ъшон? (к-ҳ., Кончӣ).

2) Бо ҳиссачаи мана: а) ҷ о н и ш и н и х т и с о р м е ш а в а д: акъ манами пойон-да Қарақамиш мегуйан-ъш (ғ-к., Давлатшоён); манами бачаҳойи Норак омухта шидак (к-ҳ., Норак); б) ҷ о н и ш и н б е т а ғ ь и р м е о я д: мани ҳами мардак зивина (к-ҳ., Тӯда).

5. Ҷонишини ҳ а м у н. Ин ҷонишин боз дар чунин вариантҳои фонетикӣ истифода мешавад: ҳаму, аму, му (баъзан) ҳамон.

а) варианти ҳамун дар материали лаҳҷаҳои қаротегинӣ, вахиёй-қаротегинӣ ва кӯлобии Ҳисор ба таври маҳдуд истеъмол мешавад: рафтан, ҳамун дамарда-ра дидан (қ., Самсолиқ); ҳамун-а ай йа тараф монимчи то охир-ш-а? (к-ҳ., Ҷонварсӯз); хони мо ҳамун ана пеши лагер-да (к-ҳ., Тӯда); ана ҳаму канал-ай (в-қ., Кӯл); ҳамун боwо-м зинда бъд, ҳамту додъм (в-қ., Яхакпаст);

б) доир бо ҷонишини ҳамон-, ҳам-он аз лаҳҷаҳои ғарбии Кӯлоб ва вахиёй-қаротегинӣ яктоӣ мисол қайд шудааст: ҳамон соли си сейум йа калуғ дъ хар-а чапар-да қати кад (ғ-к., Давлатшоён); даҳмардҳо да ҳамон ҷо исоагиан(в-қ., Ҳиҷборак).

в) варианти ҳаму ғайр аз лаҳҷаҳои ҷанубии Кӯлоб, Роғ ва қисман Бадахшон, ки дар онҳо аз аввали калима фонемаи ҳ меафтад, ба тамоми дигар гурӯҳҳо хос аст: ай ҳаму оw мепара (в-қ., Оқсой); ҳаму ҳамшари хъ-т-ай (к-ҳ., Мингичар); хати райис-а ҳаму търиқ киғач-да фър дод (ш-к., Ховалинг); ҳамуҷоо-да бърава ҳамтари гуфте - сай (ғ-к., Олучадара) ва ғайра.

г) варианти аму дар лаҳҷаҳои Роғ, вахиёй-қаротегинӣ, ҷанубию шимолии Кӯлоб, Бадахшон ва аҳёнан дар ғарбии Кӯлоб, лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор (Файзобод) дучор мешавад: хъд-ът аму шар-на кор мекънӣ? (бд., Бадринг); аму ай мъ ҳичи нагъръф (ҷ-к., Ёл); уно аз а м у бари об шиштагӣ дар Ишкошим (бд., Нуд); аму бъз-ъш дъта зойидай (ғ-к., Давлатшоён); кати аму мактаб рафтас (ш-к., Ховалинг); кийо бъдан дар аму сари кор (в-қ., Нӯшор); ай аму чагмано йактоги бъгире, арзун-ан (в-қ., Оқсой).

д) Шакли-м у ҳамун ҳамон хеле камистеъмол буда, дар лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ қайд шудааст: акъ ай му сун умадагӣ меган (в-қ., Хӯҷаи Тавоф); мън да ду туй-ъш рафта бъдъм (в-қ., Шарҳо).



Ҷонишини м у бо ҳиссачаи таъкидии на//ана низ дар як таркиб меояд: а) наму танҳо дар лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ ва ҷанубии Кӯлоб қайд шудааст: наму бача-ра бъгу (в-қ., Оқсой); наму пъшта о w надора (в-қ., Нӯшор); нами гушо-щ, наму чъшмо-ш (ш-к., Даштиҷум); б) анаму (баъзан ану ҳаму) дар лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ ва ғарбии Кӯлоб ба назар мерасад: анаму руған-а мегирӣ, меҷиқан ҳаму-ра, чи меган (ғ-к., Давлатшоён); анаму дигар-ъш-да-ам ҳамира гаw задем (ғ-к., Кангурт); анаму шух-а ай ҷо-ш медунӣ? (в-қ., Қӯшағба).

## ҶОНИШИНҲОИ САВОЛӢ

Ҷонишинҳои саволӣ предмет, аломат ё адади онро ба воситаи савол нишон медиҳанд. Бо ин хусусият онҳо аз ҷонишинҳои ишоратӣ ва шахсӣ фарқ мекунанд: ҷонишинҳои шахсӣ ва ишоратӣ дорои хусусияти субъективӣ буда, гӯянда ҳангоми истеъмоли онҳо барои нишон додани дур ё наздик, маълум ё номаълум будани предмет аз нуқтаи назари ҷонишини х у д баромад мекунад ва ҳол он ки ба ҷонишинҳои саволӣ чунин хусусият хос нест. Онҳо танҳо барои пурсиши предмет, ва адади он хизмат мекунанд ва ба гӯянда дур ё наздик, маълум ё номаълум будани предмет маълум нест.

Ҷонишинҳои саволӣ дар шеваи ҷанубӣ аз забони адабӣ чи аз ҷиҳати миқдор ва чи аз ҷиҳати таркиби фонетикӣ фарқ мекунанд: к и, ч и (к и ҳ о, ч и ҳ о, к и й о, ч и й о), к а д о м // к а д ъ м // к а д у м, ч а н д // ч а н, ч у w а // ч и б а, к у ҷ о // // г у ҷ о //, г и ҷ о // ҷ о, и с т а р о // с а р о, б а х ч и. Дараҷаи истеъмоли ин ҷонишинҳо дар ҳамаи гурӯҳи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ як хел нест. Аз ҷумла, ҷонишини ки ва чи барои ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ ҳодисаҳои умумӣ ба шумор меравад : усто-тун ки бът? (в-қ., Сарикенҷа); шашум-да ки мерава? (к-ҳ., Девонабегӣ); ай Кулоб ки омад? (ш-к., Ховалинг); нормайи ма-ра ки-да додай? (ғ-к., Обиширин).

Ҷонишини ки бо бандаки хабарии ст// аст меояд. Ин ҳодиса танҳо дар материали лаҳҷаҳои Роғ ва вахиёй-қаротегинӣ қайд шудааст.: тъ дъхтари кистӣ? (Роғ. Хӯҷағалтон); ҳой, тъ кист-ӣ? (в-қ., Оқсой); ки-ст гаw мезана (в-қ., Оқсой). Ин ҷонишин гоҳо бо ҷонишини энклитикӣ низ истифода мешавад: дар ки-ш (ки-аш) додъм (в-қ., Нӯшор); Душанбе хонайи ки-ш (ки-аш) мерай?(к., Калъанак).

Ҷонишини ки шакли ҷамъ низ дорад, ки аксар ба сурати йо воқеъ мегардад: кийо бъдан дар аму бари кор (в-қ., Нӯшор); кийо ай кор дер кардан (қ., Самсолиқ); кийо ҷадид бъдан, кийо пешкаши Армийайи Советӣ бъд, ма медонъм (ш-к., Ховалинг);

Ҷонишини чи низ ҳамчун ки дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ ҳодисаи умумист: чи мегуйи? (ш-к., Кишт); у маҳтаw чи тэйор мекард? (к-ҳ., Ҷонварсӯз); шаw чи хърдъм ай хийол-ъм бърмадай (к-ҳ., Норак); Шарофидин чи дошт? (қ., Қалъанак); позир чи кардисам меги? (қ., Самсолиқ).

Ҷонишини чи бо суффикси - й о ҷамъбаста мешавад: чи-йо // чи-ҳо: чийо гуфта истодай? (в-қ., Оқсой).

Ҷонишини к а д о м ба ҳамаи маҳалҳои интишори шеваи ҷану-

бӣ хос буда, ғайр аз шакли адабӣ чунин вариантҳои фонетикӣ дорад:
к а д о м, кадъм, къдом, кадум, кәдум, кōм. Интишори шакли ада-
бӣ ва вариантҳои он дар дохили шеваи ҷанубӣ ба сурати зайл аст.

а) к а д о м дар ҳамаи маҳалҳо дучор мешавад: кадом ку- кoрда дил-ча-да қавм дара гудако (к-ҳ., Девонабегӣ); к а д о м корда дил-ча-да қавм дара гудако (к-ҳ., Девонабегӣ); шумо ай к а д о м -ът қизиқ мекъна, ҳаму хуб-ай (ғ-к., Рӯиоб); тъ дар кадом идора кор мени? (в-қ., районе? (ш-к., Пушьёни Миёна); тъ дар кадом идора кор мени? (в-қ., Ҳоит).

б) к а д ъ м асосан дар лаҳҷаҳри Қаротегин қайд шудаст: кадъм одамо умудан ай шаҳр? (в-қ., Нӯшор).

в) к ъ д о м дар материали лаҳҷаҳои Кӯлоб, кӯлобии Ҳисор қайд шудааст: к ъ д о м сол шъдак шъмо ай дъректър бърмаде? (ғ-к., Гӯрдара );

г) к а д у м дар лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ ва кӯлобии Ҳисор дучор мешавад: к а д у м кор? (в-қ., Овсой); к а д у м умасор дучор мешавад: к а д у м вах аст, ки Таѓойуф-а Манзур накааст (к-ҳ., Ҷорубсой); к а д у м вах аст, ки Таѓойуф-а Манзур накааст (к-ҳ., Ҷорубсой); к а д у м вах кишлоқи шумо қади мо бой шид, ба (баъд) бийо (к-ҳ., Сумбула) ва ғайра.

д) к ә д о м - дар лаҳҷаҳри кӯлобии Ҳисор қайд шудааст: к ә д о м сън рафтуди, пасен? (к-ҳ., Ҷарбулоқи Поён);

е) к ō м дар шимолӣ ва ғарбии Кӯлоб дучор мешавад: чубо-ра дар саройи ра напарто бача-м, ба пойи кōм назана (ш-к., Ховалинг) ком омаде-да даркор шава, мекана мерава (ғ-к., Давлатшоён).

Ҷонишини к а д о м баъзан бо ҷонишини энклитикӣ омада, барои ифодаи аз кул ҷудо кардани ҷузъ хизмат мекунад. Ин ҳолат барои ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ умумист: нашпоти кадом-ш-а мегем? (қ., Ялдамич).

Ҷонишини чанд. Ин ҷонишин дар ҳамаи маҳалҳо серистеъмол , буда, дар пурсиши миқдор ба кор бурда мешавад: чанд қадам мунди? (қ., Самсолиқ); қати у чанд истоди? (қ., Дараи Мазор). Ҷонишини ч а н д варианти фонетикии чан дорад, ки шакли асосӣ ва серистеъмол ба шумор меравад: шъмо ч а н в а х т месте иҷа-да (ғ-к., Давлатшоён); ч а н м е т и р мепартойи Акрам, ҳаму-ра (к-ҳ., Ҷавонон); ч а н р у з ҳамуно дар роҳ кор кардийан? (қ., Навдеҳ); ч а н р у з шъд ба рафтан-ъш? (бд., Ғорон).

Ин ҷонишин дар ҳамаи маҳалҳо бо нумеративи- т а ва ҷонишинҳои энклитикӣ низ меояд: чан-та ҳамитари обод кунам? (Қаротегин); чанд-ъш мегуйи? - мега панҷо тило мегум (в-қ., Кӯл);

Ҷонишини ч а н к а / чанд қадар. Ин ҷонишин ба вазифаи номуайянӣ меояд. Вай дар материали ғарбии Кӯлоб ва Қаротегин қайд шудааст: ч а н қ а роҳе рафт бад зани пошо-ра дид (в-қ., Самсолиқ); Искандар ч а н қ а иста wоша? (ғ-к., Рӯиоб).

Ҷонишини ч у w а сабабро мефаҳмонад. Ин ҷонишин дар аксарияти лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ дар ҳамин варианти фонетикӣ (дар Мӯминобод ч и б а ) маълум буда, аммо дар материали лаҳҷаҳри вахиёй-қаротегинӣ қайд нашудааст: ҳ а , гърезонък, ч у w а наме-ойи? (ш-к., Даштиҷум); ҳами Раҷаw ч у w а ҳамита мекъна? (к-ҳ., Муллоён); ч у w а йагу кас надид-ъш ? (к-ҳ., Қалъанак); у-ра чиба



кълет кади? (ш-к., Мӯминобод); ма-ра чиба иҷа оварди? (ш-к., Мӯминобод);

Ҷонишини к а й. Ин ҷонишин дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ серистеъмол мебошад: к а й гърехтем ай кор? (қ., Қалъанак); нәмедуна к а й шъдан-ш-а? (в-қ., Лахш); апа-м кай меомада боша (ш-к., Дараи Мурғон).

Ҷонишини к у ҷ о чунин вариантҳои фонетикӣ дорад: г у ҷ о, г ъ ҷ о, к ъ ш о, г и ҷ о:

а) г у ҷ о дар лаҳҷаҳои Қаротегин ва кӯлобии Ҳисор (дар Норак); г у ҷ о рафти ма-ра ройи накарди? (к-ҳ., Норак); қасобо мепърсан, ки бо (боз) г у ҷ о мерави (в-қ., Кӯл).

б) г ъ ҷ о дар лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ ва қаротегинӣ қайд шудааст: ай г ъ ҷ о умади, wа гъҷо рафти? (в-қ., Сарикенҷа); и бача ай г и ҷ о - ҳай? (қ., Кабудиён).

в) дъхтар да гиҷо шид? (қ., Самсолиқ); мусъфед да гиҷо шит? (в-қ., Кӯл).

Ҷонишини ч о. Ин ҷонишин: 1) Бо ҷонишини куҷо-и забони адабӣ ҳаммаъно буда, дар материали лаҳҷаҳои Кӯлобу Қаротегин қайд шудааст: кӯдако қати ч о бъравъм мега (ғ-к., Давлатшоён); ч о мерафтен? (ш-к., Наврӯҳо); 2) Бо ҷонишини ч и (чӣ кор)-и забони адабӣ ҳаммаънӣ мебошад: нахъри, ч о к ъ н ъ м (қ., Пушъёни Миёна).

Ҷонишини и с т а р о чунин вариантҳои фонетикӣ дорад: и с т а р о, с а р о й, ч и т а р о, ш ъ т а р о и, и ш т а р о. 1) И с т а р о дар гурӯҳи лаҳҷаҳои Қаротегин, вахиёй-қаротегинӣ, кӯлобии Ҳисор ва Кӯлоб хос аст: мән и с т а р о туғри-ш мекуним? (в-қ., Қалъаи Лаби об); моо бе мошин истаро мерем? (в-қ., Нӯшор); хъд-ът пахта-ра истаро мегири? (в-қ., Қӯшағба); 2) С а р о и дар лаҳҷаҳои Қаротегин ва кӯлобии Ҳисор, хусусан, Файзобод маъмул аст: хъд-ът с а р о и шими боwот-а пушиди? (қ., Самсолиқ); нун-а с а р о и мехърем (ш-к., Ховалинг); 3) И ш т а р о танҳо дар материали лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор, хусусан, Нораку Ёвон қайд шудааст: а, вәзир-а падар-ъш-а къштем, бача-ш-а ч и т а р о кънем гуф (к-ҳ., Норак); мазайи анор ч и т а р о боша? (к-ҳ., Мирзоӣ); 4) Ш ъ т а р о и дар лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ: акайи пасан шътарой, лой мени? (в-қ., Сарикенҷа); 5) И ш т а р и дар лаҳҷаҳои Бадахшон: милис иштари шид бачек-ъш? саломатии бачаи милиционер чи хел шуд (бд., Ғорон).

Ҷонишини и с т а р о // и с т а р о й и бо вариантҳои фонетикиаш дар лаҳҷаҳои "қаротегинӣ"-и водии Фарғона низ серистеъмол аст. Яке аз таҳқиқотчиёни лаҳҷаҳои райони Фарғона К.Юсупов бе ҳеҷ гуна таҳқиқу муқоиса ҷонишини мазкурро тарҷумаи айнии ҷонишини қандай-и забони ӯзбекӣ ба қалам додааст. [78] Таркиби мор-

[78] К. Ю с у п о в. Ўзбек ва тожик тилларининг ўзаро алоқаси. Тожик тилининг Фарғона шеваси материали асосида (рисолаи номзадӣ). Тошкент, китобхонаи АФ РСС Ўзбекистон. Инв.Д-391, 1957 йил. Барои батафсилтар ошно шудан бо ин масъала инчунин ниг. Ҷ. М у р в а т о в. Ҷонишинҳо дар шеваҳои тоҷикони Андиҷон, Маҷ. "Масъалаҳри шевашиносии тоҷик", ҷ.1. Душанбе, "Дониш", 1970, саҳ. 46-48.

фологии калимаи мазкур шаҳодат медиҳад, ки фикри К.Юсупов асоси илмӣ надорад. Ба назари мо, истаройи тарҷумаи қандай-и ӯзбекӣ набуда, балки, яқин ихтисори таркиби чи таврӣ аст. Дар лаҳҷа фонемаи "ч"-и ҷонишини чи ба "с" бадал шуда, бо овози "и" ҷои худро иваз кардааст: и с // ч и. Баъзан "чи" ба "ш" мувофиқат мекунад: ши//чи.

Ба фонемаи с бадал шудани ч, чунон ки дар боло хотирнишон кардем, дар шеваи ҷанубӣ дар калимаҳои дигар низ дида мешавад: сорбоғ-чорбоғ.

Аз калимаи тавр бошад, ба ақидаи мо, дар баъзе лаҳҷаҳо фонемаи в афтида, ҳиссаи тар ва дар баъзе лаҳҷаҳо-таро боқӣ мондааст, ки ин ҳолат бештар ба қонуни дохилии тараққиёти ин ва ё он шева вобаста мебошад. Шояд бо ана ҳамин сабаб калимаи саройи дар шеваи ҷанубӣ вариантҳои гуногуни фонетикӣ пайдо карда бошад.

Ба ҳамин тариқ, дар таркиби морфологии калимаи саройи// истаройи//читаройи ва қандай-и забони ӯзбекӣ, агар вазифаи грамматикии онҳоро қатъи назар кунем, ягон умумияте дида намешавад.

Ҷонишини б а х ч и. Ҷонишини бахчи хоси лаҳҷаҳои гурӯҳи Кӯлоб буда, дар лаҳҷаҳои Қаротегин дар материали мо во нахӯрд. Ин ҷонишин ҳамвазифаи ҷонишин барои чи, аз чи сабаб-и забони адабӣ буда, дар лаҳҷаҳои Кӯлоб, Кӯлобии Ҳисор истеъмол мешавад: Гълбарг, бахчи қати ака-т нарафти? (к-х., Мағмуруд); бахчи ҷанг медозӣ? (ш-к., Хоғалинг); бахчи, чизи хуш -ай (к-х., Ҷавонон).

## ҶОНИШИНИ НАФСӢ-ТАЪКИДӢ

Дар забони форсии миёна ду ҷонишини нафсӣ-таъкидӣ мавҷуд буд: хиа t⊥/худ ва xeš /хеш. Ҳар ду ин ҷонишин дар забони давраи классикӣ ба сурати xud ва xeš кор фармуда мешуд. Аммо дар забони адабии имрӯзаи тоҷик танҳо як ҷонишин, яъне худ, маънои ҷонишинии худро нигоҳ дошта, аммо ҷонишини х е š маънои аслии худро асосан гум карда, ба категорияи исм гузоштааст.[79]

Ҷонишини х у д дар лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ ҳам дар ҳамин шакл, ҳам ба сурати хъд дучор мешавад. Вай дар лаҳҷаҳои мазкур алоҳида истифода нашуда, балки ҳар вақт бо ҷонишинҳои энклитикӣ воқеъ мегардад.

Ҷонишини хъд//худ суффикси ҷамъбандӣ қабул намекунад. Шахсу шумора дар ин ҷонишин ба воситаи энклитикаҳо ифода меёбад: ота-м-а хъд-ъш, гъф хъ -мо мехърем.

---

79 Ҷонишини х е ш дар назм имрӯз ҳам гоҳо ба маънои пешинаи худ дучор мешавад.

Хоҳам ин ки беди дилсӯзе шуда,
Сайр бинамоям диёри хешро.
Рӯҳ бахшам, рӯҳ дар ҳар як қадам,
Халқҳои бахтиёри хешро.

( ҲАЛИМШО )



Тасрифи ҷонишини х ъ д // х у д бо бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ мувофиқи маҳалҳо чунин аст:

| қаротегинӣ | танҳо | вахиёй-қаротегинӣ |
|---|---|---|
| ш.1. хъд-ъм | | хъд-ъм//хъд-ум |
| ш.II. хъд-ът//хъд-ут | | хъд-ът//хъд-ут |
| ш.III. хъд-ъш | | хъд-ъш//хъд-аш |
| | ҷамъ: | |
| ш.1. хъд-му(н) | | хъд-мън//хъд-мун//хъд-мо |
| ш.II. хъд-ту(н) | | хъд-тън//хъу-тън//хъд-ту |
| ш.III. хъд-шу(н) | | хъд-ш-ън//хъд-шу |

Дар лаҳҷаҳои гурӯҳи кӯлобӣ, кӯлобии Ҳисор ва Бадахшон

| Кӯлоб, Бадахшон | танҳо | Кӯлобии Ҳисор |
|---|---|---|
| ш.1. хъд-ъм | | хъд-ъм//худ-ам//хъд-ам |
| ш.II. хъд-ът | | хъд-ът//худ-ат//хъд-ат |
| ш.III. худ-ъш | | хъд-ъш//худ-аш//хъд-аш |
| | ҷамъ: | |
| ш.1. хъд-мон//хъ-мон//хъд-мо | | хъд-мон//хъ-мон//хъ-мо |
| ш.II. хъд-тон//хъ-тон//хъд-то | | хъд-тон//хъ-тон//хъ-то |
| ш.III. хъд-шон//хъ-шон//хъд-шо | | хъд-шон//хъ-шон//хъ-шо. |

Дар истеъмоли ҷонишини х ъ д // х у д бо ҷонишинҳои энклитикӣ лаҳҷаи Роғ аз лаҳҷаҳои дигари шеваи ҷанубӣ баъзе фарқҳои фонетикӣ дорад. Чунин фарқият дар маҳалҳои дохили худи Роғ низ ба назар мерасад:

| Офтобзамин | Хӯҷаалтон | Анҷиркон |
|---|---|---|
| | Шумораи танҳо: | |
| ш.1. хъд-им | хъд-ъм | хъд-им//хъд-ъм |
| ш.П. хъд-ит | хъд-ът | хъд-ит//хъд-ът |
| ш.Ш. хъд-иш | хъд-ъш | хъд-иш//хъд-ъш |
| | Шумораи ҷамъ: | |
| ш.1 хъди-йомун | хъд-ъмон | хъди-омон//хъд-ъмон |
| ш.П. хъди-йотун | хъд-ътон | хъди-отун//хъд-ътон |
| ш.Ш. хъди-йошун | хъд-ъшон | хъди-ошун//хъд-ъшон |

Чунон ки мушоҳида мешавад, дар лаҳҷаҳои гурӯҳи кӯлобӣ ва кӯлобии Ҳисор дар натиҷаи ба ҷонишини нафсӣ-таъкидии хъд//худ васл гардидани ҷонишини энклитикӣ ҳодисаи аз реша афтидани фонемаи д, ки дар баъзе лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ характернок мебошад, ба назар мерасад: хъ-тон//хъ-то.

Дар чунин маврид ба назар зоҳиран чунин мерасад, ки гӯё фонемаи д ҷарангнокии худро гум карда, бо фонемаи т мувофиқат карда бошад. Аз ин рӯ, В.С.Расторгуева қайд мекунанд, ки шакли тағйирёфтаи ҷонишини xüt ∠худатон (дар Мастчоҳ) ба ҳамин ҳодисаи

фонетикӣ мансубият дорад. 80 Ба назари мо, дар ин ҷо фонемаи д чарангнокии худро гум намекунад, балки тамоман сокит мешавад ва дар натиҷа аз ҷонишини х ъ д овозҳои ху, аз ҷонишини энклитикӣ фонемаи т ва аз суффикси о н овози о боқӣ мемонад: х у – т о – ху(д) – а –т–о(н).

Айнан чунин ҳолатро дар бандакҷонишинҳои шахси якум ва дуюми ҷамъ низ мушоҳида мекунем: хъд–мо//хъ–мон, хъшо//хъ–шон бъгирен хъ–тон чой–а бъхърен (к–ҳ., Ҷарбулоқи Поён); ай хъ–мон ҳичи накадем (к–ҳ., Орҷоникидзеобод); ай боло мекънан хъ–шон (ғ–к., Сангтӯда); ба хъ–мон гов ном мекънем–ша (к–ҳ., Норак); мо хъ–мо ай инҷа мебарем (к–ҳ., Ҷонварсӯз).

Баъзан дар шумораи танҳо аз ҷонишини энклитикӣ фонемаи а афтида, аз онҳо танҳо ҳамсадои –м, –т, –ш боқӣ мемонанд: хъ–м, хъ–т, хъш. Ин ҳодиса одатан дар сурати пас аз ҷонишин омадани пасоянди – а ба амал меояд: хъ–м–а, хъ–т–а, хъ–ш–а.

а) х ъ – м –'а – дар лаҳҷаҳои Қаротегин, вахиёй–қаротегинӣ, кӯлобии Ҳисор ва ҷанубии Кӯлоб қайд шудааст: мън хъ–м–а йод мекънъм (ш–к., Кишт); ай хъ–м–а бъте, дузум (к–ҳ., Зулфӣ); анде мън хъ–м–а ва нодунӣ задъм (қ., Навдонак); ба хъ–м–а хъдойӣ додъм (в–қ., Сарикенҷа).

б) х ъ – т – а дар Қаротегин, Кӯлоб ва лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор қайд шуда бошад ҳам, истеъмоли он дар лаҳҷаҳои ғарбии Кӯлоб ва кӯлобии Ҳисор бештар аст: хунайи хъ–т–а фърухти–у? (к–ҳ., Зулфӣ); ҳаму хъ–т–а гъфтъм (ш–к., Мӯминобод); ранги руи хъ–т–а ма вахт медонъм (ғ–к., Гӯрдара); хъ–т–а гъфтан Данғара–дайи–ку? (ғ–к., Кангурт); е, Муло ...идибек, ба мардак хъ–т–а нига кардестас (в–қ., Нушор).

в) х ъ – ш – а дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ, вахиёй–қаротегинӣ, Кӯлоб ва кӯлобии Ҳисор қайд шудааст. Вале чунон ки материал шаҳодат медиҳад, истеъмоли он дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ ва вахиёй–қаротегинӣ афзунтар аст: х ъ – ш – а шу (нишон) наметийа (в–қ., Сарикенҷа); бад дига ху–ш–а ада(ӯҳда) карда наметунист (в–қ., Тавилдара); ху–ш–а ба хоw зад (ш–к., Хонақо); мо хъ–ш–а мешъносем (к–ҳ., Зулфӣ).

Ҷонишини нафсии х ъ д // х у д баъзан дар таркиби изофӣ меояд: хъди–ма, хъди тъ ва ғайра: хъди ма, ба чишми хъд–ъм дидъм (ш–к., Ховалинг); мисолҳои овардагӣ ай хъди ман (ш–к., Ховалинг); ҳамин невара–ш–ам ай хъди буво–ш мегъзарона (к–ҳ., Зулфӣ); ай хъди Москоw се кас–а орден умадас бай участкайи мо–ра (в–қ., Шилбилӣ): хъди–ма ай йакъми сентабир рафта омада истодам (к–ҳ., Ҷонварсӯз).

Чунон ки мисолҳои боло нишон медиҳанд, ҷонишини нафсии х ъ д // х у д дар таркиби изофӣ дар ҳамаи маҳалҳо дучор мешавад. Вале дараҷаи истеъмоли он маҳдуд мебошад. Аз ин рӯ, Неменова Р.Л. дуруст қайд мекунад, ки ҷонишини нафсии хъд//худ дар лаҳҷаҳои Кӯлоб дар таркиби изофӣ дар гуфтугӯи муқаррарӣ камистеъмол буда, танҳо дар нутқҳои расмӣ ва бароmаду маърӯзаҳо кор фармуда мешавад. 81

Ҷонишини нафсии х у д баъзан ду маротиба такрор мешавад. Дар ин вақт ҷонишини якум бо дуюм ба воситаи бандаки изофӣ ё пешоянд ва бандаки изофӣ алоқаи грамматикӣ пайдо мекунад:

1) Ба воситаи бандаки изофӣ: хъди–хъд–ъм таваллуд–ъм дар Арзънг шъдаги–ай (в–қ., Сарикенҷа); хъди–хъд–ъм бисти чор ман кардаги–йум (к–ҳ., Мағмуруд); ҳевар–ш–ай, зани Рустам–да ҳеварри хъди хъд–ъш (к–ҳ., Зулфӣ); 2) Ба воситаи пешоянд ва бандаки изофӣ: ай хъди хъди–мо (в–қ., Ярхаб); мо ай хъди хъд–мо, къндайи мо бъд–у мо нади́дем (в–қ., Ярхаб); хъд ай хъд–ъш (в–қ., Сарикенҷа):

Ҷонишини нафсии х ъ д // х у д баъзан пас аз ҷонишини шахсӣ низ истифода мешавад: мън хъд–ъм дар даруни сийпанҷ бъдем, ки падар–амо мърд (қ., Халқарф); шофийор ма хъд–ъм (к–ҳ., Ҷавонон).

## ҶОНИШИНИ ТАЪИНӢ

Ҷонишини таъинии ҳ а р барои ҳамаи шеваҳои забони тоҷикӣ ҳодисаи умумист. Ин ҷонишин дар шеваи ҷанубӣ танҳо дар Роғу Бадахшон, махсусан, Ғорон бо хусусияти овозиаш аз забони адабӣ фарқ мекунад: дар ин лаҳҷаҳо вай дар шакли а р истеъмол мешавад: а р ки ба кори хъд–ъш (Роғ); а р кас ба фоидаи худи–ш гап мезана (Роғ); а р мамлакат а р раҷа дора (бд., Ғорон).

Ҷонишини ҳ а р, монанди забони адабӣ, дар шеваи ҷанубӣ низ бо калимаҳои чи//чиз, ки, ка//кас, хел, руз, ранг, тараф ва ғайра дар як таркиб ба кор бурда мешавад: зур–ът–ки ома, ҳар чиз авқот мешъдай (ш–к., Ховалинг); арки ба кори хъд–ъш (Роғ, Хуҷағалтон); ҳар ки –ра медид ақсрат мекард (қ., Диҳи Боло); бад ҳар къдом–иш сари гузашт хъд–шон–а йаг –ба йаг фаҳмонд (к–ҳ., Шӯр); пеш ай калхос ҳар ка деҳқони–ш–а мекард (ш–к., Мӯминобод); ҳар кас–а маҷбур қардан чи лозим–ай (к–ҳ., Кончӣ); ҳар хел боша мардаки хуw –ай (к–ҳ., Дуоба); ҳар хел бъдан–да маълими забони русӣ боша хуw–ай–да (ш–к., Наврӯҳо); мо–да ҳар хела фикр мешава–да (ғ–к., Давлатшоён) ва ғайра.

Ҷонишини ҳ а р бо шумораҳои миқдории йа//йак, дъ//ду, се ва мисли инҳо низ истифода мешавад: Бо ин шумораҳо (ғайр аз йак) вай ҳамроҳиро ифода мекунад: ҳар дъ ҳами шаw она ручка мейора (ғ–к., Давлатшоён); ҳар ду уно ака–у бародар (қ., Шинглич). Ин гуна таркибҳо бо ҷонишинҳои энклитикӣ низ метавонанд воқеъ шавад: ҳар дъ–ш шъдан ҷанҷол (в–қ., Ярхаб); ҳар дъ–ш да ду киса–м бъдак (ш–к., Мӯминобод); ҳар се –шун гирези мешаван (в–қ., Кӯл); ҳамиҷа ҳар дъ–шун каштал ба каштал шъдан (в–қ., Сарикенҷа).

Баъзан калимаи тобеъкунандаи ҷонишини ҳар артикли – е низ дошта метавонад. Ин ҳол, одатан, дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, ки пайрави муайянкунанда, натиҷа ва мисли инҳо доранд, ба

---

80 В. С. Расторгуева. Опыт..., стр. 71.

81 Р. Л. Неменова. Кулябские говоры..., стр. 37.

назар мерасад. Дар ин маврид ҷонишини ҳар бо калимаи чунон ҳаммаънӣ гардида, маънои ишорат ва дараҷаро қувват медиҳад: ҳар водийе дора, ки чан мегардӣ, охи шалпар мешӣ (ш-к., Шехмизон); ҳар тъхме, дар бъҳорон сар мезанад (қ., Ялдамич).

## ҶОНИШИНИ ҶОМЕИ ҲАМА

Ҷонишини ҷомеи ҳ а м а дар шеваи ҷанубӣ се варианти фонетикӣ дорад: ҳ а м а, ƕ а м а, а́ м а.

1. Варианти ҳ а м а дар лаҳҷаҳои Қаротегин, вахиёӣ-қаротегинӣ, ғарбӣ ва шимолии Кӯлоб, ҳамчунин дар лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор кор фармуда мешавад: ҳама кор-да бъдийан (қ., Пору); ҳама бъ рафтан-ъ мо на́рафтем (в-қ., Нӯшор); ҳама гап-шон дъруғ-ай (ғ-к., Гӯрдара); ҳама ай Ленин минатор-ай, бача (к-ҳ., Девонабегӣ); бачаҳо-ш ҳама-ш корӣ-йай (ш-к., Пушъёни Миёна).

2. Варианти ƕама дар лаҳҷаҳои тоҷикзабонони Бадахшон дучор мешавад: аз ади Ишкошим то Вахон уро ƕама мөшиносан (бд., Мулвоҷ); хәчтәко ƕама ҷуг (хуб) айлоқ бәд, о? (бд., Козидеҳ); ƕама уноро коргаҳ (станок) меган (бд., Мулвоҷ); фақат ƕами Ямг тоҷики мега дигар ƕама вахивор (бд., Вахон).

3. Варианти а́ма дар лаҳҷаи ҷанубии Кӯлоб ва лаҳҷаи тоҷикони Ғорон дучор мешавад: а́ м а рафтан йак-т-ъш на́монд (Роғ, Хӯҷағалтон); а́ма ҷо сих мезана (бд., Ғорон); а́ма ҷур-ан (бд., Ғорон).

Баъзан калимаҳои тамоми ва бътън бо ҷонишини ҳама ҳаммаъно гардида, вазифаи онро иҷро мекунанд: [82] бътън ҳаму зағер-а помол мекънан (ғ-к., Рӯиоб); тамоми одамо ма-да нига мекардан (қ., Самсолиқ); тамоми тавистан номад (қ., Яхакюст).

## ҶОНИШИНҲОИ НОМУАЙЯНӢ

Ҷонишинҳои номуайянӣ дар шеваи ҷанубӣ аз забони адабӣ бо миқдор ва хусусиятҳои фонетикии худ фарқ мекунанд. Аз ин рӯ, онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: 1) Ҷонишинҳои умумихалқӣ. Ба ин гурӯҳ ҷонишинҳои зерин дохил мешаванд: йагон, баʿзе (баъзе), фалон, касе, ким-ки, ким-чи, чизе ва ғайра. Ҳар кадоме аз ин ҷонишинҳо боз дар дохили шеваи ҷанубӣ вариантҳои фонетикии бисьёре доранд. 2) Ҷонишинҳои хоси шева, монанди: йа хел, коме, чи, чиз, йа чиз// йа чи, кики, ҳарчийе, на́мечи, на́меки, на́мечанд, намегиҷо ва ғайра. Мисолҳо: ки файрод-ъш кард? – чум на́меки (қ., Қалъанак); боз на́меки савол дод дар бораи ҷубор (қ., Хумдон); нав на́мечи гъфти́, на́фаҳмидам (ш-к., Ховалинг); ай на́мегиҷо йа одам умадас, гъфтан-ъм (қ., Ҳакимӣ); боз на́мекадумо умадан (в-қ., Ҳиҷборак ); на́мечи коре кардай, ки қар-аш карда рафт (к-ҳ., Навобод).

Ҷонишинҳои мазкур бо вариантҳои фонетикиаш дар маҳалҳои

---

[82] Ин ҳодиса дар забони гелонӣ низ қайд шудааст. Ниг.: Коллектив. Гилянский язык. АН СССР, Изд-во "Наука" М., 1971. Минбаъд: Гилянский язык



ҷудогонаи районҳои ҷанубӣ ин тавр истифода мешаванд:

1.) Ҷонишини йагон ба ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ хос буда, чунин вариантҳо дорад: йагон, йагун, йагу, йагон чи:

а) йагон дар ҳамаи маҳалҳо: соʿат-ту йагон чор шида бошад? (к-ҳ., Норак); дъръни ғор-да йагон одам бъдай-да (ш-к., Сариҳосор); ҳамин пийола-ра кудак шикастай (қ., Ялдамич) ва ғайра.

б) й а г у н низ барои шеваи ҷанубӣ умумӣ мебошад. Вале дараҷаи истеъмолаш дар ҳамаи лаҳҷаҳо як хела нест, зеро пеш аз овозҳои димоғии м ва н бо у мувофиқат намудани фонемаи о дар баъзе аз лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ, хусусан, дар гурӯҳи кӯлобии Ҳисор ва ғарбии Кӯлоб ҳолати ҳатмӣ нест. Аз ин рӯ, дар лаҳҷаҳои мазкур ва баъзе аз лаҳҷаҳои дигари гурӯҳи ҷанубӣ истеъмоли мувозии он ба назар мерасад; ҳами ҷуҳуна йагон сесат кило мебъройа-да (қ., Сияхоб); йагун руз пирагул на́доръм, кор кайсодъм (в-қ., Қӯшағба); чуwа йагун кас на́дид-ъш (в-қ., Қалъанак); йагун гапи нағз мезана-ш-а (к-ҳ., Мирзоӣ); гъф, ки йагун нуни оw намети́? (қ., Самсолиқ).

в) Варианти йагу танҳо дар лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ қайд шудааст: й а г у хел-ъш сънҳоро мега (в-қ., Хуҷаи Тавоф).

2) Ҷонишини баʿзе чунин вариантҳои фонетикӣ дорад: баʿзе //баъзи́//ба̄зи//базе. Як хусусияти аз ҷонишини йагон фарққунандаи ҷонишини баʿзе аз он иборат аст, ки вай шумораи ҷамъ дорад: баʿзео ай кор дер кардан (к-ҳ., Файзобод).

Истеъмоли вариантҳои мазкур дар дохили лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ:

а) баʿзе дар лаҳҷаҳои Кӯлоб, Қаротегин, вахиёӣ-қаротегинӣ, кӯлобии Ҳисор истеъмол меёбад: баʿзе одамойи ишқманд-ъндa ҳаст (в-қ., Сарикенҷа); баʿзе ҷондоройи кълон-кълон ҳастай (к-ҳ., Девонабегӣ); баʿзе -шу шаw кур-ан (ш-к., Хонақо).

б) баʿзи дар Комсомолобод қайд шудааст: уwо баʿзи ҷойора нағз медуна (қ., Алигалабон).

в) бази́//ба̄зе дар лаҳҷаҳои Кӯлоб, Роғ, Бадахшон ва гурӯҳи лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор, вахиёӣ-қаротегинӣ ва Қаротегин, истеъмол меёбад: бази одамо бътън ʿумр маншийат мекъна (ғ-к., Гӯрдара); ҳамон сол зимистун сахт умад, ба̄зӣ ҷо-да се метир барф хест (қ., Самсолиқ); дар ба̄зи колхосо дъраw тамом шидас (Роғ, Хӯҷағалтон); ба̄зи ҷо ором шудан, таи хонайи мо-ро дъди-баъзе ҷой ором шудааст, ақиби хонаи моро дидӣ? (бд., Нуд); ба̄зе-о ҳастан аwо//во меган (в-қ., Ҳоит); ба̄зе одам ƕънарман мешава (ғ-к., Гӯрдара); дар ба̄зи ҷо анбу мегуфтан (в-қ., Хӯҷаи Тавоф).

3) Ҷонишини ф а л о н // ф а л о н и́ барои ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ умумӣ мебошад: баʿд аз он фикр кард, ки фалон бой-да қуда шавам (к-ҳ., Ҳоҷиқатаған); мо фалон руз чормағзтаки́ меравем (в-қ., Қӯшағба); фалони ишкам-ш-а чок мекард (ғ-к., Рӯиоб).

4) Ҷонишини к а д о м е. Ин ҷонишин низ хоси ҳамаи маҳалҳои ҷанубӣ буда, аз ҷонишини саволӣ бо ёрии артикли – е сохта шудааст. Ҷонишини кадоме чунин вариантҳои фонетикӣ дорад:

а) кадоме дар Қаротегин, шимолии Кӯлоб: кадоме бъдона-у бъга ... (в-қ., Ярхаб); кадоме зад-ъш (ш-к., Ховалинг).

б) къдоме–ғар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб, Кӯлобиҳои Ҳисор ва Қароте–
гин: ҳамиҷа ҷанг бъд, къдоме гъръфтаст–ъш (ҷ–к., Ёл); къдоме ма–
газинда кор мекъна, медона (к–ҳ., Ҷавонон); саг набърда боша, къ–
доме бърдагѝ (к–ҳ., Норак); къдоме барқасд ҳуй–ъш додай (ш–к.,
Шехмизон); къдоме ай қафо–ш маълумот додааст (қ., Дегай);
в) кадуме дар Қаротегин: кадуме диқат карда дъравидай (қ., Саидон).

Дар лаҳҷаҳои вахиёӣ–қаротегинӣ ҷонишини номуайянии кадо–
ме баъзан ихтисор шуда, дар шакли кӯме дучор мешавад: дар кӯме
асре–да ҳамиҷа бъдай (қ., Сангрез).

Ҷонишини кадоме дар ифодаи маънои номуайян бе артикли – е
низ меояд: да қишлоқ кадум умадай (Қаротегин).

5) Ҷонишини касе. Ин ҷонишин барои ҳамаи шеваҳои забони
тоҷикӣ, аз ҷумла шеваи ҷанубӣ, умумӣ мебошад: ин дърахт–а касе
бъридай (қ., Ялдамич); усу, унҷо касе назана–ту (қ., Сорбоғ):

Ҷонишини ч и́ ба маънои фалон, кадом дар лаҳҷаҳои Қароте–
гин, ғарбии Кӯлоб ва лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор қайд шудааст; ана
чи ки мақсад–шон боша, меран–ана кадом мақсадшон, ки бошад, ме–
раванд (в–қ., Ярхаб); Ҳалимуф, бийо, ҳами чи шидагѝ–ш–а (вайрон
шудагиашро) вино кънъм (ш–к., Мӯминобод); хе, чи бъкъ тани
ман–а бъте–м–а (ғ–к., Обиширин).

Аз калимаи ч и з бо ёрии аломати– е дар маҳалҳои ҷудого–
на ҷонишинҳои номуайянӣ сохта мешавад. Дар чунин ҳолат–е бо ҷо–
нишини ҳ е ҷ ва ҳ а р ҳаммаънӣ мегардад. Аз ҷумла: 1) чизе
дар лаҳҷаҳои кӯлобӣ, кӯлобии Ҳисор, қаротегинӣ, вахиёй–қаротеги–
нӣ: падари дъхтару падари бача чизе (ҳар коре), ки мекардан, ко–
ри ҳаwайо бъд (в–қ., Халқарф); чизе ки бийойа, дъсти ҳаму–да (к–ҳ.,
Девонабегӣ); 2) чийе дар Кӯлоб: бобѝ, чийе медунѝ, бъгу–да, бачоо,
бънависан (ш–к., Шехмизон). Баъзан чунин ҷонишинҳо якҷоя бо ка–
лимаи йагон //йа низ истифода мешаванд: йагон чизе дора и чуw
(ш–к., Ховалинг); йа чизе дар йод–ъм бъд, бо́ (боз) гум–ъш кард–
–ъм, чи бъд? (ш–к., Кӯлдара); хе бийор кампир–ат–а, йачи къна
(в–қ., Ҷонварсӯз).

Ҷонишини йа хел. Ин ҷонишин муродифи ҷонишини баъзе буда,
дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ аҳьёнан истеъмол меёбад: йа
хел ғазало–йа мъгуфтѝ на́мешава ино–да (к–ҳ., Норак); йа хел му–
сәфед ҳами мано–ра метийа (в–қ., Пилдон); бо (боз) йа хел чоръм
кърс–ам ҳамуҷа хоwай (ш–к., Наврӯҳо); йа хел ҷо–ш–да бъна ҳай
(қ., Алигалабон)

Ҷонишини йа хел баъзан бо ҷонишини энклитикии шахси дуюм
меояд, ки дар ин маврид, ҷузъи кул ифода мегардад: йа хел–ъш то–
ри сар–ъш–да тоҷ дора, йа хел–ъш надора (ғ–к., Сангтӯда).

Баъзан шумораи йак бо нумеративи–та омада, номуайяниро
ифода мекунад: нами йакта–ра на́мехърем (ш–к., Наврӯҳо).

Ҷонишини ким–кѝ, ким–чи танҳо хоси лаҳҷаҳои типи кӯлобӣ
ва Қаротегин буда, камистеъмол мебошад: ким–ки ай хуна мийа
(қ., Алигалабон); кѝм–ки–ра ай гъҷо гуфта шъмо пърсиде (ш–к.,
Пушьёни Миёна); ким–чи кор умадайиан (қ., Навдеҳ).



# Ҷ О Н И Ш И Н И Ҳ  М А Н Ф Ӣ

Ҷонишини манфии ҳеҷ, ки дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ
дида мешавад, чунин вариантҳои фонетикӣ дорад: ҳеҷ//ҳиҷ//ҳич//ҳиш

1. Ҳеҷ. Ин варианти фонетикӣ дар лаҳҷаҳои гурӯҳи қаротегинӣ,
шимолии Кӯлоб, кӯлобии Ҳисор дучор мешавад: ҳеҷ тарбийат–ъш на́–
мекънем (ш–к., Ховалинг); да буҳорон ҳ е ҷ ҷуй бе селоб не (в–қ.,
Ярхоб); ма ҳеҷ нәмедонум (к–ҳ., Кончӣ).

2. ҳ и ҷ дар лаҳҷаҳои Қаротегин ва шимолии Кӯлоб дучор
мешавад: ҳиҷ илоҷ на́мешава (ш–к., Ғелон); ҳиҷ на́мешакидас (в–қ.,
Пилдон).

3. ҳич дар лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор, қаротегинӣ, вахиёй–қаро–
тегинӣ ва Кӯлоб қайд шудааст: хъдо, чи–ра у дафтар–ш–а ҳич пур–уш
намекардай (ғ–к., Давлатшоён); апѝ ин боша, бисйо шух–ай, ҳич
қарор нәместа (в–қ., Оқсой); Тошкан–да ҷъмбиш ҳич қарор нәместа
(в–қ., Оқсой); Тошкан–да ҷъмбиш ҳич қарор кардай? (қ., Кабудиён).

Дар баъзе лаҳҷаҳои гурӯҳи Қаротегин, шимолӣ ва ҷанубии Кӯ–
лоб аз ҷонишини ҳеҷ танҳо фонемаи ҳ боқӣ мемонад. Яъне дар ин
лаҳҷаҳо фонемаи е бо и ва ч бо ш мувофиқат намуда, ҷонишини ҳеҷ
дар шакли ҳиш истеъмол меёбад. Дар лаҳҷаҳои Роғ ва баъзе маҳал–
ҳои Қаротегин аз ҷонишини ҳеч овози ҳ афтода, овози е бо и ва ч
мувофиқат мекунад. Агар онро дар ҷадвал диҳем, чунин аст:




Варианти ҳ и ш ба лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб ва Каротегин хос
буда, дар материали лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор, вахиёӣ–қаротегинӣ ва ҷа–
нубии Кӯлоб қайд шудааст: хърданойе хъръм. ҳиш серойи на́доръм
(ш–к., Навдонак); одами нулък (чашмгурусна) бъдастай. хиш сер
шудан надора (ш–к., Доробӣ); ҳиш соло у ай мо пеш тамом нака–
аст. (ҳ–к., Зулфӣ).

Варианти иҷ, асосан, хоси лаҳҷаҳои Роғ ва Қаротегин ба
шумор меравад: и́ч илоҷ на́доръм, ки амиқа бъшинъм (Роғ, Ҳуҷағал–
тон); не и́ч кӯм–ъш напоидъм (Роғ., Офтобзамин); у и́ч саари на–
рафтай (в–қ., Нӯшор).

Ҷонишини манфии ҳ е ҷ бештар бо калимаи чиз, ки, кас,
ҷо (ҷой, чи) ба маънои чиз дар як ҷо омада, шакли таркибӣ таш–
кил менамояд. Чунин ҳодиса ба ҳамаи шеваҳои забони тоҷикӣ ҳо–
дисаи умумист. Вале ин шакли таркибии ҷонишинҳои манфӣ бо ва–
риантҳои гуногун ва сершумор, ки дар асоси ҳодисаҳои фонетикӣ ба
вуҷуд омадаанд, дар маҳалҳои ҷудогона фарқ мекунад. Инак, ин
вариантҳо: ҳечѝ, ҳичи, иччѝ, и́чи, ҳешки ҳешка, ҳички, ҳеччи,

а) ҳ е ч и /ҳеч чиз дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ ис–
теъмол мешаванд: ҳечи не ай гуҷо мейоран, охи? (к–ҳ., Деҳсабур);
ҳа дига мо–да ҳечи на́мегъфт (ғ–к., Олучадара): ман ҳечи пеш–т–
–ам (замони пешро) на́медонъм (в–қ., Шилбилӣ); хона–да мекард,
тани одам–да ҳечи на́мекъна (ғ–к., Обиширин); ҳама–ш гаw–ай
ҳечӣ на́мешава (к–ҳ., Девонабегӣ); да Данғара ҳечи нагуфтам
(ғ–к., Кангурт).

б) ҳ и ч лаҳҷаҳои ғарбии Кӯлоб, кӯлобии Ҳисор ва вахиёй-каротегинӣ, шимолии Кӯлоб ба назар мерасад: ҳичи даркор нестай-да дигар (к-ҳ., Сумбула); е, ба хъдо, ба ҳами ҷмри дърозъм ҳичӣ на́медонъм (к-ҳ., Зулфӣ); ҳичи дъстбандак на́дора (ғ-к., Обиширин).

в) ҳиччи, асосан дар материали лаҳҷаҳои Кӯлоб, кӯлобии Ҳисор, Қаротегин ва вахиёй-қаротегинӣ қайд шудааст: шъмо ҳиччи найорен, фақат ай химчак сабат тәйор кънен (к-ҳ., Ҷонварсӯз); саг мардъм хона-да бийом ҳиччи на́мега (ғ-к., Кангурт); ма-ра ҳиччи даркор нестай (ш-к., Ховалинг); меҳнати бисйор карди́, ҳиччи на́медора (қ., Камароб); ҳиччи начиди́, ай вай? (қ., Кабудиён); ҳавай ҳиччи фамиш на́дора (қ., Самсолиқ); йа хол-ъш ҳиччи на́гирифтаст (в-қ., Оқсой); у ҳиччи шарм на́дора (к-ҳ., Норак).

Дар лаҳҷаи Роғу Бадахшон дар чунин ҳолат фонемаи ҳ меафтад: иччи́ дъхтар, бача дори́? (Роғ, Ҳӯҷағалтон); у паридаст, ҳеч ҷасадаш на́мондааст (бд., Ғорон) ва ғайра.

г) и ч и́ танҳо хоси лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ, Бадахшон буда, дар материали лаҳҷаҳои дигари ҷанубӣ қайд нашудааст: пъгойи мехеза, ки гуспан ичи нест (в-қ., Кӯшағба); саари ичи́ хурд-аш на́мешаwа (в-қ., Нӯшор); усат ичи́//иччи́ на́вуд-дар он замонҳо, ҳеҷ чиз набуд (бд., Мулвоҷ).

д) ҳ е ш к и́ дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ истеъмол меёбад: хонада ҳешки́ не (ш-к., Хонако); вай-да ҳешки́ чақа на́мешава (к-ҳ., Ҳоҷиқатаған); ҳешки́ қати-ш чақа на́мешуд (к-ҳ., Кончӣ); коғаз-а ҳешки́ гаw заа нәметона (к-ҳ., Сумбула).

Варианти ҳ и ч к и́ танҳо дар материали лаҳҷаи Кангурт қайд шудааст: ҳички́ на́бъд, йаке лухкавой омад (ғ-к., Обиширин).

в) ҳ и ш к а – ҳеҷ кас дар лаҳҷаҳои ғарбӣ, шимолии Кӯлоб, кӯлобии Ҳисор ва Қаротегин дучор мешавад: уҷа мерап ҳишка намегира (ш-к., Сарихосор); и-ра дига ҳишка на́медона (ш-к., Наврӯҳо); ҳишка нестай, хона-шон-да (к-ҳ., Зулфӣ); ма ҳишка-да даркор нейъм (к-ҳ., Кончӣ); ҳишка розӣ//ризо набъдай (қ., Самсолиқ); ҳишка ҳаму наздик нест (к-ҳ., Муллоён).

ё) ҳ и ҷ ҷ о /ҳеҷ ҷо дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб, кӯлобии Ҳисор, Қаротегин, вахиёй-қаротегинӣ дучор мешавад: ҳ и ҷ ҷ о ҳами қади ройони мо парешон нестай (ш-к., Ховалинг); на́медонъм ҳ и ҷ ҷ о ниго мекарда боша? (к-ҳ., Норак); ай рости кудако ба ҳиҷҷо на́рафтан (ш-к., Наврӯҳо); кори дъ дънйо доръм, ҳиҷҷо намефора-м-а (к-ҳ., Зулфӣ); и вега ҳиҷҷо на́мере, охи (қ., Сангисурх); ай угаме ки мън медонъм, ҳиҷҷо рафтаги́ не (в-қ., Хӯҷаи Тавоф); асли-асл-ъм дараги́ ҳиҷҷо набъромадъм (ш-қ., Даштиҷум).

Баъзан калимаҳои кас ва чиз бо ҷонишини манфии ҳеҷ омада, шакли таркибиро ташкил менамояд. Ҷонишини манфии ман таркибӣ хоси тамоми лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ буда, чунин вариантҳои фонетикӣ дорад: ҳеҷ кас//ҳиҷ кас ҳеҷ чиз//ҳиҷ чиз: чойник мебарем, чой-а ҳеҷ кас на́мехъра (к-ҳ., Ҷонварсӯз); ҳозир йаг даврайе шидаст, ки ҳеҷ кас-а навохта (ҳақорат) на́мешава (қ., Самсолиқ); чап вах шъд на́мера ҳич кас (в-қ., Оқсой); унҷа ҳиҷ кас на́мейойа (қ., Шинглич); ҳиш кас йод намедод оwод шъдан-ш-а (в-қ., Ярхаб);



ийо-ра ҳиш кас на́медона (к-ҳ., Ҷонварсӯз); ҳиш кас таҳҷойи нестай (к-х., Тӯда); ба совисни кор къна ҳъкъмат ҳеҷ чиз на́мегуйа (ғ-к., Балҷувон).

Ҷонишини манфии дигар дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ истеъмол мешавад: 83 дига мо дъстгири накарам (в-қ., Кул); гъфта бъд, дига дарак на́дора (ш-қ., Шехмизон); дига-йам гашта хаwар-мон нагирифте (к-х., Маҳмуд) ва ғайра.

---

83 Дар забони Гелонӣ ҷонишини д и г а р ба вазифаи муайянкунандаи изофӣ омада, бо муайяншавандаи худ бо ёрии бандаки изофӣ алоқа пайдо мекунад. Ниг. Гилянский язык, стр. 107.

## ФЕЪЛ

Системаи феъли шеваи ҷанубӣ, моҳиятан умумитоҷикӣ бошад ҳам, ба як қатор аломатҳои хос низ молик аст. Дар муқоиcаи системаи феъли шеваи ҷанубӣ бо забони адабӣ аломатҳои фарқкунандаи ин шеваро, асосан, омилҳои зерин муайян мекунанд: 1. хусусияти фонетикии шеваи ҷанубӣ; 2. мавҷуд будани шакл ва формантҳое,ки дар забони адабӣ мушоҳида намешаванд; 3. вуҷуд надоштан ва ё хеле камистеъмол будани шаклҳои хоси забони адабӣ.

Дар айни ҳол системаи феъли шеваи ҷанубӣ бо як қатор аломатҳои хос, аз як тараф, аз шеваи шимолӣ, аз тарафи дигар, аз шеваи ҷануби шарқӣ тафовут дорад.

## АСОСҲОИ ФЕЪЛ

Дар тамоми лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ, ҳамчун дар забони адабии ҳозираи тоҷик, феъл ду асос дорад: асоси замони ҳозира ва асоси замони гузашта. Ин ду асоси феълӣ, ки аз марҳалаҳои пешинаи инкишофи забон чун мерос боқӣ мондаанд, дар шеваи ҷанубӣ бо таъсири як қатор қонуниятҳои фонетикии хоси лаҳҷаҳои мазкур ба тағйироти намоён дучор гардидаанд. Тафовуте, ки дар асосҳои феълии шеваи ҷанубӣ мушоҳида мешавад, ба ҳодисаи афтидани садонокҳо ва ҳамсадои асосҳо, ба қисман ё пурра афтидани префиксҳои феълӣ, инчунин ба ихтисор, бадалшавӣ, метатеза ва дигар ҳодисаҳои фонетикӣ зич вобастааст.[1]

Тағйирот дар асоси замони ҳозира назар ба замони гузашта бештар мушоҳида мешавад. Дигаргуниҳо, ки дар ҷадвали зерин акс ёфтаанд, ҳамчун қоида дар феълҳои маъмулу серистеъмол ба қайд гирифта шудаанд.

| масдар (шакли адабӣ) | асоси замони гузашта | асоси замони ҳозира (шаклҳои лаҳҷагӣ) |
|---|---|---|
| кардан | кард, кад, ка | кън, кин, къ, -н- |
| омадан | умад, омад, ума, ома | о, ой, йа, бийо, йо |
| додан | дод, до | те, ти, -т-, ди, деҳ, диҳ, -д-, дъ, ду, |
| гирифтан | гърифт, гърт | гър, , гир |
| гуфтан | гуфт, гъфт | гур, -г-, гу |
| андохтан | дохт, ндохт | доз, - ндоз |
| шудан | шуд, шид, шъд, ши, шъ | шаw , ша, -ш- |
| рафтан | рафт | раw , -р-, ра |
| шустан | шуст, шист | шу//шуй, шуw , ши |
| овардан | овард//оwард, wард | ор, бъйор, бийор |
| шиштан | шишт | шин, -ши- |
| баромадан | баромад//бърумад//бърома//бъртума//бърмад | бъро, рой, ро |
| хостан | хост | хо, хой |
| дидан | дид, дий | бин, ин[2] |
| кушодан | шикоид//шъкоид//кушоид | шико, шъко |
| гузаштан | гъзашт | гъзар, -згар- |
| мурдан | мърд | мър, -мбр, -мбър- |
| мондан | мунд//монд, бонд | мун//мон,бон//wон[3] |
| бастан | баст, wаст | банд, wанд |

Вариантҳои ҷудогонаи асосҳои феълӣ барои ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ ҳодисаи умумӣ ҳисоб намешаванд, балки онҳо танҳо хосияти ҷудогонаи баъзе лаҳҷаҳоро ташкил медиҳанд.

Чунончи, асоси замони ҳозираи -н < кън дар шакли замони ҳозира-оянда аз лаҳҷаҳои қаротегинӣ ба қайд гирифта шудааст: менъм (мекунам); асоси замони ҳозираи -д-, дъ,-де,- ду- < деҳ, дар лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ (Чилдара), дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб (саргаҳи Ёхсу), дар лаҳҷаҳри роғӣ ва бадахшонӣ мустаъмал аст; -згар < гузар, -мбър < мур дар лаҳҷаҳои кӯлобӣ мавриди истифодаанд, инчунин онҳо дар лаҳҷаи қаротегинӣ (дар деҳаи Қаротегини Поён) низ ба кор бурда мешаванд: асоси бон < мон дар лаҳҷаҳои роғӣ ва бадахшонӣ; асоси -ндоз дар лаҳҷаҳои ғарбии кӯлобӣ ва лаҳҷаҳои бадахшонӣ мушоҳида гардидаанд. Асоси феълии wаст, wанд, - - дар лаҳҷаҳои роғӣ қайд шудааст. Мисолҳо: и участкао-ра митир (р. метр) менан (қ., Ғофилобод); пъл қарз бъду, -медъм-ът (в-қ., Чилдара); ӯ хар-а с у з м е д а (ш-к., Зелолак); пъйола-ра амоли б ъ д ъ м - ъ т ? (Роғ, Хӯҷағалтон); орд-а мебези , с а - б у с т м е б о н а (Роғ, Хӯҷағалтон); дъруни почъки wон-ъш (Роғ, Анҷиркон); донек-ъм бъде (бд., Қозидеҳ); ɛъмр-атон мезгара, пир мешай (к-ҳ., Сумбула); парък қати м е з г а р й, баɛ ħота мерай (ш-к., Сарихосор).

Асосҳои боқимондаи феълии мазкур , ки дар натиҷаи ҳодисаи фонетикии ихтисоршавӣ ба вуҷуд омадаанд ва ҷиҳати ба худ хоси шеваи ҷанубиро ташкил медиҳанд, боиси тафовути ин шева аз забони адабӣ ва шеваи шимолӣ (дар ин гурӯҳи шева тарзи дигари ихтисор мавҷуд аст) гаштаанд.

---

[1] Оид ба вариантҳои асосҳои феълии шеваҳои ҷанубӣ ва ҷанубии шарқӣ муфассалтар ниг. А. З. Р о з е н ф е л ь д. Система глагола в юговосточных говорах. Автореф. докт. дисс., Л., 1966, стр. 10-11. Минбаъд: А. З. Р о з е н ф е л ь д. Система глагола...

[2] Дар деҳаҳои Офтобзамин, Анҷиркон (Роғ) ба қайд гирифта шудааст.

[3] Дар деҳаҳои Хӯҷағалтон, Балуҷ (Роғ) ба қайд гирифта шудааст.

Мисолҳо: уwо имруз м и й а н (қ., Халқарф); неки бъғу, капъст-ш-а кам бъдоза (ш-к., Ховалинг); чи кор м е к ъ н и шав то руз-а? (ғ-к., Деҳбул); ин-а оwи Чангоw меган, ана а ҳаму къ- хаҳо м е й а (к-ҳ., Тӯда); гъндумо-ра дар қоп дохт-у бор кард ро-ра (қ., Самсолиқ); бърем, фър-ъш те!, (ғ-к., Зоғнул); сарпо мефиристем, бо (боз) дъхтар ба бача локи мета, тоқи мета (қ., Ҳакимӣ); оwи қарабой-ра бийор, дъсто-ш-а бъшуwа (Роғ, Хӯҷа- ғалтон); бийо йак нун wандъм (Роғ, Анҷиркон).

## БАНДАКҲОИ ШАХСӢ

| | ш. танҳо | ш. ҷамъ |
|---|---|---|
| 1. | -ъм, -ум, -м, -ам | -ем, -им |
| 2. | -и//-й | -е, -ен, -ед, -ид, -ит |
| 3. | -а /д/ | -ад (д). |

Дар ин ҷадвал ҳамаи шаклҳои бандакҳои шахсӣ, ки аз шеваи ҷанубӣ ба қайд гирифта шудаанд, фароҳам омадаанд. Бандакҳои шахси сеюми танҳою ҷамъ - а, -ан; шахси дуюми танҳо -и́/-й ва шахси якуми ҷамъ - ем//-им барои ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ аз ҷумлаи ҳодисаҳои умумӣ ба шумор меравад. Ҳудуди интишори бандакҳои шахси якуми ҷанубӣ як хел нест, зеро онҳо дар баъзе мавридҳо аломати хоси ин ё он лаҳҷаро ташкил медиҳанд.

Бандаки - ъ м дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ мавриди истеъмол аст. Аммо вай дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ, роғӣ ва кӯлобӣ зиёда ба кор бурда мешавад. Бояд зикр намуд, ки бандаки мазкур дар лаҳҷаи кӯлобии Ҳисор нисбат ба дигар лаҳҷаҳои кӯлобӣ ниҳоят кам ба кор бурда мешавад. Бандаки - ум ба-ъм бадал мешавад ва он дар тамоми лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ мушоҳида шудааст. Тарзи интишори бандаки -ум чунин аст: вай дар лаҳҷаҳои вахиёӣ--қаротегинӣ, шимолии Кӯлоб (хусусан дар саргаҳи Ёхсу), дар ҷанубии Кӯлоб ва роғӣ назар ба бандаки -ъм камтар паҳн шудааст ва доираи маҳдуди истеъмолӣ дорад. Дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб дар бандаки -ъм пеш аз овози димоғии м шакли сусти лабии он - ъ ба вуҷуд меояд, ки дар натиҷа ба гӯш дар шакли -ъм мерасад. Дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ ва ғарбии Кӯлоб баробари бандаки - ъм инчунин бандаки - ум низ мустаъмал буда, дар лаҳҷаҳои ҳавзаи дарьёи Сорбоғ (Хилмонӣ, Шуле, Сайдон, Порвоғ), Қаротегини Поён (дар деҳаи атрофи Обигарм, Ҳакимӣ то Қалъаи Дашт) бештар интишор ёфтаанд.

Интишори бандаки - у м дар лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор якранг ва баробар нест. Дар баъзе лаҳҷаҳо, чунончи, дар деҳаҳои Файзобод бо бандаки - ъ м ба таври мувозӣ истеъмол меёбад. Чунон ки материали гирд омада шаҳодат медиҳад, дар Файзобод - ъ м назар ба - у м бештар мушоҳида мешавад. Чунин ҳодисаро дар лаҳҷаҳои Ёвон низ дидан мумкин аст.



Дар лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор, ки дар водии Ҳисор паҳн гаштаанд, бандаки - ъ м нисбат ба бандаки - у м хеле кам ба кор бурда мешавад.

Ба ҳамин тариқ, дар шеваи ҷанубӣ бандакҳои - ъ м / - у м ба таври мувозӣ аз самти шарқ ба ғарб интишор ёфта, дар шакли - у м бештар дар ғарб сурат пайдо кардааст. Шакли анъанавии бандаки шахсии шахси якуми танҳои феълҳои лаҳҷаҳои қаротегинӣ, хусусан кӯлобӣ шакли - ъ м мебошад.

Бандаки шахси якуми танҳои - м дар шеваи ҷанубӣ дар натиҷаи тағйироти фонетикие пайдо мешавад, ки он аснои ҳамроҳ шудани бандак ба асоси замони ҳозираи феъл, ки бо садонок тамом мешавад, рӯй медиҳад: мехо-м (мехоҳам); мъ саро бъфро-м→бифароям (ш-к., Муллоконӣ); сар-ъм-а бъшу-м→бишӯям (ғ-к., Саталмуш); мегум (мегӯям).

Флексияи - а м дар шакли якуми танҳо ҳамчун вариант дар асосҳое воқеъ мешавад, ки ба ихтисор зиёдтар дучор шудаанд: мерам→мераваm, мешам→мешавам (ин шакл дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ мавриди истеъмол аст); инчунин бо асосҳое, ки овози иловагии - w - доранд, низ меояд, мегуwам (мегӯям), мешуwам (мешӯям): Ин шакл дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ, роғӣ ва бадахшонӣ бештар мустаъмал аст. Ғайр аз ин вай дар зери таъсири забони адабӣ гоҳ-гоҳ дар нутқи одамони ҷаҳонгашта ва маълумотнок зоҳир мешавад.

Шакли шахси 2-юми танҳои- й, ки дар асосҳои феълии бо садонок анҷомёбанда дорои варианти - й мебошад, барои тамоми лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ ҳодисаи умумӣ ба шумор меравад: мерай (меравӣ); мегуй (мегӯӣ).

Бандаки шахси сеюми танҳои - а барои ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ ҳодисаи умумӣ ба шумор меравад. Дар лаҳҷаҳо, дар яке камтар дар дигаре бештар вомехӯрад. Дар гурӯҳи лаҳҷаҳои кӯлобӣ, бештар дар лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор мушоҳида мешавад: дил-ъш нашид, ки бедор къна (к-ҳ., Тӯда); ҳамчунин ҳодисаи ҳамдигарро иваз кардани бандакҳои -а//-ад дар лаҳҷаи бадахшонӣ зиёдтар ба назар мерасад: хъд-ъш чой мехърад, мерад ба кор (бд., Яхшвол); орд гъръфтаст, хамир мекънад (бд., Қозидеҳ).

Бандакҳои шахси якуми ҷамъ - ем, -им барои тамоми лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ умумӣ ба шумор мераванд. Аммо доираи истеъмоли - ем назар ба -им васеътар аст. Бандаки шахси сеюми ҷамъи -ан низ барои ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ як навъ истифода мешавад. Шакли пурраи он - анд, ки хоси забони адабист, дар лаҳҷаҳои мазкур аҳьёнан дар нутқи муаллимон ва умуман дар сухани одамони дорои маълумоти олӣ ба кор бурда мешавад.

Дар байни лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ дар бобати истеъмоли бандакҳои шахси дуюми ҷамъ фарқ ҳаст. Доир ба интишори байнилаҳҷагии бандакҳои мазкур хусусиятҳои зеринро мушоҳида кардан мумкин аст: дар як гурӯҳи лаҳҷаҳо як навъи бандакҳо мушоҳида шавад, дар гурӯҳи дигар бадалшавии онҳо ба назар мерасад. Ин ҳодиса алоқаи тарафайн ва таъсири мутақобили лаҳҷаҳоро нишон медиҳад.

Чунон ки ишора шуд, бандакҳои шахсии ибтидоии феъл, ки давоми забони адабии пешинанд, дар шеваи ҷанубӣ воваста ба сис- темаи фонетикии он дучори тағьирот шудаанд. Бандаки е ∠ ед, яқин, дар натиҷаи қоидаи афтидани овози – д аз охири калима, ки махсуси лаҳҷаҳои шеваи ҷанубист, ба вуҷуд омадааст; бандаки – ен низ натиҷаи ҳодисаи фонетикӣ – афзоиши овози – н дар охири калима ба шумор меравад.[4]

Бандаки – е дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ ва кӯлобии Ҳисор ис- тифода мешавад. Бандаки – ен хоси лаҳҷаҳои кӯлобӣ (шимолӣ, ҷа- нубӣ , ғарбии Кӯлоб) ва Роғ мебошад. Лаҳҷаҳои бадахшонӣ дар бо- бати истифодаи бандакҳои феълии шахси дуюми ҷамъ дорои хосия- ти махсусанд. Ю.И.Богорад ва А.З.Розенфельд[5] рӯйхати онҳоро ба ин тавр нишон додаанд: -ед//-ет, ид//-ит.

Бандаки -ед дар шеваи ҷанубӣ бо таъсири забони адабӣ дар нутқи одамоне, ки ба шаҳрҳои марказӣ алоқаи доимӣ доранд, му- шоҳида мегардад.

Аз рӯи интишори бандаки шахси 2-юми ҷамъ лаҳҷаҳои шеваи ҷанубиро ба чунин хелҳо тақсим кардан мумкин аст: 1. лаҳҷаҳое, ки дар онҳо – е н характернок дар онҳо -е хос аст: 2. лаҳҷаҳое, ки дар онҳо ҳарду шакл: -е//-ен ба тарзи мебошад: 3. лаҳҷахое, ки дар онҳо ҳарду шакл: -е//-ен ба тарзи мувозӣ истифода мешавад. Бояд гуфт, ки дар ин ё он лаҳҷа шакл- ҳои мазкур аз бобати таъдоди истифода фарқ мекунад. Ба таври қатъи таъин кардани ин масъала тадқиқоти махсус мехоҳад.

Интишори бандаки шахси дуюми ҷамъро дар ҷадвал ин тавр метавон тасвир кард.

| -е | -ен | -е//-ен |
|---|---|---|
| л. вахиёӣ-қаротегинӣ: дар тамоми доирае, ки онҳо интишор доранд | шимолии Кӯлоб , ҷанубии Кӯлоб | л.қаротегинӣ: Қаротегини Поён, баъзе лаҳҷаҳои соҳили дарьёи Сорбоғ. |
| л. қаротегинӣ: дар Қаротегини Миёна | л. роғӣ | л. кӯлобии Ҳисор : Файзобод, Ёвон, Ҳисор, Ғозималикӣ. л. кӯлобии Ҳисор: дар деҳаҳои кӯлобии соҳили рости ҳавзаи дарьёи Кофарниҳон.[6] |

[4] Дар хусуси истеъмоли бандаки -ен дар шеваҳои забони тоҷикӣ ниг. Н.М.О р а н с к и й. О формах 2л.мн.ч. на -ен// in в персидско-таджикских говорах. История, культура, языки народов Востока. М., 1970, стр. 201-206.

[5] Ю.И.Б о г о р а д. Горонский говор таджикского языка. Иранский сборник. М., 1963, стр. 48; А.З.Р о з е н ф е л ь д. Бадахшанские говоры, стр. 20.

[6] Аҳолии ин деҳаҳо худро кӯлобӣ меноманд. Ниг. Б. Б е р д и е в, А.Ҳ а қ б е р д и е в. Ҳисоботи илмии экспедицияи соли 1970, саҳ. 9.



Эзоҳ: Яке аз хусусиятҳои хоси шеваи ҷанубӣ аз он иборат аст, ки дар онҳо бандаки шахси дуюми ҷамъи -етон истеъмол намешавад.

### Шаклҳои нопурра ва пурраи бандакҳои феълӣ

Дар шеваи ҷанубӣ бандакҳои хабарӣ дар ду шакл – нопурра ва пурра вуҷуд доранд.

Тасрифи шакли мухтасар:

| ш. танҳо | ш. ҷамъ |
|---|---|
| 1. -ъм, -ам | -ем |
| 2. -и | -е, -ен |
| 3. -ай, ас(т), -ст, ъс(т) | -ан, ън |

Тасрифи шакли пурра:

| ш. танҳо | ш. ҷамъ |
|---|---|
| 1. (ҳ) астъм // (ҳ)астум | (ҳ)астем |
| 2. (ҳ)асти | (ҳ)асте//-ен |
| 3. (ҳ)астай// аст | (ҳ)астан |

Шакли пурраи инкории бандаки хабарии феълҳои шеваи ҷануб мисли забони адабист:

| ш. танҳо | ш. ҷамъ |
|---|---|
| 1. нестъм//нестум//нистъм | нестем//нистем |
| 2. нести//нисти//нестай | несте//нестен//нистен// |
| 3. нестай//нест//нист, нистаст, нистад (бд) | нестед (бд) нестан//нистен |

Вобаста ба вазифаи бандакҳои хабарии шахси 3-юми танҳою ҷамъ дар шеваи ҷанубӣ тафовути дохилӣ ва хусусиятҳои хоси онҳо ба назар мерасад.

Бандакҳои дуюми феълии шеваи ҷанубӣ, монанди шеваҳои дигари забони тоҷикӣ, асосан, дар заминаи бандакҳои хабарӣ ба вуҷуд омадаанд. Онҳо дар феъли нақлӣ (перфект) ва шаклҳои феълии таркибӣ дар натиҷаи ҳамроҳ шудани бандаки феълӣ ба форманти – а – и сифати феълӣ пайдо шудаанд.

Ин бандакҳо дар шеваи ҷанубӣ дар натиҷаи тағьироти фонетикие, ки аснои ташаккули онҳо рӯй медиҳад, ба аломатҳои хос молик гашта, боиси тафовути дохилии ин лаҳҷаҳо гаштаанд. Махсусан, чунин фарқҳоро дар шаклҳои шахси сеюми танҳою ҷамъ равшантар мушоҳида метавон кард.

Тасрифи бандакҳои дуюм:

| ш. танҳо | ш. ҷамъ |
|---|---|
| 1. -ам//-ъм | -ем |
| 2. -ай//-ай, -й, -и | -е, -ен |
| 3. -ай, -ас(т), -с(т) | -ан, -йан//-ийан |
| 4. -астаст, -астай, -астак | -астан |

Мисолҳо: гойе сар-ъм фър мегарда, ай сар-ъм тир хърдагий-ъм//ай сар-ъм тир хърдъм (қ., Сайдон); йа хунай пешинай Мо-

роҷ-а харидас (в-қ., Ярхаб); даҳани дар-ънда қапидийан бор кийи-ан, умадайиан (қ., Шуле); гирдогирди бозор деwор дошта wъдастай (қ., Порвоғ); тепчи-ш-а надидастам (ғ-к., Зонғул); оҳ, надида бъдастай (ғ-к., Саталмуш); ҳама-ш-а чиндийан (ғ-к., Балҷувон); ай уно йата-нимта-ш Кончи-да мешиштийан (к-ҳ., Тӯда); бъроси ҳәми даҳани дар-ъм-а қълф накардай (к-ҳ., Сумбула); шъмо борики бад дъхта бъдастен (ш-к., Ховалинг); и-ра wардас (ҷ-к., Ёл); муш дар сандуқ дъромадас (Роғ, Хӯҷағалтон); мега, ки хавар-ъш кардай (ш-к., Ховалинг); дига ба йод-ъм намундастак (в-қ., Ҳиҷборак ); раҳо-да шағол рехтестийан, бари ҳаму кашидестийан (қ., Хилмонӣ); калунои мо мерафта бъдастан (ш-к., Мӯминобод).

## ПРЕФИКСҲОИ ШАКЛСОЗИ ФЕЪЛӢ

Дар шеваи ҷанубӣ чор префикси шаклсоз ба кор бурда мешавад: ме-, бъ//би-, ҳа-, но-.

Префикси ме - дар тамоми лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ вариант надорад ва хеле кам ба тағйироти фонетикӣ дучор мешавад. Дар мавридҳои ҷудогона дар асосҳои феълие, ки бо садонок оғоз меёбанд ва ё дорои садоноки ётбарсаранд, вариантҳои мъ-//ми-қайд гардидаанд: мъйом→меоям (в-қ., Ярхаб); мийом→меоям (в-қ., Ҷавонӣ; к-ҳ., Файзобод); шир боша, миоръм-ът (Роғ, Хӯҷағалтон).

Ифодаи маънои грамматикӣ бо префикси ме - дар лаҳҷаҳои мавриди таҳқиқ аз маънои грамматикие, ки он дар забони адабӣ дорад, фарқ намекунад. Ин префикс дар вазифаи аслии худ - ифодаи маънои давомнокӣ ва бисьёркаратӣ воқеъ шуда, шаклҳои замони гузаштаи бардавомро ташкил менамояд. Вай дар шакли замони ҳозира-оянда маънои доимии амал ё амали содирнашударо нишон медиҳад. [7]

Префикси бъ//би - дар шеваи ҷанубӣ ҳамеша ба шаклҳои сиғаи амрӣ ва аорист васл меёбад ва амалан якҷоя бо бандакҳои феълии дахлдор боиси пайдо шудани шаклҳои мазкур аз асоси замони ҳозираи феъл мегардад.

Ин префикс гоҳо ба шаклҳои як гурӯҳ феълҳои замони гузаштаи оддӣ (рафтан, шикастан, хӯрдан, гузаштан, паридан ва ғ.) низ ҳамроҳ мешавад. Аз ин силсила вай бештар бо феъли рафтан ҳамроҳ шуда бо феълҳои боқимонда аҳьёнан ба кор бурда мешавад. Префикси бъ - бо шаклҳои замони гузашта амали яккарата ва хотимаёбандаро нишон медиҳад: ай ҳамиҷа хъд-ъм хестъм бърафтъм (қ., Сайдон); бърафт ба ҳаво қати (ғ-к., Балҷувон); анҷир-а бишкастъм; шир қати дъст-м-а шъстъм (ш-к., Мӯминобод); мо боғ-ънда кор мекардем, ки дар қади ра бъгзашт (в-қ., Сарикенҷа); сеw-а бъхърдъм, нон-а назар -ъм нагъръфт (ш-к., Ховалинг).

Префикси б ъ - дар таркиби калимаи рафтан бо феълҳои таркибии замони гузаштаи дур ва феълҳои замони гузаштаи сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ истеъмол мешавад: найики бърафта боша мактаб (в-қ., Нӯшор); Манҷар бърафта бъд? (ғ-к., Зоғнул); гърехта бърафта бъдай (қ., Ғофилобод).

Дар лаҳҷаҳои бадахшонӣ префикси б ъ - бо феълҳои замони гузашта асосан, дар назм ва афсонаҳо мушоҳида шудааст, [8] дар лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор бошад, вай, чунон ки муҳаққиқи ин лаҳҷаҳо Л.В.Успенская мегӯяд, бо феълҳои замони гузашта мушоҳида нашудааст. [9] Ин префикс дар ҳолати мазкур дар материали мо низ дар нақлҳои фольклорӣ сабт шудааст: чъшм-ъш бъпарид-ъ абрувон-аш бозӣ кард (к-ҳ., Норак).

Префикси бъ//би - дар шеваи ҷанубӣ аз рӯи истеъмол шудан бо шаклҳои аорист ва сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ ва маънои грамматикӣ аломатҳои забони адабии давраи классикиро маҳфуз доштааст. [10] Таҳлили материалҳо нишон медиҳад, ки префикси бъ шаклҳои феълӣ тобиши иловагии маънои грамматикӣ медиҳад. Чунончи, вай бо шаклҳои амрии феъл омада, ба фармону хоҳиш як навъ тобиши маънои яккаратӣ ва қатъияте мебахшад. Инчунин бояд зикр намуд, ки префикси бъ - тобишҳои маънои мазкурро дар асної бо аорист омадан ҳам ифода мекунад.

Агар айнан як феълро, ки дар як маврид бо префикси бъ- ва дар мавриди дигар бе он истеъмол шудааст, муқоиса намоем, маънои грамматикии маҳдудияти амал дар дохили вақт ва қатъияти хоҳиш равшан мушоҳида мешавад: ҳа, қан-т-а бъзан, бача-м (в-қ., Сарикенҷа); е, қанд-ъм-а занъм ба хами пири-м (к-ҳ., Арбобдара); оча, нун-ъм бъте (ш-к., Ховалинг) оча, бийо нун-ъм ге (ш-к., Ховалинг).

Префикси бъ - дар чанд маврид бо сабабҳои фонетикӣ ба кор бурда мешавад. Масалан, бо шаклҳои феълии асоси замони ҳозира , ки дар лаҳҷаҳо ба ихтисори зиёд дучор мешаванд, ҳатман як ҷо меояд. Ин ҳолат бештар вақте рӯй медиҳад, ки асос аз як овоз иборат бошад: ҳар дъ-тон б ъ г е н (ш-к., Мӯминобод); б ъ р е н, ҷигар -ъмо месуза (ш-к., Ховалинг). Агар асоси феълӣ ихтисор нашавад, бе префикси бъ -истеъмол шуда метавонад: рузако Саидбърҳон гуйен, шав гърг-ъш бъген (ш-к., Ховалинг); Истеъмоли префикси б ъ - бо феълҳои сиғаҳои амр ва шартӣ-хоҳишмандӣ, ки асоси онҳо бо садонок сар мешавад, низ ҳатмист: бийо! (биё), бъйор-ъм-ъш (барои ӯ биёрам); бестен (биистед). [11]. Пре-

7 В.С.Расторгуева, А.А.Керимова. Система таджикского глагола. М., 1964 г., стр. 26-27. Минбаъд: В.С.Расторгуева, А.А. Керимова. Система...

8 А.З.Розенфельд. Бадахшанские говоры..., стр. 21

9 Л.В.Успенская. Говоры таджиков Гиссарского района, стр. 92-94

10 Оид ба вазифа ва тарзи истифодаи префикси би - дар осори классикӣ ниг. ба асари К.Г.Залеман, В.А.Жуковский. Краткая грамматика новоперсидского языка. СПБ, 1890, стр. 46-48; 298-306.

11 Истеъмоли префикси бъ - бо феълҳои омадан ва овардан ҳодисаи умумитоҷикист , зеро вай ба таркиби ҳамаи шаклҳои феълии шеваҳои шимолӣ ва марказӣ, ки аз асоси замони ҳозира ташкил мешаванд, дохил мегардад.

фикси мазкур бо феъли гузаштан дар лаҳҷаҳое, ки дар асоси замони ҳозира ба метатеза дучор мешавад; ба кор бурда мешавад: бъзгар (бигузар).

Префикси б ъ - дар мавридҳои зерин ба феълҳо ҳамроҳ намешавад: а) ба феълҳое, ки дар шакли манфӣ истеъмол мешаванд: нарай, намешава, бърай, ғам-ът метан (ш-к., Ховалинг); б) инчунин бо феълҳои будан ва доштан (ба шарте, ки ин феъл ба маънои асли кор фармуда шавад) низ намеояд. Ба феъли кардан (хоҳ чун феъли мустақил ва хоҳ чун ёридиҳанда истеъмол шавад), хеле кам ҳамроҳ мешавад.

Дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб (Ховалинг, Мӯминобод), саргаҳи дарьёи Ёхсу, Шӯробдара шакли архаистии якҷоя омадани префикси м е - ва бъ//би - мушоҳида мешавад: мебъгум-шун, мебийома (ш-к., Даҳана); намебъшини, намебъхъри (ш-к., Ховалинг).

Дар матнҳои насри қадими форсӣ-тоҷикӣ феълҳо бо префикси б и - ё бе он ҳамдигарро иваз намекарданд. Ин ҳодиса ба шароитҳои синтаксисӣ сахт вобаста буд, дар айни замон хусусияти услубиро низ дар бар мегирифт. Шояд истифода шудан ва ё нашудани б и - ба оҳанг ва тарзи талаффузи ибора ва ҷумла алоқаманд бошад; семантикаи феъли аз будан ва ё набудани он тағьир намеёфт. Аз ин рӯ, мумкин аст гуфт, ки префикси би- оҳанги махсуси таъкидӣ дошт. 12

Мақоми префикси б и - дар ҷараёни инкишофи забони тоҷикӣ ба дараҷаи муайян тағьир ёфт. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик доираи истеъмоли он хеле маҳдуд буда, назар ба наср дар назм бештар ба кор бурда мешавад. Вай дар баъзе услубҳои забони адабӣ, чунончи, дар услубҳои илмӣ, расмӣ ва забони матбуот қариб ба кор бурда намешавад. 13 Ҳамчунин префикси б и - дар забони гуфтугӯии умумитоҷикӣ низ маълум нест. Он дар забони адабии ҳозира дар маънои луғавӣ ва грамматикии феълҳо тағьирот дохил намекунад. Бинобар ин аҳли тадқиқот онро "бахшандаи тобиши оҳангнокии адабӣ-китобӣ дар феъл" маънидод кардаанд.13а

Ба ҳамин тариқ, шеваи ҷанубӣ доир ба тарзи истеъмоли префикси б и - аз забони адабӣ бо хусусиятҳои зерини худ фарқ мекунад:

а) бо сиғаи амрӣ ва аорист хеле васеъ ва мунтазам истифода шудани префикси бъ, - инчунин гоҳ-гоҳ бо шаклҳои замони гузашта, гузаштаи дур, сиғаи хабарӣ ва шакли замони гузаштаи сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ ба таври илова омадани он;

12 Y. Lazarla Langue..., стр. 324.

13 Бояд гуфт, ки дар ин бобат дар солҳои охир андак дигаргунӣ ба вуҷуд омад. Префикси б и - дар услубҳои мазкури нутқ ҳам назар ба солҳои чилу панҷоҳ бештар истеъмол меёфтагӣ шуд. Дар ин ҳодиса, албатта, таъсири шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ ба забони адабӣ кам нест. Дар ин хусус батафсилтар ниг. Р. Ғафоров, С. Атобуллоев, Б. Бердиев. Дар ҷустуҷӯи дурдонаҳои сухан. -"Шарқи сурх", № 1, 1970, саҳ. 142-143.

13а Забони адабии ҳозираи тоҷик. қ. 1. Душанбе, 1970, саҳ.255.



б) маҳфуз мондани ифодаи маънои намуд бо тобиши интонационӣ;

в) вобаста ба ҳодисаҳои фонетикӣ истеъмол шудани префикси б и.

Шеваи ҷанубӣ аз ҷиҳати кор фармудани префикси б и аз шеваҳои шимолию марказии забони тоҷик тафовути намоён дорад: дар шеваи шимолӣ префикси мазкур бо феъли рафтан дар ду шакл ба тарзи факультативӣ истифода мешаваду бас. Дар ифодаи маъно иҷрои вазифаи префикси б и - шеваи ҷанубӣ ба шеваи ҷануби шарқӣ шабоҳат дорад, зеро дар ин шева низ маъноҳои қадимии он бештар маҳфуз мондааст 14. Инро ҳам бояд гуфт, ки префикси б ъ - дар шеваи ҷанубӣ шарқӣ назар ба шеваи ҷанубӣ серистеъмолтар буда, қариб бо ҳамаи феълҳои замони гузашта ҳамроҳ мешавад.

Префикси н а - шакли инкории феълҳоро ташкил медиҳад. Дар мавриди истеъмоли он префикси б ъ // б и - ба кор бурда намешавад.

Префикси н о - бо шаклҳои ғайритасрифии феъл: сифати феълӣ, феъли ҳол ба кор бурда мешаванд. Сифати феълӣ дар чунин мавриди хосияти феълии худро гум карда, аксар дар таркиби хабар ба гурӯҳи ҳиссаҳои номӣ мегузарад: се-чор одам те-да, гандъмо нодъравида мундан (в-қ., Ҳиҷборак); ҳоли тушкао ноканда бъдаст (в-қ., Ҳиҷборак); йаг ҷо-ш нонависта бъд, ҳаму-ра бънависум, пъшти қоғаз нонавишта - ай (в-қ., Ярхаб); и-ш (пашм) номолида-ай (ш-к., Муллоконӣ);

Дар шеваи ҷанубӣ чунин ҳодиса маъмул аст, ки сифати феълии таркибӣ бо он чун як калима дар назар дошта мешавад ва префикси н о - ба ҷузъи номии феъли таркибӣ ҳамроҳ мешавад: и гуспан нохаскарда-ай (қ., Ниёзбегиён); нъсм-ъш нокаландкарда-ай хала-хала ку, ки къланд къноан, истировка нопечаткарда бъдаи; шодатнумаи мактаw-ъш нопечаткарда-ай, ай барои ҳаму нарафтаст (в-қ., Ҳиҷборак); тиреза-ш нотийоркарда мундан, локо-ш нотозакарда, бърумад рафт (в-қ., Қалъаи Лабиоб); бачоо-м нохоwкарда кор мерам (қ., Каҳдара); силосо-ш нохоликарда, Сайидбег бърафт (в-қ., Ярхаб); йаке бийойа, ийо ноовбаста, ҷанг мекъна (ш-к., Ховалинг).

Хусусияти мазкури префикси н о - дар шеваи ҷанубӣ аз забони давраи классикӣ боқӣ мондаанд: дар намунаҳои насрии қадими форсию тоҷикӣ чун префикси ҳиссаҳои номӣ ба исму сифат ва ҳиссаҳои номии аз феъл сохташуда, инчунин ба масдар, сифати феълии замони гузашта, ҳозира ва оянда васл ёфтани он дида мешавад. 15

## Суффикси -ак дар шаклҳои феълӣ

Суффикси - а к ба шаклҳои шахси сеюми танҳои замони гу-

14 А.З. Розенфельд. Дарвазские говоры..., стр. 216; М. Махадов. Припянджские говоры таджиков Дарваза. Автореф. канд. дисс., Душанбе, 1972, стр. 21-22. Минбаъд. М. Махмадов, Припянджские говоры...

15 Lazard La Langue...,

заштаи иғаи хабарӣ (замони гузаштаи содда, гузаштаи бисьёркара-тӣ, гузаштаи дур), шакли асосии шахси сеюми танҳои нақлии якум ва дуюм ҳамроҳ мешавад. Вале вай ба маънои ин шаклҳои феъл тағьироте ворид намекунад, балки ба онҳо як навъ оҳанги намудию модалӣ мебахшад.

Вобаста ба маънои умумии ҷумла суффикси - а к, ба шакли феълӣ, аз як тараф, тобиши ба анҷом расидани амал ва, аз тарафи дигар, оҳанги бетакаллуфӣ ҳамроҳ мекунад: саги Лолахун гърифт-ъм//гърифтак-ъм (ш-к., Ховалинг); мъ дидъм-ъш, у параи руз рафтак (ш-к., Ховалинг). Аз мисолҳои мазкур фаҳмида мешавад, ки иҷрои амал ҳатмист: ба пеш-ъш умадак-у тангоо-ш-а гърифтастак (в-қ., Ярхаб). Дар ҷумлаи поён суффикси - а к маънои як навъ бе-такаллуфиро ифода намудааст: да Ғофилобот дъ-се бъна бъдак-да (қ., Ғофилобод).

Суффикси - а к ба ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ хос нест. Интишори он аз ҷадвали зерин равшан дида мешавад.

| саросар | қисман | ноистеъмол |
| --- | --- | --- |
| лаҳҷаҳои қаротегинӣ ва кӯлобӣ | лаҳҷаҳои роғӣ<br>а) мавҷудияти -ак дар гурӯҳҳои зерини аҳолӣ: шингунӣ (деҳаи Офтобзамин); балуҷӣ (деҳаи Балуҷ); хилдискӣ (деҳаҳои Бадринг, Чолиштак, Деҳаҳмади Поён); вескичӣ (деҳаи Зарчаҳо, (Анҷиркон);<br>б) ноистеъмолӣ:<br>дар ҳамаи деҳаҳои боқимондаи Роғ. | лаҳҷаҳои бадахшонӣ |

Мисолҳо доир ба истеъмоли суффикси - ак: 1) бо феълҳои замони содда: иморат-а тит-у пит кардак-ъ рафт (қ., Навдеҳ); Пирмаҳмад соати даҳи шав умадак (в-қ., Нӯшор); кърта-ш танг омадак (ш-к., Ховалинг); ма-ра набърдак-ъм хола-м (ғ-к., Дараи Мурғон); Бибишойим мағзо-ра дъздй кадак (Роғ, Офтобзамин); дуғ-ъш соф да та рехтак (Роғ, Бадринг); ин гапо ва расми Вахио будак (в-қ., Яхакпаст); ай сета фарзанд-ъш йата мондак пеш-ъш-да (в-қ., (к-ҳ., Тӯда); 2) бо феълҳои замони гузаштаи ҳикоягӣ: у сол мехундак сънфи йакум (ғ-к., Балҷувон); гапи мо-ра намефаҳмидак, намедонистак (ғ-к., Саталмуш); саҳарй медодем-ъш, бад ба баргойи нав мерафтем, то омадан-мо-йа уво хурда меистодак (ш-к., Мӯминобод); 3) бо феълҳои замони гузаштаи дур: и гърехта бъдак ай хундани (ғ-к., Балҷувон); 4) бо шаклҳои нақлии феъл: у мардак асйоw-ънда рафтастак (қ., Навдеҳ); Ҭоир пул бърдастак бонка-нда (в-қ., Қалъаи Лабиоб); мъ гъфтъм, чо кāс (чи кор кар-



дааст) - гуфт шу каастак (ш-к., Муллоконӣ); амоли и омадастак (ш-к., Мӯминобод); бача-ш раҳгардун нашидастак (ғ-к., Шахшӯрӣ); бачаи мъ раӗйон хаваргирй додар-ъш рафта бъдастак (ш-к., Дашти Шӯро); пъшик ҳами шир-а ҷо ба ҷо хурдастак (ш-к., Муллоконӣ); 5) дар лаҳҷаҳои шимолии кӯлобӣ суффикси - а к бо феъли и с т о д а н дар шахси дуюми танҳои сиғаи амрӣ қайд шудааст: бестак; мъ гап бъзанъм (ш-к., Муллоконӣ).

Бояд қайд кард, ки шаклҳои замони гузаштаи феъл бо суффикси - а к гоҳо дар ҷумла маънои шакли нақлиро (перфектро), ҳам ифода мекунад: ба гумон-ъм (телпакро) фър додак-ъш (ғ-к., Саталмуш); се метър-ъш гърифтем, нáшидак-ъш (ғ-к., Балҷувон);

В.С.Р а с т о р г у е в а ба далелҳои шеваҳои забони тоҷикӣ такья намуда, тахмин мекунад, ки - а к дар асноӣ бо феълҳои соддаи замони гузашта омаданаш ҳамоно, ба сифати феълии замони гузаштаи форсии миёна, ки бо суффикси - а к сурат пайдо кардаанд, тааллуқ дорад: к а р т а к, р а ф т а к. Шакли давомноки замони гузашта (мекардак, мерафтак), ки ба онҳо ин суффикс[16] васл гардидааст, ҳодисаи нав буда, хосияти лаҳҷавӣ дорад.

Мувофиқи ақидаи Ж.Лазар, ин суффикс бо суффикси - а к, ки хурдию навозишро ифода карда, ба ҳиссаҳои номии нутқ ҳамроҳ мешавад, як аст.[17] Мушоҳидаи нутқи ҳаррӯзаи намояндагони шеваи ҷанубӣ, ки дар он - а к ба шаклҳои феълӣ тобиши як навъ навозиш мебахшад, ин мулоҳизаро тасдиқ ва асоснок менамояд.[18]

Тавзеҳи пайдоиши шаклҳои феълӣ бо суффикси - а к дар шеваи ҷанубӣ мушкил аст. Аз афти кор, суффикси - а к бо шакли соддаи замони гузашта ва суффикси - а к - и сифати феълии замони гузаштаи форсии миёна ҳамбастагие дорад. Вале, аз як тараф, фақат бо шакли шахси сеюми танҳо маҳдуд будан ва, аз тарафи дигар, шаклҳои гуногуну сершумори замониро фаро гирифтани он имконият медиҳад, тахмин намоем, ки шаклҳои феълӣ бо суффикси - а к ҳодисаи шевагӣ ба шумор меравад.

Маҳз чунин хосиятҳои суффикси - а к дар шеваи ҷанубӣ водор менамоянд, ки онро аз морфемаи - а к - и шеваҳои шимолӣ ва марказӣ фарқ намоем.

Морфемаи - а к дар шеваҳои шимолӣ ва маркази асосан шаклҳои нақлии феълиро дар шахсҳои гуногун (ба истисноӣ шахси сеюми танҳо) ташкил мекунад.[19] Ҳарчанд ки шаклҳои феълӣ бо суффикси - а к дар забони хатии давраи классикӣ қайд нашудааст, аммо қайдҳои Мақдисӣ[20] мавҷудияти онро дар забони ас-

---

16 В.С.Р а с т о р г у е в а. Опыт.... стр. 82.

17 Y.Lazard. Coracteres destiwifs de la Langue tajik "Bulletin de la ...

18 Р.Л.Н е м е н о в а. Кулябские говоры..., стр. 45; Л.В.У с - п е н с к а я. Говоры таджиков Гиссарского района, стр. 44.

19 В.С.Р а с т о р г у е в а. Опыт..., стр. 86

20 Ва аҳли Самарқанд ҳарферо истеъмол мекунанд, ки байни "коф" ва "қоф" мебошад. Онҳо мегӯянд: бикардакам ва бигуфтакам ва монанди инҳо" В[illegible]А саҳ. [illegible] ; Инчунин ниг. Ж.Л а з а р. Общий язык иранских земель и его диалекты по текстам X-XI вв. н.э.,"Народы Азии и Африки", 1961, № 4, стр. 177.

ри Х тасдиқ менамоянд.

## Сохти шаклҳои феълӣ

Системаи шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли шеваи ҷанубӣ аз забони адабӣ тафовути казой надорад. Дар шева, низ таркиби шаклҳои феълиро худи ҳамон воситаҳои махсуси забони адабӣ: префиксҳо, бандакҳои шахсию хабарӣ, феълҳои ёридиҳанда, ки шаклҳои сифати феълию феъли ҳолро сурат медиҳанд, ташкил менамоянд.

Шаклҳои тасрифии феълҳои шеваи ҷанубиро, чун дар забони адабӣ метавон ба ду гурӯҳ ҷудо кард:

а) шаклҳои содда. Ин навъ шаклҳо бо роҳи ба асосҳои феълӣ илова шудани префиксҳои шаклсози бандакҳои шахсӣ ташаккул меёбанд; б) шаклҳои таркибӣ. Ин гурӯҳ аз феъли асосӣ, ки дар шакли сифати феълӣ (бо суффикси – а) воқеъ мегардад, феълҳои ёридиҳанда ва бандакҳои хабарӣ сохта мешаванд. Ба сифати феълҳои ёридиҳанда, бандакҳои хабарӣ, феълҳои будан ва истодан истифода мешаванд.

Аммо таносуби шаклҳои феълҳои тасрифшавандаи содда ва таркибӣ дар шеваи ҷанубӣ дорои хосиятҳои лаҳҷавист, ки аз хусусиятҳои системаи овозии он ба миён меояд. Чунончи, ҳангоми як ҷо омадани овозҳои садонок ё ҳамса до ҳодисаҳои фонетикие рӯй медиҳанд, ки дар натиҷа калима ва шаклҳои гуногун ихтисор шуда, боиси ба шаклҳои содда табдил ёфтани шаклҳои таркибӣ мегарданд. Дар шаклҳои перфекти 1 ва П феъли асосӣ, ки дар шакли сифати феълӣ меояд, бо бандаки хабарӣ ва дар шаклҳои замони гузаштаи дур ва давомдор бо феълҳои ёридиҳанда як мешавад.

Навъҳои ихтисоршавии шаклҳои феълӣ, ки дар шеваи ҷанубӣ ба тарзи гуногун воқеъ мешавад, боиси тафовути шеваи ҷанубӣ гашта, хосияти хоси феъли онро муайян мекунанд. Масалан, рафта бъдъм (в-қ., лаҳҷаи кӯлобӣ, роғӣ, бадахшонӣ); рафтовдъм // //рафтудам/рафтудъм (қ.) рафта будам ; рафтестай//рафсодай// рафтесас//рафтестай (қаротегинӣ, кӯлобӣ ва роғӣ); рафтасай// рафтесод (ш-к., лаҳҷаҳои Шӯробдара, Даштиҷум) рафта истодааст .

Шаклҳои тасрифии феъл. Системаи шаклҳои тасрифии феъл дар шеваи ҷанубӣ ба категорияҳои зерини грамматикӣ молик аст: 1) модалият (сиға), 2) аломатҳои замонию намудӣ; 3) шахс; 4) шумора.

Тафовути шаклҳои феълӣ аз рӯи тарзи фоилӣ ва мафъулӣ, ки дар забони адабӣ ба воситаи феъли ёридиҳандаи шудан зоҳир мешавад, дар шеваи ҷанубӣ ниҳоят кам мушоҳида мегардад. [21] Дар нутқи ҳаррӯзаи мардумони районҳои ҷанубӣ, ҷумлаҳо, асосан, дар тарзи фоилӣ истеъмол мешаванд. Мушоҳидаи нутқи лаҳҷавӣ муҳаққиқонро ба хулосае меорад, ки... тарзи мафъулӣ умуман дар шеваҳои тоҷикӣ камистеъмол аст. [22] Шеваи ҷанубӣ низ дар ин бо-

[21] В.С.Расторгуева, А.А.Керимова. Система..., стр. 31-32; Инчунин: Забони адабии ҳозираи тоҷик, Қ.1, саҳ. 294-268.

[22] В.С.Расторгуева. Очерки..., вып. 2, стр. 96-97.



бат мустасно нест.

В.С.Расторгуева системаи феъли шеваи ҷанубиро тавзеҳ намуда, се навъи онро муайян кардааст: а) бадахшонӣ; б) роғӣ; в) кӯлобию қаротегинӣ, ки аз рӯи таъдоди шаклҳои феълӣ аз навъи бадахшонӣ фарқ доранд. Системаи феъли лаҳҷаҳои бадахшонӣ, нисбатан архаистӣ ҳисоб меёбад; дар он миқдори шаклҳои нав кам аст. Дар ин шева се сиға қайд шудааст: [23] а) сиғаи хабарӣ, ки 1) замони ҳозира-оянда: 2) гузаштаи содда: 3) гузаштаи ҳикоягӣ: 4) гузаштаи дур: 5) перфектӣ 1; 6) перфекти II-ро дар бар мегирад. Замони ҳозираи муайян дар ин шева, ҳамчун шакли навташкил, кам ба қайд гирифта шудааст. Шаклҳои дигар бо истодан умуман истеъмол намешаванд б) сиғаи шартӣ – хоҳишмандӣ бо шаклҳои аорист (замони ҳозира-оянда) ва замони гузашта бо феъли ёридиҳанда рафта бошад. Далелҳои гирд омада нишон медиҳанд, ки ин шакли феълӣ доираи васеи интишор надорад: в) сиғаи амрӣ.

Дар лаҳҷаҳои кӯлобию қаротегинӣ системаи шаклҳои феълҳои тасрифшаванда нисбатан инкишоф ёфта, дорои шаклҳои навташкили зиёд доро гаштааст. Дар ин лаҳҷаҳо баробари се навъи сиғаи мазкур, инчунин сиғаи эҳтимолӣ ҷараёни тадриҷии пайдоиш ва ташаккулро аз сар мегузаронад. Вай бо сифати феълии дорои суффикси – гӣ ва шакли пурраи бандаки хабарӣ сурат меёбад. Ин сиға ҳарчанд нисбат ба шеваи шимолӣ камтар аст, дар лаҳҷаҳои ғарбии кӯлобӣ, кӯлобии Ҳисор ва инчунин дар лаҳҷаҳои Қаротегини Поён зиёда истеъмол мешавад. [24]

Дар лаҳҷаҳои кӯлобию қаротегинӣ чунин шаклҳои сиғаи хабарӣ қайд шудаанд: 1) замони ҳозира-оянда; 2) гузашта; 3) гузаштаи ҳикоягӣ; 4) гузаштаи дур; 5) ҳозираи давомдор (бо феъли истодан); 6) гузаштаи дури давомдор; 7) перфекти 1; 8) перфекти II. Перфекти 1 ва II дорои чунин шаклҳо мебошанд: а) шаклҳои перфект бо навъи пурра ва нопурраи бандаки хабарӣ; б) шакли давомдори перфект (бо префикси – ме); в) перфекти гузаштаи дур; г) перфекти гузаштаи дури давомдор.

Сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ дорои шаклҳои зерин мебошад: 1) аорист: 2) замони гузашта: 3) замони давомдор (мерафта бошад). Сиғаи амрӣ бо шаклҳои шахси дуюми танҳою ҷамъ қайд шудааст.

Системаи феъли лаҳҷаи роғӣ ба ҷуз хосиятҳои хоси худ дорои унсурӯ аломатҳои феъли лаҳҷаҳои ҷанубии кӯлобӣ низ мебошад. Фарқи системаи феъли ин лаҳҷаҳоро аз феъли лаҳҷаҳои кӯлобию қаротегинӣ набудани перфекти II ташкил мекунад. Перфекти II барои лаҳҷаҳои кӯлобию қаротегинӣ хос мебошад.

Шаклҳои замониояндаи таркибӣ (хоҳам рафт), монанди шеваҳои дигари тоҷикӣ, дар шеваи ҷанубӣ низ истеъмол намешавад.

## Сиғаи хабарӣ

Системаи шаклҳои сиғаи хабарии шеваи ҷанубӣ миқдоран, чунон

[23] В.С.Расторгуева. Опыт..., стр. 105-106.

[24] Там же.

ки зикр шуд, аз забони адабӣ тафовут дорад ва дорои хусусиятҳои хоси лаҳҷавӣ низ мебошад.

Шаклҳои тасрифии феълҳои шеваи ҷанубӣ аз рӯи вазифаю маъно аз шаклҳои феълии забони адабӣ, ки бо онҳо мушобеҳанд, фарқе надоранд. Тафовуте, ки ба назар мерасад, ба тарзи зайл аст: 1. дар шаклҳои фонетикии бандакҳо; 2. ихтисори баъзе феълҳои серистеъмол; 3. илова шудани суффикси – а к ба бандакҳои шахси сеюми танҳои як қатор шаклҳо.

### Замони ҳозира-оянда

Ин шакли феълӣ аз асоси замони ҳозира бо илова шудани бандакҳои шахсӣ ва префикси м е – // м и – сохта мешавад.

Азбаски асоси замони ҳозираи феълҳои серистеъмол назар ба эквивалентҳои адабии худ тафовути фонетикӣ доранд, дар тасрифи замони ҳозира-оянда шаклҳои махсус ба вуҷуд меоянд. Тасрифи феълҳои шеваи ҷанубиро вобаста ба тағйироти фонетикӣ, ки аснои тасрифи ин ё он феъл ба вуҷуд меояд, ба се навъ ҷудо кардан мумкин аст:

а) навъи тасрифе, ки барои ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ умумист;
б) тасрифе, ки дар феълҳои ҷудогона аз тасрифи умумӣ фарқ мекунад;
в) навъи тасрифе, ки лаҳҷаҳоро аз ҳамдигар фарқ мекунад.

1. Тасрифи феълҳо дар замони ҳозира-оянда

Навъи умумиҷанубӣ

| ш. танҳо | ш. ҷамъ |
| --- | --- |
| **хондан (хундан)** | |
| 1. мехонъм//мехунъм//–ум | мехонем//мекунем |
| 2. мехонӣ//мехунӣ | мехоне//–ен//–ед//мехуне//–ед |
| 3. мехона//мехуна | мехонан//мехунан |
| **рафтан** | |
| 1. мерам | мерем |
| 2. мерай//мерӣ | мере//–ен//–ед |
| 3. мера//мерава | меран//мераван |
| **гуфтан** | |
| 1. мегум | мегем |
| 2. мегуй//мегӣ | меге//–ен//–ед |
| 3. мега | меган |
| **кардан** | |
| 1. мекънъм//–ум | мекънем |
| 2. мекънӣ | мекъне //–ен//–ед |
| 3. мекъна | мекънан |
| **истодан** | |
| 1. местъм//–ум | местем |
| 2. местӣ | местен//–ен//–ед |
| 3. места | местан |
| **шудан** | |
| 1. мешам//мешум | мешем |
| 2. меши//мешай | меше//–ен//–ед |
| 3. меша//мешава | мешаван |



| ш. танҳо | ш. ҷамъ |
| --- | --- |
| **тавонистан** | |
| 1. метунам//метунум//метонум | метунем//метонем |
| 2. метунӣ//метонӣ | метуне//метоне//–ен//–ед |
| 3. метуна//метона | метунан//метонан |
| **додан** | |
| 1. метъм//–ум | метем |
| 2. метӣ | мете//–ен//–ед |
| 3. мета | метан |
| **шустан//шъстан** | |
| 1. мешъм//мешум | мешуем |
| 2. мешуй | мешуе//–ен//–ед |
| 3. мешуйа | мешуйан |
| **омадан** | |
| 1. мейом//мийом | мейойем//мийойем |
| 2. мейой//мийой | мейойе//–ен//–ед |
| 3. мейа//мийа//мийойа | мейан//мийан//мийонан |
| **дохтан//андохтан** | |
| 1. медозъм//–ум//мендозъм | медозем//мендозем |
| 2. медозӣ//мендозӣ | медозе//мендозе//–ен//–ед |
| 3. медоза//мендоза | медозан//мендозан |

2. Тасрифи феълҳое, ки аз тасрифи умумиҷанубӣ тафовут доранд.

Ҳодисаи аз навъи умумиҷанубӣ фарқ кардани баъзе феълҳои замони ҳозира-оянда бештар дар натиҷаи ихтисор, пайдоиши овозҳои иловагӣ ва ҳодисаҳои дигари фонетикӣ рӯй медиҳад.

Феъли к а р д а н дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ баробари тасрифи умумӣ тарзи тасрифи хос низ дорад:

| ш. танҳо | ш. ҷамъ |
| --- | --- |
| 1. менъм//–ум//–ам | менем |
| 2. менӣ | мене |
| 3. мена | менан |

Ҳамчунин бояд зикр намуд, ки ин тарзи тасриф дар гуфтугӯи ҳаррӯзаи мардум серистеъмол аст.

Феълҳои г у ф т а н, ш у с т а н баробари навъи тасрифи умумиҷанубӣ, инчунин дар лаҳҷаҳои роғӣ, бадахшонӣ ва қисман дар қаротегинӣ ва кӯлобии Ҳисор дорои парадигмаи зерин мебошанд:

| ш. танҳо | ш. ҷамъ |
| --- | --- |
| 1. мегуwам | мегуwем |
| 2. мегуwи | мегуwе//–ен//–ед |
| 3. мегуwа | мегуwан |
| | |
| 1. мешуwам//мешум | мешуwем |

| | |
|---|---|
| | мешуwен//–е//–ед |
| 2. мешуwи́//мешуй | мешуwан |
| 3. мешуwа | |

Дар лаҳҷаҳои бадахшонӣ шакли низ қайд шудааст, овози вагинии w надорад: мегуа (мегӯяд) мегуан (мегӯянд).

Парадигмаи феъли б а р о м а д а н дар баъзе лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб (деҳаҳои Шӯробдара, Сарихосор), ғарбии Кӯлоб (дарачӣ), қисман кӯлобии Ҳисор ва қаротегинӣ ба тарзи зайл аст:

| | |
|---|---|
| 1. мером | мероем |
| 2. мерои́ | мероен |
| 3. меройа | меройан |

Тасрифи феъли г у з а ш т а н дар тамоми лаҳҷаҳои кӯлобӣ дорои чунин шакл аст:

| | |
|---|---|
| 1. мезгаръм | мезгарем |
| 2. мезгари́ | мезгарен |
| 3. мезгара | мезгаран |

Ин тарзи тасриф дар деҳаҳои Қаротегини Поён низ мушоҳида мешавад.

3. Тасрифи феъли д о д а н дар замони ҳозира–оянда дар дохили лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ фарқи алоҳида дорад:

| қаротегинию кӯлобӣ ва бадахшонӣ | роғӣ, вахиёй–қаротегинӣ (Вахиёи Поён), шимолии Кӯлоб (баъзе деҳаҳои Ёхсуи Боло) |
|---|---|
| ш. т а н ҳ о | |
| 1. метъм//метум | медам//медъм |
| 2. мети́ | меди́ |
| 3. мета | меда |
| ш. ҷ а м ъ | |
| 1. метем | медем |
| 2. мете//–ен//–ед | меде//–ен |
| 3. метан | медан |

Дар лаҳҷаҳои роғӣ о м а д а н, о в а р д а́ н

| ш. т а н ҳ о | ш. ҷ а м ъ |
|---|---|
| 1. миом, миоръм | миоем, миорем |
| 2. миои́, миори́ | миоен, миорен |
| 3. мийойа, миора | миойан, миоран |

Шаклҳои замони ҳозира–оянда маъноҳои зеринро ифода мекунанд:

1) амале, ки мунтазам такрор мешавад, ҳамеша содир мегардад, муқаррарист: гандъм–а ба дост медъраван (ш–к., Ховалинг); вай чи кор мекъна, куча меруwа, бо (боз) йагон кори дига (к–ҳ., Сумбула): гойе сар–ъм фър мегарда, ай сар–ъм тир хърдагийъм (қ., Сайдон): и да сталовой кор мена (в–қ., Қалъаи Лабиоб); ҳама уно–ра корга мегуwан (бд., Мулвоҷ).



2) амали дар оянда содиршаванда: ойо мейойа, наме́йойа? (қ., Нимич); оча–т ангур чинда истай., илаw мегъра, албатара (ғ–к., Дараи Мурғон); бъра йа чой бъфармон, йак хъшм ома, меравъм (к–ҳ., Файзобод); йа қаwза каҳ мейоwъм, дарза–ш мебандум (в–қ., Ҳиҷборак); дофи дъга миом (Роғ, Хӯҷағалтон); шир боша, миоръм–ът (Роғ, Хӯҷағалтон).

Замони ҳозира–оянда дар ҳолати маҷозӣ барои ифодаи маънои ҳикоя истифода мешавад. Дар ин асно, ҳамчун дар забони адабӣ, ба василаи шакли замони ҳозира–оянда амали дар замони гузашта содиршуда барои таъмини сареҳӣ ва латофати гуфтор ба замони ҳозира оварда мешавад [25]: дъ кафтар қати йак самбақа ошно шидас; ҳар руз кафтаро хунайни самбақа меҳмуни́ меойан, наск–ъ ҳахъти бисйоре анҷом мекъна самбақа, ҳар вахте кафтаро меойан, самбақа меҳмуни–шън мекъна. [26]

X

X X

Шакли тасрифии феъл бо префиксҳои м е –ва б и – (мебишинӣ).

Чунон ки дар боло зикр намудем, дар лаҳҷаҳои кӯлобӣ ва вахиёй–қаротегинӣ шакли архаистие, ки аз асоси замони ҳозираи феъл ба василаи ду префикс ва бандакҳои шахсӣ сохта мешавад, маҳфуз мондааст. Ҳодисаи мазкур, асосан, дар чанд мисол қайд шудааст, ки ин факт дораи маҳдуди интишор ва истеъмоли онро нишон медиҳад.

Шаклҳои тасрифиаш

| ш. т а н ҳ о | ш. ҷ а м ъ |
|---|---|
| 1. мебишинум//–ъм | мебишинем |
| 2. мебишини́ | мебишине//–ен |
| 3. мебишина | мебишинан |

Дар мисолҳои мо фақат шаклҳои шахси 1 ва 2–юми танҳою ҷамъ (бештар шакли танҳо) кор фармуда шудаанд: намебъшини́, чой бъхъри́? (ғ–к., Балҷувон); йак майда дуғи динагина–ай намебъхъри́? (ғ–к., Саталмуш); намейбъхри́ (ш–к., Кадучӣ); намебинависи́? (ш–к., Ховалинг); агар бо (боз) йаг шаw омада намебесте, мо хафа мешавем (в–қ., Ярхаб); йа лоқи къҳна дорум намебъпъшум (ғ–к., Саталмуш); мана ҳамитари гапо–ра мебигум–шун, механдан (ш–к., Даҳана).

Шаклҳои мазкур дар шеваи ҷанубӣ дорои тобишҳои модалии хоҳиш, илтимос, водоркунӣ мебошанд, инчунин ба ягон шарте ё сабабе иҷро шудан ва ё иҷро нашудани амалеро нишон медиҳанд.

Дар як мисол, ки аз деҳаи Даҳана (ш–к) сабт ёфтааст, шакли дорои ду префикс аз асоси замони гузашта сохта шудааст: агар Нозим мебийома, гуспан мебъкъштъм.

Маълум аст, ки шакли навъи м е б и ш и н и́ дар забони классикӣ дар осори асрҳои IX–X истеъмол мешуд: "... na mebiraft..., na mebiravim..., name bisavad" [27]

[25] В. С. Р а с т о р г у е в а, А.А.К е р и м о в а. Система..., стр. 68

[26] Р.Л.Н е м е н о в а. Кулябские говоры..., стр. 145

[27] **Y. L a z a r d. La Landie..., p.** 24. Мисолҳо аз худи ҳамин асар гирифта шудаанд.

Б.Сиёев ин шаклро шарҳ дода гуфтааст, ки, доираи истеъмоли он дар "Таърихи Табарӣ" ниҳоят маҳдуд аст". Инчунин ӯ қайд мекунад, ки "... ин шакл дар забони насри асрҳои 1Х–Х дучор шавад ҳам, истеъмоли вайро дар як қатор асарҳои маъруфи насрии асрҳои Х1–ХУ1–Х1Х дучор намекунем". Б.Сиёев боз менависад: "... дар баъзе шеваҳои забони тоҷик истеъмоли он (фақат бо префикси м е – мебихона) то ҳол мушоҳида мешавад". 28

Ба ин қайди Б.Сиёев илова кардан мумкин аст, ки чунин шаклҳои архаистӣ (мебигирам, мебихонам) дар ҳуҷҷатҳои расмии аввали асри ХХ дучор мешудаанд. 29

Материали сарчашмаҳои асрҳои 1Х–Х нишон медиҳад, ки шаклҳои мазкур барои ифодаи: а) замони ҳозираи давомдор, барои нишон додани амали лаҳзаи муайяни замон ва б) замони ҳозира–оянда ба кор бурда мешудаанд. 30

Дар муайян кардани намуди амал вазифаи асосӣ ба зиммаи префикси м е–//ҳ а м е – меафтад, префикси б и – бошад "... танҳо вуқӯи амалро таъкид карда, вале доир ба анҷом ёфтани он тобише илова намеинамояд:" 31.

Ж.Лазар инчунин якҷоя омадани ду префикси гуногунмаъноро дар як шакл низ қайд кардааст. Ба ақидаи ӯ, ҳиссачаи м е–//ҳ а м е – давомнокӣ, бисьёркаратии амал, яъне намудро ифода мекунад, префикси б и – дар айни замон як навъ тобиши услубии ба ин префикс хосро ба шакли феълии мазкур мебахшад. 32.

Далелҳои шеваи ҷанубӣ ин хулосаҳри муҳаққиконро тақвият медиҳанд ва дар ҳақиқат собит менамоянд, ки шаклҳои мавриди мушоҳидаҳои мо боқимондаҳри шаклҳои феълии архаистӣ мебошанд.

Ғайр аз шеваи ҷанубӣ шаклҳои мазкур бо префиксҳои б ъ – ва м е – дар шеваи ҷануби шарқӣ дар лаҳҷаҳои Дарвоз дучор мешавад: б ъ й р а м е н, б ъ д а м е н, б ъ г и м е 33.

## Замони гузаштаи содда

Замони гузаштаи оддӣ аз асоси замони гузаштаи феъл бо илова шудани бандакҳои шахсӣ, баъзан бо афзудани суффикси – а к ташкил мешавад. Як гурӯҳ феълҳо, ки дар боло зикрашон гузашт, бо префикси б и – шакли замони гузаштаро ташкил медиҳанд.

---

28 Б.С и ё е в. Очерк доир ба таърихи феъли забони адабии тоҷик. Душанбе, 1968, саҳ. 37.

29 А.А.С е м е н о в а. Краткий грамматический очерк таджикского языка. Ташкент. 1927, стр. 9.

30 Б.С и ё е в. Ҳамон асар, саҳ. 36.

31 Ҳамон ҷо.

32 Y. L a z a r d. La Landie..., p. 324

33 Мисолҳо аз асари А.З.Р о з е н ф е л ь д. Дарвазские говоры..., саҳ. 212; инчунин ниг. М. М а х а д о в. Припянджские говоры..., стр. 21.



1. Навъи умумиҷанубии ҷадвали тасрифи феълҳои замони гузашта хондан//хундан.

| ш. т а н ҳ о | ш. ҷ а м ъ |
|---|---|
| 1. хундъм//хондъм//–ум//–ам | хундем//хондем//–им |
| 2. хунди /хонди | хунде//хонде//–ен//–ед/–ид |
| 3. хунд//хонд | хундан//хондан |

к а р д а н

| | |
|---|---|
| 1. кардъм//–ум//–им//каам//кам | кардем//кадем//каем//кēм |
| 2. карди//кади//каи | карде//каде//–ен//–ид |
| 3. кард//кад | кардан//кадан//каан//кан |

р а ф т а н

| | |
|---|---|
| 1. рафтъм//–ум | рафтем//–им |
| 2. рафти | рафте//–ен//–ед//–ид |
| 3. рафт | рафтан |

д о х т а н – а н д о х т а н

| | |
|---|---|
| 1. дохтъм//–ум | дохтем//–им |
| 2. дохти | дохте//–ен//–ед//–ид |
| 3. дохт | дохтан |

з а д а н

| | |
|---|---|
| 1. задъм/–ум//–ам | задем//захем//заем |
| 2. зади//зāйй | заде//зāе//–ед//–ен |
| 3. зад//за | задан//захан//заан. |

Дар ҷадвали феълҳои к а р д а н ва з а д а н ҳамаи навъи ихтисоршавӣ, ки дар шеваи ҷанубӣ маъмул аст, таҷассум ёфтааст. Вале лаҳҷаи бадахшонӣ дар ин бобат мустасност, зеро парадигмаи феълҳои мазкур дар ин лаҳҷаҳо ба забони адабӣ хеле қаробат дорад.

2. Ҷадвали тасрифи феълҳое, ки аз навъи умумӣ берун мебароянд.

Дар лаҳҷаҳои ҷанубии кӯлобӣ ва роғӣ (дар гурӯҳи шингунӣ 34, хълдъскӣ 35, вескичӣ 36 ва балуҷӣ 37) тарзи зерини парадигмаи феълҳо мушоҳида мешавад.

| к а р д а н | ш у д а н | г и р и ф т а н | д о д а н |
|---|---|---|---|
| ш. т а н ҳ о | ш. т а н ҳ о | ш. т а н ҳ о | ш. т а н ҳ о |
| 1. кāм | шāм | гъртъм | дōм |
| 2. кāй | шъди | гърти | дои |
| 3. кāд | шъд | гърт | дōд |
| ш. ҷ а м ъ | ш. ҷ а м ъ | ш. ҷ а м ъ | ш. ҷ а м ъ |
| 1. кēм | шēм | гъртем | додем |
| 2. кēн | шēн | гъртен | доен |
| 3. кāн | шāн | гъртан | додан |

---

34 деҳаи Офтобзамин

35 деҳаҳои Бадринг, Нолиштак

36 деҳаи Зарчаҳо

37 деҳаи Балуҷ

| омадан | задан |
|---|---|
| ш. танҳо | ш. танҳо |
| 1. омам | зам, |
| 2. омаи́ | зади |
| 3. ома(д) | зад |
| ш. ҷамъ | ш. ҷамъ |
| 1. омем | зем |
| 2. омен | зен |
| 3. оман | зан |

Бояд қайд кард, ки чунин навъи тасриф дар ҳамаи шаклҳое, ки аз асоси замони гузаштаи ин феълҳо ташкил шудаанд, нигоҳ дошта мешавад: гъртай (гирифтааст): чан лаwз йод гъртай? (ҷ-к., Навобод).

Феъли замони гузаштаи содда нишон медиҳад, ки амал ба замони гузашта тааллуқ дорад. Маънои намуд дар ин феълҳо дар матн зоҳир мешавад. Шакли замони гузаштаи содда маъноҳои зеринро ифода мекунад:

а) яккаратӣ ва ба охир расидани амал: даҳай дар-да овоз бъро-ма (қ., Ғофилобод); чилъ йак-а лағат кардъм, қадам да чилъ дъ (ш-к., Сарихосор); ар дъ-мун тамом кем мактаб (ҷ-к., Ёл); дъраw гаро ай боло хамидан (к-ҳ., Тӯда); йа мошини ғайри́ умад, чум ай гиҷо-ай (в-қ., Ярхаб).

Феълҳои замони гузаштае, ки бо префикси б и – истеъмол мешаванд, доимо маънои ба охир расидани амалро ифода мекунанд: ҳама бъ-рафтан-ъ мо на́рафтем (в-қ., Нӯшор); мусафед-а пешандоз када гъриф-тан бърафтан (қ., Ғофилобод). Шаклҳои бо суффикси – а к ташкилшаванда низ берун аз матн маънои хотима ёфтани амалро нишон медиҳанд: кадом-ъш рафтак (Роғ, Хӯҷағалтон); саги Лолахун гърифтак-ъм (ш-к., Ховалинг); ма-ра набърдак-ъм хола-м (ғ-к., Зоғнул); ҷони мо-ра ҳаму қалъғ хълос кадак (қ., Ғофилобод).

б) давомнокӣ ва бисьёркаратии амал: панҷ пушт гъзашт дар ами хона (бд., Яхшвол); ай соли чили йакъм то чъли нъҳъм малима бъдъм (қ., Ялдамич); а́ма хона-ра шуридъм, дъраwш- а на́йофтъм (Роғ, Хӯ-ҷағалтон); ма йаг шаш моҳ шъдай, ҳами касаба-да машғул шъдъм (ш-к., Даҳана).

Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави замон ва шарт шаклҳои феълӣ замони гузаштаи содда барои ифодаи замони гузаштаи мутлақ хизмат мекунанд. Дар ин маврид амали ҷумлаи пайрав – феъли замони гузаштаи содда пеш аз амали сарҷумла воқеъ мегардад: гоw ки ума, гусала мехеза (қ., Халқарф); агар ки нафорист-ът на́хун (в-қ., Куглик).

## Замони гузаштаи ҳикоягӣ

Замони гузаштаи ҳикоягӣ аз асоси замони гузашта, бандакҳои шахсӣ ва префикси м е – ташкил мешавад. Инчунин дар шахси сеюми танҳо бо суффикси – а к низ сохта мешавад. Ҷадвали тасрифи ин шакли феълӣ ба ҷадвали тасрифи феъли замони гузаштаи содда монанд аст.



хондан//хундан//(хонд//хунд)

| | |
|---|---|
| 1. мехондъм//мехундъм | мехондем//мехундем |
| 2. мехонди́//мехунди | мехонде//мехунде//-ен//-ед |
| 3. мехонд//мехунд | мехондан//мехундан |

кардан

| ш. танҳо | ш. ҷамъ |
|---|---|
| 1. мекардъм//мекам | мекардем//мекем |
| 2. мекарди́//мекаи | мекарде//мекае//мекен//-ен//-ед |
| 3. мекард//мекад//мека | мекардан//мекан |

Шаклҳои замони гузаштаи ҳикоягӣ, чун дар забони адабӣ, дорои чунин тобишҳои намудӣ мебошанд: а) амали мутассил, ки ба замони гузаштаи дур тааллуқ дорад: ҳами борун меборид, хуна-да мешиштъм (ш-к., Муллоконӣ); пеш аз йа кас камбағал бъд, ҷуфти бой-а ҳай мекард, ай панҷ път йа път ҳақ мегъръфт (к-ҳ., Тӯда); б) амали бисьёркаратаи такроръёбанда: ба̄ (баъд) ай ҳисор мерафтан, Душанбе-да мерафтан (к-ҳ., Кончӣ); бо (боз) мераф, йата-ра ҷуф-ш-а ҳай мекад мегаш (қ, Ғофилобод).

Чунин тобишҳои намудӣ ҳам маъно ва ҳам тарзи истеъмоли шаклҳои мазкурро муқаррар мекунанд. Онҳо дар ифодаи чунин маъниҳо меоянд:

1. амали гузаштаи бисьёр такроръёбанда: ҳар моҳ бистангаи́и мейовард, мехърд мегашт (қ., Ғофилобод); порина мъ мактав ҳар руз мерафтъм, мехондъм (ш-к., Ховалинг); ҳисоw намекард, ай зъминҷъмби́-ш метарсид (қ., Бедак); закот-а мебърдан Файзоwот-да медодан (қ., Ҳакимӣ); у сол мехундак съни йакъм (ғ-к., Балҷувон); wаҳтои пеш мо ами чен айлоқ кучида мерафтем (Роғ, Балуҷ).

2. амали дар гузашта нотамом, ки ба амал ё ҳолати пешина ҳамроҳӣ мекунад ва он амал аз рӯи хосияти худ амали ба охиррасида ҳисоб мешавад: уйе-ш съвор бъд, съвор мерафт (қ., Ғофилобод); хар мисоли давлат, овардaнд, ҷаw медодан, буйи мекардан (бд, Нишгар): бъсйор почои зълмнок бъд, ки дар ҳақи зано зълм мекард (Роғ, Хӯҷағалтон); пештаро даврои калхоси бъд, сеw-ъш ҳамиқайе мегърифт, ки шохо-ш мешъкаст (ш-к., Мӯминобод).

Замони гузаштаи ҳикоягӣ аз рӯи маънои аслии худ амали воқеиро ифода карда, ба системаи сиғаи хабарӣ дохил мешавад, вале вай дар як қатор конструкцияҳои синтаксисӣ барои ифодаи амале, ки фақат дар шароитҳои муайян имконияти содиршавӣ дорад, низ истифода мешавад. Замони гузаштаи ҳикоягӣ дар ин маврид барои ифодаи тобишҳои маънои амал (шарт, хоҳиш, орзу, имконпазирӣ) истифода мешавад:

1) дар ҷумлахре, ки шакли замони гузаштаи ҳикоягӣ, хоҳиш ва заруратро ифода мекунад, ба шарту имконияти судури амал ишора карда намешавад: тъ ма-ра йак хат мекарди́ (ш-к., Ховалинг); бойад, ки мън дъсат съм пъл мегиръфтъм (в-қ., Шярхо).

2) дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави шартӣ ва хилофӣ: ранги мо пушок мепушид, ранги мо мешид (ш-к., Ховалинг); агар мефорист, мегъръфт (в-қ., Нӯшор); ҷои қоқ боша, се – чор сол местод (ғ-к., Руиоб); тъғо, ага тъ намешиди́, ма мемърдъм (ш-к., Мӯмино-

бод); имсол маза-ш нашид, агане бо (боз) мерафтум (қ., Порвоғ); сапарй медодем-ъш, бад ба баргои нав мерафтем, то омадани мо-йа уво хурда меистодак (ш-к., Мӯминобод).

### Замони гузаштаи дур

Замони гузаштаи дур аз рӯи тарзи ташаккул ба гурӯҳи шаклҳои таркибӣ дохил мешавад. Вай аз сифати феълии феъли асосӣ бо суффикси – а ва шаклҳои замони гузаштаи соддаи феъли ёридиҳандаи б у д а н ташкил мешавад. Шаклҳои замони гузаштаи дур дар шеваи ҷанубӣ бо хосиятҳои фонетикии худ фарқ мекунанд. Аз ин нуқтаи назар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубиро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: 1) ба гурӯҳи якум лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ, кӯлобӣ, роғӣ ва бадахшонӣ дохил мешаванд, ки дар онҳо шакли замони гузаштаи дур ихтисор намешавад ва бо сохти аналитикиаш истифода мешаванд; 2) ба гурӯҳи дуюм лаҳҷаҳои қаротегинӣ, ки дар соҳили рости дарьёи Сурхоб воқеанд, дохил мешаванд. Дар ин лаҳҷаҳо шаклҳои замони гузаштаи дур дар натиҷаи ба ихтисор дучор шуданашон ба шаклҳои соддаи феълӣ табдил ёфтаанд.

Тасрифи шаклҳои замони гузаштаи дур дар гурӯҳи якуми лаҳҷаҳо ин зайл аст:

хондан//хундан

| ш. танҳо | ш. ҷамъ |
| --- | --- |
| 1. хонда//хунда бъдъм//wъдъм //-ум//-ам | хонда//хунда бъдем//wъдем |
| 2. хонда//хунда бъди//wъди | хонда//хундабъде//wъден //ен//-ед |
| 3. хонда//хунда бъд//бъдак | хонда//хунда//бъдан//wъдан |

рафтан

| | |
| --- | --- |
| 1. рафта бъдъм//wъдъм //-ум//-ам | рафта бъдем//wъдем |
| 2. рафта бъди//-wъди | рафта бъде//wъден//-ед |
| 3. рафта бъд//-wъд//бъдак | рафта бъдан//wъдан |

дидан

| ш. танҳо | ш. ҷамъ |
| --- | --- |
| 1. дида бъдъм//wъдъм/-ам//-ум/ | дида бъдем//wъдем |
| 2. дида бъди//wъди | дида бъде//wъде//-ед//-ен |
| 3. дида бъд//wъд//бъдак | дида будан//wъдан |

Шаклҳои навъи р а ф т а w ъ д ъ м хоси лаҳҷаҳои роғӣ (гурӯҳҳои роғӣ ва бароғӣ) мебошанд, ки дар онҳо фонемаи б пеш аз садонокҳо ба фонемаи w мегузарад. Аммо ин ҳодиса ба лаҳҷаҳои роғие, ки дар ҳамсоягии лаҳҷаҳои ҷанубии Кӯлоб воқеъ гардидаанд, хос нест. Дар гурӯҳҳои шингунӣ, вескичӣ, хълдъскӣ ва балуҷӣ шакли замони гузаштаи дури хоси лаҳҷаҳри вахиёй-қаротегинӣ ва кӯлобӣ (рафта бъдъм) дар истеъмол аст.

Ҷадвали тасрифи феъли замони гузаштаи дур дар гурӯҳи дуюми лаҳҷаҳо нишон медиҳад, ки дар натиҷаи бо феъли ёридиҳандаи б у д а н як ҷо шудани суффикси сифати феълии асосӣ, яъне – а, танҳо таркиби овозии – у д/-/-д–//-о//wд–//-о д боқӣ мемонад.

Навъҳои ҷадвали тасрифии феъли замони гузаштаи дур

рафтан

ш. танҳо
1. рафтоудъм//рафтоwдъм//рафтоудам//рафтодам//рафтудам
2. рафтоуди//рафтоwди//рафтоди//рафтуди
3. рафтоуд//рафтоwд//рафтод//рафтуд//рафтоwдак, рафтодак//рафтудак

ш. ҷамъ
1. рафтоудем//рафтоwдем//рафтодем//рафтудем
2. рафтоуде//рафтоwде//рафтоде//рафтуде//-ед//-ен
3. рафтоудан//рафтоwдан//рафтодан//рафтудан

дидан

ш. танҳо
1. дидоудъм//дидоwдъм//дидодам//дидудам
2. дидоуди//дидоwди//дидоди//дидуди
3. дидоуд/дидоwд/дидод, дидуд, дидоудак//дидоwдак

ш. ҷамъ
1. дидоудем//дидоwдем//дидодем//дидудем
2. дидоуде//дидоwде//дидоде//дидуде//-ед//-ен
3. дидоудан//дидоwдан//дидодан//дидудан

Дар лаҳҷаҳои навъи қаротегинӣ, ки дар шафати лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ ва кӯлобӣ интишор ёфтаанд, шаклҳои пуррра ва ихтисоршудаи замони гузаштаи дур ба таври мувозӣ истеъмол мешавад: Маҳмади-ра дидоди, ака? (қ., Қалъанак): ʕазизбек умада бъд, бърафт (қ., Қалъанак); йа вахто ҳаму-йа оварда бъдан (қ., Ҳакимӣ); Бъхоро ай руйи зъмин ʕарз кадан рафтуд (қ., Ғофилобод); барвах рафта бъдум (қ., Ғофилобод).

Дар шеваи ҷанубӣ ҳамчун дар забони адабӣ, шаклҳои замони гузаштаи дур ба амали гузаштае ишора мекунад, ки пеш аз амали дигари гузашта рӯй дода, ба ягон лаҳзаи он муносибате доранд.

Шаклҳои замони гузаштаи дур барои ифодаи маъноҳои зерин истифода мешаванд: а) барои нишон додани давраи муайяни амали дар гузашта содиршуда: и саwат-а йа вахт дайро оварда бъд (ғ-к., Данғараи Боло); мъ да аму туй-ъш рафта бъдъм (в-қ., Шархо); съһм дамидаги хеста бъдъм (в-қ., Кул); шаw дъмби тъ Сеwдара-на рафта wъдъм (Роғ. Хӯҷағалтон); дина һалим калапойи рафтод, дидод-ту (қ., Бедак); соʕати дъвозда мън дъромадаwдъм, маʕлими ъръс-ъш нест (қ., Сайдон); порина йак кор шида бъд (қ., Янғоғлик); зимистон умаа бъдъм (в-қ., Яхпаст); соли понҷо-въ ҳаштъм Дъшамбе-да омада бъд (к-х., Шӯриён); шаw омадуде, йо пъгойи (қ., Дегай); б) барои нишон додани амале, ки пеш аз баёни фикр содир шудааст: ай баройи ҷойи хоw Дъшамбе рафтод въра ч (қ., Сайдон); мъ ами меҳмонои умадаги-ра амуҷа бърда бъдъм (ш-к., Даштиҷум); ҳеҷ чи барг оварда бъди? (ш-к., Муллоконӣ); отайи вай-ра Ғафурбой мегуфтан, ай Бъхоро омада бъд (к-ҳ., Шӯриён); ʕайб-а да гардани вай задоудъм (қ., Қалъанак); шъмо қати вархърда бъдем (в-қ., Ярхаб);

(қ., Хилмонӣ).
ай даҳани падар–мо шинидоудем
Шаклҳои мазкур вобаста ба шакли замони гузаштаи давомдор баъзан амали ирреалиро низ ифода мекунад: дору мехурд, кайҳо мър-да бъд (ш–к., Ғелот); ҳамчунин бо ҷумлаи мураккаби тобеи дорои пайрави шартӣ низ истеъмол мешавад: агар каси дига боша, сад съм иштароф (р. штраф) доа бъд (ғ–к., Кангурт).

Замони ҳозираи давомдор (муайян)

Шаклҳои замони ҳозираи муайян аз шакли сифати феълии феъли асосӣ бо суффикси – а ва шакли нақлии феъли ёридиҳандаи и с т о - д а н ташкил мешавад. Хусусияти хоси ин шаклҳоро, ҳамчун шева-ҳои дигари забони тоҷикӣ, истеъмоли онҳо дар шакли ихтисор ташкил медиҳад.

Ба ихтисор на танҳо феъли ёридиҳанда, балки феъли асосӣ низ дучор мешавад. Аз ҳама бештар феълҳои маъмулу серистеъмоли к а р - д а н, р а ф т а н, о м а д а н, до д а н ва амсоли инҳо ба ихтисори зиёд дучор мешаванд. Махсусан, феъли ёридиҳанда /истодан/ чунон ихтисор мешавад, ки аз он асосан унсурҳои суффиксӣ боқӣ мемонанд: –е с т//–и с т, –и с–//–е с; е с о д–//–с о д; –с– к а р а с а й– карда истодааст ; г ъ ф т а е с а м– гуфта истодаам; д ъ р а в и д а с а н– даравида истодаанд , г а з а с е м//з а с о д а н– гап зада истода-ам ва ғ.

Дар ин бобат лаҳҷаҳои бадахшонӣ мавқеи махсус доранд. Дар онҳо шакли замони ҳозираи муайян дар шакли аналитикиаш, бидуни ихтисор, истеъмол мешавад. Ин ҳодиса, ҳамоно, ба он вобастааст, ки дар ин лаҳҷаҳо шакли мазкур дертар пайдо шудааст: мошино омада истодан– омада истодаанд , хурда истодаст– хурда истодааст.[38]

Азбаски шаклҳои замони ҳозираи муайяни як қатор феълҳои серистеъмол ба тағйироти доимии фонетикӣ дучор мешаванд, дар лаҳҷаҳо навъҳои гуногуни ихтисорот ба вуҷуд омада, дар нутқи ноқилонаи лаҳҷаҳо баробар паҳн шудаанд. Истеъмоли онҳо, асосан, ба характери нутқ вобастааст: дар нутқи равшану возеҳ шаклҳои ба забони адабӣ наздик ва дар нутқи сареъ шаклҳои хеле ихтисоршуда истифода мешаванд.

Тасрифи умумиҷанубии феълҳои замони ҳозираи давомдор дар лаҳҷаҳои қаротегинию кӯлобӣ ва роғӣ:

о м а д а н//у м а д а н

ш. т а н ҳ о
1. омадесодам//омадестам//омесам
2. омадесодӣ//омадестӣ /омесай
3. омадесодас//омадестас//омесас/–ай омадесодай

ш. ҷ а м ъ
1. омадесодем //омадестем"//омесем
2. омадесода//омадесте//–ен//омасен
3. омадесодан//омадестан//омесан//–ийан//–йан

р а ф т а н

[38] А.З.Р о з е н ф е л ь д. Бадахшанские говоры..., стр. 21.



ш. т а н ҳ о
1. рафсодам//рафтестам//рафтосодам
2. рафсодӣ//рафтестӣ//рафтосодӣ
3. рафсас//–ай//рафтестай//–ас рафтосодай//рафтостай

ш. ҷ а м ъ
1. рафсодем//рафтестем//рафтосодем//рафсодем
2. рафсоде//–ен рафтесте//–ен//рафтосоде//–ен// рафтосде//–ен
3. рафсодан//рафтестан//–ийан//рафтосодан"//–ийан

к а р д а н

ш. т а н ҳ о
1. кадестам//кайесодъм//кайесам//кадаистам//кесам
2. кадестӣ//кадестай//кайесодӣ//кайеси//кадаисӣ//кесай
3. кадестай//кадестас//кайесодай//кайесай//када исодай// кесай//–ас

ш. ҷ а м ъ
1. кадестем//кайсодем//кайесем//кадаисем//кесем
2. кадесте//кайесоде//кайесе//кадаисе//кесе//–ен
3. кадестан //кайсеодан//кайесан//кадаисан//кесан//–ийан// –йан

Феъли кардан бинобар серистеъмолӣ дар шева вариантҳои зиёди фонетикӣ дорад. Чунончи, дар лаҳҷаҳои роғӣ дар қатори шаклҳои боло чунин вариантҳо низ дида мешаванд.

ш. т а н ҳ о
1. кадестодам//кардестодем//каисодам
2. кадестодай/кардестода/каисодай
3. кадестодас//кардестодас//каисодас

ш. ҷ а м ъ
1. кадестодем//кардестодем//каисодем
2. кадестоден//кардестоден//каисоден
3. кадестодан//кардестодан//каисодан

з а д а н

| ш. т а н ҳ о | ш. ч а м ъ |
|---|---|
| 1. заде(й)стам | заде/й/стем |
| 2. заде(й)сти | заде/й/сте//–ен |
| 3. заде(й)стай/–ас | заде/й/стан//–ийан |

Баъзе тафовуте, ки дар тасрифи умумӣ ба назар мерасад, асосан, ба ҳодиса ва тағйироти фонетикӣ вобастааст.

Чунончи , дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ нисбат ба лаҳҷаҳои вахиёй–қаротегинӣ ва кӯлобӣ тағйироти зерини тасрифиро мушоҳида кардан мумкин аст:

к а р д а н

| ш. т а н ҳ о | ш. ҷ а м ъ | ш. т а н ҳ о | ш. ҷ а м ъ |
|---|---|---|---|
| 1. кадистам | кадистем | кисум//–ъм | кисем |
| 2. кадисти | кадисте | кисӣ | кисе |
| 3. кадистай | кадистан//–йан | кисай | кисаи |

р а ф т а н

| ш. т а н ҳ о | ш. ҷ а м ъ |
| --- | --- |
| 1. рафсам//-ъм | рафсем |
| 2. рафси́//-ай | рафсе |
| 3. рафсай | рафсан |

о м а д а н

| | |
| --- | --- |
| 1. умсам//омсам | умсем//омсем |
| 2. умси́//омси́ | умсе//омсе |
| 3. умсай//омсай | умсан//омсан |

| ш. т а н ҳ о | |
| --- | --- |
| 1. умадесум//омадесум | умсодъм//омсодъм |
| 2. умадеси//омадеси | умсоде//омсоде |
| 3. умадесай//омадесай | умсодай//омсодай |

| ш. ҷ а м ъ | |
| --- | --- |
| 1. умадесем//омадесем | умсодем//омсодем |
| 2. умадесе//омадесе | умсоде//омсоде |
| 3. умадесан//омадесан | умсодан//омсодан//-и йан |

Дар лаҳҷаҳои Шӯробдара, Даштиҷум (ш-к), ва инчунин дар лаҳҷаҳои ҷанубии Кӯлоб навъи махсуси ихтисори шакли замони ҳозираи давомдор ба қайд гирифта шудааст.

к а р д а н

| ш. т а н ҳ о | ш. ҷ а м ъ |
| --- | --- |
| 1. кесом//кестом//каесом | кесем//касием |
| 2. кесой//кестой//каесай//каеси | кесен//касин |
| 3. кесай//кестос//каесос | кесон//касен//каесан |

х о н д а н

| ш. т а н ҳ о | ш. ҷ а м ъ |
| --- | --- |
| 1. хондесем//хундаистом | хондесем//хундаистем//хундаисем |
| 2. хондесой//хундасти́ | хондесен//хундаестан//хундаисен |
| 3. хондесой//хондестас | хондесан//хундаестан//хундаистан |

мъ гуфтаистем, у навистаистос (ш-к., Муллоконӣ); барг кала (к) каесем (ш-к., Муллоконӣ); чой ҷушида истос (ш-к., Даштиҷум).

Дар лаҳҷаҳои кӯлоби и Ҳисор (деҳаҳои соҳили рости дарьёи Кофарниҳон) навъи зерини ихтисори шакли замони ҳозираи давомдор мушоҳида карда мешавад:

к а р д а н

ш. т а н ҳ о
1. карестам//кардосодам//кадесдам//кадосдам
2. кардести́//кардосоди́//кадесди́//кадосоди́
3. кардестай//кардосодай//кадесодай//кадосодай



ш. ҷ а м ъ
1. кардестем//кардосодем//кадесдем//кадостем
2. кардеоте//-ен//кардосоде//-ен//кардесде//-ен кардесде//-ен кардосде//-ен
3. кардестийан//кардосодийан//кадесдеийан//кадосдеийан

з а д а н

ш. т а н ҳ о
1. задестам//задосодам
2. задости́//задосоди́
3. задостай//задосодай

ш. ҷ а м ъ
1. задостем//задосодем
2. задосте//-ен//задосоде//-ен
3. задостийан//задосодийан

Материалҳо шаҳодат медиҳанд, ки дар шаклҳои замони ҳозираи давомдор чи феъли ёридиҳанда ва чи асосӣ ба ихтисор дучор мешаванд. Ихтисори феълҳои асосиро аз назар мегузаронем: карда, када, кад, ка, к-; дида; ди-; омада; омад//умад-ом//-ум; шида; шид, шид, рафта; рафт, раф; кофта; коф; зада; зад, за; гъфта; гъфт, гъф; борида; борид, бор; гашта; гашт, гаш.

Дар аснои дучори ихтисор шудани шакли сифати феълӣ суффикси - а қонунан меафтад. Бояд гуфт, ки феълҳои дорои суффикси - и д ба ихтисор камтар дучор мешаванд: борида, дъравида, хандида, такида, шапида.

Дар шаклҳои аз назар гузаронидаамон феъли ёридиҳандаи и с т о д а н ба ихтисори пурра ва нопурра дучор мешавад: ихтисори нопурра дар шаклҳои - е с о д, - и с о д, - е с т о д, и с т о д, -и с т о д а ба назар мерасад: дег ҷушида исодай (к-ҳ., Сумбула); чъроғ сухта естодай (ш-к., Ховалинг). Дар натиҷаи ихтисори пурра аз феъли ёридиҳанда танҳо унсурҳои ба суффикс дахлдор, ки ба асос пайваст мешаванд, боқӣ мемонанд. Дар боло чунин унсурҳо зикр шудаанд.

Маънои асосии феъли замони ҳозираи муайян дар он зоҳир мешавад, ки вай ба амал, ҳолат ва ё процессе ишорае мекунад, ки дар дохили вақти дурударози замони ҳозира ҷараён ёфтааст. Бояд гуфт, ки ин шакл баъзан давраи гузаштаи наздикро низ фаро мегирад. Вай вобаста ба вазъият амалеро нишон медиҳад, ки дар мавриди сухан содир мешавад.

Ин шаклҳо дар шеваи ҷанубӣ назар ба шакли ҳозира-оянда доираи маҳдуди истеъмол доранд. Шаклҳои замони ҳозираи давомдор ва ҳозира-оянда аз нуқтаи назари амали замони ҳозира ба ҳам қаробат пайдо мекунанд.

Маъноҳои замони ҳозираи муайян аз зайл иборат аст:

а) амале, ки дар айни ҳол ҷараён дорад: бачо омадостийан (ғ-к., Давлатшоён); бо (бўз) кор каесоди-а? (қ., Кабудиён); тъ чи гъфта истодай (қ., Қалъанак) ; гапои ман-а нависондосай-е (к-ҳ., Мағмуруд); у кас умадаисодас (в-қ., Ҳиҷобарак); ин ҷон дъст -ъм дар кистай (ш-к., Ховалинг); и мантийор (р, монтёр) кофтестай,

охи (ғ-к., Балҷувон); Амирхон чи ко кесос? (қ.,Навобод); нависон-
десай? – навишта истодааст (ҷ-к., Ёл); хамир каисодъм (Роғ, Офтоб-
замин):

б) ба амали замони бардавом ишора мекунад, ки ҳам замони
гузашта ва ҳам хозираро фаро мегирад: зан-ъш Дъшамбе-да гаштис-
тодай (қ, Порвоғ); нок акъ шидестай (қ, Почеи Боло); чан сол бо
кофтаисам, найофтаисам (ғ-к., Қазонгузар); ҳъкъмати совети ҳама
кор-ъш тараққӣ каисай (к-ҳ., Сумбула); пила ҳозир соз рафтистай
(қ., Дегай); омадан, ки дег балақ-балақ чушидасодай (к-ҳ., Кончӣ)
бечора памидор овардесай, бодиръ нг овардесай, ма хурдесам (ш-к.,
Муминобод); зани и да университет хундаистодай (қ., Самсолиқ);
борон ҳозир шим-шим боридестай (ғ-к., Кангурт); ҳамай кор-а ара-
лашбод кайесодаст (в-қ., Ярхаб).

Шаклҳои замони ҳозираи муайян дар лаҳҷаҳо баробар ва як хел
паҳн нашудаанд. Доираи интишори онҳо дар лаҳҷаҳои бадахшонӣ нис-
батан маҳдуд аст. Дар лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор, ғарбии Кӯлоб ва қа-
ротегинӣ бошад васеъ паҳн шудаанд. Инчунин дар лаҳҷаҳои роғӣ., ши-
молӣ ва ҷанубии Кӯлоб хеле зиёд истеъмол мешаванд.

X

X X

Экспедицияи соли 1949 дар маҳалҳои шимоли шарқии Балҷу-
вон (деҳаҳои Саталмуш, Зоғнӯл, Дараи Мурғон, Шоҳмурӣ), ки ба гу-
рӯҳи лаҳҷаҳои ғарбии Кӯлоб тааллуқ доранд, шакли махсуси феъли
замони ҳозираро ба қайд гирифтааст, ки ба андозаи шаклҳое, ки бо
ёридиҳандаи истодан ифода меёбанд, истифода мешавад. Шакли маз-
кур аз сифати тарзи "хонда" бо василаи бандакҳои хабарӣ сурат ме-
ёбад. Чунончи:

ш. т а н ҳ о
1. гаштастам
2. гаштасти́
3. гаштастай

ш. ҷ а м ъ
гаштастем
гаштастен
гаштастан

Ин шакл зоҳиран ба перфекти II монанд бошад ҳам, [39] аз бо-
бати маънӣ, муайяний ҷои зада (чунончи, дар ин шакл агар зада ҳа-
меша ба ҳиҷои дуюм афтад, дар перфекти II бештар ба ҳиҷои аввал
гузошта мешавад) ва дароз талаффуз шудани садоноке, ки зада ме-
гирад, фарқ мекунад.

Ин шакл амали бардавомеро ифода менамояд, ки дар айни ҳол
ҷараён дорад. Ҳамчунин, мумкин аст, ба амале далолат намояд, ки
вуқӯи он доимӣ ва муқаррарист: ма йак тойи йаксола доръм, бақу-
ват-ай, ба ҳами тойак гаштастам – гашта истодаам (ғ-к., Саталмуш);
шъмо ба дъст-ътон хърдастен ? (ғ-к., Зоғнӯл); ино шиштастан (ғ-к.,
Зоғнӯл); о, Малика, чо шиди́? – ба даравгаро-ра ов бурдастам – об
бурда истодаам (ғ-к., Дараи Мурғон); йанга, ангур нағавҷидасти́?
(ғ-к., Зоғнӯл); арғонакйо [40] дъравидастан (ғ-к., Зоғнӯл); уҳо ҳар-

---

[39] Ниг. К.Г. З а л е м а н и В.А. Ж у к о в с к и й. Краткая
грамматика новоперсидского языка. СПб., 1899, стр. 54.

[40] А р ғ о н а к – қишлоқест дар ғарбии Кӯлоб.



буза чиндастан-ъм! на́чинен, о на́чинен! (ғ-к., Шоҳмурӣ); ки ов гар-
дондастай (ғ-к., Шоҳмурӣ); очай мо дъ руз-а боз соъат пойистас-
тай (ғ-к., Зоғнӯл); тепчи-ш-а на́дидастам – даравида истодаанд
(ғ-к., Зоғнӯл).

Дар назари аввал чунин гумон кардан мумкин аст, ки ин шакл
шояд яке аз намудҳои хеле ихтисорьёфтаи шаклҳои замони ҳозираи
муайян бо ёридиҳандаи и с т о д а н бошад. Аммо мушоҳидаи махсус
дар худи маҳалҳои номбурда нишон дод, ки ҳангоми талаффузи рав-
шану бурро шакли мазкур ба ҷузъҳо ҷудо мешавад. Мисли д и д а
а с т а м//д и д а ҳ а с т а м.

Азбаски ин шакл бо маънии замони муайян ё ҳозираи барда-
вом дар лаҳҷаҳои дигари шеваи ҷанубӣ ба назар нарасидааст, гумо-
ни ғолиб он аст, ки вай асосан хоси маҳалҳои ҷудогонаи ғарбии
Кӯлоб мебошад. Кормандони шӯъбаи лаҳҷашиносии Институти забон
ва адабиёти ба номи Рӯдакии АФ РСС Тоҷикистон дар экспедицияи
соли 1966 дар ҳудуди Қаротегини Поён (дараи Ҳакимӣ) шакли
мазкурро пайдо карда бошанд ҳам, истифодаи он дар ин мавзеъ ба-
со маҳдуд аст: мо-ам ай дина ибар пила чидастем (қ., Ҳакимӣ).

## Замони гузаштаи давомдори (муайян) дур

Шаклҳои замони гузаштаи муайян аз шакли сифати феълии феъ-
ли асосӣ бо суффикси – а ва бо илова шудани феъли ёридиҳандаи
и с т о д а н дар шакли гузаштаи дур ташкил мешаванд. Ба ҳамин
тариқ ба таркиби ин шакли феълӣ ду феъли ёридиҳанда и с т о д а н ва б у-
д а н меоянд: рафта истода бъдъм. Дар шеваи ҷанубӣ ин шаклҳо ба
ихтисор дучор мешаванд. Аз ҳама бештар феъли асосӣ ва феъли ёри-
диҳандаи якум – и с т о д а н ихтисор мешаванд. Феъли дуюм ба
ихтисор қонунан дучор намешавад. Зеро вай ду вазифаи граммати-
киро дар зимма дорад:

а) дар вай маънои асосии замон ифода мешавад, яъне нишон
медиҳад, ки амал дар замони гузашта содир гардидааст;

б) шахсу шумораи шаклҳои феълиро нишон медиҳад.

Шаклҳои замони гузаштаи муайян дар лаҳҷаҳои кӯлобию қаро-
тегинӣ нисбатан кам истеъмол мешаванд ва дар лаҳҷаҳои роғию ба-
дахшонӣ тамоман мавриди истифода нестанд.

Замони гузаштаи муайян , мувофиқи материали дасти мо буда,
дар шеваи ҷанубӣ маъноҳои зерини грамматикиро ифода мекунад: а)
амали бардавомро, ки ба амали дигари дар замони гузаштаи муайян
содиршуда алоқаманд аст: дар роҳ рафтеста бъдъм, ки йа одам ай
усу умад (в-қ., Нӯшор); мо ай Дъшамби омадеса бъдем, йа шофир
киоска-да дърома (қ., Ялдамич); дина омадесода бъдан, ки мо раф-
тем (қ., Ҷавовонӣ); ҳаму гоҳ ки тъ файрод кади́, мъ хоw дидеста
бъдъм (ш-к., Муллоконӣ); ма гусала-да по-ра мунда истаҳа бъдъм,
ки йа бача умад (ш-к., Ховалинг); у йа кабин-да, тъ омадеста бъди
(ғ-к., Кангурт); гоw-да кънҷола додаистода бъд, ки надид шъмо-
-ра (к-ҳ., Сумбула). Дар мисолҳои мазкур шаклҳои замони гузаш-
таи муайян аз ҷиҳати муносибати ду амал дар ҷумла бо шаклҳои за-
мони гузаштаи дур монанд мебошанд. Танҳо тобишҳои маънои давом-
нокӣ ва мунтазамии амалҳо онҳоро аз ҳамдигар фарқ мекунад; б) ама-
ли бардавоми дар гузашта содиршударо, ки ба амали дигар алоқаманд

нест: мерам гъфтеса бъд, дига наомад (ғ–к., Балҷувон); оча–м файрод кесода бъд (к–ҳ., Мирзоӣ); ай ҳаму су омадеса бъд (к–ҳ., Ёвон).

Тасрифи феълҳои замони гузаштаи муайян, ки хоси лаҳҷаҳои қаротегинию кӯлобӣ мебошад

ш. т а н ҳ о

| | |
|---|---|
| 1. рафта истаҳа бъдъм//–ум | рафта естоа бъдъм//–ум |
| 2. рафта истаҳа бъди | рафта естоа бъди́ |
| 3. рафта истаҳа бъд | рафта естоа бъд |
| 1. рафтеста//рафтеса бъдъм//–ум | рафсода бъдъм//–ум |
| 2. рафтеста//рафтеса бъди́ | рафсода бъди́ |
| 3. рафтеста//рафтеса бъд | рафсода бъд |

ш. ҷ а м ъ

| | |
|---|---|
| 1. рафта истаҳа бъдем | рафта естоа бъдъм |
| 2. рафта истаҳа бъде//–ен | рафта естоа бъде//–ен |
| 3. рафта истаҳа бъдан | рафта естоа бъдан |
| 1. рафтеста//рафтеса бъдем | рафсода бъдем |
| 2. рафтеста//рафтеса бъде//–ен | рафсода бъде//–ен |
| 3. рафтеста//рафтеса бъдан | рафсода бъдан |

## ШАКЛҲОИ ПЕРФЕКТ

Шаклҳои перфект дар шеваи ҷанубӣ, ки хеле инкишоф ёфтаанд, аз рӯи тарзи пайдоиш ба гурӯҳи шаклҳои сиғаи хабарӣ дохил мешаванд. Барои ҳамаи шаклҳои нақлии феълӣ (перфекти) шеваи ҷанубӣ ифодаи оқибати амали содиршуда ва тобишҳои мухталифи маънои модалӣ хос мебошад.

Системаи шаклҳои нақлии феъли шеваи ҷанубӣ аз рӯи тарзи ташаккули сохт (таркиби овозӣ) ва миқдор аз системаи перфекти забони адабӣ ба дараҷае фарқ дорад.

Тафовути асосӣ пеш аз ҳама, дар он акс мeёбад, ки дар як қатор лаҳҷаҳои он, аз ҷумла дар гурӯҳи лаҳҷаҳои вахиёӣ–қаротегинӣ, қаротегинӣ, шимолии Кӯлоб, ғарбии Кӯлоб (қисман) ва бадахшонӣ, шакли перфекти П мустаъмал аст. Чунин хусусият имконият медиҳад. ки шеваи ҷанубиро ба ду гурӯҳ ҷудо намоем: а) лаҳҷаҳое, ки дар онҳо перфекти II дар истеъмол аст (бадахшонӣ, қаротегинӣ, шимолӣ ва ғарбии Кӯлоб ва б) лаҳҷаҳое, ки дар онҳо перфекти II ба кор бурда намешавад (роғӣ, ҷанубии Кӯлоб ва кӯлобии Ҳисор).

Дар лаҳҷаҳои гурӯҳи якум перфекти 1 дорои шаклҳои зерин мебошанд: а) замони гузаштаи нақлӣ: рафтас//рафтай; б) замони гузаштаи ҳикоягии нақлӣ: мерафтас//мерафтай; в) замони гузаштаи дури нақлӣ: рафта бъдас//рафта бъдай; перфекти II чунин шаклҳо дорад: а) замони гузаштаи нақлӣ: рафтастаст//рафтастай; замони гузаштаи ҳикоягии нақлӣ: мерафтастай; б) замони гузаштаи дури нақлӣ: рафта бъдастаст//бъдастай; в) замони гузаштаи дури нақлии бо префикси м е –: мерафта бъдастаст//бъдастай.



Дар лаҳҷаҳои гурӯҳи дуюм танҳо шаклҳои перфекти 1 мавҷуданд. Ҳамчун дар шеваҳои дигари забони тоҷикӣ, дар шеваи ҷанубӣ шакли перфекти 1 (бо шакли мухтасари бандаки хабарӣ) ба ихтисор дучор шудааст. Бандаки хабарии таркиби онҳо ба шакли сифати феълии феъли асосӣ як шуда, аз шакли мураккаб ба шакли содда табдил ёфтааст.

П е р ф е к т и 1

ГУЗАШТАИ НАҚЛӢ

Шаклҳои перфекти 1 замони гузашта аз асоси замони гузаштаи феъл бо илова шудани бандакҳои шахсии хабарӣ, ки аз бандакҳои шахсии феълӣ танҳо бо бандакҳои шахси 3–юми танҳою ҷамъ фарқ мекунанд, ташкил мешаванд.

Чунин тафовутро метавон дар ҷадвали зерин нишон дод

| Шахси 3–юми танҳо | | | | Шахси 3–юми ҷамъ | |
|---|---|---|---|---|---|
| –ай//–ас(т) | –ас(т) | ъс(т) | –ас(т)//–ъс(т) | –ан | –ийан |
| кӯлобӣ қаротегинӣ | вахиёӣ қаротегинӣ | роғӣ | бадахшонӣ | вахиёӣ-қаротегинӣ, шимолӣ ва ҷанубии Кӯлоб, роғӣ, бадахшонӣ | қаротегинӣ, ғарбии Кӯлоб, кӯлобии Ҳисор |

| ш. т а н ҳ о | ш. ҷ а м ъ |
|---|---|
| 1. рафтам//рафтъм | рафтем//рафтим |
| 2. рафти́//рафтай//рафтаи́ | рафте//рафтен |
| 3. рафтай//рафтас//рафтъс | рафтан//рафтийан |

Дар лаҳҷаи бадахшонӣ шаклҳои перфекти 1 назар ба дигар лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ ба забони адабӣ бештар қаробат дорад:

| ш. т а н ҳ о | ш. ҷ а м ъ |
|---|---|
| 1. додам | додем |
| 2. додай//додаи | додаед//додает |
| 3. додас | додан |

Чунин тарзи тасриф дар лаҳҷаҳои дигари шеваи ҷанубӣ мушоҳида намешавад.

Дар нутқи мардум аз ҳама бештар шаклҳои шахси III перфект истеъмол мешаванд. Яке аз хусусиятҳои шаклҳои шахси III перфект

аз он иборат аст, ки ба он суффикси – а к ҳамроҳ мешавад: инсти-
тут-а тамом каас-у умадастак (в-қ., Ҳоит); даwлат ҳами хел ша-
роɛит кардастак, Һъкъмат додастак (в-қ., Қӯшағба); амоли ин кӣ
омадастак (ш-к., Мӯминобод); бача-ш раҳгардун нашидастак (ғ-к.,
Зоғнул). Шакли асосии перфекти 1 ба маъноҳои зайл истифода ме-
шавад:

а) оқибатро ифода мекунад, яъне ба он ишора мекунад, ки
амал содир шудааст ва натиҷааш дар пеши назар, мавриди мушоҳи-
да мебошад: ин дърахт-а касе бъридай (қ., Ялдамич.) ; мактуб-а
ръс кардийан (қ., Ялдамич); бъровардаст-ъш (в-қ., Ярхаб); мошин
да даргоw банд задаст (бд., Қозидеҳ);

б) ба натиҷаи тафтиш ва тадқиқу кофтуков ишора мекунад: мън
рафтъм, Аһмад бърафтаст (в-қ., Нӯшор); ин бача паридас-да (қ.,
Нимич); къртай хуб доштай (ш-к., Муллоконӣ); аҳ нафаҳмидум, овар-
дай йо не (қ., Ғофилобод); шафийор чи касе-у гашта омаай (қ., Шу-
ле); кори ғалат кардас, подавун-а қаҳр кард (ш-к., Ховалинг); и
бо (боз) соɛат-ам доштас (қ., Ҳакимӣ); ҳоли ҳич мошин уча на-
рафтай (қ., Шуле); сар-ъм бълуғ (ғуррӣ) бъромадас (Роғ, Хӯҷағал-
тон);

в) амалеро нишон медиҳад, ки онро дар асоси гуфтаҳои каси
дигар мефаҳманд: Файзило раҳи хуб-да набърдас-ъ хар-а ҷар каас
(ш-к., Муллоконӣ); иҷа-ра һаким гъфтани одам оwот кааст (қ., Ҳа-
кимӣ); мийом, ми меган, бърафтай (қ., Шулмак); гъфтай ийо гоw -
санг бъдийан(к., Порвоғ).

Ба ҳамин тарз, шакли перфекти 1 аз рӯи хосияти ифодаи маъ-
ноҳои модалӣ ба шаклҳои перфекти забони адабӣ мувофиқат меку-
над. 41

Гузаштаи давомдори нақлии 1

Шакли гузаштаи давомдори нақлии 1 аз асоси замони гузаштаи феъли асосӣ бо илова шудани бандакҳои шахсии якум ва префикси м е – ташкил мешавад:

| ш. т а н ҳ о | ш. ҷ а м ъ |
|---|---|
| 1. мерафтам//мерафтъм | мерафтем//мерафтим |
| 2. мерафтӣ//мерафтай | мерафтед//мерафтен//ме-рафтед |
| 3. мерафтай//мерафтас//мерафтъс | мерафтан//мерафтийан |

Хусусияти ин шаклҳо, ҳамчун дар забони адабӣ, иборат аз он аст, ки ба маънои асосии перфект (ифодаи дарки натиҷаи вуқӯи амал бо роҳи хулосабарории мантиқӣ ва аз рӯи гуфтаи каси дигар) маънои давомнокӣ илова мешавад, ки он ба замон муносибат надорад. Ин шакл вобаста ба маънои гуфтор ва вазъияти нутқ замони гузашта, ҳозира ваояндаро ифода карда метавонад: 42 мълча-ш-а (мӯлҷараш-ро) хъд-ъш медонистай (ш-к., Ховалинг); пештар кузича-да намак тар мекардийан, ном-ъш намакдон (к-ҳ., Ҳоҷиқатаған); йа

41 Ниг. В.С. Р а с т о р г у е в а, А.А. К е р и м о в а. Система..., стр. 78.

42 Ҳамон ҷо. саҳ. 84.



мёмон меомадай, ҳаму-ра гуфтум, йа пушокӣ-ш кънен (ғ-к., Обиширин); у мусъфед ай аҷина метарсидас (в-к., Куглик): гър-гър саw-зӣ-йа чънен, ки и руз барф меборидай (к-ҳ., Сумбула); бачаҳо бъсйор рафта миомадийан (қ., Хилмонӣ).

Гоҳо вобаста ба матн ин шаклҳо метавонанд маънои иловагии модалии гумон, нобоварӣ, имконопазирӣ, фарзияи вуқӯи амалро ифода кунанд: да ҳами оw рушқа (юнучқа) мешудай-мӣ? (к-ҳ., Сумбула).

Шакли гузаштаи давомдори перфект дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави шартӣ маънои ирреалии амалро ифода мекунад: бахакилтарак мешидас, намегърифтаст (ш-к., Мазори Султон); агар вай қастан мекъштаст-ъш мепарундан (қ., Ҳалқарф); агар дъхтур мерафтай кал намешидай (ш-к., Муллоконӣ).

Шакли замони гузаштаи дури перфекти 1

Шакли замони гузаштаи дури перфект, ки аз сифати феълии замони гузаштаи феъли асосӣ ва шакли асосии перфекти 1 бо феъли ёридиҳандаи б у д а н дар шакли замони гузаштаи нақлӣ ташкил мешавад, аз рӯи ифодаи маъно аз перфекти замони гузаштаи забони адабӣ тафовут надорад. Вай амалеро ифода мекунад, ки пеш аз амали дигари замони гузашта воқеъ гардидааст. Дар айни замон ҳамаи маънои модалии хоси перфектро маҳфуз медорад.

Шакли замони гузаштаи дури перфект бо шаклҳои гузаштаи дури ғайринақлии феъл мутобиқат мекунад, ки он дар ҷадвали тасрифи шаклҳои мазкур инъикос ёфтааст. Дар шеваи ҷанубӣ ду навъи ин шаклҳо мавҷуд аст: пурра ва мукассар. Навъи якум бар истиснои лаҳҷаи қаротегинии соҳили рости Сурхоб, ки дар онҳо шакли мукассар интишор ёфтааст, дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ ба кор бурда мешавад. Дар лаҳҷаҳои Қаротегини Поён ҳам шакли пурра ва ҳам мукассар мавриди истеъмол мебошад.

Тасрифи шакли пурра

| ш. т а н ҳ о | ш. ҷ а м ъ |
|---|---|
| 1. рафта будам | рафта бъдем |
| 2. рафта бъдӣ | рафта бъде//-ен//-ед |
| 3. рафта бъдай//рафта бъдас | рафта бъдан//-ийан |

Тасрифи шакли мукассар

| | |
|---|---|
| 1. рафтоwдъм//рафтодам | рафтоwдем//рафтоудем |
| 2. рафтоwди// рафтоуди | рафтоwде//рафтоуде//-ен |
| 3. рафтоwдай//рафтоудай //-ас | рафтоwдан//рафтоудан// //-ийан |
| 1. рафтодам, омадодъм | рафтодем, омадодем |
| 2. рафтодӣ, омадодӣ | рафтоде, омадоден//-ен |
| 3. рафтодай, омадодай | рафтодан, омадодан |

Мисолҳо: йа мардак омада бъдай ана ҳавай гъфтай и гапо-ра (к-ҳ., Тӯда); ҳами гараж-да омада бъдийан, набъдъм (қ., Нимич); у

баройи зийорати тағои-ш омада бъдай (ш-к., Ховалинг); агане да Файзоwот-ам омада бъдас (қ., Ҷавонӣ); ай гъҷо пеш омаа бъдай (қ., Шуле); ба Душамбе омадоудай (қ., Шулмак); қаври и-ра бар-вахт кандоудай (қ., Порвоғ); Сангак бърафтаудаст (қ., Почеи Боло); бозор гирдогирд девол бъдаудас (қ., Порвоғ).

Дар лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор, дар деҳаи Тӯда, корманди илмии шӯъбаи лаҳҷашиносии Институти забон ва адабиёт М.Маҳмудов навъи махсуси тасрифи феълҳои замони гузаштаи дури перфект 1 ва II -ро ба қайд гирифтааст:

Замони гузаштаи дури нақлӣ (перфекти 1)

| ш. танҳо | ш. ҷамъ |
|---|---|
| 1. хунда бъдабъдавастам | 1. хунда бъдабъдавастем |
| 2. хунда бъдабъдавасти | 2. хунда бъдабъдавасте//-ен |
| 3. хунда бъдабъдаваст//вастак | 3. хунда бъдабъдавастан |

Замони гузаштаи дури нақлӣ (перфекти II)

| | |
|---|---|
| 1. хунда бъдабъдавастам | 1. хунда бъдабъдавастем |
| 2. хунда бъдабъдавастай | 2. хунда бъдабъдавасте//-ен |
| 3. хунда бъдабъдавастай | 3. хунда бъдабъдавастан |

Мисол: да боғи калхос солой мътасим кор карда бъдабъдаваст, се ҳазор дърмад карда бъдавастай.

Замони гузаштаи дури давомдори нақлӣ
(бо префикси ме -)

ш. танҳо
1. мерафта бъдабъдавастам//мерафтавастам
2. мерафта бъдабъдавастай //мерафтавастай
3. мерафта бъдабъдавастай//мерафтавастай

ш. ҷамъ
1. мерафта бъдабъдавастем//мерафтавастем
2. мерафта бъдъбъдавасте/-ен//мерафтавасте//-ен
3. мерафта бъдабъдавастан//мерафтавастан

Мисол: ҳаму соло мехунда бъдъбъдавастам, поле духтур мешида бъдабъдавастам.

---

Ба ҷуз се шакли мазкури перфекти 1 мувофиқи материалҳои дасти мо дар шеваи ҷанубӣ боз ду шакли дигар ба назар мерасад: шакли гузаштаи дури давомдор ва шакли муайяни перфекти 1. Ҳар дуи ин шакл ба шаклҳои мушобеҳи ғайринақлии сиғаи хабарӣ мувофиқат мекунанд. Онҳо маънои натиҷагиро , ки хоси перфект аст, маҳфуз медоранд.

Аммо ин шаклҳо хеле кам истифода мешаванд. Онҳо фақат дар шакли шахси III ба қайд гирифта шудаанд. Умуман, ҷадвали тасрифи онҳоро барқарор кардан ва таъин намудан мушкил аст, зеро онҳо бо



шахсҳои 1 ва 2 замони гузаштаи дур ва гузаштаи муайян мутобиқ шудаанд. Эҳтимол, ин шаклҳо дар шеваи ҷанубӣ ҳодисаи нав буда, дар зери таъсири забони адабӣ ба вуҷуд омадаанд. Асосан як миқдор намунаҳо аз лаҳҷаи кӯлобии Ҳисор ва ғарбии Кӯлоб, ки дар шафати лаҳҷаи кӯлобии Ҳисор воқеъ гардидааст, гирд омадаанд.

Шакли гузаштаи дури давомдори перфекти 1 аз ҷиҳати сохт аз шакли гузаштаи дури перфекти 1 танҳо бо префикси ме -, ки дар шахси 3 ва дар баъзе лаҳҷаҳо истеъмол мешавад, тафовут дорад. Мисолҳое, ки дар поён оварда мешаванд, ба лаҳҷаи кӯлобии Ҳисор тааллуқ доранд: халқи къҳистон (ҷои дигар) мерафтас, агар, дохъная мегъфта бъдийан (к-ҳ., Ҷангалобод); ҳамуҷа қазоқо зиндаги мекарда бъдийан (к-ҳ., Ҷангалобод).

Чунон ки аз мисолҳо маълум аст, ин шакл амали бардавомро ифода мекунад, ки пеш аз амали дигар воқеъ гаштааст. Вай дорои оҳанги маънои модалӣ ва тахмин аст.

Шакли муайяни перфекти 1, ки бо роҳи ҳамроҳ шудани сифати феълии замони гузаштаи перфекти 1 ба феъли ёридиҳандаи истодан ташкил мешавад, ба ҳамон маъноҳое истеъмол мешавад, ки шакли муайяни перфект дар забони адабӣ ифода мекунад, [43] аммо хеле маҳдуд буда, асосан дар шакли 3 танҳо ба кор бурда мешавад.

Мисолҳо: вай хонаҳо-ра канда истода бъдай (к-ҳ., Девонабегӣ); амак-мон намоз хондеста бъдай (ғ-к., Кангурт); ай хуна бърогмада нигo къням, босмачийо омадаисода бъдай (к-ҳ., Файзобод).

Чунон ки далелҳо шаҳодат медиҳанд, замони гузаштаи нақлии муайяни (перфект) дар шеваи ҷанубӣ дар нутқи тамоми намояндагони лаҳҷаҳо мустаъмал нест, балки дар сухани одамони ҷаҳонгашта ба кор бурда мешавад.

Аз рӯи материалҳои мо шакли гузаштаи дури ҳикоягии перфекти 1 (мегъфта бъдай) ва шакли гузаштаи дури давомдори (муайяни) перфекти 1 (гъфтеста бъдай) фақат дар лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор ва аҳьёнан дар лаҳҷаи ғарбии Кӯлоб дар истеъмол аст. Ғайр аз ин ақидаи моро чунин далел низ собит менамояд: муҳаққиқони пешина шакли муайяни перфектро қайд накардаанд.

## Перфекти II

Чунон ки зикр шуд, шаклҳои перфекти II асосан дар лаҳҷаҳои бадахшонӣ, вахиёй-қаротегинӣ, шимолӣ ва ғарбии Кӯлоб паҳн гаштаанд.

### Замони гузаштаи перфекти II

Замони гузаштаи перфекти II аз шакли сифати феълии феъли асосӣ ва шакли пурраи бандаки феълӣ ташкил мешавад. Дар ин мавриди дар ҳудуди байни сифати феълӣ ва бандаки хабарӣ ҳодисаи ихтисоршавӣ рӯй медиҳад, ки шакли аналитикиро (таркибиро) аз байн бурда, шакли соддаи феълро ба вуҷуд меорад.

---

[43] В.С.Расторгуева, А.А.Керимова. Система.., стр. 90.

| ш. т а н ҳ о | ш. ҷ а м ъ |
| --- | --- |
| 1. рафтастам//-ъм | рафтастем//-им |
| 2. рафтасти /-ай | рафтатсте//-ен//-ед |
| 3. рафтастас//-ай//-аст | рафтастан |

Аз рӯи далелҳои мавҷуда ва хулосаҳои муҳаққиқон метавон ҳукм кард, ки ин шакл аз рӯи маъно бо шакли асосии перфекти 1 комилан мувофиқат мекунад. Аммо аз он ҷо ки дорои хосияти архаистист, на дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ фаровон ба кор бурда мешавад. Мисолҳо: ай дъми оча-т бъра, ки рафтастай (ш-к., Ховалинг); унҷа рупаруҳак-да хона андохтастай (ғ-к., Гӯрдара); қари w, сесола шидастай (ғ-к., Балҷувон); ай райи́ дур омъдъм, ай ташнаги-ра мурдастам (ш-к.,Сарихосор);шънидасти? (ш-к.,Ховалинг); қати у ҳеҷ кас набъдастай (ш-к., Мӯминобод); не, ман на́хондастам (бд., Ямч); мусафедо пеш хурдастан (бд., Удит); на́шунавидастем (бд., Ҷорҷ); йак вахт даҳшат хурдастаст (бд., Қозидеҳ); ман у-ро дидастъм дина (бд., Нуд); шаст на́доштастан (қ, Обигарм); и ай район пийода омадастай (қ, Ҷавонӣ); Авдулло омадай, и надодастай (қ, Шулмак); асли мо ай Кулоб будастем (қ, Дегай); йа гуспанд-а куштийан-у нав пухтастан (қ, Чанор); соати даҳи пагоҳи́-нда магазин бъдастум (қ, Қалъаи Нав); ҳами шъмо нон найофтастен (ш-к., Олучадара).

Шакли асосии перфекти II, ба истисноi лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор, роғӣ ва ҷанубии Кӯлоб, дар тамоми лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ мавриди истеъмол аст. Дар баъзе лаҳҷаҳои ғарбии Кӯлоб (даштакӣ), ки дар байни Балҷувон ва Кангурт воқеъ гардидаанд, инчунин лаҳҷаи деҳаҳои соҳили дарьёи Вахш (Тутқавул, Кӯлисуфиён, Данғара ва ғайра) перфекти II истеъмол намешавад.

Дар лаҳҷаҳои бадахшонӣ ва қаротегинӣ шакли ҳикоягии перфекти II (мекардастан) мушоҳида мешавад. Аммо истеъмоли он дар лаҳҷаҳои дигари ҷанубӣ қайд нагардидааст. Танҳо дар лаҳҷаи бадахшонӣ ва гоҳ-гоҳ дар лаҳҷаи Қаротегин истеъмол мешавад: тобистон езум кам, аминҷа алов мекардастан (бд., Ямч); пилтаро мекардастан, болойи ин мемондастан (бд., Нуд) [44]: ай ҳамиҷа мегирифтастай-у уҷа мебурдастай (қ., Тегирмӣ).

А.З.Розенфельд ақидае изҳор кардааст, ки мувофиқи он гӯё дар лаҳҷаҳои бадахшонӣ шаклҳои перфекти II-ро шаклҳои соддаи гузашта ва гузаштаи давомдор маҳдуд намуда, аз доираи истеъмол хориҷ карда истода бошанд. [45] Аммо ба ин фикр ҳамроҳ шудан мушкил аст. Матнҳое, ки муаллиф намуна овардааст, гуфтаашро тасдиқ намекунанд. Вале, бешубҳа, дар лаҳҷаҳои бадахшонӣ шаклҳои перфекти II хеле васеъ истеъмол мешаванд.

### Замони гузаштаи дури перфекти II

Шаклҳои гузаштаи дури перфект аз сифати феълии замони гузашта бо суффикси - а ва феъли ёридиҳандаи б у д а н бо шакли асосии перфекти II ташкил мешавад. Ин шаклҳо бештар дар лаҳҷаҳои шимолӣ ва маҳалҳои ғарбии Кӯлоб, ки дар шафати лаҳҷаҳои шимоли воқеъ гардидаанд, инчунин дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ интишор ёфтаанд. Онҳо ду тарзи тасриф: мукаммал ва мукассар доранд:

[44] А.З.Р о з е н ф е л ь д ..., Бадахшанские говоры, стр. 22.

[45] А.З.Р о з е н ф е л ь д ..., Бадахшанские говоры...



Тасрифи навъи мукаммал

| ш. т а н ҳ о | ш. ҷ а м ъ |
| --- | --- |
| 1. рафта бъдастам | рафта бъдастем |
| 2. рафта бъдасти́ | рафта бъдасте//-ен |
| 3. рафта бъдастас//-ай | рафта бъдастан |

Тасрифи навъи мукассар

| ш. т а н ҳ о | ш. ҷ а м ъ |
| --- | --- |
| 1. рафта бестъм//-ам//-ум | рафта бестем |
| 2. рафта бести | рафта бесте//-ен |
| 3. рафта бестас/ бестай | рафта бестан//-ийан |

Мисолҳо: ай Тутқавул омада бестас (ш.-н., Дашти Шӯро); й апа-м бъсйо ҷохр дийа бестай (ш-к., Муллоқот).

Замони гузаштаи дури перфекти II худи ҳамон маъноҳоеро дорост, ки замони гузаштаи дури перфекти 1 ифода мекунад. Аммо доираи истеъмоли он васеъ аст, чунки дар ҳамаи шахсҳо ба кор бурда мешавад: ай ами қъшлоқ пъга гъзашта бъдастем (ш-к., Чарғи Боло); шъмо борики бад дъхта бъдастен (ш-к., Ховалинг); йа кампир-а меҳмон дошта бъдастам (ш-к., Наврӯҳо); йа хона-ра ҳамуно-ра дода бъдастан (в-қ., Нӯшор); калхози мо-ра баройи намуна файрод карда бъдастан (ш-к., Мӯминобод); ҳоли ҳам роҳи́ мошин ҳуй нашуда бъдастай (ш-к., Сарихосор); панҷо сентнер дода бъдастан без ай договор-ъш (ш-к., Сарихосор); йак гърсават-а ангур чиида бъдастум (ғ-к., Зоғнӯл).

Замони гузаштаи дури перфекти II, ки дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб фаровон истифода мешавад, ҳамчун замони гузаштаи дури перфекти 1, маъноҳои аслии худро маҳфуз дошта, хусусияти таъкидии нутқро афзунтар мегардонад. [46] Ин шакл дар лаҳҷаҳои ҷанубии Кӯлоб, роғӣ ва бадахшонӣ дучор намешавад.

### Замони гузаштаи дури давомноки перфекти II

Шаклҳои гузаштаи дури давомноки перфекти II аз сифати феълии замони гузашта бо префикси м е -, шакли асосии перфекти II ва феъли ёридиҳандаи б у д а н ташкил мешаванд. Ин шаклҳо низ дорои ду навъ тасрифанд: мукаммал ва мукассар.

Тасрифи навъи мукаммал

| ш. т а н ҳ о | ш. ҷ а м ъ |
| --- | --- |
| 1. мерафта бъдастъм//-ам//-ум | мерафта бъдастем |
| 2. мерафта бъдасти́ | мерафта бъдасте//-ен |

[46] Р.Л.Н е м е н о в а. Кулябские говоры..., стр. 9

мерафта бъдастан

3. мерафта бъдастас//–ай

Тасрифи навъи мукассар

| ш. т а н ҳ о | ш. ҷ а м ъ |
|---|---|
| 1. мерафта бестам//–ъм | мерафта бестем |
| 2. мерафта бести | мерафта бестен |
| 3. мерафта бестас//–ай | мерафта бестан |

Ин шаклҳо дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб: дар Ховалингу Мӯ-
минобод, махсусан дар гӯшаҳои дурдасти ин мавзеъҳо, яъне дар да-
раҳо, аз ҷумла дар Шӯробдараи Сарихосор, серистеъмол мебошанд.
Онҳо маъноҳоеро ифода мекунанд, ки шаклҳои гузаштаи дури ҳикоя-
гии перфекти 1 ифода мекунанд. Инак, он маъноҳо:

а) нақли амали замони гузашта аз рӯи гуфтаҳои каси дигар:
пеш вах зан–а мекапийа бестан базур, дъзди мекара бестан (ш–к.,
Муллоконӣ); дар–а ном–ъш–а мепърсида бъдастан (ш–к., Ғеш).

б) муҳокима аз рӯи натиҷа, хулосаи мантиқӣ дар хусуси ама-
ле, ки ба замони гузашта мансуб аст: шъмо–ам дандун–а меканда
бъдастен (ш–к., Муллоконӣ); қати ҳамуно мегашта бъдастан (ш–к.,
Мӯминобод).

в) амалеро ифода мекунанд, ки вуқӯи он дар оянда имконпа-
зир аст: амра–ш паго меомада бестай (ш–к., Муллоконӣ); уҳо–ра Мас-
каw мебърда бъдастан (ш–к., Ховалинг).

Шаклҳои перфекти П дар шеваи ҷанубӣ боқимондаи забони осо-
ри классикӣ мебошанд. Онҳо дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ як
хел паҳн нашудаанд.

Шакли асосии перфекти II дар забони адабиёти хаттии асрҳои
1Х–ХП форс–тоҷик – чи наср ва чи назм – қайд шудааст. Ж.Лазар
ба сифати намуна дар ин бора феълҳои **ama bastam, mandas-
tam, pursidaste, mandastim, kardastim, amadastand, sudastan** ва амсоли инҳоро оварда, хотирнишон
кардааст, ки шакли мазкур, асосан, ба асарҳои дар ҳудуди Осиёи
Миёна ва Афғонистон таълифшуда нисбат доранд. 47.

Малик–уш–шуаро Баҳор аз осори Унсурӣ ва Саъдӣ мисолҳое
овардааст, ки дар онҳо перфекти II ба кор бурда шудааст. Вай ин
шакли феълиро "феълҳои нишопурӣ" ( فعل نیشابوری ) номи-
да онҳоро ба гурӯҳи шаклҳои нақлии феъл дохил кардааст:
( این فعل نوعی از ماضی نقلی ). 48 Баҳор ин қайди худро бо
хулосаҳои Муқаддасӣ асоснок мекунад. Ин сайёҳи араб дар асри Х
ба лаҳҷаҳои гуногуни забони форсӣ (тоҷикӣ) характеристика дода,
қайд карда буд, ки барои лаҳҷаи Нишопур шаклҳои б и х у р д а с т и́,
б и г у ф т а с т и́, б и х у ф т а с т и́ хос буда, "дар онҳо овози "син"
бидуни фоида илова мешавад".

"Аммо лисони Нишопур фасеҳ ва маҳфум аст. Танҳо дар ав-

47 G. L a z a r d. La Langue..., p. 341.

سبک‌شناسی یا تاریخ تطور نثر فارسی، تصنیف شادروان
محمدتقی بهار «ملک الشعرا» جلد اول، چاپ دوم ۱۳۳۷
ص ۴۴۷



вали калима касра ва "и"–ро илова мекунанд. Чунончи: б и г у; б и-
ш а в. Инчунин бидуни лузумот ва манфиат овози с и н–ро зам меку-
нанд. Масалан, б и х у р д а с т и́, б и г у ф т а с т и́" ва м. инҳо 49.

Қайди Муқаддасиро роҷеъ ба сини "зоид" чунин шарҳ додан
мумкин аст, ки ин шаклҳо аз рӯи ифодаи маъно аз шакли перфект ва
ё замони гузаштаи содда тафовуте надоранд. Дар ҳақиқат, мавридҳои
истеъмоли онҳо дар забони адабии давраи классикӣ барои муайян на-
мудани фарқе аз перфекти 1 имкон намедиҳанд.

Дар шароити ҳозира перфекти II ба ҷуз шеваи ҷанубии забони
тоҷикӣ, дар забони форсии кобулӣ ва дар забони ҳазораҳои Афғонис-
тон мустаъмал аст. 50

Шакли асосии перфекти П назар ба шакли ҳикоягӣ (давомдор)
ва гузаштаи дури он пештар пайдо шудааст. Ин мулоҳиза бо чунин
далел собит мешавад, ки дар забони адабии пешина фақат шакли асо-
сии перфекти II мавриди истифода буд.

## СИҒАИ ШАРТӢ–ХОҲИШМАНДӢ

Сиғаи шартӣ–хоҳишмандӣ, ҳамчун дар забони адабӣ, дар шеваи
ҷанубӣ низ дорои маъноҳои гуногуни модалӣ мебошад. Миқдори шакл-
ҳои сиғаи шартӣ–хоҳишмандӣ дар лаҳҷаҳо як хел нест. Шаклҳои мух-
талифи он бештар аз ҳама аз лаҳҷаҳои кӯлобӣ ва қаротегинӣ ба қайд
гирифта шудаанд, ки аз зайл иборатанд: ҳозира–оянда (аорист); бъ-
хунъм; гузашта: хунда бошъм; давомнок: мехунда бошъм. Шакли замо-
ни ҳозираи давомдор бо феъли ёридиҳандаи и с т о д а н (хонда ис-
тода бошам) аз ҷумлаи ҳодисаҳои камистеъмол ба шумор меравад ва,
ба ақидаи мо, дар системаи сиғаи шартӣ–хоҳишмандии лаҳҷаҳои кӯло-
бию қаротегинӣ ҳанӯз мавқеи худро комилан муқаррар накардааст.

Дар лаҳҷаҳои роғӣ низ ҳамон се шакли мазкур истифода меша-
вад. Дар лаҳҷаҳои бадахшонӣ ду шакл мустаъмал аст: аорист ва за-
мони гузаштаи навъи х о н д а б о ш а м. Дар асарҳои матбӯъ доир
ба лаҳҷаҳои бадахшонӣ шакли х о н д а б о ш а м кам зикр шуда-
аст: дар матнҳо нест, дар тасвироти грамматикӣ фақат дар лаҳҷаи
Ғорон истеъмол шудани он ишора шудааст. 51.

49 Bibliotheca Geographorum Arabicorum. Pars . Descriptio imperii moslemici, auctore... Al - Mogaddasi. Edidit M.Y.G o e j e. Leiden, 1906, p. 334.

50 Ниг. А.Н.Б о л д ы р е в. Перфект II в новоперсидском ли-
тературном языке. Известия АН СССР ОЛЯ, т. 5, вып. 6, 1946,
стр. 492; А.З.Р о з е н ф е л ь д. Глагольная форма перфекта II в
юговосточных говорах таджикского языка. Вестник ЛГУ. История,
язык, литература, № 2; вып. 1, 1967, стр. 133–135; Б. С и ё е в.
Очерк доир ба таърихи феъли забони адабии тоҷик. Душанбе, 1968,
саҳ. 61-64: А.З.Р о з е н ф е л ь д. Бадахшанские говоры..., стр. 22:
В.А.Е ф и м о в. Язык афганских хазара. М., 1965, стр. 55-57.

51 Ю.А.Б о г о р а д. Горонский говор таджикского языка.
Иранский сборник. М., 1963, стр. 49.

## ЗАМОНИ ҲОЗИРА – ОЯНДА (аорист)

Бар хилофи забони адабӣ ин шакл дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ бо префикси бъ // би – истеъмол мешавад. Аорист аз асоси замони ҳозираи феъл бо илова шудани префикси бъ– // би – ва бандакҳои шахсии феъл ташкил мешавад. Навъҳои тасрифи он ба тасрифи замони ҳозира-ояндаи сиғаи хабарӣ монанд аст. Шаклҳои аорист ба монанди замони ҳозира-оянда ба тағьироти фонетикӣ дучор мешаванд.

рафтан

ш. танҳо

| пурра | мукассар |
|---|---|
| 1. бъравъм//-ам//-ум | бърам |
| 2. бъравӣ | бърай |
| 3. бърава, бъравад (дар бд.) | бърава |

ш. ҷамъ

| | |
|---|---|
| 1. бъравем//-им | бърем |
| 2. бъраве//-ен//-ед//-ет | бъре//-ен |
| 3. бъраван | бъраван |

кардан

| ш. танҳо | ш. ҷамъ |
|---|---|
| 1. бъкънъм//-ам//-ум | бъкънем |
| 2. бъкънӣ | бъкъне//-ен//-ед |
| 3. бъкъна | бъкънан |

бе префикси бъ–

| ш. танҳо | ш. ҷамъ |
|---|---|
| 1. кънъм//-ам//-ум | кънем |
| 2. кънӣ | къне//-ен//-ед//-ет |
| 3. къне | кънан |

Префикси бъ – ба ҷумлаи аломатҳои фарққунандаи шакли аористи шеваи ҷанубӣ дохил шавад ҳам, дар баъзе мавридҳо ба кор бурда намешавад. Дар ин бобат мавридҳои зайлро метавон қайд кард: а) бо аорист истеъмол нашудани он: б) ба тарзи мувозӣ бо префикси мазкур ва бе он истифода шудани аорист.

Префикси бъ – одатан бо шаклҳои манфии феъл истеъмол намешавад: Хъшвахт, бо (боз) дост-а на́бари (ш-к., Муллоконӣ); пъга найойан (ш-к., Ховалинг); феълҳои будан ва шудан префикси мазкурро кам қабул мекунанд. Дар материали дасти мо дар ягон мисол бо феъли (будан) бъ – истифода нашудааст, аммо ба феъли шудан гоҳ-гоҳ ҳамроҳ мешавад: агар ки бъшава, ай дъ даста йа кило мешаwа (ш-к., Сарихосор); йаг асп съвор бъшай, Йархаб мерай мейой (в-қ., Ярхаб); истеъмоли мувозии шакли аорист бо префикси бъ ва бе он дар феълҳое дучор мешавад, ки бо ҳамсадои лабии б сар мешаванд, инчунин бо феъли кардан (чи мустақил ва



чи ёридиҳанда) ба кор бурда мешавад: охи, чико кънем, раҳи мо-ра амита бемошин кааст (в-қ., Ярхаб); саро кънъм, ба барг бърам йо ба дуғ (ш-к., Муллоконӣ); орд оли дар чи бийорум (бд., Гармчашма); ҳами чи кор-ъш бъкънъм (ш-к., Ховалинг); у ehтимол мehнато-ш-а бъкъна (ш-к., Сарихосор); фарйод-ъш кънӣ, кърътка-ра (р. кружка) бъта (ғ-к., Зоғнул).

Дар шеваи ҷанубӣ ҳам чун дар забони адабӣ ду навъи асосӣ истеъмолии синтаксисии аорист дар нутқ мавҷуд аст: а) дар ҷумлаҳои содда, ки маънои модалии он бо ёрии оҳанг, воситаҳои луғавӣ, аз ҷумла ҳиссачаҳо, калимаҳои модалӣ муайян мегардад; б) дар ҷумлаи пайрав, ки маънои модалии аористро навъи ҷумлаи мураккаби тобеъ, хосияти алоқаи маънои ҷузъҳои ҷумлаи пайрав ва сарҷумла муайян мекунанд. [52]

1. Аорист дар ҷумлаҳои содда маъноҳои мухталифи модалиро ифода мекунад: а) амри бавосита, хоҳишу илтимос: чой бъфармунъм, бийоран, ала? (в-қ., Нӯшор); бъйо, йата-ш-а хъдойи кънем (к-ҳ., Ҷалҷит); ҳамиҷа бъйора, бъта (ғ-к., Давлатшоён).

б) хоҳиш ба вуқӯи амал, водоркунӣ ба амал, даъват: магарам, бари уча йа каравъл-а бъшинони (в-к., Ҷавони); хай бърава (г-к., Кангурт); ма йа га бъзанъм (к-х., Ҷонварсуз); и ни аргъшт бърава (ш-к., Мӯминобод).

в) гумону шубҳа, фарзу тахмин: наход, ҳаму кор-а бъкъна (г-к., Хилесони); ҳами токи-ра бъбаръм йо бъмонъм, гара (г-к., Зоғнул); ках-а бъкашем, мегем, мошин кам-ай (в-к., Ярхаб).

г) зарурат: шъмо мебойад ба Андароб бъравед (бд., Гармчашма); ба дърави олуфа (алаф) бойад саргардон шавед (бд., Қозидеҳ); бойад маъалим-а сифат (таъриф) къна (ш-к., Ховалинг).

д) имконпазирӣ ва эҳтимол: шотиме илаб бъ – тан – ъм (ғ-к., Дараи Мурғон); ишқилип (ӯзб. ишқилиб) гъм нашава (қ., Қалъанак).

Феълҳо дар шакли аорист ҳамеша амалеро нишон медиҳанд, ки дар ояндаи наздик ё дур содир мешавад: чой-ът бърезъм? (в-қ., Кӯл).

2. Дар лаҳҷаҳо аорист инчунин барои таъкиди амали ғайричашмдошт ва ногаҳонии замони гузашта истифода мешавад: гашта берън бъром, тарма райи хунаи хърс-а гъръфтай (в-қ., Кӯл).

Шаклҳои аорист ба вазифаи хабари ҷумлаи пайрав зиёда ба кор бурда мешаванд. Онҳо дар ин маврид вобаста ба типи ҷумлаҳои пайрав маъноҳои гуногуни модалиро ифода мекунанд:

а) дар ҷумлаи пайрави шартӣ амали реалиеро нишон медиҳад, ки бояд дар оянда содир шавад: агар бърай, хунай ки мерай (қ., Қалъанак); агар ҷавоб бъшем, меравем (к-ҳ., Зулфӣ); вахт-ъто боша, ба хони мо бийойе (к-ҳ., Кабкрез).

б) дар ҷумлаи пайрави мақсад амалеро нишон медиҳад, ки ҳамчун натиҷа ва мақсади гуфтори дар сарҷумла зикршуда бояд дар замони оянда воқеъ шавад: йаг байд бъгу, акайи Давлат, бънави-

---

52 Ниг. В.С.Расторгуева, А.А.Керимова. Система.., стр. 100: Дар ин хусус ҳамчунин ба бобҳои "Ҷумлаҳои содда ва мураккаби монография" муроҷиат карда шавад.

сум–а (ш–к., Ғеш); рафида–ра намейори, ру–ш–а партойам (ш–к., Дараи Шӯро ); кънъшка–т–а бъйор, дъс мунъм (қ., Яхакюст); тъ нарафти, севанчи б ъ г и р и? (қ, Самсолиқ); йаг чъка дуғ найовардоп, ки нун–ъм–а тар к ъ н ъ м, ала (ш–к., Сарихосор).

1) бо тақозои хабари (феълӣ) сарҷумла ба вазифаи хабари ҷумлаи пайрави пуркунанда бисьёр кор фармуда мешавад. Дар ин маврид маъноҳои модалии иҷозат, илтимос, амр, хоҳиш, тавоноӣ, орзую умед ва ғайраро ифода мекунад: мън ҷъмед доръм, ҳаму кор пъгайи бъд шава (в–қ., Ҳиҷборак); Хъдойқъл–а бъген, хъ сър–ш–а бъгира бъйора (ғ–к., Кангурт); бача–м, ача–т–а бъгу–да, авқот бъпаза (ш–к., Мӯминобод).

Хосияти асосии замони аорист аз он иборат аст, ки вай ба амали замони оянда ишора мекунад. Ин хусусияти он , қатъи назар аз мавҷудияти тобишҳои гуногуни маъноии модалӣ ва сохтҳои мухталифи синтаксисӣ, ҳатман зоҳир мешавад. Ҳамчунин мушоҳидаи нутқи гуфтугӯӣ нишон медиҳад, ки аорист дар мавридҳои ҷудогона амалеро нишон медиҳад, ки одатан ба тарзи доимӣ содир мешавад. Ин ҳодиса вақте имконнопазир аст, ки аорист маънои модалӣ ифода накунад. Дар ин маврид вай ба маънои шакли замони ҳозира–ояндаи феъл, ки бо префикси м е – ташкил мешавад, монанд аст. Мисолҳо: гандъм–а мо ай тор–ъш бъдозем (ш–к., Сарихосор); то йакуми йанвар–а инҷа бестем (ш–к., Ховалинг).

Дар шароити ҳозира дар шеваи ҷанубӣ тафовути хусусияти маъноӣ ва замонии шакли замони ҳозира–оянда ва аорист хеле равшан ба назар мерасад, ман ки намефаҳмъм, ҳар гап–а мегум, агар бъфаҳмъм, намегум (в–қ., Ярхаб); Ҳодисаи ба ҳам муродиф будани шаклҳои мазкур дар баъзе мавзеъҳо хусусияти реликтивӣ дорад. Чунон ки маълум аст, дар матнҳои осори классикӣ шаклҳои г ӯ й а д, б и – г ӯ й а д ба маънои замони ҳозира–ояндаи сиғаи хабарӣ истеъмол мешуданд. 53

Дар лаҳҷаи дарвозии соҳили рости Панҷ шаклҳои префиксалии аорист ба системаи сиғаи хабарӣ дохил мешаванд 54.

## ЗАМОНИ ГУЗАШТАИ СИҒАИ ШАРТӢ–ХОҲИШМАНДӢ

Замони гузаштаи сиғаи шартӣ–хоҳишмандӣ аз шакли сифати феълии феъли асосӣ (бо суффикси –а) ва шакли аористи феъли ёридиҳандаи б у д а н ташкил мешавад.

Дар шеваи ҷанубӣ навъи тасрифи мукаммал ва мукассари ин шакли сиғаи шартӣ–хоҳишмандӣ қайд шудааст. Навъи тасрифи мукаммали он барои ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ хос буда, навъи мукассараш, асосан, дар лаҳҷаҳои қаротегинии ҳавзаи дарьёи Сорбоғ ва соҳили рости дарьёи Суркоб ва лаҳҷаи Ёвон 55 қайд шудааст.

---

53 Л.П.С м и р н о в а. Язык "Тарихи Систан", Сталинабад, 1959, стр. 67–68: Б.С и ё е в. Очерк..., сах. 32.

54 М.М а х а д о в. Припянджские говоры..., стр. 21

55 О. Ҷ а л о л о в. Гурӯҳи шеваҳои тоҷикони райони Ёвон, саҳ. 43.



Тасрифи навъи мукаммал, ки барои ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ хос аст.

| ш. т а н ҳ о | ш. ҷ а м ъ |
| --- | --- |
| 1. рафта бошъм//–ам//–ум | рафта бошем |
| 2. рафта боши | рафта боше//–ен//–ед |
| 3. рафта боша | рафта бошан |

Навъи мукассар

| ш. т а н ҳ о | ш. ҷ а м ъ |
| --- | --- |
| 1. рафтошум//–ъм | рафтошем |
| 2. рафтоши | рафтоше/–ен |
| 3. раффоша | рафтошан |

Ин шакл моҳиятан аз шакли таркибии феъл ба шакли содда мубаддал шудааст.

Дар байни тасрифи навъи мукаммал ва мукассар гӯё гурӯҳи мобайние вуҷуд дорад, ки дар он овози лабии б – и феъли ёридиҳандаи б у д а н ба ҳамсадои лабулабии w бадал шудааст: рафта wошам. Ин шакл баъзан дар лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор истеъмол мешавад.

Замони гузаштаи сиғаи шартӣ–хоҳишмандӣ аз рӯи вазифаи худ барои ифодаи амале хизмат мекунад, ки бояд дар замони гузашта содир шавад.

Доираи истеъмоли ин шакли сиғаи мазкур назар ба шаклҳои аорист маҳдуд аст, ва аз ин рӯ нисбатан маънои зиёди модалиро ифода намекунад. Мисолҳо: и къҷо рафта боша? (Роғ, Хӯҷағалтон); Талбак умадоша бай иҷа–ра нағзи нағз, неке номадоша ганда (қ., Сайдон); йаке аму назада боша (ш–к., Ховалинг); по дошта боши, мери (ш–к., Сарихосор); кор карда боши, йа чи мегири (к–ҳ., Тӯда); Съмбъла–да бъд, писор рафта боша (к–ҳ., Тӯда):

Феълҳои замони гузаштаи шартию хоҳишмандӣ дар ҷумлаҳои содда гумон, шубҳа, имконпазирӣ ва мисли инҳоро доир ба вуқӯи амал ифода мекунанд: йаке аму назада боша (ш–к., Ховалинг); парторг мумкин омада wоша идора–да (қ., Кабудиён). Вобаста ба хусусияти асосии модалӣ ин шаклҳо дар ҷумлаҳои саволӣ кор фармуда мешаванд: найи ки бърафта боша мактаб? (в–қ., Нӯшор); и къҷо рафта боша? (Роғ, Хӯҷағалтон); калхозчиён ғалла–ра куфтошан? (к–ҳ., Мирзоӣ).

Шаклҳои мазкур дар ҷумлаҳои мураккаб бештар бо пайрави шартӣ ва пуркунанда истифода мешаванд: по дошта боша, мера (ш–к., Сарихосор); къҳнадуз гъф: пъл дошта боши, медузъм (ш–к., Ховалинг) намедонум, һаким рафта боша йо не? (ш–к., Муллоконӣ).

## ШАКЛИ ДАВОМДОРИ СИҒАИ ШАРТӢ–ХОҲИШМАНДӢ

Шакли давомдор низ монанди шакли замони гузашта ташкил меёбад. Танҳо фарқ дар ин аст, ки ба аввали феълҳои шакли давомдор префикси м е – зам мешавад.

| ш. танҳо | ш. ҷамъ |
|---|---|
| 1. мерафта бошъм | мерафта бошем |
| 2. мерафта боши | мерафта боше//-ен |
| 3. мерафта боша | мерафта бошан |

Хусусияти замонии ин шакл ба вазъияти нутқ вобастааст: вай амалҳоро дар ҳар се замон ифода мекунад. Маъноҳои модалии нобоварӣ, гумону шубҳа ва имконпазириро доро буда, бештар дар ҷумлаҳои саволӣ истифода мешавад: Сафийа мебърафта боша? (ғ-к., Зоғнӯл); меомада бонӯл); имруз таго-м намеомада боша? (ғ-к., Зоғнӯл); и авдъло Шамс ҳеҷ дига шеър намеанаша, йо не? (қ., Қалъанак); ҳами хонандаҳо-да ай тарафи колвисонда боша? (к-ҳ., Ҷонварсӯз); ах намедонум хоз чъз медода бошан, а Раҷабҷон? (ғ-к., Деҳбул); ком съ мерафта воша (қ., Ғофилобод).

Дар ҷумлаҳои хитобӣ маънои модалии хоҳиш ва умедро ифода мекунад: ей хъдо-ей, апа-м кай меомада боша! (ғ-к., Деҳбул).

Шакли давомдори сиғаи мазкур бештар дар ҷумлаҳои пайрави шартӣ ба кор бурда мешавад: гуспанд-а мегърифта боши, бъгир (в-қ., Кӯл); техникъм-да мерафта боши, хуш кадай (ш-к., Мӯминобод).

X

X X

Шакли сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ бо феъли ёридиҳандаи истодан (ҳамчун гуфта истода бошам) дар шеваи ҷанубӣ расм нест. Танҳо дар лаҳҷаҳои ғарбии Кӯлоб, Ҳисор ва Қаротегини Поён гоҳ-гоҳ ба назар мерасад: бачаи кампир матав-да хунсода воша, ман-ам рафта хунам(қ., Ҷавонӣ); потаи калхос-да меваҳо пухсода воша, каме канда бийо (қ.,Сесанга); билийард коркардеста боша? (ғ-к.,Кангурт).

## СИҒАИ АМРӢ

Шакли шумораи танҳои сиғаи амрӣ чун қоида аз асоси замони ҳозира бо префикси б ъ - (дар шакли манфӣ бо н а -) ташкил мешавад: шакли шумораи ҷамъи он аз асоси замони ҳозира бо бандакҳои - е (лаҳҷаҳри қаротегинӣ) - е н (кӯлобӣ ва роғӣ), - е д,-е (бадахшонӣ) сурат меёбад.

| ш. танҳо | ш. ҷамъ |
|---|---|
| бъра | бъра//бърен//бъравед |
| бъйор | бъйоре//бъйорен//бийоред |

шакли манфӣ

| | |
|---|---|
| нара | наре//нарен//наравен//наравед |
| найор | найоре//найорен//найоред |

Мисолҳо: бийо, йагон гап бъгу (ғ-к., Давлатшоён); пъгойи бъйо пеши мъсъфед, тамошо кън (в-қ., Нӯшор); бегайи бийое, ҷойи мо-да бесте (қ., Алигалабон); донек-ъм бъде (бд., Қозидеҳ); бийо дъсто-м-да ош бърез (ш-к., Наврӯҳо); ръшқа-ра дъравидан, бийо бъбар (в-қ., Ярхаб); ма, чой бънуш (ғ-к., Кангурт); ку, бъхон (к-ҳ., Ҷонварсӯз).

Дар асноu ташкили шакли сиғаи амрӣ аз феъли истодан ҳодисаи ихтисор ба вуҷуд меояд: префикси б ъ - бо садоноки асос як мешавад.

| ш. танҳо | ш. ҷамъ |
|---|---|
| бест | бесте//бестен |

Дар нутқи сареъ дар шумораи танҳо ҳатто таркиби овозии - с т меафтад: бе (биист): ку, ису бе! (ғ-к., Деҳбул).

Феъли амрии бест дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб бо суффикси - а к кор фармуда мешавад: бестак, яъне биист: бестак, мъ гаш бъзанъм (ш-к., Хонақо); бестак, бъмон-ъш, бегайи мебаръм (ш-к., Даҳана).

Феълҳои соддае, ки ба ихтисор дучор намешаванд бе префикси б ъ - истеъмол шуда метавонанд. Ин ҳодиса дар тамоми лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ интишор дорад. Ҳамчунин феълҳои таркибии номӣ ҳам метавонанд, бидуни префикси б ъ - ба кор раванд.

Манзараи умумӣ дар ин бобат чунин аст: қисми асосии сиғаи амрӣ бо префикси б ъ - ва ҳиссаи хеле камаш бе он истеъмол мешавад. Мавридҳои бе префикс истифода шудани сиғаи амрӣ аз инҳо иборатанд.

а) агар асосҳои феълӣ ба тағйироти фонетикӣ дучор нашаванд: мун-ъш, нагир-аш (в-қ., Ярхаб); модар, курпа мон, ман партов шъдастам (бд., Қозидеҳ); инҷа фър натен, бар бора-да парто (ғ-к., Саталмуш); йаг санг-а бъйор, даҳани ош-а пъшон (ғ-к., Саталмуш);

б) бо шаклҳое, ки аз феълҳои мураккаб ташкил шудаанд: Мирсоа мега, ки бъра, гандъм бод кън (ғ-к., Деҳбул); дари чапар ҳуй-ай, тамба-ш къ (ғ-к., Деҳбул); дар-а ела къ (Роғ, Хӯҷағалтон); зано , дъхтаро, шъмо позир майлис-да бъраве, гуш къне, ки райис чи мегуйа (қ., Пору); по-т-а гаръм къ (Роғ, Хӯҷағалтон); хатои ака-т -а ҳам-аш-а ҷаъм къ (ғ-к., Саталмуш);

в) бо феълҳое, ки тавассути овози лабии б оғоз мeёбанд: нон-а бон, чой-ът къзъм (Роғ, Хӯҷағалтон); бъра, бин ник-ът (додарат) къшо шъд (Роғ, Хӯҷағалтон). Дар ин маврид низ ҳолати ба тарзи мувозӣ (бо префикс ва бе он) истеъмол ёфтани сиғаи амрӣ, мушоҳида мешавад: торкокъли-ш бъбоф (ғ-к., Саталмуш); йа чъка ош бар-да меҳмуно бъхъран (ш-к., Ховалинг). Дар баробари ин шакли б ъ - б а р низ мустаъмал аст: ръшқа-ра дъравидан, бийо бъбар (в-қ., Ярхаб).

## СИҒАИ ЭҲТИМОЛӢ

Шаклҳои сиғаи эҳтимолӣ, ки то ба ин даҳсолаҳои наздик дар шеваи ҷанубӣ қариб истеъмол намешуд, [56] дар солҳои охир беш аз пеш дар системаи феъли онҳо роҳ ёфта, мавқеъ пайдо карда истодааст.

Аз се шакли сиғаи эҳтимолӣ (гузашта, ҳозира-оянда ва ҳозираи муайян), ки дар забони адабӣ ба кор бурда мешавад, дар шеваи ҷанубӣ ду шакл мавриди истеъмол аст: гузашта (овардагист) ва ҳозира-оянда (меовардагист). Якумӣ амали эҳтимоли замони гузашта ва дуюми амали эҳтимолии замони ҳозира ё ояндаро нишон медиҳад:

Замони гузашта

[56] В.С.Расторгуева. Опыт..., стр. 96.

Замони гузашта

| ш. танҳо | ш. ҷамъ |
|---|---|
| 1. гуфтагистъм//-ум//-ам | гуфтагистем |
| 2. гуфтагисти | гуфтагисте//-ен |
| 3. гуфтагист//гуфтагистай | гуфтагистан |

Замони ҳозира-оянда

| ш. танҳо | ш. ҷамъ |
|---|---|
| 1. мегуфтагистъм | мегуфтагистем |
| 2. мегуфтагисти | мегуфтагисте//-ен |
| 3. мегуфтагист//мегуфтагистай | мегуфтагистан |

Мисолҳо: куҳо-да акъ борун йо барф боридагистай (қ., Фаррух); аспи сийа меовардагист-ъш (ғ-к., Балҷувон); йагун ҷо хундагисти? (в-қ., Ярхаб): йаг коре мешудагист, охи (в-к., Хичборак): шахр-ънда-йам боша, ҳамиқа будагист (қ., Шулмак); у бача-ра зан-ъш зиқидагист (қ. Нимич); ма намересидигистам (қ., Дегаӣ); ай батарейи ҳами маз- лим-да запас бъдагист-а (қ., Қалъаи Нав); ғарм-да-йам рангин (рентген) бъдагист (қ., Порвоғ).

Дар лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ шакли давомдори замони гузаштаи дур (асосан ш. III танҳо ва ҷамъ) низ ба қайд гирифта шудааст: мехунда будагист; мехунда будагистан. Мисолҳо: пеши ҳаму зан-ъш мерафта будагист (в-қ., Пилдон); ғалаф мехърда бъдагистан (в-қ., Сасиқбулоқ).

## ШАКЛҲОИ ҒАЙРИТАСРИФИИ ФЕЪЛ

### МАСДАР

Масдар дар шеваи ҷанубӣ, асосан, дар ду шакл мавриди истеъмол аст: шакли пурра – бъромадан ва шакли нопурра – бъромада. Бар хилофи забони адабӣ, шакли давомнок ва ё муайяни масдар (хонда истодан); масдари мафъулӣ (хонда шудан), инчунин шакли мукассари навъи 1 масдар (кард, дод) ба шеваи ҷанубӣ хос нест.

Шакли пурраи масдар ҳамчун исми феълӣ истеъмол мешавад. Дар ин маврид вай як қатор аломатҳоеро, ки махсуси ҳиссаҳои номии нутқанд, қабул мекунад.

1. Изофат мегирад: ай умадани меҳмуно мън бисйор хурсанд-ъм (в-қ., Нӯшор); то омадани котиб-а местъм (Роғ, Хӯҷағалтон); рузи рафтани ака-ш мейойа (ш-к., Ховалинг).

2. Пешоянду пасоянд қабул мекунад: соф мърдъм ай кашидан-а (Роғ, Хӯҷағалтон); хъди то барф задан-а меиста (ш-к., Сарихосор); алиш хуб нестай ай фрьхтан-да? (ғ-к., Зоғнӯл); афтоw қади ду ваҷаw мунда wуд ба шиштан-а (қ., Порвоғ).

3. Ҷонишинҳои энклитикӣ ва ишоратӣ мегирад: хъд-ъм да амин найомадан-ъм хъҷолат мундъм (ш-к., Ховалинг); надидъм омадан-ъш-а (Роғ, Хӯҷағалтон); то охири танидан-ш-а алов накъни, кирмак наметана (қ., Хилмонӣ).

Дар иборахои атрибутивӣ масдар метавонад бидуни изофат ба кор бурда шавад: картъшка-ра кандан-ъш август (в-қ., Шилбилӣ); ай бойиси барф-у борон-а бисйор шъдан-ъш ҳама ҷо сел шъд (в-қ., Нӯшор). Дар ин ибораҳо воситаи алоқа пасоянди а-//-ра ва ҷонишини энклитикии – а ш мебошанд.

4. Мубтадоро ифода мекунад: и къртa баровардан-ъ пушидан қин-ай (ш-к., Муллоконӣ).

5. Суффикси ҷамъбандии -о-ро қабул мекунад: ай омадано-т тоза бишуд доғи дили мо [57]; и хотири нозук-аш ранҷидай ай мо, ба ҳар сари ранҷидано-ш дуои бъсйор. [58]

6. Бо масдар омадани суффикси – а к низ ба қайд гирифта шудааст: ай рафтанако-т ғубор гира дили мо [59]; омаданако-т омади бъзургон-ай, найомадано-т ба ман балои ҷон-ай [60]. Дар ҳодисаи охир бештар махсуси услуби фольклорист.

Ҳамчун ҳиссаҳои номии нутқ ба кор бурда шудани масдар хусусияти хоси онро нишон медиҳад. Бояд зикр намуд, ки унсурҳои морфологие, ки бо масдар ҳамроҳ меоянд, маънои грамматикии худро ба андозае тағьир медиҳанд; шакли ҷамъи масдар на зиёдӣ ва фаровониро, балки такроршавӣ ва бисьёркаратии амал ва ҷараёни онро нишон медиҳад: [61] ма садқа шавум йакка-йакка гаштанако-т, да гушаи боми мардум шиштанако-т: [62] суффикси – а к нисбат ба амал баҳои шахсии субъектро бештар ифода мекунад; ҷонишинҳои энклитикӣ ба субъект ишора мекунанд, ки вай соҳиби амал ва ё ҳолатест: болойи бънг бъромадан-ш-а ай гъҷр фамиди? (в-қ., Нӯшор): омадан-ът-а хеле ши? (ш-к., Ховалинг).

Ҳодисаҳои мазкури шеваи ҷанубӣ аз нормаи забони адабӣ ягон тафовути ба назар намоён надоранд.

Пешоянду пасояндҳо вобаста ба маънохояшон бо масдар омада, ба муносибати замонӣ, сабабу мақсад ишора мекунанд: то мън умадан-а ҳами дарзо-ра бъбанд (в-қ., Нӯшор); ай кофтан-а ҳамиқа шъдъм (ш-к., Ховалинг); ба чени чормағз шидан-а меой (ш-к., Мӯминобод); чор маҳ шидай омадани ман-а (ғ-к., Зоғнӯл); мелок барои ҳар чиз кашол кардан (ш-к., Мӯминобод).

Шакли пурраи масдар ҳамчун ҳиссаи номии нутқ бо феълҳои ёридиҳанда омада, ба амал, ё ҳолат маънои иловагии замонӣ ва ё модалӣ мебахшад.

1. Бо феъли гирифтан ҳамроҳ омада, ибтидои амал ва ё идомаи онро, ки чанде муқаддам оғоз ёфтааст, нишон медиҳад: ҳали-ра руфтан бъгирен (Роғ, Балуҷ); ай тори ҳаво борун рехтан гира, ай таҳти замин сабза дамидан гира [63]; и-ш-а дидъм, ҳамту гузаштан гъръфтъм (ш-к., Дашти Шӯро); мърғо ай исун омадан меги-

---

57 Р.Амонов. Эҷодиёти даҳанакии аҳолии Кӯлоб. Душанбе, 1963, саҳ. 25 (110).
58 Ҳамон ҷо, саҳ. 30 (32).
59 Ҳамон ҷо, саҳ. 29 (75)
60 Ҳамон ҷо, саҳ. 36 (114).
61 В.С.Расторгуева, А.А.Керимова. Система...,стр. 129.
62 Р.Амонов. Ҳамон ҷо, саҳ. 62.
63 Р.Амонов. Эҷодиёти даҳанакии аҳолии Кӯлоб, саҳ. 29.

ра (к–х, Файзобод); соп–соп кард–ъ йофт–ъ сърондан–ъш гърифт (в–қ., Қӯшағба); ай ису барф мехеза–йу чърки бъромаан мегъра (қ., Шуле); бо далели чийе лозим–ту боша, гъръфтан гире (ч–к,: Ёл).

2. Масдар бо феъли модалии т а в о н и с т а н//т у н и с т а н //– тавонистан истеъмол мешавад. Чунон ки далелҳо шаҳодат медиҳанд, бо феъли тасрифшавандаи т а в о н и с т а н масдар асосан бо шакли нопурра ва танҳо гоҳ–гоҳ бо шакли пурра истеъмол мешавад. Муқаррар намудани қонунияти ин ҳодиса басо душвор аст. Чи тавре ки ба назари мо мерасад, ҳодисаи бо шакли муқассари масдар бештар истифода шудани феъли модалии мазкур бояд бо ҳодисаҳои фонетикии шеваи ҷанубӣ, алалхусус ба афтидани ҳамсадои н аз охири калимаҳо, мутааллиқ бошад.

Дар шеваи мазкур шакли пурраи масдар метавонад, ҳам пеш аз феъли тасрифӣ ва ҳам пас аз он ояд: вахте ки аво бисйор аwр ҳастаст, самолот наметона омадан (бд., Андароб); тъ ҳами хели намету нӣ кор кардан (в–қ.; Яхакпаст); руст шъдъм, дига баромадан натунистъм (в–қ., Яхакпаст).

Масдари нопурра, асосан, пеш аз феъли модалии т у н и с т а н воқеъ мегардад: wега умаан, ай ҷу–м хеста наметунъм (в–қ., Нӯшор); оwарда–ш натунистъм (в–қ, Куглик); ҳами сангора бърда наметона (қ., Хилмонӣ); къдакдор шидем, дига ҳиҷо рафта наметонем (қ., Хилмонӣ); йа вахте касал–ъш мегира, ки не ба фъргардуни, не ба хапдоруни хап каа–ш наметуна (ч–к., Ёл); пеши шумо–да гуфта метунам (ш–к., Ховалинг); ай баройи ҳами гандъм ҳеҷ ҷо рафта натониста исодам (ш–к., Сарихосор); захъм, ҷъмбида наметона (Роғ, Балуч); по–м–а йаг ҷо бонда (монда) наметонъм (Роғ, Балуҷ).

3. Шакли нопурраи масдар бо феълҳое, ки аз ҷиҳати маъно ба феълҳои модалӣ қаробот доранд, низ ҳамроҳ омада метавонад, Чунончи, бо феъли т а р с и д а н: тоқа рафта наметарсӣ? (ш–к., Ховалинг).

Дар як мисол, ки аз лаҳҷаҳои қаротегинӣ ба қайд гирифта шудааст, масдар бо префикси м е – истеъмол ёфтааст, ки бисьёркаратии амалро нишон медиҳад: хъд–ът бигу, ай вахтойи ба Фарғуна мерафтан–у меомадан–ът чан вах гъзашт (қ., Тегирмӣ).

Ин шаклҳоро шартан масдари навъи II номидан мумкин аст. Аз он ҷо ки чунин далелҳо дар ниҳояти камист, ҳанӯз гуфта наметавонем, ки ин ҳодиса барои шеваи ҷанубӣ умумист ва ё ба услуби фардӣ мансуб аст. 64

## ШАКЛИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ-ФЕЪЛИҲОЛӢ

Бар хилофи забони адабӣ, дар шеваи ҷанубӣ, асосан, як шакли сифати феълӣ–феълиҳолӣ, ки бо бандаки – а (хонда) сохта мешавад, мавҷуд аст. Шаклҳои сифати феълӣ–феълиҳолии замони ҳозираи фоил (ҳамчун х о н д а и с т о д а) ва ду шакли тарзи мафъулӣ (ҳамчун х о н д а ш у д а и с т о д а), ки хоси забони адабианд, дар ин шева мавриди истеъмол нестанд. 65

64 Роҷеъ ба масъалаи истифодаи масдар бо префиксҳои ҳ а м е – ва б и – дар матнҳои қадим ниг. Y. L a z a r d. La Langue..., 296–320.

65 В.С.Р а с т о р г у е в а, А.А.К е р и м о в а. Система..., стр. 150–160.



Шаклҳои сифати феълӣ – феълиҳолӣ назар ба забони адабӣ ва шеваи шимолӣ, камтар бошад ҳам, дар шеваи ҷанубӣ дар шакли алоҳида низ истеъмол мешаванд. Ин ҳодиса аз тарафи муҳаққиқон борҳо қайд карда шудааст. 66

Шакли сифати феълӣ – феълиҳолӣ бо суффикси – а дар ҷумла ба вазифаҳои зерин истифода мешавад:

1. Ҳамчун сифати аз феъл ташкилшуда (аз афташ, дар асоси шаклҳои қадими сифати феълӣ ба вуҷуд омадааст) дар шакли манфӣ бо префикси н о (дар шакли тасдиқӣ ниҳоят кам) ба вазифаи хабар истифода мешавад: испирафка нопечаткарда бъдай (в–қ., Ҳрит); хонаҳо норуфта (ш–к., Мӯминобод); дига дуғ аст чахдег –да? чахдег ношуста монд (ш–к., Ховалинг); 67

2. Маънои духӯраи ин шаклҳо – сифати феълӣ ва феъли ҳол вазифаи феълиҳолии онҳоро бештар инкишоф дод, ки ин ҳодиса чи барои забони адабӣ ва чи шеваҳои забони тоҷикӣ аз ҷумлаи ҳодисаҳои умумист 68. Дар ин маънӣ вай ҳоли тарзи амал ва хабари иловагиро ифода мекунад: хона–да даwида бъра (Роғ, Балуҷ); хъд–шу бедарак рафтан, кофта найофтан (қ., Хилмонӣ); ришта–ра дътора карда метоwем–ъш (ш–к., Ховалинг); Тағойев съвор шида рафт (ш–к., Ховалинг); ҳами мавлакат–ънда почо–ра заа ҳай каан (қ., Хилмонӣ); ба£д йа коса–йа пъри ош карда пеш–ъмда монд (к–ҳ., Файзобод); мусъфед–а пешандоз када гърифтан бърафтан (қ., Ғофилобод).

Бояд қайд кард, ки истеъмоли шакли мазкур ба вазифаи муайянкунанда, ки дар забони адабӣ хеле маъмул аст, 67 барои шеваи ҷанубӣ расм нест.

Дараҷаи истеъмоли шакли мазкур ба вазифаи ҳол ва хабари иловагӣ дар лаҳҷаҳо гуногун аст. Чунончӣ, дар лаҳҷаҳои ғарбии Кӯлоб ба вазифаҳои мазкур назар ба лаҳҷаҳои вахиёӣ–қаротегинӣ ва шимолии Кӯлоб бештар истифода мегардад. Дар лаҳҷаи роғӣ ба сифати хабари иловагӣ (воқеъ шудани он) кам дучор мешавад. 70

Умуман метавон гуфт, ки дараҷаи истеъмоли шакли сифати феълӣ–феъли ҳолӣ ба вазифаи хабари иловагӣ ва ҳол ба дараҷаи саводнокии ноқилони лаҳҷаҳои мазкур ва ба таъсири забони адабӣ вобастааст. Вале бояд зикр кард, ки ба вазифаи феъли ҳол истеъмол ёфтани шакли сифати феълии қадим бо суффикси а дар шеваи ҷанубӣ ба ҷумлаи ҳодисаҳои мутараққӣ дохил мешавад: вай рӯз то рӯз серистеъмол шуда истодааст.

### Сифати феълӣ бо суффикси – гӣ

Дар шеваи ҷанубӣ, бар хилофи забони адабӣ, танҳо ду шакли ин навъи сифати феълӣ мавриди истеъмол мебошад: шакли замони гузашта: х о н д а г ӣ ва шакли замони ҳозира–оянда: м е х о н д а г ӣ. Шаклҳои замони ҳозираи муайян (хонда истодагӣ) ва мафъулӣ (хонда шудагӣ, хонда мешудагӣ) тамоман истифода намешаванд. Шакли сифати феълии замони ҳозира-оянда бо префикси м е – дар лаҳҷаҳои Бадахшон низ мушоҳида нашудааст.

Шаклҳои зикршуда аз рӯи маъно аз забони адабӣ тафовуте надошта бошад ҳам, доираи истеъмоли онҳо назар ба забони адабӣ ва шеваи шимолӣ маҳдудтар аст.

66 Р.Л.Н е м е н о в а. Кулябские говоры..., стр. 51–52: Ю.А. Б о г о р а д. Рогские говоры..., стр. 156.

67 Барои батафсилтар ошно шудан бо ин масъала ба фасли хабари монографияи "Ҷамъбасти шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ", ҷ. III муроҷиат намоед.

68 В.С.Р а с т о р г у е в а, А.А.К е р и м о в а. Система.., стр. 159.

69 Там же, стр. 170.

70 Ю.А.Б о г о р а д. Рогские говоры..., стр. 156.

Сифати феълӣ дорои маънои духела мебошад: а) сифати феълӣ
(сифатҳои аз феълҳо сохташуда), б) исми амал.
Хусусиятҳои номии сифати феълии бо суффикси – г и́ дар он
зоҳир мегардад, ки суффикси ҷамъбандии -ҳ о, пешоянду пасоянд, бан-
даки изофӣ (дар таркибу ибораҳои изофӣ) қабул карда метавонад.
Инчунин, дар шеваи ҷанубӣ сифати мазкур ба монанди исмҳо ҷонишин-
ҳои энклитикӣ қабул мекунад: и ҳамитари-ай аломати ҷола задаги-
-шон (ш-к., Ховалинг); ма лави дара мерам, чиндаги́-ш чинд-ъш
хърдаги́-аш хърд-ъш (ғ-к., Дараи Мурғон); бъчин, бъшу, бъйор-шу
мефоридаги́-шун-а бъхъран (ш-к., Мӯминобод).

Хели мазкури сифати феълӣ дар ҷумла ба вазифаи муайянку-
нанда ва хабар меояд.[71]

Вале бояд қайд кард, ки сифати феълӣ бо суффикси – г и́ чун исми амал дар лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ ҳодисаи нисбатан нодир ба шумор меравад ва ҳамагӣ чанд феълро фаро мегирад. Шакли сифати феълӣ ҳамчун исми амал дар лаҳҷаҳои роғӣ ва бадахшонӣ мушоҳида намешавад.

Дар натиҷаи таҳлили материал доир ба навъи мазкури сифатҳои феълӣ мо метавонем ба қарори зайл оем: шакли замони гузаштаи тарзи хондагӣ дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ ба таври васеъ интишор ёфтааст. Вай аз ҳама бештар ба вазифаи муайянкунанда (дар ибораҳои атрибутивӣ) ва хабар меояд. Ба вазифаи хабар ҳам холис ва ҳам бо бандакҳои хабарӣ ва феълӣ ёвари б у д а н воқеъ мегардад. Ба вазифаи исми амал истеъмол ёфтани сифати феълӣ маҳдуд буда, фақат бо феълҳои камшумор (асосан, бо феълҳои ҳаракати о м а д а н, р а ф т а н ва монанди онҳо) ифода шуда метавонад. Кор фармудани сифати феълӣ ҳамчун исми амал дар лаҳҷаҳои Қаротегину Кӯлоб ба назар мерасад. Бо ин хусусият вай дар лаҳҷаҳои Роғу Бадахшон қайд нашудааст.

Сифатҳои феълии замони тарзи м е х о н д а г и́ дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ ба назар мерасанд. Аммо истеъмоли онҳо нисбатан кам буда, асосан, дар вазифаи муайянкунанда вомехӯранд. Сифатҳои феълии мазкур ба сифати исмӣ амал ва ё дар вазифаи хабар қайд нашудаанд.

## Сифати феълӣ бо суффикси – и́

Дар шеваи ҷанубӣ ду шакли замониояндаи сифати феълӣ ба назар мерасад: 1) шакле, ки аз масдари пурра бо илова шудани суффикси – и́ сохта мешавад (хондан); 2) шакле, ки аз масдари пурра ба афзудани суффикси – и́ ва префикси м е – сурат мебандад (мехондани́).

Шакли аввал барои ифодаи маъноҳои зайл истифода мешавад:

1) Ҳамчун исми амал бо нияте ба ҷо овардани амалеро нишон медиҳад. Дар ин вазифа одатан ҳамроҳи феълҳои ҳаракат омада, ҳо-

---

71 Дар ин бора дар ҷилди сеюми монографияи "Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ", ки синтаксиси ҷумлаҳои соддаро дар бар мегирад, маълумоти васеъ дода шудааст.



ли мақсадро ифода мекунад. Ин шакл, асосан, замониояндаро далолат мекунад: чошти мо мерем хондани́ (Роғ, Хӯҷағалтон); оча-шон чаридани́ рафтан (ғ-к., Деҳбул); ҷуфтакийо ай о... гъзаштани умаан (қ., Хилмонӣ); куйистон-а дидани́ омадай? (ш-к., Даштиҷум); бъз-а фърухтани́ мебаръм (Роғ, Балуҷ).

Дар материалҳои дасти мо бо сифати феълии замони оянда истифода шудани суффикси ҷамъбандии – ҳ о қайд нашудааст. Ин ҳодиса, кам бошад ҳам, дар забони адабӣ мушоҳида мешавад.[72] Ҳамчун қоида дар шеваи ҷанубӣ сифати феълии замони оянда дар ибораҳои феълӣ чун калимаи тобеъшаванда бе пешоянд истеъмол мешавад, ки дар ин бобат роли семантикаи феълҳо (онҳо асосан феълҳои ҳаракат мебошанд) калон аст.

Хосияти феълии сифати феълии навъи мазкур ҳангоми қабул кардани ҷонишинҳои энклитикӣ, ки ба вазифаи объект истифода мешаванд, равшантар зоҳир мешавад: хондани́-ш (ӯро ба хондан) файрод кардан (Роғ, Хӯҷағалтон).

2) Ҳамчун сифати аз феъл сохташуда хосияти аломати предметро ифода мекунанд: севи хурдани́ ҳастай (ш-к., Мӯминобод); тайи дилъм зиқе ҳа́с, ки ҳеҷ ногуфтани́ (ш-к., Ховалинг).

3) Дар таркиби хабар бо феълҳои ёвар ва ҳам бидуни он кор фармуда шуда, бо нияте содир гаштани ама́лро ифода мекунанд: йа ҳамнишин доштем, вай йак вахто ҳамиҷа меойа, камтар асал гирифтани мешава, бад йаг битон мепръса (қ., Нимич); йа Ғарм рафтани шави́, дъ руз, се руз ҳа... ора мешай (в-қ., Ҳиҷборак); кадумо-туне рафтани́ боше, бъре (в-қ., Кӯл); у хундани бъдай (ш-к., Ховалинг).

Сифати феълӣ бо префикси м е –, ки дар лаҳҷаҳои кӯлобӣ ва қаротегинӣ дучор меояд, асосан, ба ду вазифа истеъмол мешавад:

1) ҳамчун сифати аз феъл ташкилшуда дорои тобиши маънои муносиб, лоиқ аст: мехурдани́ нестан ин мърто (қ., Нимич); дъхтари мешъдани́, базеб, дъхтари Нурали́-ай (ғ-к., Дараи Мурғон).

2) ба сифати хабар дар ибораҳо (хоҳ бо бандак, ё феъли ёридиҳанда ва хоҳ бидуни онҳо) бо нияте воқеъ гаштани амалро нишон медиҳад: мегъръфтани́ бошъм, мегъръм (қ., Кӯл); вай оли мактаб мерафтани́ (в-қ., Қӯшағба); зан-ш-а дар ҷойи мън-ънда та...ш мекардани́ (қ., Ҳоит).

Дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ сифати феълии замони оянда, ки аз феъли г у ф т а н бо суффикси – и́ сохта мешавад, чун воситаи алоқаи баёния бо исм дар таркиби ибораҳои синтаксисӣ истеъмол мешавад. Ин зайл ибораҳо ба воситаи суффикси – г и́ низ сохта мешаванд: Шаҳкандаги́ гуфтани́ ағба-йай, ай ҳаму гузашта рафтан (қ., Чинор); чатқал гуфтани йа дърахт-ай (қ., Шуле); ай Намангон усун Поп гуфтани ҷо бъдай (қ., Шуле); буғма гъфтаги алаф-ай (қ., Ҷавонӣ); агар ки рафти́, Шарипуф Шомаймад гуфтаги́ одам-ай (қ., Чинор).

Дар лаҳҷаҳои шимолӣ ва ҷанубии Кӯлоб, инчунин дар лаҳҷаҳои роғӣ барои ифодаи маънои ният ибораҳое истифода мешаванд, ки аз калимаи мураккаб, бандакҳои шахсии феъл ё феъли ёридиҳандаи б у -

---

72 В.С. Р а с т о р г у е в а, А.А. К е р и м о в а. Система..., стр. 196.

д а н ташкил мешавад. Калимаҳои мураккабе, ки ба таркиби ибораҳо дохил мешаванд, дар асоси қолаби исм феъли замони ҳозира сохта мешаванд: ошпаз, раҳнамо, моҳигир ва ғ. Хусусияти ин навъ калимаҳои мураккаб дар таркиби ибораҳои ифодакунандаи мақсади судури амал ба маъно ва робитаи байни ҷузъи тобеъ ва тобеъкунанда вобастааст. Одатан ин навъ калимаҳо дорои маънои нияти судури амал мебошанд: бозоррав (мақсади ба бозор рафтан), о р д г и р (мақсад, хоҳиши орд гирифтан); б ъ р и н ҷ х а р (мақсади биринҷ харидан) ва ғ.

Аз лаҳҷаҳои кӯлобӣ шакли феълии р а в ӣ (аз феъли рафтан) қайд шудааст, ки бо шакли тасрифии феъли ёвари в у д а н ба кор бурда мешавад: апа-м ба қишлоқ равӣ бъд-ъ неки рафта натунист; мъ бозор равӣ бъдъм (ш-қ., Ховалинг). Ин шакл ҳодисаи нодир аст.[73]

Сифати феълии замони ҳозира-оянда бо суффикси – а н д а ва феъли ҳоли замони ҳозира бо суффикси – о н дар шеваи ҷанубӣ, асосан, чун ҳиссаи номӣ ва гоҳо ҳамчун зарф ба кор бурда мешаванд:

Ҳамчун ҳиссаи номӣ: и саг гиранда набуд (ш-к., Ховалинг); баттара, зъwон йак дарси асосӣ хонандагон астай (ш-к., Сарихосор); гап да пору-ай, ба ойанда-ра пору-ш бъте-ш, соз мешава (ш-к., Ховалинг). Дар лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ калимаи р а в ъ н д а маънои раҳгузарро дорад.

Феъли ҳоли замони ҳозира бо суффикси – о н // – у н ба вазифаҳои зерин истифода мешавад: а) ҳамчун ҳиссаи номии феълҳои таркибӣ: гирйон кардан, гирондан: алоw-ъш-а гирйон кънъм? (ш-к., Ховалинг); гирйун шидан — гирьён шудан (ш-к., Ховалинг); мъ-ра раwон каст (Роғ. Офтобзамин); овезон кардан (бд), евзун кардан (к-ҳ.) равон кардан (бд., ш-к.); б) ҳамчун зарф: пурсон-пурсон ҷои Хуросон (зарбулмасал, бд., Нуд).

Шаклҳои мазкур таърихан сифати феълии бо суффикси – о н ва -анда сохташуда мебошанд, ки дар шеваи ҷанубӣ хосияти феълии худро гум карда, ҳамчун ҳиссаи номии нутқ истеъмол мешаванд. Онҳо дар забони асарҳои адабиёти классикии тоҷик ба ин вазифа ҳанӯз дар асрҳои X-XII соҳиб гашта буданд.[74]

Сифати феълии архаистӣ бо унсурҳои -т-д., ки аз шеваҳои мобайнӣ ва ҷануби шарқӣ ба қайд гирифта шудааст, барои системаи феъли шеваи ҷанубӣ, ҳарчанд ки аз лаҳҷаҳои қаротегинӣ ва ҷанубии Кӯлоб чанд мисол гирифта шудааст, хос нест.[75] Мисолҳо: мийон-ъм дард къна, мебъръм партофт-ъш (в-қ., Нӯшор); мийом мешинум баст-уш бърафт (қ., Майдон); қати мошин мебарем-у монд (ҷ-к., Ёл).

Дар ин мисолҳо шакли мазкур замониояндаро далолат мекунад.

## СОХТИ ФЕЪЛҲО

### ФЕЪЛҲОИ СОДДА

Дар шеваи ҷанубӣ ҳам, мисли забони адабӣ, феълҳои содда ба

[73] Аз ҷиҳати сохти ин навъ калимаҳо ақидае ҳам ҳаст, ки ҷузъи дуюми онҳо шакли кӯтоҳшудаи сифати феълии замони ҳозира мебошад: бозоррав / бозорраванда. Дар ин хусус ниг. ба саҳ.44-и ҳамин китоб

[74] Y R a z a r d. La Langue..., саҳ. 352: 254.

[75] В.С.Р а с т о р г у е в а. Опыт..., стр. 104.



воситаи суффикс ва префиксҳо сохта мешаванд.

**1.** С о х т и ф е ъ л ҳ о и с о д д а б о с у ф ф и к с. Чун дар забони адабӣ, дар шеваи ҷанубӣ низ дар сохтани феълҳои содда суффиксҳои и д ва –о н//–у н ба кор бурда мешаванд.

Суффикси – и д, ки моҳияти махсуси грамматикӣ надорад, ҳамчун воситаи суратдиҳандаи феълҳои содда хизмат мекунад. Феълҳои соддаи умумитоҷикии ф а ҳ м и д а н / фаҳмидан, т а л б и д а н / талабидан ё худ унсурҳои шевагии ха м б и д а н -фаромадан, з ъ қ и – д а н (аз зъқ + ид) (ғур-ғур кардан), нозу нуз кардан: ҷ о ғ и д а н (аз ҷоғ + ид) ҷеғ задан, к ъ т и д а н (аз кът-кът + ид) куфтан, задан ва ғ.[76] аз ҳамин қабиланд.

Чунон ки муҳаққиқон қайд кардаанд, дар заминаи асосҳое, ки таърихан бо форманти – д хотима меёфтаанд, бо суффикси – и д ҳанӯз дар забони форсии миёна силсилаи феълҳое ба вуҷуд омада, то имрӯз ниҳоят фаровон гаштаанд.[77]

Тадқиқи шеваи ҷанубӣ бори дигар тасдиқ менамояд, ки суффикси мазкур чӣ дар забони адабӣ ва чӣ дар лаҳҷаҳои имрӯзаи тоҷикӣ ҳамчун воситаи феълсоз сермаҳсул аст.

Суффикси – о н (–ун) баръакси – и д бештар моҳияти грамматикӣ дошта, ҳамчун дар забони адабӣ, дар шеваи ҷанубӣ низ, асосан, шаклҳои бевоситаи (каузативӣ) феъл месозад. Ҷолиби диққат аст, ки чунин шаклҳои бавоситаи феълӣ ба василаи суффикси мазкур чӣ аз феълҳои гузаранда ва чӣ аз феълҳои монда сохта мешаванд: ҷ у ш о н д а н, п у с ӯ н д а н, ш и н у д а н, х а м б у н д а н, х у н у н д а н, г ъ з а р у н д а н, г ъ р е з о н д а н, х о в у н д а н, п у ш о н д а н, х ъ р у н д а н, р е з у н д а н ва ғ. Дар ин бобат ҷиҳати хоси шеваи ҷанубӣ он аст, ки дар гурӯҳи лаҳҷаҳои қаротегинӣ ва вахиёй-қаротегинӣ дар баробари о н (–ун) ҳамчунин суффикси – о р о н//о р у н истифода мешавад. Аммо ин суффикс танҳо бо чанд феъл ба назар мерасад, ки онро ҳам бори аввал А.З.Розенфельд қайд кардааст.[78] а ф т о р у н д а н, ғ а л т о р у н д а н, х е з о р у н д а н, х а н д о р у н д а н, п е ч о р у н д а н, к а ф о р у н д а н, ш и н о р у н д а н (шинондан).

Дар зер намунаи мисолҳоеро меоварем, ки дар онҳо феълҳои бавосита бо суффиксҳои – о н (–ун) ва –о р о н зикр шудаанд: пага майлиси падар-ъ модарон-а мезгарунем (ш-к., Муллоқонӣ); ҳамуно-ра сейум гъзарундан (қ., Сайдон); писейн-а ховуни-ш хеле меҷора (в-қ., Ярхаб); дег -на меҷушондан (в-қ., Ҳоит); ина бачайи пешору-м-да ҳами-ра хунунум-ъш (в-қ.,Шилбидӣ); йа ҷумай палол доштем ша-

[76] Адади диалектизмҳои феълие, ки ба туфайли суффикси – и д сурат ёфтаанд, дар шеваи ҷанубӣ зиёд аст. Азбаски дар боби "Лексика" рӯйхати нисбатан мукаммал ва хусусиятҳои лексикӣ – семантикии онҳо дода шудааст (ниг. "Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ", ҷ. 1) мо бо зикри намунаи боло иктифо мекунем.

[77] В.С.Р а с т о р г у е в а. А.А.К е р и м о в а. Система..., стр. 9.

[78] Ниг. А.З.Р о з е н ф е л ь д. Говоры Каратегина, стр. 16.

–ра мепушондан мебърдан (в–қ., Ярхаб); занако–ра ай мошин меҳам–бонъм (ҷ–к., Учқул); мағаръм бари, уҷа йа қаравъл–а бъшиноні; та(к–ҳ., Ҷавонон); уно–ра гирезондан–ъш дар шахо (бд., Қрзидеҳ); тушколоқ–ъш гирондъм (ш–к., Қалъанак); борун мавизо–ра пусунд, Қалъара пусунд (ш–к., Шугнов); гуспан ғаронда исода бъд (ш–к., Қалъанак); бо (боз) менависоне, ҳоли каш–каш ангър хъре (к–ҳ., Ҳоҷиқатаған); мактав рафтам уфторунд–ъш (қ., Самсолиқ); йа дарза хасбеда–ра афтурундем (в–қ., Ярхаб); чодир дъ–та мекананд, мепечорунан (в–қ., Қалъаи Лабиоб); руйи зъмин ғелорундам–ъш (в–қ., Қалъаи Лабиоб); коре мекъна, ки меҳмоно–ра мехезоруне (в–қ., Нӯшор); гърг гъспанд–а мекафоруна (в–қ., Ҳоит).

Суффикси – о н (–ун) бо феъли н а в и ш т а н дар тамоми лаҳҷаҳҳои шеваи ҷанубӣ моҳияти каузативии худро гум мекунад. Чунончи: н а в и с о н д а м маънии "навиштам"–ро дорад, яъне шакл бавосита намояд ҳам, маъно ба фоили бевосита далолат мекунад. Мисолҳо: йак сод–на (дар як лаҳза) нависунді–ш (Роғ, Хӯҷағалтон); апа–м, бечора нависонда истодан (ш–к., Ховалинг); шаw хат нависундъм додар–ъм–да (в–қ., Ярхаб); ҳами вега ʕарза (ариза) нависундоуд–ку (қ., Каҳдара).

2. Бо префиксҳо сохта шудани феълҳои содда. Дар шеваи ҷанубӣ, ҳамчун дар забони адабӣ, чанде феълҳое мавҷуданд, ки ба тавассути префиксҳои маъмули умумитоҷикӣ, аз қабили дар (дър), бар (вар, wар), фар –(фър) ва ғайра сохта шудаанд. Аммо ин префиксҳо дар айни замон ниҳоят каммаҳсул буда, феълҳои мавҷуда осори калимасозии марҳилаҳои гузаштаи тараққиёти забонамон ба шумор меравад. Намунаи феълҳоеро меоварем, ки бо префиксҳои мазкур сурат бастаанд: дъромадан//дърумадан ∠ даромадан, дъровардан ∠ даровардан, даркашидан, дарафтидан, бъромадан, бъровардан, бархурдан // вархърдан//wархърдан, бардоштан//вардоштан, фаромадан//фърумадан ва ғайра.

Як қатор феълҳои дигаре мавҷуданд, ки унсурҳои аввали асосҳои онҳо ба префиксҳои таърихӣ мувофиқат менамоянд. Аммо дар айни замон чи дар забони адабӣ ва чи дар шеваи ҷанубӣ моҳияти префиксии он унсурҳо батамом барҳам хӯрдааст. Феълҳои зерин аз ҳамин қабиланд: омадан, навиштан, фармудан ва ғайра. 79.

Як ҷиҳати фарққунандаи шеваи ҷанубӣ аз забони адабӣ ва шеваи шимолӣ дар он аст, ки префиксҳои феълӣ гоҳо ба тарзи мухтасар истеъмол меёбанд. Чунончи, феълҳои б а р о в а р д а н, ва б а р о м а д а н дар баъзе лаҳҷаҳои доираи Кӯлоб дар шакли тасрифӣ кӯтоҳ мешаванд ва ба шакли р о в а р д а н ва м е р о й а м –мебароям кор фармуда мешаванд. Феъли а н д о х т а н дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ дар намуди д о х т а н истифода мешавад.

Ҳангоми ифодаи замонҳои ҳозира–оянда ва гузаштаи ҳикоятӣ (давомдор) префиксҳои калимасози феълӣ баъди префиксҳои шаклсоз истеъмол мешаванд, яъне аз асосҳо дур намеравaнд. Муқоиса кунед: м е р о й а м ∠ мебароям, б ъ б р о й а ∠ бибарояд; м е д ъ р о й а м ∠ медароям, н а м е д ъ р у м а д ъ м ∠ намедаромадам, н а м е ф ъ –

---

79 В.С.Р а с т о р г у е в а, А.А.К е р и м о в а. Система..., стр. 5.



р о м ∠ намефаром ва ғайра. Аммо префиксҳои б а р – ва д а р – – дар феълҳои б а р х у р д а н ва д а р к а ш и д а н бо префиксҳои шаклсоз ҷои худро иваз карда, як навъ мустақилии нисбии худро нигоҳ медоранд. Мисолҳоро муқоиса мекунем: ҳама–ра аждъҳор дар мекашид (ш–к., Токак); тухсабо–да вар намехърдъм (қ., Ҳакимӣ).

## ФЕЪЛҲОИ ТАРКИБӢ

### 1. Феълҳои таркибии номӣ

Дар шеваи ҷанубӣ, ба мисли забони адабӣ, феълҳои таркибӣ (мураккаб) хеле тараққӣ кардаанд. Сохт ва қолабҳои ташаккули ин қабил феълҳо монанди забони адабианд: онҳо, одатан, аз ҳиссаҳои номӣ (махсусан, исму сифатҳо) ва феъл сурат меёбанд. Ба сифати ҷузъҳои дуюми ин навъи феълҳо бештар феълҳои гузарандаи к а р д а н ва м о н д а н, ш и д а н ∠ шудан истифода мешаванд: д у р к а р – д а н (тамом кардан, ба анҷом расонидан), д у р ш у д а н (тамом шудан), д а й р о в к а р д а н (расидан), к о р а к а р д а н, д и л – й о в ш и д а н (ҷуръат кардан), б о р к а р д а н (пӯшондан), к ъ л к а р д а н (тамом кардан), к ъ л ш и д а н (тамом шудан), т ъ н ъ к к а р д а н (паҳн кардан), т ъ н ъ к ш и д а н пароканда шудан . Намунаи мисол: гандъм–а соф кардъм (Роғ, Хӯҷағалтон); и нақл–ъш кьл нашид (Роғ, Хӯҷағалтон); нъмат–а тънък–ъш къ (ш–к., Ховалинг) ва ғайра.

Ғайр аз ин, дар сохтани феълҳои таркибӣ боз феълҳои соддаи зерин истифода мешаванд.

1. д о д а н: ҷавоб додан, ғам додан, зеб додан, фър додан, нъшун//шун додан (нишон додан), сар додан, ф а н д д о д а н (фиреб кардан).

2. г ъ р и ф т а н: мазмун гърифтан (масхара кардан), ч ъ к а к г ъ р и ф т а н (об чакидан), оw г ъ р и ф т а н (ба даст об рехтан), хумор гирифтан, дард гърифтан, дъст гърифтан, чен гърифтан.

3. з а д а н: афтоw задан, сих задан, хам задан, хуфа задан, соwун задан, гум задан (гум кардан).

4. х у р д а н // х ъ р д а н: чанг хурдан, ʕъмр хърдан, ҷанҷол хурдан, дард хурдан, изо хурдан, бод хурдан хомуш мондан, ҳасус хурдан, лат хурдан.

5. д о ш т а н: дил доштан, дуст доштан.

6. д и д а н: шум дидан (бад дидан), зълм дидан.

7. к а ш и д а н: дил кашидан, ʕазоw кашидан, мъшақат кашидан, бод кашидан: дандум–ъм бод мекаша

8. б а с т а н: нонбастан, дил бастан.

9. й о ф т а н: дил йофтан, гудак йофтан (таваллуд кардан, зоидан).

10. д о х т а н (андохтан): караки дохтан (худро ба карӣ андохтан).

11. г а ш т а н: фър гаштан.

Байни забони адабӣ ва шеваи ҷанубӣ дар бобати истеъмоли феълҳои таркибии номӣ фарқҳо мушоҳида мешаванд: ин ё он феъли

таркибии забони адабӣ дар лаҳҷаҳои шеваи мазкур бо вариантҳо
истеъмол мешавад. Чунончи, дар баробари феъли д а р д   к а р д а н
дар аксари маҳалҳо таркибҳри д а р д   й о ф т а н   в а   д а р д   х ӯ р д а н
низ ба назар мерасанд. Ё худ феъли о б   г и р и ф т а н дар ҳолат-
ҳри муайян маънии " ба даст об рехтан" – ро ифода менамояд ва
ҳол он ки дар забони адабӣ ва шеваи шимолии тоҷикӣ таркиби маз-
кур бо маънии аслии худ ба кор бурда мешавад. 80 Мисли ҳамин
унсури умумихалқии умр дидан дар шеваи ҷанубӣ бо таркиби
(ʿу м р   х у р д а н) мувофиқат менамояд.

Ҷолиби диққат аст, ки ба сифати ҷузъҳои феълии феълҳои тар-
кибии номӣ дар шеваи ҷанубӣ асосан унсурҳри умумихалқӣ истифода
мешаванд. Диалектизмҳои феълӣ бо вуҷуди фаровонӣ ҳамчун компо-
ненти таркибҳри мазкур дучор наомаданд. Аз тарафи дигар, дар чу-
нин вазифа феъли н а м у д а н ба маънии "кардан", ки хоси нутқи
китобист, дар шеваи ҷанубӣ ба сифати компоненти феълҳои таркибии
номӣ қайд нашудааст.

Феълҳои к а р д а н   ва   ш у д а н моҳияти грамматикӣ – – ифодаи тобишҳои тарзро равшантар ифода менамоянд: агар феъли кардан маънии гузарандагиро нишон диҳад, ш у д а н дар ифодаи маънии монда истифода мешавад.

Ба сифати ҷузъҳри номии феълҳри таркибии номӣ ҳиссаҳои зерини нутқ омада метавонанд.

1. И с м ҳ о: а) исмҳре, ки номи амал ва ҳрлатро ифода менамоянд: роҳӣ кардан, кор кардан, сар//саро кардан (боло баромадан), пъдъст кардан, катагӣ кардан, ʿъмр хурдан, хов бурдан, мъхшул шидан, ʿезо кашидан ва ғайра ; б) исми предмет ва ашьёи конкрет: ош шудан, соғун задан, сар рафтан, сар задан (дамидан), тамба кардан, гъл кардан, чарм кардан, дуғ кашидан; в) номи ҳодисаҳои табиӣ: афтош задан, шамол хурдан, ҳаво кардан; 2) номҳои ифодакунандаи нидо: қев кардан, қъгър кардан; д) калимаҳои тасвирӣ ё тақлидӣ-овозӣ: дикак задан (сахт ларза кардан), қълапаст кардан (кафидан), кърупаст кардан, шараст кардан, фишаст кардан ва ғ.

Ба сифати ҷузъҳои номии феълҳри таркибии номӣ на фақат исмҳои содда, балки калимаҳои сохта низ истифода мешаванд: суффиксҳои гуногун, аз ҷумла – ӣ//-г ӣ ба калима васл гардида, тобишҳои мухталифи семантикиро ифода менамоянд.

Калимаҳри такрор ҳам чун ҷузъи номии феълҳои таркибӣ ба назар мерасанд. Чунончи: соб-соб кардан (палмосидан), фъс-фъс кардан, пичир-пичир кардан, теф-теф кардан, гърд-гърд гаштан, ҳай-ҳай кардан: бърен гъндъшко-ра ҳай-ҳай кънен (ш-к., Муллоконӣ) ва ғ.

2. С и ф а т ҳ о (ҳам аслӣ ва ҳам нисбӣ): съфед кардан, съфед шидан, зард шидан, сърх шидан, ката шудан, руст шудан, руст кардан, хънък хурдан, тар кардан, майда кардан, ръжд кардан, тоза кардан, пър шидан ва ғайра.

80 Ниг. Д.Т.Т а д ж и е в. Слово об "вода" в современном таджикском языке. Тр. Ин-та языкознания АН СССР, т. 1, 1952, стр. 126.



3. З а р ф ҳ о: ҳадаҳа кардан, қатӣ кардан ва ғайра.

4. Я к   с и л с и л а фразеологизмҳри феълие ҳастанд, ки ба воситаи пайвастшавии ҳиссаҳри номӣ ва пешоянду пасояндҳр ташаккул меёбанд: ба дъсти касе бъдан (дар никоҳи касе будан), дил-да алош уфтодан (аз хабаре ё чизе безобита гардидан), дил-да рафтан (пай бурдан, аз дил гузаштан) ва ғайра.

Ҳамчун ҷузъи якуми феълҳри таркибии номӣ асосҳои феълӣ (омъхт шудан, йофт шудан, буд кардан, партов кардан, соз кардан, гир кардан, гир шудан, дарйов кардан), феълҳои ҳрле, ки бо суффикси – о н//-у н сурат меёбанд (хандун кардан, гърезун кардан, пърсун, равон кардан) ва сифатҳри феълие, ки бо суффикси – а сохта мешаванд ( омъхта шидан) низ омада метавонанд.

Лекин дар чунин маврид онҳр хусусияти феълии худро гум карда, субстантивация мешаванд. Маҳз ҳамин ҳолат имконият фароҳам меоварад, ки онҳр ҳамчун ҷузъи номӣ бо феъл алоқа намоянд.

Дар шеваи ҷанубӣ феълҳри таркибие низ дучор меоянд, ки ҷузъи номиашонро калимаҳри русӣ ва русӣ-интернационалӣ ташкил медиҳанд: мешай (мешать) кардан (халал расондан), гулат (гулять) кардан (сайру гашт кардан), зъванит (звонить) кардан, перириф (перерыв) кардан (дам гирифтан), телифун (телефон) кардан ва ғайра.

Бояд гуфт, ки ба вазифаи ҷузъҳои якуми феълҳри таркибии номӣ ҳам калимаҳри умумихалқӣ ва ҳам хоси шева истифода шуда метавонанд, ки ба ин масъала дар боби "Лексика" диққати махсус дода шудааст. Дар ин ҷо аз он таркибҳри феълие, ки ҷузъи номиашон калимаҳри хоси шеваанд, намуна меоварем: дангал кардан, кънд кардан, фър гаштан, кълет кардан, ҷазирбод кардан, пех кардан, паропар шидан, хам задан, лағат кардан (феълҳре, ки дар ҳамаи лаҳҷаҳри шеваи ҷанубӣ дучор меоянд), қабул кардан (бд., Қозидеҳ), буш кашидан – як қулт нушидан (Роғ), къл шидан – тамом шудан (ҷ-к., Роғ), саро кардан – боло баромадан (ҷ-к., Роғ), қълог гърифтан – масхара кардан (Роғ) ва ғайра.

Дар аксари феълҳои таркибӣ як навъ мустақилияти ҷузъҳо мушоҳида мешавад. Таркибан ҷузъҳои номии ҳамаи феълҳре, ки моҳияти гузарандагӣ доранд, ҷонишинҳри энклитикӣ мегиранд: Соле ғамо тела-м дод (ғ-к., Деҳбул); дари чапар ҳуй-ай, тамба-ш къ (ғ-к., Даштимайдон); ғаш-ъм нате, ҳай-ъш къ; бърави, зиқ-ъмун мекъни (ш-к., Муллоконӣ).

Чунон, ки В.С.Р а с т о р г у е в а қайд мекунад, "аломатҳри махсуси морфологӣ қабул кардани ҷузъи номӣ аз мустақилияти унсурҳои таркибӣ ин қабил феълҳри мураккаб шаҳодат дода, алоқаи мутақобили онҳоро заиф мегардонад ва онҳоро ба ибораҳои озод наздик менамояд."81

Бо вуҷуди ин, яклухтии дохили чунин феълҳо умумияти маъно ва ваҳдати синтаксисии онҳоро таъмин менамояд. Онҳо чи тавре ки В.С.Р а с т о р г у е в а ишора кардааст, "як мафҳумро" ифода намуда, ҳамчун муодили воҳиди лексикӣ-калима ба назар мерасанд. Метавон боз илова кард, ки ваҳдати семантикӣ ва грамматикии феъл

81 В.С.Р а с т о р г у е в а, А.А.К е р и м о в а. Система.., стр. 24.

ҳои мураккаб ба қонуниятҳое асос меёбад, ки мувофиқи онҳо феълҳри
ҷудогона маънои лексикии худро хеле суст карда, вазифаҳои грам-
матикиро ба ҷо меоранд ва бо ҳиссаҳои номии муайянии нутқ роби-
таи мустаҳкам мепайванданд. Ин аст, ки дар мавридҳои ҷудогона
ин ё он таркиби феълӣ маънои духӯра пайдо мекунад ва муайян на-
мудани тафовути ибораи озод аз феъли таркибие, ки характери фразе-
ологӣ дорад, танҳо ба воситаи матн имконнопазир мегардад, чунон-
чи: ба замин ош додан ё ба асп-а ош наметен? (ш-к., Мӯминобод).
Ҷи аз рӯи сохт ва чи аз бобати истеъмол феълҳои таркибии
номии шеваи ҷанубӣ мисли забони адабист. Тафовут, асосан, дар мав-
ридҳои зерин мушоҳида мешавад: а) ба сифати ҷузъҳои номии феъл-
ҳои таркибӣ калимаҳои хоси шева зиёд истифода мешаванд: б) баъзе
феълҳои таркибии номие, ки дар таркиби худ воҳидҳои лексикӣ-мор-
фологии якхела доранд, аз бобати ифодаи маъно дар лаҳҷа ва забо-
ни адабӣ фарқ мекунанд. Дур шудан дар забони адабӣ "ҷудо
шудан" - ро ифода намояд, дар лаҳҷа ғайр аз ин маънии "тамом шу-
дан" - ро дорост, ё худ: тайор кардан дар адабӣ " тайёр
кардан", дар лаҳҷа "тамом кардан", халос кардан дар адабӣ
"халос кардан", дар лаҳҷа "ба охир (итмом) расондан" ва ғайра;
в) феълҳои таркибии номие, ки ҷузъҳои якумашон аз асосҳри феълӣ,
сифати феълӣ, феълҳои ҳоли ба исмбаргашта иборатанд, дар лаҳҷаи
мазкур нисбат ба забони адабӣ серистеъмол мебошанд. Чунончи:
пурсон кардан, дав омадан, дар гърез шудан, дав хурдан, дав додан
ва ғайра.

Ниҳоят, яке аз фарқҳои намоёни грамматикии феълҳои тарки-
бии лаҳҷа аз забони адабӣ дар он аст, ки ҳангоми истеъмол ҷузъ-
ҳри номии онҳо чунон ки дар боло ишора шуд, ҷонишинҳои энк-
литикӣ қабул карда метавонанд.

## 2. Феълҳои таркибии феълӣ

Феълҳои таркибии феълӣ, ки одатан, аз ду феъл - асосӣ ва ёридиҳанда (модификатор) сурат меёбанд, дар шеваи ҷанубӣ ҳам мавқеъ доранд. Аммо дараҷаи истеъмоли онҳо дар нутқи намояндагони лаҳҷаҳри шеваи мазкур мисли шеваи шимолӣ ё забони адабӣ нест. Зиёда аз ин, интишори феълҳои таркибии феълӣ дар доираи гурӯҳҳри алоҳидаи шеваи ҷанубӣ ҳам фарқ дорад. Нуқтаҳри нисбатан бештар паҳншудаи онҳо лаҳҷаҳои Кӯлоб ва Қаротегин мебошанд. Дар лаҳҷаи Роғ истеъмоли онҳо ниҳоят маҳдуд буда, дар гурӯҳи бадахшонӣ умуман дучор намешаванд.

Характеристикаи ҳарҷонибаи феълҳои таркибии феълӣ дар заминаи материали забони адабӣ дар асарҳри махсусе, ки тадқиқи системаи феъли забони адабии тоҷикро дар бар мегиранд, дода шудааст.[82]

[82] В.С.Расторгуева, А.А.Керимова. Система..., стр. 211-288; инчунин: В.С.Расторгуева. Краткий очерк грамматики таджикского языка. Таджикско-русский словарь. М., 1954, стр. 562-563: А.З.Розенфельд. Материалы к исследованию сложно-составных глаголов в современном таджикском литературном языке. Сталинабад, 1953; Забони адабии ҳрзираи тоҷик, қ. 1, саҳ. 322-324.



Натиҷаи мушоҳидаҳои феълҳои таркибии феълии лаҳҷаҳо бошад, бо дараҷаҳри гуногун дар асарҳои лаҳҷашиносӣ зикр ёфтааст. Маълумоти нисбатан мукаммалро доир ба ин категорияҳои калимаҳр, махсусан, аз рисолаҳое, ки ба таҳқиқи лаҳҷаҳои шеваи шимолӣ (аз ҷумла, ҷанубии Фарғона, Ленинободу Конибодом, Варзоб, Бухоро, Бойсун, Ҳардурӣ), мобайнӣ ва арабҳои тоҷикзабон, ки феълҳри мазкур дар онҳо хеле интишор ёфтаанд, пайдо кардан мумкин аст.[83]

Дар асарҳои чопшудаи диалектологӣ муқаррар карда шудааст, ки феълҳри таркибии феълӣ мафҳуми ягонаро ифода намуда, аз рӯи тарзи пайвандшавии ҷузъҳряшон ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо мешаванд. Ба гурӯҳи аввал феълҳре дохил мешаванд, ки дар таркиби онҳр феъли асосӣ дар шакли феъли ҳрл (сифати феълӣ) омада, ҷузъи ёридиҳандаҳо (модификатор) тасриф меёбанд. Ба гурӯҳи дуюм бошад, феълҳои таркибие тааллуқ доранд, ки ҳар ду унсури таркиби онҳр дар шакли тасрифӣ меоянд. Ҷузъҳои ин қабил феълҳо гоҳр бо пайвандаки - у алоқаманд мешаванд. Феълҳои таркибии феълии гурӯҳи дуюмро дар адабиёти илмӣ "феълҳри ҷуфт" низ номидаанд.

Аз рӯи муносибати ҷузъҳр феълҳои таркибии гурӯҳи якум (баромада рафт, хонда дод) ҳамчун воҳидҳои нисбатан рехтаи лексикӣ ба назар мерасанд. Дар ин қабил феълҳо маъноҳои лексикии ҷузъҳои дуюм назар ба тобишҳои ёридиҳандагии онҳо заифтар буда, дар баъзе мавридҳо, ҳатто, қариб ҳис карда намешаванд. Дар феълҳри таркибии гурӯҳи дуюм (феълҳои ҷуфт) бошад, пайванди ҷузъҳо чандон қавӣ нест.

Муҳаққиқ Ғ.Ҷӯраев, ба фикри мо, дуруст қайд мекунад, ки феълҳои таркибии гурӯҳи якум /навъи "хеста меравам"/ бо як задаи умумӣ истеъмол мешаванд ва ҳрл он ки дар феълҳри гурӯҳи дуюм (хестам рафтам) ҳар як ҷузъ ба сари худ задаи мустақил дорад.[84] Ба ин метавон илова кард, ки вобаста ба маънои феълҳр яке аз онҳо семантикаи дигарро на фақат бо тобишҳои модалӣ пурра мекунад, балки онро таъкид ва пурзӯр менамояд, ки ин ҳам, зотан, хусусияти таъсирбахши чунин таркибҳрро зиёдтар мегардонад. Фарқи услубӣ, хосияти истеъмолӣ ва маънои ин ду навъи феълҳо дар мақолаи А.А.Каримова батафсил таҳлил шудааст.[85]

[83] В.С.Расторгуева. Очерки..., вып. 1, стр. 110-116; вып. 2, стр. 162-167; вып. 3, стр. 24-97; вып. 4, стр. 43, 165; А.А.Керимова. Говор таджиков Бухары. М., 1959, стр. 48-51; Х.Ҳамроқулов. Шеваҳои тоҷикони райони Бойсун. Душанбе, 1963, саҳ. 98-105; М.Эшниёзов. Шеваи ҳардурӣ. Душанбе, 1967, саҳ. 76-77; А.Л.Хромов. Говоры таджиков Матчинского района. Душанбе, 1962, саҳ. 65-66: Ғафор Ҷӯраев. Лаҳҷаҳри арабҳри тоҷикзабон. Душанбе, 1975, саҳ. 113-118. Минбаъд: Ғаффор Ҷӯраев. Лаҳҷаҳои арабҳри тоҷикзабон...:, Ҷамолхон Мурватов. Шеваҳои тоҷикони атрофи Андиҷон. Душанбе, 1974, стр. 88-90.

[84] Ғаффор Ҷӯраев. Лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабон, саҳ. 117.

[85] А.А.Керимова. О парных глаголах в таджикском языке. Маҷм. Масъалаҳри забоншиносӣ. Душанбе, 1975, саҳ. 32-41.

Ба назари мо чунин мерасад, ки зуҳурот ва интишори феъл-ҳои таркибии феълӣ дар шеваи ҷанубӣ, пеш аз ҳама, натиҷаи таъсири забони адабӣ ва алоқаи байни шеваҳост.

Дар материалҳои мо ҳам феълҳои таркибии навъи якум (феъли-ҳолӣ) ва ҳам навъи дуюм (ҷуфт) ҳастанд. Бо вуҷуди ин, шумораи феълҳои ҷуфт бештар аст. Аз ҷумла, феълҳои зерин ба сифати ёриди-ҳанда ба назар расиданд: рафтан, омадан, гирифтан, додан, барома-дан, гаштан, шиштан, партофтан ва истодан, ки ҳамагӣ нӯҳтоанд (Дар забони адабӣ шумораи феълҳои ёридиҳанда ба 15, дар шеваи шимолӣ, махсусан дар лаҳҷаи Бухоро то 21 мерасад.)[86] Вале дара-ҷаи истеъмол ва интишори феълҳои мазкур дар лаҳҷаҳои алоҳидаи ше-ваи ҷанубӣ якранг нест. Дар ҳамаи лаҳҷаҳои Кӯлоб ва Қаротегин дар вазифаи модификатори зиёдтар феълҳои рафтан ва омадан исти-фода мешаванд: феъли шиштан ҳамчун ёридиҳанда дар як ҷумла фа-қат дар Қаротегин дучор омад. Феъли баромадан ҳамчунин дар лаҳ-ҷаи Файзобод қайд шудааст.

Дар материалҳои мо мисолҳо бо феълҳои мазкур чандон фаро-вон нестанд, ки ин ҳам аз доираи нисбатан маҳдуди истеъмоли онҳо дар шеваи ҷанубӣ шаҳодат медиҳад. Бештари мисолҳо ба феъл-ҳои рафтан ва омадан тааллуқ доранд.

Феълҳои ҷуфт беш аз пеш бо шаклҳои соддаи феълӣ вомехӯ-ранд. Истеъмоли онҳо бо шаклҳои таркибӣ дар сурате имконнопазир мегардад, ки он шаклҳо бо тақозои қонунҳои нутқи шевагӣ ихтисор ёфта, ба шакли содда мубаддал гашта бошанд. Ба ин тариқ: 1) бо шаклҳои сиғаи амрӣ: ҳамийо-ра ғънд-ъш бъкъ бъги (қ., Ғофилобод); 2) шакли замони гузаштаи содда: алоw-ъш мурд рафт (ш-к., Мӯми-нобод); 3) бо перфекти якум: ҳаму руз гърехтас бърафтас (в-қ., Нӯ-шор); 4) бо замони ҳозира-оянда: дил-ъш бъхоҳа мегъра мерава (ш-к., Хонақо); 5) дар шакли аорист: йагун гапи носоз нагем, ки бънависи бъгири (қ., Ғофилобод); в) дар шакли замони гузаштаи давомдор: ҳар мо бистангайи мийовард, мехърд мегашт (қ., Ғофило-бод). Истеъмоли феълҳои ҷуфтро ҳамчунин бо шакли сифати феълие, ки бо суффикси - г и сурат меёбад, мушоҳида кардан мумкин аст: дъ сат метир шъх деw даги-ай (даридаги) рафтаги-ай (к., Хилмони).

Модификаторҳо чи дар таркиби феълҳои ҷуфт ва чи дар феъл-ҳои таркибии навъи феълиҳолӣ (мърда рафт), ҳамчун дар забони ада-бӣ моҳияти ягонаро ифода менамоянд, Бо вуҷуди ин, ҳатто серистеъ-молтарин феълҳои модификатор ҳам дар лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ ҳамаи он тобишҳои семантикиеро, ки дар забони адабӣ зоҳир карда мета-вонанд, доро намебошанд.

Феълҳои ёридиҳанда (модификатор) дар лаҳҷаҳои шеваи тадқиқ-шаванда вобаста ба семантикаи феъли асосӣ дар баъзе мавридҳо мо-ҳияти асосии худро нигоҳ доранд, дар мавридҳои дигар маъноҳои лексикии онҳо ба дараҷае суст мешавад, ки дар натиҷа фақат барои ифодаи вазифаҳои грамматикӣ истифода мешаванд. Одатан, маънои лексикии феълҳои ёридиҳанда ҳамон вақт бештар зоҳир мешавад, ки агар он бо семантикаи феъли асосӣ қаробате дошта бошад. Чунончи:

---

86 В.С.Расторгуева, А.А.Керимова. Система..., стр. 212; А.А.Керимова. Говор таджиков Бухары, стр. 48.



кучид бърафт (в-қ., Ҳиҷборак). Дар ин ҷумла, чи феъли асосии кучи-дан ва чи ёридиҳандаи рафтан ҳаракатро ифода менамоянд, бинобар он семантикаи феъли рафтан равшан падидор мегардад. Дар ҷумлаи мушойи мо мурдан рафтан" (ҷ-к., Саричашма) феъли рафтан мо-ҳияти ёридиҳандагӣ пайдо карда, ба феъли асосӣ тобишҳои намудии интиҳо ва қатъият мебахшад.

Дар шеваи ҷанубӣ чунин феълҳои ёридиҳанда бо тобишҳои гу-ногуни семантикӣ-грамматикӣ бештар истеъмол мешаванд: рафтан а) бо феълҳои ифодакунандаи ҳаракат тобиши дуршавиро нишон ме-диҳад: дигар бъромаан бърафтан (қ., Ҳакимӣ); йак руз омаа бърафт (қ., Шуле); и лата-м зааст бърафтаст, ай сар-ъм (қ., Ғорвоғ); йа зан-ъм мълоҷир шид бурафт (қ., Хилмонӣ); Душанбе мекучам ме-рам (к-ҳ., Файзобод); б) инкишофи амал ва тазоҳури оқибати онро нишон медиҳад: ҳамтари шъдаги бърафтем (ш-к., Мӯминобод); в) бо феълҳои ифодакунандаи фавт, маънии қатъиятро таъкид менамояд: мушо мурдан рафтан (ҷ-к., Саричашма).

Дар деҳаи Хумдон (гурӯҳи Қаротегин) феъли таркибии номии "соф шудан" дар мавридҳои ҷудогона ҳамчун ёридиҳанда ба назар ра-сид, ки аз рӯи ифодаи тобишҳои намудӣ ба рафтан хеле наздик аст: мурдай соф шидай (қ., Хумдон); ҳами йалмора вардоштан соф кардий-ан (қ., Хумдон).

Омадан наздик шудани амалро бо тобиши натиҷа ифода мена-моянд: дидъм-ъш бо хамбида омад (ш-к., Ховалинг); бадав мерай мӯсъфедо-ра мегуй меой (ш-к., Мӯминобод); хестум, саг-а рагири, ки шълопас зад омад (ҷ-к., Учқул); ҳаминҷа мекучи меои? (ғ-к., Балҷувон).

Феълҳои боқимондаи ёридиҳанда дар мисолҳои на чандон зиёд дучор омада, асосан, як маъноро ифода менамоянд.

Аз ҷумла:

Гирифтан амалеро далолат менамояд, ки барои манфиати худ содир шудааст: одамой шар омада лъғат каа мегърифтийан (қ., Хил-монӣ); йагон гапи носоз нагем, ки бънависи бъгири (қ., Ғофилобод);

Додан амалеро нишон медиҳад, ки барои касе ё чизе содир ме-шавад: чи хел боша, мепушун-ъм метъм (в-қ., Ҳоит);

(гаштан) ба амал тобиши бардавомӣ мебахшад: тъ чи кор кар-дай гаштай (ғ-к., Деҳбул); оли-йам сариштайи ҳами-ра ма карда гаштийам (қ., Файзобод).

(истодан) низ давомнокии амалро мефаҳмонад: уво-ра дъwо карда бестъм? кор-а мекъна? (ғ-к., Саталмуш); намешини, ма чапо-ти карда меистам (ш-к., Мӯминобод); то омадани мойа уwо хурда меистодан (ш-к., Ғарғи Боло);

(баромадан) яккаратии амали ба итмомрасандаро нишон меди-ҳад: хай, ма ҳами идора дъвида бъром-ъ ба (баъд) равъм (к-ҳ., Файзобод);

(партофтан) ҳамчунин маънои лексикии худро нигоҳ дошта, ба амал тобиши ҷудошавӣ медиҳад: чан сол бунго-ра канда партоф-тай (қ., Хилмонӣ); сапат-а мебара мепартойа (қ., Ғофилобод);

(шиштан) дар як ҷумла ба маънии барқарор ва ҷоришавӣ (аз хусуси об) омадааст: ош дайро умааст шиштаст (қ., Шуле). Дар ҷум-лаи мазкур мо ба ҳодисаи гузаранда бармехурем, зеро феъли дуюм-

ро ҳамчун феъли мустақил маънидод кардан мумкин аст.

Дар хотима бори дигар метавон таъкид кард, ки феълҳои таркибии феълӣ дар шеваи ҷанубӣ нисбатан камистеъмоланд. Ба ин маҳдудии мисолҳо ва шумораи ками модификаторҳо низ шаҳодат медиҳад. Дар баробари ин гуфтан воҷиб аст, ки феълҳои таркибии навъи мазкур дар шеваи ҷанубӣ беш аз пеш тараққӣ карда, паҳн мешаванд.

Ин ҳодиса на фақат бо таъсири омили хориҷӣ (берунӣ), балки омили дохилии хоси худи лаҳҷаҳри шеваи ҷанубӣ низ алоқаманд аст. Масалан, дар шеваи ҷанубӣ ҷумлаҳои содда бо хабарҳои феълии ҷида бисьёр дучор меоянд, ки ба андешаи мо, маҳз онҳо метавонанд, яке аз роҳҳои такомули феълҳои таркибӣ гарданд: дар онҳо яке аз феълҳо тадриҷан характери модификаторӣ пайдо карда метавонад: гуҷо мерай? бъши, бъги бъхър (к-ҳ., Файзобод); шъмо камтар бестен, ма и шир-а ҳами мардак-да бътум бъйом (ш-к., Ховалинг); тавақи калуни мъ-ра бъйор бъте-м (ш-к., Дараи мирӣ): ҳавли́-ра, Ҷамол, хе бъра, бъру (ш-к., Ховалинг).

## З А Р Ф

Зарф дар шеваи ҷанубӣ аз забони адабӣ ва шеваҳри гурӯҳи дигар бо хусусиятҳои хос, аз ҷумла истеъмоли баъзе калимаҳои махсуси шеваи ҷанубӣ, ихтисори ину он калима ва тағьироти фонетикӣ дар таркиби калимаҳри алоҳида фарқ мекунад. Зарф дар шеваи ҷанубӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад:

а) Зарфҳое, ки ҳам ба забони адабӣ ва ҳам ба шеваи мазкур хос мебошанд: фардо, дина, кам-кам ва мисли инҳо.

б) Зарфҳое, ки танҳо хоси лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ мебошанд: аловуна, угам, лахта//йа лахта – лаҳза (як лаҳза) ва ғайра: е, йа лахта бъши́ (в-қ., Куглик).

## КАЛИМАСОЗИИ ЗАРФ

Дар шеваи ҷанубӣ мисли забони адабӣ ду роҳи морфологии калимасозии зарф мавҷуд мебошад: а) роҳи аффиксация; б) роҳи пайвасти решаву асосҳо. Ҳамчунин зарф бо роҳи лексикию семантикӣ низ сохта мешавад: в) бо роҳи такрор.

Бо роҳи аффиксация сохта шудани зарфҳо.

Суффиксҳри зарфсоз. Дар асарҳои таҳқиқотие, ки ба шеваи ҷанубӣ бахшида шудаанд, дар хусуси суффиксҳои зарфсоз маълумоти хеле кам дода шудааст. Баъзе аз муаллифон дар ин бора тамоман хомӯш мондаанд ва ҳол он ки хизмати суффиксҳо дар сохтани зарфҳо калон аст. Бинобар ин, мо лозим донистем, ки ҳамаи суффиксҳои зарфсозро бо вариантҳои фонетикиашон аз рӯи материали мавҷуд ба тафсил қайд кунем.

1. Суффикси – а н: . Ин суффикс, чун дар забони адабӣ , бо исм, сифат ва дигар ҳиссаҳри нутқ омада , зарфҳри тарзи амал, миқдору дараҷа, замон ва сабабу мақсад месозад:

а) З а р ф ҳ о и т а р з и а м а л: зураки, ҷавран, тасодуфан, ҳақиқатан: ҷавран ройи́ кардан мо-ра (қ., Самсолиқ)

б) З а р ф ҳ о и м и қ д о р у д а р а ҷ а: тамоман, ҳайотан, қисман: агар хунай Шерали́ мерафт, ҳайотан (тамоман) дъга хунай



Латиф на́меравъм (ҷ-к., Ёл); қисман ҳами калима-ра меган (в-қ., Пилдон).

в) З а р ф ҳ о и з а м о н: баъзан, фавран.

г) З а р ф ҳ о и м а қ с а д: домовойкиничка-ра қастан ҳабиб бърда бъд (ғ-к., Давлатшоён).

д) м и қ д о р: аҳйунан намунда бошанд, мард намунда бъд (ш-к., Шехмизон).

Суффикси – а к и́.[1] Ин суффикс дар шеваи ҷанубӣ назар ба забони адабӣ серистеъмол буда, монанди суффикси – а н барои тамоми лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ, умумӣ мебошад.

2. Суффикси – а к и аз исм, сифат ва зарф зарфҳои гуногун месозад:

а) а з и с м ҳ о з а р ф и т а р з и а м а л м е с о з а д (дар ҳамаи маҳалҳо): сангчъл-а дастаки́ чиндем (в-қ., Тавилдара); йа бачайи қълъмсък бъдай, чапаки́ менависа (ш-к., Даштиҷум); ай пеши хъд-ъш даанаки́ шеър мебофа, вала (к-ҳ., Мағмуруд); бо (боз) шикамаки́ метоза (ш-к., Хонақо); бо (боз) мегърехт-ъм санговаки́ меомадъм (ш-к., Дараи Турбат);

б) а з с и ф а т з а р ф и т а р з и а м а л м е с о з а д: мейойа чъхтаки нун мехъра, бо (боз) мерава (ш-к., Пушьёни Миёна); ба дара ростаки́ (рост) мере, ита реб (уреб) мере (қ., Сангисурх); мо-ра ба зураки́ пул додан, охи (ш-к., Коррез).

Дар забоншиносии тоҷик тадқиқотчиён, аз ҷумла академик Б. Ниёзмуҳаммадов[2] вазифаи ҳолии баъзе калимаҳо, аз ҷумла калимаҳри аспаки́, хараки́ ва мисли инҳоро, ба назар гирифта, онҳоро ба гурӯҳи зарф дохил кардаанд. Вале дар баъзе тадқиқотҳри солҳои охир ин гуна калимаҳо ҳамчун воҳидҳои ба исм гузаранда маънидод шуда истодаанд. Аз ҷумла , яке аз тадқиқотчиёни зарф И.Исмоилов қайд мекунад, ки "калимаҳри аспаки́, хараки́ аслан ҳамчун зарф сохта шуда бошанд ҳам, ба исм гузашта истодаанд."[3]

Ба назари мо, ин мулоҳизаи И.Исмоилов ду нуқсон дорад. Аввалан, калимаҳои типи аспаки́, хараки́ аслан на ҳамчун зарф, балки ҳамчун сифат сохта шудаанд: одами аспаки́, муйсафеди хараки́. Онҳо бо мурури вақт субстантивация шуда, дар вазифаи исм низ истифода мешудагӣ шудаанд: хараки́ омад//хараки́ҳо омаданд: аспаки́ омад// аспакиҳо омаданд.

Сониян , вазифаи ҳолии ин калимаҳоро бо маънои аслиаш як шумоидан ғалат аст. Дар ин ҳолат калимаҳри мазкур ба ҳамдигар омоним мебошанд: хараки́ (одами хараки́) омад; Қодир хараки́ (ё худ харсавор) омад. Дар ҷумлаи аввал хараки́ исм ва дар ҷумлаи

---

[1] Суффикси – а к и́ дар байни сифату зарф муштарак буда, хусусияти сифатсозии он бештар аст. Аз ин рӯ, берун аз ҷумла баъзан муайян кардан мушкил аст, ки он сифат сохтааст ё зарф. Мулоҳиза фармоед: одами аспаки́, аспаки́ ума.

[2] Б. Н и ё з м у ҳ а м м а д о в. Дар бораи зарф. Журн. "Мактаби советӣ", 1969, № 4, саҳ. 11. Инчунин: Забони адабии ҳозираи тоҷик, к. 1, саҳ. 349.

[3] И.И с м о и л о в. Зарф дар забони адабии ҳозираи тоҷик. Душанбе, Ирфон, 1971, саҳ. 41 Минбаъд: И.И с м о и л о в. Зарф...

дуюм вай зарф буда, феълро шарҳ медиҳад.

Калимаҳои хараки ва аспаки дар ҳамаи лаҳҷаҳо дар вазифаи ҳолӣ серистеъмол мебошанд: у Раҳматҷо хараки омаа бъд (ғ-к., Човроғи Боло); дъравидагӣ дорем, хараки мейорем (ш-к., Ғеш); у ҷойи мо-да аспаки мерафт (к-ҷ., Девонабегӣ).

Умуман, зарфҳое, ки бо суффикси - а к и сохта шудаанд, ҳанӯз хусусияти номии худро комилан гум накардаанд. Аз ин рӯ, "онҳо баъзан бо исмҳои ифодакунандаи номи амалу процесс дар таркиби изофӣ низ меоянд".[4] кори пешаки//пешаки ума, кори руйаки// руйаки медуна.

Суффикси - о н а. Ин суффикс дар шеваи ҷанубӣ камистеъмол буда, дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ, ғарбии Кӯлоб ва вахиёӣ-қаротегинӣ аз исму сифат зарф месозад: шаwона (ғ-к., Кангурт); дилпърона (ҷ-к., Ёл); одам бойад, ки дойим мастона бъгарда (в-қ., Нимич).

Суффикси - о. Ин суффикс камистеъмол буда, танҳо дар ду калима дучор омад: асло, хело. Зарфи асло синоними ҳаргиз буда, бо феълҳои инкорӣ меояд ва инкорро таъкид менамояд. Калимаи хело синоними бисьёр буда, миқдору дараҷаро ифода мекунад: асло нағз намебина (дар ҳамаи маҳалҳо); ака-м хело нағз мехона (к-ҷ., Ҷонварсӯз).

Суффикси - и н а. Ин суффикс аслан суффикси сифатсоз бошад ҳам, гоҳо дар сохтани зарф низ иштирок мекунад: хунай торина мерай (ш-к., Муллоконӣ).

ПРЕФИКСҲОИ ЗАРФСОЗ. Дар шеваи ҷанубӣ мувофиқи материали мо префиксҳои зерини зарфсоз дучор омаданд: бе-, ба-//wа-, но-, бар-,[5] ам//ҳам. Ин префиксҳо ба ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ хос буда, аз онҳо махсусан, доираи истеъмоли префиксҳои бе-, ба-, ва но - васеъ аст. Варианти wа - фақат хоси лаҳҷаҳои Қаротегин ва вахиёӣ-қаротегинӣ мебошад.

Префикси -бе-: а) а з и с м з а р ф и т а р з и а м а л с о х т а а с т: бемалол, бегап (дар ҳамаи маҳалҳо): ака-м куча-да бемалол рафта истай, ай пеш-ум саг бърмадай (к-ҷ., Дуоба);

б) з а р ф ҳ о и м и қ д о р у а н д о з а м е с о з а д: беҳад, бедарак, беандоза, бешумор ва ғайра: шер-а бедарак медона (ғ-к., Обиширин); мавлиҷун бедарак бастай (ш-к., Хонақо);

в) з а р ф ҳ о и с а б а б в а м а қ с а д м е с о з а д: бесабаб, беҷо: беҷо ай кор дер кард, райис хафа шид (к-ҷ., Файзобод).

Префикси ба-//wа - аз сифату асоси замони ҳозираи феъл зарфи тарзи амал месозад: а) ба-: бадав мерай , мусафедо-ра мегуй мийой (ш-к., Мӯминобод); ба мактаб-а базур бърдан (қ., Самсолиқ); б) wа: ва и раҳ хар wазур мерафт (в-қ., Сасиқбулоқ); търос қати гъзаштай wазур(в-қ., Сарикенҷа).

Префикси - но- аз асоси феъли замони гузашта зарфи тарзи амал месозад: нохост рафтъм, ки омадудай (қ., Пору); б) бо калимаҳои гуногун омада, зарфи сабаб месозад: ноилоҷ, ночор.

---

4 И.И с м о и л о в. Зарф..., саҳ. 41.

5 Ин префиксҳо танҳо хоси зарфҳо набуда, дар сохтани сифатҳо низ иштирок мекунанд.



Префикси бар - аз исм зарфи замон месозад: барвах рафтъм, аз руйе ки къртао-м дарзмол кардаги (қ., Кабутиён).

## ЗАРФҲОИ МУРАККАБ ВА ТАРКИБӢ

Зарфҳои мураккаб дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ дар асоси қолибҳои маъмул ва машҳури калимасозии анъанавӣ ба вуҷуд меоянд. Чунончи: 1) бо роҳи бевосита бо ҳам васл кардани композитҳо (асосҳо); 2) бо роҳи дар байни ду реша гузоштани воситаҳои пайвандкунандаи о, ъ, у,; 3) бо роҳи такрор.

Бо роҳи композиция. Бо ин роҳ ҳиссаҳои гуногуни нутқ (исм, сифат, ҷонишинҳо ва аҳьёнан зарфҳо) бевосита ба ҳам ҳамроҳ шуда, зарфҳои мураккаби ифодакунандаи замон, макон ва тарзи амалро ташкил медиҳанд: сарпойун (сар+поён); пешвахт (пеш+вақт); пешперер (пеш+парер); даставал (даст+аввал); йапаҳлу (як+паҳлу), динашаw (дина+шаб); порсол, руболо, калапо, чапасар ва ғайра. Мисолҳо: мо-йа чапасар гардундан (в-қ., Тавилдара); мо калапо мерем ба сентир мерем, пъл мегърем (в-қ., Оқсой); пеш перерсол умадод, имсол наомад (қ., Кабудиён); даставал да ройе, ки пъкъмат дърумад, тъхм ҷамъ кардан, угам ширкат умад (в-қ., Нӯшор); бадбора йаг чъл хуна бъд; бадбора Кишт алоҳида ҳисоw мехърд (ш-к., Кишт); пешвахт ра буд (в-қ, Нӯшор).

Бо ёрии воситаҳои пайвандкунанда: бо ин роҳ аҳьёнан ду калимаи мансуб ба ҳиссаи нутқи алоҳида бо ҳам пайваст шуда, зарфи мураккабро ташкил медиҳанд. Вале дар шеваи ҷанубӣ зарфҳои бо ин роҳ сохташуда, миқдоран кам мебошанд.

а) Бо инфикси - о- сохта шудани зарфҳо. Ин гуна зарфҳо бештар аз такрори сифат ва исмҳо сохта шудаанд: късалокъсал, шаwошаw, пешопеш: дъхтари қори-ра късалокъсал туй-ъш кааст (в-қ., Майдонтерак); мън пешопеш бърмадъм (в-қ., Ёзганд):

б) Зарфҳое, ки ба воситаи инфикси -ъ//-у- сохта шудаанд: камугуша (камубеш) асал доръм (қ., Самсолиқ); ай гъҷо ита чъхтъчилинг умади (ш-к., Ховалинг); сардоро ҳар дъ-ш-ба камътун додан (ш-к., Наврӯҳо).

Ғайр аз ин дар сохтани зарфҳои мураккаб, кам бошад, ҳам инфикси -бъ- низ истифода мешавад: раҳбарост (рост) рафтъм-у халифа лингча карда додъм (ш-к., Момандиён).

Бо роҳи такрор дар шеваи ҷанубӣ бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ хусусан аз исму сифат, ташкил ёфтани зарфҳои мураккаб сермаҳсул мебошад. Аз ин ҷиҳат низ зарф дар ин шева аз забони адабӣ фарқ мекунад. Дар забони адабӣ се намуди бо роҳи такрор сохта шудани зарфҳои мураккаб қайд гардидааст.[6] Мушоҳида нишон медиҳад, ки ин усул дар шеваи ҷанубӣ ду навъ дорад:

а) такрори бевосита, ки дар он алоқаи байни ҷузъҳо бе иштироки ягон воситаи грамматикӣ сурат мегирад: секин-секин, кам-кам, майда-майда, чақон-чақон (тез-тез) ва ғайра.

б) такрор бо пешояндҳо: руз ай руз, йаг ба йаг, кам дар кам

---

6 И.И с м о и л о в. Роҳҳои ташкили зарфҳои мураккаб. Уч. зап. Т. 2 (вып. У1), Кулябский госпединститут им. Рудаки. Куляб, 1969, стр. 12.

ва ғайра.

Дар калимасозии зарф такрори бевосита роҳи нисбатан сермаҳсул мебошад. Бо ин роҳ аз исм, сифат, шумора, ҷонишин, зарф, феъли ҳол, зарфҳои мураккаб сохта мешавад, ки маъноҳои гуногунро ифода мекунанд.

1. Такрори зарф, ки барои ифодаи маъноҳои зерин хизмат мекунанд:

а) Тарзи амал: дарав-дарав: коро-ра дарав-дарав бъкъне обит шид (қ., Пору).

б) Замон: баъд-баъд, дина-дина, ай дина-дина имруз созем (ш-к., Наврӯҳо); дигар баъд-баъд омада оwод шид (к-ҳ., Ҷавонон).

в) Миқдору дараҷа: олам-олам, лак-лак, кам-кам: да у дараҳо лак-лак (ш-к., Хонақо); и мемоно кам-кам гав заан, тъ-да гаw додан (ғ-к., Давлатшоён).

2. Такрори исмҳои яккела. Зарфҳои бо ин роҳ сохташаванда ба ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ хос бошанд, ҳам, дараҷаи истеъмоли онҳо нисбатан маҳдуд аст. Чунин зарфҳо:

а) замонро ифода мекунанд: го-го//роҳ-гоҳ: гоҳ-гоҳ дъруғ мега (қ., Сангисурх); го-го вахто мебинъм (ш-к., Ховалинг).

б) амалу ҳолатро ифода мекунанд: руw-руйа, гърд-гърд; бехи (ҳаргиз) хоw намекъна, гърд-гърд мегарда (ш-к., Ховалинг); и калунойи мо иҷа нъмешинан, руw-руйа мераwан (в-қ., Сарикенҷа).

в) маконро ифода мекунад: пеш-пеш: йаке мебина, ки бобо пеш-пеш -ъш рафтестай (ш-к., Токак). Калимаи пеш ҳангоми такрор шуда омадан ба воситаи инфикси о (пешопеш) пайваст мешавад.

г) миқдорро ифода мекунад: гала-гала, сърък-сърък ва мисли инҳо: гала-гала ҳай кара бърдан (молҳоро) (ш-к., Кӯлдара).

3. Такрори сифатҳои яккела. Зарфҳое, ки бо ин усул сохта шудаанд, аз ҷиҳати интишор як хел нест. Қисме аз онҳо умумӣ бошанд, қисми дигарашон дар маҳалҳои ҷудогона ба кор бурда мешавад.

а) ба гурӯҳи аввал чунин калимаҳо дохил мешаванд: лъч-лъч, хилбат-хилбат, (пинҳонӣ-пинҳонӣ), безеw-безеw, калта-калта, хуб-хуб, хъшру-хъшру, шах-шах, сахт-сахт, мулойим-мулойим, майда-майда, чолок-чолок, чақон-чақон, секин-секин, ката-ката ва ғайра. Мисолҳо: охир майда-майда (оҳиста-оҳиста) молидъм (ш-к., Мӯминобод); мулойим-мулойим (оҳиста-оҳиста) мере (в-қ., Қалъанак); хъшру-хъшру ҳофизи къна, зани ака-ш Душанбе мебара (к-ҳ., Зулфӣ) тъ калта-калта бъгу (қ., Самсолиқ); лъч-лъч гашти, қъртақот дар гирифтай (к-ҳ., Ҷалчит); ҳама хел гап-а безеw-безеw мезана (к-ҳ., Ҷонварсӯз); хъд-ът хилбат-хилбат қандо-ра мехъри-ву ма-ра намети? (ш-к., Шехмизон).

б) гурӯҳи дуюм аз зарфҳои зерин иборат буда, бештар дар материали лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ, қаротегинӣ ва шимолии Кӯлоб қайд шудаанд: кълтък-кълтък (кулула), лоқ-лоқ (беҳуда-беҳуда), ҳел-ҳел (беҳуда-беҳуда), каҷукалоw-каҷукалоw, каҷукилеб-каҷукилеб, чамбар-чамбар, мочък-мочък, лунда-лунда, ширин-ширин ва ғайра. Мисолҳо: ҳами одам дар чъшмо-ш ширин-ширин метоwа (в-қ., Майдонтерак); ҳозир ҳел-ҳел кор мекъна (ш-к., Хонақо); лоқ-лоқ мегарда търбат-ш-а бадар каим, ҳамийолӣ (қ., Кабудиён).



Зарфҳое, ки аз такрори сифат сохта шудаанд, асосан, барои шарҳи тарзи иҷрои амал хизмат мекунанд.

4. Такрори шумораҳои яккела: йагунта-йагунта, йата-йата. Мисолҳо: пеш йагунта-йагунта ҳисори мешид (ш-к., Доробӣ); иҷа-йам ай гуҷо йата-йата омада, оwот кардан (к-ҳ., Кончӣ).

5. Такрори ҷонишини яккела: йагу-йагу гапошу дигар-ай (в-қ., Майдонтерак).

6. Такрори сифатҳои феълии (феълҳои ҳолӣ) яккела: гардонда-гардонда, рехта-рехта, равай-равай, чаронда-чаронда. Мисолҳо: у равай-равай (оҳиста-оҳиста) мийумад (қ., Кабудиён); акайи Раҷаб ҳиҷу гандъмо-ра рехта-рехта бурд (в-қ., Пилдон); чаронда-чаронда мерем (ш-к., Ховалинг).

7. Такрори калимаҳои тақлиди овозӣ. Калимаҳои тақлиди овозие, ки амалу ҳолатро ифода мекунанд, мисли забони адабӣ [7] дар шеваи ҷанубӣ ба вазифаи зарф меоянд. Чунин ҳодиса дар ин шева хеле сермаҳсул мебошад. Чунончи: шар-шар (тез-тез), дък-дък, ванг-ванг, финг-финг, пър-пър, дънг-дънг, чър-чър, данг-данг, пак-пак, лапак-лапак, лоғ-лоғ, лап-лап, шъдът-шъдът, ҳъм-ҳъм, чънг-чънг, ғъран-ғъран. Мисолҳо: чънг-чънг пъридъм (в-қ., Пилдон); арағ ҳъм-ҳъм рехтаестаст (ш-к., Хонақо); қаргаскапи-нда лап-лап рафтъм-у йаке қапидъм-шу (в-қ., Дараи Мазор): омадам лоғ-лоғ гаштем (ш-к., Наврӯҳо); ҷадид мегъфтан, лапак-лапак мегърехтъм, ки бо (боз) нақапан-м-а (ш-к., Шехмизон); данг-данг гирифта рафт (в-қ., Сугат); ҳами девона динг-динг замин-да мезана (к-ҳ., Арбобдара); дига пошобача финг-финг гирийа кард (ш-к., Токак).

8. Дар шеваи ҷанубӣ як гурӯҳ зарфҳо аз такрори калимаҳои гуногун ва пешояндҳои ба//wа, дар сохта мешаванд:

а) пешоянди ба//wа: дъс ба дъст салум каъм (в-қ., Ярхаб). шарик-ам-а пърсид тоқаwа тоқа (в-қ., Куглик); у дам ба дам дод мезад (қ., Самсолиқ); б) пешоянди дар: и мусафед ҳамиқа донойе ки кам дар кам (ш-к., Сарихосор).

## СОХТА ШУДАНИ ЗАРФ БО РОҲИ ЛЕКСИКӢ-СЕМАНТИКӢ

Роҳи лексикӣ-семантикӣ низ яке аз роҳҳои муҳимми калимасозии зарф ба шумор меравад.

Дар шеваи ҷанубӣ як қатор сифатҳои аслӣ, мисли нав, хуw, соф, тез сах//сахт, бълан//баланд ва мисли инҳо, дар баробари вазифаи аслии худ вобаста ба матни муайян ба маънои лексикии нисбатан дигаре низ истеъмол мешаванд. Дар ин маврид калимаҳои маз-

---

7 М. Фазилов. Изобразительные слова в таджикском языке Сталинабад, изд-во АН Таджикской ССР, 1958, стр. 35-49. Ба зарф наздик шудани калимаҳои тақлидӣ дар китобҳои дарсии мактабҳои олӣ низ қайд шудааст. Ниг. Забони адабии ҳозираи тоҷик, Коллектив қ. 1, саҳ. 445.

кур аз ҷиҳати семантикӣ – ифода намудани аломати амал, ҳолати ба амал омадани он бо зарфҳои аслии акнун, хеле, ниҳоят, тамоман, зуд, сахт ҳаммаъною ҳамвазифа мегарданд. Бинобар он онҳо ҳодисаи нав набуда, ҳодисаи қонунӣ ба шумор меравад.[8] Ин ҳодисаи қонуниро забоншиносии умумӣ низ тасдиқ мекунад. Агар чунин намебуд, истилоҳҳои субстантивация, адвербиализация, адъективация ва ғайраҳо ба вуҷуд намеомаданд.[9]

Дар шеваи мазкур бо зарфҳо ҳаммаъно гардидани сифатҳои аслӣ, аслан мисли забони адабӣ буда, ба ҳамаи маҳалҳо хос мебошад. Аз ҷумла, соф: оби соф – сифат, соф намедонъм – зарф, тез: корди тез – сифат, тез ума – зарф; нав: кърти нав – сифат, нав ума – зарф; хуw: бачи хуw – сифат, хуw зад – зарф. Мисолҳо: нав ҳакими рафтаwдъм асйоw (қ., Шохи Аслан); наw омадам (ғ–к., Санг-туда); ин зубон соф дигар (бд. Андароб); иҷа-да овардак, қати ҳаму мардак моҳи-ра хуб задам-да (к–ҳ., Оқбурӣ); ман хуб санҷидъм, ай и одамгари намеройа (ш–к., Шехмизон); и гуспан хуб фарби бъдай (в–қ., Ёзғанд); мардина маєни тез пир меша (қ., Ҳакимӣ); хар-ът тез намегарда, бъфъруш-ъш (в–қ., Ярхаб); мън пеш-ъм-а соф ниго намекадъм (ш–к., Момандиён); соф қалам надоръм, да хуна мундай (ш–к., Мӯминобод); и бача-м афсуна-ра соф намедуна (в–қ., Нӯшор).

## ХЕЛҲОИ ЗАРФ

Дар шеваи ҷанубӣ зарфҳо чунин хелҳо доранд: зарфҳои тарзи амал, миқдору дараҷа, замон, макон, сабабу мақсад.[10]

## ЗАРФҲОИ ТАРЗИ АМАЛ

Зарфҳои тарзи амал дар шеваи ҷанубӣ инҳоанд: йаке, дарав, ҳаловуна, ҳадаҳа, ғафлат, йакбора, аста, зуд, тез тарвоза, рушод, тоқа, йанима, ҳъм-ҳъм ва ғайра.

Истеъмоли зарфҳои мазкур дар шеваи ҷанубӣ як хел нест. Аз ҷумла, зарфҳои йаке, йабора//йакбора, дарав, аста, зуд, тез, ҳало-wуна барои ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ умумӣ буда, дар байни лаҳҷаҳои ҷудогона баъзе аз ин зарфҳо бо вариантҳои фонетикии худ фарқ мекунад. Чунончи, зарфи йаке чунин вариантҳо дорад: йаке// йаки. Варианти йаке дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ умумист. Варианти йаки бошад, асосан, дар материали лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор, шимолӣ ва ғарбии Кӯлоб қайд гардидааст: наw хоw'каа бъдъм, йаки шофир ведор-ъм кад (ш–к., Доробӣ); ха, ба (баъд) йаки гуфтъм-

[8] А.Р.Ғ у л о м о в. Ўзбек тилида сўз ясаш йўллари ҳақида. Тр. Института языка и литературы им. А.С.Пушкина. Вып. 1. Ташкент. Изд-во АН Уз. ССР, 1949, стр. 10: Ф.С.К о т а л ь н и к. Переход имён прилагательных в категорию наречия (на материале полтавского языка). См. Вопросы теории частей речи. Л., "Наука", 1968, стр. 146-147.

[9] Грамматика русского языка. Изд-во АН СССР. М., 1960, стр. 19-20.

[10] Зарфҳои сабабу мақсад дар шеваи ҷанубӣ аз забони адабӣ фарқ надорад. Бинобар ин, дар бораи онҳо таваққуф карданро лозим надонистем.



ш-а (ғ–к., Рӯйоб); нон кардам, бастам, йаки дилум гир гашт (к–ҳ., Зулфӣ).

Зарфи йабора//йакбора нисбатан камистеъмол буда, дар материалҳои лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор, ҷанубӣ ва ғарбии Кӯлоб қайд шудааст: йабора хафа меша (ғ–к., Ғурдара); моҳо гуфтем, мезанем, йабора оw меша (к–ҳ., Норак); ҳаво гаръм шид, йаке йакбора фъромад (ҷ–к., Ёл).

Зарфи аста//оста дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ истеъмол мегардад: аста раве, ин-ам қати-то рава (к–ҳ., Мағмуруд); ма оста шох шудам (қ., Ҳакимӣ); санг-а Қаландар аста зада мехеза (к–ҳ., Сумбула).

Зарфи ҳаловуна танҳо хоси лаҳҷаҳои қаротегинӣ ва вахиёй-қаротегинӣ буда, чунин вариантҳо дорад: ҳалавона//ҳалуwна//алоwна//алоуна. Аз инҳо дар лаҳҷаҳои Қаротегин алоwна//ҳалавона дар материали лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ алоуне маълум аст: бисйор кор-ам алоуна-дийа (қ., Шинглич); ҳалаwона ма-ра файрот кард (қ., Почеи поён); Аҳмад бийо, ки боwо-т алоwна рафтасодай (қ., Ялдамич); бъгу, алоwуна бийойа (в–қ., Яхакпаст).

Дар лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ баъзан калимаи саросема ба алоуна ба тарзи мувозӣ кор фармуда мешавад: саросема рафт (в–қ., Хуҷаи Тавоф).

Зарфҳои тарзи амал такрор шуда меоянд: кам-кам, оҳиста-оҳиста, аста-аста, дарав-дарав, тоқа-тоқа ба ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ хосанд. Аммо зарфи ғъраш-ғърап ба лаҳҷаи гурӯҳи қаротегинӣ, зарфҳои ҳъм-ҳъм-оҳиста-оҳиста овоз баровардан: занако ҳъм-ҳъм дора, бештар ба лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб хос мебошанд.

Баъзе калимаҳо танҳо хоси маҳалли ҷудогона, бештар маҳалҳои Қаротегин буда як ё ду бор дар маънои адвербиалӣ қайд шудаанд. Чунончи: йагнима, шах дар лаҳҷаи кӯлобии Ҳисор талол (ба маънои якбора), тарвоза (ба маънои баракӣ, уреб) рафтай, рушод (ба маънои рӯйрост) дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ маълуманд: набоша, у мемони бечора йанима хорафтагийан (к–ҳ., Навобод); Аw ғунистун рушод мере, йо махфи? (қ., Кабудиён); ҳамута тарвоза мийа (қ., Севунок); и гусала талол мърдас (қ., Сангисурх)

Зарфҳои ғафлат (ба маънои нохост), очъқ (ба маънои кушоду равшан) ба лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ хосанд: ғафлат гърг бърума (в–қ., Сарикенҷа).

Зарфҳои бадав, ҷурта, сари хез дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб ба кор бурда мешавад: бо (боз) и нос-да дору дохта ҷурта ройи накара боша? (ш–к., Ховалинг); ҳами сарихез даҳмарда либос-аш-а бадар кар-у кал-да дод (ш–к., Ғелот); каwг-а бадав меқаидъм (ш–к., Шехмизон).

Калимаи балоғат (ба маънои фаровон) дар ҷанубии Кӯлоб қайд шудааст: йа чени рафтум, балоғат гъзашта омадум (ҷ. . Ёл): шер тоқа мегарда, сийосати шер зур-ай (ғ–к., Рӯйиоб).

Баъзе калимаҳои тақлидӣ, ки бо ёрии суффикси -ас//-аст сохта мешаванд, ба вазифаи зарфи тарзи амал меоянд. Чунончи: ғарас, шърақос, гумбаст, шилақаст ва ғайра.

Чунин ҳодиса дар лаҳҷаҳои Қаротегин, вахиёй-қаротегинӣ ва шимолии Кӯлоб ба назар мерасад: каҳ-а ғун ку, тълапас бор-шу ме-

нем (в–қ., Куглик): йа бача китоб-а ғарас михуна (қ., Луғур); шиллақас наwишт (қ., Пору); шъраққаст рафта кърпаойи фълам-а (серпахтаи мулоим) гирифта бийор (ш–к., Ховалинг); гумбаст омад; қълапаст уфтод (қ, Яхакюст); и хуна ғърапаст даргирифт (в–қ., Войдара); шълақаст хамид-у умад (ш–к., Ғеш).

## ЗАРФҲОИ МИҚДОРУ ДАРАҶА

Зарфҳои миқдору дараҷа дар шеваи ҷанубӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: 1. Зарфҳои миқдории умумихалқӣ: 2) Зарфҳои миқдорие, ки танҳо ба шеваи ҷанубӣ хосанд ва ё бо хусусияти фонетикиаш аз лаҳҷаҳои дигари шеваи ҷанубӣ фарқ мекунанд.

Ба гурӯҳи ав ал зарфҳои зерин дохил мешаванд: саҳл//сал, андак, йагала, пичи, йа чака, йа гард, анча, зийод, кам, ҷудо, хеле, ва ғайра. Гурӯҳи дуюм зарфҳои пър, йа майда, иқа, ҳай бедарак, зап, ҳарасот /арасот//арасот//ҳарасот, лав ва мисли инҳо ро дар бар мегиранд . Истеъмоли вариантҳои бисйор//бисйо дар шеваи ҷанубӣ як хел нест. Вале шакли бъсйор танҳо хоси лаҳҷаҳои вахиёӣ–қаротегинӣ буда, дар материали қишлоқи Нӯшор қайд шудааст: ай умадани меҳмуно мън бъсйор хърсандъм (в–қ., Нӯшор), ай бойиси бъсйор барф-ъ борун-а шъдан-ъш ҳама ҷо сел шид (в–қ., Нӯшор).

Калимаи бисйор баъзан бо зарфи миқдории дигар дар як мавриди истифода мегардад, ки вай маънои онро таъкид мекунад: и съпари бисйо пър хърдум (ш–к., Кишт).

Зарфи андак барои ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ умумист: Аҳмад ҳаму ҷърғот-а андак ибартар бъму (в–қ., Нӯшор); андак саҳар бъйом? (ғ–к., Қазонгузур).

Зарфи пичи гоҳо бо суффикси – а к а к низ дучор мешавад. Суффикси мазкур дар ин маврид миқдорро аз ҷиҳати камӣ таъкид мекунад: пичикак ақлак бъд (к–ҳ., Мирзоӣ); пичъкак бъд, полни харбъза-ву тарбуз (в–қ., Дараи Мазор).

Зарфи пър//пур синоними зарфҳои бисйор ва хеле ба шумор меравад. Вай барои ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ умумӣ буда, аммо дар лаҳҷаҳои кӯлобӣ бештар ва дар лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор нисбатан камтар дучор мешавад: ма у-ра пър мехърум (ш–к., Мӯминобод), йаг ҷойе мебарум-тун, ки дур бънависем (ҷ–к., Ёл); мън пър хурдъм (в–қ., Сарикенҷа).

Зарфи ҳай ба маънои ниҳоят дар лаҳҷаҳои Қаротегин, вахиёӣ-қаротегинӣ , Бадахшон ва шимолии Кӯлоб ба кор бурда мешавад. Доираи истеъмоли он хеле маҳдуд аст: таги тут ҳай ҷойи соз бъд-да (ш–к., Дараи Турбат); акайи Насридин, ҳай одами хъшчакчақи-дийа (ш–к.,Сарикенҷа); ҳай пъли хуw мегирифта бъдастанд-да рабочико (қ., Луғур) ; бародаро, ҳай хоw карде (қ., Самсолиқ).

Зарфи лав ба маънои бисйор дар материали лаҳҷаҳои қаротегинӣ, вахиёӣ–қаротегинӣ, шимолии Кӯлоб, Кӯлобии Ҳисор қайд шудааст. Вале дараҷаи истеъмоли ин зарф низ зиёд нест: да иҷайо пул-лав-ай (қ, Самсолиқ); дар ҷойи мо гуспан лав-ай (в–қ., Сарикенҷа); Қози лав (бехад, бисьёр) моле гирифт (қ, Каҳдара).

Зарфи лав, гоҳо дар шеваи шимолӣ низ дучор мешавад. Вале дар он шева калимаи лав танҳо бо феъли задан меояд ва ҳол он ки дар шеваи ҷанубӣ, асосан, бо бандаки хабарии ай (аст) ва баъзан, чунон ки дар боло дидем, мустақилона дур аз феъл ба кор да мешавад.

Зарфи иқа ба ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ хос аст: иқа дуг мондас (к–ҳ., Ҳоҷиқатаған) ; иқа фър гаштем (қ., Каҳдара); имсол саwзи иқа кун намондай (к–ҳ., Мағмуруд); пъгайи иқа чой мехърем халос (в–қ., Оқсой).

Баъзан зарфи иқа такрор мешавад. Дар ин ҳолат ҷузъи дуюм бо калимаи беш ҳаммаъно мегардад: иқа-уқа (каму беш) ; бъиг-амон-а иқа-уқа андова кънем (ғ–к., Кангурт).

Дарсохтани зарфи миқдору дараҷа роли шумораи йак калон аст. Ба воситаи он аз исм ва сифат зарфҳои миқдору дараҷа ташкил меёбанд: йа чъка//йа чъкайик, йа гард//йаг гардак, йа қийомат, йа майда, йа маҳшар, йа ҳарасот, йа дънйо; йак маҳшар гудак дора (к–ҳ., Мағмуруд); то афтик йа қийомат раҳ-ай (к–ҳ., Ҷалҷид); йа ҳарасот ҳасуна гъфтън-у нанависидем (ш–к., Хонақо); ма йа дънйо байд-а медонум (ш–к., Хонақо);йа майда (каме) гушт бъгире (к–ҳ., Мағмурад); рузе дъроз йа майда кор намеша (қ., Самсолиқ); ҳа бъгарде, йа гардак (каме) бъшине (ғ–к., Олучадара); бъгире йа гард (ё.камтар) харбъза бъхъре (к–ҳ., Ҷалҷид ) хе бъра, йа чъка оw бийор, дасто-ра бъшу (к–ҳ., Зулфӣ); руз то вега-ра йаг чък тът (тут) меруфтем, соф мереза (ш–к., Кишт).

Зарфҳои аҳ, ас//асти, тахти, тақир ва соф низ ба ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ хос мебошанд: аҳ намедонъм, пъга йо пъгайи дига омада боша (к–ҳ., Девонабегӣ); аҳ каwг надошти? (қ., Каҳдара); ас и бенамак-ъш маза надора (к–ҳ, Ҷонварсӯз); ас нос намекаши? (ш–к., Шехмизон); мо ас намедонем қирғизи-ра (в–қ., Оқсой) соф пойин нарафтем (ш–к., Кишт); ай мо соф надоре (ш–к., Даробӣ): асти шикойда наметонум (ғ–к., Кангурт); давлат-а асти хъдо кам накъна (к–ҳ., Дуоба); мо-ра тахти у дарс надодай (қ, Саидон); имсол такри нес (қ, Янғоғлик); асло нағз намебинам (в–қ, Нӯшор).

## ЗАРФИ ЗАМОН

Дар материали мо чунин зарфҳои замон қайд гардидаанд: аку, ҳозир, ҳоли, пешин, қариби, саҳар//саҳар//сар//сари, порсол, пъга, дарав//дараw, порина, аввал, имсол, дина, боз , бега, вахт, зуд, чақон, парер, вехи, угам, имшав, пареруз, пасфардо, имрӯз, субҳидам, доим, охир, нав, пешпорина, авалидов, аусари, дируз, сол ба сол, пешвах, дам ба дам.

Доираи истеъмоли зарфҳои мазкур дар шеваи ҷанубӣ як хел набуда, яке бештар в а дигаре камтар истеъмол меёбад.

Тарзи пахншавии калимаҳои номбурда дар шеваи ҷанубӣ чунин аст: 1) Зарфҳои аку, ҳозир, ҳоли, пешин, саҳар, пъга, имруз, имсол, дина, боз, бега, зуд, имшав, охир барои ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ хос буда, баъзе аз онҳо танҳо бо вариантҳои фонетикӣ дар дохили лаҳҷаҳо камубеш фарқ мекунанд. Аз ҷумла зарфи баъд чунин вариантҳои фонетикӣ дорад: баъд//бад, ба//ба, баъ, баът//бат// баад.

а) баъд дар лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор, шимолии Кӯлоб, қаротегинӣ ва вахиёӣ–қаротегинӣ қайд шудааст. Мисолҳо: баъд мън рафтъм пеш (в–қ, Кӯл); баъд алов карда хов кардас (қ, Самсолиқ); бъра,

аввал бътарсон-ш-а-ву баъд телпак бъте гу.(к-ҳ., Ҷонварсӯз); чен-ъш бъгир-у баъд бъдуз (ш-к., Ховалинг).

б) баът//бат дар материали лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор ва вахиёй-қаротегинӣ қайд шудааст: баът мошин -а гуфтан, ки соз кънад (ш-к., Мӯминобод); баът мън-а пърсит (в-қ., Кӯл); бача-м сесола шид, бат ота-м-а дидум (к-ҳ., Кончӣ).

в) баъ танҳо дар Норак ва шимолии Кӯлоб қайд шудааст. баъ хар-а дараw тайор мекъна (ш-к., Ғелот); аввал залал мекънем, баъ фойда мекънем (к-ҳ., Норак).

г) баад дар материали лаҳҷаҳои ғарби Кӯлоб ва вахиёй-қаротегинӣ зикр шудааст: йак мега, баад фъромуш мекъна (в-қ., Қӯшағба); баад ҳамита дароз замин-да хоw мекънан (ғ-к., Чавроғи Боло).

д) бāд. Ин вариант серистеъмол буда, дар гурӯҳи лаҳҷаҳои ғарбии Кӯлоб, қаротегинӣ, кӯлобии Ҳисор, вахиёй-қаротегинӣ ва қисман дар шимолии Кӯлоб қайд шудааст: шикамдард бāд ҳуй-ъм кад (ш-к., Ховалинг); бāд бисйо ҳақорат-ъш кад (қ., Самсолиқ); бāд мега "соз-ай, дъруғгу анамин" (в-қ., Куглик); бāд мири һисор гуфтай... (к-ҳ., Арбобдара); бāд ҳаму хоар-ам ома (ғ-к., Гӯрдара);

2) бā//ба низ мисли варианти бāд серистеъмол буда, дар лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ, ғарбӣ, ҷанубӣ, шимолии Кӯлоб ва махсусан бештар дар материали лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор қайд гардидааст: бā (баъд) чанд каса лой менъм (в-қ., Сарикенҷа); кадум вақте қишлоқи шумо қади мо бой шит (шавад), бā (баъд) бийо гаw зан (в-қ., Кӯл), бъши шурwо, бъху, бā (баъд) мерӣ (қ., Дегай); бā (баъд) гъфтъм, йа ошно йи сахт доръм (ғ-к., Сангтӯда); шъмо и руз мъ-да бъти, бе пъга хътон-да (к-ҳ., Норак); угам бā (баъд) дъхтар-а мийовардан (ш-к., Кишт); бā (баъд) съзари йофтем-ъш (ш-к , Шехмизон) ва ғайра.

Зарфи ҳоли (ҳоло) се варианти фонетикӣ дорад: ҳоли, оли, һоли: а) ҳоли бештар ба лаҳҷаҳои гурӯҳи кӯлобии Ҳисор, ғарбӣ ва шимолии Кӯлоб хос буда, аҳьёнан дар лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ ва қаротегинӣ истеъмол мешавад: ҳоли беест, хъд-ъш мепърса (қ., Чанор); ҳоли вай-ам калон мешава (к-ҳ., Мағмуруд); ҳоли дата-ш-а пир мекънъм (ғ-к.,Қазонгузар); ҳоли-ра һъкъмат-да хизмат кайесодам (қ., Кабудиён); албат ҳоли мехърдагистан (ш-к., Шехмизон); ҳоли ба ҳами Ҷафр-а куч (қувваи корӣ) овардан (қ., Каҳдара).

б) һоли дар лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ серистеъмол буда, дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ, ғарбии Кӯлоб, кӯлобии Ҳисор дучор мешавад: һоли наметуна, ки санҷит-а кънчит бъга (қ., Қалъанак); һоли вах бъд, ки Фузайл фурома (қ., Марғзори Сир); һоли қати Борон ҳамуҷа-йам (к-ҳ., Десабур) ва ғайра.

в) оли асосан хоси лаҳҷаҳои Роғ, Бадахшон, ҷанубии Кӯлоб, вахиёй-қаротегинӣ буда, баъзан дар лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор, ғарбии Кӯлоб ва Қаротегин истеъмол мешавад: оли истари-ш мекъна? (Роғ, Бодринг); оли дуғ накашид (Роғ); оли майдакак бъдъм, ки һъкъмати саветӣ ума (ҷ-к., Порвор); мо хъд - мо -ам оли айлоқ-ъида-йем (в-қ, Шилбилӣ); оли мъмкин, махсади шъмо-ра ҳечка дарак надошта боша, охи (ғ-к., Чилча); мега ки оли ай Аҳмадуф кори вай калон-ай (к-ҳ., Роҳатӣ) ва ғайра.

Зарфи акнун ду вариант дорад: акъ//аку. Варианти акъ дар ма-



териали лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор, ғарбӣ ва шимолии Кӯлоб, Қаротегин ва вахиёй-қаротегинӣ дучор мегардад. Вале миқдори мисолҳои варианти мазкур дар лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор ва ғарбии Кӯлоб бештар аст: одамойи қишлоқ акъ ҷапд кардас, ки рава (в-қ., Ярхаб); ана, акъ бадар накъ (ш-к , Ховалинг); акъ мо ҷаноби шъмо-ра бинъм (ғ-к., Гӯрдара); ха, акъ и ба ойанда-ра мепаза (қ., Самсолиқ).

Варианти аку дар материали лаҳҷаҳои ғарбӣ ва шимолии Кӯлоб, Қаротегин, вахиёй-қаротегинӣ ва кӯлобии Ҳисор қайд шудааст. Вале истеъмоли он дар лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ ва хусусан кӯлобии Ҳисор бештар аст: аку да и.. қишлоқ дига даркор набъдай (к-ҳ., Мағмуруд); ана аку хотир надоръм, даwозда сум-ъм меда бошан (қ., Каҳдара); не аку шъмо бъшине (қ, Пору); аку мо гаw нъмезанем-ш-а (ғ-к., Чилча).

Зарфи ҳозир низ чунин варианти фонетикӣ дорад: ҳозир//һозир, қози//һози дар лаҳҷаҳои Роғ ва Бадахшон озир. Варианти һозир серистеъмол буда, барои ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ умумӣ мебошад. Варианти ҳозир дар шеваи ҷанубӣ ба таври маҳдуд истеъмол мегардад: һозир вадапровод дора (ғ-к., Кангурт); һозир парайи ру-ш камта лъхс (пуст) кандай (қ, Ҳакимӣ); ҳозир ҳаму шотийо ҳастан (ш-к., Мӯминобод); мън ҳозир даҳ гектар замин кишт кардъм (в-қ., Қӯшағба); ҳозир хона-да ҳишка нестай, ҳозир хъд-ам тоқайум (ш-к., Мӯминобод).

Зарфҳои дина, имсол, имрӯз//ируз, аввал//аwал, порина, пъга//пага, сапар//саҳар, порсол, пешин, нав, пеш, қариwи (дар шеваи шимолӣ ва қарибӣ), имсол, бега, вахт, дарав//дараw, имшав барои ҳамаи шеваи ҷанубӣ умумӣ мебошанд.

Зарфҳои зъд, парер, вехи, парерӯз, пасфардо, имрӯз, доим, пешпорина, диръз, ҳоланги, камистеъмол буда, дар маҳалҳои ҷудогона дучор меоянд.

Зарфҳои зъд, тез чақон аслан синоними якдигар буда ҳамдигарро иваз карда метавонад. Вале дар истеъмолу ҳудуди паҳншавии онҳо фарқ ба назар мерасад. Аз ҷумла, чақон, асосан дар материали лаҳҷаҳои ғарбии Кӯлоб ва кӯлобии Ҳисор қайд шудаасту бас: чақон бийор ов-а. (ғ-к., Балҷувон); ино чақон менависан, ранги мо не (к-ҳ., Норак).

Калимаи зъд бошад фақат дар шимолии Кӯлоб ва лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ қайд шудааст: зъд, равъм, ки зан-ъм дар ҷойе нағалта (ш-к., Кадучи); мерай бо (боз) зъд чапаҷар мегардӣ (в-қ., Сарикенҷа).

Зарфи дарав//дараw дар тамоми лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ серистеъмол мебошад. Аммо варианти дараw танҳо дар лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор ва аҳьёнан дар лаҳҷаи шимолии Кӯлоб қайд шудааст: дараw гуфтак-ъш, дъруни сандуғ тъкид-ъш (ш-к., Ховалинг); дъхтар дараw мегъреза пеши оташ мейофта (к-ҳ, Тӯда).

Зарфи парер дар лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ, кӯлобии Ҳисор Қаротегин, шимолии Кӯлоб қайд шудааст: парер хундан рафт (в-қ., Сарикенҷа); парер омада бъдан (ш-к., Ғеш); мън парер бā вадровадър кардем (қ, Ялдамич); парер шидагӣ (к-ҳ., Арбобдара).

Зарфҳо вехи[11], пешпорина, ҳоланти асосан дар шимолии Кӯлоб қайд шудаанд: ма хъд–ъм вехи (ҳаргиз) бардошт намекънъм (ш–к., Дараи Турбат); мъ пешпорина съфли йакъм–да хундъм (ш–к., Момандиён). ҳолаги наркини лъх–ай–ку (ш–к., Мӯминобод); ҳолаги наркини лъх–ай–ку (ш–к., Мӯминобод); ҳолаги наркини лъх–ай–ку

Зарфҳои пареруз, пасфардо дар лаҳҷаҳои вахиёӣ–қаротегинӣ низ маълуманд: пареруз рафтастан (в–қ., Майдонтерак); пасфардо умад (қ., Ялдамич).

Зарфҳои дина, парер, дируз дар лаҳҷаҳои гурӯҳи кӯлобии Ҳисор серистеъмоланд: вай дина кор кардай (к–ҳ., Навобод); парер бандаги кад, дируз гурондам, ҳозир амуҷа омадъм (к–ҳ., Арбобдара).

Зарфҳои аусари, съҳмдам дар гурӯҳи лаҳҷаи шимолии Кӯлоб, кӯлобии Ҳисор характерноканд: шав миста аусари мера (к–ҳ., Зулфи); то съҳмдам–а моҳи ҳис каем (ш–к., Хонақо).

Зарфи угам дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ, вахиёӣ–қаротегинӣ, лаҳҷаҳои Кӯлоб, махсусан, шимолии Кӯлоб (деҳаҳои Мӯминобод, Даштиҷум), қисман шимолии Кӯлоб (деҳаи Хирманҷо), ки бо Дарвоз ҳамсарҳад мебошад, паҳн шудааст. Вай дар шеваи ҷанубӣ дар чунин намуд дучор мешавад: угам//бъд угам, угамдаки; угамкин//угам бъд йакум масъала ғалатайоркъни ба давлат супоридан (Қаротегин); ана, угам бъд ҳаму коғазо–ра оwардъм дар райи ийо додем (қ., Янгоғлик); бъд угам одамо по қати сум мезанан (ш–к., Ғеш); акъ рафта расидем, угамдаки чи кор мекънем? (в–қ., Пилдон); нонъшта кънем, угамкин мехезам (в–қ., Сугат).

## ЗАРФИ МАКОН

Мисли шеваҳои дигари забони тоҷикӣ дар шеваи ҷанубӣ низ зарфҳои решагии макон нестанд. Дар ин шева чанд калима дар натиҷаи тағйироти фонетикӣ яклухт ба вазифаи зарфҳои макон истифода мешаванд, ки дар айни ҳол онҳоро ба ягон ҳиссаи нутқ нисбат додан ва ё таркиби синтаксисӣ гуфтан мумкин нест. Чунончи иҷа//инҷа//уҷа, усу//усун, ису//исъ, исин, иру, уру ва ғайра.

Ҷои паҳншавӣ ва дараҷаи истеъмолии зарфҳои мазкур дар маҳалҳои ҷудогона чунин аст:

Зарфи иҷа ду вариант дорад: иҷа//инҷа варианти иҷа дар лаҳҷаҳои Кӯлоб, кӯлобии Ҳисор, инҷа бошад, дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ, вахиёӣ–қаротегинӣ истеъмол мешавад; иҷа кони тошкумур–ай (ғ–к., Давлатшоён); инҷа хъровайи дига надора (қ., Халқарф); почи лъч нагард иҷа (к–ҳ., Мағмуруд); акаи Маҳмадназар иҷа бийо (қ., Ҳиҷборак); иҷа–да ангър йакъмойи сентабир–да мепаза (қ., Самсолиқ).

Зарфи уҷа. Ин зарф чунин вариантҳои фонетикӣ дорад: уҷа// унҷа, унҷо. Варианти уҷа /унҷа ба ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ умумист: унҷо надидам–шу (в–қ., Ярхаб); ҳо ана уҷа йак пъйола ҳаст, бъги бъйо (в–қ., Сарикенҷа); унҷа хоки меҳмон–ай (ғ–қ., Ғурдара); уҷа дастхоли намерава–да (к–ҳ., Файзобод).

Варианти унҷо танҳо дар лаҳҷаҳои вахиёӣ–қаротегинӣ ва қаротегинӣ қайд шудааст: аз унҷо ҷоғид–ъш, ки инҷо бийо (қ., Навдеҳ); унҷо истодам, тамошо кардем (в–қ., Яхакпаст); унҷо ҳиҷ кас намийойа (в–қ., Шинглич).

Зарфи ису дар лаҳҷаҳои вахиёӣ–қаротегинӣ ва қаротегинӣ бештар истеъмол мешавад: ису биги (ғ–к., Обиширин); мън рафтаги–да шимо усу хеста рафте (в–қ., Кӯл); йа одам ай усу умад (в–қ., Нӯшор).

Зарфи усун асосан, ба лаҳҷаҳои ғарбии Кӯлоб ва кӯлобии Ҳисор хос мебошанд: усун шишта бъдам (ғ–к., Обиширин); ма усун магъзин–да надъромадъм (к–ҳ., Ҷонварсӯз).

Зарфи ису чунин вариантҳо дорад: исъ//ису дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ ва вахиёӣ–қаротегинӣ, баъзан ису. Ҳар дуи ин вариант ба ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ хос мебошад. Вале дараҷаи истеъмоли варианти исъ назар ба ису бештар аст: аз исъ корча–ра гърифтас (в–қ., Кӯл); исъ йак съвора дидагийум (ш–к., Даробӣ); ису бийо (ғ–к., Кангурт).

Зарфҳои иси ва усу дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ баъзан дар як маврид истифода мешаванд. Дар ин маврид зарфи иси ҳамеша дар ҷои аввал ва усу дар ҷои дуюм меоянд: ҳоли ку иси–усу гирд намегарди? (ш–к., Мӯминобод); иси усу нигоҳ мекъна (в–қ., Кӯл); иси–усу дастрасак шид (ғ–к., Давлатшоён); хъди каwгчуҷа wори бъдаwе иси усу (в–қ., Сарикенҷа).

Зарфҳои еси//есун, уру дар лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ баъзан дучор мешаванд: хонойи мо уру–да, ҷо–и пода–да (в–қ., Шилбилӣ); йак та–ш ҳа усун рафт (к–ҳ., Мағмуруд); мелъхша, еси меафта (в–қ., Сасиқбулоқ).

Зарфҳои ҳамиҷа, ҳамуҷа низ барои ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ хос мебошанд.

Мисолҳои боло нишон медиҳанд, ки зарфи макон назар ба дигар хелҳои зарф дертар дар заминаи дигар ҳиссаҳои нутқ, асосан, ҷонишину исм ба вуҷуд омадааст. Аз ин рӯ, ин гуна зарфҳо хусусияти номии худро тамоман гум накардаанд. Онҳо баъзан бо пешоянду пасоянд ва ҷонишини энклитикӣ низ меоянд. Ин ҳолат ба ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ умумӣ мебошад. Мисолҳо: а) бо пешоянд: ай усу нарафти? (в–қ., Ҳиҷобарак); б) бо ҷонишини энклитикӣ: ай ҳами писоб исун–аш Тоҷикистон, усун–аш Қирғизистон–ай (в–қ., Оқсой).

## ДАРАҶАИ ЗАРФ

Дар шеваи ҷанубӣ зарф, мисли дигар шеваҳои тоҷикӣ ва забони адабӣ, дараҷаи муқоисавӣ дорад, ки ба воситаи суффикси –тар сурат меёбад. Ин суффикс бо зарфҳои замон, макон ва миқдору дараҷа ба кор бурда мешавад: Чунончи: а) бо зарфҳои макон: и мойиндар–мо–ра пъгойитар (барвақттар, пештар) гърифт (ш–к., Наврӯҳо): пештар ин минаҳо–да оw набъд (к–ҳ., Кончӣ); б) бо зарфи макон: ай вай болотар асп–аш бът (к–ҳ., Мирзоӣ); Аҳмад ҳаму ҷъргота анде ибартар бъму (в–қ., Нӯшор); ай Шихмизун болотарак (ш–к., Ховалинг); в) бо зарфи миқдору дараҷа: йаҷо–да камтар кор доштъм (к–ҳ., Ҷумбула) камтар оw –му бъти (в–қ., Нушор); г) –тар бо зарфи тарзи амал; апа, зудтар бъфро йа чъка оw бъте (ш–к., Туда).

Баъзан баъд аз суффикси –тар боз суффикси –ак низ илова мешавад. Дар ин маврид суффикси –ак камии миқдор ва андак дур

[11] Калимаи вехи дар лаҳҷаи имрӯзаи кобулӣ низ маълум будааст. Дар ин хусус ниг. Раван Фарҳади. Разговорный фарси..., стр. 105.

амалро мефаҳмонад.
будани замони ба вуҷуд омадани
Ин ҳодиса ба ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ хос мебошад: бо-
лотар+ак, камтар+ак: Давлатшо пештарак гъзаштод ай ҳамиҷа (қ,
Қабудиён); болотарак бърем, бача-м (ғ-к., Кангурт); мардум бекор-
тарак шава... (ш-к., Ховалинг); камтар мондай (ғ-к , Дараи Мур-
ғон).

Дар шеваи ҷанубӣ дар ифодаи дараҷаи қиёсии зарф, мисли си-
фат, суффикси - тар гоҳо такроран (дар шакли - та+тар) истифода
мешавад. Чунончи: у-ра амр мекъни, ки дуртатар бъреза (қ., Каҳда-
ра); тезтар кор ку! (ш-к., Ховалинг).

## ПЕШОЯНД ВА ПАСОЯНДҲО

Пешоянду пасояндҳои шеваи ҷанубӣ чун системаи калимаҳои
ёридиҳанда ва формантҳое, ки ҷузъҳои ҷумла ва ибораҳоро бо якди-
гар мартуб месозад, аз пешоянду пасояндҳои забони адабӣ тафовути
калон надоранд. Сарчашмаи пайдоиши пешоянду пасояндҳои шеваи ҷа-
нубӣ, асосан, бо забони адабӣ ҳамранг аст. Муносибатҳои маъноие, ки
пешоянду пасояндҳои шеваи мазкур ифода мекунанд, низ бо муноси-
батҳои маъноии пешоянду пасояндҳои забони адабӣ, асосан, монандӣ
дорад. Вале пешоянду пасояндҳои шеваи ҷанубӣ аз хусуси таркиб,
маъноҳои ҷудогонаи грамматикӣ ва мавриди истеъмол аз пешоянду
пасояндҳои забони адабӣ ва шеваҳои дигари тоҷик фарқ карда, аммо
бо шеваи ҷануби шарқӣ дар ин бобат, дорои як навъ ҳамрангӣ ва
умумияти бештаре мебошанд. Маҷмӯи хусусиятҳои хоси пешоянду па-
сояндҳои шеваи ҷанубӣ , ки боиси фарқи онҳо аз забони адабӣ ва
қисман шеваҳои дигар гардидаанд, ҷиҳати лаҳҷавии системаи ин кали-
маҳои ёридиҳандаро нишон медиҳанд.

Мувофиқи таркиби морфологӣ пешоянду пасояндҳои шеваи ҷану-
биро ба гурӯҳҳои зайл тақсим кардан мумкин аст: а) пешояндҳои ас-
лӣ, ки навъи содда ва таркибӣ доранд; б) пешояндҳои номии содда
ва таркибие , ки низ ба ду гурӯҳи таркибии изофӣ ва ғайриизофӣ
тақсим мешаванд: в) пешояндҳо-пасояндҳо. Пешоянд-пасояндҳо аз рӯи
тариқи ҷойгиршавӣ дар таркиби ҳиссаҳои номии ибора низ ба хелҳои алоҳида
тақсим мешаванд: а) маҳз пешояндҳо, ки фақат пеш аз калимахои но-
мӣ меоянд; б) пешоянд-пасояндҳое, ки метавонанд ҳам пеш аз ҳисса-
ҳои номӣ ва ҳам пас аз онҳо воқеъ гарданд; в) пасояндҳое пасоянд-
ҳои аслӣ/, ки фақат дар ҳолати паспозитивӣ (пас аз ҳиссаҳои номӣ)
истифода мешаванд.

Пешояндҳои аслии умумӣ дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ аз
инҳо иборатанд: ай, ба, да, (дар), то, бе: пешоянди аслии таркибӣ,
фақат яктост: то ба. Пешояндҳои баройи... ва бези .../без ай //ве-
зи.../вез ай дар байни пешояндҳои аслӣ ва номӣ қарор мегиранд.
Онҳо аз маънои мустақили лексикӣ маҳрум бошанд ҳам, чун пешояндҳои но-
мӣ дар асной истифода шудан бо ҳиссаҳои номӣ бандаки изофӣ қа-
бул мекунанд. Пешоянди бези... дорои шакли таркибии беизофа низ
мебошад: без ай. Вай аз ҷиҳати ифодаи маъно бо пешоянди ба ғайр
аз//ғайри... муродифи грамматикӣ ба шумор рафта, асосан, дар ше-
ваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ мушоҳида мешавад. Пешоянди без...//
бези... таърихан аз пайваст шудани пас...ве̄ (дар паҳлавӣ), ве̄ az



(дар осори давраи классикӣ) ба вуҷуд омадааст. [1]

Теъдоди истеъмоли пешояндҳои номӣ дар шеваи ҷанубӣ хеле
зиёд буда, онҳо, асосан, бо пешояндҳои номии забони адабӣ мушобе-
ҳанд. Масалан, пешояндҳои соддаи изофӣ: пеши... руйи... сари.., болойи...
тайи... ва ғайра, пешояндҳои таркибии изофӣ: ба пеши..., ай болойи...,
ай пеши..., ва мисли инҳо пешояндҳои таркибии ғайриизофӣ: пеш ай,
баъд ай. Яке аз ҷиҳатҳои хоси шеваи ҷанубӣ иборат аз он аст, ки
дар онҳо баъзе калимаҳои мустақилмаъонои умумии тоҷикӣ, бар хилофи
забони адабӣ, ҳамчун пешоянд ба кор бурда мешаванд. Чунончи: че-
ни..., сози..., дъмби..., гардани... ва амсоли инҳо.

Пасояндҳои холисе, ки барои ҳамаи лаҳҷаҳои ҷанубӣ умумианд,
аз инҳо иборатанд: а//-ра, -вори/ барин. Пешоянд-пасоянди қати//
-кати низ дар тамоми лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ маълум аст. Дар бай-
ни пешоянд-пасояндҳо шакли да/р///-да бо вариантҳои -ъида//-нда//
-на мавқеи хосае дорад. Ин вариантҳо ҳамеша дар ҳолати паспози-
тивӣ истеъмол мешаванд. Ҳамчунин вариантҳои паспозитивии пешо-
янд-пасоянди да(р) интишори гуногуни ҷуғрофӣ дорад, ки онҳоро ба
тарзи возеҳ метавон муқаррар кард. Муносибати ягонаи маънои грам-
матикии ҳамаи вариантҳои пешоянд-пасоянди мазкур ва аз як манбаъ
ба вуҷуд омадани инҳо имконият медиҳад, ки онҳоро дар як ҷо аз на-
зар гузаронем.

Хусусиятҳои хос ва барҷастаи системаи пешоянду пасояндҳои
шеваи ҷанубиро, ки тафриқаи онҳоро аз пешоянд ва пасояндҳои забо-
ни адабӣ нишон медиҳанд, ба тарзи зайл метавон шарҳ дод:

1. Шакли зоҳирӣ, таркиби овозии як қатор пешоянду пасоянд
аз пешоянду пасояндҳои забони адабӣ ба андозаи муайян фарқ дорад,
ки ин ҳодиса ба хусусияти хоси сохти фонетикии лаҳҷаҳо алоқаманд
аст. Чунончи, қонунан афтидани ҳамсадои ҷарангдори охири пасоянд-
ҳо пас аз садонокҳо ва сонантҳо ба афтидани овози - р дар пешоянд
пасоянди -да/ дар; ъида/ андар, ба афтидани - з ва пайдо шудани
нимсадои - й дар пешоянди ай/ аз боис гаштааст. Мавҷудияти вариант-
ҳои фонетикии пешоянди ба -бай//бе//бей -ро метавон чун реликти
шаклҳои қадими ин пешоянд, ки дар лаҳҷаҳои шеваи мазкур тағйири
намуд кардааст, маънидод кард.

Дар шеваҳои кӯлобии Ҳисор, ки садоноки а - и пешояндҳо ба
ихтисори зиёд дучор мешавад, шаклҳои зерини пешояндҳо ба қайд
гирифта шудаанд: дə//да / дар: бə/ ба: дə маwлакат ҳеҷ ита шо-
ир набът (к-ҳ., Сумбула); уwо бə меҳнат мебийот, канал -а хъди
мардъм сохтан (к-ҳ., Кончӣ); сəри... / сари...: сəри ра-да шаҳри
кəлун бъдай (к-ҳ., Қалфи Сават); бəрои / барои ; кəти//қəти: фə-
нар қəти омадан (к-ҳ., Ёвон); бə рои ҷайра шъда и хел накъ (к-ҳ,
Ёвон). Дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб ба сабаби дар байни ду садо-
ноки пешизабонӣ афтидани ҳамсадоҳои д,т қати ба сурати қайи низ
истеъмол мешавад: тъ қайи мъ гап мезани (ш-к., Муллоконӣ); дар
баъзе аз лаҳҷаҳо дар пешояндҳои бисьёрҳиҷо хеле зиёд кӯтоҳ шу-
дани овозҳои таркиби онҳо қайд шудааст. Масалан, дар шеваи Ёвон
пешоянди дъруни... / дарунӣ, бо шакли дъри... дучор мешавад. Пе-
шоянди миёнаи ..., дар шакли минаи...//мини истифода мегардад. Аз
инҳо шакли минаи... барои ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ характер-
нок аст.

---

1 Y. L a z a r d. La Langue. ..., саҳ. 426.

2. Дар шеваи ҷанубӣ ҳодисаи истеъмоли васеи қолабҳои пе-
шоянду пасояндӣ маълум аст, яке дар ин лаҳҷаҳо пасояндҳои – а
//-ра; да//-ъндa///-на ҳам бо **пешояндҳои аслӣ** ва ҳам номӣ дар
як маврид барои ташкили аъзоҳои гуногуни ҷумла истифода мешаванд:
хъди то барф задан-а места (ш-к., Ховалинг); бе гъҷо-ра мерава
(в-қ., Нӯшор); дар пушти Ғарм-а зъмин додийан-ъш (қ., Навдеҳ); су-
ратгир да къҷо? -да хонаи котиб-на (Р..., Хӯҷағалтон).
3. Пешояндҳо аз ҷихати хел низ метавонанд баъзе хусусиятҳои
хоси шевагӣ зоҳир кунанд. Масалан, пешоянди бо ҳамчун дар шева-
ҳои дигари забони тоҷикӣ дар шеваи ҷанубӣ низ истеъмол намешавад,
зеро вазифаи онро пешоянди ба ва пешоянд-пасоянди қати иҷро ме-
кунанд. Дар шеваи ҷанубӣ инчунин пешоянди ҷуз, ҷуз аз низ тамо-
ман ба кор бурда намешавад. Ба ҷои он пешоянди без ай//бези...,
баъзан ғайри...,//ба ғайри... истеъмол мешаванд. Дар шеваи ҷану-
бӣ пешояндҳое дучор меоянд, ки аз исмҳои маънӣ бо иловаи изофат
ташкил шудаанд ва онҳо дар забони адабӣ чун пешоянд мавриди ис-
теъмол нестанд: ранги,... чени..., ба доди..., сохти..., дъмби..., ...
зи ва ғайраҳо.
4. Системаи пешоянду пасояндҳои шеваи ҷанубӣ аз рӯи ифо-
даи маъно ва адои вазифа назар ба пешоянду пасояндҳои забони ада-
бӣ ба тафовути муайяне молик гаштанд. Дар шева маънои граммати-
кии баъзе пешояндҳо маҳдуд ва баръакс маънои баъзе аз онҳо нисба-
тан васеътар шудааст, инчунин онҳо вобаста ба истифодаи худ пеш
ва ё пас аз калимаҳои асосӣ муносибатҳои махсуси грамматикиро
ифода мекунанд, ки дар забони адабӣ дучор намешаванд. Чунончи:
дар шеваи ҷанубӣ пешоянди ифодакунандаи маънои масоҳаи ба назар
ба забони адабӣ доираи андак   дигари маъноӣ дорад. Маънои ма-
соҳагии пешоянди мазкур дар ин шева нисбатан тангтар аст: вазифа-
ҳои асосии он, ки нишон додани сӯи ҳаракат ба нуқтае, ба предмете,
ҷараёни ҳаракат ба дохили предмет ва ғайраҳо мебошад, ба тавассу-
ти пешоянд-пасоянди дар//-да, -нда, -на ифода мешавад. Ин ҳодиса
боиси он шудааст, ки вазифаҳои локативии пешоянд-пасоянди дар ва
вариантҳои он бештар гардад. Инчунин дар шеваи ҷанубӣ маънои во-
сита ва ҳамроҳӣ бо ёрии пешояндӣ ба ифода мешавад, дар забони
адабӣ бошад, дар ифодаи ин маъноҳо ду пешоянд -ба ва бо истифо-
да мешаванд. Аз нуқтаи назари ҳамрангии вазифа дар шеваи ҷану-
бӣ пешоянд-пасоянди қати, ки дар шакли гуфтугӯии забони адабӣ бо
пешоянди бо муродиф мешавад, ба системаи пешоянди ба дохил ме-
шавад.

Таснифи вазифаҳои пешояндҳоро, ки ба ҳолати пеш ва ё пас-
позитивии онҳо алоқаманд аст, дар тамоми лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ,
дар пешоянд-пасоянди қати баҳубӣ дидан мумкин аст. Вай пеш аз
калимаҳои мустақилмаъно муносибати ҳамроҳиро, аммо пас аз онҳо
воситаи иҷрои амалро нишон медиҳад.

Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи шеваи ҷанубӣ ин аст, ки па-
соянди-ра дар онҳо хеле сервазифа буда, доираи васеи истеъмол до-
рад. Ин пасоянд дар айни замон маъноҳои зиёди анъанавиро маҳфуз
доштааст, ки аксари онҳо имрӯз дар забони адабӣ мустаъмал нес-
танд.





Дар шеваи ҷанубӣ пешояндҳои аслии зерин ба қайд гирифта шу-
даанд: ба (бо вариантҳои бэ, бай, бе, бей, ва //wа), да, (бо вариант-
ҳои дэ, дар//дай): ай (аз//а), то, бе, барои.[2] Пешоянди бо, асосан,
дар лаҳҷаҳои бадахшонӣ мушоҳида шудааст. Дар лаҳҷаҳои дигари ҷа-
нубӣ истеъмоли пешоянди бо ҳодисаи нодир, аниқтараш, тасодуфист.
Ҳамчунин бояд зикр намуд, ки пешоянди бар низ аҳьёнан ба кор
бурда мешавад.[3] Ба ҳамин тариқ, пешояндҳои ба, да//дар, ай//аз,
то, бе, барои ҳамаи шеваи ҷанубӣ умумӣ мебошанд. Аммо вариант-
ҳои фонетикии пешоянҳои мазкур хусусиятҳои хоси ҳар кадоми лаҳ-
ҷаи шеваи ҷанубиро нишон медиҳанд. Варианти ба барои ҳамаи лаҳ-
ҷаҳои шеваи ҷанубӣ ҳодисаи умумӣ ба ҳисоб меравад, аммо вариант-
ҳои дигар бошад ба тарзи зайл ҷудо мешаванд: дар лаҳҷаи кӯлобии
Ҳисор бэ, дар гурӯҳи қаротегинӣ ва шимолии Кӯлоб -бай: бай рузои
якшанбе бърем (ш-к., Ховалинг); угам бай кърта кук карди (в-қ.,
Ёзганд). Вариантҳои бе, бей, инчунин ва //wа дар гурӯҳи лаҳҷа-
ҳои вахиёй-қаротегинӣ паҳн шудаанд: бе Нийоз-а търошида бъдаст
(в-қ., Чилдара); иҷ гапо ва расми Вахио бъдак (к-ҳ, Яхакпаст);
елак наоварди? оли ва чи мебеза ордо-ш-а (в-қ., Ҳрит); ливос-
а wа сузан медузан (в-қ., Нӯшор).

Аз гурӯҳи вариантҳои да//дар//дай шакли да мунташир ва
серистеъмол аст. Дар шакли камистеъмоли дай овози й чун овози
иловагӣ пайдо мешавад онро, асосан, аз гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолии
Кӯлоб ба қайд гирифтаанд: қоғазо-м дай мъ ҷориф-ай (ш-к., Хова-
линг).

Пешоянди адабии аз дар тамоми лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ бо
пешоянди ай мувофиқат мекунад. Дар лаҳҷаҳои мазкур шакли аз
низ баъзан мушоҳида мешавад, ки онро одамони сафар карда ва со-
ҳибмаълумот дар муомила бо шаҳриён истифода мекунанд. Инчунин
вай дар маҷлису ҷамъомадҳо ҳам ба кор бурда мешавад. Умуман,
аз рӯи дараҷаи истеъмол то имрӯз шакли ай барои лаҳҷаҳои шеваи
ҷанубӣ норма ҳисоб мешавад. Аммо вазъият дар лаҳҷаҳои бадахшо-
нӣ андаке ба ранги дигар ба назар мерасад, чунки матнҳо шаҳодат
медиҳанд, дар ин лаҳҷаҳо шакли аз//а бо шакли ай баробар, ҳат-
то миқдоран бештар истифода мешавад.[4]

---

2 Пешоянди барои, ки таърихан ба пасоянди қадими радий
алоқаманд аст, маъноҳои сабабу мақсадро ифода мекунад ва дар
забони адабии ҳозира дар байни пешояндҳои аслӣ ва номӣ қарор ме-
гирад. Ҳамчун пешояндҳои номӣ ба калимаи баъд аз худ меомада-
гӣ бо -и алоқаманд мешавад, ҷонишинҳои энклитикӣ қабул мекунад,
аммо маънои мустақили луғавӣ надорад.

3 Ин пешоянд, асосан, дар назми халқӣ дучор мешавад: хо-
лаи туйдор давлат бар сар-ут, саду бистсола шавад писар-ут (ғ-к.,
Тутқавул, аз суруди базми сартарошон).

4. А.З.Р о з е н ф е л ь д. Бадахшанские говоры .., стр. 15,
ниг. Тексты, стр. 39-70.

Пешояндҳои то, бе, бапои дар шеваи ҷанубӣ ба тағьироти фо-
нетикӣ дучор намешаванд.
Пешояндҳои аслӣ, ки аз забони қадим ва миёнаи форсӣ[5] иб-
тидо мегиранд, сермаъноянд. Онҳо маъноҳои хеле гуногунро ифода
мекунанд, ки маҳз дар ибора, дар таркиби ҷумла дар асnои бо кали-
мае омадан зоҳир мешаванд. Маънои грамматикии пешояндҳо вобас-
та ба маънои луғавии калимае, ки ба он марбутанд, хусусан, маънои
луғавии феълҳо, ки калимаи бо пешоянд таркиббастаро ба худ тобеъ
мекунанд, зоҳир мешавад.
Дар системаи пешояндҳои аслии шеваи ҷанубӣ пешоянди масо-
ҳагии да//дар ниҳоят фаровон истеъмол мешавад. Вусъати истифо-
даи ин пешоянд дар нутқ ба хосияти сермаъноии он мартуб аст. Аз-
баски баъзе вазифаю маъноҳои пешоянди дар бо пешоянди ба муво-
фиқат мекунад, онҳо дар мавридҳои муайян озодона ҳамдигарро иваз
мекунанд. Бояд илова кард, ки пешоянди дар нисбатан серистеъмол
аст. Инро метавон ба чунин ҳодиса вобаста намуд, ки вай дар ҷум-
ла мавқеи озоди истеъмол дорад, хусусан, ин ягона пешояндест, ки
чун пасоянд низ истеъмол мешавад.
Пешоянд-пасоянди дар//да//-да//-ънда//-нда//-на

Мувофиқат кардани вазифа ва доираи истеъмоли пешоянди дар//
да ва пасояндҳои мазкур имконият медиҳад, ки дар//да//-да//
-ънда//-нда//-на ҳамчун пешоянд-пасоянд тасниф шуда дар як ҷо
аз назар гузаронида шавад. Аз ҷиҳати пайдоиши таърихиаш ин пе-
шоянд-пасоянд пешоянд-пасоянди қадимии эрон антар-ро, ки дар дав-
раи классикӣ дар шакли андар//дар//-андар//-дар истеъмол карда
мешуд, акс мекунад.[6] Пасоянди -на, аз афташ шакли кӯтоҳшудаи
-нда мебошад.
Дар//да чун пешоянд барои тамоми лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ
умумист. Вариантҳои он бошад (чун пасоянд) ба ҳамаи ин лаҳҷаҳо
хос нест, вай интишори саросар надорад. Ҳудуди интишори пешоянди
-да//дар чун пасоянд дар дохили лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ чунин аст: -да
дар ҳамаи лаҳҷаҳои кӯлобӣ, қисман дар лаҳҷаи бадахшонӣ низ: -нда.
дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ: -на дар лаҳҷаҳои роғӣ ва қисман бадах-
шонӣ. Ба ғайр аз ин дар баъзе маҳалҳо истеъмоли мувозии пасоянд-
ҳо мушоҳида карда мешавад, аз ҷумла -нда//-на – дар қисми лаҳ-
ҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ (Чилдара); -нда//-да – дар қисми лаҳҷаҳои
қаротегинӣ (деҳаҳои Қаротегини поён); ҷъдо раҳмати ота-м суворо-
йа торикшаw-да хона-да таклиф кад (қ., Ғофилобод). Пешоянд-пасо-
яндҳои мазкур дар шеваи ҷанубӣ дар ифодаи маъноҳои масоҳат, за-
мон ва объект доираи васеи истеъмол доранд. Онҳо маъноҳои зайлро
нишон медиҳанд.
1. Қароргоҳи предмет ва ҷои судури амал: меҳмуно дар ху-
наи Исуф-шу хоw каан (в-қ., Нӯшор); ҳами ҷамоҷат -ънда калон-
ъш Йахакпаст бъд (в-қ., Яхакпаст)"; тъ дина дар Қалҷанак бъди
(қ., Қалъанак); и колхос-ънда кор каагӣ-м-а фаромъш каум (қ.,

[5] В. С. Р а с т о р г у е в а. Опыт..., стр. 115
[6] Ниг. В. С. Р а с т о р г у е в а. Опыт..., стр. 115; Y. L a z a r d. La Langue ..., саҳ. 398-402.



Каҳдара): каҳ-аш бъройа боз у-ра дар хърман тънък мекънан (ғ-к.,
Чавроғи боло); да ҳаминҷа қариw бис бъна да боғи бобоӣ-му ху-
на кааги-йай (ш-к., Мӯминобод); да къшо шаw истодай? -да Харко-
рон (Роғ, Бадринг); бъйор пийоз-а бъҷък тавақ – на (Роғ, Хӯҷағал-
тон); Кӯлоб -на бъдим (бд., Куҳилаъл); синфи шаш-да мехона (к-ҳ.,
Қипчоқ).
2. Ба дохил ва сӯи предмет равона шудани амалро нишон ме-
диҳад: дар вагзал мейем баройи ҳами лампъчка (қ., Ялдамич); мо
ай Дъшанбе омадеса бъдем, шофир киоска-да дърома (ғ-к., Давлат-
шоён); бъдройе хуна-нда (в-қ., Кӯл); у рафт да хонаи дад-иш (бд.,
Нуд); саг сарш-а да хурма месиха (ш-к., Ховалинг); бъз дар ха-
ми шах мебъройа мерава, ас ҷар намеша (қ., Шинглич); қарабой-ра
да чалък мон (Роғ, Хӯҷағалтон); вай дъхтурхона-да рафтаги (к-ҳ., Кончӣ);
хона-на давида бъра (Роғ, Хӯҷағалтон); Сарикул-на рафтим (бд.,
Нижгар).
3. Бо исмҳои дорои маънои замон ва масдар алоқамандона бо
матн вақти судури амал ва ё муддати тӯли онро нишон медиҳад:
дар майдааки чи дидауди? (қ., Шинглич); каwг файрод кардаги вахт
-ънда (в-қ., Сарикенҷа); шафтоли шинондем, сесолаги-да ба бор
дърома (ғ-к., Гӯрдара); вахт-ъш-да йаг шикораки бъд (ш-к., Ғелот);
ба худойе, ма-ш (модараш) набоша, дъ руз-да гъшнаги-да мемъра
(ҷ-к., Ёл); ака-ш мейойа мега, ки ҳама да тобистон тът хъра,
и да зимистон (ш-к., Хонақо); wа дъст, wа дос дар йа руз панҷоҳ
дарза медъравидъм (в-қ., Нӯшор); шаш руз-да Маскоw-да расид
(к-ҳ., Тӯда); мъ и кърта интихоб-на пушидъм (Роғ, Хӯҷағалтон);
гоw-ъш йак мо-на шир надод (Роғ, Бадринг); ман пеши райпо раф-
там ҳами хона-ра сохтан -ънда (в-қ., Нӯшор); есйоw рафтан-да
хънък хурдум (к-ҳ., Зулмобод).
4. Бо ёрии пешоянд-пасояндҳои мазкур таркибҳое ба вуҷуд
меоянд, ки синну солро ифода мекунанд: шаст-ънда дъромадаст (в-қ.,
Оқсой); чълу хафт-да рафтъм (ш-к., Ховалинг); ана ман шаст панҷ
да дъромадъм, мазори Хуҷа Нур-а надидъм (ғ-к., Давлатшоён);
афтод-аштод-на раф-тас (Роғ., Хӯҷағалтон); сол-ът гуспанд боша,
йакамси-да-йи (к-ҳ., Тӯда).
Муносибати объектие, ки пешоянд-пасояндҳои дар//-да//-ънда
//-нда//-на ифода мекунанд, ба маънои масоҳагии исмҳо марбут
аст. Чунончи, маънои равона шудани амал ба нуқтае, маконе, ё пред-
мете ҳангоме ифода мешавад, ки пешоянд ба адресат, барои касе, ё
чизе нигаронида шудани амалро таъину муқаррар кунад. Мувофиқи
материалҳои шеваи ҷанубӣ маъноҳои зерини ғайримасоҳагии пешоянд-
пасояндҳои зикршуда ба назар мерасанд:
1) Равона шудани амал ба ҷониби шахс (адресат): Қуватоф-да
гуфтан даркор-ай (ғ-к., Рӯиоб); руба-ра бите дар ман (в-қ., Кӯл);
дар мо ра надодан, залал мекъна гъфта (ғ-к., Олучадара); амрут-а
да ма намети? (ш-к., Ховалинг).
2) Муқаррар шудани амал ва ё предмет барои касе ва ё чизе:
Ҳайдар дар туйи дъхтар-ъш нун кард, ҷамо-ра файрод кард (в-қ.,
Нӯшор); ҳа ҳаму истарочи-йам бас бъд ма-да (ғ-к., Балҷувон); и
дар чан късал дору-ай (қ., Ҷафр); у ҳам закатовка гушт қабъл
мекъна (ғ-к., Давлатшоён); мар-да риш-у ру, зан-да му-w у ру (ш-к.,
Хонақо).

3) Сабаб: ба хъдойе, ма-ш (модараш) набоша, дъ руз-да шикам-ъм оли бис:.- хаму йара-нда гъшнагй-да мемъра (ҷ-к., Ёл); бефараги-да мърдъм (к-ҳ., Зулмобод). йор зиқ-ай (в-қ., Ёзғанд); мо-да (ш-к., Ғеш); пештаро хонаҳои бонги бъд

4) Мансубият: бисйор-ку? (қ., Қалъанак). дар шъмо бача ҳозир

5) Ба предмете ишора мекунад, ки ба тавассути он амал воқеъ мегардад: кълол да мъндоw оw мехърдай (ш-к., Мӯминобод); бāд (баъд) дар сатил шурwо гърифтаса (в-қ., Куглик); ҳини Амир ɛолимхон-да падари хъд-м-а сали хъд-ъш-да печонда гуронидан (ғ-к., Давлатшоён); кузача-да оw бийоръм (ғ-к., Деҳбул).

6) Барои нишон додани муносибати предметҳо ва ашхоси гуногун истифода мешавад: мън шъмо-нда хорз-о-м (в-қ., Нӯшор); вай да ин амаки меша (қ-х., Тӯда).

7) Предмет; ё шахсонеро нишон медиҳад, ки дар судури амал ширкати тарафайн доранд: пештар и қишлоқ да у қишлоқ ҷанг бъдан (қ., Қалъанак).

Барои нишон додани муносибати предмету шахсон (майл

8) Барои нишон додани муносибати предмету шахсон (майл ва наздикшавӣ) истеъмол мешавад: кадом кор-да дил-ът қизиқ мекъна , ҳаму хуб-ай (ғ-к., Рӯиоб); шъмо соф дакка нахъре и коро-да (ҷ-к., Ёл).

9) Дар аснои ифодаи предмети мубодила ё арзиши предмет истифода мешавад: си сум-да дъ мърғ меша (ғ-к., Давлатшоён); йак курпа дар бист тоқи гандум фърхтан (в-қ., доштан, бурдан дар убара, дар ҳазор сум растарат-ъш бастан (ш-к., Наврӯҳо), Қалъаи Лабиоб);

Пешоянди - б а

Бар хилофи муодилаи адабиаш ин пешоянд дар шеваи ҷанубӣ вазифаи се пешоянд ба, бо , дар - ро дар худ муттаҳид намудааст. Дар лаҳҷаҳои шеваи мазкур ба тавассути пешоянди ба ва вариантҳои он муносибатҳои маънои масоҳа, замон, воситаи иҷрои кор ва ҳамроҳӣ, ки ба сӯи объект-шахс ва ё предмет нигаронида шудаанд, ифода мешаванд. Дар шеваи ҷанубӣ пешоянди ба назар ба пешояндҳои пасояндии дар//-да, -нда, -на, ки аз ҷиҳати иҷрои вазифа бо ҳам наздикӣ доранд ва дар баъзе мавридҳо ба сифати муродифи ҳамдигар воқеъ мешаванд, камтар интишор ёфтааст. Сабаби асосии ин ҳодиса, эҳтимол, ба доираи маҳдуди истеъмоли пешоянди ба вобаста бошад, ки ба сифати пасванд ба кор бурда мешавад ва ба сифати пасвай, асосан, ҳамчун пешоянд ба кор бурда мешавад ва ба сифати пасоянд истифода шудани он хеле кам қайд шудааст. Дар асарҳои матбуъ ҳамчун пасоянд истеъмол шудани пешоянди ба дар лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор [7] (дар ду-се ҷумла), дар лаҳҷаи Мирзоии Ёвон [8] ва дар лаҳҷаҳои бадахшонӣ қайд шудааст. Дар материалҳои фонди шӯъба истифодаи пасоянди ба чун пасоянд тамоман қайд нашудааст.

---

7 Л.В.Успенская. Говоры таджиков Гиссарского района, стр. 80-96. (Муаллиф дар очерки грамматикӣ қайд мекунад, ки дар шеваи водӣ ба хеле кам истеъмол мешавад. Асосан вай чун пешоянд барои ифодаи сӯи амал истифода мешавад), саҳ. 27.

8 О.Ҷалолов. Гурӯҳи шеваҳои тоҷикони районӣ Ёвон, саҳ. 19-20, 88.



Бояд зикр намуд, ки дар лаҳҷаҳои бадахшонӣ пешоянди ба чи дар бобати ифодаи муносибатҳои маъноӣ ва чи тарзи истеъмол нисбат ба дигар шеваҳо бештар интишор ёфтааст. Яке аз хусусиятҳои пешоянди ба дар лаҳҷаҳои мазкур аз ин иборат аст, ки вай дар онҳо аз рӯи вазифа ба пешоянди ба - и забони адабӣ монанд аст.

Инак, дар асоси материалҳо метавон ба чунин хулоса омад, ки пешоянди ба дар лаҳҷаҳои бадахшонӣ барои ифодаи сӯи ҳаракат, нишон додани ҷараёни амал ба тарафи шахс - адресат бештар ба кор бурда мешавад. Баръакс дар ин лаҳҷаҳо пешоянди дар барои ифодаи муносибатҳои мазкури маъноӣ нисбат ба дигар лаҳҷаҳо кам истеъмол мешавад.[9]

Чунонки зикр шуд, пешоянди ба дар шеваи ҷанубӣ дорои вариантҳои бай, бе, бей, ва, wа мебошад, ки асосан, дар лаҳҷаҳои вахиёй-қаротегинӣ, қисман дар қаротегинию шимолии Кӯлоб мунташиранд. Вариантҳои пешоянди ба на танҳо чун шаклҳои тағйирёфтаи фонетикӣ ба назар мерасанд, балки ба дараҷаи аз рӯи вазифаи грамматикӣ низ тафовуте доранд. Чунончи, пешоянди ба дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ барои ифодаи муносибатҳои маъноии масоҳагӣ, восита ва ҳамроҳӣ хизмат кунад, пешоянди бе, бей, асосан, барои ифодаи мақсад ва таъиноти амал, пешоянди ва//wа барои нишон додани тарз ва воситаи иҷрои амал истифода мешаванд. Муқоиса кунед: ана баɛд Додарбек ба тайоқ ба сари сағър зад, сағър -а гърифт (қ., Халқарф). Пешоянди ба дар ҳолати аввал воситаи иҷрои амал, дар ҳолати сонӣ сӯи ҷараёни амалро нишон медиҳад: мандат бей бачай райис бъдас (ш-к., Шуғнов); Дар ин мисол бей таъинотро нишон медиҳад; бе оw омадъм (қ., Нимич); дар ин мисол мақсади амалро нишон додааст. Дар мисоли зайл пешоянди wа воситаи иҷрои амалро нишон медиҳад: wа ҳами камун мезанум мекъшъм-ъш (в-қ., Нӯшор).[10]

Пешоянди ба (ва вариантҳои он) барои ифодаи маъноҳои зерин истифода мешавад.

1. Равона шудани амал ба макон ё сӯи шахс: вахт ки йофтем, ба калхос меравем (қ., Ялдамич); тийоқ-а бай мо мефъруша (в-қ., Кӯл); кал гашта ба хонаш омад (ш-к., Ғелот); бай акайи Мирзо чой бъгӣ (қ., Ҷафр); ховалинграв бошен, бай қади Дегрез равен, қади Дегрез раҳи рост-ай, wори ки сангоw (ш-к., Мӯминобод); ръндък

---

9 А.З.Розенфельд. Бадахшанские говоры... муаллиф қайд мекунад, ки "Пешоянди ба чун пасоянд хеле кам дуҷор мешавад, ва чун унсури хоси нутқи ин ё он гӯянда ба назар мерасад", саҳ. 41.

10 Эҳтимол, маъноҳои гуногуни пешоянди ба ва мавҷудияти вариантҳои он ба ҳосил шудани онҳо аз калимаҳои гуногун вобаста бошад. Чунончи, пешояндҳои ба, бай , бе, бей, аз афташ, аз пешоянди форсии қадим патий, форсии миёна -пад, классикии ба , бад-: бадӯ, бад он ки дар забони адабии пешина дорои маъноҳои зиёде буданд ва ҳоло аксарияти ин маъноҳоро дар шеваи ҷанубӣ мушоҳида мекунем, рӯидаанд. Пешоянди ва//а, ғолибон, аз пешоянди форсии миёна-ақак (абāғ ) классикии аба, ки ҳоло дар шакли бо истеъмол мешавад, ба вуҷуд омадааст. Пешоянди аба дар забони давраи классикӣ дар шакли шевагии ва низ истифода мешуд. (Дар ин хусус ниг. **Y. L a z a r d. La Langue** саҳ. 423 - 424).

ба кърта-ш часпид (Роғ., Хӯҷағалтон); ба дърахт мером, ай дърахт мефром (ш-к., Шайдон); оɯи Чапа мерава ба Оɯи Тира (ғ-к., Зоғнӯл); шумо мебойад ба Андароб бъравед (бд., Гармчашма ); ин ба район дахл дорад. (бд., Андароб); мо рафтем ба Зевч баройи езум (бд., Гармчашма).

2. Мувофиқат ва монандӣ: лаҳҷа-тун ба ҳами мардъм мемуна (в-қ., Ҳиҷборак); руйи тъ ба руйи парӣ мемуна, ɯоре ки қад-ът пас тар-ай (қ., Қалъанак); забони мо ба забони Вахийо наздик-ай (қ., Ялдамич); ин гапо ва расми Вахийо бъдак (в-қ., Яхакпаст)

3 . Мақсад ва таъиноти амал: ар кас ба фоидаи худи-ш гап мезана (Роғ, Хӯҷағалтон); и дар истоловой кор мена, бе гандум умад (в-қ., Қалъаи Лабиоб); бача-м-а фирсондам ҳойит бе пъл (в-қ., Яхакпаст).

Дар истеъмоли пешоянди ба як хусусияти фарққунандаи лаҳҷаҳои бадахшонӣ ин аст, ки вай пеш аз масдар омада, амалеро нишон медиҳад, ки бо мақсаде ва ё хоҳише содир шудааст, ё бояд содир шавад. Дар чунин маврид масдар чун номи амал феълҳои ёридиҳанда в^ ё бандакҳои феълӣ қабул мекунад: ма ба рафтан-ъм (ман рафтани-ам); ба рафтан шидай (рафтанӣ шудаст, бд., Қозиде), сар-ъш-а ба шиштан бъд (бд., Қозиде); мор ма-ро дид, съни ма омад, маро ба газидан (бд., Сист).

4. Восита ва тарзи иҷрои амал: ɯа ҳамин камун мезанъм-ъш (в-қ., Нӯшор); дар зъмин ва шикам задас (қ., Нимич); баɛд вай-а ба камун зан (қ., Ҳалқарф); и-ра ба дъст дъхтай (ш-к., Мулвай); и карат ба райи..бологӣ омадъм (ғ-к., Қазонгузар); гандъмлоконӣ); ɛъшър-аш-а ба пъл мешикаст (ғ-к., Кангурт); ɯ ба меҳнат мебийот канал-а хъди мардъм сохтан (к-ҳ., Тӯда); ба мошин омаде, ҳамун рузи омъдги-тон (к-ҳ., Тӯда); ҳане-ра мечъкан ва оличаи тар-ъ ванъмък , баъд ба дъст-ът мебандан (в-қ., Чилдара).

5. Замони вуқӯи амалро нишон медиҳад: ба соли дига акъ мактаб мерава (ш-к., Шайдон); ба ҳени оɯ рафтан-ъм у омада бъд (ш-к., Ховалинг): бай рузойи йакшанбе бърем? (ш-к., Ховалинг).

## Пешоянди ай//аз

Пешоянди ай//аз дар маъно ва вазифаи асосии худ аз забони адабӣ чандон тафовут надорад. Ин пешоянд муносибатҳои масоҳагӣ ва замониро ифода намуда, мавқеи баромад, сарчашмаи амалро нишон медиҳад ва инчунин ҷудошавӣ ва душвориро мефаҳмонад. Пешоянди ай дар маъноҳои зерин истеъмол мешавад.

1. Барои нишон додани нуқтаи ҷараёни амал, майли он аз самти дохилӣ ва ё аз сатҳи предмет: ай къшт пъга рафта бъд (ҷ-к., Ёл); вега ай шаҳр йа дъхтар умад (в-қ., Нӯшор); имшаɯ гуспан ай пода найомадас (Роғ, Хӯҷағалтон); ота-м аслан ай Сарихосор омадагӣ (ш-к., Ховалинг); ҳезъм-а ай чул мейоран уно (к-ҳ., Тӯда); даҳмардо моли колхоз-а ай пъшта мехамбонан съни дара-да (ғ-к., Зоғнӯл); уно аз Хуросон омадагӣ (бд, Баргуш); даҳуми моҳи ийун ай аскари умад (қ., Янғоғлик); ғелидъм ай асп (ғ-к., Деҳбул).

2. Ҷараёни амал аз байни предмет ва ё гузаштани он аз ҳадди муайян: ай оɯ читари мезгарӣ? (ш-к., Ховалинг); соɛат-ам ай панҷ гъзашт (ш-к., Хонақо); ай руйи гъфтаҳои ҳаму одамо ай се сат сол гъзаштаги-йай (к-ҳ., Кончӣ); аспо-шун ай оɯ сер шъд (к-ҳ., Ёвон ); ай ҳаму дайро усу ки мезгара, онҷо наздик-ай (к-ҳ., Сумбула).

3. Қароргоҳи предмете ё шахсе аз ягон канори предмете: дъта ай у пара-ш (қ., Каҳдара); баɛд асп-а ай уруйи копрък бастам (ш-к., Хонақо); дъ дастаи дъгар, йата ай и тараф, йата ай у тараф, мемонан (к-ҳ., Чавроғи боло).

4. Предметро нишон медиҳад, ки такьягоҳу заминаи судури амал ба шумор меравад: ай таф-ъм гир (қ., Қалъанак); ай даст-аш оста бъгир, ки хулфук (дарманд) аст, даст набаройа, йо нашикана (бд., Гармчашма); хък-а задум ай пешони-ш (к-ҳ., Мирзоӣ).

5. Маънои замонии пешоянд ба туфайли семантикаи исме, ки ҳамроҳи он омадааст ва ба воситаи мазмуни гуфтор равшан мегардад.

Пешоянди ай ибтидои дар замони муайян ба ҷараён даромадани амалро медиҳад: Саɛдъло ай саҳар мерава (ғ-к., Давлатшоён); ай пъгайи кор мекардем, шалпар мешъдем (қ, Каҳдара); ай къдакӣ ҷъфт-ъ дърав када гаштем (к-ҳ., Сумбула); ай вахти мърдан-ъш понздаҳ сол мешава (Роғ, Хӯҷағалтон); ай омадани тъ исъ ҳаво иқа гарм шъдас (в-қ., Нӯшор); ай рузе, ки соҳиби ɛақл шъдем, и ҳамитари сийоҳ-ай (ғ-к., Балҷувон); аз соатои афт сар карда то афти пагойи дар болои дегдон кам-кам алоɯ мекънан (бд., Нуд).

Ба маънои масоҳагии пешоянди ай ҳамаи маъноҳои дигари он, аз ҷумла аз предмет дур шудан, аз кул ҷудо шудани ҷузъ, аз гурӯҳи ҳамҷинсони худ ҷудо шудани предмете, сарчашмаи амалу эҳсосот зич марбут аст.

6. Сабабу натиҷа ва ё ҳолати предметро нишон медиҳад: ай бетамизӣ сақаɯ (зуком) мешай (Роғ, Хӯҷағалтон); байт ай дъхушӣ, рубойи аз ғам (бд., Қозиде); касали сил бисйор ай диққат пайдо мешава (қ., Нимич); ай райи дур омадъм, ай ташнаги-ра мурдастам (ғ-к., Саталмуш).

7. Объекти фикр ва ё нутқро нишон медиҳад: гап назане ай хар (в-қ., Кӯл); ай посира замон намедони (ғ-к., Давлатшоён); ай Фъзайл ҳиш дарак дори? (қ., Каҳдара).

8. Ба сарчашма, сабаби ҳолат ишора мекунад, ки дар чунин маврид хабари ҷумла бо феълҳои ифодакунандаи биму ҳарос, душвавӣ аз нуқтае ва монанди инҳо ифода мешавад: ҳамиқа йордам-ъш каан, бо (боз ) сағира ай мън хафа ай (в-қ., Нӯшор); ай инсон пулот метарса (ғ-к., Ғуиоб); и мусъфед ай аҷина метарсидас (в-қ., Куглик); мън ҳичи дъл-м-а ай ҳами канда наметонъм (қ., Ҷафр); ай райиси калхос азар мекъна (Роғ., Хӯҷағалтон); баад ай йарғуйи мир хъд-ш-а халос кардай (қ., Ялдамич).

9. Ба шахсе, предмете ва ё ҷое ишора мекунад, ки сарчашмаи бадастдарорӣ, моликшавӣ, хабар ёфтан ба шумор меравaнд: нақли асп-а ай къдом шънидай (ғ-к., Давлатшоён); ай магазин ҷомайи хуб гърфтъм (ш-к., Шуғнов); гудако овардийан-ъч дина ай хъди боло (ғ-к., Кӯли сӯфиён); очам-шон ай ким ҷо шънавидай, ай йагон мусъфед (ғ-к., Тутқавул); тъ ай мъ ичи залар надидай (Роғ, Хӯҷағалтон); савор ай дили пийодагӣ хабар дорад? (қ., Шархо); ин ка-

лимара ай гъҷо йофти? (қ., Ялдамич).
10. Ба предмети кул, ки аз он ҷузъе ё гурӯҳе ҷудо мешавад, ишора мекунад: ма ай ҳаму метарсидагиҳо нестъм (к-ҳ., Кончӣ); ма ай и оw гърифта бъдъм (ғ-к., Давлатшоён); ҳаму ай сеw и хъд-шу пайван оwардъ пайванд-шу кард (қ., Шарҳо); ай шириндонаш бийор (ғ-к., Рӯйоб); шъмо ай ранги сърх гирен, мӓлим, сабз медавондай (в-қ., Олучадара); файзъло ай сеw дъта-сета от къ (ҷ-к., Хирманҷо); ай ҳами шаҳро Кадучи дийам-ъ Ховалинг-а дийам (ш-к., Шайдон).
11. Ба материале ишора мекунад, ки аз он предмет сохта шудааст: ай чуwи бед чорто тарк мекънан (ғ-қ., Чаврори боло); мала (хона) аз санг иста (бд., Гармчашма); дъстак-а ай дъраҳтиԑ ар-аз санг иста ... ай кораз ситакъон карԑар, чормах мебъран (ғ-к., Чавроги Боло); ай кораз ситакъон кар-

дийан (қ., Навдеҳ).
12. Предмет, ё шахсеро нишон медиҳад, ки предмет ва ё шахсе бо он муқоиса карда мешавад: ай и хъшрутар нақл къне-да мо нависем (қ., Ялдамич); ай мън йозда сол калун-ай (қ., Ҷафр); у бачайе -ш ки умаа wъд, ай и лъмб-ай (қ., Каҳ дара); ай у долони пешанги иҷа хуw бъдай, шъмол намедъройа (қ., Обигарм).
13. Предмет ё шахсеро нишон медиҳад, ки ба чизе молик аст, ё ягон чиз мансуби он мебошад: ҳақи ма ки нарава, ай тъ намера (ғ-к., Давлатшоён); тъ дъхтари кисти?-ай ар дъ-ш (Роғ, Хӯҷағалтон); и дос ай ки ? – ай чийан-т (ҷ-к., Ёл); аввал ай мо танидастъ баԑд ай Фотима (қ., Қалъанак); ай мардако-ам доран, ай занако ни медал (ш-к., Мӯминобод).

Пешояндҳои то, бе, барои

Ин пешояндҳо дар шеваи ҷанубӣ чи аз ваҷҳи вазифа ва чи аз хусуси ифодаи муносибатҳои маънои аз муодили адабии худ фарқе надоранд. Пешояндҳои то, бе, барои чандон сермаъно нестанд ва вазифаҳои онҳо аз ҳамдигар тафриқаи калон дорад. Пешоянди то- ба гурӯҳи пешояндҳои нишондиҳандаи маъноҳои масоҳа ва замон дохил мешавад, аммо пешояндҳои бе ва барои ин маъноҳоро ифода намекунанд.
Пешоянди то, ҳамчун дар забони адабӣ, интиҳои амалро дар дохили фазою вақт нишон медиҳад: дави гусала то дари кадун-а (қ., Ҷафр); ай ами Нъмич то пойин-а... (қ., Нимич); ай қишлоқ то фърмайи калхос иқа дур не (в-қ., Ярхаб); ай соли чили йакум то чили нъҳъм маԑлима бъдъм (қ., Қалъанак); шъмо то чан вахте меcте иҷа-да (ғ-к., Давлатшоён); мън хъд-ъм то ҳами қариби-ра чойи памил мехърдъм (қ., Шарҳо).
Пешоянди то бо исмҳои ифодакунандаи маънои миқдору андоза ба ҳадди охири андозаю адад ва миқдор ишора мекунад: хъд-ъм танҳо, неки то йак сад-ъ си кило мечиндум (к-ҳ., Тӯда).
Мисли забони адабӣ дар шеваи ҷанубӣ низ пешоянди таркибии то ба истеъмол мешавад. Дар ин маврид ба ба гуфтор маънои таъкидӣ мебахшад: шаw то ба руз-а фикри пилонкаши-ъм (ш-к., Мӯминобод).
Пешоянди бе нишон медиҳад, ки предмет дар вуқӯи амал иш-



тирок намекунад: ҳич ки бе печка зиндагонӣ карда наметуна (в-қ., Куглик); бе калхос истиқомат каа намешава, калхос чъзи хуб-ай (ш-к., Даштимайдон).
Пешоянди барои дар ифодаи маъноҳои зерин истифода мешавад:
а) мақсади вуқӯи амалро нишон медиҳад, инчунин ба предмете ишора мекунад, ки амал барои он воқеъ мешавад ва ё таъин шудааст: барои додар-ът-а шотиме меойа (ғ-к., Деҳбул); дарза-ра барои қоқ шидан по мезанан (ш-к., Ховалинг); акън йагунта барои мисол навиштан даркор, а не? (ш-к., Шайдон); мурч боша, дангича (-йа) медози барои сақаw, бад сийат мешай (Роғ, Хӯҷағалтон); амсойаҳо баройи меҳмонойи аз дур омадаги аwқот мекънан (бд., Андароб);
б) сабаби вуқӯи амалро нишон медиҳад; Файзи барои кор-ъш медал гърифтай (ғ-к., Чаврори Боло).
Дар шеваи ҷанубӣ пешоянди барои бо пешоянди ай дар як таркиб меояд: ай барои//аз барои. Аммо доираи истеъмоли ин пешоянд маҳдуд буда, аҳъёнан дучор мешавад: ай барои гандм ҳеҷ ҷо рафта натуниста истодъм (ш-к., Дараи Мухтор).

Пешоянд-пасоянди қати/-қати//қайи

Ин пешоянд – пасоянд дар шеваи ҷанубӣ доираи васеи истеъмол дорад. Вай ба сифати пешоянд бештар муносибати ҳамроҳӣ ва ҳамчун пасоянд тарз ва воситаи амалро нишон медиҳад: торунхъри рафтем кати дунйо занак, дойра зада (в-к., Яхакпаст); мън равам, бози мекъна қати бачо (қ., Қалъанак); қати бъргат ҷанг хурд (ғ-к., Давлатшоён); мъ қати у Хоwалинг нарафта wъдъм (Роғ., Хӯҷағалтон); қати мошин мебарем-у мунд (ҷ-к., Ёл); и пийола-йа қайи оwи ҷуш шишти? (ш-к., Муллоконӣ); милтиқ қати, кор, табар ҷанг кардан (бд., Сист); чъгина қати ба хърман-а шоли-ра мийовардем (ш-к., Ғеш); ай ҳаму сън дърбин қати ҷоҳои мо-ра нигоҳ каа меистод (к-ҳ., Тӯда).
Ҳамчунин пасоянди- қати дар ифодаи маънои ҳамроҳӣ низ мавриди истеъмол аст: гудако қати ҷо бъравем, мега (ғ-к., Давлатшоён): панои ҳаму дъхтар кати соз ома (ғ-к., Олучадара).
Дар шеваи ҷанубӣ пасоянди қати бо исмҳои макон омада, макон ва сӯи ҳаракатро нишон медиҳад. Дар ин ҳолат тобиши тарзи иҷро шудани амалро низ нигоҳ медорад, раҳи тарвоза (роҳи нишеб) қати бъра (ш-к., Ховалинг); боло қати бъйо, хола (ш-к., Сарихосор); зимистон и раҳ қати рафта намешава (ғ-к., Дашти Майдон). Бо пешоянди ба ҳамроҳ омада пасоянди қати дар маънои мазкурро ифода мекунад: мъ ай Шуробод ба чагам қати Сарчъшма рафтъм (Роғ, Хӯҷағалтон).
Пасоянди қати, бо исмҳои зерин омада, замони иҷро шудани амалро нишон медиҳад: сари (саҳарӣ) қати ҷуръоз-а соз мекънем (Роғ, Хучагалтон).

## ПАСОЯНДҲО

### Пасоянди – ра//-а

Пасоянди-ра//-а ба гурӯҳи ҳиссачаҳои ёридиҳандаи нутқ, ки аз маънои луғавӣ маҳруманд, дохил мешавад. Дар тамоми лаҳҷаҳои ше-

ки бо садонок хотима ёфтаанд, шакли –ра қа-
заи ҷанубӣ калимаҳое, ки бо садонок хотима ёфтаанд, шакли –ра қа-
заи ҷанубӣ калимаҳое, ки дар нутқи ба забони адабӣ наз-
бул мекунанд. Шакли – ро аҳьёнан дар нутқи ба забони адабӣ наз-
дик ва ё вобаста ба шароитҳои махсус маҷлис ва ҷамъомадҳои ом-
мавӣ ба кор бурда мешавад: ай къҷоай нон–ъшмекънем дарсо–ро
(ш–к., Ховалинг, аз конференцияи муаллимон, соли 1948). Инчунин
дар натиҷаи ассимиляцияи прогрессивӣ бо таъсири садоноки о шак-
ли – ро воқеъ мегардад. Варианти –а дар охири калимаҳое меоянд,
ки бо ҳамсадо анҷом ёфтаанд.

Дар шеваи ҷанубӣ пасоянди – ра дар ғояти фаровонӣ мунташир аст. Вазифаҳои грамматикии зиёде, ки ин пасоянд дар забони адабии пешина [11] дошт, ҳоло беш аз ҳама дар шеваи ҷанубӣ маҳфуз монда-анд. Ҳамчун дар забони адабӣ вазифаи асосии пасоянди –ра дар шеваи ҷанубӣ иборат аз алоқаманд намудани калимаҳо (чунончи исм бо исм, исм бо ҷонишин ва ғ.) ва феълҳо (хабарҳо) бо ҳиссаҳои но-мии нутқ (аъзоҳои пайрави ҷумла) мебошад. [12]

Дар шеваи ҷанубӣ ду тарзи истеъмоли пасоянди – ра мунташир аст. а) алоҳида омада ҳамчун воҳиди ёридиҳанда алоқаи ҷузъ-ҳои ибораро комилан бар зиммаи худ мегирад: б) бо таркибҳои пе-шоянддор истифода мешавад, ки дар ин ҳол нишондиҳандаи маънои грамматикӣ пешоянд мебошад. Дар қолабҳои пешояндию пасояндӣ зиё-да ба кор бурда шудани пасоянди–ро дар шеваи ҷанубӣ ҳодисаи ар-хаистиест, ки аз давраҳои хеле қадими инкишофи забонамон ибтидо мегирад.

Ҳоло вазифаҳои грамматикии пасоянди –ра//–а–ро, ки муста-қилона истифода мешавад, аз назар мегузаронем. [13]

1. Ба предмете ишора мекунад, ки ба он бевосита амал ме-гузарад, дар ин ҳолат хабари ҷумла ба воситаи феълҳои гузаранда ифода мешавад: нун–тън–а хурдъм (в–қ., Нӯшор); пеш қълф–а ай вилойато мийовардан (ш–к., Ғеш); ноништа–ра да ҳамиҷа мекънем (қ., Янғоглик); маска–ра оω мекардъм (бд., Қозиде); тухмо–ро пухтѝ, о? (бд., Яхшвол).

2. Шахсеро (адресатро) нишон медиҳад, ки амал ба тарафи он равона шудааст ва ё чизе барои он таъин шудааст: бъра, Ан-вар–а бъгу (в–қ., Яхакпаст); бофънда–ра пъл медодем (қ., Каҳда-ра); Съмбалек–а бъгу (бд., Қозиде); зани Мирзокарим–а метем (ш–к., Ховалинг).

---

[11] К.Г.З а л е м а н, В.А.Ж у к о в с к и й. Краткая грамматика новоперсидского языка. СПб, 1890, саҳ. 19–20: И.К.О в ч и н н и к о в а. Использование послелога–ра в произведениях таджикских и персидских классических авторов (XI–XУ вв.); Боз аз ӯ: Функции послелога–ра в современном литературном персидском языке. Труды Института языкознания АН СССР, М., стр. 356–408: Р.Ғ а ф ф о р о в. Ташкили аъзоҳои гуногуни ҷумла бо пасоянди –ро. Журн. "Мактаби Советӣ", 1973, № 8, саҳ. 39–44

[12] И.К.О в ч и н н и к о в а. Использование послелога –ра..., стр. 393–394.

[13] Мақоми пасоянди –ра//–а дар шакли аъзоҳои ҷумла дар бораи синтаксиси ҷумлаҳои содда муқаррар карда хоҳад шуд.



Дар аснои бо ҷонишини шахси якуми танҳо ифода шудани пуркунанда, ки амал сӯи он равона мешавад, одатан, хабари ҷумла меафтад: ма–ра гълемча–ба ман гилемчаро деҳ (ғ–к., Зорнӯл); ку ҳаму пийола–ра ман–а (қ., Қалъанак); ку мън–а (ҷ–к., Ёл).

3. Объекти нутқро нишон медиҳад: и ҳамсойат–а меган мъ-ноҷири мераш–а–у (в–қ., Нӯшор); Исъфҷон, тъ кадъм чъшма–ра ме-гӯйи? – чъшмайи Сънҷито–ра (в–қ., Нӯшор).

4. Объектеро ифода мекунад, ки сабаби вуқӯи амал мешавад: бѐоби–ра полезо пъпал шъдан (ш–к., Пушъёни Миёна); харо дар ҳаминҷа мемуран гишнагѝ–ра (қ., Камаров); ма ба ҷон расидъм пийодарагардѝ–ра (ш–к., Пушъёни Миёна); беносѝ–ра касал шъдас (в–қ., Нӯшор).

5. Замони вуқӯи амалро ифода мекунад: у оча–ш–да тирамо–ра мийом, гуфтай (ш–к., Даҳана); пештара–ра ҳами хел бъдай (ш–к., Муллоконӣ); йаг сутка–ра дежурнигѝ мекънъм, йаг сутка–нда дам мегиръм (в–қ., Ёзғанд).

6. Соҳибиятро ифода мекунад, ки дар ин маврид пасоянди–ра //–а чун нишондиҳандаи муайянкунандаи пешпозитивӣ хизмат мекунад: пенсийа–ра фойда–ш–а дид каҷала Абдълло (ғ–к., Балҷувон); алоудъмбък–а дъмб–ъш дърозай (шк., Ғеш); ҳами Сайфъло–ра гап–ъш рост–ай (к–ҳ., Тӯда); и қишлоқ–а сарписов–ъш а намейови (ш–к., Наврӯҳо); мън–а дъст–ъм дард мекъна (ш–к., Дараи Турбат). Ифодаи мансуб будани ягон аломат ба шахс ва ё предмет инчунин ба воситаи пасоянди – а //–ра ба вуҷуд оварда мешавад: хамир–а мушт, аврат–а пушт (мақол; ғ–к., Тутқавул); пийоз–а пуст–ъш бисйор, занак–а дуст–ъш (мақол; қ., Ялдамич).

Чи тавре ки аҳли тадқиқот тасдиқ мекунанд, [14] тарзи иборасозӣ дар шеваи ҷанубӣ нисбат ба шеваи шимолӣ камтар истифода мешавад. Дар ин шева қолаби қадимтарин, тарзи иборасозии мазкур мушоҳида мешавад, ки муайяншавандаи чунин ибораҳо энклитика қабул намекунад: шаҳ–а аспу афзол кардем (в–қ., Яхакпаст). Дар ин мисол –а соҳибияти бевоситаро нишон медиҳад. Ин вазифаи пасоянди –а//–ра дар забони адабиёти давраи классикӣ ба таври фаровон истифода шудааст. Вале дар забони адабии ҳозира кам кор фармуда мешавад ва баъзан чун унсури хоси нависандагони ҷудогона ба назар мерасад. [15]

Сермаъноии пасоянди–а//–ра дар лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ боиси грамматиконида шудан ва гум шудани маънои он шудааст. Ин хосияти он махсусан дар аснои бо пешояндҳо омаданаш равшантар зоҳир мешавад.

---

[14] А.З.Р о з е н ф е л ь д. Говоры Каратегина, стр. 12: Ю.А. Б о г о р а д. Рогские говоры ..., стр. 144: Р.Л.Н е м е н о в а. Кулябские говоры..., стр. 32: Л.В.У с п е н с к а я. Говоры Гиссрского района, стр. 31.

[15] Д ж у р а е в. Поссесивная функция послелога–ро в таджикском языке раннего периода. Масъалаҳои забони тоҷикӣ. Душанбе, 1967, саҳ. 129–130: Р.Ғ а ф ф о р о в. Ташкили аъзоҳои гуногуни ҷумла..., саҳ. 42: И.К.О в ч и н н и к о в а. Мақолаҳои номбурда, саҳ. 385.

## Пасоянди -вори//-воре//-wори//wоре

Пасоянди -wори/ wоре ба ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ хос
буда, хеле серистеъмол аст. Ин пасоянд дорои як маъно мебошад ва
дар ифодаи муносибати монандию айният хизмат мекунад: мъшънг
нахът wори сийоҳ-ай (ш-к., Муллоконӣ); пърсева қоқ-ай бебарг,
пойа вори (ғ-к., Деҳбул). Ин пасоянд бештар бо ҳамроҳи пешояндҳои
ранги...сохти...қади...ки инчунин монандиро ифода мекунад, истифо-
да карда мешавад.

Пайдоиши пешояндҳои мазкур равшан нест. Шояд пасоянди
вори//воре, аз суффикси -вор, вори, ки мондиро ифода мекунанд,[16]
инкишоф ёфта, дар шеваҳои тоҷикӣ пайдо шуданд.

## ҲАМРОҲ ОМАДАНИ ПЕШОЯНДҲО БО ПАСОЯНДҲО

Дар шеваи ҷанубӣ, чунон ки гуфтем, таркибҳои пешояндӣ-па-
сояндӣ хеле маъмуланд. Яъне калима ё ибораҳо дар як вақт ба ва-
зифаи аъзоҳои пайрав ҳам бо пешоянд ва ҳам бо пасоянд сурат меё-
банд. Амалан ҳар кадом пешоянди аслӣ бо пасоянде омада метавонад.
Хусусан, бештар ҳамон пешояндҳо ҳамроҳи пасояндҳо воқеъ меша-
ванд, ки муносибатҳои масоҳа, замон, сабаб, восита ва ҳамроҳиро
ифода кунанд. Пешояндҳои номии изофӣ, чи соддаю чи таркибӣ, низ
метавонанд, барои ифодаи муносибати муайяни грамматикӣ бо пасо-
яндҳо истифода шаванд. Пасояндҳое, ки бо пешояндҳо истифода меша-
ванд, аз инҳо иборатанд: -а//-ра, -да//-ънда, //-нда//-на; қати, вори//
барин.

Пасояндҳои -а//-ра, -да/бо ҳамаи вариантҳояш/ метавонанд,
ба ҳамаи пешояндҳои аслӣ ва номӣ истифода шаванд. Аммо пасоянд-
ҳои -қати ва вори бо як гурӯҳи муайяни пешояндҳо ба кор бурда
мешаванд. Дар қолабҳои пешояндию пасояндӣ ифодаи муносибати грам-
матикию маъноӣ ба зиммаи пешояндҳо меафтад, пасояндҳо асосан ва-
зифаи ёридиҳандагӣ дошта, маънои грамматикии пешояндҳоро таъкид
ва равшантар менамоянд: бай акайи Мирзо-ра чой бъти (қ., Ҷифр):
ба Мурод-а қаҳ додем (ш-к., Ховалинг).

Пешояндҳо бо пасояндҳо на танҳо дар шеваи ҷанубӣ, балки
дар шеваи ҷануби шарқӣ, шимолӣ ва мобайнӣ низ ба кор бурда ме-
шаванд. Аммо доираи интишори ин ҳодиса дар шеваҳо гуногун аст.
Чунончи, дар шеваи шимолӣ пасоянди -а//-ра бо пешоянди аз, ки са-
баброва бо пешоянди то, ки интиҳои макон ва замонро нишон меди-
ҳад, истифода мешавад.[17] Дар ин шева бо пешояндҳо, хусусан пе-

[16] См. Мирза Абдулла Ғаффаров. Персидско-русский словарь. Т. 11. М., 1924, стр. 883,

[17] В.С.Расторгуева. Очерки..., вып. 2. М., 1952, стр. 52: Очерки..., вып. 3, стр. 34: Очерки..., вып. 4, стр. 29: А.А.Керимова. Говор таджиков Бухары. М., 1959, стр. 19.: Х.Ҳамроқулов. Шеваҳои тоҷикони районии Бойсун. Душанбе, 1961, саҳ. 35. М. Эшниёзов. Шеваи ҳардурӣ. Душанбе, 1967, саҳ. 45. К.Т. Тагирова. Таджикские говоры Бастандыкского района Узбекской ССР. Сталинабад, 1959, стр. 24.



шояндҳои аслӣ, истифода шудани пасоянди -ба//-ва хеле маъмул аст.
Ҳамчунин қайд шудааст, ки дар шеваи мобайнӣ (болооби Зарафшон)
пешоянди то ва аз бо пасоянди -а//-ра низ мустаъмаланд. Чунонки
асарҳои матбӯи лаҳҷашиносӣ шаҳодат медиҳанд, истеъмоли пасоянд-
ҳои боқимонда бо пешояндҳо дар дигар шеваҳо низ мунташир аст,
аммо на дар доираи васеъ[18]. Қолабҳои пешояндию пасояндӣ дар ше-
ваи ҷануби шарқӣ, аз ҷумла дар лаҳҷаи дарвозӣ, аз ҳодисаҳои хеле
паҳншуда ва маъмул ба шумор меравaнд. Онҳо дар шеваи ҷануби шар-
қӣ аз рӯи хосият ва тарзи истеъмол аз шеваи ҷанубӣ фарқе надо-
ранд.[19]

Дар шеваи ҷанубӣ пасоянди -а//-ра бо пешояндҳои ай, то, ба,
ва баъзан бо да истифода мешавад.

1. Пешоянди ай/ аз бо пасоянди -а//-ра дар аснои ифодаи
муносибатҳои маънавии зерин ба кор бурда мешавад.

1. с а б а б: ай кофтан-а ҳамиқа шъдъм (ш-к., Ховалинг); ай
ташнаги-ра мурдастам (ғ-к., Саталмуш); Аҳмад ай хуби-ш-а оwъру
йофт (в-қ., Нӯшор); амқа пъре бъдан, ки шалпар мешиди ай каwг-
шикор-ра (ҷ-к., Порвор); соф ай рагарди-ра каwшо дъридан (Роғ,
Хӯҷағалтон).

2. м а н с у б и я т: акъ ма очър-да истодъм, ай пақи ман-
-а зъмин-да резонд (ғ-к., Балҷувон).

3. з а м о н. Ҳаштодта нон бастъм ай ами сафари -да (ш-к.,
Мӯминобод); ай сағерагет-а то ин чен-а бъгу (ш-к., Дараи Турбат);

4. сарчашмаи баромади амал: ай Ленинобод-а хат роҳи кар-
дай (ш-к., Ховалинг).

5. м у қ о и с а: бачи и ай бачи тъ-ра сад ра хуб-ай (ш-к.,
Даҳана); ай йакта-ра дъта хув-ай (к-ҳ., Саримазор); а қанд-а
асал ширинтар ай (к-ҳ, Гумбулоқ):

6. м а т е р и а л в а ё ч и з е, к и а з о н я г о н
ч и з и д и г а р т а й ё р к а р д а ш у д а а с т: ай хуна руғани
чормағз-а қадмол мекънъм (қ., Шинглич).

Қайд кардан лозим аст, ки дар асной ба ҳам омадани пасоян-
ди -а//-ра ва пешоянди ай муносибати маънои сабаб аз ҳама беш-
тар ифода мешавад.

П. Пешоянди ба//бе//бай, бо пасоянди -а//-ра барои ифодаи
маъноҳои зерин истифода мешавад:

1. с ӯ и ҷ а р а ё н и а м а л: аwо-т-а бъгу-да, бей хупайи
мо-ра бъйо-йа (в-қ., Нӯшор); ба ҷойи ви-т-а рафт (Роғ, Хӯҷағалтон);
хола-м ба фърма-ра ба сари шир омадас (Роғ, Бадринг); талибо
ҷаъм шидийан, рафтоудан ба мактаб-а (қ., Навдеҳ); уwо ба райун-а
рафтан (ш-к., Муллоқонӣ); бийо, дуст, ба тор-а бърем (ҷ-к., Ёл):
ба чо-ра оw мебари? (ғ-к., Зоғнӯл).

Аз маънои асосии пешоянди ба – нишон додани сӯи ҳаракат,
маънои ҷараёни интиҳои ҳаракат ба вуҷуд меояд: ай Шуғнов у тараф
ҳажда километр-ай ба Тавилдара-ра (ш-к., Наврӯҳо); ай Анҷироw
бай ҳамича-ра даҳ километир-ай (ҷ-к., Ёл); шаw бай руз-а қериw
омадай (в-қ., Кӯл);

2. Ш а х с е р о (адресатро) нишон медиҳад, ки амал сӯи он
нигаронида шудааст: мъ ба тъ-ра гъфтъм-ку (қ., Қалъанак); бей ки-

[18] А.Л.Хромов. Говоры таджиков Матчинского района. Душанбе 1962, стр. 67.

[19] М.Махадов. Припянджские говоры..., стр. 23.

ра бътим (в–қ., Нушор); бача ба аwо–ш–а мемуна (қ., Чафр); ба ки–ра нон мебарӣ? (Роғ, Хӯчағалтон); йак лаɛли ангур–а чиндум бай ака–ш–а бърдъм (ғ–к., Зоғнӯл); Чағатай ɛама мешава бай мъ-ра (ш–к., Мазори Султон);

3. м а қ с а д и в у қ у ъ в а т а ъ и н о т и а м а л р о ифода мекунад: ба хъд–ъш–а овардан ҷурғоти фураймон (ғ–к., Давлатшоён): кай кор мени ба калхоз–а (қ., Хумдон); бай хокзани–ра бели чуw хуб ай (қ., Шинглич); бодъринг ҳами гъл кард, найча дод, пъгай мехези бей хурдан–а мешава (в–қ., Нӯшор); бей Фъзайл–а одам мундан (в–қ., Нӯшор); ɛаwдъло ба мо–ра ръшқа бъкаща (в–қ., Ҳиҷборак); ай съндъл ба ɛарус–а–ам қърта мекънан (ҷ–к., Ёл); ҳами гандуми мо–ра агар ба доругӣ–ра бъковӣ, йагон сийаҳак намейови (ш–к., Ховалинг);

4. з а м о н и в у қ ӯ и а м а л р о нишон медиҳад: шола–ра ру бъте–ш соз мешава (ш–к., Ховалинг). ба окба соли дигар –а мемонан, бад мекуван (ш–к., Мӯминобод): ба вегатабр–а аноро да беж–ъш места (ҷ–к., Хирманҷо); ҳами руз ба ойанда–ра пора мошин мешидагист (ҷ–к., Ёл); гап да пору–ай, ба ойанда–ра по-

III. Пешоянди то бо пасоянди –а//–ра, асосан барои ифодаи интиҳои ҷараёни амал истифода мешавад. Ба замми он қолаби пешояндию пасояндӣ бо пасоянди –а//–ра ба пешоянди то барои ифодаи муносибати маънои замон низ маъмул аст: а) ай ҳами Нъмич то Балҷувон–а пойит–а раҳ вейрун шъд (қ., Нимич); оwи Сафелула то Дошманмерава (ғ–к., Деҳбул); Судара–м хурд ай оwи Тира уру то унча–ра мерем (ш–к., Ховалинг); б) дӣ–ра ... (ғ–к., Шахшурӣ); то чил–ъ чорум–а кор пойит то у вахт–а туман бъд (в–қ., Нӯшор); то чил–ъ чорум–а кор кардам (қ., Ялдамич); шаw у–йам то руз–а хоw накард, гирийа кард (ғ–к., Давлатшоён); то пири ра қинғол мегем, wоре ҳоли ийо пъсан намекънан одам–а (ш–к., Мӯминобод); то рузи йакшанбе–ра сад сум ҳарз–ъм бъде (Роғ, Хӯчағалтон).

Аз маънои асосии пайвасти пешоянду пасоянди то... а//–ра вобаста ба матн тобишҳои дигари маънои он интиҳои нарх ба амал меояд: йа асп то ҳазор сум–а места (ш–к., Муллоконӣ).

Ҳамчунин ҳодисаи бо пешоянди бе омадани пасоянди –а//–ра низ мушоҳида мешавад: бе ангур–а мезийи, неки бе нун–а намеша (ш–к., Даҳана). Вале қайд кардан лозим аст, ки ин ҳодиса дар ниҳояти камӣ дучор меояд.

Пешоянди ай бо пасоянди –да//–нда//–на ҳамроҳ омада, барои нишон додани чунин муносибатҳои грамматикӣ хизмат мекунад:

1. Мавқеи баромад, сарчашма ва сабаби амал: солойи ай Аwғонистун умадаги–нда–ш бъзбала бъд (в–қ., Нӯшор); аз у бари Ҷатрор–на омадан (бд., Нижғар); ай гап–ънда–м бефара мешай (қ., Каҳдара).

2. муқрисаи як предмет бо предмети дигар: и бача ай у–нда зур–ай (в–қ., Нӯшор); у ай мъ–да калон–ай (ҷ–к., Зардолувак); ай хони мо–да хони йа камбағал хуб–ай, гуфтак (аз афсона; ғ–к., Обиширин); хонаи Камол беҳтар–ай ай ами анбор–да (ғ–к., Зоғнӯл); бачайи мъ ай у–на хъшру (Роғ, Хӯчағалтон).

Дар таъбирҳои дорои муносибати маънои масоҳа, ки бо пешоянди–да//–ънда//–на ташаккул ёфтаанд, да ва дар–ро метавон аз



ҷиҳати таърихи пайдоиш ба андар, ки дар осори классикӣ ба тариқи пеш ва паспозитивӣ истифода мешуд, вобаста кард. Ин пасоянд бо пешоянди да (дар) барои ифодаи муносибатҳои зерини маъноӣ истифода мешавад:

1. м а к о н: да у болохонайи акаи Даwлат–да шъштийан (ғ–к., Қарақамиш); дар ҳаму Тутқавъл–ънда даҳ руз задем (в–қ., Қӯшағба); да Йалдамич–анда даҳмарда–йай (қ., Қалъанак); сурат-гир да къшо? – да хонаи котиб–на (Роғ, Хӯчағалтон); дар ҳами газет–ънда ҳамита соз бъровардийан (қ., Қалъанак);

2. с ӯ и а м а л: мо дар йак къҳ–ънда бърмадем каҳдъравӣ (қ.,Ялдамич); дар магазин–ънда ръмол овардан (в–қ., Нӯшор); бобо–м да гелосо–да оw–ъш мета (ш–к., Муллоконӣ);

3. з а м о н: ача–м дар хӯна бъдаги–нда бъйойе (в–қ., Нӯшор); дар ҳажда руз–ънда се иморат сохтъм (в–қ., Нӯшор); дар даwри амири Бъхоро–нда йазнайи вай закотчӣ бъд (қ., Ялдамич).

Пасоянди –да//–нда//–на бо пешоянди ба, асосан, барои ифодаи маънои ҷараёни амал ба сӯи предмете истифода мешавад: кузови мошин зад ба девол–ънда (қ., Хумдон); бийо ба хонаи мо–на бърем (Роғ, Хӯчағалтон).

Дар шеваи ҷанубӣ қолабҳои пешояндию пасояндӣ бо пешояндҳои номӣ зиёда ба кор бурда мешаванд. Дар таркибҳое, ки асосан, муносибати масоҳаю замонро ифода мекунанд, аксар пасояндҳои –да, –нда, ва –на истифода мешаванд. Чунин таркибҳо маъноҳои зеринро ифода мекунанд:

1. м а к о н: е, ҳаму сари купрук–ънда ҳаст хуна–шу (қ., Ялдамич); болои къҳ–ънда йа қишлоқ бъд (в–қ., Нӯшор); дъруни хона–да хоw мекъна? (ш–к., Наврӯҳо); рости алов–да бест (ҷ–к., Ёл); байни давра–да чақ–чақи нағз–ай (ғ–к., Давлатшоён); Тутконӣ паси ҳамин къҳ–да (ш–к., Муллоконӣ); аму ру–т–а таи ноwардун–да бушу (ҷ–к., Ёл); тори бонг–на тал кардъм (Роғ, Хӯчағалтон); дидъм–ъш дари хунайи Шосаɛид–ънда (қ., Хумдон); сари шах–на ки барф ista, лозар меган (бд., Сист); тори бом–да истода андова мекънем (к–ҳ., Тӯда); бари ами Навобод–на Кадара (Роғ, Офтобзамин); хуна–ш дами ра–да – й (ш–к., Ғелот).

2. с ӯ й: баɛд иҳо мехамбан дъруни шāр–да (ш–к., Наврӯҳо); бача тори шохи серка–да сивор шид–ъ осмунӣ шид (к–ҳ., Мирзоӣ); хиз кард минайи дарйо–нда (қ., Пингун); ай Афғонистун умад сари лал–на (бд., Сист); сатили оw–а даҳани дар–ъм –да ҳамита меовард. (к–ҳ., Тӯда); гандъм–а тар мекънем, алаф мекънем, мечъкем–ъшу меғавҷем–у баɛд ба орд мешурем–ъш–у тайи чағдон–да медозем–ъш (ш–к., Мӯминобод); съни район–да рафтаги бъдъм (к–ҳ., Кончӣ); ма рафтъм, ки тарафи аспи ма–да хес карестай (к–ҳ., Норак); тоқӣ ма–ра чо–да мондан? – гардани мех–да (ғ–к., Дараи Мурғон).

3. з а м о н: мъ пага Анҷиров мерам, чени йаг соат–да мийом (ҷ–к., Ёл); пини тобистон–да гъндъшко теф мекардан (ш–к., Мӯминобод),

4. м у қ о в и м а т: ака–ш доди Ғозӣ мо–да бъдас (ш–к., Муллоконӣ).

Дар қолабҳои пешояндию пасояндӣ пешояндҳои таркибии номӣ
низ истифода мешаванд: да байни йа соат-да чут, ҳамаи ҷо-ра ги-
рифт (ҷ-к., Ёл); дар болойи шах-анда одам, диди? (қ., Пингон);
бā (баъд) ома да пушти Куйи Қоф-да фурома (к-ҳ., Мирзой) асп
дар пъшти девол-ънда-ай (в-қ., Нӯшор).

Бояд қайд кард, ки пешояндҳои изофии таркибӣ бо пасояндҳои
-да//-нда//-на назар ба пешояндҳои соддаи изофӣ камтар истеъмол
мешаванд.

Таркибҳои навъи болои къҳ-ънда, дъруни хона-да назар ба
таркибҳои дар болои къҳ да (р) дъруни хона бештар истифода меша-
ванд. Сабаби асосии серистеъмолии қолаби мазкури пешина ба дои-
раи васеи истеъмол ва сермаъноии пасояндҳои -да//-нда//-на вобас-
та аст.

Нисбат ба пасояндҳои -ра ва -да//-нда//-на, ки барои ифо-
даи муносибатҳои маъноии масоҳа, замон ва объект бо пешояндҳои
аслӣ ва номӣ истифода мешаванд, пасояндҳои -wори (шакли адаби-
аш барин) ва қати, ки дар шеваи ҷанубӣ низ хеле мунташиранд, то-
бишҳои зиёди маъноиро ифода намекунанд.

Пасоянди -вори, -wори, ки ҳамрангӣ ва монандии чизҳо ва
ё одамонро ифода мекунад, бештар бо пешояндҳои номие истеъмол
меёбад, ки маънои луғавии худро ба андозае махфуз доштаанд: ран-
ги..., шакли..., сози..., қади..; ҷонвар чола-чол ай ранги каwг wо-
ри мешава (ш-к., Ғеш); чъшмо-ш ранги бъқа бори сърх шъдийан
(к-ҳ, Гумбулоқ); муwо-т сийа ранги мъwори (Роғ, Хӯҷағалтон);
сар-ъм ранги оwҷувоз вори гърд-гърд мегарда (ғ-к., Балҷувон);
чолокои арча ранги салла wори мекъна-въ мерава (ш-к., Чарғи бо-
ло); ҷонваре ки қади ақоw wори ҳастай (ш-к., Мӯминобод); бача-
ҳои Азиз сози алмасти wори мечириган (ҷ-к., Ёл).

Пешоянд-пасоянди қати дар ҳолати паспозитивӣ нисбат ба ка-
лимаи асосӣ ва олот, тарз ва хати ҷараён амалро ишора мекунад.
Дар ин маврид вай бештар бо пешояндҳои ба/wа/ва якҷоя истифо-
да мешавад: wа ҳами пила қати (в-қ., Сарикенҷа); ва тийоқ қати
дъта мезанъм-ъш (в-қ., Кӯл); баъд ба ҳамин восита қати халос
шъд (қ, Ялдамич); тъ ба дъста-т қати маҳкам бъқаи (ш-к.,
Ховалинг); мъ ай Шурободи ба Чагам қати Сарчъшма рафтъм (Роғ,
Хӯҷағалтон); Бухоро ба Уротеппа қати мерафтем (ш-к., Муллоконӣ).

Пешоянди ба дар чунин таркибҳо ба он маъное, ки пасоянд
дорад, истифода мешавад, зеро чунонки ишора шуда буд, яке аз ва-
зифаҳои ғайрилокативии пешоянди ба иборат аз ифодаи восита ва
тарзи судури амал аст.

## ПЕШОЯНДҲОИ НОМӢ

Чун дар забони адабӣ ва шеваҳои дигари забони тоҷикӣ дар
шеваи ҷанубӣ низ ба вазифаи калимаи ёридиҳанда ҳиссаҳои номии
нутқ истифода мешаванд, ки алоқаи онҳо бо калимаи асосӣ ба воси-
таи изофат ба амал меояд. Ин қабил пешояндҳо бо пешояндҳои аслӣ
ва пасояндҳо метавонанд, дар як таркиб воқеъ шаванд. Баъзе аз чу-
нин пешояндҳо изофатро нагирифта пеш аз пешоянди аслӣ меоянд.
Бештари исмҳое, ки ба вазифаи пешояндҳои номи истеъмол мешаванд,



гоҳо чун калимаи мустақил ва гоҳо ҳамчун калимаи ёридиҳанда ба
кор бурда мешаванд. Ин ҳодиса ба саҳеҳтар зуҳур кардани маънои
лексикии пешояндҳои номӣ сабаб мешавад. Тадриҷан гум шудани маъ-
нои лексикии пешояндҳои номӣ дар ҷараёни абстракция ва граммати-
конида шудани онҳо ба амал меояд. Хусусан, ин ҳодиса дар аснои
инкишофи маъноҳои нав, аз ҷумла маъноҳои маҷозӣ, бештар ба вуҷуд
меояд.

Аз ҷиҳати таносуби пешояндҳои номӣ бо калимаҳои мустақил-
маъно бояд қайд намуд: дар шеваи ҷанубӣ, ҳамчунон дар забони ада-
бӣ, пешояндҳои номӣ ба монанди калимаҳои мустақилмаъно баъзе ху-
сусиятҳои ба исм хосро нигоҳ медоранд. Чунончи, онҳо бандакҷони-
шинҳо, баъзе суффиксҳои номӣ ва формантҳои грамматикӣ қабул ме-
кунанд. Пешояндҳои номӣ бо исм (ҷонишин, шумора, масдар) ба во-
ситаи изофат пайваст шуда бо ин калима таркиби яклухти ҷудошаван-
да ташкил мекунанд. Бандакҷонишинҳо бо пешоянди номӣ омада ба
шахс ва ё предмет далолат мекунанд ва дар ин сурат пуркунандаи
бавоситаро ифода менамоянд: устави калхос да пеш-ъм (ш-к., Мӯми-
нобод).

Дар шеваи ҷанубӣ пешояндҳои номӣ баъзан суффикси -о / -ҳо
мегиранд, ки он ба ҷумла як навъ мансубияте маънои ҷомеъи аъзо-
ҳо дорад: сънои Шуробдара, Дараи Калот мепъшан кавши чувин (ш-к.,
Сарихосор); гусала-ра бъкоw, пешои хонаҳо-ра бъкоw! (ш-к., Хо-
валинг); пасои къ ҷои сахт-ай (к-ҳ, Даҳана). Дар фольклори назмии
ҷанубӣ якҷоя омадани пешояндҳои номӣ бо суффикси номии -ак ба
маънои навозиш хеле мунташир аст. Ин ҳодиса дар нутқи ҳаррӯзаи
зинда ҳам мушоҳида мешавад. Фольклоршиноси машҳури тоҷик Р.Амо-
нов дар тадқиқоти худ доир ба лирикаи халқии тоҷик ин ҳодисаро
қайд карда чунин мулоҳиза изҳор менамояд: суффикси -ак ҳамроҳи
пешоянд омада ба ин восита нисбат ба гуфтаҳои вобастаи бо объек-
ти тавсиф оҳанги навозиш ва муҳаббатро ифода мекунад. [20]

Дар ҳақиқат, тобиши эмоционалие, ки ба суффикси -ак хос ме-
бошад ин мулоҳизаро тасдиқ мекунад. Мисолҳо: Э акаи ҷон қад-қади
дарьё шави чи! Монандаки моҳи нав пайдо шави чи! [21] И дашти
дароз гул ҷидо, лола ҷидо, рангум зард шидай ай бахшаки зиндаҷи-
до. [22] Ма мегузарам ба пасаки хонаи ту, ба гушам расад овози
дасномаи ту. [23] Да тораки куҳ анора коштем, нагрифт, дар таҳа-
ки куҳ анора коштем, гирифт, зад панҷаву зад хадраю соя, гирифт
мора ҳаваси духтари ҳамсоя гирифт. [24]

Масъалаи ба гурӯҳи калимаҳои ғайримустақил гузаштани ка-

---

[20] Р.А м о н о в. Таджикская народная лирика. Автореф. докт.
дисс., Душанбе, 1968, стр. 54-55.

[21] Р. А м о н о в. Эҷодиёти даҳанакии аҳолии Кӯлоб. Душан-
бе, 1963, саҳ. 361. Минбаъд: Р.А м о н о в. Эҷодиёти даҳанакии
аҳолии Кӯлоб...

[22] Ҳамон ҷо, саҳ. 22 .

[23] Ҳамон ҷо, саҳ, 54.

[24] Фольклори Норак. Душанбе, 1963, сах, 66.

лимаҳои мустақили забони тоҷикӣ дар мақолаҳои мубоҳисавии баъ-
зе муҳаққиқони тоҷик мавриди баҳс қарор гирифтааст. [25] Тарзи
муҳокима ва тавзеҳи масъала нишон медиҳад, ки забоншиносон нис-
бат ба проблемаи мазкур ақидаҳои мухталиф доранд. Пайдоиши ақидаҳои
гуногун ба табиат ва моҳияти категорияи пешояндҳои номӣ зич вобас-
та мебошад. Маълум аст, ки пешояндҳои таркибӣ танҳо хоси забони
тоҷикӣ нестанд.

Ба тасвири тараққиёти системаи пешояндҳои номӣ дар бисьёр
забонҳои дигар (на фақат эронӣ), аз ҷумла забонҳои славянӣ, гер-
манӣ, инчунин забонҳои туркӣ, ки барои онҳо пасояндҳои номӣ хо-
санд, адабиёти зиёди илмӣ бахшида шудааст. [26]
Пешояндҳои номии забони тоҷикӣ дар системаи калимаҳои

ёридиҳанда–пешоянду пасояндҳо дорои ҷиҳатҳои лексикию граммати-
кии махсусе мебошанд, ки бо табиати сохти грамматикии забони
тоҷикӣ марбут аст. Масъалаи мураккаб ва мушкил будани процесси
ташаккули пешояндҳои номии забони тоҷикӣ, чи аз нуқтаи назари лек-
сикологӣ ва чи назарӣ, асосан ба он вобастааст, ки маъноҳои луға-
вии онҳо то кадом андоза ба ҳам муқовимат мекунанд. Муқаррар
намудани меъёр ва шароити ба пешояндҳои номӣ гузаштани кали-
маҳои мустақилмаъно, ки аз ҳодисаҳои бисьёр маъмули забони тоҷи-
кист, низ аз ҷумлаи масъалаҳои душвори забони тоҷикӣ мебошад.
Ин масъала дар забони тоҷикӣ боз ҳам аз ин хусус мураккабтар ме-
шавад, ки исмҳо ба гурӯҳи калимаҳои ёридиҳанда гузашта, аломат-
ҳои асосӣ, аз ҷумла маънои предметии худро гум кунанд ҳам, баъ-
зе аломатҳои грамматикии худро ҳамчунон маҳфуз медоранд. Шарҳ
ва таҳлили масъалаҳои мазкур асоси мақолаҳои номбаршудаи Х.Ҳу-
сейнов ва Ш. Рустамов қарор гирифтаанд. Х.Ҳусейнов бо вуҷуди ду-
руст зикр намудани моҳияти пешояндҳои номӣ дар рафти муҳокима
ба зиддиятҳои фикрӣ роҳ додааст. Вай ба хулосае меояд, ки кали-
маҳои номӣ дар вақти гузаштан ба пешояндҳо маънои луғавии худ-
ро комилан гум мекунанд. Аз рӯи ақидаи ӯ, агар калимаи номии до-
рои бандаки изофӣ маънои луғавии худро нигоҳ дошта бошад, дар
ҳамагуна шароит калимаи мустақилмаъно ва аъзои муайяни ҷумла
ба шумор меравад. [27] Ш. Рустамов мақолаи "Пешояндҳои таркибӣ"-
-ро муфассал аз назар гузаронида, дарҳам-барҳамӣ ва мухолифат-
ҳои фикрии муаллифро дуруст нишон дода, моҳияти асосии ҷараёни
пайдоиши пешояндҳои номиро бо далелҳои боварибахш қайд карда-
аст. [28] Моҳияти асосии ташаккули пешояндҳои номӣ бо он муқар-

[25] Масалан, ниг. Х.Ҳусейнов. Пешояндҳои таркибӣ. "Мактаби Советӣ", 1969, № 10, саҳ. 23–28: Ш. Рустамов. Ҳақиқат зодаи баҳс аст (Мулоҳизаҳо дар атрофи мақолаи Х.Ҳусейнов. "Пешояндҳои таркибӣ"). Мактаби Советӣ, 1970, №6, саҳ. 30–36.

[26] Е.Т.Черкасева. Переход полнозначных слов в предлоги. М., 1967; дар ин китоб библиографияи бой нишондода шудаанд. А.А.Кононов. Грамматика современного турецкого литературного языка. М.-Л., 1956 (доир ба масъалаҳои мазкур дар ин китоб низ рӯйхати шарҳҳои илмӣ дарҷ ёфтааст.)

[27] Х.Ҳусеинов. Мақолаи мазкур, саҳ. 26–27, 28.

[28] Ш.Рустамов. Мақолаи номбурда, саҳ. 35–36.



рар карда мешавад, ки калимаҳои номӣ ҳангоми гузаштан ба гурӯҳи онҳо нишонаҳои асосии худро гум карда, маънои навмаънои релятивӣ пайдо мекунанд. Дар забони ҳозираи тоҷикӣ забони дорои сохти аналитикӣ – шарту сабабҳои ташаккули пешояндҳои номӣ бо чандин омили грамматикӣ ва лексикӣ муқаррар карда мешавад, ки муҳимтарини онҳо чунин аст:

1. Аз як ҳиссаи нутқ ба ҳиссаи дигари нутқ гузаштани калимаҳои номӣ, ки дар ин маврид моҳияти масъала дар матн аз рӯи вазифаи синтаксисии калима муайян карда мешавад. Муқоиса кунед: <u>пеши курта</u>, <u>сафи пеш</u>, <u>пеш даро</u>. Имконнопазир аст, ки қисме аз калимаҳои номӣ аввал ба маънои зарфҳо, ки ба аломати амал ишора мекунанд ва дорои маънои нисбӣ мебошанд, истифода шуда, сони тадриҷан ба гурӯҳи калимаҳои ёридиҳанда гузаранд. Аммо ин роҳи ягона ва умумии ташаккули пешояндҳои номӣ нест.

2. Сермаъноӣ, доро будан ба маънои аслию маҷозӣ низ имконият медиҳад, ки калимаҳо на дар доираи маҷмӯи маънои худ, балки ба маънои хеле умумӣ ва муҷаррад (абстрактона) истифода шаванд. Чунончи, рӯй. Ин калима аслан <u>боло</u>, <u>узви баданро</u> ифода мекунад, ки маънои масоҳагии он ҳангоми истифода шуданаш ба вазифаи пешоянд маҳз ба ҳамаи ҷиҳатҳо алоқаманд аст. Ба ин маънӣ, пешояндҳои <u>рӯй</u>..., <u>ба рӯи</u>... <u>дар рӯи</u>..., <u>аз рӯи</u>... нишон медиҳанд, ки амал ба рӯи чизе, ба сатҳи он равон аст ва ё дар рӯи чизе (дар сатҳаш) содир мешавад. Аз ин ҷо, метавон ба хулосае омад, ки калимаи <u>рӯй</u> ҳанӯз комилан маънои луғавии худро аз даст надодааст. Бояд қайд кард, ки калимаи мазкур дар вақти истифода шудан бо пешояндҳои аслӣ танҳо барои ифодаи муносибати синтаксисии феъл–хабар ва калимае, ки бо он меояд, хизмат мекунад: <u>Ӯ ба рӯи</u> гилем нишаст–нишаст ба куҷо? – <u>ба рӯи гилем</u>. Дар ин маврид рӯи маънои предметии худро гум карда, маънои асосии пешояндӣ аслии <u>ба</u> ва маънои умумии ибораро равшану возеҳ намудааст.

Пешоянди таркибии номии ай руи..., ки муносибати сабабиро ифода мекунад, аз калимаи мустақилмаънои <u>руй</u> ба маънои дигари он –<u>сабаб</u>, <u>сарчашма</u> ташаккул ёфтааст. Ба ҳамин тариқ, дар ин ҷо низ пешоянди мазкур алоқаи худро аз калимае, ки ба вуҷуд омадааст, пурра накандааст, балки маънои луғавии худро чун калимаи ёридиҳанда қисман маҳфуз доштааст.

3. Ҷараёни истеъмоли калимаҳои мустақилмаъно ба вазифаи калимаҳои ёридиҳанда дар забони тоҷикӣ боз аз он ҷиҳат дар инкишоф аст, ки теъдоди пешояндҳои аслӣ, ки аз забони давраи миёна мерос мондаанд, хеле кам аст. Қатъи назар аз он ки пешояндҳои аслӣ дорои маъноҳои асосӣ ва маҷозӣ мебошанд, дар ҳеҷ сурат талаботи рӯзафзуни забон ва пайдоиши муносибатҳои нави грамматикиро қонеъ карда наметавонанд.

4. Ҳодисаи ба пешояндҳои номӣ гузаштани калимаҳои мустақилмаъно, ки ҳанӯз аз забони давраи миёнаи форсӣ (тоҷикӣ) [29] ба қайд гирифта шудааст, дар забони адабиёти классикӣ [30] ва забони

[29] В.С.Расторгуева. Среднеперсидский язык. М., 1966, стр. 128–130.

[30] Л.Н.Смирнова. Язык Таърихи систан (грамматические описание). Сталинабад, 1956, стр. 110–113.

мегардад. Дар забони
ҳозира ба системаи муайяни инкишоф молик
точикӣ пешояндҳои номӣ аз қисматҳои муҳим ва таркибии системаи
пешоянду пасояндҳо ба шумор меравaнд. Онҳо на танҳо бо сохти
грамматикии забон - калимасозӣ, иборасозӣ, маънои воҳидҳои син-
таксисӣ ва ғайра алоқаманданд, балки ба луғати забон низ вобаста-
анд. Қайд кардан мумкин аст, ки як қатор пешояндҳои номӣ дар на-
тиҷаи тадриҷан "ҷамъ" шудани маънои ёридиҳандагӣ дар яке аз
ҷузъҳои таркибҳои устувори изофии синтаксӣ ба амал меоянд. Ма-
салан, рӯи замин, рӯи ҳавлӣ, рӯи хона, рӯи ҷой. Дар ин таркибҳо
рӯ ҳанӯз маънои луғавии худро нигоҳ доштааст. Аммо рафта-рафта
маънои дар рӯи чизе воқеъ гардидан хосияти умумӣ пайдо мекунад
ва тадриҷан ибора маънои умумии масоҳаро ифода мекунад. Ҳамин
маънӣ ва хосиятро метавон ба калимаи сар низ нисбат дод. зеро
вай низ чун ҷузъи якуми таркибҳои изофии устувор хеле маъмул аст:
сари бозор, сари чашма, сари ҷӯй, сари хок, сари вақт ва ғайра.
Дар ин таркибҳо сар маънои абстрактӣ пайдо карда, дар натиҷа
ба тарзи доимӣ муқаррар шуданаш ба осонӣ ба гурӯҳи калимаҳои
ёридиҳанда, ки маънои масоҳаю замонро нишон медиҳанд, мегуза-
рад.

Масъалаҳое, ки дар боло аз назар гузаронидем, аз доираи
мавзӯи пешояндҳои номии шеваҳо берун мебароянд. Аммо материа-
ли шевагӣ аз ваҷҳи он ки дар шеваҳо унсурҳои қадимии пешояндҳои
мазкур хеле зиёд боқӣ мондаанд, қобили диққат аст. Инчунин про-
цесси пайдоиши баъзе пешояндҳои номии лаҳҷавӣ низ шоистаи та-
ваҷҷӯҳ мебошад.

Чунонки дар боло ишора намудем, пешояндҳои номии изофи-
ро ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо кардан мумкин аст: содда ва таркибӣ.
Таснифи морфологии ин пешояндҳоро ба тариқи муфассал мавриди
муҳокима қарор медиҳем. Дар шеваи ҷанубӣ чор тарзи алоқаи пе-
шояндҳои номии изофӣ бо калимаҳои асосӣ мушоҳида мешавад: 1. пе-
шоянди изофӣ+исм (калимаи асосӣ); пеши мъʿлим ..; 2. пешоянди
аслӣ+пешоянди изофӣ+исм: ба пеши мъʿалим...; 3. пешоянди изофӣ
+исм+пасоянд: пеши мъʿалим-да ...; 4. пешоянди аслӣ+пешоянди
изофӣ+исм+пасоянд: ба пеши съмч-а.

Пешояндҳои номии ғайриизофӣ дар лаҳҷаҳо чандон зиёд нес-
танд ва онҳо ҳамчун пешояндҳои ғайриизофии забони адабӣ ташкил
мешаванд: пеш ай, баʿд ай, ғайр ай, назар ба, назм ба.

Пешояндҳои таркибии номие, ки дар натиҷаи такрори асоси
калима (пеш-пеши, қад-қади) ва ё такрори асос бо пешоянди аслӣ
(қад-қади) ба вуҷуд меоянд, дар материалҳои дасти мо нисбатан
кам қайд шудаанд: пеш-пеши ша йа майда арғуш намерай (ҷ-к.,Ёл);
зъмистон барф мезана, қад ба қади деволо (Роғ, Хӯҷағалтон).
Метавон тахмин кард, ки пешояндҳои ҷуфти навъи мазкур дар лаҳ-
ҷаҳои шеваи ҷанубӣ дар нутқи ҳаррӯза доираи васеи истеъмол на-
доранд. Онҳо бештар дар назми фольклорӣ мушоҳида мешаванд:

Мурғобӣ-ра бин лав- лави ҷуй парвоз кард.[31]

---

[31] Р. А м о н о в. Эҷодиёти даҳнакии аҳлии Кӯлоб, саҳ 96.



Ма шишта бъдъм, ёр гузашт ру-руи дашт,
Ҳар чан давидум-давидум, нагашт.[32]

Пешояндҳои номии изофӣ дар шеваи ҷанубӣ аз лиҳози истифо-
даи пасоянд ва таркибҳои пешоянд - пасояндӣ аз забони адабӣ тафо-
вути муайяне доранд. Мувофиқати ҷузъҳои пешояндҳои таркибӣ ба
тарзи зайл аст: пешоянди номӣ, ки ба андозаи муайян маънои луға-
вии худро нигоҳ доштааст, муносибати конкретонаи алоқаи грамма-
тикии қолабҳои пешояндиро ифода мекунад, ҳамчунин маънои муҷар-
ради пешоянди аслиро, ки аз он пеш воқеъ мешавад, конкрет месо-
зад, пасоянд, ки пас аз калимаи асосӣ меояд, маънои грамматикии
пешояндро равшан ва пурқувватар менамояд: ба пеши съмч-а раф-
тас (ш-к., Ховалинг). Дар таркиби пешояндии ба пеши ...-а маънои
умумӣ сӯи ҳаракат мебошад, ки ба ҷое, ба назди предмете равона
шудааст, асосан, ба тавассути пешоянди ба ифода мешавад. Пешоян-
ди номии пеши бошад, сӯи ҳаракатро ба назди чизе конкрет мена-
мояд. Пасоянди -а чун нишондиҳандаи адресат, ки амал ба сӯяш
равона карда шудааст, тамоми таркиби пешояндиро ташаккул меди-
ҳад ва маънои умумии ҷараёни ҳаракатро ба сӯи предмет ва адре-
сат равшантар менамояд. Мисоли дигар: ʿасп дар пъшти девол-ът
-да (в-қ., Нӯшор); дар ин ҷумла пешоянди дар ба макони предмет
ишора мекунад, пешоянди номии пъшти... вобаста ба маънои луғавии
худ нишон медиҳад, ки чизе дар паси предмете воқеъ аст, пасоянди
-ънда, ки аз рӯи маъно комилан бо пешоянди дар мувофиқат меку-
над, тамоми таркиби пешояндиро ташаккул дода, маънои асосии ало-
қаи калимаҳои таркиби ибораро, алалхусус макони предметро саҳеҳ-
тар менамояд.

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик пасояндҳо дар таркибҳои
пешоянди истеъмол намешаванд.

Дар шеваи ҷанубӣ тарзи кӯҳнаи алоқаи вобастагӣ хеле сер-
маҳсул ва мунташир аст. Ин ҳодиса шеваи мазкурро аз забони ада-
бии ҳозира фарқ кунонда, хосияти махсуси онҳоро ташкил медиҳад.

Дар шеваи ҷанубӣ, ҳамчун дар забони адабӣ, пешояндҳои но-
мии изофӣ хеле интишор ёфтаанд. Аммо, материалҳо нишон меди-
ҳанд, ки онҳо миқдоран зиёд нестанд. Яке аз хусусиятҳои хоси ше-
ваи ҷанубӣ ин аст, ки дар онҳо ба вазифаи калимаҳои ёридиҳанда
бештар калимаҳои дорои маънои аниқ истифода мешаванд. Бар хило-
фи забони адабӣ калимаҳои абстракт, ки дар маънои онҳо унсури ре-
лятивӣ мавҷуд аст ва он зудтар ба гурӯҳи пешояндҳо гузаштани чу-
нин калимаҳоро имконнопазир мегардонад, нисбатан кам ба кор бур-
да мешаванд. Калимаҳои муддат, зарф, давом аз рӯи маънои худ ба гу-
рӯҳи калимаҳои мазкур дохил шуда, муносибати замониро ифода ме-
кунанд. Дар забони адабӣ онҳо бо пешояндҳои аслӣ омада, пешоянд-
ҳои таркибӣ месозанд ва барои нишон додани муддати муайяни вақт
ва давр, ки дар тӯли он амал содир мешавад истифода мешаванд.
Калимаҳои муносибат (ба муносибати...), шарофат (ба шарофати...),
васф (дар васфи...), шаън (дар шаъни...) низ аз гурӯҳи чунин калима-
ҳо буда, ба туфайли мавҷудияти унсури релятивӣ дар семантикаашон,

---

[32] Ҳамон ҷо, саҳ. 104.

ки муносибати як предметро ба предмети дигар нишон медиҳад, дар забони адабӣ, дар забони илмию публицистӣ торафт сeристеъмол мегарданд.

Пешояндҳои номии шеваи ҷанубиро аз рӯи таркиб нисбат ба забони адабӣ метавон ба гурӯҳҳои зайл ҷудо кард: а) пешояндҳои умумитоҷикӣ, яъне пешояндҳое, ки чи дар забони адабӣ ва чи лаҳчаҳо як хел истифода мешаванд; б) пешояндҳое, ки дар забони адабӣ истеъмол намешаванд; аммо дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ хеле васеъ истифода мешаванд; в) пешояндҳое, ки дар шеваи ҷанубӣ камистеъмол буда, дар забони адабӣ зиёда ба кор бурда мешаванд. Дар охир як гурӯҳи камистеъмоли пешояндҳои номиеро метавон ҷудо кард , ки соф хосияти лаҳҷавӣ дошта, аҳъёнан дар баъзе лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ ба кор бурда мешаванд.

1. Ба гурӯҳи якуми пешояндҳои номии умумитоҷикӣ, пешояндҳое дохил мешаванд, ки асосан, аз исм ё калимаҳои зарфӣ ба вуҷуд меоянд. Ба онҳо пешояндҳое дохил мешаванд, ки : а) аз калимаҳои дорои маънои замону макон ташкил шудаанд: пеши... (пеш); пъшти... (пушт); қариби... (қариб); ақиби... (ақиб); мобайни... (мобайн); сари ... (сар); рӯйи... (рӯй); минаи ...(миёна); съни... (сӯй); тарафи ... (тараф); баъди... (баъд); паи... (пай); б) калимаҳое, ки мафҳуми сабабӣ доранд: ба сабаби (сабаб); боиси...//ай боиси... (боис); в) баъзе калимаҳои дигар, ки маънои мувофиқат ва мисли инҳоро ифода мекунанд.

2. Гурӯҳи дуюмро пешояндҳое ташкил медиҳанд, ки аз ҳиссаҳои номии нутқ сохта мешаванд. Ин калимаҳо дар забони адабӣ мустақил истифода шаванд ҳам, ба сифати пешоянд ба кор бурда намешаванд. Ин гурӯҳ пешояндҳо дар шеваи ҷанубӣ хеле интишор ёфтаанд ва аз қабили зайланд: тори ...(тор), ай дъсти...(даст), дъмби ...(дум), тани... (тан), танаи ... (тана), чени... (чен), ранги (ранг); сохти...(сохт), бахши...(бахш), рости...(рост), қади ... (дар маънои масоҳа аз калимаи қад ва дар маънои қиёс аз калимаи қадр ба вуҷуд омадааст), даҳани... (даҳан), дами... (дам), бари... (бар) ва ғайра.

3. Гурӯҳи сеюми пешояндҳо, ки дар забони адабӣ серистеъмол буда, дар лаҳҷаҳо камтар ба назар мерасанд, асосан, аз калимаҳои абстракт ба вуҷуд омада, дар забони хаттӣ бештар мавқеъ пайдо кардаанд. Ба ин гурӯҳ пешояндҳои дар боло қайдшударо дохил кардан мумкин аст: дар мъдати...(муддат), дар зарфи...(зарф), дар давоми (давом), ба муносибати... (муносибат), ба шарофати... (шарофат); монанди...(монанд), ба муқобили...(муқобил), бар зидди... (зидд), ба туфайли... (туфайл); ба бадали ...(бадал); ба ивази... (иваз), аз ҷиҳати... (ҷиҳат), дар хусуси...(хусус), дар ҳузури... (ҳузур), дар вақти ...( вақт).

Бояд қайд кард, ки калимаҳои мазкур дар лаҳҷаҳо мавриди истифода бошанд ҳам, онҳо ба қатори калимаҳое, ки ҳам дорои маънои лексикӣ ва ҳам вазифаи грамматикӣ мебошанд, дохил нашудаанд. Масалан, калимаҳои мъддат (муддат), зидд, давом аз ҳамин қабиланд. Истеъмоли нисбатан маҳдуди чунин калимаҳо боиси он шудааст, ки пешояндҳои номӣ аз ҳисоби онҳо инкишоф наёфтаанд. Ба сифати пешояндҳо истифода шудани калимаҳои мазкурро дар нутқи ода-



мони маълумотнок мушоҳида кардан мумкин аст; дар мъддати панч руз нипол шинондум (к., Халкарф). 33

4. Ба гурӯҳи пешояндҳое, ки дар лаҳҷаҳои алоҳида доираи маҳдуди истеъмол доранд, пешояндҳои зеринро дохил кардан мумкин аст: гардани...(гардан) ба маънои масоҳа предмету ҷоеро ишора мекунад, ки ягон чиз дар болои он ва ё дар ягон тарафи он воқеъ гардидааст: йак бед гардани хона аст-ку? (в-қ., Яхакпаст); тоҷи мара ҷо-да монден? -гардани меҳ-да (ғ-к., Зоғнӯл). Мувофиқи маводҳо, ки пешоянд дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ ва кӯлобӣ (ба истиснои кӯлобии Ҳисор) мушоҳида мешавад. Пешоянди синголи //сингори... барои нишон додани монандӣ дар лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор ба назар мерасад: синголи дъхтари Салим -wори шух-ай. 34 Пешоянди маси// манси...)ар (محض) дар лаҳҷаҳои бадахшонӣ мунташир буда, асосан, барои ифодаи маънои мақсад истифода мешавад: у рафт маси оw, сари оw (бд., Қозидеҳ); дина рафтим маси сетка, надод (бд., Яхшвол) 35 Ба ин гурӯҳ пешояндҳои зерини хоси шеваи ҷанубиро дохил кардан мумкин аст: вехи... ба маънои назди..., дар вартаи... ба маънои дар хусуси...: бези//вези..., ба маънои ғайри. Ин пешоянд асосан дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ ва шимолии Кӯлоб мушоҳида мешавад.

## МАЪНО ВА МАВРИДИ ИСТЕЪМОЛИ ПЕШОЯНДҲОИ НОМӢ

Пешояндҳое, ки муносибати масоҳа ва замонро ифода мекунанд.

1. Пешоянди пеши..., ки дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ бо изофат пешояндҳои аслии ба, да, ай пасояндҳои --да//-на//-нда ва пасоянди -а//-ра ба тарзи васеъ мавриди истеъмол аст. Дар аснои бо ҷонишинҳои энклитикӣ истифода шудан бандаки изофӣ ба кор бурда намешавад: ай пеш-ту хестъм (қ., Каҳдара); Пешоянди пеши... вобаста ба матн ва маънои калимаҳои асосӣ ба предмете ишора мекунад, ки амал ба сӯи он равона карда шудааст ва ё дар назди он воқеъ мегардад. Тобишҳои гуногуни маъноӣ ба василаи пешояндҳои аслӣ ва пасояндҳое, ки ҳамроҳи он меоянд, низ зуҳур мекунад:е, наиҷа, дар пеши наин писар бъшин (в-қ., Нӯшор); хар-а гърифта пеши қасоби калуни мерава (в-қ., Кӯл); ба пеши Саwлат-а намерай? (Роғ, Хучагалтон); дъхтар дъраw мегъреза, пеши ота-ш меойа (к-ҳ., Тӯда); пеши занако бъра (бд., Андароб); ай пеш-ъм йаг одами ношънос бърмад (в-қ., Нӯшор); пеши холат-на бъшин (Роғ, Хӯҷағалтон); пеши хъштрез рафтай калонтар-ъш (ғ-к., Саталмуш); ба пеши мора бъйор-ъш (ш-к., Ховалинг); Давлатов пеши хунаи райшолк-да шиштагӣ бъд(ш-к., Қипчоқ).

Дар шеваи ҷанубӣ пешоянди номии забони адабӣ назди..., ки аз рӯи вазифа муродифи пешоянди пеши...ба шумор меравад, дар гуфтугӯи ҳаррӯзаи мардум истеъмол намешавад. Дар лаҳҷаҳои шеваи ҷа-

33 А.З.Розенфельд. Говоры Каратегина (аз ҳикояи ҷавони соҳибмаълумот), саҳ. 54.

34 А.В.Успенская. Говоры таджиков Гиссарского района, стр. 33.

35 А.З.Розенфельд. Бадахшанские говоры..., стр. 17

нубӣ пешоянди пеши..., асосан, бо калимаҳои номӣ, ки шахсро даҳолат мекунанд ва ҷонишинҳо бештар истифода мешавад. Вале бо калимаҳои дорои мафҳуми макон нисбатан кам ба кор меравад.

2. Пешоянди пъшти... Ин пешоянд дар тамоми лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ мунташир буда, ҳам бо изофат ва ҳам бо пешояндҳои аслию пешояндҳо истифода мешавад. Вай ба предмете ишора мекунад, ки дар паси он предмете воқеъ гардидааст ва ё амале содир мешавад: ғасп дар пъшти девол-ънда (в-қ., Нӯшор); дар пъшти Ғарм-а замин додийан-ъш (қ., Навдеҳ): пъшти ма бъши (к-ҳ., Кончӣ); пъшти ра ферма, пеши ҷубори нав (бд., Яхшвол); ага ҳами гушт наболша, камон-а мегира пъшти бонг мерава (ш-к., Дараи Турбат); ба (баъд) омад да пъшти куйи Қоф-да фърома (к-ҳ., Мирзоӣ).

Вобаста ба матн пешоянди пъшти... маънои маҷозӣ пайдо кардa, предмети мушоҳида ва ё предмете, ки амал аз паси он равона шудааст, нишон медиҳад: ай пъшт-ъш назорат када, йа шаw йаке қапидум-ъш (ҷ-к., Хирманҷо); баъд аз пъшти ҳар сеи ийо ғисмон умад (в-қ., Яхакпаст).

Дар лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ пешоянди паси... муродифи пешоянди пъшти... ба шумор меравад: паси ҳами къҳ-на аъба дора, раҳ дора (в-қ., Чилдара); гоw паси бонг-на (Роғ, Хӯҷағалтон); ма-м ай пас-уш давидум (к-ҳ., Ёвон). Ҳамчунин пешояндҳои ақиби... ва қафои... низ муродифи пешоянди мазкур мебошанд. Пешоянди қафои... қафои... низ муродифи пешоянди мазкур мебошанд. Пешоянди қафои...

чунон ки материалҳо нишон медиҳанд, камистеъмол аст: бега-да омаден ба ақиби мактабо (ш-к., Ховалинг); вай бекор-ай ақиби мол буни мекина (қ., Навдеҳ); ай ақиби у гъҷо мерай (в-қ., Нӯшор); ай қафои уно бо пираверка (тафтиш) ҳас (к-ҳ., Қалфи Сават); кии Дъмбола ақиби Сърхав-на (в-қ, Чилдара).

3. Пешоянди болои..., ки бо изофат мустақилона ва бо пешояндҳои аслию пасояндҳои -а//-ра; -да//-ънда//-на истеъмол мешавад. Ба маънои бевоситаи масоҳаги предметро ишора мекунад, ки дар болои он чизе воқеъ аст, амале содир мешавад ва амале ба болои он равона шудааст: ай болои қишлоқи мо қишлоқи Бедаки боло ҳаст (қ., Нимич); болои курпа бъшин (бд., Қозидеҳ); болойи шаҳ-анда одам, диди? (қ., Пингун); ай болои хълеп коғаз-а сафт карас (ш-к., Ховалинг); а боли къ (кӯҳ) мейоа ҳами ов (к-ҳ., Кончӣ). Дар маънои маҷозӣ пешоянди болои... нишон медиҳад: а/ шахсеро ишора мекунад, ки қарздор ва ё ӯҳдадор аст: позир дар болои се-чор кас пул дорам, наметийан (в-қ., Қалъаи Лабиоб); широи очаи Саидқъл ба болои кампир-ай, у бойа ҳаф ман бъта (ш-к., Ховалинг); б) шахс ва ё предмете, ки ба сӯяш амал нигаронида шудааст: мо дар болош рафтем, ки хест дар сари мо давид (қ, Шинглич); болои кудакода хамйоза накъ (к-ҳ., Саримазор).

4. Пешоянди руи... дар ифодаи маънои масоҳа ба пешоянди болои .... наздик аст. Вай барои нишон додани рӯи предмет, қисми болои он истифода мешавад: ба шикам зад руи гълем-да навиштаwодай (ғ-к., Балҷувон); гандъм-а шиштем, афтоw-ъш каем руи сърфа-да (ш-к., Шайдон); аз руи нъмат лъхшъдай (ш-к., Қалъанак); руи курпача-на бъши (Роғ, Хӯҷағалтон); оw ба руи савза гел мехура-wъ саwза ба руи оw (ш-к., Ховалинг). Хосияти шеваги пешоянди маз-



кур дар мисолҳои поён зоҳир мешавад: да руи асп метарси? (ш-к., Дашти Шуро); бор-а руи асп-да мепартойа (к-ҳ., Ёвон); ай руи хар ғалтидъм (ш-к., Муллоконӣ).

Пешоянди руи бо пешоянди аслии ай барои ифодаи сабабу сарчашма истеъмол мешавад. Ҳамчунин вай асоси амали содиршударо ва ё предмету ҳолатеро, ки вобаста ба онҳо ягон амал содир мешавад, нишон медиҳад: ай руи молвуни-ра мудири фърма шъдай, мол-а мефаҳма (ш-к., Муллоконӣ); ай руи бесари-ш ба мактаб раҳ натен (ғ-к., Деҳбул); и-ра-ам ай руи писоw метъм (ғ-к., Давлатшоён); ай руи гъфтаҳои ҳаму одамо ай се сат сол, гъзаштагӣ-йай (к-ҳ., Кончӣ); Анвар ай руйи бе ғақли-ш-а зан-ъш-а талоқ кард (в-қ., Нӯшор); Бъхоро ай руйи зъмин арз кардан рафтуд (қ, Ғофилобод).

5. Пешоянди тайи...//таи... мунташири шеваи ҷанубӣ буда, барои ифодаи маънои масоҳа ба кор бурда мешавад. Ин пешоянд дар зери вокеъ гардидани предмете, ба зери чизе равона шудани амалеро нишон медиҳад: йак лъвик бъд, дар тайи алоw гур-ъш кардъм (ғ-к., Дашон); пештар мегъфтан, ки таи зъмин говмоҳӣ бъдас, мераи Мурғон; ман тайи тарма қати саг чъмб-ъш, дъруғ бъда (ш-к., Муллоконӣ); мерим тайи бед, ки шамолсе соғат мондам (қ, Дашти Хирсон); ай шодӣ-ра вах(т) намейовъм, нумол-ъм-а рав-ай (в-қ, Ёзғанд); таги фък-ъм бандам (к-ҳ., Саримазор); ба таи катък (белинчак) мегъзаръм (бд., Қозидеҳ).

Пешоянди таи... бо феълҳои ҳаракат омада, нишон медиҳад, ки амал ба сӯи нуктаи муайян нигаронида шудааст: рафтем тайи бор-ънда дар таи дарахто хоw кардем (в-қ., Нӯшор).

Қайд кардан лозим аст, ки пешоянди зери... ки хоси забони адабист, дар шеваи ҷанубӣ мушоҳида намешавад.

6. Пешоянди минаи...//мийуни.../ /мийони...//мини дар маънои масоҳагӣ предметро нишон медиҳад, ки амал ба байни он равона карда шудааст, ё ин ки дар мобайни он амале содир мешавад: дар минаи бутта баҷо шъдем (қ, Қалъанак); бо да мини мардъм та ғнасар мешай (қ., Каҳдара); мо ай мени ҳаму оwомъдум (к-ҳ., Мирзоӣ). Пешоянди мазкур бо калимаҳои дорои мафҳуми вақту давр нишон медиҳад, ки амал дар миёнаи вақту даври муайян ба вуқӯъ омадааст: дар мини зъмистон ҳамиқа хънъке шидай, ки дъррахто-ра сармо за (ш-к., Мазори Султон); мъ минаҳои март-да мъйом (ш-к., Ховалинг).

Пешояндҳои мобайни..., байни... бо пешоянди минаи... муродиф бошанд, ҳам услубан аз он тафовут дошта, бештар ба забони адабӣ қаробат доранд: адабӣ гап занем, дар мобайни мардумо унас мекънан (қ., Ялдамич). Пешояндҳои мазкур ба маънои замони истеъмол шуда нишон медиҳанд, ки амал дар тӯли вақти муайян содир мешавад: дъхтар мобайни йак-дъ руз сафед шъд (ш-к., Ғелот); дар мобайни шабонаруз дъшман-а ба мъсофаи бисти панҷ километир сър кардем (ғ-к., Саталмуш); да байни йа соат -да ҷут ҳама ҷо-ра гърифт (ҷ-к., Ёл). Вобаста ба маънои умумии гуфтор, шахсу предметро нишон медиҳанд, ки байни ҳам аз ягон хусус робитае доранд: ай вахти бъҳор йак дълхънъки мобайни мо пайдо шъд (в-қ., Ҳоит).

Дар шеваҳои ҷанубӣ калимаи шевагии минакол ба маънои

миёна дар баъзе маҷридҳо чун калимаи ёридиҳанда истеъмол карда мешавад. ай минаколи оw гъзаштъм, асп–ъм лъмби шастдор бъд (в–қ., Ҳиҷборак).

7. Съни... (сӯи...), ки пешоянди серистеъмол ва интишор ёфтаи шеваи ҷанубӣ ба шумор меравад. Вай холис бо бандаки изофӣ, бо пешояндҳои аслӣ ва пасояндҳо истифода мешавад. Маънои асосии масоҳагии ин пешоянд аз он иборат аст, ки ба предмете ва ҷое ишорат мекунад, ки ба сӯи он амал нигаронида шудааст ва ё ба он рузӯъ карда мешавад: Қосим–тухсабо съни Балҷувон мерава (ш–к., Навҷӯъ); мор маро дид, съни ма омад, маро ба газидан (бд ., Сист); почо съни вазир–ъш гъф падар–ъмон ай съни шаҳр–ай (к–ҳ., Кончӣ); съни ма нигаҳ къ (в–қ., Саталмуш). Истеъмоли пе– (қ., Каҳдара); шоянди мазкур ба андозае маънои луғавии онро маҳдуд карда– аст. Аммо наметавон тасдиқ кард, ки сън дар лаҳҷаҳо ҳамеша чун пешоянд истифода мешавад. Вай бештар чун калимаи ёридиҳанда ва гоҳо чун калимаи мустақилмаъно ба кор бурда мешавад: Қалъанак съни чо? (ш–к., Муллоконӣ); Шарифа съни ақиб рафта бъди? (ғ–к., Зоғнӯл). Пешоянди съни... Инчунин тарафи предмет ва ё маконеро нишон медиҳад, ки он ҷо амале содир мешавад ва ё предмете воқеъ гардидааст: бъруҷ съни дара–да астай (ш–к., Чарғи Боло); у съни Кулоw гъҷо, нобът (ш–к., Наврӯҳо).

Аз рӯи маъно пешоянди тарафи...–ро муродифи пешоянди съни... ҳисоб кардан мумкин аст. Вале дар истеъмоли онҳо тафовуте низ ба назар мерасад: тарафи... чандон васеъ истеъмол намешавад ва асосан предмет ва ё маконеро ишора мекунад, ки дар он ҷо чизе ҳаст ва ё амал маҳз ба сӯи ҳамон предмет ва ё макони муайян равона карда мешавад: тарафи Дъсқъли–да камтар зъмин мондас (ш–к., Ховалинг); ма рафтъм, ки тарафи аспи ма–да хес каристай (к–ҳ., Норак); хо, тарафи мо мардъм омадаесай (ҷ–к., Хирманҷо).

Пешоянди тарафи... ҳамчун съни... бо феълҳои муроҷиат, ки дар асной ишораи адресат истифода мешаванд, истеъмол намешавад.

8. Дъруни.../даруни... //дъри... Ин пешоянд дар шеваи ҷанубӣ васеъ истифода мешавад. Вай дар асной нишон додани предмет ва маконе, ки амал ба дохили он равона карда шудааст, ба кор бурда мешавад: рафтъм даруни Ховалинг–ънда угам омадъм аминча (в–қ., Ёзғанд); мо–ра дидъм дар дъруни елча хоw–ай (ш–к., Ховалинг); баъд иҳо мехамбан дъруни шӣр–да (ш–к., Наврӯҳо); ина ами дъруни хелак –да мондъм (ғ–к., Зоғнӯл); ҳаму мусафед чигинакаш дъруни памадур дъромадай (ш–к., Ховалинг); коғаз дунйо–ра партофтийан дар дъруни хона (қ., Қалъанак).

Пешоянди даруни... инчунин предмету ҷоеро нишон медиҳад, ки дар дохили он чизе воқеъ аст ва ё амале содир мешавад: дъри ком қурум–да мондай (к–ҳ., Ёвон). Яъне аз тобишҳои иловагии маънои дъруни... иборат аз ин аст, ки предметро ишора мекунад, ки комилан ба ҳодисае дучор гардидааст: хурҷин дар дъри хун шидай (к–ҳ., Зулмобод); дъри борун–да шита шидам (к–ҳ., Қалфи Сават). Ин пешоянд бо ҷонишинҳои миқдорӣ ба сину сол ишора мекунад; дар даруни бист–ай (қ., Қазноқ).

Пешоянди мазкур дар таркиби пешояндию пасояндӣ бо пасоян-



ди –ра//–а пеш аз феълҳои гузаранда ҳамчун калимаи мустақил муайянкунандаеро қабул мекунад, ки бо изофат ба он тобеъ шудааст. Чунончи: дъруни агарот–а, дъруни оғъло–ра макофти? У вах йа далилак–а мекад–у дъруни оғъл–ш–а хаw ар мегъръфтак (ш–к., Ғеш).

9. Гърди...//гирди... предметро нишон медиҳад, ки дар атрофи он амал содир мешавад ё чизе қарор гирифтааст: гърди кишлоки мо кухсор (Роғ, Бадринг); йагон да одам гърд–ъм–а гърифтан (ғ–к., Давлатшоён); латаи мъ гърди фък–ъм гърифтаги (ш–к., Ховалинг); гърд–ъш–да чормах бъсйор–ай (ш–к., Мӯминобод), ханда ба гирди лаwон–ъш намейойа (ш–к., Пушъёни Миёна).

10. Сари... Ин пешоянд дар шакли изофӣ дар шеваи ҷанубӣ зиёда ба кор бурда мешавад. Вай инчунин бо пешояндҳои аслӣ ва пасояндҳо низ истеъмол меёбад. Пешоянди сари... вобаста ба маънои лексикии аслии худ ҷое ва предметро ишора мекунад, ки дар аввал дар канор, дар наздик ва ё дар болои онҳо амале содир мешавад ва ё ҳодисае ба вукӯъ омадааст. Мувофиқи маънои феъл исме, ки ба он пешоянди сари... вобастааст, маънои замон ва максадро ифода мекунад, ки умдатарини онҳо аз қабили зайланд: а) равоншавии амал ба қисми пеши ва болои чиз ва ё макон: занм–а сари Йангибозор бурдийан (к–ҳ., Мирзоӣ); пъгаи дигар рузи рафтан–ъш мъ сари самолут мерам (ш–к., Ховалинг); рафтъм сари адър–на (Роғ, Хӯчағалтон); ами занък шурво бурд ба сари дърав (Роғ., Офтобзамин); ай Афғонистун умад сари лал–на (бд., Сист); гандъм ҳуч къ, сари арқан–ъм–да парто, партов–ъш (ш–к., Ховалинг); хар ба сари чошти гандъм–а мерава (ш–к., Ғелот); б) ҳаракат ба сӯи қулла, нуқтаи болои чизе, предмете: зоғ парида да сари йак хор шишт, каркар кард (ш–к., Сарихосор); иҳо омадийан, сари тут бъромадийан (к–ҳ., Ёвон); да сари деwол баромадъм (Роғ., Хӯҷағалтон); в) воқеъ гардидани чизе дар қисми пеш ва ё болои предмете ва ё дар назди он: ҷуруб сари деwол–на (Роғ, Офтобзамин); нъмолча сари ра–на (Роғ, Хӯҷағалтон); нос да сари бозор охи (ш–к., Ховалинг); чо–да хърма? –уна сари мех–да (ш–к., Сарихосор); е, ҳаму сари купрук–ънда ҳаст хона шу (қ., Ялдамич); руба дар сари раҳ хъд–ъш–а ба мърда андохт (ш–к., Сарихосор); сари шах–на, ки барф иста, лозар меган (бд., Қозидеҳ); г) равоншавии амал ба объект ва адресат, ки феълҳои ҷумла маънои мақсад, таҳдид ва ҳуҷум карданро доранд (дарафтидан, сарзаниш кардан, ҳамла кардан ва ғайра): баъд маслат кардан, рафтан ба сари дърахти подшо (бд., Нуд); (хирс) гаштай ба са–ъш омадай, ба сари маълим (ғ–к., Саталмуш); мо дар боло–ш рафтем, ки хест ба сар–ъму давид (қ., Дашти Хирсон); и–ш ба сари у–ш–а зури мекъна (в–қ., Нӯшор); ма–м ба мар–шун давидум (к–х., Мирзоӣ); ба сари мън–а омадан (Роғ, Бадринг).

Пешоянди сари... предметҳоеро ишора мекунад, ки онҳоро гирифтан ва доштан лозим аст. Дар чунин маврид феълҳои ифодакунандаи хоҳишу мақсад истифода мешаванд: хола–м ба фърма–ра ба сари шир омадас (Роғ, Хӯҷағалтон); ба сари орд омади? (бд., Қозидеҳ): ба сари оw рафтас (Роғ, Бадринг); ба сари ҳаму чойник–а мерава (ш–к., Муллоконӣ).

Дар шеваи ҷанубӣ пешоянди сари... барои нишон додани дар

болои предмете воқеъ гардидани чизе низ истифода мешавад: хəмид; раф сəри кəwути– хамбид, рафт сари кабудӣ (к–ҳ., Мирзоӣ). 36

Маънои замонии сари... дар ифодаи маънои ибтидою оғози амал зоҳир мешавад: вахте ки зъмистун халос шъ, сари йаг моҳагӣ – сари буҳор чул бурдастън да тарма мешавад (ш–к., Ховалинг); ийо йа сари ҳафта мешуйан саро–шун–а (ҷ–к., (ғ–к., Данғараи Боло); Ёл).

Дар шеваи ҷанубӣ, ҳамчун дар забони адабӣ, калимаи сар бо калимаҳои ифодакунандаи маънои масоҳаю замон таъбироти устуворӣ изофиро ба вуҷуд меорад: сари ра, сари купрук, сари пул, сари къ, сари бозор, сари чъшма, сари мазор, сари кадам, сари дъст, сари сол, сари бъҳор, сари вахт ва ғайра.

Ба замми ин сар бо калимаҳре ҳамроҳ меояд, ки маънои асосии луғавии онҳо иборат аз ифодаи ҷараёни меҳнат, ҳаракат ва ҳолат аст: сари дърав, сари чъфт, сари кор, Ҳамин хел ба назар мерасад, ки дар чунин ибораҳо калимаи сар(и)... маънои аслии худро гум карда, хусусияти калимаҳои ёридиҳандаро қабул мекунад. Аз афташ, таъбироти устувори изофӣ ҳалқаи мобайние мебошанд, ки маҳз аз ҳамин ҷо калимаи сар ба гурӯҳи калимаҳри ёридиҳанда мегузарад. Ҳамчунин бояд қайд кард, ки дар шеваи ҷанубӣ дар асоси қолаби мазкур ҳодисаи сохта шудани ҷуғрофӣ хеле сермаҳсул аст ва дар чунин таркибҳо сари... вазифаи калимаи ёридиҳандаро иҷро намуда, маъноҳои назди, қарибӣ, канори ягон чизро ифода мекунад. Масалан, Сари мазор (номи деҳа дар Қаротегини миёна), Сари ҷар (номи деҳа дар ҷануби Кӯлоб), Сари ҳаи Файзобод), Сари чъшма (номи деҳа дар Қаротегини боло), Сари Хосор (дар шимолии Кӯлоб), Шъхун (деҳа дар Қаротегини боло). 37

ПЕШОЯНДҲОИ НОМИЕ, КИ ХУСУСИЯТИ ЛАҲҶАГӢ ДОРАНД

Чунонки дар боло ишора шуд, ба ин гурӯҳ пешояндҳое дохил мешаванд, ки аз калимаҳри мустақилмаъно ба вуҷуд омадаанд. Аммо ин калимаҳо дар забони адабӣ ба гурӯҳи калимаҳои ёридиҳанда нагузаштаанд. Аксари ин пешояндҳо дар ҳамаи лаҳҷаҳри шеваи ҷанубӣ интишор ёфта бошанд ҳам, миқдори хурди онҳо хоси лаҳҷаҳри ҷудогона мебошад. Инак, тасвири ин пешояндҳо.

1. тори... /_ тор. Калимаҳри тор дар лаҳҷаҳр ҳамчун калимаи мустақилмаъно истеъмол мешавад: гъҷо–да хунаш? –ҳаму торода (ш–к., Ховалинг); бъро и тор–да (ш–к., Шайдон). Чун калимаи ёридиҳанда пешоянди тори... бо пешояндҳои аслии ай, дар, ба ва пасояндҳое истифода мешавад, ки дар ин маврид маънои равона шудани

36 Ин маъниро дар адабиёти классикӣ низ мушоҳида кардан мумкин аст, ниг. Фарҳанги забони тоҷикӣ, 11, саҳ. 193: Яке аз мисолҳое, ки дар ин асар дар ин хусус зикр ёфтааст, ин аст: Бар сари ҳар сабза, ки пое задам, аз дили шӯрида навое задам (Хисрави Деҳлавӣ) ва ғайра.

37 Ҳодисаи мазкур, яъне истифодаи сар дар таъбирҳои изофӣ ва номҳри ҷуғрофӣ хусусияти хоси шеваи ҷанубиро ташкил намедиҳад, балки он дар забони адабӣ ва шеваҳои дигар низ мунташир аст.



амал ба боло, ва ё аз боло, мавқеъ ишғол кардани он дар боло, дар қисми болои чизе ба саҳеҳӣ ифода мешавад. Ин маъниҳо бе пешоянду пасояндҳо вобаста ба маънои феълҳо–хабарҳо ва маънои умумии гуфтор низ ифода мешаванд: палоштъръж (фароштурук) да хоноо тори пориса–да елча мекъна (ш–к., Ғеш); дар тори хъд–ъш съвор (ғ–к., Зоғнӯл); тъ дар тори бед мебърои (ш–к., Ховалинг); тори чормағз мебъромаум, баҷо мешидъм ай шавҳар–ъм (қ., Каҳдара): оw хърак (кружка) къшо– на–с? – тори чайлоw–на–с (Роғ, Хӯҷағалтон); бача тори шохи серка–да сиwор шъд–у осмунӣ шъд (к–ҳ., Мирзоӣ).

Чунон ки аз мисолҳо пайдост, тори... аз рӯи вазифаҳои худ бо пешоянди болои... муродиф аст. Тафовути онҳо аз рӯи мавқеи истеъмолашон маълум мешавад. Пешоянди тори..., асосан, барои ифодаи маънои муносибатҳои масоҳагӣ, равон кардани амал ба болои чизе, ба нуқтаи болои чизе, ҷойишғолкунӣ дар болои ягон чизе ва ғайра истифода мешавад. Пешоянди болои...ба ҷуз ифодаи маънои асосии худ–масоҳа, инчунин маъноҳои маҷозӣ, аз ҷумла шахсеро нишон медиҳад, ки дар ихтиёри ӯ чизе гузошта шудааст: широи очаи Саидкъл ба болои кампир–ай; кор–ъ бори хуна да боло–ъм (ш–к., Ховалинг).

Қайд кардан мумкин аст, ки пешоянди тори... назар ба болои... ба маънои масоҳа хеле фаровон ба кор бурда мешавад. Аммо доираи истеъмоли болои... нисбатан васеътар аст. Ин ҳодисаҳоро, чунонки ба назари мо мерасад, ба маънои танг ва конкретонаи пешоянди тори... нисбат ба болои... вобаста намудан мумкин аст. Пешоянди тори... инчунин бо пешоянди руи... ки вазифаи он низ иборат аз ишора ба болои предмет аст, муродиф мебошад. Вале дар ин маврид низ қаробати ҳамвазифагии тори... ва руи... чандон калон нест, зеро вай низ вақте истифода мешавад, ки сухан роҷеъ ба предмете равад, ки дар баландии муайяне воқеъ гардидааст. Истеъмоли руи бънг ва тори бънг дар ин ҷумлаҳр айнан ба ҳамин тарз аст: тори манча–да (кати васеи тахтагӣ) у хоw рафт (ғ–к., Туткавул); ба руи манҷа–да бърума (к–ҳ., Сари мазор)

Дар маъно ва мавридҳри дигари истеъмол байни ин ду пешоянд фарқҳо мавҷуданд.

2. дъмби...//дъми... ∠ дум. Ин пешоянд предметро нишон медиҳад, ки амал аз паси он равон аст ва ё равон ҳоҳад шуд. Вай ба пешояндҳри аслӣ, пасояндҳр ва холис истифода мешавад: ай дъми ҷво умадаудем (қ., Сангиҳр); дар дъми босмачӣ шъд (в–қ., Охсой). ай дъми гаw–ам мерава, ай дъми қъшкрр–ам мерава (ғ–к., Давлатшоён); шаw ай дъмби тъ сеw дара–на рафта wъдъм (Роғ, Хӯҷағалтон); хъдъш мърд, ай дъмб–ъш дига одам мърд (Роғ, Себадара); ай дъмби кори калхос давидем то вега, бисйор афгор шидем (в–қ., Яхакпаст); ай дъмби йанга–т бъра (ш–к., Ховалинг).

3. бари... ∠ бар маънои лексикии ин калима тараф ва гӯша аст. Пешоянди бари... дар тамоми лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ интишор ёфтааст. Бо маъноҳри пешоянди забони адабӣ – паҳлӯи..., бо баъзе маъноҳои пешояндҳои рӯи..., пеши..., мувофиқат карда, нишон медиҳад, ки дар назди, предмет ва ё ҷое амал ё ҳодисае ба вуқӯъ меояд ва

ё чизе воқеъ гардидааст: иди навруз сурати нахчир-а мекашан, занако қол (хол) ба бари деwол мезанан, ки гуйо бара зийод мешава (бд., Яхшвол); занҷир бари дар-на (Роғ, Хӯҷағалтон); Али, ба бари дарахт хар-а бъбанд (бд., Гармчашма); бари хуна хъд-ъм -да хуна дора (ш-к., Ховалинг); у бари мо-да хуна дохтас (ш-к., Дараи мирӣ); бар-ъм-да чъхтеай (ш-к., Мӯминобод); пешояндест, ки дар тамоми шеваи ҷанубӣ ба тав-

4. қади... пешояндест, ки дар тамоми шеваи ҷанубӣ ба тавофиқи материалҳо, дорои як маъри васеъ истеъмол мешавад ва мувофиқи материалҳо, дорои як маънои локативӣ буда, нишон медиҳад, ки амал дар дарозии предмету макон ба вуҷуд меояд: мо боғ-ънда кор мекардем, ки дар қади раҳ бъгзашт (в-қ, Ярхаб); нақло хас-ку, по-т-а қади курпа дароз ку (к-ҳ, Саримазор); одамо шиштийан қади ра-да (ғ-к., Сангтӯда).

5. дами... Ин пешоянд нишон медиҳад, ки дар назди предмет ва ё макони чизе ҷойгир аст ва ё ҳодисае рӯй медиҳад: хъмет ва ё макони чизе ҷойгир аст ва ё ҳодисае рӯй медиҳад: дъмч (номи растанӣ) дами қишлоқи мо бисйор аст (бд., Шамбедеҳ); хуна-ш дами ра-да ай (ш-к., Ғелот). Дами..., инчунин ба қариб омадани ягон мӯҳлат ишора мекунад: кенҷаки-м да дами йа кам бист-ай (ш-к., Дегрез); да бари дул кавчок мекънам (қ., Ҳаkимӣ).

Ба гурӯҳи калимаҳои табиатан духӯрае, ки гоҳ чун калимаи мустақил ва гоҳо ҳамчун калимаи ёридиҳанда ба кор бурда мешаванд ва ҳоло дар шеваи ҷанубӣ ба ҷониби калимаҳои ёридиҳанда бештар тамоил доштанашон мушоҳида мешавад, метавон калимаҳои даҳани... //даҳи...(даҳан) ва дари... (дар)-ро дохил кард. Маънои лексикии ин калимаҳо дар таркибҳои фразеологӣ ва ибораҳои устувори изофӣ, ки онҳо чун ҷузъи доимии ин ибораҳо истифода мешаванд, тадриҷан суст мешавад. Чунончи, калимаи дар дар таркиби дари хона дар шароити муайян маънои предметии худро гум мекунад ва ба маънои хеле муҷаррадаш, ки муносибати масоҳагиро нишон медиҳад ва робитаи амалро бо предмет (хона) таъин мекунад, истифода мешавад.

6. дари... ҳамаи мисолҳои даст... мо тасдиқ мекунанд, ки дари... асосан, як маъно – қаробат ва наздикӣ ба хона, ҳавлиро ифода мекунад: дидъм-ъш дари хунаи Шосаид-ънда (қ, Хумдон); дар дари ҳеҷаи съғъир савза нест (в-қ, Куглик); дар дари хуна шиштауд (қ, Шинглич); сад чорво дар дари хуна-му (в-қ., Езғанд); Дар мисоли охир тобиши маъної зоҳир карда, маънои дар ихтиёри ҳочагӣ, оила буданро ифода мекунад.

Пешоянди дари... дар ибораҳои фразеологӣ маънои маҷозӣ пайдо карда, нишон медиҳад, ки касе дар ҳавлии касе кор мекунад: даҳи (даҳани) дари йата-да мардикорӣ мекардӣ (қ., Ғофилобод).

7. даҳани... дар таркибҳои муайян предметро нишон медиҳад, ки дар назди он, дар даромадгоҳи он чизе воқеъ аст ё ҳодисае ба вуҷуд меояд: сътили оw-а даҳани дар-ъм-да ҳамита меоварди (к-ҳ, Тӯда): даҳани дари вай-да малиса (милиция) мондагӣ бът мегун (к-ҳ., Ёвон); чахтакпайакойи йак дъстаки-ра дар даҳани ҳичаи сағъир соз метийан (қ., Халқарф). Бо пешоянди ай предметро нишон медиҳад, ки амал ба воситаи он иҷро мешавад: домод-ът ай даҳани дарбача ниго-т кад (ғ-к., Давлатшоён); дъхтар ай даҳани дарбача ниго карсодай (ш-к., Муллоконӣ).[38]



8 Гурӯҳи пешояндҳои сабабу мақсад: бахши..., боиси...//боисти..., рости..., ба рости..., дар рости..., ай дъсти...//ай дъстаи...

Хусусияти хоси пешояндҳои бахши... ва боиси... ин аст, ки онҳо аз калимаҳои мустақил пайдо шуда бошанд ҳам, имрӯз дар лаҳҷаҳо ба маънои аслии луғавии худ мустақилона ба кор бурда намешаванд, балки танҳо чун пешояндҳои номии изофӣ истеъмол мешаванд. Пешояндҳои бахши... ва боиси..., асосан, бо пешоянди аслии ай ва пасояндҳо истифода шуда, сабаб ва сарчашмаи амалро нишон медиҳад.

9. бахши... предметро нишон медиҳад, ки маҳз барои он амал ба вуҷуд меояд: бахши моло, бахши гово берун хов мерем (ш-к., Мазорисултон); йа сеwаки зардъкак бахши тъ-ра овардъм (ҷ-к., Навобод); бахши чағеръко шир мебаръм (Роғ, Хӯҷағалтон); ай бахши ҳами матасикил (мотоцикл) чан ҳиҷит-му кааст (ҷ-к., Хирманҷо).

10. боиси... предметро ишора мекунад, ки сабаб ва ё мақсади судури амал мешавад: боиси ҳаму дъхтар рафта бъд (к-ҳ., Кончӣ); ай бойиси барф-ъ борун-а бъсйор шъдан-ъш ҳама ҷо сел шъд (в-қ., Нӯшор); йанга-м барг парт къ, гъфтас агане арзанвунӣ мерафтъм, боисти калхоз-а (ш-к., Муллоконӣ); ай боисти Қарасоч омадан (ғ-к., Дараи мурғон); шишаи хуб-ай, боисти руған монда бъдем (ш-к., Ховалинг).

11. дъсти... танҳо бо пешоянди аслии ай истеъмол мешавад: ай дъсти...//ай дасти...// ай дъст-аш. Ин пешоянд ба предмете ишора мекунад, ки сабаби ягон ҳолату ҳаракат ва ё воқеае мегардад: йа шаw да обчиҷитой (общежитие) Дъшанбе ай дъсти шаwзот соф хоw каа натунистум (ҷ-к., Хирманҷо); ама ай дъсти у додгу шид (ҷ-к., Хирманҷо); да замонойи пеш ай дъсти бебизо‿атира (камбағалӣ) хизматгори мекардан (қ., Ялдамич); ай дъстаи кор-ъм бобо-м намебинъм (ш-к., Муллоконӣ); и халқи пойитай ай дъсти чеснигари-ш (поквиҷдон буданаш) ҳар шаҳр-ънда, ки рафт кор мекъна (в-қ., Ҳоит).

12. рости... бо пешояндҳои аслии ба, ай истифода мешавад: ба рости..., ай рости.... Ин пешоянд ба предмете ишора мекунад, ки коре, амале маҳз барои он содир мешавад ва ё чизе барои он муҳайё карда мешавад: и ба рости Давлат-а (ш-к., Дашти Шӯро); зира-ра ба рости лесхос мечинем, агане мо-да даркор нест (ш-к., Хонақо); и васкат-а ба рости Ҷамол кардъм (ш-к., Ховалинг); ай рости мън гаw назанен, мън шав-ъ руз кор мекънъм (ш-к., Зелолак); ай рости кудако ба ҳиҷо нарафтан (қ., Ялдамич).

13. тани... ин пешоянд ба маънои ба ивази, ба ҷои ба кор бурда мешавад: йа ҷуфт калуш-мо дод тани хизмат-му, ай мачит дуздидан-шу (қ., Навдеҳ); бийо, ай тани оча-т бъгу, охи (к-ҳ., Зулфӣ).

---

[38] Пайдоиши маънои релятивии калимаҳои дар ва даҳан танҳо хоси шеваи ҷанубӣ набуда, онро дар забони адабӣ ва шеваҳои дигари забони тоҷикӣ низ дучор кардан мумкин аст.

Бояд қайд кард, ки баъзе пешояндҳои номии изофӣ, ҳамчун монанди..., мисли..., мисоли..., ба мисли..., ки дар забони адабӣ мустаъмаланд, дар шеваи ҷанубӣ нисбатан кам ба кор бурда мешаванд. Ба ҷои онҳо пешояндҳои номии чени..., қади..., ранги..., сохти..., шакли... истифода мешавад. Чунон ки дида мешавад, маънои грамматикии ин пешояндҳо ба маънои луғавии онҳо зич алоқаманд аст.

14. Чени...[39] ҳамчун калимаи мустақилмаъно: 1) барои ифодаи маънои дараҷа ва андоза низ истеъмол мешавад: ҳар дъ-ш чени йак чен-ай. 2) вақти муайян, давр, ҳангомро нишон медиҳад: чени аруси́-м -да бъд.

Ҳамчун калимаи ёридиҳанда бо пешояндҳои аслӣ ва пасояндҳо ба вазифаҳои зерин истифода мешавад: а) предметро нишон медиҳад, ки бо он предмети дигар, аз ягон хусус бо вай шабоҳате дорад, муқоиса карда мешавад: Гълноз пари wори хъшру-ай, чени пари хъшру-ай (қ., Ялдамич); Бозоргъл-а қади ҷон-ъм дуст медоръм, чени ҷъ-чон-ъм дуст медоръм (ғ-к., Саталмуш); дига да дъйно чени у ҷъ-вон йофт на́мешава (ш-к., Мӯминобод); ййо чени уwо нестан, уwо хуб-ан (қ., Хулак); б) мувофиқат аз рӯи андоза ва синну сол: қайсън-гъл-ъш чени ман бъдай (ғ-к., Балҷувон); чени йак кашидан нос мехъри́ (ш-к., Сангдара); банд-а ба чени намад мекъна (ш-к., Ғеш); шасти дъ-да қъдам мондем, ҳоли-йам чени къват-ъм кор кардосем (к-ҳ, Ёвон); калон нестай, ба чени по-м-ай (ғ-к., Тутқавул); в) замон: ба чени чормах шидан-а меой (ш-к., Мӯминобод) мъ пъга Анчироw мерам, чени йаг соат-да мийом (ҷ-к., Ёл).

15 қади... пешоянди изофиест, ки аз рӯи вазифа ба пешоянди чени.. наздик буда, монандии як предметро ба предмети дигар, мувофиқати миқдор, хосият ва андозаи онҳоро нишон медиҳад. Аммо доираи истеъмоли чени... нисбатан васеъ буда, қади... барои ифодаи муносибати маънои замон истифода намешавад. Ҳамчунин ин пешояндҳо дорои тобишҳои услубӣ мебошанд, ки тафриқаи онҳоро ба вуҷуд меоранд. Чунончи қади..., асосан, барои нишон додани муқоисаи рангу таъми предметҳо истифода шавад, чени... барои ифодаи чунин муносибатҳо ба кор бурда намешавад: сар-ъш съфед қади пахта (ш-к., Ховалинг); орди ман оvардаги қади барф съфедбъд (ғ-к., Зоғнул); қади лахча сийо мешава (ш-к., Пушъёни Миёна); қади қанд ширин-ай (в-қ., Ёзғанд). Дар асноп ифодаи маъноҳои муқоиса аз рӯи бузургӣ, андоза, дараҷаи сифат қади... ва чени... як хел истифода мешаванд, ки ба ҳам қаробат доштан ва муродиф будани онҳоро нишон медиҳад: қади Парвор ҷои хуw нест (ҷ-к., Ёл); қади тъ ишка нест хъшру (Роғ., Хӯҷағалтон); қади қуват – мон кор мекънем (қ., Обигарм); ба عدد хъд-ш-а ба по-м печундас, дидъм қади банди дъст бъдас (қ., Деҳмуллои Гирда); қади ҳаф мардина кор мекардъм (ш-к., Корез); пои тъ қади почи мъ (Роғ, Хӯҷагалтон); ба қади търосо-м (трос) чуwбъте, метум-ът (ҷ-к., Хирманҷо); севи қади олича (ш-к., Ховалинг).

[39] Чен калимаест, ки дар забони адабӣ фаровон ба кор бурда мешавад ва аз он як қатор калимаҳо сохта мешаванд. Аз рӯи баромад чен калимаи туркист. Ниг. В.И.Радлов. Опыт словаря тюрских наречий, т.3. ч.2.стр. 2070-2071: 2.чын چین (осм)...: 3(казах) соразмерность, необходимое количество / ҳамченакӣ, ченаки зарурӣ /намак тоз bila, тоз чин bila /хӯрок бо намак, намак ба андоза (посл)



16 ранги... маънои релятивии ин пешоянд аз маъноҳои нисбатан умумии луғавии намуд ва шакл, ки калимаи ранг ифода мекунад, ба вуҷуд омадааст. Дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ин пешоянд ба предмете ишора мекунад, ки предмети дигар ба вай монанд аст. Бештар вай бо пасоянди-wори ҳамроҳ меояд: ранги раис нест? – ҳаму бача-ш ни ранги у (ш-к., Мӯминобод); ранги мо беота-йай (ш-к., Дараимирӣ); ранги оча-м меша, бънибълан меша (ш-к., Ховалинг); ҳар дъ-шон ранги апа-ву хувар-ан (к-ҳ., Гумбулоқ); муwо-т сийа ранги мӯй мъ wори́ (Роғ., Хӯҷағалтон); ранги мърғи бур wори́-ай нул-ъш чангала (ҷ-к., Порвор); чолакои арча ранги салла wори мекъна-въ мерава (ш-к., Мӯминобод); мърда-ра ба ранги одами зинда ба руи хар мемона (ш-к., Ғелот).

Муродифи пешоянди ранги... дар шеваи ҷанубӣ калимаҳое мебошанд, ки байни ҳиссаҳои мустақил ва ғайримустақил муштараканд. Чунончи: шакли... шакли оча-ай, ранги оча-ш-ай (ш-к., Ховалинг); сохти... мъ сохти Зароб нестъм (ш-к., Муллоконӣ); мусъфедо-ам сохти мо йод намедунан (в-қ., Ярхаб); доди...[40] ака-ш доди Ғози мода бъдай (ш-к., Муллоконӣ); у доди мън-ай (қ., Шархо); сози...: бачаҳои Азиз сози алмасти wори́ мечириған (ш-к., Даштиҷум).

Ба ҷуз пешояндҳое, ки дар боло аз назар гузаронидем, дар шеваи ҷанубӣ инчунин як гурӯҳ пешояндҳои номие мавриди истеъмоланд, ки чандон интишор наёфтаанд. Қисме аз онҳо танҳо дар ин ё он лаҳҷа истифода мешаванду халос.

Ба гурӯҳи пешояндҳое, ки ба шеваи ҷанубӣ хос, вале камистеъмоланд, пешояндҳои зеринро метавон дохил кард.

1. Пешоянди дар вартаи... Чунин ба назар мерасад, ки байни маънои лексикӣ ва грамматикии пешоянди мазкур робитае нест ва онро тавзеҳ намудан низ маҳол аст. Калимаи варта арабӣ буда, маъноҳои ҳалокат, хавфу хатар ва мисли инҳоро мефаҳмонад.[41] Пешоянди дар вартаи.... предмет ва шахсеро нишон медиҳад, ки нисбат ба он коре бештар кори манфӣ карда мешавад. Ин пешоянд дар нутқи ҳаррӯза кам дучор мешавад, аммо аз фольклори Кӯлоб чанд мисол ба қайд гирифта шудааст: дъхтар-ъш гъф, ки ҳай падар, кори бад карди́, дар вартаи ма (аз афсона, ш-к., Шайдон); коре къне, ки дар вартаи мо гаw найован (к-ҳ., Гумбулоқ).[42]

2. ҳини... Ин калима низ арабӣ буда, замон ва даврро ифода мекунад. Маънои релятивии он аз маънои замониаш ба вуҷуд омадаст.

[40] Калимаи дод ба маънои ҳаёт, синну сол, дар фарҳанги "Персидско-арабско-русский словарь"-и И.Д.Ягелло ба назар расид. Ташкент, 1970, стр. 615: Ҳамин маъноҳои калимаи дод дар гурӯҳи шеваҳои Кӯлоб ва Қаротегин низ мушоҳида мешавад.

[41] Ниг. Ғаффоров М. Персидско-русский словарь. М., стр. 889, Фарҳанги забони тоҷикӣ, ҷ. 1. саҳ. 226.

[42] Дар лаҳҷаҳои Вахиёи Боло ба маънои: ҳангом-арафа қайд карда шудааст, дар вартаи...дар маънои ишора кардан ба амале, процессе, ки содир шудааст ва ё дар арафаи содиршавист, истеъмол мешавад: да виртаи ҷунти ниг. Р.Соидов. Говоры Вахио Боло. Автореф. канд. дисс. Душанбе, 1971, стр. 22,

Ҳамчун пешоянд бо исмҳои замон ва ҳаракат якҷоя истифода мешавад: ħини тоwистун-да гъндъшко теф мекардан, гърифта мехър-дан (ш-к., Мӯминобод); дар ħини суwоршави омад (в-қ., Куглик); да ħини рафтани уно туй доштак (ш-к., Хонақо); да ħини оw раф-тан-ъм омадай (ш-к., Ховалинг).

Калимаи ħини... ба сифати пешоянд дар лаҳҷаҳои вахиёй-қаро-тегинӣ ва шимолии Кӯлоб мушоҳида шуд. Бояд зикр кард, ки дар лаҳ-ҷаи Роғ пешоянди таркибии да ħини... бо таркиби дар айни... аз ҷиҳати ифодаи маъно ва иҷрои вазифа мувофиқат мекунад: порина дар айни зардолу пъхтан омади (Роғ, Хӯҷағалтон). Дар лаҳҷаҳои Кӯ-лоб ħини... маънои нисбатан маҳдуди мавсим, ҳангомро низ ифода мекунад: оличабандак оли-ам истодагӣ-ай, ħин-ъш рафтай (в-к., Да-раи Мурғон).

3. гардани... ба сифати пешоянд, асосан, бо пешоянд-пасоянди дар//-да//-нда истифода шуда, предметро нишон медиҳад, ки дар наз-ди он ва ё дар тарафи дигари он чизе қарор гирифтааст, ё ҳоди-сае содир мешавад: йаг бед гардани хона аст-ку (в-қ., Яхакпаст); токи мо-ра чо-да монден? – гардани мех-да (г-к., Зоғнул); дар гардани Файзовот гъл бъсйор-ай (ш-к., Зелолак); дар гардани Қър-ған йа кас шаш йашък пива додас (в-қ., Хиҷборак). Ҳамчунин пе-шоянди гардани...: дар эҷодиёти назмии халқ низ дучор меояд: дар гардани къшлоқ ирғай доръм, [43] дар гардани Файзобод пари-ро куштан. [44]

Пешоянди бези...//-вези...//без ай//бези ай//вез ай аз рӯи баромад таркиби буда, асосан, дар лахчахои ка-ротегинӣ, шимолии Кӯлоб интишор ёфтааст. Дар лаҳҷаҳои дигар беш-тар муродифи он – ғайри..., ба ғайри... паҳн шудааст. Барои ифо-даи маънои истисной чизе, касе, хориҷ кардани касе ва ё чизе аа гурӯҳи одамон ва чизҳо ба кор бурда мешавад: панҷо сентнер дода бъдастан без ай договор-ъш (ш-к., Дашти Шӯро); бези ами мол дига набуд (ш-к., Мазори Султон); бези Мошариф дига ҳеҷ ка на-буд (ш-к., Ховалинг); без а ҳами китоби дига навиштай? (ш-к., Муллоконӣ); вези ҳаму бо хуна ҳас, метан-шун (в-қ., Нӯшор); да сари мън вез ай тоқии Қурбонʿали ҳичи тоқи рос намеойа (в-қ., Лангаришоҳ).

5. Вехи... (бех) аз афташ, маънои пешояндии калимаи беҳ ба маънои маҷозии он – асос, таҳкурсӣ алоқаманд аст. Ин пешоянд бо пешоянд ва пасояндҳо истифода шуда, предмет ва ё шахсеро нишон медиҳад, ки дар назди он чизе ва ё дар ҳузури касе қарор гирифта-аст ва ё ба назди он амале нигаронида мешавад: мун-ъш веҳи-деw-ол бъщинан (ш-к., Ховалинг); вазир хест, дам-ъш ħот шъд-ъ рафт ва вехи поҷо-ра (қ., Каҳдара); ҳаму гуйънда-ро да вехи мън бъгу-да, қоʿил боша (қ., Каҳдара); да вехи одам намегум – да (ш-к., Дегрез).

Пешоянди мазкур дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ ва шимолии Кӯлоб

43. Р. А м о н о в. Эҷодиёти даҳанакии аҳолии Кӯлоб, саҳ. 97.

44 Ҳамон ҷо. саҳ. 98.



мушоҳида мешавад. Дар аснои бо пешоянди аз ҳамроҳ омадан ба ибтидои амал ишора мекунад: райиси мо аз вехи умадаги замини мард-ъм-а чойрикор мекард (в-қ., Ҳоит).

Пешоянди зийи//зиҳи... Ин пешояндро ба қатори пешояндҳои камистеъмол метавон дохил кард. Вай, асосан, дар лаҳҷаҳои Қаро-тегин мавриди истифода буда, предметро нишон медиҳад, ки дар назд, ё зери он чизе қарор гирифтааст ва ё ба сӯи он амале раво-на карда шудааст: дар зиҳи паншоҳ-ъш шалпар мешид, хоw-ъш ме-бурд (в-қ., Ҳиҷборак); дар зийи ҳаму хуна оварда бъд (қ., Навдонак); да зийи девол истод (в-қ., Оқсой); мактаб да зийи хуна-мун (в-қ., Каҳдара). Тахмин кардан мумкин аст, ки пешоянди зийи//зиҳи бо пешоянди архаистии зи, ки дар забони адабии классикӣ серистеъмол буда, дар забони адабии имрӯза қариб аз истифода хориҷ шудааст, як аст. [46] Истеъмоли пешоянди зи бо пешояндҳои аслӣ дар лаҳ-ҷаи Мастчоҳи поён қайд гардидааст. [47]

махси...//мāси.../ маҳз фақат дар лаҳҷаҳои бадахшонӣ қайд шудааст. [48] Ин пешоянд ба предмете ишора мекунад, ки амал маҳз барои он таъин ва равона гардидааст: у рафт маҳси оw, сари оw (бд., Қозидеҳ); мъ аз мāси тъ хондан-а партофтъм (бд., Қозидеҳ); Азим мāси бор рафтаст (бд., Яхшвол); дина рафтем мāси сетка, нéдод (бд., Яхшвол).

## ПАЙВАНДАКҲО

Пайвандакҳо ҳамчун яке аз ҳиссаҳои номустақили нутқ бар ак-си исму сифат, шумораю зарф ва феъл мафҳумро ифода намекунанд. Онҳо аз хосияти номинативӣ барианд. Пайвандакҳо аъзоҳои чидаи ҷумла ва ҷузъҳои ҷумлаҳои мураккабро бо ҳам алоқаманд намуда, маъноҳои грамматикӣ зоҳир мекунанд. Онҳо ба сифати аъзоҳои ҷум-ла истифода намешаванд.

Илми забоншиносӣ муқаррар намудааст, ки пайвандакҳо ҳам-чун ҳодисаҳои дертари забон аз ҳисоби ҳиссаҳои дигари нутқ чони-шинҳо, зарфҳо, ҳиссачаҳо, калимаҳои модалӣ, пешояндҳо ва феълҳо инкишоф ёфтаанд. [1] Ҳиссачаҳои мазкури нутқ (ба ҷуз пешояндҳо) вақте ба пайвандакҳо мегузаранд, ки маънои аслӣ ва вазифаҳои син-таксисии худро пурра ва ё қисман гум карда бошанд. Чунончи, исмҳо ҳангоме ки чун ҷузъи таркибии пайвандакҳо истеъмол меша-ванд, дигар предметро ифода намекунанд, аз ҷиҳати шумора тағйир

45 А.З.Р о з е н ф е л ь д. Говоры Каратегина, стр. 177.

46 Муҳаққиқон қайд мекунанд, ки дар замони Саъдӣ ин пе-шоянд аллакай кам истифода мешуд. К.Г.З а л е м а н, В.А.Ж у к о в-с к и й. Краткая грамматика новоперсидского языка, СПБ, 1890, стр. 62: Л.П.С м и р н о в а. Язык Таърихи Систāн, Сталинабад, 1959, стр. 103-104.

47 А.Л.Х р о м о в. Говоры таджиков Матчинского района. Душанбе, 1962, стр. 68.

48 А.З.Р о з е н ф е л ь д. Бадахшанские говоры..., стр. 17.

1 Дар ин бора инчунин ниг. А.Н. Г в о з д е в. Современный русский литературный язык. М., 1958, саҳ. 389.

намеёбанд, ба сифати аъзои мустақили ҷумла ба кор бурда намешаванд.

Дар забоншиносии тоҷик пайвандакҳо аз масъалаҳои таҳқиқнашуда ба шумор мераванд. Дар китобҳои дарсӣ ва баъзе диссертацияю рисолаҳое, ки ба таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаб бахшида шудаанд, инчунин дар асарҳои шевашиносон пайвандакҳо ва вариантҳои онҳо ном бурда шаванд ҳам, тарзи ташаккул, таркиби морфологӣ, таърихи пайдоиш ва хусусиятҳои фарққунандаи онҳо аз дигар ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ, хусусан пешоянду пасояндҳо, чунон ки бояд, таддиқиқ нашудааст.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки бештари пайвандакҳои забони адабӣ бо шаклҳои гуногуни фонетикӣ дар шеваи ҷанубӣ мавриди истеъмол мебошанд. Дар баробари ин як гурӯҳ пайвандакҳои забони адабӣ амсоли бе он ки, ба қадре ки, ба тарзе, ки, гарчи, чун, гар, ар, ба андозае ки, ба ҳадде ки, ба тавре ки, агарчи, вагарна, ҳолоки, то ин ки ва ғайра ҳамчун унсурҳои хоси услуби китобӣ монанди шеваҳои дигари забони тоҷикӣ, дар шеваи ҷанубӣ низ истифода намешаванд.

Аз он ҷо ки вазифаҳои гуногуни грамматикӣ, мавриди истеъмол ва тобишҳои маъноии пайвандакҳо дар боби "Синтаксис" ҳартарафа шарҳ хоҳанд ёфт, мо ба тасвири сохту таркиб ва навъу вариантҳои шеваҒии онҳо қаноат мекунем.

Сохти пайвандакҳо.

Пайвандакҳо мувофиқи таркиби морфологии худ бо навъҳои содда, сохта ва таркибӣ ҷудо мешаванд.

Пайвандакҳои содда, одатан, аз як калима иборат буда, қисме аз онҳо якҳиҷоӣ ва қисми дигарашон дуҳиҷоӣ мешаванд: -у//-ъ //ву-//-въ//-йун//-йъ, ки, аммо, то, зеро, агар//ага, да, ва, ни(з), бо//боз, неки, ҷоре.

Пайвандакҳои сохта аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ пайвандак бо пайвандак, пайвандаку ҳиссача, пешоянду пайвандак, префиксу феъл ва монанди инҳо сохта мешаванд: агане, набоша, хо ки, бахчи.

Пайвандакҳои таркибӣ аз ду ва зиёда калимаҳо ба вуҷуд меоянд ва як вазифаро иҷро менамоянд. Пайвандакҳои таркибии шеваи ҷанубӣ аз ҷиҳати тарзи ташкил бо қолиби пайвандакҳои забони адабӣ монанд буда, аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сурат гирифтаанд. Онҳо асосан, пайвандакҳои тобеъкунанда мебошанд.

Азбаски пайвандакҳои таркибӣ дертар ба вуҷуд омадаанд ва дар таркибашон пайвандаки соддаи ки мавҷуд аст, онҳоро ба осонӣ бо пайвандакҳои содда метавон иваз кард. Масалан; вахте ки чанг сар шъд, шāри Первый Май-да будем (к-ҳ., Роҳатӣ); чанг ки сар шъд, шāри Первый Май-да будем.

Ҷузъҳои пайвандакҳои таркибӣ, асосан, барои возеҳ ва равшантар намудани маънои грамматикии пайвандакҳои содда / пайвандаки соддаи "ки" дар ташкили ҳамаи навъҳои ҷумлаҳои мураккаби тобеъ иштирок мекунад.) [2] Калимаҳои дигар, аз ҷумла исму зарфҳо,

---

[2] Д.Т о ҷ и е в. Пайвандакҳои тобеъкунанда дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ. Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон. Шӯъбаи фанҳои ҷамъиятӣ № 4(58), 1959, саҳ. 61.



маънои луғавии худро як андоза суст мекунанд. Маҳз ҳамон тобиши маънои луғавии ҷузъи номии пайвандакҳо далели муқаррар намудани навъи ҷумлаи мураккаб ва вазифаи синтаксии ҷузъи тобеи он мешавад. Сабаби ин ҳамоно дар он аст, ки "вазифаи грамматикии пайвандакҳо ба табиати лексикии (этимологии) онҳо зич алоқаманд мебошад." [3]

Пайвандакҳои ҷуфт низ дар шеваи ҷанубӣ фаровон истифода мешаванд.

Азбаски унсурҳои ҳайати морфологии пайвандакҳои таркибӣ хеле гуногун аст, ҷузъҳои онҳоро, ки ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ дахл доранд, нишон медиҳем.

1. Пайвандакҳое, ки аз пешояндҳои таркибии ҷомӣ, артикли -е ва пайвандаки ки ба вуҷуд омадаанд: ай вахте ки, ай даврайе ки, ай бозе ки, ай ҷине ки, ай руйе ки, ай сабабе ки, ай ҷиҳате ки, то вахте ки, то даме ки, дар//да ҷине ки, дар //да ҷолате ки, да//дар сурате ки, дар//да ҷойе ки, ба мъҷъраде ки, ба ранге ки ва мисли онҳо.

Як гурӯҳи калони ин навъ пайвандакҳо ҷонишин қабул карда, таркиби мураккабтареро ба вуҷуд меоранд, ки қолаби онҳо чунин аст: пешоянди таркибӣ + ҷонишини ишоратӣ + исм + е + ки: то ҳаму вахте ки, да ҳаму ҷине ки, ай ҳаму ҷине ки, дар ҳаму ҷолате ки, да у сурате ки, да ҳаму сурате ки, ба ҳами сурате ки.

2. Пайвандакҳое, ки аз исм, артикли - е (гоҳо варианти он о) ва пайвандаки ки сурат мегиранд: вахте ки, вахто ки, даме ки, чене ки, ҷини ки, ва дайе ки (ба маънои баробари ҳамин ки) хеле ки, маҷале ки, чизе ки.

3. Пайвандакҳои таркибие, ки аз ҷонишини таъинии ҳар, исм, артикли - е ва пайвандаки ки ташкил мешаванд: ҳар вахте ки, ҳар дафъайе ки, ҳар ғоте ки, ҳар ҷойе ки, ҳар боре ки, ҳар фирқайе ки, ҳар созе ки, ҳар зайле ки (ба маънои ҳар навъе ки), ҳар хеле ки, ҳар қадар ки, ҳар кайе ки, ҳар чийе ки, ҳар чизе ки, ҳар чи ки, ҳар ғойе ки, ҳар гайе ки.

4. Як гурӯҳ пайвандакҳо дар натиҷаи ба ҳам алоқаманд шудани ҷонишини чи, исм, артикли - е ва пайвандаки ки таркиб меёбанд. Дар ин маврид ҷонишини чи аз ҷиҳати иҷрои вазифа бо ҷонишини ҳар ва артикли е муродифи грамматикӣ шуда, вазифаи таъинӣ пайдо кардааст: чи ғоте ки, чи фирқае ки, чи навъе ки, чи сохте ки, чи хеле ки, чи сурате ки, чи тавре ки, чи қадаре ки, чи қайе ки, чи қа ки, чи микдоре ки.

5. Пайвандакҳое, ки аз ҷонишини къдом//кадом, исм, артикли -е ва пайвандаки ки таркиб меёбанд: кадом вахте ки, къдом ҷойе ки, къдом ҷолате ки. Дар ин маврид низ ҷонишини къдом бо ҷонишини ҳар ва артикли /-е синоним буда, вазифаи таъинотро ба ҷо меорад.

6. Ҷонишинҳои ишоратӣ, исм, артикли -е ва пайвандаки ки ҳамроҳ омада, пайвандакҳои таркибӣ месозанд: ҳаму олате ки, у вахте ки, ҳаму вахте ки, ҳаму чене ки, у чене ки, ҳаму ҷолате ки, ҳаму ҷойе ки, икайе ки, ҳамитаре ки, итайе ки, итаре ки, ҳамутаре ки,

---

[3] В.В.В и н о г р а д о в. Русский язык (грамматическое учение о слове). М., 1973.

ҳамита ки, ҳамуқа ки, ҳамуқаре ки, ҳамиқайе ки, ҳамиқаре ки, учайе ки, ҳамиқадаре ки, ҳаму маконе ки, ҳаму ойнайе ки ва инчунин онҳо.

7. Зарфу пайвандакҳо як ҷо омада, пайвандакҳои таркибӣ месозанд: акъ ки, авале ки, авалоне ки, баъде// баъ ки ва мисли инҳо.

8. Зарфҳои ҷонишинӣ, исм, артикли -е ва пайвандаки ки пайвандаки таркибӣ месозанд: кай вахте ки, чан бор//боре ки ва ғайра.

9. Зарфҳои ҷонишинӣ бо артикли -е ва пайвандаки ки пайвандак месозанд: кай ки, кайе ки, гиҷойе ки, къҷо ки, къшо ки, гуҷойе ки, гиҷо ки, чанде ки, хеле ки.

10. Баъзан пешоянди аслӣ бо пешоянди аслӣ, ҷонишини ишоратию артикли -е ва пайвандаки ки ҳамроҳ омада, пайвандак месозанд: тобоне ки, то ба оне ки, тобуне ки//то ба уне ки.

11. Ҷонишинҳои ишоратӣ бо пайвандаки ки пайвандаки таркибӣ месозанд: ҳами ки, чунон//чънон ки.

12. Пайвандакҳое, ки дар натиҷаи ба ҳам алоқаманд шудани пешоянд, ҷонишин, артикли -е ва пайвандаки ки сохта шудаанд: то уне ки, барой и ки, бароси он ки, баройи хами ки, баройи чи ки, бароси хами ки.

13. Пайвандакҳое, ки аз алоқаманд шудани пешоянд, исм, ҷонишини ишоратӣ, аломати -е ва пайвандаки ки ташкил меёбанд: то ҷои он ки, ай ҷиҳати ҳами ки.

14. Ҷонишинҳои саволӣ, ишоратӣ бо исму артикли -е ва пайвандаки ки робита пайдо карда пайвандаки таркибӣ месозанд: къдом ҷо ки, ҳаму ҷойе ки, ай ҷиҳати ҳами ки.

15. Пешоянд, зарфҳои ҷонишинӣ, артикли -е ва пайвандаки ки бо ҳам алоқаманд шуда, пайвандаки таркибӣ сохтааст: да гъҷо//гуҷо ки, дар гъҷойе ки, ба гъҷо ки, дар къшойе ки, то гъҷойе ки, то чанде ки.

16. Пайвандакҳое, ки дар натиҷаи бо ҳам омадани исм, артикли -е ва пасоянди -да таркиб меёбанд: ҷойе-да ки, ҷое//ҷо-да ки.

17. Пешоянд, артикли -е ва пайвандаки ки пайвандаки таркибӣ сохтаанд: баройе ки, баросе ки, чува ки, бахчи, хъде ки.

18. Пайвандакҳое, ки аз як шудани шумора, исм, артикли -е ва пайвандаки ки сохта мешаванд: йаг маҳалойе ки, йа ҷойе ки.

Баъзан шумораи ҳазор бо аломати -е ва пайвандаки ки пайвандаки хилофӣ месозад. Ҳамчунин баъзан пас аз калимаи ҳазоре пасоянди бор ва ҳиссачаи ҳам//-ам бо пайвандаки ки омада, пайвандаки хилофӣ месозанд: ҳазоре ки, ҳазор бор-ам ки.

19. Дар натиҷаи ҳамроҳ омадани пайвандакҳои содда пайвандакҳои таркибӣ ба вуҷуд меоянд: то ки, чун//чън ки, то агар, агар ки.

20. Пешоянд, пайвандакҳои содда якҷоя меоянд: баройи чи ки, ай баски.

21. Пайвандакҳое, ки аз пешоянд, исм, артикли -е, пайвандаки ки ба вуҷуд меоянд: ай сабабе ки, ба шарте ки.

22. Ҷонишини саволӣ, исм, артикли -е, пайвандаки ки ҳамроҳ омада, пайвандаки таркибӣ ташкил медиҳанд: чанке ки, чиқа ки, чи қадаре ки, чи қайе ки.

23. Исм, изофат, ҷонишини ишоратӣ, пайвандаки ки бо якдигар алоқаманд шуда, пайвандаки таркибӣ сохтаанд: сабаби ҳами ки.

24. Ҳиссачаю калимаҳои модалӣ низ дар ташкили пайвандакҳои



таркибӣ иштирок мекунанд: ҳай ки, кошки, хо ки, қайтара ки, мъдом ки.

Пайвандакҳои тобеъкунанда дар ташаккули ҷумлаҳои мураккаби тобеъ гоҳо дар шафати ҳамдигар омада, маънои грамматикии матлубро таъкид мекунанд: кайе ки, то агар, агар ки. Ба назари мо пайвандакҳои баски, то ки, чунки, зеро ки ва монанди инҳо дар асоси ҳамин қонун ташаккул ёфтаанд. Ҳамчунин дар шеваи ҷанубӣ пайвандакҳои ҷуфти тӯли... ки, то... ки, на фақат... ҳам..., на танҳо..., ни(з), на танҳо... балки низ мушоҳида мешаванд.

Чунонки аз далелҳои овардаамон равшан аст, дар таркиби қисми зиёди пайвандакҳои таркибӣ пешояндҳои аслӣ истифода шудаанд. Сабаби асосии ин ҳодиса он аст, ки пайвандакҳои мазкур дар давоми таърихи инкишофу такмили замон дар натиҷаи ба пешояндҳои номии таркибии ай вахтӣ, ай ћинӣ, ай руйи, то вахти, дар вахти, дар ћолати, дар сурати, ба ранги ва монанди инҳо ҳамроҳ шудани пайвандаки ки ва ба артикли -е иваз шудани изофа шакл гирифтаанд.

Дар такриби як гурӯҳи бузурги пайвандакҳои таркибӣ, ҳамчун то ҳаму вахте ки, да ҳаму ћине ки, ай ҳаму ћине ки, дар ҳаму ћолате ки, дар у сурате ки, ҳаму сурате ки, ба ҳами сурате ки, чи ғоте ки, чи фирқайе ки, чи навъе ки, чи сохте ки, чи хеле ки, чи сурате ки, чи тавре ки, чи қадаре//кайе ки, чи миқдоре ки, ҳаму ћолате ки, у ҳаму вахте ки, ҳаму чене ки, у чене ки, иқайе ки, ҳамутаре ки, ҳамита ки, ҳамуқа ки, ҳамуқаре ки, уқайе ки, ҳаму маконе ки, ҳаму ойнайе ки, то ҳаму вақте ки, да у//ҳаму// ҳами сурате ки, ба ҳаму шарте ки, кай вахте ки, чан бор ки, къдом ҷо ки, къдом ҷойе ки, ҳаму ҷойе ки, ҳами ҷайе ки, ҳар ҷо ки, у ҷайе ки, ҳар ғоте ки, ҳар ҷойе ки, ҳар боре ки, ҳар фирқайе ки; ҳар созе ки, ҳар зайле ки, ҳар хеле ки, ҳар қадаре ки, ҳар чийе ки, ҳар ғайе ки ва ғайраҳо ҷонишинҳои и. у, ҳаму, ҳами, чи, къдом ва ҳар истифода шудаанд. Дар назари аввал чунин менамояд, ки таркибҳои мазкур пайвандаки таркибӣ нестанд ва пайвандак гуё танҳо аз ки иборат аст. Аммо далелҳои зерин тасдиқ мекунанд, ки онҳо чун пайвандакҳои таркибӣ ташаккул ёфта, вазифаи муайяни синтаксисро адо мекунанд.

1. Ҷумлаҳое, ки дар таркибашон пайвандакҳои мазкур меоянд, танҳо ки -ро чун воситаи алоқа қабул намекунанд: ҳаму вахте ки бачаҳо омадан, мо дар хона бъдем. Боз ҳолатҳое дучор меоянд, ки аз ин навъ таркибҳо ҷонишинҳо афтидаанд: вахте ки бачаҳо омадан, мо дар хона будем.

Далелҳои сершумори шеваи ҷанубӣ, инчунин забони адабӣ тасдиқ мекунанд, ки сабаби асосии гоҳ истеъмол шудан ва гоҳ афтидани ҷонишинҳо аз ҳайати пайвандакҳои таркибӣ иборат аз ин аст, ки дар чунин ҳолат, ҳамчун мавридҳои дигар, ҷонишинҳо аз рӯи иҷрои вазифа бо вазифаю моҳияти грамматикии морфемаи -е мувофиқат кардаанд. Маълум аст, ки артикли -е ба ҷуз вазифаи номуайянӣ (ин вазифаи асосии он нест), ҳамчунин дорои вазифаи ишоратӣ, ҷудоӣ, таъинӣ ва маҳдудию манфӣ низ мебошад.

Ҷонишинҳои мазкур, асосан, вақте истифода мешаванд, ки маънои грамматикии пайвандакҳо таъкид шавад. Ба ин маънӣ, онҳо чи дар забони адабӣ ва чи дар нутқи гуфтугӯӣ, аз ҷумла дар шеваи ҷа-

нубӣ, дорои хосияти услубӣ мебошанд. Гӯянда онҳоро мувофиқи салоҳдид ва маромн баёни фикр истифода мекунад. Ҳол он ки дар шеваҳри ҷанубӣ пайвандакҳои дар сурате ки, дар ҳине ки, дар ҳолате ки, чоне ки, ҳолате ки, вақте ки, ранге ки, зайле ки; Инчунин бидуни ҷонишинҳри ишоратӣ фаровон истифода мешаванд.

Ҳамчунин чун синоними грамматикӣ истифода шудани ҷонишинҳо ва артикли -е -ро аз ин ҷо низ дидан мумкин аст, ки як гурӯҳ пайвандакҳо бе -е бо ёрии ҷонишинҳо ташаккул мееёбанд: чи қа ки, чи миқдор ки, ба ҳаму шарт ки, чи тавр ки, чи зайл ки, ҳар ҷо ки, ҳар чан ки, то чанд ки, ҳар ғот ки, ҳар хел ки, чи сохт ки ва ғайра.

Пайвандакҳои таркибӣ агар бо пешояндӯ ҷонишинҳо ва калимаҳри дигар ба тавассути пайвандаки ки ташаккул ёбанд, ҷудо аз ҳам ба сурати як калимаи рехта ё сохта талаффуз намешаванд. Аммо ҷонишину исмҳри зерин, ки бидуни пешояндҳо ташаккул мееёбанд, ба тағьироти фонетикӣ дуҷор гашта, якҷоя ва чун як калима бо задаи ягона талаффуз мешаванд: йиқайе ки, ҳамитаре ки, итайе ки, итаре ки, ҳамитаре ки, ҳаминта ки, ҳамиқаре ки, уҷайе ки, тобуне ки ва монанди инҳо.

Пайвандакҳо мувофиқи иҷрои вазифаи синтаксисиашон ба хели пайвасткунанда ва тобеъкунанда ҷудо мешаванд.

## ПАЙВАНДАКҲОИ ПАЙВАСТКУНАНДА

Пайвандакҳри пайвасткунанда аз инҳо иборат: -у//-ъ, ва, ам//ҳам... ҳам//йам... йам, на... на, не..., не, ни...ни, чи...чи, ки, лекин, локин, неки//неке, воре//воре ки, агане, ане, аммо, набоша//ноша, боша, анде ки, дига, ала, йо ки. Ин пайвандакҳо ҳам аъзоҳои чидаи ҷумла ва ҳам ҷумлаҳри соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайвастро бо ҳам мепайванданд.

Пайвандакҳри пайвасткунанда аз рӯи маънои грамматикии худ ба паиҳам, хилофӣ ва ҷудоӣ тақсим мешаванд.

1. Пайвандакҳри паиҳам. Пайвандакҳри паиҳами -у//-ъ, ва, ҳам//-ам//-йам, ни(з), бо(з) ва ғайраҳо аъзоҳои гуногуни чидаи ҷумларо бо ҳам алоқаманд менамоянд, ки байни онҳо муносибатҳои замонӣ, ҳамроҳӣ мавҷуд аст.

Муносибатҳри мазкур дар таркиби ҷумлаҳри содда, асосан, ба тавассути пайвандаки пайвасткунандаи -у//-ъ сурат мегиранд. Ин ҳодиса ҳангоме воқеъ мешавад, ки мубтадоҳо, хабарҳо, пуркунандаҳо ҳолшарҳкунандаҳо ва муайянкунандаҳо чида шаванд.[4]

Ҳолшарҳкунандаҳои чида: йаг маҳ-у бис руз укол кар (ш-к., Пушьёни Миёна); исъ усъ гаштъм, та-йу боло-ра хаwар гъръфтъм, дарақ найофтъм (к-ҳ., Зулфӣ); Дъшанбе-у Қурған-а дидъм, дига ҳиҷо-ра надидъм (в-қ., Тавилдара).

Ба фикри мо, сабаби асосии бо пайвандаки ва муродиф будани -у//-ъ чи дар забони адабӣ ва чи дар лаҳҷаҳри забони тоҷикӣ, аз ҷумла шеваҳри ҷанубӣ, ин аст, ки амалҳо-хабарҳо паси хам содир

4 Барои пурратар ошно шудан бо ин масъала ба боби синтаксиси ҷумлаҳри содда муроҷиат намоед.



мешаванд: бештари хабарҳо, хусусан хабарҳои дуюм дорои ҳрл ва ё пуркунандаанд: мъштак-а чен мекъна-ву мереза-ву ай ҳамба орд мегира (қ., Диёҳун).

Як хусусияти хоси шеваи ҷанубӣ дар ин бобат иборат аз ин аст, ки агар аъзоҳри ҷумла аз ду зиёд чида шаванд, ҳар кадомашон пайвандаки -у//-ъ мегиранд. Дар аъзоҳри чидаи сершумор ки зиёд будани онҳр таъкид шавад, охири ҷумла кушод мемонад ва бо у//-ъ хотима меёбад: аспакийо бъз-а мегиран-у медаван-у да аму пеши қарорга мепартойан (ш-к., Хонақо); нисфи шаби рафтем-у ҳис кардем-у гирифтем (к-ҳ., Мағмуруд); будина мегирундем-у гъндишк мегирундем-у бо (боз) боша мегирундем-у (в-қ., Ҳиҷборак); тавақи чини мегира-у ру съни қивла места-у тавақ мезана (ш-к., Наврӯҳо). Дар шеваи ҷанубӣ пайвандаки ва дар ғояти камӣ истеъмол мешавад. Сабаби ин ҳрдиса он аст, ки пайвандаки -у//-ъ ба ҷуз иҷрои вазифаи асосии худ, инчунин вазифаи пайвандаки ва-ро низ адо мекунад. Дар мисолҳри зайл пайвандаки -у//-ъ бо пайвандаки ва муродиф аст: дина олмолу чида-у самалот-да бор каа бърдай (ш-к., Ховалинг); и-ра ба даҳан бърезем-ъ баꞓ д оw ай ру-ш (ш-к., Заргарон) бад йа барзагоw-а амсойа-ра металабан-ъ бад ҷуфт-да мебаран (ш-к., Ховалинг); рафтида-ву сурфа-ву осинча-ву елак-у табак-у майдатарак-ъш нимкоса-у ай у майдатарак-ъш пийолайи чойхъри (в-қ., Тутхр); бо (боз) рафида-ву бо (боз) сурфа-ву бо (боз) осинча-ву бо (боз елак-у бо (боз) табақ мегем (в-қ., Тутҳо).

Пайвандаки -у//-ъ ғайр аз алоқаманд намудани аъзоҳои чидаи ҷумла боз дар ду мавриди зерин ба кор бурда мешавад:

а) калимаҳри ҷуфт, ки аксар ҳамчун воҳидҳои устувори лексикӣ истифода мешаванд: сар-у тан, ҳисоб-у китоб, сар-у сина, лоқ-у пар, гоҳ-у ногоҳ, бамаврид-у бемаврид, рез-у ров ва мисли инҳр.

б) дар сохтани таркибҳри антонимӣ: паст-ъ бъланд, гарм-ъ хънък, боло-йу пойун (гапи боло-йу пойун) ва амсоли инҳр.

в) дар байни феълҳри таркибӣ, ки ҷузъи аввали онҳр аз феъли ҳрл иборат аст: хар-да хокистари ҳаму-ра бардошта-въ бърда-въ рафтан мегира (ш-к., Ғелот); ръшқао қоқ шъда-йу рафтаестай (в-қ., Ҳиҷборак).

Дар ифодаи муносибати паиҳам инчунин пайвандаки -ам//ҳам //-йам низ истифода мешавад. Ин пайвандак фаровон истеъмол аст: мърчък сев-а погиза мехъра, руғано -ам мехъра (ш-к., Заргарон).

Маъноҳри мазкур ба тавассути пайвандакҳри такрор низ ифода мешаванд. Пайвандакҳри такрор аъзоҳри чидаи ҷумларо таъкид мекунанд. Истифодаи пайвандакҳри такрор дар таркиби ҷумлаҳои соддаи шеваи ҷанубӣ ба тариқи зайл аст:

1. Пайвандаки -ам//ҳам//-йам хуву-ш-ам дидем, ганда-ш-ам дидем (к-ҳ., Истонӣ); ма узбакӣ-ра-м намедонъм, тоҷики-ра-м (ш-қ., Пушьёни Миёна); ҳозир ҳам мехона, ҳам дарс мета (ш-к., Кӯлдара); бъдана бӯр-ам ҳаст-ъ зарлем-ам ҳаст (қ., Диёҳун); ҳами дойра товистон-ам ҳами хел бъд, замистон-ам ҳами хел бъд (к-ҳ., Кофарниҳон); шумо ҳам меҳмун-у ҳам мусофир (ш-к., Наврӯҳо).

2. Пайвандаки ни... ни: ҳиҷра ни мегум-у мехмонхона ни мегем (ш-к., Ғеш); ҳаму пеши хона-ра ҳайвон ни мегем-удолон ни ме-

гем (ш-к., Ғеш); шах ни мега-ну шахмард ни меган (ш-к., Ғеш); сабзи ни мекоран-у луби ни мекоран-у тъшка ни мекоран (ш-к., Заргарон); тор ни меган, боло ни меган (в-қ., Ҳиҷборак).

3. Павандаки на... на: на дар бади кор дошт, на дар неки (к-ҳ., Даштихурд); на ба пъл-ъш йофтем, на бепъл (ш-к., Заргарон); на оча дорем, на ота (ш-к., Заргарон).

4. Пайвандаки не... не: шумак-ам йа алаф-ай, ана ҳами ранги гармаш-ай, у не талх-ай-у не ширин-у не търъш, сале мазаи тъмчи дора (ш-к., Хонақо); ма не авсона-ра медонъм, не чистон (ш-к., Ғеш).

Аъзоҳри чидаи ҷумла бо пайвандакҳри ҳам... ҳам, на...на, не... не гоҳо пайвандаки у низ қабул мекунад: у не талхай-у не ширин-у не търъш (ш-к., Хонақо); на кори хона-ра кард-ъ на мактаw-да хонд (ш-к., Кулаҳмадй); На байт медонъм-ъ на матал-ъ на авсуна (ш-к., Ғелот); бъдана бўр-ам хаи ҳаст-ъ зард ем-ам ҳаст (қ., Диёхун).

5. Пайвандаки бо(з)... бо(з): картъшка мешава, бо пийоз мешава, бо харбъза, бо тарбъз, бо кадъ, бо шалғам, хар чи мешавад. (к-х., Роҳатй).

П. Пайвандакҳри ҷудой. Ба ин гурўҳ чунин пайвандакҳр дохил мешаванд: йо/йо ки, йо... йо, гое...гое//го...го, хо...хо//хойе ки... хойе ки//хоҳ... хоҳ//хобе...хобе: бъгу, ки дар ҳами бачагед йор шам, йо дар пиред (ш-к., Кадучй); бача, и чанорай, йо сафедор (ш-к., Заргарон); у шумо-да кор мейойа, йо баройи дидан? (ш-к., Ховалинг); ҳаму сол йо чорда-да-йум, йо понза-да бъдъм (к-ҳ., Ёвон); ҳами гов-ът мерафт йо пушйон, йо Нунчемас, мехърдан-ъш (ш-к., Пушьёни Миёна), йо чойник-а мебарй, йо дасархуна (к-ҳ., Навобод); го олуболу мегану го бандак (ш-к., Ғеш); шикораки бе бънохан хатарнок-ай, гойе мебъройа, гойе не (қ., Диёхун); бача хат кардай, ки хойе ки Шаамбари, хойе ки Хуҷаобиҷарм бърав (ш-к., Ховалинг); хо гардан-а ба гардан гире, йо ки паридан-а (ш-к., Хонақо); хоҳ фоида мена, хоҳ зарар (в-қ., Хиҷборак); хобе гуспанди Куглик хобе гоw и кула, хобе чакалаки иҷа-ра мебаран (в-қ., Куглик); хобе Йахакйуст мебар-ът, хобе Хумдун (қ., Туғчй).

Пайвандакҳри такрори гойе...гойе//гоҳе//го...го, хо...хо//хойе ки... хойе ки... хо...йо ки//хоҳ...хоҳ//хобе... хобе, йа ,..йа аз ҷиҳати ифодаи маънои грамматикй ба пайвандаки йо...йо муродиф ҳисоб мешаванд.

Дар шеваи ҷанубй калимаи йа//йак ва йаке базан ба сурати такрор омада, пайвандаки гоҳ -гоҳ-ро иваз мекунанд: завмагойи мо йаке ай руған мағалтан, йаке аз қопча мағалтан (ш-к., Кадучй); йа меша йа не (в-қ., Ярхаб).

Ш. Пайвандакҳои хилофй. Дар шеваи ҷанубй чунин пайвандакҳри хилофй ба кор бурда мешаванд: -у//-ъ, балки, аммо, wоре//ки, неки, лекин, наинки, находки, набоша, у... анде, у... wоре//ки, у... балки, у...неке//неки ва ғайра.

1. Пайвандаки -у//-ъ. Ин пайвандак ба ҷуз муносибати пайваст, дар ташкили муносибати хилофй низ фаровон истеъмол мешавад. Дар ифодаи муносибати хилофй омилҳри дигар низ иштирок мекунанд, ки умдатарини онҳо ба тарзи зайланд.



а) хабари яке аз ҷузъҳо дар шакли манфй-инкорй ифода мешавад: қайтара, и-ра ръжд кардем-у у-ра не (ш-к., Ховалинг); тарсончак-а бъзан-ъ тап-ъш накъ (ш-к., Пушьёни Миёна); ба ҷанг ҷанговар-у ба гуштин не (ш-к., Ховалинг); хеш-ъ тавори-ра озори ҳаст-у бе-озори нест (ш-к., Кўлдара); намехъръм мега-ву мехъра (к-ҳ., Муллоён).

б) хабарҳри чида ё ба воситаи сифатҳои антонимй ифода мешаванд ва ё яке аз хабарҳр бо сифат ифода шуда, ягон аломатеро рад мекунад ва ё худи он бавоситаи хабари дигар инкор карда мешавад: одами хуб-ай-у андак дърьгутар-ай (ш-к., Наврўҳо); бодхурак уқоw-да монанд-ай-у хърдакак (ш-к., Доробй); оw хастак-у талх-ай (к-ҳ., Норак); ҳами оw и тайи санг нағз бъдай-у шулуг доштай (к-ҳ., Норак).

Дар мисолҳри зер сифатҳри антонимй ба вазифаи ҳоли тарзи амал омадаанд: қаҷ шин-ъ рост бъгу (ш-к., Кўлдара); чй-да гардано-бъланд рафтен-ъ саро ҳам омаден? (ш-к., Хонақо).

в) хабархр дар шакли тасдиқй воқеъ мешаванд. Аммо хабари дуюм нисбат ба амали якум ва ё ягон аъзои таркиби он мазмунан муносибати манфиро ифода мекунад: қати ҳаму мегашта бъдастан, арақ, мехърда бъдаст-ъ бо намоз мехондай (ш-к., Наврўҳр); вай ливосо-ра съфед мекъна-у зуд медарона (к-ҳ., Навобод); соли дърроз ҷон меканам-у ҷафо мекашам-у се газаҳак хок мерасад-ъм (ш-к., Навобод). Пайвандаки -у//-ъ бо пайвандаки хилофии балки мувофиқат мекунад: ма хъд-ъм одам-а не-йу буз-у гуспанд-а хърданъш-а бо чашм дидъм (қ., Обигарм); ай пеши қрзи тирез дода гъзашт, хъд-ш-а нишон над-а-у ай пахлу-йаш гъзашт (ш-к., Токак); саг-а руйи хъд-ъш не -йъ руйи соҳиб-ъш (ш-к., Кўлдара).

Пайвандаки -у//-ъ инчунин бо пайвандакҳри ки, то//ки мувофиқат карда, ҷумлаҳри мураккаберо ташкил медиҳад, ки моҳиятан ҷумлаҳри мураккаби тобеъ ба шумор мераванд; ҳами хел укас бърома-даw ъд-у қишлоқойи чагана-ра йаҷойи кънан (қ., Яхакюст), саw ат-а бийор-ъ кърът-а баҷо кънем (ғ-к., Балҷувон).

2. Пайвандаки воре//воре ки. Ин пайвандак дар ду шакли маз-кур асосан дар Ховалинг, Шўробод, Даштиҷум, Сағирдашт, дар лаҳҷаҳри соҳили дарьёи Хингоб ба Сурхоб истеъмол мешавад. Аз ҷиҳати вазифа ва маънои грамматикй бо пайвандаки аммо қисман вагарна монанд аст: и навад рафтай, воре риш намемуна (в-қ., Ярхаб); дина ҳам мън умаа wъм, воре дарак найофтъм-ту (в-қ., Лангари Шоҳ); комбай ҳаст, воре вайрон шида хов-ай (в-қ., Яхакпаст); ийо ни медунан, воре йордам намедан (в-қ., Ёзғанд).

3. Пайвандаки агане//ане. Ин пайвандак муодили лаҳҷавии пайвандаки вагарна буда, дар тамоми лаҳҷаҳри шеваи ҷанубй маъмул ва серистеъмол мебошад: касал-ай, агане хъшруҳак ра мегарда (ш-к., Заргарон); ҷога надоштъм, агане йа шиша дорът май овардъм (ш-к., Шехмизон); и ангър напъхтай, агане бъсйо ширин мешава (ш-к., Дақана); охи, байд-а намедонам, агане дъ дахан мегъфтъм (к-ҳ., Норақ); мо ба ҷамеди ийо шидем, агане барвах чойхона-ра рост мекайем (в-қ., Ярхаб).

4. Пайвандаки неки//некин. Ин пайвандак дар ҳамаи маъзеъҳри

ҷанубии Тоҷикистон мушоҳида мешавад: и меҳмунхуна-йай, неки ҳоли ғажд-ай (қ., Шуле); касал-ам надоръм, неки месулфъм (к-ҳ., Мулло-ён); авсона мегъм, неки байд намедонъм (к-ҳ., Файзобод); хъд-ъм бесавод мундъм, неки бача-м -а мехонэнъм-ъш (қ., Луғар).

5. Пайвандаки набоша//ноша. Ин пайвандак низ барои шеваи ҷанубӣ ҳодисаи умумист. Аз ҷиҳати ифодаи маънои грамматикӣ бо пайвандаки агане муродиф аст: вай бесаwот-ай, набоша бисйо одами зур-ай (в-к., Дараи Мазор); йаг сол галтид, хаф мехона, набоша хаш мехонд (ш-к., Ховалинг); ма бефара шъдъм, набоша то сапари мегум (қ., Обигарм); сеw ҳамита тълапотълъп мена, навоша нарехтай (қ., Самсолиқ).

Пайвандаки балки. Ин пайвандак хеле камистеъмол буда, гоҳ-гоҳ истифода мешавад: туз не, балки даҳи (ш-к., Пушъёни Миёна).

6. Пайвандакҳои аммо, лекин. Ҳар ду камистеъмол мебошанд. Моҳо ҳам вахтъш-да гудак бъдем, аммо и хели набъдъм (к-ҳ., Мирзой); нун доръм, аммо мехъръм-ъш (қ., Самсолиқ); и мошина-йа бад ай калхос харида бъдан, лекин бад ай ҷидо шидан харида бъдан (к-ҳ., Истонӣ); ма дуғ кашъм, леки ай зарби дарди дандон дина шав хов нарафтъм (ш-к., Даштак).

7. Пайвандаки на ин ки. Ин пайвандак ҳам хеле кам истифода мешавад ва дар дасти мо танҳо ду мисол ҳасту халос: бойад маʕлим-а сифат къна, на ин ки ғайбат къна (ш-к., Ховалинг); одам да ру ба руйи одам гаw мезана, на ин ки да ғайб-ъш гаw бъзана (ҷ-к., Доғистон).

Дар шеваи ҷанубӣ барои ифодаи муносибати хилофӣ пайвандакҳои хилофӣ чун муродиф дар шафати якдигар омада, маънои хилофиро таъкиду хотирнишон мекунанд. Дар ин вазифа чунин пайвандакҳо қайд шудаанд: -у//-ъ... воре ки, -у//-ъ... неки//неке//некин, ву//-у//-ъ... агане, -у//-ъ... анде: у къчък меҷақа-ву агане намегира (қ., Ҳакимӣ); бо хъд-ъм гов-а мекъшъм-ъ анде ба номи хъд-ъм беста (қ., Луғур).

Пайвандаки -у//-ъ бо хабарҳои чида: този ай тори боло ва қап кард-ъ съwор шъд (ш-к., Ғелот); магарам хона-ра съпорад-у бъройа бърава (в-қ., Мағмуруд); дъхтар овардан-у иҷов кардан (к-ҳ., Истонӣ); мълойим калаҷикак-ъш кардъм-ъ гаштъм-ъ гаштъм (ғ-к., Ҳиҷборак); талх бъхър-ъ шур бъхър, нуни хонайи шу бъхър (ш-к., Кӯлдара); ай раҳ бъзан-у хайр кън (ш-к., Кӯлдара); йаке мейойан-у қапқон мемонан (ш-к., Ғеш); о бъшап-у бад бърув (ш-к., Қипчоқ); дъхтар-ша торда партофтай-у хамбидай (ғ-к., Олучадара); йа лафка нон-а нотаркарда да асал лъчондъм-ъ хърдъм (ш-к., Момандиён).

Мубтадоҳои чида: ʕолам-а ҷӯл-у халта-у ҷӯлча гърифтай (к-ҳ., Мағмуруд); ҳами хона-ъ ҷо ҳам тансари тъ (ш-к., Кӯлдара); нунти-йъ ҷонтийи баробар (ш-к., Кӯлдара).

Пуркунандаҳои чида: пъл-ъ пайса-ра зур къна, баʕд хундан мерава (в-қ., Ҳиҷборак); биринҷ-у гушт-у руған-у сабзӣ-йу чой бийор (ш-к., Хонақо); биргад ай дъми каҳ-у мошин мегарда (ш-к., Ғеш); тордар-уш, тадар-ш нақш-у ниқош -ъш мекад (ш-к., Ғеш); и ҳоли мъзайу тъфли-ра нагъфтай (к-ҳ., Файзобод); на байт мехондъм-ъ на матал-ъ на авсуна (ш-к., Ғелот); оw-ъ алоw дъст-ъ по надора (ш-к.,



Кӯлдара); имруз ба кори ҳисоб-ъ китоб ру шъдем (ш-к., Кӯлдара); дузанда-ра-у дъзана-ра падар ҳайф (ш-к., Кӯлдара).

Муайянкунандаҳои чида: ҷанҷоли аввал-у халоси охир (ғ-к., Ҳиҷборак); бисйор ҷойи хуw-у оw шор-у алафзор (к-ҳ., Истонӣ); дъръни сафора-ву чағора-да гъндал мешава (к-ҳ., Момандиён); и ҷойи рез-у ро мешава (ш-к., Ховалинг).

Ғайр аз пайвандаки -у//-ъ гоҳо дигар пайвандакҳо низ метавонанд, ба сурати ҷуфт истифода шаванд: амра-ш-а намейоwа, неке набоша мерава (қ., Луғур); меравам, wоре неки кор доръм (қ., Навдеҳ); мън мерам, wоре ки неки симой рубоб-ъм кандаги-йай (қ., Навдеҳ).

## ПАЙВАНДАКҲОИ ТОБЕЪКУНАНДА

Миқдори пайвандакҳои тобеъкунанда дар шеваи ҷанубӣ хеле зиёд аст. Ҳамчун дар забони адабӣ пайвандакҳои тобеъкунанда ҷумлаи пайравро ба ҷумлаи тобеъкунанда (сарҷумла) алоқаманд менамоянд. Онҳо, асосан, ҷузъи таркибии ҷумлаи пайрав ба шумор мераванд. Одатан, дар забоншиносии рус пайвандакҳоро аз рӯи маъно ва вазифа ба пайвандакҳои синтаксисӣ ва семантикӣ ҷудо мекунанд. Дар забоншиносии тоҷик проф. Д.Тоҷиев бори нахуст ба ин масъала эътибор дода ки, то, чун, то ки -ро ба гурӯҳи пайвандакҳои синтаксисӣ ва пайвандакҳои боқимондаи тобеъкунандаро ба гурӯҳи пайвандакҳои семантикӣ дохил намуд.[5] Вай хусусияти барҷастаи пайвандакҳои семантикиро ба тарзи зайл муайян кардааст: "Пайвандакҳои синтаксисӣ танҳо роли синтаксисӣ мебозанд. Онҳо фақат вазифаи тобеъкунандаро адо мекунанд ва ҷумлаҳои пайрави гуногунро ба сарҷумла мепайванданд. Аммо пайвандакҳои семантикӣ, одатан, маъноҳои муайянро ифода мекунанд ва муносибати маъноии ҷузъҳои ҷумлаҳои мураккаби тобеъро нишон медиҳанд."[6]

Чунин тарзи тақсимоти пайвандакҳои тобеъкунанда ба куллӣ дуруст буда, процесси таълимро осон ва таҳлилу таснифи пайвандаку ҷумлаҳои мураккаби тобеъро сабук мекунад.

Дар шеваи ҷанубӣ низ пайвандакҳои синтаксисиро пайвандакҳои ки, то, то ки ташкил медиҳанд.

Пайвандакҳои семантикиро аз рӯи маъно ва вазифаашон ба гурӯҳҳои зерин тақсим мекунем. Дар вақти номбурди онҳо пайвандакҳои синтаксисиро низ аз рӯи иҷрои вазифаашон (онҳо сервазифаанд) дар ҷои худ зикр хоҳем кард.

1. Пайвандакҳои замон: ки, вахте ки//вахто ки, ай вахте ки, то вахте ки, ҳар вахте ки, дар//вахте ки, дар//да ҳаму вахте ки, кадъм вахте ки, то ҳаму вахте ки, даме ки, ба мъчараде ки, ҳаму ҳолате ки, дар//да ҳаму ҳолате ки, маҳале ки, маҳалойе ки, ай даврайе ки, ай угаме ки, ваʕдайе ки, ай бозе ки, аввале//авалой ки, чене ки, ҳар ғоте ки, чи ғоте ки, тобоне//тобуне ки, тоwуне ки, то... ки, толи...ки, ҳар гайе ки, кайе ки, кай ки, ҳами ки, баʕде//баде ки, баʕдай ами //ҳами ки, ба ки, баʕд ки, чан бор ки, ҳар боре ки,

---

[5] Д. Т о ҷ и е в. Воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии тоҷик. Душанбе, 1971, саҳ. 12-13.

[6] Ҳамон ҷо.

пине ки, дар//дапине ки, дар//да ҳаму пине ки, ай ҳаму пине ки, инопине ки, дар//дапине ки, у чене ки, ай даврайе ки, хеле ки, йаг маҳалойе ки, ҳаму чене ки, у чене ки, ай даврайе ки, хеле ки, йаг маҳалойе ки, кайе ки, акъ ки, то чойи он ки.

2. Пайвандакҳои макон: гичойе ки, къчо ки, къшо ки, дар//да гучо ки//дар//да къчо ки, гучо-да ки, калом//къдом чо ки, ҳар чо ки, чойеда ки, ҳамучойе ки; ҳамичойе ки, гичо ки, чо-да ки, маконе ки, учойе ки, да къшойе ки, чо-да йа чойе ки, ба гичо ки, гучойе ки//гичойе ки, то гучойе ки, ки//чойе-да ки, гичойе-да ки,

3. Пайвандакҳои сабаб: ки, баройе ки//барои ки, барои чи ки, то ки, баросе ки, бахчи, чи-баройи и ки, баройи он ки, басқи//пас ки, ай баски, иқайе ки, ай руйе ки, ки//чунки, чу-а ки, мудом ки, хай ки, ҳами ки, охи, ай сабабе ки, сабаб и //ҳами ки, ай сабаб ки, ай чи сабаб ки. ай чихати ҳами ки, ай руйе ки,

4. Пайвандакҳои мақсад: ки, баройи ки, то ки, да ки, гуфта.

5. Пайвандакҳои шартӣ: ага//агар//ага ки//агар ки, агар//ага, ба шарте ки, ба ҳаму шарте ки, то агар, мъдом//мудом ки, то чойи он ки, хо ки, кошки, қайтара ки, да у сурате ки//да ҳаму сурате ки, ки.

6. Пайвандакҳои тарзи амал: ки, ба ҳами сурате ки, ҳар фирқайе ки, чи фирқайе ки, ба ранге ки, чи нав-е ки, ҳаму ойнайе ки, ҳар созе ки, ҳар зайле ки, чи зайле ки, итайе ки, чи сохте ки, дар ҳолате ки.

Пайвандакҳои монандӣ: ки, чи хеле ки, и хеле ки// ҳами// ҳаму хеле ки, ҳар хеле ки, чунон ки, чи сурате ки, гуйо ки, чи тавре ки, ҳар зайле ки, ҳами таре ки, и таре ки, ҳамутаре ки, ҳамита ки, хъде ки.

8. Пайвандакҳои миқдору дарача: ки, ҳамуқа ки//ҳамуқаре ки, ҳами ки, чанде ки, то чанде//ки, чи қадаре// ки, чиқа ки, чиқайе ки, ҳар қадаре ки, чанқе ки, ҳар чанде ки, чизе ки, чи миғдоре ки, чанд ки, ҳар чи қадар ки//ҳар чиқа ки, ҳар чиқаре ки.

9. Пайвандакҳои хилофӣ: ҳамиқа//ҳамуқа//ҳамиқайе ки, ҳамиқаре ки, ҳами қадаре ки, ҳар қадаре ки, ҳар чан ки, чиқайе ки, агар//ага... ки, ҳазоре ки, ҳазор бор//-ам//ҳам, бачойе ки, хо...хо, хоҳе ки,.. хоҳе ки//хоҳ... хоҳ/; хойе...хойе//хойе ки... хойе ки//хой...хой, чанде//чанде ки, чанде...ки, чандойе ки, чанде, агар, чи хеле ки, чие ки, ҳар чизе ки, хар чи ки; хо чу- калта боша, хо и хона-да намераса (ш-к., Хонақо).

10. Пайвандакҳои натича: Аз пайвандакҳои мазкур пайвандакҳои то, то ки, баройе ки, ки хеле гуногунвазифа ва серистеъмоланд. Махсусан, пайвандаки ки қариб дар ташаккули ҳамаи навъҳои чумлаҳои мураккаби тобеъ иштирок мекунад.

Дар забони тоҷикӣ низ ҳамчун дар забонҳои дигар як гурӯҳ ҳиссачаҳо ба вазифаи пайвандак меоянд. Дар ин ҳол як қисми онҳо тадричан ба гурӯҳи пайвандакҳо гузаранд, гурӯҳи дигарашон дар як маврид ба вазифаи пайвандак, дар мавриди дигар чун ҳиссача истифода мешаванд. Дар мисолҳои зерин, ки ба шеваи чанубӣ тааллуқ доранд, ҳиссачаҳои -чи, -ку ва нидои хо чун пайвандак омада, чумла-



ҳои соддаро бо ҳам алоқаманд намудаанд: ҳами шап шамол задай чи, саръм дар касодай (к-ҳ., Истонӣ); холе дидъм, ки чут намета, хъш-омад мегум, хо қуват намераса (ш-к., Кӯлдара); и о- ай хъди Сърх-дара меройа ку хъш шъд. (к-ҳ., Файзобод).

Ҳамчунин ҳиссачаҳои хо, -оре, ала ва мисли инҳо дар таркиби чумла, хусусан чумлаҳои мураккаб, ба сифати пайвандак истифода мешаванд. Пайвандаки да ва анде//ки дар шеваи чанубӣ гоҳо чун пайвандак ва гоҳо ҳамчун ҳиссача истеъмол мешавад.

Дар шеваи чанубӣ пайвандаки ки бо пайвандаки хилофӣ ҳам аз рӯи ичрои вазифаи синтаксисӣ муродиф мешавад. Дар аввали чумлаҳои пайрав пайвандаки агар ва дар охири онҳо пайвандаки ки омада, чумлаи пайрави шартии хилофиро ба сарчумла тобеъ мекунанд: ман-а ага бъкъшан, ки то чой нахъръм, намерам (г-к., Рӯиоб); у-о фъръхта бошан; ки намедонъм (к-ҳ., Истонӣ); серуган шава, ки камруған нашава (ш-к., Ховалинг).

Дар шеваи чанубӣ пайвандаки ки истифода мешавад. Вай бо пайвандакҳои зерин ҳамвазифа мебошад:

а) ки, аммо, вагарна; йа камта рафтан, ки у найистод (ш-к., Ғелот); оча-ш гъф, ки ҳами-ра бъху, ки мекъшъм-т-а (к-ҳ., Ҳолбой-қаро); хеле бъравъм гъфтъм, ки зам (якравӣ) кард шишт (ш-к., Ховалинг).

б) ки- вақте ки: калонҳо ба нъмоз ки омадан, мебини-шон (ш-қ., Хонақо).

в) ки -зеро, чунки: савдогари йакум ки дар ла-и рузан и кор-а дид, гъф, ки падар-ът на-лат, ки ҳаф қатор шътъри мън қати бор-у банд-ъш рафт (қ., Тегирмӣ).

г) ки - то, то ки: ҳамича чу- дида бъдъм, ҳаму-ра намети, ки бар-ъм хона-да дозъм (ш-к., Хонақо).

д) ки - азбаски: ҳами бекор ки наместъм, ҳама вахт ки да дъст-ъм кетман-ай, қуват-ъм хаст (ш-к., Шехмизон).

е) ки - агар: а-сона ки донам, бе гъфти шъмо-йам мегуйам (к-ҳ., Истонӣ). Як қатор пайвандакҳои таркибии шеваи чанубӣ бе чузъи пайвандаки содда низ истеъмол мешаванд: вахте, ай вахте ба-де, чиқайе, кайе, чанде, чи миғдор ва ғайраҳо: Ай вахте мън руйи дънйо умадъм, лангар-ъш меган (в-қ., Лангар); чи хеле да гуфтор меган, да навишт-ам ҳаму хел меган (ш-к., Даҳана).

Чузъҳои пайвандакҳои таркибӣ баъзан дур аз ҳам воқеъ мешаванд: ба-де хърхъра ки шъд, меқапа ка-го-ра (к-ҳ., Куглик); ҳодисаи аз ҳам дур шудани чузъҳои пайвандакҳои таркибӣ имконияти афтидани пайвандаки ки - ро ба вучуд меорад. Ҳангоми аз таркибҳо фурӯзгузор шудани пайвандаки ки задаи мантиқи маҳз ба ҳиссаи боқимондаи пайвандак меафтад.

Дар шеваи чанубӣ аксарияти пайвандакҳои умумихалқи бо фарқҳои фонетикӣ истифода мешаванд. Дар баъзе аз онҳо ин фарқ камтар, дар қисми дигарашон бештар мебошад. Чунончи ай вахте ки ∠ аз вақте ки, тобоне//тобоне ки ∠ то ба оне ки; тӯли//тӯли ки ∠ то холо... ки, ба-д ай ами ки ∠ баъд аз ҳамин ки; акъ ки ∠ акнун ки; къшо ки ∠ кучо ки, чо да ки ∠ дар кучое ки, учайе ки ∠ он чое ки, гичо-да ки ∠ дар гучо ки, иқайе ки ∠ ин қадаре ки, итайе ки ∠ ин тавре

ки, утайе ки / он тавре ки, ҳамитаре ки / ҳамин тавре ки, ҳамуқа-
ре ки / ҳамон қадаре ки, чиқайе ки, / чи қадаре ки: ҳамиқа ки /
ҳамин қадар ки: хойе ки... хойе ки / хоҳе ки... хоҳе ки, чандойе
ки / чандтой ки ва монанди инҳо.
Дар шеваи ҷанубӣ пайвандакҳое мавриди истифодаанд, ки дар
забони адабӣ чи пешина ва чи ҳозира маъмул бошанд ҳам, дар шева-
ҳои дигари забони тоҷикӣ мушоҳида намешаванд. Чунончи, анде//ки,
басқи, ни(з)...ни(з), чун, даме ки, дар ҳолате ки, ба ранге ки, чу-
нонки, ҳар хеле ки, пине ки ва ғайра. Ҳамчунин як қатор пайвандак-
ҳо, аз ҷумла ки, у, то//ки ва ғайра бар хилофи шеваи шимолӣ дар
ин лаҳҷаҳо чун забони адабии давраи классикӣ хеле сервазифаанд.

Шеваи ҷанубӣ дорои пайвандакҳои хосе мебошанд, ки дар ше-
ваҳои шимолӣ ва марказӣ мушоҳида намешаванд. Чунончи, ҳо wope//
ки, да, ана, ку, то уне, ки, то боне ки, то буне ки, ҳар ғоте ки,
чи ғоте//ки, пине ки, дар//да пине ки, дар//да ҳаму пине ки, ай
ҳаму пине ки, чене ки, авалойе ки аввале ки, ваҷдайе ки, угаме
ки, мапале ки, бо муҷараде ки, чо-да ки, ҳаму маконе ки, ҳами-
ҷойе ки, дар къшойе ки, дар ҷойе ки, то гиҷойе ки, йа чо ки, то ги-
ҷойа ки, йа ҷо ки, баройе ки, баройи чи ки, баросе ки, бахчи, хай
ки, охи, да, ки... гуфта, то чойи он ки, хо ки, қайтара, ҳар фирқайе
ки, чи фирқайе ки, ҳар ойнайе ки, ҳар созе ки, чи сохте ки, чанқе
ки, агар... ки, ҳар бор-ам ки, ам//ҳам ки, -ам//ҳам... ки, ай уга-
ме ки.

Ғайр аз ин пайвандакҳои хоси нутқи шифоҳии забони тоҷикӣ ба назар мерасанд, ки истеъмоли онҳо дар нутқи китобӣ, хусусан забони адабии пешина, ба расмият надаромадааст: агар ки, ба шар-те ки, хъде ки, то чанде ки, кайе ки, кай ки, баъд//баъде ки, ба-ройи и ки, ай руйе ки, гуфта, чи зайле ки, чи сохте ки, зайле ки ва мисли инҳо.

## ҲИССАЧАҲО

Ба воситаи забон на танҳо фикр, балки ҳиссиёти инсон низ ифода мегардад "...забон, - навиштааст профессор А.П.Поцелуевский, - фақат вазифаи интеллектуалиро не, балки вазифаи эмоционалӣ-иро-давиро низ адо менамояд..." [1] Ин ҳодиса хосияти ҳамешагии забон буда, аз қадим то имрӯз ҷараён дорад.

Дар ҳақиқат барои он ки кас мақсади худро ба сомеаш ҳар чи зудтар ва равшантар фаҳмонад, кӯшиш мекунад, ки нутқашро ба қад-ри имкон ҷоннок ва пуртаъсир сурат диҳад. Дар ин маврид ӯ вобаста ба мавзӯъ ва мароми сухан ба ҷуз интонация аз унсурҳои гуногуни ифодакунандаи маъноҳои ҳиссию эмоционалӣ низ истифода мебарад, ки ҳиссачаҳо дар байни онҳо мавқеи махсусе доранд.

Мавзӯи ҳиссачаҳо кайҳост, ки диққати забоншиносони советӣ, хусусан олимони русро, ба худ ҷалб намудааст. Дар байни асарҳое,

---

1 А.П.Поцелуевский. Некоторые рудиментарные падежные формы в туркменском языке. Изв. Туркменского филиала АН СССР, 1945. № 5-6.



ки роҷеъ ба ҳиссачаҳои забони русӣ таълиф шудаанд, таҳқиқотҳои А.А.Шахматов ва В.В.Виноградов ҳам дар бобати гузориши масъала ва ҳам дараҷаи ҳалли он мавқеи хосеро ишғол менамоянд. [2]

Ҳиссачаҳо дар забоншиносии тоҷик то ҳол кам таҳқиқ шудаанд. Сарчашмаҳои асосие, ки дар бораи онҳо маълумот медиҳанд, китобҳои дарсии "Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик" ва "Забони адабии ҳозираи тоҷик" мебошанд. [3] Солҳои охир ба омӯзиши мавзӯи номбурда А.Халилов машғул шуда, баъзе хулосаҳои таҳқиқоташро ба табъ расондааст. [4]

Ҳиссачаҳо дар асарҳои шевашиносии мо низ, чунон ки лозим аст, таҳқиқ нашудаанд. [5] Олимоне, ки то кунун ба таҳқиқи шеваҳо, аз ҷумла шеваи ҷанубӣ пардохтаанд, аз рӯи муносибати худ ба мавзӯи ҳиссачаҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд. Як гурӯҳ ҳиссачаҳоро умуман аз мадди назар берун гузоштаанд. Гурӯҳи дигар ба ин ҳиссаи ёридиҳандаи нутқ бояду шояд таваҷҷӯҳ накардаанд. Дар асnoи ин гурӯҳ муҳаққиқон маъно ва вазифаи грамматикии танҳо чанде аз ҳиссачаҳо мухтасар аз назар гузаронида шуда, шарҳи ҳиссачаҳои зиёди дигар умуман бедахл мондааст. Ба ин тариқа, асаре, ки системаи ҳиссачаҳои шеваи ҷанубии забони тоҷикиро ба таври мукаммал акс мекарда бошад, ба вуҷуд наомадааст. Доир ба ин ҳиссаи нутқ ба миқдори лозима материалҳои лаҳҷавӣ низ ба табъ нарасидаанд.

Вазифаи грамматикӣ, тобишҳои маъноӣ ва моҳияти аслии ҳиссачаҳо монанди баъзе ҳиссаҳои дигари нутқ, (хусусан, нидо, калимаҳои модалӣ ва калимаҳои тасвирӣ), аксар ҳангоми суханронӣ ва мубодилаи афкор равшан мегардад. Барои исботи ин иддао ҳиссачаи ала-ро мисол меорем, ки вобаста ба мавзӯи сухан, оҳанги нутқ, мароми гӯянда ва хусусиятҳои хоси баъзе аз лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ маъно ва тобишҳои таъкид, тасдиқ, хоҳиш ва амсоли онро ифода менамояд. Ин қабил маъно ва тобишҳои гуногунро дар сурате равшан ҳис кардан мумкин аст, ки кас сомеи бевоситаи сухани гӯянда бошад.

Ҳиссачаҳо дар шеваи ҷанубӣ ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд:

1. Ҳиссачаҳои умумиистеъмолӣ: Ин ҳиссачаҳо аз рӯи шакли овозиашон боз ду гурӯҳро ташкил медиҳанд: а) ҳиссачаҳое, ки шаклан бо ҳиссачаҳои умумихалқӣ пурра мутобиқат доранд: -а, ҳам, ба-

---

2 А.А.Шахматов. Синтаксис русского языка. Л., 1941, стр. 506-507" В.В.Виноградов. Русский язык. М., 1972, стр. 313-314: 520-530.

3 Грамматикаи забони адабии тоҷик (барои мактабҳои олӣ). Сталинобод, 1956: саҳ. 207-220. Забони адабии ҳозираи тоҷик (барои мактабҳои олӣ), Душанбе, 1973, саҳ. 419-433.

4 А.Халилов. Мақоми ҳиссачаҳо ва калимаҳои модалӣ дар нутқ, Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон. Шӯъбаи фанҳои ҷамъиятӣ 1973, № 4 (74), саҳ. 76-80: Калимасозӣ ва шаклсозии ҳиссачаҳо дар забони адабии тоҷик. журн. "Мактаби Советӣ", 1974, № 4. саҳ. 17-20.

5 Дар ин бобат ба ҷуз мақолаи М.Маҳмудов "Ҳиссачаҳо дар гурӯҳи шеваҳои Китоб" (Масъалаҳои шевашиносии тоҷик, ҷ. 1. Душанбе, 1970, саҳ. 116-120) тадқиқи дигаре ба табъ нарасидааст.

Чунон ки аз далелҳо пайдост, ҷойгиршавии ҳиссачаҳое, ки ба як калима таркиб ва ибора тобишҳои маънии нав медиҳанд, ба мавқеи ҳамон калима таркиб ва ибора вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, дар шароити шева, гӯянда ба ҳадде ки имконият дорад, ҷои аъзоҳои ҷумларо тағьир дода метавонад.

## ХЕЛҲОИ ҲИССАЧАҲО АЗ РӮИ МАЪНО ВА ВАЗИФА

Моҳияти аслии ҳиссачаҳо, пеш аз ҳама, аз рӯи маъно ва вазифаҳои грамматикии онҳо равшан мегардад. Бинобар ин , аз ҷиҳати маъно ба гурӯҳҳо ҷудо намудани ҳиссачаҳо, инчунин ба таври ҷудо муайян кардани вазифаҳои грамматикию тобишҳои догона ва махсус муайян кардани вазифаҳои грамматикию тобишҳои маънои онҳо дар таҳқиқи ҳиссаи номбурдаи нутқ ҳамчун масъалаи асосӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар нашри аввали грамматикаи номеративӣ ҳиссачаҳои забони тоҷикӣ ба 5 гурӯҳи махсус ҷудо карда шудаанд: "1) ҳиссачаҳое, ки тобишҳои гуногуни маънои дар нутқ доштаи калимаҳоро ифода мекунанд: 2) ҳиссачаҳое, ки нисбат ба фактҳо муносибатро ифода мекунанд: 3) ҳиссачаҳое, ки ба гуфтор тобишҳои модалӣ ва модалӣ-иродавӣ медиҳанд: 4) ҳиссачаҳое,ки ҷиҳати ҳиссии нутқро таъкид ва ё ифоданокии онро зӯртар мегардонанд: 5) ҳиссачаҳое, ки аҳамияти калимасозӣ ва шаклсозӣ доранд".[6] Дар нашри дуюми дастури номбурда ҳиссачаҳо ба тариқи зайл ба чаҳор гурӯҳ тақсим карда шудаанд: "1. Ҳиссачаҳое, ки тобишҳои гуногуни маънои дар нутқ доштаи калимаҳоро ифода мекунанд: 2. Ҳиссачаҳое, ки нисбат ба фактҳо муносибатро ифода мекунанд: 3. Ҳиссачаҳое, ки ба гуфтор тобишҳои модалӣ ва модалӣ-иродавӣ медиҳанд: 4. Ҳиссачаҳое, ки ҷиҳати ҳиссии нутқро таъкид ва ифоданокии онро пурқувват мегардонанд". [7] Дар зимни чунин таснифотҳо муаллифони боби ҳиссачаҳои ҳар ду нашри китоби дарсӣ ҳам баъзе аз ҳиссачаҳои таъкидиро, ки ба замми вазифаи аслӣ (тобиши маънои таъкидӣ бахшидан ба ин ё он аъзои ҷумла ё умуман ба гуфтор) дар айни замон як навъ хусусияти экспрессивӣ дошта, ҳиссиёти гӯяндаро низ ба қадре ифода мекунанд, ҳамчун гурӯҳи алоҳида маънидод кардаанд. Дар натиҷа айни як ҳиссача (чунончи, ҳиссачаи таъкидӣ) ба ду гурӯҳи ҳиссачаҳо (гурӯҳи 1 ва 1У) мансуб дониста шудааст. ки ин ҳолат таснифоти ҳиссачаҳо ва аз ҷиҳати тобиши маъної аз ҳам фарқ кунонидани онҳоро душвор гардонидааст. Масалан, дар китобҳои мазкур ҳиссачаҳои охир//охе//охи, -да//-дия, ку аз ҳиссачаҳои таъкидии ҳатто, ҳам, боз ҷудо карда шуд, ҳамчун гурӯҳи чаҳорум ("ҳиссачаҳое, ки ҷиҳати ҳиссаи нутқро таъкид ва ё ифоданокии онро пурқувват мекунанд"), зикр ёфтаанд. Аммо ҳамаи ҳиссачаҳои номбурда пеш аз ҳама дорои як вазифа буда, ба як гурӯҳи ҳиссачаҳо (ба гурӯҳи ҳиссачаҳои таъкидӣ) мансубанд. Барои исботи ин иддао аз назар гузаронидани

---

6 Грамматикаи забони адабии тоҷик (барои мактабҳои олӣ). Сталинобод, 1956, саҳ. 209.

7 Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексика , фонетика, морфология. Душанбе, 1975, саҳ. 422.



баъзе далелҳое, ки чун мисол дар китоби дарсии нашри с. 1956 пешкаш шудаанд, кифоя аст: а) Шариф ба вай ҳатто нигоҳ ҳам накарда, қавоқашро андохта менишаст (С.Улуғзода, Субҳи ҷавонии мо); Дар он дам ман дар бораи вай фикр ҳам намекардам (Ҷ.Икромӣ, Ман гунаҳкорам); б) Ман номи туро ҷеғ назадам-ку? (Ҷ.Икромӣ, Ман гунаҳкорам); Охир, ту ин кордро аз куҷо ёфтӣ? (С.Улуғзода, Субҳи ҷавонии мо).

Дар ҷумлаҳои гурӯҳи аввал ва гурӯҳи дуюм ҳиссачаҳои ҳам, ҳатто , охир, ку як вазифаи грамматикиро адо намудаанд. Вале дар миёни ин ду қабил ҳиссачаҳо баъзе фарқҳои ҷузъие вуҷуд доранд, ки ба маъно ва тобиши таъкид вобастаанд. Чунончи, дар мисолҳои боло ҳиссачаҳои ҳам, ҳатто дар таъкиди ба тарзи аз ҳадди эътидол зиёд анҷом ёфтани амали манфӣ омада бошанд, ҳиссачаҳои охир, -ку фикри гӯяндаро ба таври оддӣ таъкид намудаанду бас.

Бояд гуфт, ки ҳиссачаҳои таъкидии охир, -ку, -дия ва амсоли инҳо ба замми вазифаи асосӣ (ифодаи таъкид) хусусияти дигар низ доранд. Онҳо баъзан маънои таъкидро ба ҷиҳати ҳисси эмоционалии нутқ якҷоя сурат медиҳанд.

Ҳодисаи ҳамчун префикси воқеъ гаштани баъзе ҳиссачаҳо ба сифати гурӯҳи алоҳида – "ҳиссачаҳои калимасозу шаклсоз" баён шудааст.

Во тақозои мушоҳидаю мулоҳизаҳои боло ва материалҳои гирдомада ҳиссачаҳои маъмули шеваи ҷанубӣ аз ҷиҳати адои вазифаҳои грамматикӣ, ифодаи тобишҳои маъноӣ ва ҳиссӣ ба се гурӯҳи калон тақсим мешаванд: а) ҳиссачаҳои ифодакунандаи тобишҳои иловагии маъноӣ: б) ҳиссачаҳои ифодакунандаи муносибати шахс ба воқеият: в) ҳиссачаҳои ифодакунандаи тобишҳои модалӣ-иродавӣ ва модалӣ.

## ҲИССАЧАҲОИ ИФОДАКУНАНДАИ ТОБИШҲОИ ИЛОВАГИИ МАЪНОӢ.

Ин гурӯҳ ҳиссачаҳои ишоратӣ, маҳдудӣ ва таъкидиро дар бар мегирад.

### ҲИССАЧАҲОИ ИШОРАТӢ

Ин ҳиссачаҳо чунин вазифаҳои грамматикиро адо мекунанд:

1. Ба предмет ё шахс ишора мекунанд. Аз рӯи ин тарзи адои вазифа онҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: а) ҳиссачаҳое,ки ба предмет ё шахси наздик ишора мекунанд: ана; анаа//анаҳа// анҳа, мана, манҳа//манаҳа, ина//инҳа//инаҳа//инаа, инаҳайа, инаста; б) ҳиссачаҳое,ки ба предмет ё шахси дур ишора мекунанд: ҳе ана, ҳу ана, уна, ҳу уна, унаа//унаҳа, унаста, ҳе, ҳо. Ҳам ҳиссачаҳои ба предмети наздик ишоракунанда ва ҳам ҳиссачаҳои ба предмети дур ишоракунанда (ба ҷуз ҳиссачаҳои ҳе, ҳо, ҳу) ду тарз истеъмол меёбанд: а) Танҳо, бидуни ягон унсури морфологӣ. Ин ҳодиса бештар дар ҷавоби ҷумлаҳои саволӣ ба назар мерасад: ача-йе, қошқъ-ът-ку? – ина! (в-қ., Нӯшор); ина (ишора ба равғани маска) мусъфед қошъқ қати бъхъ (қ., Ғофилобод); хунай у мардак ку? – унаҳа, шифр-ъш менъмойа (қ., Каҳдара); Одина, додар-ът ку? – у – наста! (қ., Қалъанак); чода хърма? – уна, сари мех-да! (ш-к., Ховалинг); б) бо ҷонишинҳои ишоратӣ дар як таркиб меоянд, ки дар натиҷа маънои ишорат дар ҷо-

Ҳиссачаҳри ишоратӣ бо ҷонишинҳои
нишинҳо равшантар ифода меёбад. ҳиссачаҳои ба предмети
номбурда дар чунин сурат воқеъ мешаванд: и, ин, ино//ийо, ҳами//
наздик ишоракунанда бо ҷонишинҳои ишоратии
ҳамин//ами, ҳамийо, ҳиссачаҳои ба предметҳои дур ишоракунанда бо
ҷонишинҳои у, уно, уво, ҳаму, ҳамуво, ҳавайо дар як таркиб истеъ-
мол мешаванд. Мисол: ана и овови ҳавзи ичҷа-ай (ш-к., Ховалинг);
иғбол ки надоръм, ана ами апа-м-ай, нъгаҳ-ъм намена (қ., Обилурд);
ина ами къҳ-а йа одам метир кааст (в-қ., Нӯшор); ана у бедо сойа
мекардан, бъридан (в-қ., Пилдон). Як хусусияти ҳиссачаҳои ба пред-
мети дур ишоракунанда ин аст, ки баъзан бо ҳиссачаҳои ҳе, ҳо, ҳу
дар як таркиб меоянд. Дар ин сурат маънои ишораи предмети дур
равшан ифода мегардад: ҳо ана у мардак қаравулш мактаб-ай (қ.,
Ҳалқарф); хе уна ҳаму къҳ йак чъшма дора (в-к., Ҳичборак); ҳу ана-
му дара-нда йа мазор-ай (в-қ., Ҳоит).
Дар шеваҳои забони тоҷикӣ ҳодисаи танҳо, бе дигар ҳиссачаҳо
истеъмол ёфтани ҳиссачаҳои ишоратии ҳе, ҳо, ҳу низ мушоҳида меша-
ванд. Аз рӯи маводҳои мо ин ҳодиса дар шеваи ҷанубӣ бештар
ва равшантар ба назар мерасад: хона-мо ҳе болода (к-ҳ., Арбобда-
ра); айлоқо-му ҳу ақиви къҳ-ънда (в-қ., Шарҳо).
2. Ба макон, замон ва аломати предмет ё шахс ишора меку-
нанд: а) бо зарф ва таркибҳои замонию маконӣ (ҳолҳои замон ва ма-
кон) барои ишорати макони предмет ва замони вуқӯи амал хизмат
мекунанд: ана уҷа маълим бъдъм (қ., Навдӣ); ана амиҷа йа китов
баҷо коовдъм (қ., Навдонак); ана ами оли дълйове намешава, ки бъй-
ойа (қ., Ниёзбегиён); ана акъ дар чил дъромадъм (в-қ., Шилбилӣ); б)
бо таркибҳои ҷонишинии сифатӣ ва зарфӣ (муайянкунанда, ҳоли тарзи
амал) омада, ба сифати шахсу предмет ва аломати амал ишора меку-
нанд: у ана утар-ай (в-қ., Ҳичборак); роҳбар бойад ута набошад, ана
ита бошад (в-қ., Шилбилӣ); мардикоро у вахт ана ута кор мекаан
(в-қ., Ҳоит); у ҳамута ҳакими дуно бъдай: в) бо зарфҷонишинҳои
миқдор омада, ба миқдори предмет, дараҷаи воқеъшавии амалу ҳо-
лат ишора мекунанд: ина ҳамиқа гандъм доръм (қ., Ялдамич); ана
амиқа дам (варам) мена (в-қ., Фатҳобод).
Дар лаҳҷаи вахиёй-қаротегинӣ дар суханронии босуръат баъзан
ҳиссачаҳои ишоратии ина, ана, уна ҳам дар мавриди ишора кардан ба
предмет ва ҳам ҳангоми ишора намудан ба аломати он ихтисор шуда,
ба сурати на истеъмол меёбанд. Дар ин ҳол на бо ҷонишинҳои ишора-
тӣ, зарф, таркибҳои зарфӣ, таркибҳои ҷонишинии сифатӣ ва зарфӣ, зарф-
ҷонишинҳои миқдор ва ғайра якҷоя омада, чун як унсури грамматикӣ,
бо як зада талаффуз мешавад: найин//найи, нау, найита//найта, нау-
та//, навта, найиқа//найқа//навқа, намоли//намоле. Мисолҳо: одам-а
найи лавз-ъш ҳалол-ай (в-қ., Лахш); найи пъчоқо-ш-а бъгирем, ала
(в-қ., Қӯшағба); Қаротегин-а нау медуна ҳама-ш-а (в-қ., Нӯшор); хуна-въ дар
найта кълет (в-қ., Ҳазорчашма); найита ай нуми хъд-ъш шеъре на-
дора, ки бъта-шу, бънависа-шу (в-к., Лангари Шоҳ); не, мо найсъ
мерем (в-қ., Фатҳобод); найта мебофа (в-қ., Лахш).
Калимаҳои аз шакли кӯтоҳшудаи ҳиссачаҳои ишоратӣ ва зарф-
ҷонишинҳо ташкильёфта баъзан такрор мешаванд, ки дар ин ҳол маъ-
нои ишорат ба аломати амал боз ҳам равшану возеҳ ифода меёбад:



чита-чита мегарди? -найта- найта мегардъм (қ., Навдӣ); у по-ш-а
найта-найта мемуна (қ., Ҳалқарф).
Ҳодисаи ба тарзи боло ихтисор ёфтани ҳиссачаи ана (на∠ ана)
яке аз хусусиятҳои намоёни шеваи ҷанубӣ буда, дар шеваҳои мобай-
нӣ ва шимолӣ дучор намеояд. [9]
Дар шеваи ҷанубӣ, акси ҳолатҳои зикршуда, яъне ҳодисаи аз
ҳам дур ҷой гирифтани ҳиссачаҳои ишоратӣ ва калимаҳои ишорашa-
ванда низ ба назар мерасад. Дар ин бобат шеваи ҷанубӣ аз шеваҳои
дигари забонамон фарқ надоранд: ина, апа, чой (к-ҳ., Шӯр); ина, ай
келун у барқуватар-ай (к-ҳ., Шӯр). Дар ин мисолҳо ҳиссачаи ана
дар ҷумлаи аввал ба калимаи чой ва дар ҷумлаи сонӣ ба ҷонишини
у ишора кардааст.
Ҳиссачаҳои ишоратии ана, ина, мана ба ҷуз вазифаҳои номбур-
да (ифодаи ишора ба предмет, шахс ва аломати онҳо) дар нутқ як
навъ вазифаи модалиеро низ дар бар мегиранд. Дар ин маврид онҳо
на ба ягон калима, таркиб ё ибора, балки ба тамоми гуфтор оид ме-
шаванд. Чунин тарзи истеъмоли ҳиссачаҳоро ба тақозои мақсадҳои
зерин вобаста кардан мумкин аст:
а) гӯянда мехоҳад, ки иҷрои амалро ба тариқи таъкид ба их-
тиёри сомеи худ вогузор намояд: мана, фъгър къне хъ-ту, рафиқон!
(в-қ., Пилдон); ина, паҷолиста, мехоҳи, бъши, нъмехоҳи, ихтийор-ът
(қ., Ҳакимӣ):
б) имконпазир будани амале маҳз пас аз вуқӯи як ё чанд ама-
ли дигар қайд гардад: да тавақ мевардори-у руған-а мерези-ш, ана,
мехъри-ш (қ., Каҳдара); қати халқ салом кад, ана шид пошо (ш-к.,
Даҳана); баъд гиръфтъм-ъш дар сари арқа-нда партофтъм-ъш ҳар ду-
-ш-а, ана, ашула када, съни қъшлоқ омадан гиръфтъм (қ., Навдӣ);
в) гӯянда пас аз анҷоми нақли худ мехоҳад, ки диққати со-
меъро ба қисми хулосавии фикраш бештар ва хубтар равона созад:
... ана ҳайоти мо итари гъзашт (ш-к., Наврӯҳо); ана вахти босма-
чийо-нда мо найитари рузо-да дидем (қ., Навдӣ); г) гӯянда як қис-
ми фикрашро баён намуда, пас аз андаке фурсат сухани худро давом
медиҳад ва фосилаи байни фикрашро бо ҳиссачаи ана пурра мекунад.
Дар ин маврид ҳиссачаи ана моҳияти услубӣ дошта, аз лиҳози
вазифа ҳамчун унсури туфайлии нутқ воқеъ мегардад: моо ай Шеро-
зи Самарқанд,...ана... шаш бийор умаагӣ,... ана ҳамиҷа ватан кааги
(в-қ., Қӯшағба); пеш вахто ширкат бъд,... ана... ширкат рафта-рафта
заготзерно шид (в-қ., Нӯшор).
Бояд гуфт, ки ин навъ вазифаи модалии иловагиро адо наму-
дани ҳиссачаи ишоратии ана, асосан, ба услуби нақлу ривоят хос
мебошад.
Далелу мушоҳидаҳои боло аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳисса-
чаҳои ишоратӣ дар шеваи ҷанубӣ ҳам дар мавриди ишора ба пред-

---

9 Муқоисаи калимаҳои найита//найта, намита, навта//наута
ва ғайра бо таркибҳои ана ин тавр, ана ҳамин тавр, ана он тавр ва
бо таркибҳои ишоратӣ омадани на собит менамояд, ки ҷузъи номбур-
да дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ шакли кӯтоҳшудаи ана, ина, уна, мебо-
шад.

## ҲИССАЧАҲОИ ТАСДИҚӢ

Дар шеваи ҷанубӣ ҳиссачаҳои тасдиқии зерин маълуманд: ха, ҳо, ҳоωа//ҳоωа//о ωа, ҳай//ҳа, хуб, ҳув, ҳу, ҳъ, ъ, ҳоу//оу, айҳоу, айҳу, ҳу, ҳъ, ъ, ҳоу//оу, айҳоу, айҳу, ҳам аз ҷиҳати пайдоиш ва ҳам аз

Бояд гуфт, ки ҳиссачаи хай ҳам аз ҷиҳати пайдоиш ва ҳам аз ваҷҳи адои вазифаи грамматикӣ аз ҳиссачаҳои дигар фарқ дорад. Ин калима дар забони тоҷикӣ ва шеваҳои он аз забони арабӣ иқтибос шудаанд: [13]

Ҳиссачаҳри ҳай//ҳа ва муродифҳои он хуб//хув дар шеваи ҷанубӣ сeристеъмол бошанд ҳам, асосан дорои як вазифаанд. Гӯянда бо ёрии ин ҳиссачаҳо ризомандӣ ва омодагии худро дар иҷрои амале, ки аз ӯ хоҳиш карда мешавад, ба таври қатъӣ ифода менамояд. Дар ин маврид ҳиссачаҳри ҳай//ха, хуб//хув ҳам ба тарзи ҷудогона ва ҳам якҷоя бо ҷумлаи ифодакунандаи амали хоҳишкардашуда истеъмол меёбанд: а) оча, ма-ра-м туй бар? – хай, бача-м (қ., Ҷавонӣ); бо бъйа хона хаварбиҷ йа аусуна-му бъгу?. – хуб (в-қ., Нӯшор); б) бо бъйа хона хаваргири́ (к-ҳ., Зулфӣ); гири́, – гъфт, ман гъфтъм: ха, мебъйом хона хаваргири́ (к-ҳ., Зулфӣ); гири́, – гъфт, ман гъфтъм: ха, мебъйом хона хаваргири́; боби́, йагу чи́ нақл къ-да, бачоо нъвисан – хуб, бъфора-шу, нақли босмачийо-ра мекънъм (в-қ. Ҳоит).

Ҳиссачаи хай//ха чун дар шеваи шимолӣ ба ғайр аз вазифаи асосии худ дар нутқ баъзе тобишҳои модалиеро низ ифода менамояд: а) нармии оҳанги суханро ки ҳангоми хоҳиш ва илтиҷо зоҳир мегардад, боз ҳам равшантар сурат медиҳад: хай, ҳами йа чъкайак те, бас-ай? (к-ҳ., Даштибед); хай, ҷъвов-ъм бъте-да, бърам (қ., Каҳдара); б) оҳанги суолро боз ҳам чoннок мегардонад. Саволдиҳанда ба туфайли истеъмоли ҳиссачаи номбурда исомеи худро ба ҷавоб додан бештар водор месозад: ҳай, ҳамитари чo-ра вархърден? (ш-к., Ховалинг.); хай, мийори? (в-қ., Ярхаб); в) ҳисси хайрхоҳонаи гӯяндаро нисбат ба шахс пурзӯр менамояд: хай, қушапир шаван (к-ҳ., Даштибед); хай, съħат-саломат боз бъгарда бъйойа (қ., Ҳакимӣ); г) ҳисси шодӣ ва қаноатмандиро боз ҳам ҷоннок менамояд: хай, бъйоран, охи, тъйорак мехърем (к-ҳ., Ҳоҷиқатаған); д) тобиши тасаллоро ба тарзи таъкид ифода менамояд: хай, йак сол-ъйнда тийор нашъд, дъ сол -ъйнда тийор меша (в-қ., Ҳоит); хай, бо (боз) менависоне, ҳоли кам-кам ангър хъре (в-қ., Ҳоҷиқатаған); е) ҳисси бепарвоёнаи гӯяндаро нисбат ба воқеа равшан ифода мекунад: хай, и айол-ъш ба рузи хъд-ъш боша, мън ба рузи хъд-ъм (қ., Каҳдара); мерай? хай, рафтан бъги́ (к-ҳ., Ҳоҷиқатағон); ё) ҳамчун воситаи пуркунандаи фосилаҳри байни сухан истеъмол меёбад. Ин ҳодиса ба услуби нақл хос мебошад: зан-ъш чалпак кадай, хай, и хестай, йата-дът-а хурдай ай ҳаму чалпак... (к-ҳ., Даштибед); тоқаваста мешавад, хай, бо (боз) васта мешава... (ш-к., Ховалинг).

Ҳиссачаҳои ха, ҳо, ҳу, хъ, ъ, ҳоу//оу, айҳоу, айҳу, ҳоωа//оωа дар шеваи ҷанубӣ назар ба ҳиссачаҳои тасдиқии номбурда серистеъмолтаранд. Аз инҳо ҳиссачаҳои ҳоωа//оωа дар лаҳҷаҳои Кӯлоб характернок мебошанд. Ин гурӯҳ ҳиссачаҳри тасдиқӣ дар нутқ ду вазифаи грамматикиро адо менамоянд: 1) дар ҷавоби нидо, даъват ва

---

[13] Х.К.Б а р а н о в. Арабско-русский словарь. М., 1957, стр. 306, 910.



муроҷиат оварда мешаванд, ки дар ин асно ҳамчун муродифи нидои лабай воқеъ мегарданд: Авдъраħим, Авдъраħими ҷун-е! -ҳу! (в-қ., Нушор); Ҷамол, е Ҷамол!-ҳо! (қ., Тегирмӣ); 2) вазифаи асосии худ (ифодаи тасдиқ)-ро ба тариқи зайл адо менамоянд: а) бо ёрии онҳо дуруст будани фикри баёнгашта тасдиқ карда мешавад: сад офарин ба ҳъкъмат, ки орд-а сероω кард! – ҳо, ина акъ дар мегазинам пър-ай-ъ дар баз-ам (қ., Навдонак); б) ҳангоми пурсиш ҳамчун муҳимтарин воситаи ҷавоб воқеъ мегарданд. Дар ин маврид ҳиссачаҳри тасдиқии номбурда ба таври ҷудогона ва якҷоя бо феъли ифодакунандаи амал ҷумлаи саволдиҳанда меоянд: шинони, мегира? – айҳру (қ., Қалъанак ); акай Роħат мейойа? – ҳу (қ., Қазноқ); оча-т ҳамиҷа-да-й? – ҳоωа (ш-к., Ховалинг). Дар ҳолати дуюми истеъмол маънои тасдиқ бештар қатъият мегирад: хар-а ба Аħмад-а доди? – ҳу, додъм-ъш (в-қ., Нӯшор); нахът-ам кориди́? – ҳо, коридъм-ъш (қ, Фаррух); пъга Кӯлоб мерай? – ҳъ, қати ака-м мерам (ш-к., Ховалинг).

## ҲИССАЧАҲОИ ИНКОРӢ

Дар шеваи ҷанубӣ ҳиссачаҳри инкорӣ дар шаклҳои не, нейа, неɛе, на, наɛа, наɛ дучор меоянд. Аз инҳр ҳиссачаҳри нейа, неɛе, наɛа, наɛ ҳамеша дар шакли танҳр, не, на ҳам тарзи алоҳида ва ҳам такрор истеъмол меёбанд. Аммо дар ҳар ду тарзи истеъмол ҳам ҳиссачаҳри инкорӣ ҳамчун воситаи асосии ифодаи рад ва инкоркунии предмет, ҳодиса ва амалу ҳрлат воқеъ мегарданд.

Ҳангоми дар шакли алоҳида истеъмол гаштан ҳиссачаҳои инкорӣ дар ду тарз оварда мешаванд: а) ба тарзи ҷудогона, оча-м омад? – неɛе (в-қ, Нимич); пърсид, ма-ра шинохти́? – гъфтъм, не (ш-к., Ховалинг); б) якҷоя бо феъл. Дар ин асно маънои инкор боз ҳам пурзӯртар ифода меёбад: рафтай, гуфтай: кънишка дори́? – гуфтай: не, надорум (қ., Хунич); мерай қати-м, баръм-ът? – не намеравъм (қ., Ялдамич); боби́, йа осуна бъгу! – нейа, валай,вехи осуна намедонъм (ш-к., Ховалинг).

Дар мисолҳои боло бо ёрии ҳиссачаҳри инкорӣ амал қатъиян инкор шудааст.

Агар ба ҷри як амал амали дигаре воқеъ гашта бошад, ё иҷроаш таклиф шавад, ифодакунандаи он (феъл) дар шакли мусбат истеъмол меёбад: мо-ам бърем кадърави? – не, шъмо бъшине, йа майда дам бъгире (қ, Навдонак); меҳмуно местан? – не, уω о мераван акъ (ш-к., Ховалинг); шъмо-ам ка дъравиде? – не, мо рузи се вахт авқот тайор кеем ба уво-ра (қ, Каҳдара).

Дар ду ҳрлати истеъмол (ҳам дар мавриде, ки амал маҳз рад карда мешавад ва ҳам дар сурате , ки ба ҷри як амал амали дигаре қайд меёбад) ҳиссачаҳр ҳамчун ҷумлаҳои мустақили инкорӣ воқеъ гашта, пеш аз феъл ё дар аввали сухан меоянд. Онҳо ҳангоми инкори унсурҳои зерини нутқ истеъмол меёбанд: а) предмет ё шахс: тъ очайи ħақназари? – не, моҳиндар-ъш (к-ҳ., Кофарниҳон); у ħақоω-ай? – не, боша-ай (к-ҳ., Даштибед); б) сифати предмет: Авдъло и чув-а бъшъкан, тар-ай? не, қрқ-ай (ш-к., Шайдон); в) сӯй ва макони амал: шъмо усъ мере? – не, мо найсъ мерем (в-қ, Фатҳрбод); и

ҳодиса дар қъшлоқи убарги шъдаги-йай? – нейа, ҳамиқа шъдаги-йай (қ., Хилак); г) замон: пага не, пагай дига йакъм-ай (в-қ., Лахш); д) миқдор: и йак си дарза мешава? – не, чил дарза мешава (к-ҳ., Зулфӣ).

Бояд гуфт, ки баъзе хусусиятҳои ҳиссачаҳои инкорӣ ҳангоми ба таври такрор истеъмол ёфтани онҳо низ равшан мешаванд. Ҳиссачаҳо ҳангоми такрорьёбӣ якҷоя, бевосита паиҳам омада, ба як калима вобаста мегардад, маънои инкор дар ин асно назар ба он ки бо ҳиссачаи алоҳида ифода ёбад, боз ҳам равшан ва ҷоннок ҳис карда мешавад: и орди йакъм-ай? – не, не дъйъм-ай (в-қ., Қӯшағба); и гъфтай, ма-ра мегири́? – гъфтай, ки-не, не тъ-ра на́мегиръм (қ., Дегай).[14]

## ҲИССАЧАҲОИ САВОЛӢ

Пурсиш дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ монанди нутқи гуфтугӯӣ, асосан, бо ду восита (интонация ва ҳиссачаҳои саволӣ) ифода меёбад. Агар таносуби истеъмоли ҳиссачаҳои саволӣ ва интонацияи савол ба ҳисоб гирифта шавад, дар шеваи таҳқиқшаванда ҳодисаи бо ёрии интонация ифода ёфтани пурсиш бештар ба назар мерасад: оҳанги саволи ҷумлаҳои саволие, ки дар забони гуфтугӯӣ ва шеваи шимолӣ ба воситаи ҳиссачаҳои саволии -ми ва -а ифода мегардад, дар шеваи ҷанубӣ аксар бо ёрии интонация сурат меёбад.[15]

Ҳиссачаҳои саволие, ки дар шеваи ҷанубӣ истеъмол меёбанд, аз инҳо иборатанд: а, ане, о, у, ҳъ, ойо, чи//-ни, хо, -ми//-мъ, на́хо//на́ход, на́хо ки//на́ход ки, на́хойим ки//на́хотим ки, на́йин ки//на́йи ки.

Оҳанги савол чи дар ҳолати бо интонация ифода гардидан ва чи бо ёрии ҳиссачаҳои саволӣ сурат ёфтан якранг набуда, вобаста ба мақсад ва мароми гӯянда дар тарзҳои гуногун зоҳир мегардад. Натиҷаи ҳамин омил аст, ки ҳиссачаҳои саволӣ дорои тобишҳои гуногуни маъноӣ гардида, ҳамчун унсурҳои зарурии забони гуфтугӯ воқеъ мешаванд.

Гӯянда ҳиссачаҳои саволии -а, ане, -у, -о//-йо, -хъ, -хо ро истифода бурда, дар хусуси воқеият (рӯй додани ҳодиса, аломат ва хусусияти предмет ва ғ.), ки ба ӯ то дараҷае маълум аст, барои боварии пурра ҳосил кардан ва барҳам додани шубҳа мулоҳизаи сомеи худро шунидан мехоҳад: бечора у късал нашудос-а? (қ., Қалъанак); акън йагун барой мисол навиштан даркор, ане? (оё ҳамин тавр нест? (ш-к., Хонақо); и ҳамсойа-т-а, меган, мооҷири мерава-у? (в-қ., Нӯшор); ангуройи чилги унҷа тъйор (тамом) шъдан-о? (қ., Қалъанак); дига намегарди́-хъ? (ш-к., Ховалинг); хо ҳами хел нест-ай? (ш-к., Шугнов); ръшка-ра ош доди́, хо? (қ., Шинглич). Чунон ки мушоҳида кардем, дар ҳамаи ҷумлаҳои боло гӯянда саволро ба тарзи шубҳа ифода кардааст ва мулоҳизаи сомеъ воситаи асосии бартарафкунандаи он шубҳа ба шумор меравад. Аз ҳиссачаҳои

[14] Доир ба вазифаҳои синтаксисии шакли такрори ҳиссачаҳои инкорӣ ба боби синтаксис муроҷиат намоед.

[15] Дар ин хусус дар боби "Синтаксис" маълумоти батафсил мазкур аст.



номбурда оҳанги саволии ане назар ба оҳанги ҳиссачаҳои дигар равшантар ҳис карда мешавад, зеро ин ҳиссача пурсишро бо тобиши таъкид ифода намуда, ҳамчун муодили ҷумлаи саволии "магар ҳамин тавр нест?" воқеъ мегардад. Хусусияти дигари ҳиссачаҳои саволии -а, ане, -у, -о//-йо, -ҳъ, хо аз он иборат аст, ки онҳо пурсишро бо оҳанги нисбатан нарм ифода мекунанд. Агар ҳиссачаҳои -а, ане, -у, -о//-йо, ҳъ, -хо -ро дар гуфтор бо ҳиссачаи саволии -ми́//-мъ муқоиса намоем, дарҳол ҳис мекунем, ки оҳанги гуфтор ҳангоми истеъмоли ҳиссачаҳои саволии аввала назар ба баъдина чи андоза нарм аст: и ба тъ хоҳар-ът мешава, ане? (ш-к., Ховалинг); тъ ҳами гап-а гъфти́-мъ? (в-қ., Шилбилӣ).

Гӯянда ҳиссачаи саволии -ми//-мъ -ро дар ҳолате истеъмол менамояд, ки шароити нутқ ба таври ҳукм гузоштани саволро тақозо карда бошад: хъд-ъш Марғилони́-мъ? (в-қ., Пилдон); шъмо порина ни омада бъде-мъ? (в-қ., Шилбилӣ). Дар мисолҳои типи боло гӯянда ҳиссачаи саволии -ми//-мъ -ро истеъмол намуда, одатан аз хусуси ҳодиса, шахс ва предметҳое мепурсад, ки қабл аз ин дар бораи онҳо байни ӯ ва сомеъ ҳеҷ сухане нарафтааст.

Ҳиссачаи саволии чи дар забони тоҷикӣ вазифаи грамматикии худро дар ду тарз адо менамояд: а) бо шакли аористи сиғаи шартӣ-хоҳишмандии феълҳо пурсишро ба таври таклиф ва хоҳиш ифода мекунад: б) бо феълҳои замони гузашта ва ҳозира-ояндаи сиғаи хабарӣ пурсишро ба таври шубҳа сурат медиҳад: тарзи якӯми истеъмол ҳам ба забони адабии китобӣ, гуфтугӯӣ ва ҳам ба ҳамаи шеваҳои забони тоҷикӣ хос бошад, тарзи дуюми истеъмол асосан дар баъзе лаҳҷаҳои шеваҳои мобайнӣ ва шимолӣ (Мастчоҳ, Панҷакент, саргаҳи Зарафшон, лаҳҷаҳои тоҷикони Шаҳрисабз, Китоб:; забони гуфтугӯии яҳудиёни Самарқанд маъмул аст[16]. Дар шеваи ҷанубӣ ҳам аксар тарзи дуюми истеъмоли мазкур хос мебошад: чи гелос пъхтай? (қ., Ҳакимӣ); партов шъдай-ни у? (қ., Ғофилобод); ҳами гап-ънда-м хафа шъдай-чи? (в-қ., Ҳоит).

Ҳиссачаҳои нахо//наход, нахо ки//наход ки, нахойим ки//нахотим ки, найин ки//на́йи ки дар шеваи ҷанубӣ муродифи ҳамдигар буда, аз ҳиссачаҳои саволии тасвиршуда бо он фарқ мекунанд, ки оҳанги саволро ба таври шубҳа ифода мекунанд. Дар ин маврид ба туфайли ҳиссачаҳои номбурда ба замми савол тааҷҷуб, ҳисси эътироз ва норозигии гӯянда низ ифода меёбад. Ин аст, ки ифодаи ҷиҳати ҳиссӣ-экспрессивии нутқ дар онҳо назар ба ҳиссачаҳои саволии дигар хеле равшан ҳис карда мешавад: дойра-ра дъхтар мезана, наход дойра-ра паати бача бъзана? (к-ҳ., Кофарниҳон); нахо ки сап-а суз мети́?! (в-қ., Яхакпаст); найи ки бърафта боша мактаб? (в-қ., Нӯшор); нахотим Дъшанбе-ра надида боши? (қ., Ҳакимӣ).

## ҲИССАЧАҲОИ ИФОДАКУНАНДАИ ТОБИШҲОИ МОДАЛӢ

Ин ҳиссачаҳо аз ҷиҳати тарзи адои вазифа ду гурӯҳи алоҳида-

[16] И.И.З а р у б и н. Очерк разговорного языка самаркандских евреев. М., 1928, , стр. 126.

ро ташкил медиҳанд: ҳиссачаҳои модалӣ-иродавӣ, ҳиссачаҳои модалӣ.

Ҳиссачаҳои модалӣ-иродавӣ. Ба ин гурӯҳ ҳиссачаҳои хоҳишмандии кошки, кошке ки, бъйо, бъйойе, мон, моне дохил мешаванд.

Ҳиссачаи кошки чун дар шеваҳои гурӯҳи дигар ва забони адабии тоҷик ҳангоми ифодаи маъноҳои хоҳиш ва орзу истеъмол меёбанд. Дар ин асно хабари ҷумла аксар бо шакли аористи феълҳо ифода мегардад: кошки бачаак-ъм бъйойа ҳами пин, ай и сево бъхъра (қ., Навдонак); кошки бача-м зан бъгира-въ коройи хуна-м сабък бъшава (қ., Каҳдара); у кошки бача йобад (к-ҳ., Зулфӣ).

Агар хоҳиши гӯянда ғайривоқеӣ бошад, бо ёрии ҳиссачаҳои номбурда тобишҳои экспрессивии афсӯс, дареғ ва амсоли он низ ифода меёбанд. Дар ин маврид хабари ҷумла аксар бо шакли замони гузаштаи ҳикоягӣ ифода карда мешавад: гъфтъм, ки кошки намеумадъм (қ., Навдӣ); кошки Маҳмадӣ-ра мийовардем (в-қ., Куглик).

Ҳиссачаи кошки баъзан дар шакли кошке ки дучор мешавад, ки дар ин маврид ҳисси эмоционалӣ боз ҳам зӯртар ифода мегардад: Йусуф, ки ба Миср подшоҳӣ мекард, кошке ки гадо мешъд ба Канɛон хъштар (к-ҳ., Ҷалҷит).

Ҳиссачаҳои бъйо, бъйойе ҳангоми ифодаи маъноҳои иродавии азм, хоҳиш, даъват ва таклиф истеъмол меёбанд. Дар ин сурат хабари ҷумла, одатан, бо шаклҳои сиғаи амр ва аористи сиғаи шартӣ-хоҳишмандии феълҳо ифода мешавад.

Ҳиссачаҳои номбурда бо шакли аористи феъл дар ҳолатҳои зерин меоянд: а) агар гӯянда ирода ва ташаббусси худро дар иҷрои коре ифода намояд: ита ки шъда боша, бъйо хъд-ъм гап-ъш бъзанъм (қ., Навдонак); бъйо ҳами руз-ам ҷода-ра хъд-ъм баръм (к-ҳ., Зулфӣ); б) агар гӯянда ба иҷрои амал шахси дигареро низ ҳамчун ширкаткунанда даъват намояд: бъйо, йа кор къонем, ки ҳами бъзо-мон-а йовем; бъйо, йата-ш-а хъдойи къонем (к-ҳ., Ҷалҷит); бъйо, мехезем, ала, дер шъд (ш-к., Ховалинг).

Ҳиссачаҳои бъйо, бъйойе бо шакли сиғаи амрии феълҳо дар мавриде меоянд, ки гӯянда иҷрои кореро аз сомеи худ хоҳиш намояд: бъйо, йагу чи-му нақл къ (в-қ., Нимич); бъйойе, меҳмуно нахезе оли, ин бега ҳамиҷа-нда бесте (в-қ., Шарҳо).

Ин вазифаҳои грамматикӣ (ифодаи маъноҳои иродавии хоҳиш, даъват, таклиф ва амсоли он), ки одатан, бо оҳанги нарми сухан воқеъ мегарданд, баъзан бо ҳиссачаҳои -да, ку, ала якҷоя истеъмол ёфтани ҳиссачаҳои бъйо, бъйойе-ро тақозо мекунанд. Дар ин ҳолат ҳиссачаҳои -да, ку, ала нармии оҳанги хоҳишро афзун мегардонанд: бъйойе ку, марҳабат къне, хъньк нашава (в-қ., Шарҳо); бъйо-да, маɛлим, акъ хов къонем (к-ҳ., Зулфӣ); бъйо ала, бача-м, бо (боз) камтарак бъши пеш-ъм-да (қ., Каҳдара).

Ҳиссачаи мон-ро гӯянда дар сурате истифода мебарад, ки нисбат ба воқеа ва амали шахс ҳамрайъ шудани сомеашро хоҳиш намояд. Аз ин рӯ онро аз ҷиҳати адои вазифа ҳамчун муродифи ҳиссачаи забони адабӣ: бигузор ба ҳисоб гирифтан мумкин аст: мун-ъш бъхуна бъгарда, шу-ш нати (қ., Навдӣ). Ҳангоми бо ҳиссачаи - да якҷоя истеъмол ёфтани мон, низ нармии оҳанги сухан равшан ва возеҳ ҳис мешавад: амаки, ҳай борони зур шъд-а? - мон-да, бъбора, гандъмода фоɛида, дора (қ., Фаррух); Мирзо ɛумар алови мошин-т-а чува къшти-ш? - матор-ъш бъсйо гарм шъдай, мон-да иқа хънък бъшава (к-ҳ., Хеловар).



Баъзан ҳиссачаи мон бо ҳиссачаи е дар як таркиб меояд. Ин тарзи воқеъшавии ҳиссача дар нутқи гӯянда ҳангоми ҳасби ҳол, хусусан, ифодаи ҳисси норизоӣ, мушоҳида мешавад: у-ра чи мепърсӣ? дъ сол-ай, хаваргири-м найомадай, додар-ъш-а зан додъм, туй-да-м наома, е мон, ҳамутари фарзанд аҳ лозим нест! (к-ҳ., Ҷалҷит); им бега қар кардай, чой-ам нахурд, ош-ам, мон е! аҳ нахъра (қ., Ёнахш).

## ҲИССАЧАИ МОДАЛӢ

Ин навъ ҳиссачаҳо ба гуфтор тобишҳои маъногии шубҳа, гумон ва эҳтимолро ҳамроҳ менамоянд. Ба ин гурӯҳ ҳиссачаҳои наводо, мабодо, йаке, рафту, рафтавъ дохил мешаванд: наводо, йагон гап-ъм назани, хафа меша (к-ҳ., Зулфӣ); рафту, дуруғ боша, охи (қ., Ғофилобод); йаке раɛис-а найовем, бā (баъд) чи мекънем (қ., Тегирмӣ); рафтавъ уɯ о хоɯ бошан, бедор-шу кънем, хуб нъмешава (в-қ., Ярхаб). Ҳиссачаҳои рафту, наводо, рафтавъ, мабодо ва ба вазифаи онҳо истеъмол ёфтани ҳиссачаи таъкидии бо дар ҳамаи шеваҳои забони тоҷикӣ маълум бошад ҳам, истеъмоли ҳиссачаҳои йаке ва рафтавъ ҳамчун аломати хоси шеваи ҷанубӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

## КАЛИМАҲОИ МОДАЛӢ

Калимаҳои модалӣ монанди ҳиссача ва нидоҳо пеш аз ҳама унсурҳои зарурӣ ва махсуси нутқи гуфтугӯӣ ҳисоб меёбанд. Аз ин рӯ, онҳо низ назар ба услуби китобӣ дар гуфтугӯ, бештар дучор меоянд. Аммо ин навъ унсурҳои зарурии нутқ монанди бисьёр дигар воситаҳои ифодаи модалият дар забоншиносии тоҷик то кунун аз масъалаҳои ниҳоят камтаҳқиқшуда ба шумор мераванд.

Дар грамматикаҳои нормативӣ хусусияти баъзе аз калимаҳои модалӣ бо ҳиссачаҳо (ҳиссачаҳои модалӣ) якҷоя ва хеле мухтасар тасвир ёфтааст. [1] Аз таҳқиқотҳое, ки ба феъли забони тоҷикӣ бахшида шудаанд, роҷеъ ба феълҳои модалӣ ва феълҳои ифодакунандаи тобишҳои модалӣ баъзе маълумоти муҳим пайдо кардан мумкин аст. [2]

Ш.Рустамов дар зимни дубора рӯ овардан ба таснифоти ҳиссаҳои нутқ ва нишон додани мавқеи исм роҷеъ ба масъалаҳои муайян намудани моҳияти калимаҳои модалӣ, мавқеъ ва тарзи истеъмоли онҳо бисьёр мулоҳизаҳои қобили таваҷҷӯҳеро ба миён гузоштааст. [3]

---

1 Грамматикаи забони тоҷикӣ (барои мактабҳои олӣ). Сталинобод, 1956, саҳ. 215-217: Забони адабии ҳозираи тоҷик, саҳ. 429-430.

2 Забони адабии ҳозираи тоҷик, қ. 1. саҳ. 247-251: В.С.Расторгуева, А.А.Керимова. Система... стр. 53. Р.Джураев. Из истории времен и модальных значений глагольных форм таджикского и персидского языков. Душанбе, 1962 Б.Сиёев. Очерк..., саҳ. 89.

3 Ш.Рустамов. Таснифоти ҳиссаҳои нутқ ва мавқеи исм. Душанбе, 1972, саҳ. 73-89. Минбаъд: Ш.Рустамов. Таснифот...

Таҳқиқи вазифаҳои синтаксии як гурӯҳ феълҳои модалии забо- ни адабии тоҷик ба қалами С.Атобуллоев тааллуқ дорад.[4]

Калимаҳои модалӣ дар лаҳҷашиносии тоҷик мавриди таҳқиқоти махсус қарор нагирифтаанд. Аммо аз таҳқиқотҳои ҷудогона доир ба баъ- зеи онҳо қайдҳои ҷузъӣ метавон пайдо кард.

Маълумоти ҳамаи маъхазҳои номбурда, бешубҳа, қимати илмӣ дошта, дар таҳқиқи махсуси калимаҳои модалӣ ба қадри муайян кӯ- мак мерасонанд.

Бояд қайд кард, ки дар маъхазҳои мазкур бисьёр масъалаҳои муҳими мансуб ба калимаҳои модалӣ, аз қабили фарқи ин унсурҳои нутқ аз ҳиссачаҳо, таснифоти калимаҳои модалӣ аз рӯи адои вазифаи грамматикӣ, тафовути калимаҳои модалӣ аз рӯи ифодаи тобишҳои маъноӣ ва амсоли он, ҳалли худро наёфтаанд. Дар маъхазҳои зикршу- да ҳатто рӯйхати нисбатан пурраи калимаҳои модалӣ ҷой дода шуда- аст.

x x

x

Калимаҳои модалӣ монанди дигар ҳиссаҳои нутқ (ҳиссача, пе- шоянд, пасоянд ва пайвандакҳо) бо мурури замон аз ҳиссаҳои муста- қили нутқ (исм, зарф, феъл) ба вуҷуд омадаанд. Як гурӯҳ калимаҳои модалӣ ҷараёни гузаришро комилан аз сар гузаронида бошанд, гурӯ- ҳи дигарашон ин ҷараёнро пурра аз сар нагузаронидаанд.

Бисьёр калимаҳои модалии асосӣ мавқеи нисбатан озод дошта, дар ташкили ҷумла иштирок намекунанд ва ба ягон узви он вобаста- гӣ надоранд. Онҳо ҳангоми суханронӣ ҳамчун калимаҳои туфайлӣ во- қеъ гашта, истеъмолашон ба майлҳои фардии гӯянда вобастааст. Чу- нончи, агар аз ҷумлаи зерини шевагӣ калимаи модалии ғараз фурӯгу- зор шавад, маъно халал намеёбад: ғараз, ҳама-ра йакта ба йакта йофта доан (қ., Ҳакимӣ).

Калимаҳои модалӣ дар аввал ва ё дар мобайни ҷумла (пеш аз яке аз аъзоҳои он) омада метавонанд: ғара, ҳама-му писоѡ-а йа хел кор кардем (қ., Қалъаи нав); дъхтар, - албатта, мерам, -гуфт (к-ҳ., Дара).

Калимаҳои модалие, ки ба қатори воситаҳои ифодакунандаи кате- горияи модалият пурра гузаштаанд, дар шеваҳои гуногуни забона- мон, аз ҷумла дар шеваи ҷанубӣ назар ба забони адабӣ зиёдтар му- шоҳида мешаванд. Инак, рӯйхати онҳо дар шеваи ҷанубӣ аз рӯи ма- териалҳои мо: албата//албатта//албат, балки, билфарз//билфарзе, вала//валла//валай//воллоҳ, назаръм, хийолъм, анде//ханде, ким, чум, рости//ростъш, ҳақъш, ҳақат//ҳақатан, мъқаррар, мъдоо, шъгър, алқисса//алқиста, ишқилиб, қайтан, қайтанам, қайтанта, ғара//ғараз, ғайри, табина, гуйо//гуѡо.

Баъзе аз иҳо дар забони адабӣ ва шеваи ҷанубӣ ба таври муш- тарак истеъмол ёбанд ҳам, бо он ки дар муҳити лаҳҷа вариантҳои зиёди шаклӣ пайдо кардаанд ва дараҷаи истеъмолашон зиёд аст, лаҳ- ҷаҳои номбурдаро аз лаҳҷаҳои дигар фарқ мекунонанд. Чунончи, дар

---

[4] С.Атобуллоев. Ҷумлаҳои пайрави мубтадо ва хабар дар забони адабии тоҷик. Душанбе, 1975, саҳ. 96-102.



шаклҳои алқиста, вале//валай, ғара истеъмол шудани калимаҳои модалии алқисса, воллоҳ ва ғараз, пасоянди -ра қабул кардани алба- та, аз рӯи мушоҳидаҳои мо, ба шеваи ҷанубӣ хос буда, дар шева- ҳои дигар то ҳол дучор нашудааст.

Калимаҳои модалии назаръм, хийолъм, дар шева бо он фарқ мекунанд, ки бар акси забони адабӣ, бе пешоянди ба, дар шакли зикр- шуда истеъмол меёбанд.

Калимаи модалии гуѡо//гуйо бо пайвандаки ки низ меояд: и гуѡо ки бай мо-ра бачай амаки-ай (қ., Навдӣ).

Калимаи модалии билфарз аксар бо артикли - е меояд. Дар забони адабии ҳозира калимаи ҳақиқат бо пешоянди дар омада, тар- киби модалиро сурат медиҳад (дар ҳақиқат), аммо дар шеваи ҷану- бӣ дар шаклҳои ҳақат ва ҳақиқатан вазифаи модалиро адо менамояд. Калимаҳои модалии дигар (балки, рости, мъқаррар, мъдоо, шъгр) дар истеъмол фарқи казоӣ надоранд.

Калимаҳои модалии қайта, қайтам, қайтанам, қайтанта//қайта- ра, анде//ханде, чум, ким, ишқилиб, табина, угам хоси нутқи лаҳ- ҷавианд. Аз онҳо ишқилиб бештар махсуси шеваи шимолӣ буда, дар шеваи ҷанубӣ аҳьёнан мушоҳида мешавад. Вариантҳои қайта ва қай- там барои шеваҳои типи дигар (чунончи, шеваи шимолӣ) низ умумӣ бошанд, қайтара, қайтанам ва қайтанта танҳо дар шеваи ҷанубӣ ба назар мерасанд.

Калимаҳои угам, анде//ханде, чум, табина, асосан, махсуси шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ мебошанд.

Ҳамаи калимаҳои модалӣ ба истиснои угам, ишқилиб ва та- бина дар ҳудуди маҳалҳои интишори лаҳҷаҳои типи ҷанубӣ тақрибан ба андозаи баробар маъмул мебошанд. Интишори вариантҳои шакли- -овозии калимаҳои модалӣ ба ду тарз воқеъ гаштааст: а) баъзан як варианти шакли-овозии ин ё он калимаи модалӣ дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ ва ё аксари онҳо мушоҳида мешавад. Чунончи, вариан- ти ғара-и калимаи модалии ғараз дар материали лаҳҷаҳои вахиёӣ-қа- ротегинӣ, қаротегинӣ, шимолӣ ва ғарбии Кӯлоб, кӯлобии Ҳисор ба миқдори баробар қайд шудаанд. Бо варианти вала-и калимаи мода- лии воллоҳ низ ҳол чунин аст: б) баракси ҳодисаи боло ин ё он ка- лимаи модалӣ дар ҳар як гурӯҳи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ бо вариан- ти шаклӣ-овозии андаке дигар дучор меояд. Барои мисол калимаи модалии анде-ро аз назар мегузаронем, ки дар лаҳҷаҳои вахиёӣ-қа- ротегинӣ, қаротегинӣ, шимолии Кӯлоб дар ҳамин шакли зикршуда, аммо дар лаҳҷаи кӯлобии Ҳисор баробари ин шакл, шакли ханде низ истеъмол меёбад. Чунин тафовути шаклӣ - овозии ин ё он калимаи модалӣ баъзан дар байни лафзи аҳолии деҳаҳои мансуби як лаҳҷа низ ба мушоҳида мерасад. Чун намуна калимаи модалии ғараз-ро аз лаҳ- ҷаи қаротегинӣ мисол меорем, ки дар деҳаи Навдонак ба шакли ғара, дар Хумдон ба шакли ғайри ва дар Ниёзбегиён ба шакли ғараз ду- чор мешавад.

Ҳодисаи қобили қайд ин аст, ки баъзе калимаҳои модалӣ ҳат- то дар лаҳҷаи аҳолии як деҳа вариантҳои гуногуни шаклӣ-овозӣ до- ранд. Масалан, дар лаҳҷаи деҳаи Оқбӯрии райони Ленин ба ҷуз шак- ли қайтайам боз вариантҳои дигари он (қайтанам ва қайтанта) ис-

теъмол меёбанд.

Доираи интишори баъзе аз калимаҳои модалӣ то ҳол равшан нагардидаст. Чунончи калимаҳои модалии гъмонам, хийолъм, алқисса//алқиста аз рӯи материалҳои дасти мо дар лаҳҷаи кӯлобии Ҳисор, мъдоо дар лаҳҷаи қаротегинӣ (деҳаи Навдонак), назаръм дар лаҳҷаи вахиёӣ-қаротегинӣ ба қайд расидаасту бас. Гумон меравад, ки доираи истеъмоли калимаҳои модалии боло фақат бо маҳалҳои номбурда маҳдуд намешавад. Ба фикри мо, дар доираи маҳдуди маҳалҳои интишори шева қайд шудани калимаҳои модалии гъмонам, хийолъм, алқисса//алқиста, мъдоо, назаръм аз сабаби нуқсони материал рӯй додааст: ин калимаҳо ранги умумиистеъмолӣ дошта, мавҷуд будани онҳо дар лаҳҷаҳои дигари ҷанубӣ аз эҳтимол дур нест.

Калимаҳои модалии шевагӣ табина, угам ва ишқилиб аз лиҳози ҳудуди интишор аз калимаҳои модалии дигар фарқ доранд: табина дар лаҳҷаҳои шимолии Кӯлоб, угам дар лаҳҷаҳои вахиёӣ-қаротегинӣ маъмул мебошад; Калимаи модалии ишқилиб ба шеваи ҷанубӣ хос набуда, танҳо дар материалҳои лаҳҷаи аҳолии райони Ленин қайд гардидаасту бас. Пайдо шудани ин калимаи ӯзбекӣ-туркӣ дар лаҳҷаи мазкур яқин ба мубодилаи мунтазами аҳолӣ бо қавмҳои туркизабон (ӯзбекҳо, лақайҳо ва ғ.) ки дар мавзеи номбурда ҳаёт ба сар мебаранд, вобастааст.

Ба гурӯҳи калимаҳои модалие, ки ҳанӯз процесси гузаришро ба қатори воситаҳои ифодакунандаи тобишҳои маънои модалӣ аз сар нагузаронидаанд, феълҳои модалии бойад, шойад ва вариантҳои онҳо: бойа, мево, мевойа//мевойи, шойат, шотиме, шотим, шота. феълҳои дигари ифодакунандаи тобишҳои модалӣ, калимаҳои модалии мумкин//мъмкин//мънкин, мағарам//мағам, мабодо, илойи, илойим, илойики, даркор ва муродифҳои он дохил мешаванд. Аз инҳо калимаҳои модалии бойад, мевойа, мағарам//мағам, мъмкин//мънкин, шойад, шота, шотийам, илойи баъзан бо пайвандаки ки дар як таркиб истеъмол меёбанд: ту-ра мевойа ки имруз бийойи (бд., Андароб); дънйо ба мисоли кузаи навпур-ай, шойад ки ай ин куза баройам йо не (к-ҳ., Гулзор); шотинам ки йак даан сухан бийовен, бъгуйем (к-ҳ., Гулзор); зан-а бойад ки оw -ъш-а бъйори, алоw -ъш-а бъмуни (қ., Каҳдара). Калимаҳои модалии илойи, илойим маънои хоҳишро якҷоя бо тобишҳои эмоционалӣ сурат медиҳанд. Онҳоро гӯянда ҳангоми ба касе дуои бад ё нек гуфтан, ки ҳамчун воситаҳои ифодаи изҳори қаноатмандӣ ё норизоӣ воқеъ мегарданд, истеъмол менамояд: бача-м, илойи аҳ (асло) рузи бад-а набини (қ., Ҷавонӣ); илойим, мо вори қушапир шаве (к-ҳ, Зулфӣ). Ин гурӯҳ калимаҳои модалӣ, бар хилофи калимаҳои модалии гурӯҳи асосӣ, вазифаи грамматикии худро маҳфуз доштаанд, яъне, дар сохти расмии ҷумла ҳамчун ҷузъи ҳатмии хабар иштирок мекунанд.

## МУНОСИБАТИ КАЛИМАҲОИ МОДАЛӢ БО ҲИССАҲОИ ДИГАРИ НУТҚ АЗ РӮИ ПАЙДОИШ

Масъалаи ба калимаҳои модалӣ табдил ёфтани ҳиссаҳои гуногуни нутқ дар забоншиносии советӣ кайҳост, ки таваҷҷӯҳи олимонро ба худ ҷалб кардааст. Роҳҳои асосии ба вуҷуд омадани калимаҳои



модалӣ ва бисьёр хусусиятҳои онҳоро забоншиносони машҳури рус А.А.Потебня, А.А.Шахматов, А.М.Пешковский, Л.В.Щерба, В.Виноградов ва дигарон дар асарҳои худ баён намудаанд. Чунончи, академик В.В.Виноградов дар хусуси муносибати калимаҳои модалӣ бо зарф дар забони русӣ сухан ронда нишон дод: "Зарфҳо ба осонӣ ба калимаҳои модалӣ табдил ёфта, аз рӯи адои вазифаи синтаксисӣ бо унсурҳои номбурдаи нутқ монанд мешаванд"[5].

Дар забоншиносии тоҷик аз баски худи калимаҳои модалӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд, табиист ки масъалаи аз ҳиссаҳои дигари нутқ ба вуҷуд омадани онҳо низ дуруст тадқиқ нашудааст. Калимаҳои мансуб ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ (аксар ҳиссаҳои мустақили нутқ) дар натиҷаи суст шудани муносибатҳои грамматикиашон бо дигар калимаҳо ба унсурҳои модалӣ табдил меёбанд.

Дар шеваи ҷанубӣ аз рӯи материалҳои дасти мо калимаҳои модалӣ бештар аз ҳиссаҳои зерини нутқ ба вуҷуд омадаанд: а) аз исм: ғараз, махсад, мъдоо, валлоҳ, шъгър, алқисса, билфарзе, назаръм, фъгръм, хийолъм: б) аз сифат: ростъш, рости, мъқарар; в) аз зарф: албатта, мъмкин, ҳамита, ҳамта, акъ; г) аз феъл: бойад, шойад, мабодо, рафтаву, накъни, мегум ; д) аз ҳиссача: магарам//магам (ҳиссачаи магар + ҳам).

Дар шеваҳои забонамон, бар хилофи забони адабӣ, баъзе калимаҳои модалӣ вобаста ба майлҳои услубии гӯянда бо унсурҳои гуногуни грамматикӣ /пайвандак, пасоянд ва ғ./ якҷоя истеъмол меёбанд. Дар шеваи ҷанубӣ пайвандаки ки, пасоянди - ра, артикли -е бо калимаҳои модалӣ оварда мешаванд: бойад//бойад ки, шойад//шойад ки, шота//шота ки, шотинам//шотинам ки, шотим//шотим ки, шотиме ки, магарам//магарам ки//магам//магам ки; мънкин//мънкин ки, билфарз//билфарзе, шотим//шотиме, албатта//албата//албатара, қайта//қайтара. Дар чунин мавридҳо унсурҳои зикршудаи грамматикӣ вазифаи аслии худро тамоман гум карда, ҳамчун унсурҳои туфайлӣ воқеъ мегарданд: бойад мо йакта-мон апа шавем, йакта-мон хувар (к-ҳ., Даштибед); зан-а бойад ки оw-ъш-а бъйори, алоw -ъш-а бъмуни (қ., Каҳдара); шотиме ака-ш мийойа (ш-к., Ховалинг); шотим ҳъшйор шава (к-ҳ., Оқбӯрӣ).

Калимаҳои модалии хъйолъм, гъмонъм, назаръм, пакъш, ростъш ва магарам//магам аз калимаҳои модалии мазкур фарқ доранд. Дар сохта шудани онҳо ҷонишинҳои энклитикии -ъм, -ъш ва ҳиссачаи -ам/_ҳам ҳамчун унсурҳои ҳатмии суратдиҳанда роли муҳимеро мебозанд: афтоw бъшист, назар-ъм (в-қ., Хӯҷаи Тавоф); хийол-ум, очаи у балниса-да воша (к-ҳ., Гулзор). Агар ин калимаҳо бо пайвандаки ки истеъмол ёбанд, дар онҳо низ пайвандак ва вазифаи асосии худ, ки иборат аз алоқаманд кардани ҷумлаи пайрав бо сарҷумла мебошад, фориғ аст: хийол-ум, ки, ҷоо-тон ҳаму бар-да воша (к-ҳ., Гулзор); ҳар дъ-шу бъйойан, магам ки, қати-шу бъшинъм (қ., Сесанга). Аз рӯи ҳодисаи бо пайвандакҳо истеъмол ёфтани калимаҳои модалӣ гумон меравад, ки як гурӯҳи унсурҳои номбурдаи нутқ дар натиҷаи ихтисоршавӣ аз ҷумлаҳо ба вуҷуд омадаанд.

5 В.Виноградов. Современный русский язык. М., 1973, стр. 35.

Чунончи, аз мисоли зерин тахмин кардан мумкин аст, ки калимаи модалии <u>хийолум//хийолим</u> ки шояд аслан аз ҷумлаи „дар хаёли ман ин аст, ки ...” ба вуҷуд омада бошад: хийолум ки ҷро-тон ҳаму бар--да воша (к-ҳ.; Гулзор).

Дар хусуси калимаҳои модалии <u>ким</u> ва <u>чум</u> гумони ғолиб ин аст, ки онҳо дар натиҷаи ихтисор шудани ҷумлаҳои ”кӣ медонад” ”чӣ медонад” ба вуҷуд омадаанд: чум, кадом аскър бънйод шъдагийай (қ., Дегай); чум, дар Авдърапим чи гъфтастак (қ., Ялдамич); ким, йаке аскари мегиран-ъм (ш-к., Ховалинг).

Агар таносуби истеъмоли ин ду калимаи модалӣ ба ҳисоб гирифта шавад, дар шеваи ҷанубӣ аз рӯи материалҳои дасти мо дараҷаи истеъмоли <u>чум</u> назар ба <u>ким</u> зиёдтар аст.

## ХЕЛҲОИ КАЛИМАҲОИ МОДАЛӢ АЗ РӮИ МАЪНО

Доираи маъноҳое, ки категорияи модалият ифода менамояд, дар забон назар ба мантиқ васеъ аст. Олимон модалиятро ҳамчун мафҳуми мантиқӣ аз ҷиҳати ифодаи маъно ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо кардаанд:[6] воқеият, имконпазирӣ, зарурат. Аммо дар забон вобаста ба омилҳои гуногуни воқеияти сухан, аз қабили характер ва моҳияти муносибати шахс нисбат ба воқеият (предмет, шахс ва ҳодисаҳо), услуби фардии гӯянда, шароити нутқ ва амсоли он, ҳар яке аз маъноҳои номбурда тобишҳои зиёдеро дар бар гирифта, дар ҷонок ва айнан воқеъ гаштани мубодилаи афкор роли бузургеро мебозад. Таҳқиқ ва тасвири чунин тобишҳои гуногуни маъноӣ аз масъалаҳои муҳими забоншиносӣ ҳисоб меёбад. Беҳуда нест, ки масъалаи номбурда аз А.А.Потебня сар карда то Л.В.Щерба ва В.В.Виноградов таваҷҷӯҳи бисьёр олимонро ҷалб кардааст. Онҳо дар таҳқиқотҳои худ чанде аз муҳимтарин маъноҳои категорияи модалиятро баён кардаанд. Чунончи академик В.В.Виноградов дар тадқиқоти нисбатан муфассали худ доир ба калимаҳои модалӣ зиёда аз 12 маънои категорияи модалиятро дар забони русӣ нишон додааст.[7]

Дар грамматикаҳои нормативии забони адабии ҳозира, баъзе тобишҳои маноии калимаҳои модалии <u>майлаш, дуруст, рост, албатта</u>, <u>эҳтимол, даркор</u> баён шудаанд.[8] Аз рӯи материалҳои дасти мо калимаҳои модалии шеваи ҷанубӣ гурӯҳҳои зеринро ташкил медиҳанд:

1) Калимаҳои модалие, ки маъноҳои тахмин, гумон ва эҳтимолро дар бар мегиранд: тахмин, мъмкин//мънкин//мъмки, еҳтимол//иптимол, табина, зоре//зора, шойад//шотим//шотиме//шотинам//шота//шота ки, гуйо//гуwо, гуйо ки//гуwо ки. Мисолҳо: у ай ота-м, тахмин, чор сол ката-ай (к-ҳ.: Зулфӣ); мъмкин, позир бъйойа (ш-к., Даҳана); у, иптимол мепнато-ш-а бъкъна, баєд мебъйойа (ш-к., Ховалинг); шота ки ҳаму ҳафтабъэ-да (р. автобус) андоза (к-ҳ., Арбобдара); шотиме ака-ш меойа (ш-к., Ховалинг); мерам, зоре, дарак-шун-а бъйовъм (қ., Навдӣ); табина мерава ту мемонӣ (ш-к., Шаҳшурӣ); табина (эҳтимол) хамир-ъш ай табақ ҷар шид (дамида рехт: ш-к., Зоғнӯл). Калимаҳои модалии <u>гуйо//гуwо, гуйо ки//гуwо</u> -ро гӯянда дар мавриде истеъмол менамояд, ки хулосаҳои фикрашро нисбат ба предмет, шахс ва ҳодисаҳо аз рӯи нақли шахси дигар ба таври тахмин, шубҳа баён намояд:[9] ота-ш гуйо ба мо амак (қ., Рофилобод); моо гуйо ай Дегайийем (қ., Саидон).

6 Ф.А.А с м у с. Логика. М., 1947, стр. 97.

7 В.В.В и н о г р а д о в. Русский язык. М., 1972, стр. 577-580.

8 Грамматикаи забони тоҷикӣ (барои мактабҳои олӣ). Сталинобод, 1956, саҳ. 215-216: Забони адабии ҳозираи тоҷик. Душанбе, 1973, саҳ. 420, 424, 425.



Ба ин гурӯҳ калимаҳои модалии билфарз//билфарзе ки ва балки - ро низ дохил кардан мумкин аст: агар, билфарз, мошин бъшава, меравъм (в-қ., Майдонтерак); чум, балки, хъд-ъш мейоа (қ., Навдӣ). Калимаи модалии балки-ро гӯянда дар мавриде низ истифода мебарад, ки ба сухани худ ислоҳ дароварда, асли воқеаро ба сомеаш баён кардан хоҳад: мън, балки , хъд-ъм тоқа медъравидъм (қ., Ҳалқарф).

2) Калимаҳои модалие, ки маъноҳои ногаҳонӣ ва тасодуфро бо тобиши эҳтимол ифода мекунанд: йаке, мабодо//наводо, рафтавъ//рафта, раваду: йаке аму назада боша (ш-к., Ховалинг); наводо фаҳмида шарм'накъна (к-ҳ., Шуриён); рафтавъ бъмбъра, рафтавъ маєив шава (ш-к., Ховалинг); агар рафта, къли набоша, тъмба мемонан (ш-к., Мӯминобод); раваду лавэ-ъм ганда боша (к-ҳ., Сумбула).

3) Калимаҳои модалии ифодакунандаи маънои ноаёнӣ. Ба ин гурӯҳ калимаҳои модалии <u>ким, чум, наме</u> дохил мешаванд. Гӯянда ин калимаҳои модалиро дар асное истеъмол менамояд, ки номаълум будани воқеияти предмет, шахс, амал ва аломатҳои онҳоро ба сомеи худ баён кунад: а) агар воқеияти предмет ва ҳодисаҳо танҳо ба худи гӯянда номаълум бошад, калимаҳои модалии чум ва наме истифода мешаванд: се гуспан гъръфта-съ чум, чан сум, намедунъм (в-қ.; Оқсой); чум, саҳар-ай, касал-ай, зинда, мърда (в-қ., Ёэғанд); у--ра чум, бай гъҷо-ра бурд (в-қ., Ҳоит); имсол гелосо баст-ъ,наме, оташак зад, чи зад, ҳама-ш рехт (к-ҳ., Даштибед); б) воқеияти предмету амал, аз рӯи фаҳмиши гӯянда, барои ҳама номаълум бошад, калимаи модалии ким истеъмол меёбад: ким, да чо-йай у мусъфед (қ., Дегай); ким, йаке ай имтипон меғалтъм (ш-к., Пушьёни Миёна); ким, ата-м адир рафтас (ш-к., Ховалинг).

4) Калимаҳои модалие, ки маъноҳои лозим, зарур ва амсоли онро ифода менамоянд: <u>бойад//бойад ки, мево//мевойа ки, мевойи, магарам//магам, даркор, лозим, зарур</u>: <u>бойад</u> мо йакта-мо апа шавем, йакта-мо хувар (к-ҳ., Даштибед); зан-а бойад ки ов-ъш-а бъйора, алов-ъш-а бъмуни (қ., Каҳдара); магаръм, бари, уҷа-йа ҷаравъл-а бъшони (к-ҳ., Ҷавонон); ала, саро кънем, мегам, бестем (қ., Дегай); охи нахандем, да коройи шъмо, магам бъхандем (в-қ., Лангари Шоҳ). Калимаҳои модалии бойад//бойад ки, мево//мевойа ки гоҳо дар ифодаи маъноҳои эҳтимол ва гумон низ меоянд: йа шълаппушийо-т меҳами йа дъ рузо-да бойад бъзойа (қ., Пору);

9 Калимаҳои модалии номбурда дар дохили ҷумлаҳои мураккаб ҳамчун пайвандаки қиёсӣ воқеъ шуда, тобиши маънoии қиёсиро дар бар мегиранд. Дар ин бобат шеваи ҷанубӣ аз забони адабӣ фарқи намоёне надорад.

во йагу одами зур шъдай (қ., Қазноқ).

5) Калимаҳои модалие, ки ҳангоми ба тарзи тахмин ифода ёфтани мулоҳиза ва нуқтаи назари шахсии гӯянда нисбат ба воқеият (предмет, шахс ва ҳодисаҳо) ба кор бурда мешаванд: назаръм, хъйолъм//хийолум//хийолум ки, ғумонъм: афтоω бъшист, назаръм (в-қ., Хӯҷаи Тавоф); хийолум, ҷо-тон ҳаму бар- да воша (к-ҳ., Гулзор); имсол, гумонам, зимистон хале хънък меша (к-ҳ., Сумбула).

6) Калимаҳои модалие, ки маънои ногузириро бо тобиши қатъият ифода менамоянд: албата//албат//албатара, мъқарар, ишқилиб//ъшқълъб, мъдоε о, воло//волло//валай//вала//валлай, ҳақат, ҳақатан. Мисолҳо: дъхтар, албата, мерам, гъфт (к-ҳ., Дара); ба мактаб-а овардан, албат? (қ., Кабудиён); мъқарар, бачаҳо мийан (қ., Қазноқ); ишқилиб ба йодум ҳастай-да (к-ҳ., Шуриён); ъшқълъб ҳами моҳ меойа (в-қ., Майдонтерак); мъдоε о, наомад-о? (қ., Навдонак); валай, ҳъш да сар-ъш нестай (қ., Ғофилобод); у нақл-а намедона, волло (қ., Печакзор); мо ҳаққатан кори зур кардем (қ., Хумдон); ҳақат ҷон-ъш-а бърой халқ сипар кад Исталин (к-ҳ., Гулзор).

7) Калимаҳои модалие, ки маъноҳои ният ва мақсадро дарбар гирифтаанд: махсад, анде//ҳанде, ғара//ғараз, ғайре//ғайри: посилка-ш мекардъм, пъл-ъш ройи мекардъм, махсад азоω накаша, бъхона, гъфта (к-ҳ., Хеловар); анде: ма йа мактаω бърам (ш-к., Ховалинг). Калимаҳои модалии ғара//ғараз ва анде баъзан ҳангоми таъкиди фикри баёншуда низ истеъмол меёбад. Дар ин мавриди онҳо маъноҳои таклиф ва водоркуниро ифода менамоянд: е бо-ωа, ғара, қарз къ (қ., Обигарм); ғара, и маεлими мо-ай (к-ҳ., Оқбурӣ).

8) Калимаҳои модалие, ки маъноҳои қиёс ва монандиро ифода мекунанд. Ба ин гурӯҳ калимаҳои модалии қайта, қайтанам, қайтанта, қайтанам, қайтарам, қайтара дохил мешаванд. Ин калимаҳои модалӣ дар ҳолате истеъмол меёбанд, ки гӯянда дар зимни қиёс бартарии хусусият, аломат ва сифати предметро нисбат ба предмети дигар баён намояд: ай бача-ра қайта дъхта хуб-ай, гап-а намегардона (к-ҳ., Зулфӣ); ай севбиҳи-да қайта сев хуб-ай (к-ҳ., Даштибед). Ҳангоми истеъмоли калимаи модалии қайта ва вариантҳои он ду навъ тобиши маъноӣ ифода меёбад: аввалан, гӯянда аз он ки амал сарфи назар аз имконияти мавҷуда ба тарзи дилхоҳ воқеъ нагаштааст, таассуф мехурад; сониян, аз сабаби мувофиқи матлаб анҷом ёфтани амалу ҳолат изҳори қаноатмандӣ менамояд: а) қайтара, патинкоро напушидъм, хоро поҳо-м-а хурдан (ш-к., Ховалинг); қайтанам шъмо дар руйи чуω шиштен, пушто-тон дар мекъна (к-ҳ., Оқбури); б) у-ра зан-ъш додем, қайта хона-ш обод шид (к-ҳ., Даштибед); ай дайро оω бърovардан, қайта иҷоо кабут шъд, дърахт шъд (ғ-к., Сангтӯда).

9) Калимаҳои модалие, ки гӯянда ҳангоми ифодаи хулосаҳои фикраш истифода мебарад: алқисса//алқиста, умуман, хуллас//хуллас ки, ғара, ғараз. Аз инҳо калимаи модалии алқисса аҳъёнан (дар материалҳои фольклорӣ) дучор меояд: гуйо ки шавем дар ҷувони чизе-м, алқиста, шъдем пир-ъ чизе нашъдем (к-ҳ., Гулзор); ... алқисса, пошо дъхтар-ъш-а ба ҳаму бача-ра туй кард дод-ъш (в-қ., Ҳоит); ғара, ба хестан, сангоω-а хамидан омадан (қ., Фаррух); ғараз ҳама-ра йакта ба йакта йофта доан (қ., Ҳакимӣ). Калимаҳои модалии умуман, хуллас//уллас ки асосан дар нутқи аҳли савод мушоҳида мешавад: умуман, у хъд-ъш одами нъмеҷдаги-ай (к-ҳ., Ғешӣ); хуллас ки даври мири-да зиндаги уқа хуб набъд (қ., Фаррух).

Дар шеваи ҷанубӣ калимаҳое дучор меоянд, ки аз ҷиҳати тарзи воқеъшавӣ дар ҷумла, ифодаи тобишҳои маъноӣ ба калимаҳои модалӣ монандӣ доранд.

а) Калимаҳои угам, акун//аку//акъ: бъйо бъши, чой бъху, угам (ин тавр бошад: в-қ., Сарикенҷа); акун, мо майда-майда-ем (в-қ., Нӯшор); акъ, ҳаму соҳиби хуна бой-ай, акъ (к-ҳ., Оқбурӣ); пага, акъ, мо лойкори дорем (ш-к., Мӯминобод). Дар мисолҳои боло калимаи угам тобишҳои иродавӣ, акун//аку//акъ таъкидро ифода кардааст,

б) калимаи шъгър дар шеваи таҳқиқшаванда хеле серистеъмол буда, гӯянда бо ёрии он тобиши қаноатмандиро ифода мекунад: шъгър, гудако-м бъзбалахак-ан (қ., Ғофилобод); ҳоли, шъур, авқот-а ҳама-ш-а йофта метийум (к-ҳ., Сумбула ).

в) калимаи аввал ва баъзе шумораҳои тартибӣ , аз қабили йакъм, дуйъм, сейъм ва ғ. Гӯянда ин калимаҳоро ҳангоми бо тартиби муайян ва паси ҳам баён намудани фикраш истеъмол менамояд. Онҳо аз қисмҳои асосии фикр бо пауза ва оҳанги махсус ҷудо карда мешаванд: аввал, рафти, назар ба чашмон-аш кън, дуйъм, ба лабу сейъм, ба дандон-аш кън, чоръм бъби, ки хол дора йо не, панҷъм, бъншин, ҷонак-ът-а қурбон-аш кън (рубоии халқӣ).

## Н И Д О

Нидоҳо дар мубодилаи афкор вазифаи муайянеро адо менамоянд. Беҳуда нест, ки онҳо ҳамчун категорияи махсуси грамматикӣ таваҷҷӯҳи олимонро хеле пеш ба худ ҷалб кардаанд. [1] Ин ҳиссаи ёридиҳандаи нутқ дар забоншиносии тоҷик, аз ҷумла дар лаҳҷашиносӣ, аз масъалаҳои камтаҳқиқшуда ҳисоб меёбад. Дар китобҳои дарсии нормативии забони тоҷикӣ доир ба системаи нидоҳое, ки дар забони адабии ҳозираи тоҷик истеъмол меёбанд, маълумоти мухтасар дода шудааст. [2] Аммо дар адабиёти илмии лаҳҷашиносӣ доир ба

---

1 Таҳлили муфассали адабиёти назариявии доир ба нидо дар асари В.В.Виноградов. "Русский язык" (М., 1972, стр. 584-598) акс ёфтааст. Инчунин ниг. А.И.Германович. Междометия русского языка. Киев, 1966: С.Иманалиев, Междометие в киргизском языке. Автореф, канд. дисс. Фрунзе. 1964: Ш.Ш. Саарыбаев. Междометие в казахском языке. Алма-ата, 1959 и др.

2 Грамматикаи забони тоҷикӣ (барои мактабҳои олӣ). Сталинобод, 1956. саҳ, 221-224: Забони ҳозираи тоҷик, қ. 1, Душанбе, 1973, саҳ. 434-443.

нидоҳо ба ғайр аз баъзе қайдҳои ҷузъӣ муҳаққиқон, ки дар зимни омӯзиши тасвирии лаҳҷаҳо воқеъ шудаанд, маълумоти дигаре мавҷуд нест.

* * *

Нидоҳо монанди ҳиссача ва калимаҳои модалӣ бештар хоси забони гуфтугӯй мебошанд. Аз ин рӯ, онҳо дар шеваҳои забонамон хеле зиёд мушоҳида мешаванд.

Чунон ки муҳаққиқон собит кардаанд, нидоҳо низ муносибати гӯяндаро нисбат ба ҳодиса, шахс ва предметҳо ифода менамоянд.[3] Онҳо ин вазифаро ба таври махсус, бо роҳи дар бар гирифтани тобишҳои гуногуни ҳисса ва иродавӣ адо менамоянд.

Бояд қайд кард, ки муносибати шахс нисбат ба воқеият ҳангоми мубодилаи афкор бо ду воситаи дигаре низ ифода мегардад: а) бо ҷумлаҳои нидоии ифодакунандаи ҳиссиёт: да риш-ът сатқа! (қ., Ҳакимӣ); аҷал даръйо-ът къна! (к-ҳ., Зулфӣ). Мисоли аввал, ҳисси навозиш, мисоли дуюм таҳқир ва бадбиниро ифода кардааст. б) бо имою ишора (мимика). Бисьёр мавридҳое мешаванд, ки аз рӯи ҳаракати махсуси сар, лаб, афшонидани даст, ҷунбонидани китф, нохост калон кушодани чашм ва ғ. ҳиссиёти гуногуни гӯяндаро ба хубӣ фаҳмидан мумкин аст. Баъзан гӯянда ҳар се воситаи номбурдаро дар як маврид ба кор мебарад, ки дар натиҷа ҳиссиёти ӯ хеле таъсирбахш ифода меёбад. Дар байни тарзҳои мазкур нидоҳо мавқеи хосеро моликанд. Нидоҳо шаклан мӯҷаз ва осонталаффуз буда, ҳиссиёти шахс, майлҳои иродавии ӯро хеле равшан ва барҷаста ифода мекунанд. Аз ин рӯ, гӯянда онҳоро назар ба ду воситаи дигар бештар ба кор мебарад.

Нидоҳои маълум дар шеваи ҷанубӣ аз рӯи мушоҳида ва материалҳои мо инҳоанд: а, ай, аҳ, ало, аҷав//аҷаб, баракалло, вай-бой, вой вобарам, вовалайто//вобалайто, воҳ, дареғ, е, ей, ехе//еҳей//еҳай, ейҳа//еҳа//еҳҳе, и//ий, йе, йо, йа, ой, оҳ, ҳа, ҳо, уҳ, у, уй, о оббо//або//аббо//ҳаббо, ҳи//ҳе//ҳей, раҳмат, уф ура, тоуба, намърди, афсус, хайрийат, шъгр, ҳарчи, чок-чок, геч-геч, ош-ош-ош, жиғ-жиғ-жиғ, кег-кег-кег, ки-ки-ки, чи-чи-чи, баш//бош, бош-бош, чег-чег-чег, ту-ту-ту, ҳеш-ҳеш//еш-еш, ҳеш, шок-шок, чиги, чиги-чиги, баҳ-баҳ , маҳ-маҳ, къша, акша, айа, шока, чу, бъйаҳ, чий, саг//сага//асаг, шога, иш, ҳай-ҳай.

Нидоҳои номбурда ду гурӯҳро ташкил медиҳанд:

1. Н и д о ҳ о и у м у м и и с т е ъ м о л ӣ. Ба ин гурӯҳ нидоҳои зерин дохил мешаванд: а) нидоҳое, ки шаклан аз нидоҳои забони адабӣ ва гуфтугӯӣ фарқ надоранд: е, еҳе//еҳа//еҳҳе, ҳа, оббо, вой, оҳ, воҳ, аҷаб/ аҷабо, йо, ало, дареғ, боракалло, раҳмат, уф, урра, вовайлато, ҳа, дареғ, шукр, ҳарчи, бош, бош-бош, ту-ту-ту, чиги- чиги, баҳ, баҳ, маҳ-маҳ, чу, ҳеш-ҳеш, ҳеш, иш; б) нидоҳое, ки вобаста ба муҳити шева дар шакли андаке дигар истеъмол мешаванд: файрот ∠ фарьёд, еҳей, ейҳа//еҳҳа, ай ∠ а, тоуба ∠ тавба, аббо//ҳаббо//або/або ∠ оббо, о, чок-чок ∠ чӯг-чӯг, еш-еш ∠ ҳеш-ҳеш, къша ∠ киш, баш ∠ бош, бъйаҳ ∠ биё.

2. Н и д о ҳ о и х о с и ш е в а и ҷ а н у б ӣ. Ба ин гурӯҳҳои зерин мансубанд: ай, вай-бой, ҳай, ҳа, ҳе, ҳу, у, ҳей//ҳий//ҳи, вобарам, намърди, ейҳа//еҳай, ҳа, геч-геч-геч, ош-ош-ош, жиғ-жиғ-жиғ, кег-кег-кег, ки-ки-ки, шок-шок, йа//шога//шока, чай, саг//асаг//сага. Ин қабил нидоҳо дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ ба як тарз маъмул нестанд. Ҳудуди интишори баъзе аз онҳо дар лаҳҷаҳои номбурда (аз рӯи материалҳои дасти мо) ба тариқи зайл воқеъ гаштааст: а) нидоҳои вобарам, айҳу, дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ вай-бой-вахиёй-каротегинӣ, ҳа Роғ, геч-геч-геч, жиғ-жиғ-жиғ, кег-кег-кег, ки-ки-ки, так-так дар лаҳҷаи тоҷикони Бадахшон маъмул мебошанд. Нидоҳои дигар бо таносуби гуногуни истеъмол дар ҳамаи лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ маълуманд.

## ТАСНИФОТИ НИДОҲО АЗ РӮИ ВАЗИФА ВА ТОБИШҲОИ МАЪНО

Дар шеваи ҷанубӣ ҳар ду гурӯҳи нидоҳо: (ҳам нидоҳои ифодакунандаи ҳиссиёти гуногуни шахс, ҳам нидоҳои нишондиҳандаи майлҳои иродавӣ маъмул мебошанд. Аз ин ваҷҳ лаҳҷаҳои шеваи номбурда бо забони адабӣ як андоза умумият доранд. Баъзе фарқҳои ҷузъи шеваи таҳқиқшавандаро ба тариқи зайл қайд кардан мумкин аст:

а) як гурӯҳ нидоҳо ниҳоят сермаъно мебошанд. Барои намуна нидои е - ро меорем, ки дар шеваи ҷанубӣ ҳангоми ифодаи 10 навъ тобиши маъноӣ истеъмол меёбад:

б) баъзе аз нидоҳои умумиистеъмолӣ тағьироти маъно кардаанд. Тафовути маънои ин қабил нидоҳо дар шеваи ҷанубӣ хеле равшан ба назар мерасад. Чунончи, нидои воҳ, ки дар забони адабӣ андӯҳу дард ва нохуширо ифода менамояд, дар шеваи ҷанубӣ аз нидоҳои ифодакунандаи ҳисси ҳайрат тарс ба шумор меравад.

в) дар шеваи ҷанубӣ синонимияи нидоҳо инкишоф ёфтааст. Баъзан ин ё он ҳисси гӯянда ё майлҳои иродавии ӯ бо чандин нидо ифода меёбад.

Бояд қайд кард, ки барои равшан шудани тобишҳои маъноӣ ва майлҳои иродавӣ роли матн, оҳанги сухан ва имову ишора (мимика) хеле бузург аст.

Инак, гурӯҳҳои номбурдаи нидоҳоро аз рӯи вазифа ва тобишҳои маъноиашон мухтасар аз назар мегузаронем:

1. Нидои ифодакунандаи ҳиссиёти гуногуни шахс ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

а) нидоҳое, ки дар асnои ифодаи ҳисси қаноатмандӣ, шодӣ, ҳаяҷон, истеъмол меёбанд: оҳ, ҳа, е//йе, або, аҳ, ай, оҳ, бача-м! ку бъйо (ғ-к., Кангурт); бъйо, бача-м, меҳмон ба ҷон-ъм, е! (к-ҳ., Шӯриён); ҳа қан-т-а бъзан, Ҳавозбой! (в-қ., Сарикенҷа); або! и ҷурай ҷони мъ бъдай (к-ҳ., Зулфӣ); ай, гапойи мъ у-ра форид-ъш! (ш-к., Ҳовалинг); ай, чой мондас дъхтар-ъм! (қ., Майдон). Ба ин гурӯҳ нидоҳое низ дохил мешаванд, ки гӯянда ҳангоми аҳсан гуфтан ва изҳори миннатпазирӣ истифода мебарад: раҳмат, офарин, бали

[3] В.В.В и н о г р а д о в. О языке художественной литературы. М., 1957, стр. 215: А.И.Г е р м а н о в и ч. Асари номбурда, саҳ. 14: С.И м а н а л и е в. Асари мазкур, саҳ. 5.

Шилбини); хо Абдъхолиқ, гъҷо мерай? (в-қ., Ҳиҷборак); а дъхтар,
нъгъло-ра бъчъкен! (в-қ., Кӯл); ало дъхтар, ей моҳпари дъхтар!...
(ш-к., Момандиён); а, е, ҳуй, ҳой, ҳо, ҳу, ҳей: ача, ҳу ача, иҷа
бъйо (в-қ., Кӯл); ача-е, ов-ъм бъти (в-қ., Нӯшор); ҳо дъхта, иҷа
бъдав (в-қ., Дараи Мазор); а бача, бъйо бърем, бевах шъд (в-қ.,
Ярхаб). Нидои ало асосан дар матнҳои фольклор дучор мешавад:

б) Барои аз коре боздоштан ва ё баръакс ба иҷрои амале во-
дор намудани шахс: а, е, ей, и, ҳе, и, итари гапо-ра нагу, айб-ай!
(в-қ., Нимич); е бъйо! ҳол танг-ай (в-қ., Қаракенҷа); ҳе, хап ист,
дод назан! (қ., Ҳакимӣ); и хез! мошин мерава (в-қ., Шарҳо): ҳе,
бъбин! чой ҷуш умадай? (в-қ., Қизиқчӣ); ей! ҷой дур нара (в-қ.,
Ҳиҷборак): а ита накъ, бача-м! (в-қ., Ҳоит). Ба ин гурӯҳ нидоҳое,
низ дохил мешаванд, ки гуянда, бо ёрии онҳо шахсро ба хомӯш истодан
водор мекунад: хап, бас: дод нагу мегум-е, хап, хап! (қ., Енахш);
чағер накъне, ҷим! чи гап-ай! (в-қ., Ҳоит); бас! бас! овоз-ът-а
бод бъхвра! сар-ъм-а даргъръфт (қ., Тегирмӣ);

в) ҳангоми рондани ҳайвонот ва паррандагони хонагӣ: саг, са-
га, асаг (ба саг), йай, тпру-тпру (ба гӯсфанд), чой, кег-кег-кег
(ба бузғола), чег-чег-чег (ба гӯсфанд ва бузғола), шока//шога,
шог-шог (ба гӯсола), чу (ба асп), баш, бош-бош (ба гов), парч-парч
(ба барзагов ҳангоми ҷуфт), къша (ба мурғ): е гусола полез-да да-
ромад! чок-чок, е мур! (к-ҳ., Мағмуруд):

г) дар аснои даъват кардани ҳайвонот ва паррандагони хонагӣ:
ҳеш-ҳеш (ба гов), маҳ-маҳ, биҳ-биҳ (ба асп ва хар); баҳ-баҳ (ба
саг), ту-ту-ту (ба мурғ), чиги, чиги-чиги-чиги, жиғ-жиғ, -жиғ, геч-
геч-геч (ба бузғола), чи-чи-чи, ки-ки-ки (ба гӯсфанд ва бузғола),
ош-ош-ош (ба гов), ишш (барои истодан).

## ДОИР БА СОХТ ВА ПАЙДОИШИ НИДОҲОИ АСЛӢ

Нидоҳои аслӣ инҳоянд: оҳ, аҳ, е, еҳҳа, уф ва ғ.:

Нидоҳои аслӣ аз ҷиҳати сохт гурӯҳҳои зеринро ташкил меди-
ҳанд.

а) нидоҳое, ки танҳо аз як овози садонок иборатанд: о, у, а,
е, и, ъ. Мисолҳо: о бача, гъҷо лъмб-ан охи амино? (в-қ., Лахш); у
бачи амаки чидийем-е! (ш-к., Ховалинг); и, йаг гъсола дъромадай,
катишка-а хурдестай (к-ҳ., Мағмуруд); а хъдо бъгира почаҳойи кан-
даги-т-а (ғ-к., Обиширин); кор нарафтай, е! (в-қ., Лахш);

б) нидоҳое, ки аз як садоноки аввал ва ҳамсадои сонӣ ташкил
ёфтаанд: ай, ей, ой, аҳ, уҳ, уф: ҳъкъмат нон-а сероб кард, ай! бо
(боз) норозӣ мешавем? (в-қ., Оқсой): ей Қърбон-ъ али, тъ ай кадъм
сол шофирӣ? (в-қ., Қалъаи Лабиоб); оҳ, мардъми арасоте ғънҷит, ки!
(ш-к., Ховалинг); уҳ бала-м! хона-м-а сухти охи! (к-ҳ., Даштибед):

в) нидоҳое, ки аз як ҳамсадои аввал ва садоноки баъдина сох-
та шудаанд: ҳе//ҳи, ҳа, йе, йо, йа, ҳо, ҳу: ҳи падар-ад-да лаънат!
- гъфтак (к-ҳ., Даштибед); ҳа, ина дъхтаро чор нон (ҷ-к., Роғ):...
ай Маскав не! йе, ай Бухоро омадан (к-ҳ., Мағмуруд); ача, ҳу ача,
иҷа бъйо! (в-қ., Кӯл); Садоноки ин қабил нидоҳо баъзан кашишнок
талаффуз мешаванд: Ҳамробой, хаа, бъчин-ъш! (в-қ., Сарикенҷа); ҳее!

нопърсида ни медъройа! (в-қ., Оқсой).
г) нидоҳое, ки аз се овоз иборат буда, дар байн садонок ҷой
гирифтааст: воҳ, вой, вуй, ҳай, ҳей, ҳрй, чим, бас, хап: ҳрй, додар,
кор кайсай?! (в-қ., Шилбилӣ); вой мърдъм, е! (з-қ., Қалъанак); вуй!
ай шум (ҳушам) бърумаай! (қ., Қазноқ); д) нидоҳое, ки аз ду са-
донок ва ҳамсадои байн ба вуҷуд омадаанд: еҳа, еҳе, оҳе, уҳу; иҳа,
або, обо, ало: обо! валай номи тъ-ра менамейовъм! (к-ҳ., Арбобда-
ра): еҳа! минай шухо-нда ни рафте? (в-қ., Нӯшор); оҳе! ҳами-ра
доғи гъръфтан-ъм (в-қ., Яхакпаст); ало дъхтар, таманойи тъ доръм
(ш-к., Мӯминобод; фольк.).
Дар ин маврид садонокҳои охири нидоҳо мумкин аст, ташдид-
нок талаффуз ёбанд: аббо! и ҷурай ҷони ма бъдай! (к-ҳ., Даштибед);
еҳаа! борон бас кардай (к-ҳ., Хеловар).
Баъзан ҳамсадоҳои нидоҳои еҳа, еҳе, або//обо//ҳабо низ таш-
дид мегиранд: оббо//оббо//ҳаббо, еҳҳе, еҳҳа, урра: оббо бечорай ҳа-
лим ай тори чормағ уфтодай (қ., Навдонак); еҳҳа бистъ панҷ сол-ъш
райис бъдъм (қ., Хумдон).
Нидоҳои воҳ, вой, оҳ, бо нидоҳои е якҷоя ба сурати войе, во-
ҳе, оҳе истеъмол меёбанд; войе! дъстойи хъ-т-а нашъсти, йанга?
(к-ҳ., Арбобдара); воҳе! сар-ъм дард мекъна (қ., Ҳакимӣ); оҳе!
(к-ҳ., Арбобдара); оҳе! ношъгри-т, бачадор (қ.,
ношъргит, йанга (к-ҳ., Арбобдара);
Ёнахш).
Дар шеваи ҷанубӣ чунин нидоҳое низ дучор меоянд, ки таркиби
овозии онҳоро дар як қолиби муайян ва ягона ифода кардан душвор
аст. Аммо миқдори ин қабил нидоҳо хеле кам аст: алай ∠ алла, во-
байлато, вай-бой.
Нидоҳое, ки гӯянда ҳангоми ба парранда ва ҳайвоноти хонагӣ
муроҷиат намудан истеъмол менамояд, дар бобати сохт аз нидоҳои
дигар каме фарқ доранд:
1) баъзе аз онҳо, одатан, бо нидои а якҷоя меоянд, ки дар ин
маврид вай аксар дар охири калима ва гоҳо дар аввали ин ҷой меги-
рад: ай+а = айа!; къш + а = къша!; саг + а = сага!; шок + а//шог
+ а = шока//шога, асаг;
2) шакли такрор яке аз роҳҳои асосии сохта шудани нидоҳои
иродавии мазкур ҳисоб меёбад. Гӯянда баъзан ба ин ё он парранда
ва ё ҳайвоноти хонагӣ як маротиба муроҷиат намуда, нидои дахлдор-
ро зиёда аз ду бор такрор мекунад. Ӯ бо он роҳ ба пурқувватар ифо-
да ёфтани иродааш муваффақ мегардад: ту-ту-ту, чиги-чиги-чиги...;
3) баъзе аз нидоҳои номбурда дар шакли ягона (ғайритакрор)
низ меоянд. Ин қабил нидоҳо аз ҷиҳати сохт ба нидоҳои сеовозаи ҳис-
сӣ (аз қабили воҳ, ҳей ва амсоли он) хеле наздикӣ доранд: баш, маҳ
чай, саг, чоқ//чог;
4) нидоҳои амрию иродавие низ мушоҳида мешаванд, ки аз са-
доноки аввалу ҳамсадои сонӣ ва баръакс аз ҳамсадои аввалу садоно-
ки охир сохта шудаанд: иҳ, иш//ишш, чу, ма;
5) як гурӯҳ нидоҳои иродавӣ аз чаҳор овоз иборатанд. Дар ин
қабил нидоҳо дар охир ду ҳамсадо паси ҳам ҷой мегирад: парч, пъшт
//пишт, ҳайт.



## ФАРҚИ НИДО АЗ ҲИССАЧА, КАЛИМАҲОИ МОДАЛӢ ВА КАЛИМАҲОИ ТАСВИРӢ

Дар забони умумихалқӣ ва шохаҳои шевагии он калимаҳое ду-
чор меоянд, ки муайян кардани мавқеи онҳо дар доираи ҳиссаҳои
нутқ душвор аст. Ин ҳол дар як қисм калимаҳое ки чун нидо, ҳисса-
ча ва калимаҳои модалӣ воқеъ мешаванд, низ мушоҳида мешавад. Чу-
нин вазъият тақозо мекунад, ки дар хусуси баъзе аз фарқҳои байни
нидо, ҳиссачаҳо, калимаҳои модалӣ ва калимаҳои тасвирӣ мухтасар
таваққуф намоем.
Бояд қайд кард, ки муайян намудани фарқи нидо аз ҳиссачаҳо
нисбатан душвор аст, зеро ин ду ҳиссаи нутқ аз ҷиҳати адои вазифа
(ифодаи тобишҳои маъноӣ ва ҳиссӣ) ба ҳам наздиканд. Тафовути асо-
сии байни нидо ва ҳиссачаҳо, аз рӯи мушоҳида ва маводҳои мо,
дар шеваи ҷанубӣ аз инҳо иборат аст: а) нидоҳо (хусусан нидоҳои
ифодакунандаи ҳиссиёти шахс) назар ба ҳиссачаҳо ҷиҳатҳои эмоцио-
налӣ ва экспрессивии нутқро равшантар ва барҷастатар сурат меди-
ҳанд; б) нидоҳо баръакси ҳиссачаҳо маъноҳои муайяни грамматикӣ
(аз қабили ишора, маҳдудӣ, инкорӣ, тасдиқӣ ва ғ.)-ро ифода намеку-
нанд. Онҳо, одатан, тобишҳо ва маъноҳоеро дарбар мегиранд, ки ба
ифодаи ҳиссиёт ва иродаи шахс вобастагӣ доранд: в) дар хосияти то-
бишҳои иродавиро ифода кардани нидоҳо (нидоҳои иродавӣ) ва ҳиссача-
ҳо низ фарқи намоёне мушоҳида мешавад. Яъне, агар ба воситаи ни-
доҳои иродавӣ майл ва ниятҳои шахс ба тарзи амр ифода ёбад, бо
ёрии ҳиссачаҳо он хеле нарм, ҳатто ба тариқи хоҳиш воқеъ мегар-
дад; г) ҳиссачаҳо ҳангоми адои вазифа аксар бо феъл робитаи маъ-
ноӣ пайдо мекунанд. Яъне чи гуна тобишҳои маъноиро ифода карда-
ни ҳиссачаҳо бештар ба сиға ва замонҳои феъл вобастааст. Аммо
нидоҳо (бо истиснои нидоҳои иродавӣ) ба ин хусусият молик нестанд.
Онҳо ҳиссиёти шахсро аксар новобаста ба замону сиғаҳои феъл ифо-
да менамоянд, д) чунон ки ишора рафт, баъзе аз ҳиссачаҳо (на, не,
ҳам, ни ∠ низ) дар шароитҳои ҷудогонаи синтаксисӣ дар шакли так-
рор ҳамчун воситаи суратдиҳандаи алоқаи ҷумлаҳо воқеъ мешаванд.
Нидоҳо ин навъ хусусиятро надоранд.
Нидоҳо аз калимаҳои модалӣ бо он фарқ мекунанд, ки муноси-
бати гӯяндаро нисбат ба воқеият (ҳодиса, предмет, шахс) на ба та-
риқи ифодаи тобишҳои маъноии оддӣ ва мӯътадил, балки баръакс, бо
роҳи дар бар гирифтани тобишҳои гуногуни ҳиссӣ (шодӣ, ҳаяҷон, амр
ва ғ.) ва бо ин восита ошкор кардани ҳолати ботинии шахс адо ме-
намоянд.
Нидоҳо аз калимаҳои тасвирӣ фарқҳои зиёде доранд: а) агар
нидоҳо дар нутқ барои ҳамчун ҷумла воқеъ гаштан имконият дошта
бошанд, калимаҳои тасвирӣ ин хусусиятро надоранд: б) агар нидоҳо
тобишҳои ҳиссӣ-экспрессивӣ ва иродавиро ифода намоянд, калимаҳои
тасвирӣ танҳо шакли овозии ҳодисаҳои гуногунанд: в) калимаҳои тас-
вирӣ ба воситаи баъзе суффиксҳо чунончи, и, аст//ас... сохта мешаванд.
ҳол он ки нидоҳо аксар аз овозҳои нутқ иборатанду бас (е, о, у):
г) ба туфайли такрори нидоҳо, дараҷаи таъсири сухан ба сомеъ зиёд-
тар мегардад, вале дар калимаҳои тасвирӣ такрор яке аз роҳҳои ка-
лимасозӣ ҳисоб меёбад: д) нидоҳо бевосита ҳамчун ҷузъи номии

феълҳои таркибӣ истеъмол намеёбанд. Баръакс, аз ҳамаи калимаҳои тасвирӣ ба таври фаровон феълҳои таркибии номӣ сохтан мумкин аст.

## КАЛИМАҲОИ ТАСВИРӢ

Калимаҳои тасвирӣ дар забоншиносии тоҷик аз мавзӯъҳое ба шумор меравад, ки назар ба ҳиссаҳои ёридиҳандаи дигари нутқ бештар ва хубтар таҳқиқ шудаанд.

Соли 1958 рисолаи монографии М.Ф.Фозилов таҳти унвони "Калимаҳои тасвирӣ дар забони тоҷикӣ" аз чоп баромад. [4] Ин асар ҳамчун як таҳқиқоти нисбатан мукаммали илмӣ аз бисьёр ҷиҳатҳо қобили таваҷҷӯҳ мебошад: аввалан, он ягона рисолаи махсус ва мукаммалест, ки таҳқиқи системаноки ҷиҳатҳои семантикӣ, грамматикӣ ва хусусиятҳои истеъмолии калимаҳои тасвири забонамонро дарбар мегирад; соният, муаллиф дар зимни таҳқиқоти худ муҳимтарин адабиёти илмиро доир ба мавзӯи номбурда ҳарҷониба таҳлил намуда, дар кори ислоҳи нуқсонҳое, ки дар назарияи оид ба калимаҳои тасвирӣ ва нидоҳо, усули таҳқиқи онҳо вуҷуд доштанд, саҳми босазое гузошт; сеюм, дар асари номбурда доир ба калимаҳои тасвирии забони ҳозираи тоҷик ва баъзе лаҳҷаҳои он (лаҳҷаҳои Конибодом, Чоркӯҳ, Ховалинг, Тавилдара ва Дарвоз) аввалин намунаи материалҳо ҷой дода шудааст.

Дар асари Ш.Рустамов "Таснифот..." масъалаҳои мавқеи калимаҳои тасвирӣ дар системаи ҳиссаҳои нутқ, ҷиҳатҳои маъноӣ ва хусусиятҳои морфологии онҳо мавриди таҳқиқи махсус қарор гирифтааст. Муаллиф дар асоси далелҳои мӯътамади фаровон назарияи дурусти олимонеро ки калимаҳои тасвириро ба исм мансуб медонистанд бори дигар тақвият додааст. [5]

Дар китоби нормативӣ низ роҷеъ ба ҷиҳатҳои асосии калимаҳои тасвирии забони ҳозираи тоҷик, хусусиятҳои маъноӣ, шаклӣ ва вазифаҳои синтаксии онҳо мухтасар маълумот дода шудааст. [6]

Дар лаҳҷашиносии тоҷик калимаҳои тасвирӣ монанди баъзе ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ (ҳиссача, калимаҳои модалӣ ва нидоҳо) то ҳол мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд. Доир ба онҳо дар асарҳои шевашиносӣ танҳо баъзе материалҳои пароканда ҷой доранду бас.

x

x x

Чунон ки собит шудааст, калимаҳои тасвирӣ моҳиятан аз нидоҳо фарқ доранд. Онҳо ба ҷиҳатҳои ҳиссӣ ва иродавии нутқ муносибате надоранд, балки танҳо шакли овозии ҳодисаҳо мебошанд. Аз ҳамин сабаб, фарқи калимаҳои тасвирӣ дар шеваҳо назар ба забони адабӣ, асосан, дар бобати шакли овозӣ, ки вобаста ба ин ё он маҳал ба миён омадааст, равшан мушоҳида мешавад. Чунончи, калимаи тасвирие, ки аз кӯфта шудани дар ба вуҷуд меояд, дар забони адабӣ як гурӯҳ

---

[4] М.Ф а з ы л о в. Изобразительные слова в таджикском языке, Сталинабад, 1958.

[5] Ш.Р у с т а м о в. Таснифот..., саҳ. 61-73.

[6] Забони адабии ҳозираи тоҷик, қ.1. саҳ. 443-447.



лаҳҷаҳо дар шакли тақ-тақ, аммо дар баъзе лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ дар шакли къп-къп воқеъ мегардад. Баъзан шакли овозии як ҳодиса дар гурӯҳҳои гуногуни лаҳҷаҳои ҳамтип ҳар навъ сурат меёбад. Барои исбот чун намуна як мисол меорем. Калимаи тасвирии умумиистеъмолии ғур-ғур (ғур-ғур кардан), дар лаҳҷаи аҳолии Ховалинг дар шакли ър-ър, аммо дар лаҳҷаи Роғ дар шакли ғър-ғър қайд шудааст. Ин ҳодиса аз он шаҳодат медиҳад, ки калимаҳои тасвирӣ назар ба забони адабӣ дар шеваҳо миқдоран зиёд ва таркибан гуногунанд. Материалҳо шаҳодат медиҳанд, тафовути маъноии унсурҳои номбурдаи нутқ хеле равшан ба назар мерасад. Яъне ҳар як калимаи тасвирӣ аксар ба вуқӯи як ҳодиса вобастагӣ дорад. Дар шеваи таҳқиқшаванда ҳодисаҳои синонимияи калимаҳои тасвирӣ ҳам зиёд мушоҳида мешаванд. Чунончи калимаҳои тасвирии қълоп-қълоп, къп-къп ва тақ-тақ як маъно (тақ-тақи дар ё дигар асбобҳои чӯбин)-ро ифода мекунанд:

Калимаҳои тасвирӣ дар шеваи ҷанубӣ ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд: 1) калимаҳои тасвирии умумитоҷикӣ. Ин гурӯҳ калимаҳои тасвирӣ аз ҷиҳати шакл ду навъанд: а) калимаҳои тасвирие, ки шаклан аз унсурҳои забони адабӣ фарқ надоранд. Чунончи, ғур-ғур, тақ-тақ, шар-шар: б) калимаҳои тасвирие, ки вобаста ба қонунҳои овозии шева шаклан каме тағьир ёфтаанд: бълъқас (булуққос); кър-кър / кур-кур, ғъҷас / ғиҷҷас ва ғ.: 2) калимаҳои тасвирии хоси шеваи ҷанубӣ: қълапаст, қап-қап, шък-шък, тълақаст, гърамбаст, дърақаст, къп-къп, дък-дък, шинг-шинг, қароп-қароп ва ғ.

## ТАСНИФИ КАЛИМАҲОИ ТАСВИРӢ АЗ РӮИ МАЪНО

Калимаҳои тасвирии шеваи ҷанубӣ аз ваҷҳи ифодаи маъно гурӯҳҳои зеринро ташкил медиҳанд: калимаҳое, ки шакли садоҳоянд; калимаҳое, ки шакли овозии аломати амалу ҳолатанд; калимаҳое, ки тарз ва ҳолатҳои гуногуни намоён шудани предметҳоро акс мекунанд; калимаҳое, ки тарзҳои гуногуни зоҳиршавии рӯшноиро сурат медиҳанд: калимаҳое, ки рӯҳияи инсон ва ҳолатҳои физиологии баъзе узвҳои онро ифода мекунанд.

## КАЛИМАҲОИ ТАСВИРИЕ, КИ ШАКЛИ ОВОЗИИ САДОҲОАНД

Ин қабил калимаҳои тасвирӣ аз ҷиҳати миқдор нисбатан зиёд буда, вобаста ба манбаи пайдоиш ба навъҳои зерин ҷудо мешаванд:

1. Калимаҳои тасвирие, ки тақлиди овозҳои асбобҳои гуногуни рӯзгор, хоҷагии қишлоқ, воситаи нақлиёт, техника мебошанд.

Калимаҳои тасвирии тақ-тақ ва къп-къп муродифи ҳамдигар буда, садои кӯфтани дар ва ин ё он асбоби тахтагинро къп-къп садои оҳиста, аммо так-так садои нисбатан баландтарро мефаҳмонанд: дар хунай йак одам-ъда бе къп-къп медърой (в-қ., Ҳоит); бад дарвоза тақ-тақ мешава (в-қ., Ҳоит). Калимаи тасвирии шувваст//шуввас аслан садои ҳаракати обро фаҳмонида, маҷозан суръати тези ҳаракати машина ё воситаи дигари нақлиётро низ ифода мекунад: мебини ки мошин шувваст Охтерак хамбид (ш-к., Ховалинг); мо омадаестодем шуввас (ш-к., Ховалинг). Бар акси ҳодисаи боло шакли овозии оҳис-

медиҳад, ки ҳангоми синаи говро макидани
фақ-фақ садоеро сурат медиҳад, ки ҳангоми синаи говро макидани
гӯсола ба вуҷуд меояд: гусола оча-ш-а фақ-фақ мемака (ш-к., Хо-
валинг).

Калимаҳои тасвирие, ки овозҳои гуногуни инсонро сурат меди-
ҳанд. Калимаҳои тасвирии гълдъраст ва чълдъраст тақлиди суханронии
тез ва бемонеаро ифода мекунанд: ҳаму Искандаруф го-ного омада,
гълдъраст када гав мезадак (к-ҳ., Мангиҷар); дъхтари Һалим чълдъ-
раст мекъна-йе! ҳами биста, сита авсона мега да йа гъфтан (к-ҳ.,
Зулфӣ). Калимаи тасвирии чиғаст аз зӯрии дард дод гуфтан ва қарас
сахт фиғон баровардани бачагонро ифода менамояд: замбър търа
мегаза, б-ад чиғаст мекъни (Роғ); ай дъмби да-ш (падараш) қарас
мекъна медава (Роғ).

Калимаҳои тасвирии вър-вър, чъл-чъл, ър-ър тақлиди суханҳое
мебошанд, гӯянда ба воситаи онҳо норизоии худро баён менамояд:
ҳаш моҳ кор намени и мардак чъл-чъл мена (қ., Навдӣ); бисйор вър-
вър накъ (қ., Ялдамич); у ър-ър дора (ш-к., Ховалинг). Калимаи тас-
вирии въғаст овози баробар фарьёд кардани одамонро ифода мекунад:
сағир-ъ кабир-ъш-ам въғаст доран (қ., Қалъаи Нав); Калимаи тас-
вирии ҳов-ҳов дар ифодаи иғво ва васвоси шахс истифода бурда ме-
шавад: ҳов-ҳови мардъм-ай, бовар накъ (ш-к., Ховалинг).

Як гурӯҳ калимаҳое, ки ҳангоми ифодаи амалу ҳолати инсон
(хӯрок хӯрдан, хобидан, роҳ рафтан ва ғ.) истеъмол мееёбанд, ба ка-
лимаҳои тасвирии боло наздикӣ доранд: вай дар хов-ъш фих-фих мекъ-
на (ш-к., Ховалинг); мардъм севоо-ра ғърап-ғърап хърдан (Роғ); пеш-
пешак-ът-а бъдор, иқа писта бъндозъм, раҳ-да кърт-кърт мекъни (ме-
хӯрӣ; ш-к., Ховалинг).

### Калимаҳои тасвирие, ки суръати амалро ифода мекунанд

Ин навъ калимаҳои тасвирӣ дар навбати худ ба ду гурӯҳи асо-
сӣ ҷудо мешаванд:

а) калимаҳои ифодакунандаи суръати тез: қълънгаст дъръни ху-
на пеши кампир медъроран (қ., Дараи Дегдон); шъраққаст рафта, кър-
пачаҳо-ра гърифта бъйор (ш-к., Ховалинг); бо (боз) ғирри каа рафта
истоде (к-ҳ., Зулфӣ); търаааст ма-ра завфирма мундан (ш-к., Хова-
линг); зира-ра търаххас гъръфтан (ш-к., Ховалинг); аку арави-йа
қэрапас хондан мегиръм (к-ҳ., Гулзор); китоб-а шарас мехондак
(к-ҳ., Оқбӯрӣ);

в) калимаҳои ифодакунандаи суръати суст: фис-фис накън, зуд
паз (ш-к., Ховалинг); бача раҳ мегарда қилич-қилич (Роғ)

### Калимаҳои тасвирии ифодакунандаи тарзҳои гуногуни намоён шудани предметҳо

Калимаи тасвирии ҳиммас маънои ялаққос кардан, ҷило додан,
дурахшиданро ифода мекунад: къртай атлас дар тан-ъш ҳиммас мекъ-
на (қ., Хакимӣ). Дар ифодаи ин маънӣ, калимаҳои тасвирии ҳил-хил
ва йалт-йалт низ истеъмол мееёбанд: либоси Саɛодат ҳил-ҳил кард
(в-қ., Тавилдара); ҷомаи Саɛид йалт-йалт мекъна (в-қ., Тавилдара).
Калимаи тасвирии йалтас дурахшидани асбоби фузулӣ ва обро мефаҳ-



монад. анаму пешаги-ш йалтас мекъна-ку, мошини сабукрав-ай (ш.,
қ., Момандиён); сар-ъш-да оɯ (сароби дарьё) йалтас мезана (ш-к.,
Ховалинг).

### Калимаҳои тасвирии суратдиҳандаи тарзҳои зоҳиршавии ҳаргуна рӯшноӣ

Калимаҳои тасвирии йилт-йилт, милт-милт тарзи зоҳиршавии
рӯшноии чароғ ва шамъро ифода мекунанд: чироғи ҳамсойа милт-милт
месуза (ш-к., Ховалинг); шаɛм йилт-йилт сухта истодас (в-қ., Та-
вилдара). Тарзи зоҳиршавии рӯшноии барқ бо калимаи тасвирии йалт-
йалт сурат мееёбад: чароғак (барқ) йалтйалт зад (ш-к., Ховалинг).

### Калимаҳои тасвирии ифодакунандаи рӯҳия ва ҳолатҳои физиологии инсон

Калимаи тасвирии дъқ-дъқ тарзи ларзидани шахсро аз
хунукӣ ифода мекунад: хънък хурдъм, дъқ-дъқ ларза-м гъръфт (ш-к.,
Ховалинг). Калимаҳои тасвирии тап-тап, тълап-тълап (барои ифо-
даи тапиши дил), ғув-ғув дар ифодаи ҷеғ задани гӯш ва ирзаст ҳо-
лати дард кардани дандонро ифода менамояд: дъл-ъм тап-тап меза-
на: дъл-ъм тълап-тълап мекъна (ш-к., Ховалинг); гуш-ъм ғув-ғув
кард (ш-к., Ховалинг); дандон-ам ирзаст кард (Б., Андароб). Ка-
лимаи тасвирии қараппас//қълапаст нохост лат хӯрдани даст ё пойро
ифода менамояд; ғалтидъм по-м қараппас кад (к-ҳ., Зулфӣ); дъст-ам
қълапаст кард (в-қ., Яхакпаст). Ҳолати гурусна монанди шиками ин-
сон бо калимаи тасвирии қароп-қароп ифода мееёбад: бъйо очачун, ча-
кон нун-а банд, шъкамо қароп-қароп дора (к-ҳ., Яхакпаст). Калимаи
тасвирии тарақ-пъруқ дар ифодаи ҳолати ба изтироб омадани дил ба
кор бурда мешавад: иқа дил-ът тарақ-пъруқ кадан нагъра (к-ҳ., Шӯ-
риён).

## СОХТ ВА БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ МОРФОЛОГИИ КАЛИМАҲОИ ТАСВИРӢ

Дар шеваи ҷанубӣ калимаҳои тасвирӣ аксар бо ҳамсадоҳо оғоз
мееёбанд. Аксари калимаҳои тасвирие, ки дар ин шева мушоҳида ме-
шаванд, бо ҳамсадоҳои б, п, д, т, ч, ҷ, в, ф, к, г, ш, ғ, қ, м сар
мешаванд. Калимаҳои тасвирие, ки бо ҳамсадоҳои л, х, з, ɛ, й, оғоз
мееёбанд, миқдоран хеле каманд. Ҳодисаи бо садонокҳо оғоз шудани
калимаҳои тасвирӣ низ ниҳоят кам дучор мешавад. Дар материалҳои
гирдовардаи мо танҳо бо садонокҳои и, а, ъ, у оғоз ёфтани калимаҳои
тасвирӣ қайд шудааст: ър-ър, ирзаст, араст, ɛъм-ɛъм//ӯум-ум. Ка-
лимаҳои тасвирӣ аксар аз як ҳиҷо ва баъзан аз ду ҳиҷо иборатанд.
Ин ду ё се ҳиҷо дар шакли аслӣ такрор мешаванд: кът-кът, ғъҷ-ғъҷ,
қърт-қърт, ғинг-ғинг; қароп-қароп, фичир-фичир, ғърач-ғърач, қилич-
қилич. Ҳодисаи тағйир ёфтани ҳамсадо ё садонокҳои ҷузъи такрорӣ
калимаҳои тасвирӣ дар шеваи ҷанубӣ аҳьёнан дучор мешавад: тарақ-
пъръқ, чърақ-пърақ, чълах-пълах.

Калимаҳои тасвирии алоҳида аз калимаҳои тасвирии такрор аз
ҷиҳати сохти овозӣ фарқ доранд. Дар забони адабӣ ҳамсадои аввали
ҳиҷои охирини калимаҳои тасвирӣ ҳамеша ташдид мегирад, аммо дар
шеваи ҷанубӣ ҳам ҳодисаи боло ва ҳам беташдид талаффуз ёфтани

овозҳо тақрибан баробар мушоҳида мешаванд: а) ғуррас, тэраппас,
бижжас, чараққас, ҳиммас: б) чирас, дъраќас, бълақаст, қълапаст ва
ғ. Ҳолатҳои бе ташдид сурат ёфтани калимаҳои номбурда боз дар мав-
риде ба амал меоянд, ки дар оғози ҳиҷои охир ду ҳамсадои гуногун
сарбасар шуда бошад. Дар шеваи ҷанубӣ, аз рӯи материалҳои дасти
мо, дар мавқеи номбурда якҷоя омадани ҳамсадоҳои зерин маъмул
аст: м-б: н-г: л-т: л-п, р-з: р-т комбаст, ҷърангас, валтас, чалпас,
ирзаст//урзаст, фарт аст.

Дар шеваи номбурда, агарчи ба ниҳояти камист, ҳодисаҳои
такрор шудани як садонок ва якҷоя омадани ду садоноки гуногун низ
дучор меоянд: баас, маас, вааст, боаст, воаст.

Зада ва оҳанги ҳар кадом ҷузъи калимаҳои тасвирии такрор
ҳангоми нутқ баробар ва якхела воқеъ мегарданд: дъқ-дъқ, виж-виж,
қъм-қъм. Агар ҷузъҳо аз ду ва зиёда ҳиҷоҳо иборат бошанд, зада
дар ҳиҷоҳои охир гузошта мешавад: қароп-қароп, гидир-гидир, чулу-
лу-чулулу-чулулу. Дар калимаҳои тасвирии алоҳида низ (ғайри такрор)
зада монанди забони адабӣ ҳамеша дар ҳиҷои охирин меғалтад: шъ-
лаппаст, фишшаст, қъррас, қумбас ва ғ.

Калимаҳои тасвирӣ дорои баъзе хусусиятҳои морфологианд:

1) онҳо дар шаклҳои алоҳида ва такрор истеъмол меёбанд:
а) дар ғиҷас мекъна (Роғ); б) шъками зани Тарсини қър-қър мекард
(ш-к., Ховалинг). Суффикси ас-и калимаҳои тасвирии шакли танҳо
(ғайритакрор) баъзан ба сурати ~~аст~~ воқеъ мегардад: шъқараст, пъ-
хаст, бъғаст;

2) ҷузъҳои калимаҳои тасвирии такрор бо инфикси - о- ба ҳам
алоқаманд мешаванд: тарапотарап, шапошап, гиҷо-гиҷ:

3) аз калимаҳои тасвирӣ бо ёрии як гурӯҳ суффиксҳо баъзе
ҳиссаҳои номии нутқ сохта мешаванд: а) исм ба воситаи суффиксҳои
-ак, -ик, -а: шарақ възвъзак, ҷулик, чокак, ҷиғак, ғижак); шарша-
ра, бингак: чокако чок-чок кардаистодийан (қ., Қазноқ); чулик гуф,
ки номи бови-мо "ҷулулу-ҷулулу... ҷулик (к-ҳ., Шӯриён); б) сифат
ба воситаи суффиксҳои -ак, -и: чириғасти, лаққи, ғъртғърти, ҷурҷу-
рак: хъд-ъш дъхтари ғърт-ғърти-ай (ш-к., Ховалинг); оw и мо ҷур-
ҷурак бъд (к-ҳ., Ёвон); бисйор занаки чириғасти-ай (қ., Навпӣ): иқа
лақ-лақ накун, е лаққи (к-ҳ., Мирзоӣ).

Калимаҳои тасвирӣ ҳамчун яке аз ҷузъҳои исм ва сифатҳои му-
раккаб низ истеъмол меёбанд: мехкътак, хъшчақчақ ва ғ.;

4) манбаи пайдоиши феълҳои нави шевагӣ гаштаанд: а) як гу-
рӯҳ калимаҳои тасвирӣ хусусиятҳои тақлиди-овозии худро суст наму-
да, ҳамчун шаклҳои ифодакунандаи амалу ҳолат воқеъ гаштаанд. Чу-
нончи, феълҳои варидан, шълаққонидан, ғърамбидан, шиламбидан, ғъ-
ръндидан, чақидан, пакидан, въҷеридан, кътидан, чъртидан//чъртони-
дан ва г. аз кабили онхост: хар сол йа бор мегъръндал (ш-к., Хова-
линг); гоу аз гушнаги қариби шиламбидан бъд (в-қ., Яхакпаст);
саг-ам ҷақидай-у у бедор нашид (ш-к., Кадучӣ); мебаръм, ҳамита
мешълақонъм ки! (в-қ., Қалъаи Лабиоб); б) бо феълҳои ёридиҳанда
омада, феълҳои таркибии номӣ месозанд: муш дар сандуқ дъромадас,
қър-қър мекъна (Роғ); қалапас шид, сим-ай дъ ним кандай (к-ҳ., Арбобда-
ра); бъйо, очаҷун, нун-а банд, шъкамо қарап-қарап дора (қ., Кабутиён);



5) Аз калимаҳои тасвирӣ бо ёрии суффиксҳои и, ас//аст,
зарфҳои миқдор ва тарзи амал сохта мешаванд: мошин қати шувес
мийойа-ву мера (ш-к., Ховалинг); аку арави-йа қърапас хондан ме-
гирум (к-ҳ., Гулзор); йа ҷувол лиққи (пур) гандум бор кад (к-ҳ.,
Гулзор). Дар сохтани чунин зарфҳо баъзан ҳар ду суффикси номбур-
да якҷоя меоянд; ҳезум гъранаси даргирифт (қ., Навдонак); одамо
зира-ра търакаси (фавран) гирифтан (ш-к., Шехмизон ); даҳанаки
дар-да гърумасти сувор шъд (қ., Ғофилобод).

Калимаҳои тасвирӣ боз ба хусусиятҳои зерини морфологӣ мо-
ликанд: а) бо артикли е (ё-и ишорат) меоянд: ҳами ваасе зад, ки
талхакаф шъдъм (к-ҳ., Арбобдара); б) суффикси ҷамъбандӣ қабул ме-
намоянд: йа вахте чирасойи бачоойи моми Симурғ бърома (к-ҳ.,
Ёвон); ай пъхастойи самалот гушо-м кар шъдан (ш-к., Ховалинг);
в) бо ҷонишинҳои энклитикӣ меоянд: пақорату ър-ър-ъш ҷунбезор-ъм
кард (қ., Тегирмӣ)[7].

---

[7] Роҷеъ ба хусусият ва вазифаҳои синтаксии калимаҳои тасви-
рӣ ниг. ба боби "Синтаксиси ҷумлаҳои содда".

МУНДАРИҶА

ИСМ ВА СИФАТ ........ 3
И С М ........ 4
Ҷамъбандӣ дар исмҳо ........ 4
Ифодаи номуайянӣ ва муайянӣ дар исмҳо ........ 7
СИФАТ ........ 9
Дараҷаҳои сифат ........ 9
Шаклҳои таъкидии сифат ........ 13
КАЛИМАСОЗИИ ИСМУ СИФАТ ........ 15
Ба воситаи суффиксу префиксҳо сохта шудани исму сифатҳо 16
Бо префиксу суффикс сохта шудани сифат ........ 32
КАЛИМАҲОИ МУРАККАБ ........ 33
Таркиби морфологии калимаҳои мураккаби исму сифат ........ 37
Ш У М О Р А ........ 44
Шумораҳои миқдорӣ ........ 44
Шумораҳои таркибӣ ........ 50
Шумораҳои тахминӣ ........ 50
ҶОНИШИН ........ 51
Ҷонишинҳои шахсӣ ........ 52
Шаклҳои нав ........ 57
Ҷонишинҳои энклитикӣ ........ 58
Ҷонишинҳои ишоратӣ ........ 63
Ҷонишинҳои саволӣ ........ 67
Ҷонишини нафсӣ-таъкидӣ ........ 70
Ҷонишини таъинӣ ........ 73
Ҷонишини ҷомеи ҳама ........ 74
Ҷонишинҳои номуайянӣ ........ 74
Ҷонишини манфӣ ........ 77
Ф Е Ъ Л
Асосҳои феъл ........ 80
Бандакҳои шахсӣ ........ 82
Префиксҳои шаклсози феълӣ ........ 86
Сохти шаклҳои феълӣ ........ 92
СИҒАИ ХАБАРӢ ........ 93
Замони ҳозира-оянда ........ 94
Замони гузаштаи содда ........ 98
Замони гузаштаи ҳикоягӣ ........ 99
Замони гузаштаи дур ........ 100
Замони ҳозираи давомдор (муайян) ........ 104
Замони гузаштаи давомдори дур ........ 109
ШАКЛҲОИ ПЕРФЕКТ
Перфекти I: Гузаштаи нақлӣ ........ 111
Гузаштаи давомдори нақлии I ........ 112
Шакли замони гузаштаи дури перфекти I ........ 113
Замони гузаштаи дури нақлӣ ........ 114
Перфекти II: Замони гузаштаи перфекти II ........ 115
Замони гузаштаи дури перфекти II ........ 116
Замони гузаштаи дури давомдори перфекти II ........ 117
СИҒАИ ШАРТӢ-ХОҲИШМАНДӢ ........ 119
Замони ҳозира-оянда ........ 120
Замони гузаштаи сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ ........ 122
Шакли давомдори сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ ........ 123
СИҒАИ АМРӢ ........ 124
СИҒАИ ЭҲТИМОЛӢ ЗАМОНИ ГУЗАШТА ........ 125
М А С Д А Р ........ 126
ШАКЛИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ-ФЕЪЛИҲОЛӢ ........ 128
СОХТИ ФЕЪЛҲО ........
Феълҳои содда ........ 132
Феълҳои таркибӣ ........ 135
З А Р Ф
Калимасозии зарф ........ 142
Хелҳои зарф ........ 148
Дараҷаи зарф ........ 155
ПЕШОЯНД ВА ПАСОЯНДҲО ........ 156
Пешояндҳои аслӣ ........ 159
Пасояндҳо ........ 167
Ҳамроҳ омадани пешояндҳо бо пасояндҳо ........ 170
Пешояндҳои номӣ ........ 180
Маъно ва мавриди истеъмоли пешояндҳои номӣ ........ 181
Пешояндҳои номие, ки хусусияти лаҳҷагӣ доранд ........ 186
ПАЙВАНДАКҲО ........ 193
ҲИССАЧАҲО ........ 206
ХЕЛҲОИ ҲИССАЧАҲО АЗ РӮИ МАЪНО ВА ВАЗИФА ........ 210
Ҳиссачаҳои ишоратӣ ........ 211
Ҳиссачаҳои маҳдудӣ ........ 214
Ҳиссачаҳои таъкидӣ ........ 214
Ҳиссачаҳои ифодакунандаи муносибати шахс ба воқеъият 221
ХЕЛҲОИ КАЛИМАҲОИ МОДАЛӢ АЗ РӮИ МАЪНО ........ 232
Н И Д О ........ 135

Бо қарори Совети таҳририяву нашрияи
Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон
чоп шудааст.

Джамолхон МУРВАТОВ
Розалия Львовна НЕМЕНОВА
Альберт Леонидович ХРОМОВ

ЮЖНЫЕ ГОВОРЫ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

Том 2

(на таджикском языке)

Ответственные редакторы –
Раззак ГАФАРОВ
Розалия Львовна НЕМЕНОВА

Муҳаррири нашриёт З.И.Очилова
Муҳаррири техникӣ В.Н.Щемелинина
Рассом Р.Абдураззоқов
Мусаҳҳеҳ Л.Очилова

Ба матбаа 27.10.1978 с. супорида шуд.
Ба чопаш 07.09.1979 с. имзо шуд.
КЛ 05011. Формат 70Х108 1/16.
Коғази № 1 . Чопи офсет. Супориши 775.
Ҷузъи тахминии ҳисобӣ 22,0.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 20,0. Адади нашр 1175.
Нархаш 3 сӯм, бо муқоваи № 7 –3 сӯму 50 тин.

Нашриёти "Дониш", Душанбе, 29,
кӯч. Айнӣ 121, бинои 2.
Матбааи нашриёти "Дониш", Душанбе, 29,
кӯч. Айнӣ, 121, бинои 2.